**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ – 82.09 (575.3)
ТКБ - 83.3 (0) 4
М - 44

**МАҲМАДШОЕВ МАҲМАДШО МИРЗОШОЕВИЧ**

# МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ НАҚДУ СУХАНСАНҶИИ АДАБИЁТИ ТОҶИКУ ФОРС ДАР АСРҲОИ XVI–XVII

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00-Адабиётшиносӣ
(10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)

**Мушовири илмӣ:**
академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор
**Салимӣ Носирҷон Юсуфзода**

ХУҶАНД – 2024

## МУНДАРИҶА

**ИХТИСОРАҲО ..................................................................................... 4**

**МУҚАДДИМА ..................................................................................... 5**

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ ..................................................................................... 11**

**БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ ГУСТАРИШИ НАҚДУ СУХАНСАНҶӢ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИКУ ФОРСИ АСРҲОИ XVI-XVII ..................................................................................... 18**

1.1. Вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, адабии асрҳои XVI-XVII дар Мовароуннаҳр ва таъсири он ба адабиёт ..................................................................................... 18

1.2. Назаре ба таҳаввулоти адабии Шибҳи қораи Ҳинд дар асрҳои XVI-XVII ва омилҳои пешрафти он ..................................................................................... 37

Хулосаи боби якум ..................................................................................... 58

**БОБИ II. АНВОИ НАҚДИ АДАБӢ ВА РИВОҶИ ОНҲО ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИКУ ФОРСИ АСРҲОИ XVI-XVII ..................................................................................... 61**

2.1. Анвои нақд дар адабиёти асрҳои XVI-XVII ..................................................................................... 71

2.1.1. Нақди ахлоқӣ ..................................................................................... 72

2.1.2. Нақди иҷтимоӣ ..................................................................................... 76

2.1.3. Нақди равоншиносӣ ..................................................................................... 80

2.1.4. Нақди таърихӣ ..................................................................................... 88

2.1.5. Нақди фаннӣ(ҳирфаӣ) ..................................................................................... 93

2.1.6. Нақди маънӣ ..................................................................................... 99

2.1.7. Нақди шуаро ..................................................................................... 102

2.2. Нақди муаллифӣ дар осори суханварони ин аҳд ..................................................................................... 103

Хулосаи боби дуюм **..................................................................................... 142**

**БОБИ III. ТАЗКИРАНАВИСӢ ВА РУШДИ НАҚДИ АДАБӢ ..................................................................................... 145**

3.1. Тазкиранависӣ дар ҳавзаҳои Мовароуннаҳру Хуросон ва тавсифи мухтасари маъруфтарин тазокири ин ҳавзаҳои адабӣ ..................................................................................... 145

3.2. Тазкиранависӣ дар қаламрави Ҳинд ва тавсифи мухтасари тазкираҳои маъруф ..................................................................................... 151

3.3. Усулҳои нақди шеър дар тазкираҳо ........ 156
3.4. Нигоҳи тазкиранависони давр ба шеъри гузаштагон ........ 187
3.5. Нақди шеъри ҳамзабонон дар тазкираҳо ........ 209
Хулосаи боби сеюм ........ 225
**БОБИ IV НАҚДИ ШЕЪР ДАР МАҲФИЛҲОИ АДАБӢ ........ 229**
4.1. Нақди шеър дар китобҳои адабиётшиносӣ ва осори дигар ........ 229
4.2. Маҳфилҳои адабӣ ва ривоҷи нақди шеър дар асрҳои XVI-XVII ........ 252
4.3. Муколамаву равобити адабии шоирон ва ҷойгоҳи нақдушшеър дар сарчашмаҳои адабии асрҳои XVI-XVII ........ 271
4.4. Нақди адабӣ дар шуруҳоти асрҳои XVI-XVII ........ 291
Хулосаи боби чорум ........ **296**
**ХУЛОСА ........ 299**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ ........ 305**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ........ 306**
**НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ ........ 344**

**ИХТИСОРАҲО**

1. ваф. – вафот

2. ғ. – ғайра(ҳо)

3. диг. – дигарон

4. дисс. – диссертатсия

5. КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ

6. қ. – қисм

7. м. – мелодӣ

8. муқ. – муқаддима

9. МДТ – Муассисаи давлатии таълимӣ

10. М.М. – Маҳмадшоев Маҳмадшо

11. ниг. – нигаред

12. с. – саҳифа, сол

13. тав. –таваллуд

14. тақ. – тақрибан

15. таъл. – таълиф

16. ҳ. – ҳиҷрӣ

17. ҷ. – ҷилд

18. ш. – шамсӣ

19. p. – page

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Асрҳои XVI-XVII даврони муҷаддади шукуфоии адабиёти тоҷику форс дар қаламрави тамаддуни ҷаҳонӣ шинохта шудааст. Рисолаву китобҳои илмиву адабӣ ва осори манзуму мансури суханварони ин аҳд, ки хеле зиёд аст далели барҷастаи вусъат ва азамати мероси маънавии ин қарнҳо маҳсуб мешаванд.

Дар Мовароуннаҳр, аз ҷумла шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Хуҷанд, Фарғона ҳавзаҳои бонуфузи адабӣ ва дар Ҳисор, Кӯлоб, Истаравшан доираҳои хурди адабӣ фаъолият доштанд. Оид ба ҳаёти адабии давр дар тазкираҳои «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Нисорӣ ва «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибӣ, ки фарогири аҳволу ашъори сухансароёни нимаи аввали асри XVI ва ибтидои асри XVII мебошанд бо тафсилоти бештар сухан рафтааст, ки тавсифу тасниф ва таҳқиқи густардаи маводу матолиби ин тазкираҳо дар муқоиса бо ахбори дигар маохизи адабиву таърихии аҳди мазкур ба гиреҳҳои печидаи адабиёти асрҳои XVI-XVII ва ба баъзе аз масъалаҳои муҳимми назарияи адабиёт ва нақди адабии давраи классикӣ рӯшанӣ меандозад.

Дар ашъори шоирони асрҳои XVI-XVII дар баробари истиқболи суннатҳои адабии пешина, ҳам аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва ҳам аз нигоҳи шеваи нигориш таҳаввулоти ба назар намоёне ба вуқуъ пайваст ва сабки наве бо номи «сабки ҳиндӣ» (сабки Бедил) рӯи кор омад, ки дар тамоми қаламрави шеъри тоҷикӣ, хосатан ҳавзаи адабии Варорӯд густариши доманадоре пайдо намуд. Иштиҳори андеша ва назариёти адабии шоирони навпардози ин асрҳо дар ривоҷу равнақи нақдушшеъри классикии тоҷику форс таъсири амиқ гузошта, барои инкишофи нақди адабӣ дар давраҳои баъдӣ мусоидат намудаанд.

Нақди адабӣ ҳамчун қисми таркибии улуми адабӣ пайваста бо пайдоиши адабиёти бадеӣ ба вуҷуд омада, дар нашву нумуи каломи бадеъ, таъйини мавқеъ ва нуфузи адабиёт дар тарбияи маънавию ахлоқии ҷомеа, ҳампайвандии адабиёт бо ҷомеа, таъсири каломи бадеъ ба ҳолати руҳию равонии хонанда ва идроки ҳолати равониии адиб ҳангоми таълифи осори

адабӣ ва мавқеи илҳому ҷазаба дар офариниши асари бадеӣ, мутобиқати тасвири ҳодисаву воқеоти осори адабӣ бо ҳақиқати таърихӣ ва таносуби каломи бадеъро ба қоидаву қонуниятҳои дохилии адабиёти бадеӣ мавриди баҳсу натиҷагирӣ қарор додааст. Нақд дар масири таҳаввул ва татаввури худ на танҳо ба сифати яке аз омилҳои бонуфузи такомули адабиёти бадеӣ зуҳур намуда, балки дар ташаккули афкори интиқодии ҷомеа мустақиман таъсир бахшидааст.

Нақду сухансанҷӣ дар адабиёти тоҷику форс таърихи тулонӣ дошта, ба меъёрҳои эстетикии он дар заминаи ақоиди адабии Эрони бостон бо баҳрабардорӣ аз осори илмии Ҳинду Юнони қадим ва илми балоғати даврони исломиягӣ шакл пазируфтааст. Тасодуф нест, ки ағлаби муҳаққиқон ба Абдурраҳмони Ҷурҷонии эронитабор ишорат кардаанд, ки ӯ дар илми маъонӣ ва баён китобе бо унвони «Асрор-ул-балоғат» ба забони арабӣ таълиф намуда дар он асосҳои илми балоғатро тарҳрезӣ кардааст. Рисолаҳои равандсози «Дурар-ул-баҳр», «Рисолаи муаммо», «Маҷмаъ-ус-саноеъ», «Риёз-ус-саноеъ» ва даҳҳо рисолаҳои дигари асрҳои миёна дар такомули мактабҳои нақди адабӣ нақши умда гузоштаанд.

Дар адабиёти асрҳои XVI-XVII чанд навъи нақд, аз ҷумла нақди ахлоқӣ, иҷтимоӣ, равоншиносӣ, таърихӣ, нақди шуаро, нақди фаннӣ, ки дар мутуни бадеӣ, тазкираҳо ва осори улуми адабӣ гоҳе мухтасару гоҳе муфассал ба зуҳур расидаанд, то кунун мавриди таҳқиқи ҷомеи монографӣ қарор нагирифтааст. Нақди адабӣ дар асрҳои XVI-XVII дар осори мансури адабиву ёддоштии «Бадоеъ-ул-вақоеъ», «Бобурнома», «Латоиф-ут-тавоиф» ва таърихномаҳои «Ҳабиб-ус-сияр», «Таърихи Рашидӣ» низ ҷойгоҳи хос дошта, танаввуи нақди адабиро дар замон ва макони нави таърих намудор кардаанд.

Тазкираҳои адабӣ дар силки сарчашмаҳои дасти аввал дар омӯзиши таърихи адабиёти тоҷику форс маҳсуб гардида, ба қавли Сируси Шамисо тазкиранависон «сабкшиносу мунаққидони осори адабӣ» мебошанд. Рӯйи саҳнаи адабиёти асрҳои XVI-XVII падид омадани миқдори зиёди тазкираҳо ва афкори ҷолиби наққодонаи муаллифони ин тазкираҳо шохаҳову шуъбаҳои

ҷадидро дар нақди адабӣ ба вуҷуд овардаанд, ки то ҳол мавриди баррасиҳои алоҳида қарор нагирифтаанд. Дар ин давра тазкиранависӣ дар қаламрави Темуриёни Ҳинд ба гунаи бесобиқа пешрафт, ки нуфузи шоирони форсигӯ, ривоҷи фавқулодаи шеъри тоҷикӣ-форсӣ ва баланд шудани арзиши шеърро дар ин сарзамини адабпарвар ба намоиш гузоштааст.

Дар асоси мавод ва осори фаровони ёдгориҳои адабиву таърихии асрҳои XVI-XVII чашмандоз ва дастурҳои нигориши ноқидон ва диди эстетикии онҳо, мухтассоти робитаҳои адабӣ дар мактабу маҳфилҳо ва махсусияти доираҳои адабии Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрону Ҳиндустон метавон ба шинохти комилтари равандҳову чеҳраҳо ва тамоилҳои ҷадид дар арзишгузории осори адабӣ дар адабиёти давраи мазкур даст ёфт.

Мубрамӣ, зарурат ва ва аҳаммияти ин рисоларо омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи шеваҳои нақду сухансанҷӣ дар асоси маълумоти тазкираҳо, осори таъриву ёддоштӣ ва адабиётшиносии асрҳои XVI-XVII, баҳои тазкиранависон ба осори шоирони гузаштаву муосир, махсусияти робитаҳои адабӣ дар мактабу маҳфилҳо ва доираҳои адабии Варорӯд, Эрону Ҳиндустон муайян мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар рисолаву мақолаҳои муҳаққиқони Эрону Тоҷикистон ва Ҳинду Покистон хусусият, анвои нақди адабӣ ва равишҳои он дар адабиёти классикӣ аз чанд паҳлӯ таҳлилу баррасӣ шуда, афкори адабию танқидии шоирони алоҳида низ мавриди пажӯҳишҳои ҷиддӣ қарор гирифтаанд. Рисолаи Абдулҳусайни Зарринкӯб «Ошноӣ бо нақди адабӣ» [174] тадқиқоти нисбатан мукаммал дар ин самт мебошад, ки бо назари ҷомеъ масъалаҳои таърихи нақду наққодиро дар бар мегирад. Муаллиф услубу масъалаҳои асосӣ, анвоъ ва равишҳои нақди адабиро дар мисоли афкори адабии суханварони Юнону Рум ва арабу форс шарҳ дода, хусусиятҳои нақдро дар адабиёти форсии асрҳои миёна бозгӯ намудааст.

Тадқиқи дигаре, ки дар ин замина таълиф шудааст, китоби Маҳмуди Киёнӯш таҳти унвони «Қудамо ва нақди адабӣ, баррасии дидгоҳи шоирон ва нависандагони классики форсӣ дар нақди адабӣ» мебошад, ки дар он

андешаҳои адабии шоирони форсигӯ дар давраҳои гуногун мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Ҳамчунин дар рисолаҳои «Анвои адабӣ»-и Сируси Шамисо, «Аз маъно то сурат»-и Муҳаббатӣ, «Шоире дар ҳуҷуми мунаққидон»-и Шафеии Кадканӣ ва «Накди адабӣ дар сабки ҳиндӣ»-и Маҳмуди Футуҳӣ масъалаҳои гуногуни нақду сухансанҷӣ ба таҳқиқ кашида шудаанд.

Дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқи афкори адабиву эстетикӣ як шохаи нисбатан нав буда, асосан дар замони шӯравӣ оғоз шудааст. Муҳаққиқон С.Айнӣ [96], Е.Э Бертелс [371;372] ва А.Н.Болдирев [375;376] дар таълифоти хеш бори нахуст дар бораи афкори адабӣ дар адабиёти классикии тоҷику форс ва дидгоҳи шоирон нисбат ба шеъру шоирӣ ва масъалаҳои асосӣ дар нақди шоирон мулоҳизаронӣ намуданд. Солҳои 60-70 асри ХХ дар адабиётшиносии тоҷик роҷеъ ба заминаҳои ташаккулу таҳаввули афкори адабӣ дар адабиёти классикӣ, масоили асосӣ дар нақду сухансанҷии шоирон, вазифаю мақоми шеъру шоир дар ҷомеа рисолаву мақолаҳо ба миён омаданд.

Адабиётшинос Худоӣ Шарифзода дар китобҳои «Ташаккули афкори адабии тоҷик дар асрҳои X-XII», «Балоғат ва суханварӣ», «Каломи бадеъ» зимни баррасии масоили нақду сухансанҷӣ масъалаи асосҳои назарии шеърро ба миён гузошта, арзишу аҳаммияти нақди адабиро аз матолиби арӯзу қофия дар таърихи адабиёт бартару бештар донистааст. Профессор Абдунабӣ Сатторзода дар китоби «Нуктаи пайванд», ки фарогири силсилаи мақолаҳои муаллиф мебошад нуктаҳои мубрами сайри таърихии мактабҳои сухансанҷиро аз замонҳои қадим то асри XV дар маърази пажӯҳишҳои илмӣ қарор додааст. Раҳим Мусулмониён афкори адабиву эстетикии асримиёнагии тоҷикро мавриди пажӯҳиш қарор дода, дар асоси маводи рисолаи «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ таърихи назмшиносии классикии тоҷикро бо чашмандози пурвусъат ба таҳқиқ гузошта аз хусуси нақши муаллиф дар инкишофи назарияи адабиёти классикии тоҷику форс мулоҳизаҳои ҷолиб ба миён гузоштааст. Муҳаққиқ Маҳмадёр Шарифов дар «Шамси Қайси Розӣ-ноқиди шеър» ном рисолааш дар мисоли рисолаи яке аз

адабиётшиносони барҷастаи тоҷику форс – Шамс Қайси Розӣ, ки ҳамаи муҳаққиқони сонӣ аз он ба таври васеъ истифода намудаанд, ба таҳқиқи афкори адабию танқидӣ даст зада, андешаҳои адабиву интиқодии Шамс Қайси Розиро дар меҳвари баҳси худ қарор додааст. Ҳамчунин Боймурод Шарифзода дар рисолаи «Хоқонӣ ва нақди шеър» [353] дар заминаи таҳлили афкори наққодии Хоқонии Шарвонӣ пиромуни шаклгирӣ ва вижагиҳои нақди шуаро мулоҳизаҳои ҷолиб ба миён гузоштааст.

Ҷонон Бобокалонова дар китоби «Назаре ба таърихи танқиди адабии тоҷик» ба таври хеле мухтасар дар бораи таърихи пайдоиш ва инкишофи нақди адабии тоҷик [250] ва Ҷумъақул Ҳамроев дар рисолаи «Асрори нақди адабӣ» оид ба нақди адабӣ, анвои нақд, равишҳо ва жанрҳои он, махсусиятҳои нақди адабии даврони шӯравӣ мулоҳизаронӣ намудаанд [345].

Китобу рисолаҳои «Масъалаҳои ҳиндшиносӣ ва равобити адабӣ», «Ошноӣ бо Ҷамолии Деҳлавӣ», «Ташаккул ва инкишофи адабиёти форсизабони Кашмир дар асрҳои XVI-XVII», «Тазкираҳои Сархуш ва Хушгӯ ҳамчун сарчашмаҳои нақду сухансанҷӣ», ки аз ҷониби профессор З. Ғаффорова ва монографияи «Вазъи сиёсӣ ва адабии Ҳиндустон дар асрҳои XVI-XVII»-и О.Саидҷаъфаров», барои омӯзиши адабиёт ва нақди адабии ҳавзаи адабии Ҳиндустони асрҳои мавриди назар аз арзиши хос бархурдоранд.

Дар баробари осори мазкур аз ҷониби донишмандони ватанӣ амсоли Ш. Ҳусейнзода, Ю. Салимов, Р. Ҳодизода, Б.Мақсудов, А.Насриддин, Н. Салимӣ, Р. Тағоймуродов, О. Саидҷаъфаров, З. Ғаффорова, М. Нарзиқул, Н. Нуров, М. Урунова, С. Аъзамзод ва дигарон рисолаву мақолаҳое таълиф шудаанд, ки ба ҷанбаҳои ҷудогонаи нақду наққодии классикӣ равшанӣ андохтаанд.

Вижагиҳои ҷудогонаи таҷаллии нақди адабӣ дар тазкираҳои асрҳои мухталиф дар китобу мақолаҳои «Аз маъно то сурат»-и Маҳдии Муҳаббатӣ [186], «Таҳлили чанд истилоҳи нақди адабӣ дар тазкираҳои асри Сафавӣ»-и Муҳаммади Ризоӣ, Ядуллоҳи Шакурӣ, Орзу Нақизода [201], «Нақди адабӣ

дар тазкираҳои сабки ҳиндӣ»-и Муҳаммади Ризоӣ [202], «Баррасӣ ва таҳлили дидгоҳҳои нақди адабӣ дар тазкираи Насрободӣ»-и Содиқи Чағатоӣ [229], «Малеҳо ҳамчун шеърфаҳм ва сухансанҷи асри XVII»-и Абдулғанӣ Мирзоев [281], «Адабиёти форсии Фароруд аз сукути Темуриён то охири аҳди манғит»-и Абдулманнони Насриддин, «Тазкираи Нусхаи зебои Ҷаҳонгирии Мутрибӣ»-и Файз Акрамов [97], «Нисорӣ ва аҳаммияти тазкираи ӯ дар омӯхтани адабиёти асри XVI»-и Усмон Назиров [294], «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ»-и Наҷмӣ Сайфиев [327], «Аҳаммияти «Музаккир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ»-и Зайнаб Шеркаванд [357], «Тазкираи «Майхона»-и Абдуннабии Фахруззамонӣ ва сохтори он»-и Шавкат Шарипов [352], «Нақши «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ дар ҳифзи калимаҳои гӯишии тоҷикӣ»-и Мухлиса Нуруллоева [305] мавриди баррасиҳо қарор гирифтаанд.

Нақд дар тазкираҳо аз охири асри XIX диққати муаллифони таърихи адабиёт, аз ҷумлаи Ш.Нуъмонӣ, Ҳ.Этте, Э. Браун, Е.Бертелс ва дигаронро ҷалб кардааст. Қариб дар тамоми таҳқиқоти адабиётшиносии муосир оид ба таърихи адабиёти тоҷик вобаста ба мавзӯи баҳс камобеш ин масъала матраҳ шудааст. Дар рисолаву мақолаҳои С.Воҳидов, Р.Мусулмониён, А.Сатторов, Т.Неъматзода, А.Маҳмадаминов, С.Оқилова, Э.Раҷабов баъзе ҷанбаҳои нақду сухансанҷии тазкираҳои «Лубоб-ул-албоб»-и Авфӣ, «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзо, «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Возеҳ, «Маҷмуат-уш-шуаро»-и Фазлӣ, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С.Айнӣ ба миён гузошта шудаанд, ки ҳангоми таҳқиқ мавриди истифода қарор гирифт.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.**

Мавзуи кори диссертатсионӣ дар доираи «Барномаи дурнамои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи адабиёти классикии тоҷик барои солҳои 2021-2025: Матншиносӣ, таҳияву тасҳеҳ ва нашри осори адабӣ»-и факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» марҳила ба марҳила анҷом ёфтааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади асосии таълифи рисола таҳқиқу баррасии муҳимтарин масъалаҳои нақду сухансанҷӣ, таҷаддуду такомули нақди адабӣ дар адабиёти асрҳои XVI-XVII, омилҳои инкишофи нақди шеър дар адабиёти асрҳои мавриди баҳс, мақоми сабки ҳиндӣ дар ривоҷи шеър ва нақди адабӣ, таъсири нақди шеър дар такомулу равнақи ғазалсароӣ, ҷойгоҳи шоирони давр дар инкишофи нақди адабӣ, нуфузи тазкиранигорӣ дар рушди нақди адабӣ маҳсуб мешавад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуъ баррасии масоили зерин дар меҳвари пажӯҳиши мо қарор гирифтааст:

-омӯзиши вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии асрҳои XVI-XVII, таъсири манфии зиддиятҳои мазҳабӣ ба адабиёти давр;

-таҳқиқи таҳаввулоти адабӣ дар қаламрави Ҳинд ва таъсиру нақши он ба доираҳои адабии Хуросону Мовароуннаҳр;

-баррасии омилҳои инкишофи адабиёти форсизабони Ҳинд, таъсири он ба рушди нақди адабии давр ва асрҳои баъдии адабиёти тоҷику форс;

-таҳқиқи сабабҳои рушду тавсеаи тазкиранависӣ ва нақди адабӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр ва Ҳиндустон;

-баррасии шеваҳои нақду сухансанҷӣ дар адабиёти асрҳои XVI-XVII;

-таҳқиқи анвои нақди адабӣ дар адабиёти давр;

-таҳқиқи нақши маҳфилҳои адабии Эрон, Мовароуннаҳр ва Ҳиндустон дар инкишофи нақду сухансанҷӣ;

-баррасии афкори адабӣ дар ашъори шоирони нимаи аввали асри XVI-XVII;

- нақд-уш-шеър дар осори адабиётшиносии давр;

- андешаҳои адабӣ дар осори ёддоштӣ;

- афкори адабии осори таърихӣ;

- усулҳои нақди шеър дар тазкираҳо;

-назари тазкиранависон ба аҳвол ва ашъори шоирони мутақаддим;

- нақди шеъри ҳамзабонон дар тазкираҳо;

- равобити адабии шоирони Мовароуннаҳру Эрон ва Ҳиндустони асрҳои XVI-XVII.

**Объекти таҳқиқ.** Объекти асосии таҳқиқи диссертатсияро тазкираҳо, осори таърихиву адабиётшиносӣ ва девони ашъори шуарои асрҳои XVI-XVII ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқро** андешаҳои интиқодию сухансанҷӣ, афкори адабӣ оид ба шеваи баёни шуарои қарнҳои XVI-XVII, масъалаҳои ҷойгоҳи нақд дар тазкираҳо ва осори таърихии адабиёти тоҷику форс, заминаҳои ташаккул ва рушди нақд, анвои нақди адабӣ, намунаҳои нақди адабӣ ва афкори интиқодӣ дар осори адабиву таърихӣ, нақшу арзиши адабии осори таърихиву адабии асрҳои XVI-XVII, мактабҳо, ҳавзаҳои адабӣ ва таъсири он ба адабиёти давр фароҳам овардааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқ.** Дар диссертатсия таҷрибаи таҳқиқии адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ, чун С.Айнӣ, Е.Бертелс, Э.Браун, И.Брагинский, Аҳмад Гулчини Маонӣ, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Сируси Шамисо, Маҳмуди Футуҳӣ, Шафеии Кадканӣ, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, А. Абдуллоев, Н.Маъсумӣ, Ю.Салимов, С.Саъдиев, С.Воҳидов, С.Амирқулов, У.Каримов, А.Сатторзода, Х.Шарифов, А.Насриддин, Н.Салимӣ, А.Кучаров, Н. Сайфиев, Ш.Суфизода, М.Мирзоюнус, З. Ғаффорова, Б.Раҳимӣ, Р.Тағой-муродов, О.Саидҷаъфаров, М.Низомӣ, М.Нарзиқул, Н.Нуров ва дигарон истифода шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Диссертатсия дар асоси истифодаи методҳои таҳлили муқоисавӣ - таърихӣ, сохториву бадеӣ, принсипҳои шарҳу тафсирнигорӣ ва таҳлилӣ-оморӣ таълиф шудааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Осори намояндагони адабиёти асрҳои XVI-XVII, амсоли Камолиддини Биноӣ, Абдуллоҳи Ҳотифӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Нозими Ҳиротӣ, Осафӣ, Шавкати Бухороӣ, Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафӣ, Калими Кошонӣ, Толиби Омулӣ, Назирии Нишопурӣ, Муҳташами Кошонӣ, Мирзо

Абдулқодири Бедил, Носиралии Сарҳиндӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Мулҳами Бухороӣ, Қоонии Шерозӣ, асарҳои ёддоштии «Бобурнома»-и Заҳируддин Муҳаммади Бобур, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Мачмаъ-ус-саноеъ»-Низомиддин Аҳмад ибни Муҳаммадсолеҳи Ҳусайнии Сиддиқӣ, ҳамчунин осори таърихии «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир ва «Таърихи Рашидӣ»-и Мирзо Муҳаммад Ҳайдар. Тазкираҳои хуросонӣ ва мовароуннаҳрии тарҷумаҳои форсии «Маҷолис-ун-нафоис»-и Навоӣ, «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ, «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Нисорӣ, «Туҳфат-ус-сурур»-и Дарвешалии Чангӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ, «Музаккир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ, тазкираҳои ҳиндустонӣ, аз ҷумла «Майхона»-и Абдуннабии Фахруззамон, «Хизонаи омира»-и Ғуломалихони Озод, «Нафоис-ул-муассир»-и Мир Алоуддавлаи Қазвинӣ, «Базморо»-и Мирсаид Алии Ҳусайнӣ, «Тазкират-ул-таворих»-и Миралии Кобулӣ, «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ, «Арафот-ул-ошиқин»-и Тақии Авҳадӣ, «Ҷавоҳир-ул-аҷоиб»-и Фахрии Ҳиравӣ, «Миръот-ул-хаёл»-и Шералихони Лудӣ ва дигар тазкираҳои ҳамин даврон, ки ба шакли мухтасар оид ба мавзуъ ва мундариҷа, ҳаҷм ва фарогирии маълумоти соҳибони тазкираҳо дар монографияи муаллифи ҳамин сатрҳо «Масъалаҳои нақду сухансанҷӣ дар адабиёти тоҷику форс (асрҳои XVI-XVII)» сухан рафтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** аз нукоти зерин иборат мебошад:

-дар рисола бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик маҷмуи масъалаҳои марбут ба равишҳои асосии нақду сухансанҷӣ ба таври маҷмӯӣ дар алоқамандӣ бо ҳавзаҳои адабии Вароруд, Эрон ва Ҳиндустон мавриди баҳсу баррасӣ қарор дода шуд.

-дар ҷараёни таҳқиқ бо такя ба афкори адабии суханварон ва маълумоти тазкиранависон мавҷудияти ағлаби анвои нақди адабӣ дар адабиёти асрҳои XVI-XVII такомули сифатии онҳо ба исбот расид. Дар сурати ба низом даровардани андешаҳои адабии шоирон дар бобати робитаи лафзу маънӣ, вижагиҳои сабки ҳиндӣ, хосатан тарзи хаёли печида имкон дорад, ки оид ба

накди адабӣ ва таъриху таҳаввули он барои мутахассисону толибилмон дастурҳои таълимӣ таълиф карда шавад.

-дар асоси андешаҳои адабии шоирони садаҳои XVI-XVII ва баҳои тазкиранависон оид ба сувари хаёл, накди лафз, накди маънӣ, вобастагии лафзу маънӣ, ҷазабаву илҳом, зарурат, таворуду сирқот, вежагиҳои сабки ҳиндӣ, хосатан тарзи хаёли печидаривоҷи бесобиқаи накду сухансанҷӣ дар адабиёти ин давраҳо ба маърази муҳокимаҳои илмӣ гузошта шуд.

-дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал накш ва таъсири махфилҳои адабӣ ба осори суханварони асрҳои XVI-XVII дар Эрон, Вароруд, Ҳиндустон ва ҷойгоҳи он дар рушду инкишофи накди адабӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шуд.

-дар асоси ахбору иттилои тазкираҳо, ишораҳои адибон ва хулосаҳои муҳаққиқон, аз ҷумла Маҳмуди Футуҳӣ, Муҳаммадҷаводи Маҳдавӣ, Сируси Шамисо, Муҳаммади Ризоӣ, Орзу Нақизода муаллифи диссертатсия бори аввал сабабҳои пайдоиши танокузи сабкӣ миёни адибони эрониаслу ҳиндустонии асрҳои мавриди назарро ба таври мушаххас матраҳ намудааст.

-ҳамчунин аввалин маротиба кӯшиш ба кор рафтааст, ки андешаҳои наккодии муаллифони тазкираҳои адабӣ ба низоми муайян (система) даровarда шавад.

### Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Вазъи мураккаби сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии Варорӯд, Хуросон ва Эрон, ки сабаби асосии таназзули ҳаёти илмиву адабӣ дар асри XVI гардида, ин нукта дар осори адабиву таърихӣ ва таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ тасдиқи худро ёфтааст.

2. Ташкили давлати Темуриёни Ҳинд ва пуштибонии амирони темурӣ аз адибони форсигӯ боиси ривоҷу равнақи адабиёти тоҷику форс дар қаламрави Ҳинд гардид, ки далели он густариши ҳавзаҳои адабии Деҳлӣ, Кашмир, Лоҳур, Агра ва ғайра мебошад. Инчунин рӯи саҳнаи адабиёт чандин

суханварони мумтоз омадаанд, ки бо осори мондагорашон дар такомули шеъри тоҷикӣ-форсӣ нақши мунир гузоштаанд.

3. Нақди адабӣ, ки аз даврони куҳан дар осори донишмандону ҳакимони юнонӣ матраҳ гардида буд, дар таърихи адабиёти тоҷику форс низ собиқаи тулонӣ дорад. Дар ҳамин равиш таълифи чандин осори адабиётшиносии даврони гуногун яке аз омилҳои густариши нақду сухансанҷӣ дар адабиёти асрҳои XVI- XVII гардидааст.

4. Анвои нақди адабӣ дар осори суханварони асрҳои XVI-XVII гуногун буда, шуарои ин аҳд нақди ахлоқӣ, нақди иҷтимоӣ, нақди равоншиносӣ, нақди таърихӣ, нақди фанниро бештар мавриди истифода қарор додаанд.

5. Афкори адабӣ ва интиқодии адибони асрҳои XVI-XVII равшан намуд, ки аксари онҳо бо ашъори хеш ифтихор дошта, дар баъзе мавридҳо осори суханварони муосири хешро пайравӣ ва ё нақд кардаанд.

6. Дар ашъори шуарои асрҳои XVI-XVII муҳимтарин суннатҳои поэтикии шеъри классикии тоҷик ҷилвагар шудаанд, ки аз ҷумлаи онҳо истиқбол аз сабки суханварии қудамо, таҷрибаҳои ҳунарӣ дар қолабҳои суннатии анвои шеърӣ, татаббуъ ва назирагӯйӣ, истифодаи ҳунармандонаи саноеи бадеӣ ба шумор меравад.

7. Тазкираҳо аз шумори муҳимтарин сарчашмаҳои омӯзиши нақди адабии асрҳои XVI-XVII маҳсуб ёфта, маҳз тавассути онҳо андешаҳои интиқодии арзишманд оид ба осору аҳволи суханварони ин аҳд баррасӣ гардидааст ва аз ин рӯ тазкиранависонро сабкшиносу мунаққидони осори адабӣ номидаанд.

8. Осори мансури таърихиву ёддоштии қарнҳои мазкур манбаи муҳимми омӯзиши афкори адабиву интиқодии суханварони асрҳои XVI-XVII маҳсуб мешавад.

9. Омӯзиши масъалаҳои нақди адабӣ дар осори адабиётшиносии асрҳои мавриди назар нишон дод, ки аз ҷониби донишмандони ин аҳд асарҳои арзишманди илмӣ ба ёдгор мондааст, ки дар ин самт асноди тоза ба шумор меравад.

10. Дар адабиёти асрҳои XVI-XVII фаъолияти густардаи маҳфилҳои адабӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон ва Ҳиндустон ба назар мерасад, ки нақши онҳо дар рушди нақди адабии давр муҳим арзёбӣ гардидааст. Ба воситаи ҳамин маҳфилҳо робитаҳои адабии шоирони даврони зикршуда побарҷо мондааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ**. Натиҷа ва хулосаҳои илмии муаллифи диссертатсияро дар илмҳои нақди адабӣ, адабиётшиносӣ, поэтика, назарияи адабиёт, сабкшиносӣ, фарҳангшиносӣ ва ғ. метавон ба кор гирифт, ки арзиш ва моҳияти назариявии таҳқиқотро таъйин менамояд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ.** Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар таҳқиқи монографии масъалаҳои нақду сухансанҷии асрҳои XVI-XVII зоҳир мегардад. Маводҳои амалӣ ва назарии диссертатсияро дар раванди тадриси фанни нақди адабӣ, фанни интихобӣ, курси ихтисос, сарчашмашиносӣ барои донишҷӯёну магистрантони риштаҳои филологӣ, шарқшиносӣ ва таърих метавон истифода бурд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқи диссертатсонӣ бо шиносномаи ихтисоси тасдиқнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 10.01.00-Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мувофиқат дорад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Диссертант бори аввал ба таври комлексӣ масъалаҳои таҳаввули нақди адабиро дар асрҳои XVI-XVII дар қолаби монографӣ таҳқиқ ва ҷамъбаст намудааст. Масъалаҳои танавуи жанрии нақд дар таркиби тазкираҳо, ҳузури меъёрҳои сухансанҷӣ дар осори таърихиву ёддоштӣ, иртиботи мактабҳо, ҳавзаҳо ва маҳфилҳои адабӣ дар қаламрави забони форсӣ дар асоси ёдгориҳои сершумори асрҳои мавриди баҳс бори аввал ба сифати рукнҳои устувори ин падидаи ҷомеъ – таҷаддуди сифатии анвои нақди адабӣ баррасӣ ва муаррифӣ шуданд.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд

ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 23.06.2023, (протоколи №11), муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Доир ба мавзуи таҳқиқ диссертант дар конференсияҳои **байналмилалӣ** (1. 52-й международный конкурс научно-исследовательских работ. -Москва, 2001; 2. «Filologiya ta’limi masalalari: muammo va uning innovatsion yechimlari». -Фарғона, 11.05.2022; 3. «Тӯрақул Зеҳнӣ ва масъалаҳои забон, адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ» . - Самарқанд, 28.05. 2022; 4. «Академик Ботирхон Валихужаев ва мумтоз адабиётшунослик», Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов. 05.2022; 5. «Международный научный форум-2022», Ташкент, 22.06. 2022; 6. «Роль и значение Захируддина Мухаммада Бабура».-Чимкент, 24-25.02.2023; 7. «Роль традиции и инноваций в устойчивом развитии современной науки». -Тюмень, 10.04.2023) ва **ҷумҳуриявӣ (**1. «Пешвои миллат ва таҳаввули фалсафаи миллӣ дар замони Истиқлол». – Хуҷанд:17.04.2022; 2. «Вазъи матншиносӣ ва нақди адабӣ дар даврони Истиқлол». –Хуҷанд: 18.11.202; 3. «Ҷойгоҳи Садриддин Айнӣ дар рушди забон ва адабиёти тоҷик». –Хуҷанд: 25-26.04.2023; 4. «Саъдӣ ва инкишофи ғазал». –Хуҷанд: 28-29.04.2023**)** маърузаҳо намудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия 1 монография дар ҳаҷми 244 саҳифа, 32 мақола, аз ҷумла 20 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисола аз чор боб, 13 фасл, 7 зерфасл ва хулосаву феҳристи адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 348 саҳифаи чопи компютериро дар бар гирифтааст.

## БОБИ I.
## ЗАМИНАҲОИ ГУСТАРИШИ НАҚДУ СУХАНСАНҶӢ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИКУ ФОРСИ АСРҲОИ XVI-XVII
### 1.1. Вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, адабии асрҳои XVI-XVII дар Мовароуннаҳр ва таъсири он ба адабиёт

Асри XVI давраи мураккаб ва пурихтилофи таърихи халқҳои Мовароуннаҳру Хуросон ба шумор меояд. Пас аз вафоти Темур (1335-1405) ворисони ӯ барои соҳиб шудан ба тахти шоҳӣ сар бардошта, оташи кашмакашҳои маҳаллиро доман заданд. Баъдтар қабилаҳои бодиянишин бо сарварии Муҳаммади Шайбонӣ империяи Темуриёнро барҳам доданд. Муҳаммад Шайбонихон соли 1500 Самарқанди бостониро тасарруф намуд. Тӯли панҷ сол, яъне то соли 1505 ӯ тамоми қаламрави Мовароуннаҳрро таҳти фармонравоии худ даровард. Ҷангу низоъҳои пай дар пай, тохтутозҳои мунтазам, мансабхоҳию ҷоҳталабиҳо қаламрави Хуросону Мовароуннаҳрро басо харобу заиф намуданд.

Дар ибтидои асри XVI баъд аз пошхӯрии империяи Темуриён дар Мовароуннаҳр Муҳаммад Шайбонихон (1451-1510) давлати Шайбониёнро асос гузошт, ки ин сулола аз соли 1501 то соли 1599 ҳокимияти сиёсиро дар даст дошт. Дар Эрон Исмоили Сафавӣ (1487-1524), ки аслаш аз туркҳои Озорбойҷон буд, мулкҳои хурди Эронро муттаҳид ва худро шоҳи Эрон эълон намуда, давлати Сафавиёнро бунёд ниҳод, ки ҳудуди он сарзаминҳои имрӯзаи Эрон, Озарбойҷон, Афғонистони ғарбӣ ва Покистонро дар бар мегирифт.

Исмоили Сафавӣ мазҳаби шиаро дини расмии давлатӣ эълон кард. Саркардагону лашкариёни ӯ чун рамзи мазҳабӣ кулоҳи сурх мепӯшиданд, ки бо сабаби ин сафавиёнро бо номи «қизилбошия» ҳам зикр кардаанд. Ҳукмронии ин сулола дусаду сиву панҷ сол идома ёфтааст. Исмоили Сафавӣ барои васеъ намудани қаламрави давлати худ ба Хуросону Мовароуннаҳр

лашкар кашид ва байни ин давлатҳои навтаъсис зиддияти шадид дар зери ниқоби ҳимояи мазҳаб авҷ гирифта, муддати мадид идома ёфт.

Охирин намояндаи Темуриҳо – Султон Ҳусайн Бойқаро соли 1506 вафот кард. Писарони Султон Ҳусайн ҳангоми ҳамлаи Шайбонихон шаҳри Ҳиротро ҳимоя карда натавонистанд. Дар натиҷа, Шайбонихон соли 1507 Хуросонро низ забт намуд ва хешро ҳокими Мовароуннаҳру Хуросон эълон кард. Соли 1512 вазъи сиёсӣ боз ноороmтар гардид. Шоҳ Исмоили Сафавӣ Ҳиротро тасарруф намуд. То интиҳои садаи XVI низоъҳои сиёсиву мазҳабӣ ниҳоят тезутунд гардиданд. Соли 1513 Исмоили Сафавӣ ба Мовароуннаҳр ҳамла кард, вале дар ин задухӯрдҳо чандон муваффақ нагардид. Пас аз вафоти Шайбонихон то соли 1598 (наздик ба 90 сол) ворисони ӯ давлатдорӣ карда бошанд ҳам, дар ҷодаи муборизаҳои забткорона комилан комёб нашуданд. Убайдуллоҳхони Шайбонӣ баҳри бозгардонидани Хуросон аз дасти сафавиҳо шаш дафъа лашкар кашид, вале амалиёташ бенатиҷа анҷомид. Танҳо ба Абдуллоҳхон (1557-1598) муяссар гардид, ки як андоза ба иттиҳоди хонҳои ӯзбек муваффақ шавад, зеро ҳам Хуросон ва ҳам Хоразм ба давлати хонӣ пайвастанд. Вале пас аз вафоти Абдуллоҳхон қувваҳои марказгурез аз нав сар бадоштанд ва ҳукумати шайбониҳо ба ҳамин восита аз арсаи таърих берун шуд.

Яке аз омилҳои асосӣ, ки барои пешрафти вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабии давр халал эҷод мекард, низоъҳои мазҳабӣ буд, ки дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон баробари ҳуҷуми Шоҳ Исмоили Сафавӣ ба ин сарзамин миёни шиаҳо ва сунниён оғоз гардид. Сабаби дигар он буд, ки Исмоили Сафавӣ худро вориси мазҳаби шиа эълон карда, бо иддаои интишори мазҳаби мазкур тавассути қатлу ғорати мардумон ниятҳои дигари хешро низ амалӣ менамуд. Мақсади аслии Исмоили Сафавӣ ҳамин буд, ки аз ҳисоби сарзамини обод ҳудуди давлати худро васеъ намуда, ба ин васила сарвати зиёд ба даст оварад. Ин низоъҳои мазҳабӣ то охирҳои асри XVI идома ёфта, боиси харобии зиёде дар Мовароуннаҳру Хуросон гардиданд. Қурбони чунин низоъҳои мазҳабӣ шудани суханварони машҳур Мавлоно

Бадриддини Ҳилолӣ ва Камолиддини Биноӣ далели ҳамин гуфтаҳост. Яке аз сабабҳои ҷудоӣ ва сард гардидани муносибатҳо миёни Мовароуннаҳру Эрон ҳамин моҷароҳои сиёсию мазҳабӣ маҳсуб мешаванд [347].

Дар охири асри XVI вазъи сиёсии Мовароуннаҳр ниҳоят шадид гардид. Соли 1583 Абдуллоҳхони II хони Шайбониён эълон шуд. Ӯ қасд кард, ки кулли мулкҳои замоне ба Шайбонихон тобеъро ба зери итоати худ дароварад. Ба ин мақсад Абдуллоҳхони II моҳи феврали соли 1584 ба ҷониби Тахористон ва Бадахшон лашкар кашид. Дар ҳамин сол лашкари ӯзбекон Толиқон, Бағлон, Норин, Андароб ва қалъаи Зафарро ишғол кард. Дар ибтидои моҳи апрели соли 1584 Абдуллоҳхони II бо сарварии писараш Абдулмуъмин барои ишғоли Кӯлоб лашкар фиристод. Ҳудуди чил рӯз Шайбониён ба сахттарин муқовимати сокинони ин сарзамин дучор шуданд, ки дар натиҷа лашкари онҳо талафоти зиёд дода, ақибнишинӣ кард. Абдуллоҳхони II ин шикастро таҳаммул карда натавониста ба ҷониби Кӯлоб ҳамла овард. Баъди мубориза ва ҷангҳои шадид якуми июли соли 1584 қалъаи Кӯлоб таслим ва тамоми муҳофизини онро ба қатл расониданд [ 386, 230].

Дар ин давра амнияту осоиши давлати Сафавиён барҳам хӯрд ва Абдуллоҳхони Шайбонӣ аз фурсати муносиб истифода бурда, барои забти Хуросони аз даст рафта 7-уми июли соли 1587 ба пойтахти Хуросон шаҳри Ҳирот лашкар кашида, онро муҳосира намуд ва 17-уми феврали соли 1588 бо писараш Абдулмуъмин вориди Ҳирот гардид. Лашкари сафавӣ торумор карда шуд.

Дар натиҷаи юришҳои солҳои 1587-1588, ки шаҳри Ҳирот ва вилояти он ба давлати Шайбонӣ тобеъ ва ҳокими вилояти Ҳирот шахсияти наздик ба Абдуллоҳхон бо номи Мирбобои Кӯкалтош таъйин гардид [386,198].

Моҳи марти соли 1589 ҳокими Балх, валиаҳди Абдуллоҳхон – Абдулмуъмин бо лашкари Шайбониён аз Балх, Андхӯй, Шибирғон ва гурӯҳи Мирбобои Кӯкалтош аз Ҳирот бо сарварии Динмуҳаммадхон ном хоҳарзодаи Абдуллоҳхон ҳамроҳ шуда, ба ҷониби Машҳад юриш ташкил намуда,

шаҳрро ба муҳосира гирифтанд. Лашкариёни шайбонӣ дар маркази Хуросон, ки мардумонаш шиамазҳаб буданд, бо ваҳшонияти зиёд аксари мардуми шаҳрро ғулом карда, ба Бухоро фиристоданд. Муллоён ва сӯфиёне, ки дар ҳарами Имом Ризо паноҳ бурда буданд, дар он макон кушта, китобҳои мазҳаби шиа дар оташ сӯзонида шуданд. Тибқи маълумоти Искандарбеки Туркмон «Абдулмуъминхон ва Динмуҳаммад султони машҳур ба Ятимсултон бо ҷамъе аз баҳодурони номӣ ба шаҳр ворид шуда, ба саҳни Остони Қудс даромаданд. Ғозиёни қизилбошия синаро сипари бало сохта, дил аз ҷони ширин бар гирифта, мардона мекӯшиданд ва як-як аз ҷоми бало шарбати шаҳодат менӯшиданд ва ба теғи хунрези мухолифон дар саҳни Остони Қудс куштаҳо бар зери якдигар меафтоданд». Машҳад, Тус, Нишопур, Сабзавор, Исфароин ва дигар шаҳрҳои Хуросони ғарбӣ ба дасти Шайбониён афтоданд. Дар соли 1590 Абдулмуъмин шаҳрҳои Ҷом, Хоф ва Ғуриёнро низ ишғол кард [386, 201] .

Дар байни солҳои 1590 то 1595 Сафавиён се маротиба ба Хуросон лашкар кашиданд ва танҳо бори сеюм ба онҳо муяссар гардид, ки шаҳри Исфароинро ишғол намоянд.

Авзои дохилӣ ва хориҷии давлати Шайбониён рӯ ба бухрон ниҳода, пояҳои он заиф мегардид. Дар ин давра бо фитнаи ҳокими Ҳирот Мирбобои Кӯкалтош муносибати байни Абдуллоҳхони куҳансол ва писари худхоҳи ӯ хеле бад гардид. Баҳори соли 1597 Абдуллоҳхон ба ҳамаи ҳокимони Хуросон дастур дод, ки ҳеч кадоме фармоиш ва ё дастуроти Абдулмуъминро иҷро нанамоянд. Ин мухолифат дар тирамоҳи соли 1597 ба ҷанги ошкоро миёни Абдуллоҳхон ва Абдулмуъмин мубаддал гашт [315, 62].

Бино ба маълумоти муаллифи «Таърихи Роқим» Абдулмуъмин бар зидди падараш суиқасд ташкил намуд ва «рӯзе аз рӯйи хаёлоти хом ва тадбироти нофарҷом аз вилояти Балх бо шитоби аз ҳарчи тамомтар равон гардида, ки волиди худро дастгир гардонад. Дар он замон Абдуллоҳ дар вилояти Қаршӣ шикор мекард ва Шоҳмуҳаммади элчӣ, ки аз умарои муътабари Абдулмуъмин будааст, ба пояи сарири аъло ирсол дошт... Чун ин

мазмун ба истимод расид, хони мазкур аз рӯйи изтирор бар худ қарор дода, ба ҷониби вилояти Бухоро муовадат намуд» [66,170].

Аломатҳои пурзӯршавии парокандагии сохти феодалӣ дар хонигарии Бухоро ҳанӯз дар солҳои охири ҳаёти Абдуллоҳхони II пайдо шуда, дар давраи ҳукмронии кӯтоҳмуддати Пирмуҳаммадхони II нерӯ афзуд. Аз ин вазъият истифода карда, Сафавиёни Эрон Хуросонро ба зери таъсири худ даровcovarданд. Дар шимоли мамлакат қазоқҳо шаҳрҳои Хева, Асака, Андиҷон, Туркистон, Тошканд ва муддати кӯтоҳ Самарқандро ишғол намуданд. Баъди марги Пирмуҳаммад аз авлоди Шайбониён дигар мард боқӣ намонд.

Дар асри XVI замин аз рӯйи ҳуқуқи моликият, мисли пештара, ба панҷ қисмат тақсим мешуд. Дар аҳди Шайбониён дар ин замина ягон дигаргунии ҷиддие ба миён наомада бошад ҳам, баъзе дигаргуниҳо ва тамоюлоте зуҳур намуданд. Замини давлатӣ ҳамоно аз калонтарин заминҳои мулкӣ маҳсуб меёфт ва он захираи асосӣ, вале на ягонаи мулки инъомӣ, яъне заминдории шартии феодалиро ташкил мекард. Навоварӣ ин буд, ки заминҳои давлатӣ аз нав тақсим карда мешуданд. Дар асри XVI соҳиби асосии заминҳои инъомии давлатӣ гурӯҳи нави синфи феодалон: аъзои сершумори хонадони салтанатӣ ва табақаи болоӣ гардиданд [422, 94].

Давлати Шайбониён аз маҷмуи мулкҳои хоса фароҳам омада буд. Асоси иқтисодии ин «мулкият» аз он иборат буд, ки мулкдор метавонист хироҷу андозҳои замини давлатии ба тариқи инъом соҳибшудаашро тамоман, ё қисман (ҳар ду навъ ҳам маъмул буд) ба нафъи худ ҷамъоварӣ намояд. Мулкҳои калони инъомшударо дар асри XVI низ **«суюрғол»** меномиданд. Соҳибони чунин мулкҳо як қатор масъулиятҳо доштанд, аз ҷумла метавонистанд нисбат ба молиёти замини инъомгирифтаашон комилан мувофиқи савобдиди худ ихтиёрдорӣ кунанд. Тадриҷан кор ба дараҷае расид, ки онҳо низ дар навбати худ як қисми замини давлатии мулкашонро ба дастаҳои нисбатан хурди аъёну ашроф, руҳониён ва намояндагони табақаи ҳарбӣ тақсим карда медоданд. Ба ин тариқа, силсилаи дараҷаҳои инъоми

замин ба вуҷуд омад, ки ин амри воқеӣ дар санадҳои расмии асри XVI возеҳу равшан қайд гардидааст [259, 527].

Замин ва молу мулки вақф одатан дар ихтиёри мутаваллӣ буда, ҳадянома дар дасти яке аз авлодони шахси вақфгузор нигоҳ дошта мешуд. Вақф барои руҳониён яке аз воситаҳои истисмори бераҳмонаи табақаҳои меҳнаткаши аҳолии мамлакат ва муҳимтарин василаи сарватмандшавии онҳо маҳсуб меёфт. Шайху эшонҳои ду тариқати сӯфияи хеле бонуфузи Осиёи Миёна, аз ҷумла «кубравия» ва «нақшбандия» аз бузургтарин ихтиёрдорони заминҳои вақф ва нигаҳдорандагони вақфномаҳо ба ҳисоб мерафтанд. Бино ба навиштаҳои таърихнигорон шайхони дарвеш сарвати бисёреро ба даст оварда буданд.Чунончӣ дороии хоҷагони Ҷӯйборӣ ҳадду ҳисоб надоштаст. Ва дар бораи яке аз ҳамингуна хоҷагон муҳаққиқ А.Ҷумъаназаров чунин навиштааст: «Муосири Абдуллоҳхони II бо исми Хоҷа Исломи Ҷӯйборӣ дорои галаву рамаҳои бешумори асп, гӯсфанд, уштур ва заминҳои кишти беканоре буд. Хоҷа Ислом ба сайёдӣ шуғл варзида, сагҳои зиёди шикорӣ нигоҳ медошт ва чандин мири шикор дар хидмати вай буданд. Зиёрат-кунандагон аксаран гилагузорӣ мекарданд, ки «пири муқаддас» аз одамон дида, бо мурғону сагони шикорӣ бештар суҳбат мекунад. Сесад ғулом хидмати боргоҳи ӯро ба ҷо меовард ва барои ҳисобу китоби иқтисодиёташ идораи махсусе вуҷуд дошт. Хоҷа Ислом ба тиҷорат ҳам шуғл меварзид. Корвонҳои ӯ то ба Москва расида буданд» [421, 84-85].

Аҳволи вазнини зиндагии мардуми оммиро академик Бобоҷон Ғафуров ба таври возеҳу мушаххас баҳогузорӣ намудааст: «Аҳволи деҳқонони безамин – иҷоранишин ниҳоятдараҷа бад буд. Дар асри XVI мисли давраҳои гузашта, воҳиди асосии хоҷагон ҳамоно хоҷагии деҳқонӣ ба шумор мерафт. Заминҳои ҳама гуна категорияҳо ба тариқи иҷора ба деҳқонон дода мешуд. Вазъияти деҳқонони иҷоранишин яксон набуд. Аз санадҳои расмии асри XVI маълум мегардад, ки аксар вақт иҷорадори заминҳои вақфӣ ва давлатӣ феодалон буданд. Дар ин маврид деҳқонон дар заминҳои иҷорагирифтаи феодалон кироянишинӣ мекарданд. Шартҳои кироянишинӣ хеле гарон буд,

зеро феодали иҷорадор аз деҳқони кироянишин ба андозаи дилхоҳи худ ҳақ меситонд. Аҳволи деҳқонони иҷоранишин ва кироянишин боз аз он сабаб ҳам бад мегардид, ки муҳлати иҷора кӯтоҳ буд. Масалан, дар вақфномаҳо бисёр вақт таъкид шудааст, ки замин набояд зиёда аз се сол ба иҷора гузошта шавад» [259,599].

Он вазъияти сиёсӣ, ки аз аввалҳои асри XVI дар ин мамлакат ҳукмрон шуд, ба ҳаёти адабӣ ва илмӣ зарбаи боз ҳам сахттаре расонид. Нақши руҳониёни иртиҷоӣ ниҳоят дараҷа пуркувват гардида, бештар ба тараққиёти афкори илмӣ монеъ мешуд. Дар натиҷаи ин Ҳирот аз аввалҳои асри XVI ҳамчун як маркази мадании халқҳои Осиёи Миёна аҳаммияти худро аз даст дод. Намояндагони илму фан, адабиёт ва санъат ба ҳар тарафи мамлакат пароканда гардиданд.

Ҳарчанд дар нимаи дуюми асри XVI шаҳри Бухоро ҳамчун маркази маданӣ ном бароварда, сол аз сол шумораи мадрасаҳо зиёд гардид, лекин дар ин мадрасаҳо асосан илмҳои динӣ омӯхта мешуданд. Бо вуҷуди ин адабиёт ва илму фани дунявӣ низ дар ин давра то як дараҷа ривоҷ ёфт. Дар ин бобат академик Бобоҷон Ғафуров чунин овардааст: «Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ном муаллифи тазкираи назми Бухоро, ки дар нимаи дуюми асри XVI тартиб ёфтааст, дусаду панҷоҳ нафар ходимони илму адаби давраи ҳукмронии Убайдуллоххон ва писари ӯро ном мебарад. Аксари ходимони зикркардаи Нисорӣ дар адабиёт ва санъат осори намоёне аз худ боқӣ нагузошта бошанд ҳам, ин рақам аз хеле равнақ ёфтани афкори адабиву илмии он замон шаҳодат медиҳад. Барои тараққиёти минбаъдаи илму фан ва адабиёт эҷодиёти фақат иддаи каме аз онон аҳамият пайдо кардааст» [259, 248].

Пас аз вафоти Пирмуҳаммад уламои маҳаллӣ аз Ҷонибек хоҳиш намуданд, ки кулоҳи хониро ба сар монад. Баъди аз тарафи Иван Грозний истило шудани Астрахан (соли 1556) Ёрмуҳаммад ҳамроҳи писараш Ҷонибек ба Бухоро ҳиҷрат намуда, дар дарбори Искандархон паноҳ ёфта буд. Азбаски Ҷонибек ҷавони ғаюру зирак буд, бинобар ин Искандархон ба ӯ меҳр баста, вайро домод кард. Аз Ҷонибек се писар: Динмуҳаммад, Боқимуҳаммад ва

Валимуҳаммад ба дунё омаданд. Онҳоро тағояшон Абдуллоҳхони II пуштибонӣ ва дӯстдорӣ менамуд. Аз ин рӯ, хоҳарзодаҳоро ҳокимони маҳаллаҳои алоҳида таъйин намуда буд.

Вай аз қабул намудани унвони хонӣ ба фоидаи писаронаш даст кашид. Ҳамин тавр, аввалин подшоҳи салтанати Аштархониён – Динмуҳаммад пешниҳод мешавад. Аммо ӯ ҳоло ба Бухоро нарасида, дар роҳ аз тарафи эрониён кушта шуд. Пас додараш Боқимуҳаммад (1599 - 1605) валиаҳди ӯ гардида, барои мустаҳкам намудани давлат талош намудааст. Ӯ тавонист аз тасарруфи Сафавиён шаҳри таърихии Балхро озод намояд. Бо назардошти он ки Боқимуҳаммад таҷрибаи кофии давлатдорӣ надошт, дар атрофи хеш ашхоси кордону дилсӯзро гирд оварда натавонист. Дар замони ҳукмронии кӯтоҳмуддати додараш Валимуҳаммадхон (1605-1611) низ бесарусомониҳо идома ёфтанд.

Аз ноуҳдабароии амакҳо истифода бурда, додарзодаашон Имомқулихон ибни Динмуҳаммад (1611-1642) ба тахт нишаст. Имомқулихон барои аз нав барқарор намудани ҳудуди пешинаи давлати бобокалонҳояш ҳаракат намуд. Ӯ соли 1612 ба шимол ҳуҷум намуда, шаҳри Тошкандро аз қазоқҳои бодиянишин озод намуда, писараш Искандархонро ҳокими Тошканд таъйин кард ва ба Бухоро баргашт. Дере нагузашта, мардуми Тошканд шӯриш бардоштанд ва Искандархонро куштанд. Имомқулихон аз ин воқеа огоҳ шуда, қасам ёд кард, ки то ба узангуи зини аспаш баромадани хун аз куштори тошкандихо даст намекашад [315, 100].

Муаллифи «Таърихи Муқимхонӣ» ҳамин воқеаи мудҳишро чунин тасвир месозад: «Ҳамон замон аз субҳ то шом қатли оми аҳолии Тошканд давом кард. Аз пири садсола то кӯдаки яксола ба қатл расонида мешуд. Шумори куштагон аз ҳад афзун шуд ва амирони лашкар бар аҳволи фақирон ва бегуноҳон раҳм намуда, аз хон хоҳиш намуданд, ки аз кушторр даст кашад. Вале Имомқулихон гуфт, ки ман савганд хӯрдаам, ки то хуни тошкандиён ба рикоби ман нарасад, даст аз қатл боз надорам. Пас уламо чунин фатво доданд, ки хон аспи худро дар ҳавзе андозад, ки баландии он то рикоб бошад

хуни онҳо ба рикоби хон мерасад. Ин суханҳоро ба арзи хон расониданд ва қаҳру ғазаби ӯро фурӯ нишонданд» [36, 40б-41а]. Имомқулихон дар охири ҳаёташ ба дарди чашм мубтало шуда, нобино гардид ва ба нафъи бародари худ, ҳокими Балх Надирмуҳаммадхон аз тахт даст кашид. Пас ба зиёрати Каъба рафта, дар сини 62-солагӣ аз олам чашм пӯшид. Ҷасади ӯро дар шаҳри Мадина ба хок супориданд [36, 44б].

Бино ба навиштаҳои муаллифи «Таърихи Муқимхонӣ» дар замони ҳукмронии Имомқулихон вазъи кишвар нисбатан ором гаштааст, ки ин андешаро дар асари «Тоҷ-ут-таворих»-и Муҳаммад Шариф ибни Муҳаммад Нақӣ низ дучор мешавем [315,114].

Дар замони Нодирмуҳаммад (1642-1645) кашмакашиҳои дарборӣ ва парокандагии сиёсӣ авҷ гирифтанд. Қазоқҳо ба Хуҷанд сар даровcovered. Писари Нодирмуҳаммад табаддулоти давлатӣ ташкил намуда, ба ҷои падар ба тахт нишаст. Нодирмуҳаммад маҷбур шуд, ки боз ба Балх баргардад. Аъён ва ашрофи феодалӣ, ки аз сиёсати пешгирифтаи ӯ норозӣ буданд, ба муқобили вай суиқасд карда, ба тахти салтанат писараш – Абдулазизхонро (1645–1680) нишонданд. Надирмуҳаммад маҷбур шуд, ки бо мансаби ҳокими Балх қаноат кунад.

Дар аҳди салтанати Субҳонқулихон (1680-1702) вазъияти душвори мавҷуда на фақат аз байн нарафт, балки аз бисёр ҷиҳатҳо бадтар гардид. Тохтутози хевагиҳо ҳамоно идома меёфт. Онҳо Самарқандро забт карданд ва аъёну ашрофи шаҳр хони Хеваро ба расмият шинохтанд, ки ба ивази ин Субҳонқулихон аҳолии Самарқандро хонахароб намуд. Ниҳоят, Субҳон-қулихон фаҳмид, ки то дар Хева валиаҳди хешро нанишонад, тохтутози хевагиҳо тамом нахоҳад шуд. Бинобар ин бо ҳар роҳ аъёну ашрофи маҳаллиро ба тарафи худ ҷалб намуда, оқибат муваффақ гардид, ки Хева ҳукмронии ӯро эътироф намояд. Ин ҳодиса дар тамоми давраи ҳукмронии Субҳонқулихон ягона муваффақияти ба назар намоёни сиёсатмадории ӯ маҳсуб меёбад. Тибқи ахбори муаррихон ягона амали хотирмони Субҳоқулихон ҳамин буд, боқӣ дар ягон самти давлатдорӣ ба пешравиҳо даст

наёфтааст. Дар ин даврон низоъҳои байнихудии феодалӣ кайҳо аз доираи хонадони салтанат берун баромада буданд. Ва ҳамин вазъи давронро академик Бобоҷон Ғафуров хело мӯшикофона баҳо додааст: «Ҷангҳои доимии дохилӣ, парокандагии сиёсӣ, тохтутозҳои харобиовари кӯчиён ва хевагиҳо ба ҳаёти иқтисодии хонии Бухоро таъсири манфӣ расонид. Шаҳру деҳот комилан ғорат ва тороҷ ё пурра оташ зада шуд, ки ба ҳамин сабаб шаҳрҳо ва деҳот аз сокинон холӣ гардиданд. Аҳолии маҳаллӣ гирифтори боҷу хироҷи бераҳмона на танҳо аз ҷониби ҳокимони маҳаллӣ, балки аз ҷониби ғоратгарони аҷнабӣ низ қарор доштанд. Ҳамаи ин дар сарзамини Мовароуннаҳр, ба хусус дар вилояти марказии он ба таназзул ва касоди амиқи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ оварда расонд» [259, 260].

Бино ба ахбори таърихнигорон ва муаллифони тазкираҳои асрҳои XVI-XVII, инчунин олимону муҳаққиқоне, ки аҳволи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабии даврони мазкурро таҳқиқ намудаанд, авзоъ дар тамоми сарзамини Мовароун-наҳру Хуросон хуб набуда, ҳуҷуму ғоратгариҳо ва харобкориву бедод-гариҳои лашкариёни Шайбонӣ ва Сафавӣ мӯҷиби паст рафтани вазъи хоҷагии кишвар, ғорат гардидани аҳолӣ, маҷбуран бар дӯши онҳо бор намудани хироҷҳои вазнин, тарки сарзаминҳои хеш намудани қисми зиёди аҳолии маҳаллӣ гардида, аз рӯи қавли шоҳидони воқеа дар аксари шаҳру деҳот ва музофотҳо гуруснагии бемаҳдуд ҳукфармо гардида буд. Мувофиқи шаҳодати воқеанависони давр «дар давоми тохтутозҳои бардавоми кӯчиён, заминҳои дар байни Самарқанду Бухоро ҷойгирбуда харобу валангор гардиданд. Дар Мовароуннаҳр гуруснагӣ фаро расид, дар ҳама ҷойҳо одамон макони муқимии худро тарк намуда, ба ҷонибҳои мухталиф пароканда шуданд. Дар Бухоро ду гузар аҳолӣ боқӣ монда, дар Самарқанд бошад, нишонае аз маҳалли маскунӣ намонд» [36, 40б].

Ҳамин гуна зулму истисмори бераҳмона ва хироҷу молситониҳои аз ҳад афзун дар асрҳои XVI-XVII деҳқононро чунон ба фақру нотавонӣ гирифтор кард, ки дар ибтидои асри XVIII ҳукумат дигар ба зиёд кардани андоз ва ё ҷорӣ кардани ягон андози нав ҷуръат намекард. Ва ҳамин матлабро

муаллифи «Убайдуллонома» ошкоро баён карда, таъкид сохтааст, ки аз ин роҳи даромади хазина бурида шуд, зеро хавфи ҷунбиши калоне таҳдид менамуд.

Бино ба навиштаҳои муаллифи асари «Тоҷикон» деҳқонон, умуман, аз ҳар тараф ба ҳамлаву фишор дучор мешуданд. Хоҷагии онҳоро на фақат ғоратгариҳои ҳангоми ҷангҳои дохилӣ рӯйдода, на фақат андозҳои миёншикан хароб мекарданд. Ҳамчунин як ҷараёни амиқи иҷтимоӣ, барҳам додани бақияҳои обшина, кам кардани гурӯҳи деҳқонони дар замини ҷамоат коркунанда ва зиёд намудани гурӯҳи деҳқонони иҷоранишин ба амал меовард [259,551].

Мусаллам аст, ки ҳар як давраи таърихӣ вобаста ба вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, инкишоф ё инқирози соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла, ҳаёти илмӣ, фарҳангиву ахлоқӣ вижагиҳои хоси худро дорад ва албатта, шароити мусоиди сиёсиву иқтисодӣ омили инкишофи ҳаёти илмиву фарҳангӣ гашта метавонад. Яъне шароити таърихии мавҷуда нишондиҳандаи вазъи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятист, ки дар осори адабӣ низ акс меёбад. Бо ибораи дигар, шеъри шоир садои баланди ҳамовозии амиқ ва ё эътирози шадид нисбат ба вазъи ҳукмфармост, ки ин ба таъсири мутақобилаи адабиёти бадеӣ ва ҷомеа роҳ мекушояд.

Сиёсати ҳукуматдорони Сафавиёну Шайбониён муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, илмию адабӣ ва фарҳангии байни Эрону Варорӯдро гусаста, вазъи иҷтимоии сокинони ин мамлакатҳо, хоса аҳли илму адаб рӯ ба таназзул ниҳода, олимону адибони Хуросон бо сабаби таъқиби фишори мазҳабии Сафавиён ва ё аз сабаби тангии маишат фирор ба Варорӯдро ихтиёр намуданд, ки дар сарчашмаҳои таърихию ёддоштӣ амсоли «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ (1485-1556) роҷеъ ба ин матлаб маълумоти фаровону дақиқ оварда шудааст.

Бо вуҷуди нобасомониҳои сиёсиву иқтисодӣ ва ҷангҳои харобиовар дар замони салтанати Шайбониён ва асрҳои баъдӣ, яъне дар даврони ҳукмронии Аштархониёну Манғитиён низ забони тоҷикӣ мавқеи худро аз даст надода,

ҳамчун забони расмии давлатдории ин сулолаҳо боқӣ монд. Ҳарчанд дар садаҳои XVI-XVII сулолаҳои турктабор дар сари қудрати сиёсӣ буданд, ба қавли Е.Э Бертелс «ҳокимияти шаҳрвандӣ дар дасти тоҷикон буд» [371, 301] ва забону адаби тоҷик мартабаву нуфузи худро нигоҳ дошта, бо ин забон осори зиёди илмиву адабию таърихӣ таълиф шуданд, ки «теъдоди он осор аз шаш ҳазор мутавоҷиз» буд [301, 107].

Оид ба осори манзуму мансури адибони давр, китобҳои арзишманди ёддоштӣ ва илмию таърихӣ амсоли «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Рашаҳотайн-ул-ҳаёт» ва «Латоиф-ут-тавоиф»-и Фахриддин Алии Сафӣ, «Анис-ул-ушшоқ»-и Ҳасани Нисорӣ, «Гулафшон»-и Шайдо, «Танбеҳ-ус-салотин»-и Хоҷа Аҳмади Косонӣ, «Риёз-уш-шуаро»-и таълифи Содиқии Самарқандӣ, «Тазкират-уш-шуаро» таълифи Мутрибии Самарқандӣ, «Нозу ниёз»-и Завқии Миёнколӣ, «Дурар-ул-баҳр»-и Қазоии Зоминӣ, «Фавоиди Ҳошимӣ»-и Давоии Самарқандӣ, «Шайбонинома» таълифи Камолиддин Биноӣ, «Ҳабиб-ус-сияр» -и Хондамир, «Меҳмонномаи Бухоро»-и Рӯзбеҳхони Исфаҳонӣ, «Зафарнома»-и  Муқимии Самарқандӣ, «Футӯҳоти шоҳӣ»-и Амир Садриддин, «Шарафномаи шоҳӣ»-и Ҳофизи Таниш мавод ва маълумоти фаровон ба ёдгор гузоштаанд.

Ҳаёти адабии асрҳои XVI-XVII бо чанд хусусияти хоси худ аз адабиёти дигар даврахо тафовути ҷиддӣ дорад.

Хусусияти асосии адабиёти ин давра ба ду тақсим шудани муҳити адабии дар давоми қарнҳо шаклгирифтаву ташаккулёфта, коҳиши равобити адабии Хуросону Мовароуннаҳр, рӯ ба сӯйи Ҳиндустон овардани адибони Хуросону Мовароуннаҳр ва пайдоиши сабки наве бо номи «сабки ҳиндӣ» мебошад. Намояндагони адабиёти нимаи аввали асри XVI асосан бо сабкҳои хуросониву ироқӣ эҷод карда, анъанаҳои мактаби адабии Ҳиротро идома додаанд. Аз нимаи дуюми асри XVI пайдо шудану густариш ёфтани сабки ҳиндӣ ва дар асри XVII дар эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил ба авҷи аълои тараққӣ расидани ин сабк, ки пайравони зиёде пайдо намуд, заминаи падид омадани мактаби ҷадиди адабӣ маҳсуб мешавад.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихиву адабӣ дар натиҷаи низоъҳои зиёди Сафавиёну Шайбониён, махсусан, авҷ гирифтани зиддиятҳои мазҳабӣ, ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва илмиву адабии Хуросону Мовароуннаҳр куллан тағйир ёфт ва илму адаби ҳар ду мамлакат талафоти зиёди моддиву маънавӣ диданд. Бино ба маълумоти маъхазҳои хаттии таърихиву адабӣ авҷи таассуби мазҳабӣ, таъйини эътибори шоирон аз рӯйи мавзуъҳои мазҳабӣ ва сабаби таъқибу озору шиканҷа ва ҳатто қатли шоирони тавонои он давр аз ҷониби ҳукуматдорони сафавӣ гардида буд. Чунончи барои қасидаи ҷавобияи «Дарёи аброр»-и Амир Хусрав забони адиби тавоно Огаҳиро бо фармони ҳокими шаҳри Ҳирот буридаанд [70, 118], ки дар ин бора Хондамир [85, 360] ва Ҳасани Нисорӣ [43, 230] низ маълумот дода, абёти зеринро ба ҳайси далел нишон додаанд:

Арсаи шаҳри Ҳарӣ рашки сипеҳри ахзар аст,
Даргаҳашро шамсаи хуршед гулмехи зар аст.
Чархи каҷрав бин, ки аз таъсири ӯ шаҳре чунин,
Маскани ҷамъе парешонрӯзгори абтар аст [70,118].

Соммирзо таъкид кардааст, ки бо сабаби алфози қабеҳи зиёд дар ин шеър «зикри онҳоро лоиқи ин китоб намедонам» ва байти зерини дар ҳаҷви Муиниддин гуфтаро омили асосии адовати ӯ бо шоир мешуморад:

Рӯйи зишташ аз касофат матбахи Намрудро
Куҳна кафгирест, аммо лоиқи хокистар аст [70,118].

Мувофиқи маълумоти Соммирзо бо фармони ҳокими Ҳирот Амирхон забону дасти рости шоир Аҳмади Табасиро, ки ҳокиму атрофиёнашро ҳаҷв намуда буд, бурида буданд:

Чунон ки боди хазон рехт барги беду чинор,
Забону панҷаи ман дод бахти ман барбод [70,118].

Мувофиқи маълумоти Соммирзо сари Мавлоно Замириро барои гуфтани абёти ба табъи ҳоким номувофиқ бо тахтакулоҳ пӯшонида, рӯяшро сияҳ карда гирди шаҳр давр занонидаанд [70,125].

Инчунин Амин Аҳмади Розӣ менависад, ки шоҳ Таҳмосп чашмони шоири номдору ангуштнамои замон Мавлоно Абулқосим Амирро гӯё барои ба таносух майл карданаш кӯр месозад, ки дар ин бора худи шоир гуфтааст:

Шоҳо, зи либоси нур урам кардӣ,
В-аз даргаҳи худ ба ҷабр дурам кардӣ.
Се сол, ки маддоҳи ту будам шабу рӯз,
Ин ҷоизаам буд, ки кӯрам кардӣ [56,986].

Амин Аҳмади Розӣ навиштааст: «Чун муддати мадид бар он бигзашт, ва маъюсӣ ниҳоят пазируфту хурсандӣ қатъи тааллуқ намуд, қитъае аз рӯйи тийб гуфта, ба борёфтагони он остон арза намуд. Ҷамъе, ки ба вай изҳори таваҷҷуҳ менамуданд, аҳволашро дар либоси бегуноҳӣ арза намуданд ва аз маҳбасаш наҷот доданд ва ин ду байт аз он қитъа аст:

Нахли қадди маро бор шабуш,
Ҳар сари мӯйи ӯ ҳазор шабуш,
Остинро агар барафшонам,
Меравад то Қандаҳор шабуш [ 56, 986].

Чунон ки сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд дар ин давра бо гуноҳи ночизе, махсусан, аз рӯйи таассуби мазҳабӣ шумори зиёди аҳли завқ ба қатл расонида шудаанд. Мувофиқи маълумоти Зайниддин Маҳмуди Восифӣ гумоштагони сафавия шоир Ҳофизи Зайниддинро бо ҷурми суннӣ буданаш бо шамшер пора-пора кардаанд [15, 249].

Бино ба маълумоти Нисорӣ шоири навҷавон Нуриддин Муҳаммадро муҷтаҳидини қизилбошия бо табар пора кардаанд [43,247]. Ҳамчунин, маъхазҳои адабиву таърихӣ кушта шудани шоирон Наҷмиддин Кавкабии Бухороӣ, Мавлоно Монӣ, Ятими Машҳадиро низ хабар медиҳанд [264, 140].

Аз ин мисолҳо бармеояд, ки «вазъи адабии солҳои сиюми Хуросони асри XVI воқеан муҳити пурфитнаи шоиркуш будааст» [264, 142]. Маҳз ҳамин муҳити тоқатфарсо бисёр намояндагони аҳли фазлро водор намуд, ки иҷборан ҷилои ватан намуда, роҳи Ироқу Мовароуннаҳр ва Ҳиндро пеш гиранд.

Вазъи адабиёт дар Мовароуннаҳр ногувор буд. Ҳукуматдорони Шайбонӣ, низ ба ривоҷи илму фарҳанг ҳеҷ ҳавасмандӣ зоҳир намекарданд. Зиёда аз ин, аз илму адаб фарсаххо дур буданд. Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар бахши чоруми асараш «Гуфтор дар баёни шиддати сармо ва зимистони Самарқанд ва баёни каҳтиву гаронӣ, ки ҷамъе аз толибилмони хуросонӣ, ки ҳеҷ кадом вазифаву ошное надоштанд ва маунати эшон ба фақир лозим шуда буд» овардааст: «Аммо кори толибилмон ба ҷое кашид ва аҳволи эшон ба дараҷае анҷомид, ки ду кас аз эшон аз бетоқатии гуруснагӣ пӯстинҳои худро фурӯхта, хӯрданд ва аз шиддати сармо ҷон ба ҷонофарин супурда, мурданд.

Мавлоно Абдулалии Балхӣ, ки яке аз дӯстони ҷонӣ буд, шабе ба хонаи ин камина омада, гуфт:

- Ин толибилмон ҳама ҳалок мешаванд, дар бораи эшон чӣ фикр мекунӣ?

Гуфтам:

- Ман низ ҳайронам ва чорае намедонам.

Гуфт:

- Дар таърифи соли қаҳт ба мадҳи Абусаид Султон қасидае мебояд гуфт ва дурри маонӣ мебояд суфт, то аз вай ба тариқи сила ахзу чорае намоему киштии умри ин фақиронро аз ин дарёи заххори хунхори қаҳт баркарона орем.

Гуфтам:

- Абусаид Султон туркест, ки аслан форсӣ намефаҳмад, ҳамчунон ки мо туркӣ намедонем ....» [14, 68].

Аз ин мисол бармеояд, ки чун Султон Абӯсаид забони мамлакатеро, ки ҳукмронаш аст, намедонад, чӣ гуна ба ривоҷи илму адаб сайъ менамояд? Аҷибтар он аст, ки дар қасидаи Восифӣ бо матлаи:

Эй дил, тамаъ мабар аз пайи таом,
Зеро ки мубтало шудем з-ин хаёли хом.

вазъи тоқатфарсои мамлакат, авҷ гирифтани қаҳтиву гуруснагӣ, дуздиву зулму ситам, баҳри халқ ҳалол шудани гӯшти харро тасвир кардааст:

Бо он ки хун хуранд шабу рӯз мардумон,

Даври замона ташна ба хуншон [бувад] мудом.

Ва ҳам

Дунон намедиҳанд ба кас ним луқма нон,

Ё Раб, чунон мабод зи дунон ба ғайри ном!

Восифӣ дар ин абёт аз мамдуҳ ҳатто ном набурда танҳо дар мақтаи қасида гуфтааст, ки Султон Абусаид, ки аз дарки кинояву танзу таъналҳои шоир оҷиз буд, барои толибилмони хуросонӣ озуқаву либосу ҳезум додааст:

Дорӣ агар тамаъ, ба шаҳе арз кун, ки ҳаст,

Бар даргаҳаш чу Ҳотами Тойӣ дусад ғулом.

Вазъи ногувори ҳаёти илмию фарҳангии Варорӯд дар замони ҳукмронии Ҷониён низ рӯ ба беҳбудӣ наёварда буд,ки дар ин бобат дар осори таърихиву адабӣ маълумоти фаровон мавҷуд аст. Махсусан, дар замони ҳукмронии Субҳонқулихон вазъияти аҳли фазл тоқатфарсо гардида, «шароит ба дараҷае сахт гардид, ки ҳатто як идда шоирони дарбор ватани худро тарк намуда, ба Ҳиндустон ҳиҷрат карданд» [259, 646].

Академик Бобоҷон Ғафуров аз ашъори Сайидои Насафӣ, ки харобии мамлакат ва вазъи ҳузновари мардумро тасвир кардааст, мисол оварда навиштааст: «Сайидо дар як силсила шеърҳои худ харобии шаҳру деҳот, маҳрумият ва азоби бекарони аҳолиро дар аҳди Субҳонқулихон даврае, ки аз як тараф, муфлисӣ ва бенавоӣ зиёд шуда, аз тарафи дигар, сарвати синфи ҳукмрон беш аз пеш меафзуд, нишон додааст, чунон ки ӯ тасвир сохтааст:

Фалак ба қомати пири хамида мемонад,

Ҷаҳон ба деҳаи тороҷдида мемонад.

Зи баски аҳли ҷаҳон хуни якдигар хӯрданд,

Сари сипеҳр ба нори макида мемонад.

Даруни ҷомаи рангини хеш дунёдор,

Ба кирмҳои бирешимтанида мемонад[259, 647].

Миробид Сайидои Насафӣ низ дар ашъораш аз ҳоли ногувори аҳли фазл зиёд ишораҳо кардааст. Махсусан дар мухаммасе, ки бар ғазали Соиби Табрезӣ бастааст, ин маонӣ возеҳу равшан ифода шудааст:

Арбоби ҷудро кафи гавҳарфишон намонд,
Дасти кушодае ба муҳиту ба кон намонд,
Дар рӯзгори мо зи мурувват нишон намонд,
«Аз ҳиммати баланд асар дар ҷаҳон намонд,
Як сарв дар саросари ин бӯстон намонд».

То ҷуғзтинатон ба фазои чаман шуданд,
Чун сабза сояпарвари сарву суман шуданд,
Гулҳо зи баски ҳамдами зоғу заған шуданд,
«Мурғони нағмасанҷ ҷилои ватан шуданд,
Ҷуз байзаи шикаста дар ин ошён намонд».

Аз аҳли дил намонд дар ин хокдон нишон,
Бастанд обу ойина рахти худ аз миён,
Хуршед гуфт вақти видоаш ба осмон:
«Равшандилон чу барқ гузаштанд аз ҷаҳон,
Хокистаре ба ҷой аз ин корвон намонд»

Аз ин ҷост, ки бисёр олимону шоирону орифон тибқи фармудаи Саъдӣ, ки

Саъдиё, ҳубби ватан гарчи ҳадисест саҳеҳ,
Натавон мурд ба сахтӣ,ки ман ин ҷо зодам.

гуфтааст, амал намуда, аз сабаби тангии маишат, мавҷуд набудани шароити мусоиди фаъолияти эҷодӣ, таъқибу фишор ноилоҷ ҷилои ватан намуда, рӯ ба сӯйи Ҳиндустон меоварданд. Зеро барои шахси эҷодкор мавҷудияти шароити мусоид, хосатан имконияи озодии баёни андеша неъмати бебаҳост ва баръакс маҳдудияти шароиту имкони озодии баён, буғӣ кардани истеъдод, метавонад ба инфиҷори рӯҳӣ расонад.

Дар аҳди Ҷониён ду маркази адабӣ вуҷуд дошт, ки яке Бухоро ва дигаре Балх буд. Дар ин давра адабиёти тоҷик назар ба асри XVI бештар рушд намуд. Лекин дар замони Субҳонқулихон шароит ба дараҷае тоқатфарсо гардид, ки ҳатто як идда шоирони дарбор тарки ватан намуда, ба Ҳиндустон ҳиҷрат карданд. Дар сурате, ки адабиёти дарборӣ ва расмии тасаввуфӣ ҳолати таназзулро аз сар мегузаронид, дар доираҳои ғайрирасмӣ, махсусан дар байни пешаварони шаҳр назми руҳан ба муҳити халқ созгор тараққӣ карда, мисли Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Муллообиди Мумтоз ва хусусан, Миробид Сайидои Насафӣ шоирони забардаст ба камол расиданд, ки маҳсули адабии онон бештар ба ҳаёти табақаҳои истеҳсолкунандаи мамлакат алоқаманд буд [259, 646].

Зулму ситами тоқатшикан ва истисмори бераҳмона, ҷангҳои дохилӣ ва фақру гуруснагӣ, норозигии оммаи халқро ниҳоят зиёд кард. Ин буд, ки дар маҳалҳои гуногун дам ба дам шӯру ошӯбҳои халқӣ сар мезаданд. Дар замони Абдулазизхон, ба қавли шоири ҳамзамони ӯ Сайидои Насафӣ, шӯриши калоне дар деҳаи Даҳбеди Самарқанд рӯй дод. Шиддат ва вусъати ин ҷунбиши халқӣ ба дараҷае буд, ки худи Абдулазиз бо лашкари зиёде омада, шӯришро фурӯ нишонд ва Даҳбедро оташ дода, ба хок яксон намуд. Дар давраи ҳукмронии Субҳонқулихон ва ворисони ӯ ҳам муттасил шӯришҳои халқӣ ба амал меомаданд. Гоҳо ингуна ҷунбишҳои халқиро феодалони ҷудогона барои расидан ба мақсадҳои шахсии худ истифода менамуданд. Масалан, боре ҳангоми ба Балх ҳуҷум кардани Субҳонқулихон тамоми аҳолӣ дар зарфи бисту як рӯз қаҳрамонона ҷангида, шаҳрро, ки ҳокими он Маҳмудбии атолиқ буд, аз бухориҳо ҳифз намуд. Дар ин маврид ҳамаи табақаҳои ҷамъият муттаҳид гардида буданд, зеро ба хубӣ мефаҳмиданд, ки агар хон шаҳрро ишғол намояд, ба таври ваҳшиёна мардумро қатлу ғорат хоҳад кард. Аммо халқ аксар вақт ҳукумати марказиро тарафдорӣ менамуд, чунки ҷангу низоъҳои дохилии феодалӣ аҳолии ҳам шаҳр ва ҳам деҳотро хонахароб месохт [36, 162].

Ҳамин тариқ пас аз таҳлили вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, адабии асрҳои XVI-XVII дар Мовароуннаҳр муайян мешавад, ки ҷангу кашмакашҳои пайваста, тохтутозҳои мунтазам, мансабхоҳию ҷоҳталабиҳои сарбозони Шайбониён ва Сафавиён қаламрави Хуросону Мовароуннаҳрро басо харобу заъиф намуда буд.

Ин тохтутозҳои аз ҳад зиёд, низоъҳои хонумонсӯз ва кашмакашҳои дохилӣ низоми зиндагии ҷамъиятро вайрон намуда, табақаҳои заҳматкаши аҳолӣ бештар зарар медиданд. Шароити номусоиди сиёсиву иқтисодӣ омили инқирози ҳаёти илмиву фарҳангӣ гардида, ин таназзул дар осори адабиву таърихии даврони мазкур акси худро ёфтааст.

## 1.2. Назаре ба таҳаввулоти адабии Шибҳи қораи Ҳинд дар асрҳои XVI-XVII ва омилҳои пешрафти он

Он гуна,ки дар фасли аввал гуфта шуд, аз ибтидои асри XVI сар карда, бинобар ҳукмфармо гаштани вазъи басо харобиовари сиёсӣ, аз ҷумла фурӯпошии империяи Темуриён, ба сари қудрат омадани хонадонҳои Шайбониён дар Варорӯд ва Сафавиён дар Эрон, лашкаркашиҳову қатли ом, хунрезиҳои зиёде миёни онҳо, паст шудани вазъи ҳаёти иҷтимоии мардум, нисбат ба инкишофи адабиёт бетаваҷҷуҳ гардидани салотини ин хонаводаҳо, бештар аз ин ҳисси бадбиниву душмании рӯирости ҳукуматдорони Сафавӣ ба шеъру адаб, авҷ гирифтани таассуби мазҳабӣ, ба озору шиканҷа, ҳатто ба қатл ҳукм фармудани мухолифони хеш, аз ҷумла шоирон, гусаста гаштани равобити адабии шоирони Хуросону Мовароуннаҳр, ки дар давоми садсолаҳо шакл гирифта буд, қариб ба дараҷаи нестӣ расидани адабиёти дарборӣ ҳам дар Эрону ҳам дар Вароруд омилҳое маҳсуб мешаванд, ки ба заволу пастравии  ҳаёти адабӣ роҳро ҳамвор намуданд. Дар ин бора дар ҳамаи сарчашмаҳои адабиву илмӣ [211; 218; 237; 372; 264; 347; 325; 364; 165] маълумоти фаровони саҳеҳу дақиқ оварда шудаанд.

Аксар муҳаққиқони соҳа пайдоиш ва густариши забони форсӣ ва ривоҷи адабиёти форсизабонро дар қаламрави Ҳиндустон ба замони лашкаркашиҳои Ғазнавиён ба ин сарзамин марбут медонанд. Аммо тибқи маълумоти мавҷуда забони форсӣ хеле бармаҳал аз лашкаркашиву забткориҳои Сабуктегину Султон Маҳмуд дар ин сарзамин роҳ ёфта будааст. Тавфиқи Субҳонӣ дар рисолаи «Нигоҳе ба таърихи адабиёти форсӣ дар Ҳинд» оид ба равобити фарҳангӣ ва қавмию нажодии Эрону Ҳиндустон аз давраҳои қадим то истилои араб дар замони хулафои рошидин (с.711 м.), дар қисмате аз Ҳинд ҷорӣ гардидани дини исломро чунин менигорад: «Ҳамроҳи сипоҳи ислом забон, адаб ва андешаи эронӣ ҳам ба Ҳинд роҳ ёфт, зеро бештари сипоҳиёни Қосим – сарфармондеҳи  араб эронӣ буданд ва Қосим худ муддати шаш моҳ дар Шероз мондаву шаст ҳазор эрониро дар миёни сипоҳиёни худ ҷо дода

буд. Забони арабӣ ҳам дар зимн ба унвони забони динӣ дар миёни мардуми Синд, ки бештари онон дини исломро пазируфта буданд, ривоҷ ёфта буд» [215, 3].

Дар замони Саффориён ва Сомониён забони гуфтугӯии мардуми Синд забони форсӣ будааст. Аз ин рӯ, тибқи хулосаи Тавфиқ Субҳонӣ андешаи шарқшиносони аврупоӣ, ки то аҳди Ғазнавиён дар Ҳинд вуҷуд надоштани осори мансуру манзуми форсиро ишора намудаанд, аз хато тарҷума кардани ибороти Истахрӣ сар задааст» [215, 3].

Муаллифи китоби «Адабиёти форсизабони Ҳиндустон» ба ҳамин масъала ишора менамояд, ки давлати таъсисдодаи мусалмонон, ки пойтахташ Мултон буд, аз сабаби заиф шудани Хилофати араб аз Бағдод ҷудо шуда ва сипоҳиёни бо оилашон дар ин қаламрав қарор гирифта, дар муҳосира монданд. Аз ин рӯ, дар ин давра оид ба таъсири фарҳанги исломии Синд ба фарҳанги халқҳои Ҳиндустон сухан рондан нашояд, зеро ислом, ки аз шамшер маҳрум шуд, ноилоҷ динҳои маҳаллиро таҳаммул кард. Ҳатто Қосим ибни Муҳаммад Тақӣ дастур дод, ки ҳангоми сохтани масҷид бутхонаҳои ҳиндувонро тахриб насозанд [364, 12].

Мувофиқи ахбори сарчашмаҳои таърихиву адабӣ аз аввалин лашкаркашии Сабуктегин ба Ҳиндустон роҳ ба тасарруфи ин кишвар оғоз гардид [211; 218; 372; 364; 215]. Султон Маҳмуди Ғазнавӣ аз соли 1002 то соли 1026 беш аз понздаҳ маротиба ба Ҳиндустон лашкар кашид. Асли мақсад аз ин ҷангҳое, ки бо шиори «ғазавот» роҳандозӣ мешуд, ғорат кардани Ҳиндустон ва ба даст даровардани сарватҳои ин сарзамин буд. Ҳангоми лашкаркашиҳои Ғазнавиён ба Ҳиндустон ҳамроҳи сипоҳиён гурӯҳ-гурӯҳ олимони дин, шоирон, пешвоёни мазҳабӣ, суфиёну дарвешону қаландарон низ ба ин кишвар муҳоҷират менамуданд ва маҳз «муҳоҷирати суфиён ва уламои дин, ки мустақиман бо фикру андеша ва руҳи мардум сарукор доштанд ва ба ҳамин ҷиҳат низ таъсири онон беш аз муҳоҷирони дигар буд, фарҳанги эронӣ дар Ҳинд густариш ёфт ва аз қарни панҷуми ҳиҷрӣ рӯй ба афзунӣ ниҳод»

[215, 5]. Табиист, ки ин ҳол барои вусъат пайдо кардани забон ва андешаву тафаккури форсӣ дар Ҳиндустон заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Тавфиқ Субҳонӣ дар асари хеш аз нуздаҳ шоирони аввалини форсигӯи Ҳинд, ки дар замони Ғазнавиён зиндагиву эҷод кардаанд, ёдоварӣ намуда, дар бораи онҳо маълумоти мухтасар дода, аз ашъорашон намунаҳо овардааст [215, 8-24].

То таъсиси сулолаи Темуриёни Ҳинд дар давраи ҳукмронии Ғуриён, Салотини Деҳлӣ, Хилҷиён, Содот (Саййидҳо), Лудиён забони порсии дарӣ дар ҳоли густариш қарор дошта, бо ин забон адибони зиёд, ки қисме аз Хуросону Мовароуннаҳр ҳиҷрат карда, қисми дигар дар ҳамин ҷо ба дунё омадаву камол ёфтаанд, осори манзуму мансур меофариданд [211;228;235;215].

Ҷалолиддин Ҳумоӣ дар бораи пайдоишу густариши адабиёти форсизабони Ҳиндустон бо такя ба сарчашмаҳои муътамад чунин навиштааст: «Нахустин шоири маҳаллӣ дар Ҳиндустон дар қарни панҷуми ҳиҷрӣ фаъолият дошт ва ӯ Абдуллоҳи Лоҳурист, ки дар Ҳинд мутаваллид шуд ва ҳамон ҷо нашъунамо ёфт [228, 292].

Дар қаламрави Ҳиндустон таъсис ёфтани империяи Темуриёни Ҳинд, ки бо номи «Муғулони Кабир» низ шинохта шудааст, боиси давраи нави рушди адабиёт бо забони порсии дарӣ дар Ҳиндустон гардид, ки минбаъд бо номи «адабиёти форсизабони Ҳинд» шуҳрат ёфт.

Бобур, ки ҳокими Фарғона буд, пас аз фишори шадиди Шайбониён ба самти Кобул рафт ва тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ соли 1501 Кобулро тасарруф намуда, беш аз пеш қаламрави худро бо тасарруфи ноҳияҳои нав ба нави Ҳиндустон вусъат афзуд. Дар ҳамин вақт Шоҳ Исмоили Сафавӣ ба Хуросон лашкар кашида, Шибекхонро шикаст дод ва Бегим-хоҳари Бобурро, ки дар ақди Шибекхон буд, бо эҳтиром ба назди Бобур фиристод, ки ин амали ӯ сабабгори пайдоиши муносибати дӯстонаву хайрхоҳона ва муҳаббати байни ду хонадон гардид. Дар ҳамин айём Султон Иброҳими Лудӣ дар Ҳиндустон ҳукумат дошт ва тибқи маълумот шахси

ситамгару мутакаббир буда, дар масоили мазҳабӣ низ бисёр мутаассибу сахтгир ба шумор мерафт. Аз ҳамин сабаб мардум аз ӯ норозӣ гашта, Бобурро ба фатҳи Ҳинд ташвиқ намуданд ва ӯ соли 1519 ба Ҳинд ҳамла карда, Султон Иброҳимро мағлуб сохт ва аз ҳамон даврон ин сарзамин таҳти тасарруфи Темуриёни Ҳинд даромад [215, 268].

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳову хулосаҳои муҳаққиқон ҳукмронии Темуриёни Ҳинд замони салтанати – Бобур (1526-1530), Ҳумоюн (1530-1539; 1555-1556), Акбар (1556-1605), Ҷаҳонгир (1605-1627), Шоҳиҷаҳон (1627-1658), Аврангзеб (1658-1707), Баҳодуршоҳ (1707-1712), Ҷаҳонгиршоҳ (1712-1713), Фаррухсияр (1713-1719), Муҳаммадшоҳ (1719-1748), Аҳмадшоҳ (1748-1754), Оламгири II (1754-1759), Шоҳолами II (1806-1837) давом ёфтааст ва охирин намояндаи ин сулола Баҳодуршоҳи II (1839-1858) маҳсуб мешавад. Ин сулола дар охирҳои давлатдории Аврангзеб пароканда шуда бошад, ҳам амалан то истилои англисҳо (1857) вуҷуд дошт. Давраи ҳукмронии Бобур, Ҳумоюн, Акбар, Ҷаҳонгир, Шоҳиҷаҳон ва Аврангзеб махсусиятҳои хоси худро дорад, ки дар бораи вазъи адабӣ дар давраҳои подшоҳии онҳо мухтасаран истода мегузарем.

Замоне, ки поягузори сулолаи Темуриёни Ҳинд Заҳируддин Муҳаммад Бобур қадам бар арсаи ҳастӣ ниҳода буд, Мовароуннаҳр маркази илму ирфону фарҳанг ба шумор рафта, дар Самарқанду Бухоро адабиёт таҳти сарпарастиву ҳимояти Темуриён ба дараҷаи камолот расида буд ва дар дарбори Ҳусайн Бойқаро Мавлоно Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Камолиддини Беҳзод ва дигар намояндагони маъруфи аҳли илму ирфон ва фарҳангу адаб гирд омада буданд. Табиист, ки муҳити мусоиди сиёсӣ ва илмиву фарҳангӣ дар тарбияти шоҳзодагони Темурӣ, аз ҷумла, Бобур таъсиргузор буд. Бобур ҳарчанд таълими расмӣ нагирифтааст, он гуна ки дар ёддоштҳои худ нигоштааст, дар назди уламои бузурге, чун Шайх Мазид, Худойӣ, Бобоқулӣ, Мавлоно Абдуллоҳ ба омӯзиш пардохтааст. Бобур дар муҳити адабпарвар ба воя расида, ба мутолиаи «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Шайх Саъдӣ, маснавиҳои Амир Хусрав

ва Низомии Ганҷавӣ, «Зафарнома»-и Шарафиддин Алии Яздӣ ва «Табақоти Носирӣ»-и Қозӣ Минҳоҷ рағбати хос доштааст. Ӯ дар замони ҳукмронӣ на танҳо аҳли адабро ба зери ҳимояи худ гирифта буд, инчунин бо забонҳои туркиву форсӣ шеър ҳам мегуфт ва тибқи маълумоти тазкираҳо ва ишоратҳо дар ёддоштҳояш гоҳо бадоҳатан ба форсӣ шеър гуфтааст. Дар нақди адабӣ ҳам дасти тамом дошта, ба ашъори шоирон бо назари интиқодӣ нигаристааст, ки дар ин бобат дар дар боби дигар муфассал хоҳем истод.

Тавфиқ Субҳонӣ маълумоти муаллифи «Таърихи адабиёти форсӣ дар дарбори Муғулони Ҳинд»-ро ислоҳ намуда менависад, ки «асомии ҳафтдаҳ тан аз шоирон, аз ҷумла Оташии Қандаҳорӣ, ки аз шуарои аҳди Акбар аст, Оҳӣ, Биноӣ, Бусаид, Баётӣ, Ҷомӣ, Ҳусайнӣ (Султон Ҳусайн Бойқаро), Суҳайлӣ, Шаҳоб, Фонӣ, Қосимӣ, Мириброҳим, Вафоии Даканӣ, Ҳотифӣ, Ҳилолӣ, ки аксари онон бо Бобур иртиботе надоштаанд, бархе аз шоирони давраҳои баъд будаанд ва бархе фақат ҳамасри Бобур будаанд ва танҳо се шоирро аз шуарои аҳди Бобур меҳисобад» [215, 278].

Замони салтанати Ҳумоюн (1530-1539) замони ноамнӣ ва муборизаҳои шадиде сар заданд, ҳатто муддате зимоми ҳокимият аз дасти пасовандони Бобур раҳо гашта буд. Зеро Шерхони афғон аз мухолифати байни бародарон истифода бурда, соли 1528 ба лашкари Ҳумоюн шабехун зад ва Ҳумоюн ноилоҷ роҳи фирорро пеш гирифта, муддати чаҳор сол дар Синд манзил гузида, баъдтар ба Хуросон рафт ва аз он ҷо ба даргоҳи Шоҳ Таҳмосп дар Қазвин паноҳ бурд. Соли 1534 бо шунидани хабари марги Шерхони афғон, барои ба даст овардани ҳокимият ба самти Ҳинд ҳаракат намуда, бо ёрии сипоҳи Шоҳ Таҳмосп шаҳрҳои Кобул ва Қандаҳорро ба тасарруфи хеш даровард ва барои фурӯ нишондани туғёни бародарон ба сӯи Деҳлӣ раҳсипор гашт. Соли 1544 лашкари ҳаштодҳазораи Сикандаршоҳро, ки дар наздикии Сарҳинд пеши роҳашро гирифта буд, торумор карда бо зафар ба Деҳлӣ ворид гашт ва пас аз понздаҳ сол сулолаи Темуриёни Ҳиндро барқарор кард.

Тибқи маълумоти муаррихон Ҳумоюн марди порсо, ботавозуъ, дилбохтаи илму адаб будааст, ки ҳамеша бо фозилону уламо маҷлисорой

намуда, дар маҷолис масъалаҳои илмиро матраҳ мекардааст. Ӯ худ адиб, шоир мунаҷҷим ва ҳунаршинос буда, ҳангоми бозгашт аз Эрон донишмандону ҳунармандонро аз он ҷо ба Ҳинд овард, ки ин ҳол нуфузи тамаддуну ҳунари мардуми форсизабонро дар Ҳинд вусъати тоза бахшид. Бо вуҷуди он ки замони салтанати Ҳумоюн аз парешониву бесуботиҳо иборат буд, вай ба шеъру шоирӣ таваҷҷӯҳи хоса дошт, аз ин рӯ аз гӯшаву канори мамлакат ба дарбори ӯ эҷодкорони зиёд рӯ меоварданд [215, 283].

Замони ҳукмронии Ҳумоюн дар Деҳлӣ ва Агра мадрасаҳо бино карда шуданд. Ҳумоюн, ки ба нуҷум дилбохтагии хоса дошт, устурлоб ҳам сохта будааст. Дар замони Ҳумоюн байни мусулмонон ва ҳиндувон таассуб аз байн рафта буд, то ҷое ки шоирон ба ду забон шеър мегуфтанд. Дар замони Ҳумоюн сию шаш тан шоирон зиндагиву эҷод кардаанд [215, 290-305].

Замони салтанати Акбаршоҳ (солҳои 1556-1605) сар то сари мамлакат амну осоиш барқарор гашт, зеро ӯ ҳамаи рақибонашро аз байн бардошта, якпорчагии кишварашро таъмин намуда тавонист. Акбаршоҳ барои мустаҳкам намудани пояи давлат ба ислоҳоти умури идорӣ даст зад. Ӯ худ қонунҳо вазъ намуд, ки расму русуми издивоҷ дар синни сағир, маҷбуран дафн кардан ё сӯзондани ҳамсар ҳангоми фавти ҳамсар бекор карда шуда, издивоҷи дубора ҳангоми фавти ҳамсар ҷоиз шуморида шуд. Тибқи маълумоти устод Айнӣ яке аз иқдомҳои муҳиме, ки Акбар пеш гирифт, низоъҳои мазҳабию динӣ бартараф карда шуд, яъне подшоҳ ба ҳамаи дин ва маслакҳои Ҳиндустон бетараф гардида, ин корро «сулҳи кулл» эълон намуд. Ва ба ин бетарафӣ «дини илоҳӣ» ном ниҳоданд. Баъд аз эълон шудани «сулҳи кулл» ба ҳамаи динҳо аз тарафи давлат бо як чашм нигоҳ карданд. Аз тарафи давлати Темуриёни Ҳинд фармон бароварда шуд, ки ҳамаи динҳо баробар буда, касе ба дини касе таарруз нанамояд, мусулмон, ҳинду, маҷусӣ, яҳудӣ ва насоро бояд бо ҳам баробар ва дӯстона зиндагӣ намоянд. Чун дар замони Акбаршоҳ дар мамлакат оромиву субот барқарору устувор гашт, ҳаёти илмиву адабӣ ҳам рушди бесобиқа пайдо намуд. Аксар муҳаққиқон давраи

салтанати ӯро замони тиллоии адабиёти форсӣ дар Ҳинд қаламдод кардаанд [211; 399; 235; 228; 194; 373; 215].

Акбаршоҳ ба баргардони асарҳои ҳиндӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, тарҷумаи «Маҳабҳарата»-ро шахсан назорат мекард. Дар давраи ӯ вазифаи маликушшуаро таъсис дода шуда, аввалин маликушшуарои дарбори вай Ғизолии Машҳадӣ буд, пас аз ӯ Абулфайзи Файзӣ маликушшуарои дарбор гардид [218; 211; 215]. Инчунин,ба супориши Акбаршоҳ китобҳои таърихӣ, илмиву адабӣ аз забонҳои арабӣ, санскрит, ҳиндӣ ва ҳатто туркӣ ба порсии дарӣ тарҷума карда мешуд, аз ҷумла аз тарафи Абурраҳими Хонихонон «Тузукии Бобурӣ» ба форсӣ таҷума карда шуд. Акбаршоҳ китобхонаи бузурге низ таъсис дод [215, 312].

Дар ҷилди аввали «Ойини Акбарӣ» таълифи Абулфазли Алломӣ таҳти унвони «Қофиясанҷон» ҳафтоду як шоири аҳди Акбар номбар гардида, дар бораи бархе аз онҳо фақат бо овардани як ё ду сатр иктифо шудааст. Дар дигар китобҳо теъдоди шоирони аҳди Акбар бисёр афзунтар аз ин шумора мебошад. Бар иловаи ин аксари шоироне, ки дар дарбори Абдурраҳими Хонихонон пайваста буданд, дар ситоиши Акбар ҳам ашъоре доранд ва ё баъдтар ба дарбори Акбар омадаанд. Ин теъдодро ҳам бояд аз шоирони дарбори Акбар ҳисобид. Ғайр аз ин бештари суханвароне, ки дар даврони Акбар зиндагӣ ба сар бурдаaанд, мадеҳасароӣ накарда, атрофи дарбор нагаштаанд ва номашон зикр ҳам нашудааст. Ҳамин тариқ, тибқи маълумоти муаллифи мазкур яксаду сию ду тан шоирон дар аҳди Акбаршоҳ зиндагӣ намудаанд [215, 332-370].

Шоҳ Ҷаҳонгир (1605-1627), ки аслан исмаш Салим буда, баъдтар Ҷаҳонгир номида шудааст, пас аз сари падар бар тахт нишаст. Аммо ҳамагӣ пас аз чанд моҳи подшоҳӣ писараш Хусрав, ки барои ба тахт нишастани падар монеа эҷод карданӣ буд, Лоҳурро ишғол намуд. Ҷаҳонгир бо лашкари зиёд ба Лоҳур рафта, писарашро зиндонӣ карда, ҳаммаслаконашро ба дор овехт. Баъдан барои амалӣ кардани нақшаҳои падар сайъ намуда, шоҳзода Хуррамро шикаст дод, инчунин, Қандаҳорро, ки минтақаи кашокаш байни

Сафавиёну Темуриёни Ҳинд буд, ба даст овард ва ниҳоят, Банголу Кашмирро, ки тобеиятро қабул намекарданд, тасарруф намуд.

Аҳди Ҷаҳонгирро муҳаққиқон давраи дарҳамомезии илму адабиёт ва ҳунари эрониву ҳиндӣ маънидод кардаанд. Ҷаҳонгир худ шоир ва нависанда буда, «Тузуки Ҷаҳонгирӣ»-ро таълиф намудааст. Ӯ аз арӯз ба хубӣ бархурдор буда, худ шеър гуфта, инчунин ашъори шоиронро интиқод ҳам кардааст.

Дар ташвиқи аҳли сухан ва адаб аз падараш бештар саъй менамуд.Дар замони салтанати Ҷаҳонгир доир ба сӣ тан суханварон, ки зиндагиву эҷод кардаанд, хабар дода мешавад [215, 392-405].

Шоҳиҷаҳон (1627-1658) панҷумин султони сулолаи Темуриёни Ҳинд ба шумор рафта, сиву як сол ҳукмронӣ кардааст. Давраи салтанати ӯ аз давраҳои дурахшони империяи Темуриёни Ҳинд ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд дар замони ҳукмронии ӯ набардҳои кӯчак рух медоданд ва амалиётҳои ҳарбӣ ба вуқуъ мепайвастанд, ҳамаи ин бесарусомониҳо берун аз пойтахт ба амал меомаданд.

Шоҳиҷаҳон мисли падару бобоёни худ олиму шоир набуд ва таснифоте ҳам надорад, аммо бо шеъру шоирӣ дӯстдории тамом дошт ва дар ҳимояву дастгирии аҳли адаб бо гузаштагони худ баробарӣ мекард. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳои адабиву таърихӣ дар даврони ҳукмронии Шоҳиҷаҳон бисту нуҳ нафар суханвар умр ба сар бурдаанд [215,492-512].

Намояндаи дигари сулолаи Темуриёни Ҳинд Аврангзеб (1658-1707) мебошад, ки панҷоҳ сол ҳукмронӣ кардааст. Дар замони ҳукуматдории Аврангзеб анъанаи шеъру адабпарварии шоҳони сулола ба таври чашмрас коҳиш ёфт, зеро Аврангзеб ба шеъру адабиёт чандон таваҷҷӯҳ надошт ва мадҳу ситоишу қасидасароии иғроқомези шоиронро намеписандид. Вай маснади маликушшуароро дар дарбор барҳам дод. Аммо тибқи хулосаи муҳаққиқон ин маънои онро надорад, ки Аврангзеб ба шеъру шоирӣ нафрат дошта бошад. Дар ҳар сурат давраи ҳукмронии Аврангзеб шеъру адаби форсӣ дар сарзамини Ҳиндустон рӯ ба таназзул ниҳод.

Он гуна, ки мушоҳида мешавад, мувофиқи маълумоти маъхазҳои адабиву таърихӣ дар даврaҳои ҳукмронии сулолаҳои Ғуриён даҳ нафар, Салотини Деҳлӣ понздаҳ нафар, Хилҷиён бисту се нафар, Содот ва Лудиён чаҳордаҳ нафар дар маҷмуъ, шасту ду нафар шоирон зиндагиву эҷод карда бошанд, дар даврaҳои ҳукмронии сулолаи Темуриёни Ҳинд дар дарбори Бобур се нафар, Ҳумоюн сию чор нафар, Акбаршоҳ яксаду сӣ нафар, Ҷаҳонгир сӣ нафар, Шоҳиҷаҳон бисту нуҳ нафар ва Авранзеб панҷоҳу шаш нафар, дар маҷмуъ, дусаду ҳаштоду нафар аҳли адаб зиндагиву эҷод намудаанд. Ин ҷо мо танҳо шумораи шоироне, ки дар даврaҳои салтанати Темуриёни Ҳинд фаъолияти эҷодӣ доштаанд овардем. Теъдоди олимону ҳунармандоне, ки аз Мовароуннаҳру Хуросон рӯ ба сӯйи Ҳинд овардаанд, ба маротиб афзунтар аст.

Мувофиқи маълумоти Аҳмад Гулчини Маонӣ теъдоди адибону ҳунармандоне, ки дар ин даврaҳои таърихӣ аз Эрон ба Ҳиндустон ҳиҷрат кардаанд, ҳафтсаду чилу панҷ нафар буда, аз дусаду панҷоҳу нуҳ нафари онҳо дар аҳди Акбар, яксаду ҳафтоду се нафар дар аҳди Ҷаҳонгир, яксаду чаҳордаҳ нафар дар аҳди Шоҳиҷаҳон ва шасту шаш нафар дар аҳди Аврангзеб ба Ҳиндустон омада будаанд [183, 6].

Устод Ҷалолиддин Ҳумоӣ оид ба пайдоишу густариши адабиёти форсизабони Ҳиндустон мулоҳизаронӣ намуда, аз ҷумла, менависад: «Таърихи адабиёти форсӣ дар Ҳиндустон аз замони Султон Маҳмуди Ғазнавӣ шурӯъ мешавад ва аз ӯ ба баъд рӯз ба рӯз ривоҷи адабиёти форсӣ дар он мамлакат афзуда шуда, ниҳоят ин, ки аз замони Султон Маҳмуд то замони Султон Бобур, яъне аз қарни чор то қарни даҳуми ҳиҷрӣ ривоҷи адабиёти форсӣ дар Ҳиндустон ба таври хос ва аз замони Бобур ба баъд ба тарзи дигар буд ва лизо таърихи адабиёти форсиро дар Ҳиндустон ба ду давраи ҷудогона тақсим кардаанд: аҳди аввал аз 392 то 930, аҳди дуввум аз 930 то 1274. Билҷумла, дар аҳди аввал адабиёти форсӣ дар Ҳиндустон ривоҷи рӯзафзун дошт, вале боз маркази адабиёти форсӣ Мовароунаҳру Хуросон буд. Аммо дар аҳди дуюм замоне омад,ки Ҳиндустон маркази адабиёти форсӣ гардид ва

аз ин ҳайс мамлакати Эрон ба дараҷаи дуюм воқеъ шуд. Донишмандони ҳиндиюласл дар ин давра беш аз пеш роғиби омӯхтани адабиёти форсӣ шуданд, аз ин раҳгузар гурӯҳе бисёр аз нависандагону гӯяндагони форсизабон дар он сарзамин рӯи кор омаданд ва ибороту маониро ба тавре адо мекарданд, ки шабоҳат ба афкору эҳсосоти онҳо дошта бошад ва аз ин ҷо, тарзи хос дар адабиёти форсӣ зуҳур шуд, ки ба сабки ҳиндӣ маъруф аст [228, 294].

Сарҳалқаи сулолаи Темуриёни Ҳинд парвардаи муҳити илмиву адабии Варорӯд буда, худ низ бо туркиву тоҷикӣ шеър мегуфт. Ин буд, ки ба аҳли илму адаб ғамхорӣ зоҳир намуда, ба рушди илму фарҳангу адаб таваҷҷӯҳи хос мабзул дошт ва ин иқдом аз ҷониби ворисони ӯ ҳам истиқбол пазируфт. Маҳз ҳамин муносибати хайрхоҳона ва дастгирии моддиву маънавии аҳли адаб аз тарафи шоҳони Темуриёни Ҳинд боиси равнақи бесобиқаи адабиёти форсизабон дар ҳавзаи адабии Ҳиндустон гардид. Дар қаламрави Ҳиндустон доираҳои адабии Деҳлӣ, Кашмир, Лоҳур, Мултон, Агра, Дакан, Бангол, Гуҷарот, Биҳор амал мекарданд ва намояндагони барҷастаи ин доираҳои адабӣ Толиби Омулӣ, Калими Кошонӣ, Носиралии Сарҳиндӣ, Шавкати Бухороӣ, Ваҳиди Қазвинӣ, Асири Шерозӣ, Соиби Табрезӣ, Ғании Кашмирӣ, Урфӣ, Мирзо Бедил, Ғолиб бо осори мондагори хеш дар нумӯи шеъри тоҷикӣ саҳми муносиб гузоштаанд.

Шоирони давраҳои мавриди таҳқиқ ҳамвора бо нигориши мавзуъҳои анъанавии ишқию ирфонӣ, баёни афкори иҷтимоӣ, ақидаҳои фалсафию ахлоқӣ ва ғояҳои башардӯстӣ, доир ба марому мақсади шеъру шоирӣ, вижагиҳои шеъри тарз, таносуби лафзу маънӣ, бартарии маънӣ аз лафз, меъёри истифодаи санъатҳои шеърӣ, дар маҷмуъ андешаҳои адабии хешро ба риштаи таҳрир кашидаанд. Омӯзиши андеша ва назариёти адабии шоирони ин давраҳо дар ривоҷу равнақи нақдушшеъри классикии тоҷик таъсири амиқ гузошта барои инкишофи нақди адабӣ дар давраҳои баъдӣ мусоидат намудаанд.

Забон ва адабиёти форсӣ дар Ҳиндустон аз аввал то охир панҷ давраи зеринро тай намудааст:

1.Давраи пеш аз ҳукумати Курагониён, забони форсӣ дар манотиқи Синд, Мултон, Лоҳур, Деҳлӣ ва Агра пешрафту тавсиа дошт;

2.Давраи Акбаршоҳ, оғози густариши забони форсӣ дар Ҳиндустон гардид;

3.Забони форсӣ дар даврони салтанати Ҷаҳонгир то миёнаи аҳди Шоҳиҷаҳон ҳамчунон равнақи худро ҳифз кард ва бисёре аз осори мазҳабии ҳиндувон ба форсӣ тарҷума шуд;

4.Бо заиф шудани силсилаи Курагониён адабиёту фарҳанг кам-кам рӯ ба завол овард;

5. Пас аз таназзули сулолаи Темуриёни Ҳинд адабиёти форсӣ дар Ҳиндустон камранг шуд ва баъд аз тасаллути анлисҳо аз байн рафт.

Намояндагони ин ҳавзаи бузурги адабӣ ба шеваю тарзу сабки ба худ хос дар таърихи адабиёти тоҷику форс саҳифаи тозае боз карда ба инкишофи адабиёт дар тамоми қаламрави забони форсии дарӣ таъсири амиқ расониданд ва таҳавуллоти азиме дар таърихи адабиёти тоҷику форс ба вуҷуд оварданд. Ин таҳавулот қабл аз ҳама дар он ифода ёфтааст, ки тарзи баён, бо ибораи дигар шеваи офариниши каломи бадеъ, аз давраҳои қаблии шеъри форсии дарӣ тафовути ҷиддӣ дошта, маонигароӣ афзалият пайдо кард. Маҳз дар ашъори шоирони ҳамин ҳавзаи адабӣ ташаккул ёфтану ба авҷи камол расидани нозукбаёниву печидагӯӣ ва тарзи тамсилу тарзи хаёл, дар маҷмуъ сабки тозае бо номи сабки ҳиндӣ, ё сабки Бедил падид омад,ки дар давраҳои минбаъдаи шеъри форсӣ мақоми хоса пайдо карда, пайравони зиёдеро ба майдони ҳунар овард ва теъдоди зиёди шоирон дар Хуросону Варорӯд дар пайравии ин сабки тоза эҷод карда, осори мондагоре таълиф намуданд.

Дар асри XVII дар Осиёи Миёна ва Ҳинд шоире набуд, ки аз таъсири ин услуб (сабки ҳиндӣ-М.М.) барканор бошад, агарчи тарафдори ин услуб набошад ҳам [399,335]. Авҷи камоли шеъри форсии ин даврон дар эҷодиёти Толиби Омулӣ, Калими Кошонӣ, Соиб ва Бедил барин суханварони мумтоз

таҷассум ёфта буд. Махсусан, Мирзо Абдулқодири Бедил пешгомтарин шоири давр буда,сабки ҳиндиро ба дараҷае расонид,ки баъдҳо ба номи «сабки бедилӣ» низ шуҳратёр гашт. Мавсуф ҳам дар корбурди воҳидҳои забон, ҳам аз ҷиҳати тарзи баён, ҳам аз ҷиҳати сабку ҳунари шоирӣ, ҳам аз ҷиҳати мавзуъ ва мундариҷаи ашъори ғиноӣ, хосатан ғазал, ҳам аз ҷиҳати баёни маонии тоза дар ғазал таҳаввулоти азиме ба вуҷуд оварда, бо «ҳузури мунаввари хеш инқилобе дар қаламрави шеър ба вуҷуд овард» [304,4].

Омӯзиши адабиёти форсизабони Ҳинд ҳам дар марказҳои таҳқиқотии шарқшиносии мамлакатҳои мухталифи Аврупо, ҳам дар Ҳиндустону Покистон ва ҳам дар Эрон, Афғонистону Тоҷикистон таваҷҷӯҳи бештари муҳаққиқонро ҷалб намудааст.

Аз шумори аввалин таълифот дар бораи адабиёти форсизабони Ҳинд, очерки маълумотнома-феҳристи «Адабиёти навини Ҳиндустон»-и Ҳерман Этте мебошад, ки соли 1894 дар Страсбург ба табъ расида, дар он феҳристи адабиёти даврони Муғулони Кабирро мураттаб сохта буд ва мусанниф ин давраро «тобистони ҳиндии адабиёти форсӣ» номидааст [364,9]. Ба андешаи Ян Рипка очерки Ҳерман Этте дар замони худаш бебаҳо буда [235,5], ба қавли Ғ.Алиев ин таълифоти арзишманд то ҳол аҳаммияти худро гум накардааст [364, 9].

Адабиётшиноси чех Ян Рипка дар китоби «Таърихи адабиёти форсу тоҷик» оид ба масъалаи пайдоиши сабки ҳиндӣ ва таъсири он ба осори адибони тоҷик андешаҳои судманд баён намудааст. «Адабиёти форсизабони Ҳинд»-и Ғ.Алиев, «Чиҳил асри адабиёти Ҳиндустон»-и И.С.Рабинович, «Адабиёти халқҳои Ҳиндустон»-и И.Д.Серебряков, ки мутаассифона нотамом мондааст, «Сабки ҳиндӣ ва мақоми он дар адабиёти форсӣ»-и Н.И. Пригарина аз ҷумлаи таълифоти арзишманди муҳаққиқони аврупоӣ маҳсуб меёбад.

Дар бораи ҳавзаи адабии Ҳиндустон ва доираҳои адабии Деҳлӣ, Кашмир, Лоҳур, Мултон, Агра, Дакан, Бангол, Гуҷарот, Биҳор ва намояндагони барҷастаи он амсоли Амир Хусрав, Ҳасани Деҳлавӣ,

Абулфараҷи Рунӣ, Масъуди Саъди Салмон, Фонии Кашмирӣ, Соиби Табрезӣ, Калими Кошонӣ, Толиби Омулӣ, Ғании Кашмирӣ, Урфӣ, Мирзо Бедил, Ғолиб китобу рисола ва мақолаҳои сершуморе ба табъ расидаанд. Зиёда аз ин, дар адабиётшиносии тоҷику форс мактабҳое чун бедилшиносӣ, ғолибшиносиву иқболшиносӣ рӯи кор омадаанд.

Перомуни адабиёти форсизабони Ҳиндустон ва намояндагони барҷастаи он дар китобҳои таърихи адабиёти Забеҳуллоҳ Сафо [211], Ҳерман Этте [235], Ҷалолиддин Ҳумоӣ [228], Тавфиқ Субҳонӣ [215], Ян Рипка [399], Расул Ҳодизода [347], Усмон Каримов [264], Садрӣ Саъдиев [338], Наҷмӣ Сайфиев [325] маълумоти муфассал дода шудааст.

Инчунин, оид ба адабиёти форсизабони Ҳинд китобу рисолаву мақолаҳои зиёде ба табъ расидаанд, ки муҳимтаринашон ба қарори зер аст: «Адабиёти форсӣ дар миёни ҳиндувон»-и Саид Абдуллоҳ, «Шеър-ул-Аҷам»-и Шиблии Нуъмонӣ, «Адабиёти форсӣ дар Ҳиндустон»-и Саид Нафисӣ, «Таърихи тафаккури исломӣ дар Ҳинд»-и Азиз Аҳмад, «Таърихи шеър ва суханварони форсӣ дар Лоҳур: аз зуҳури ислом то асри Шоҳиҷаҳон»-и Яминхони Лоҳурӣ, «Забон ва адабиёти форсӣ дар Ҳиндустон»-и Каюмарс Амирӣ, «Нигоҳе ба таърихи адаби форсӣ дар Ҳинд»-и Тавфиқ Субҳонӣ, «Адаби форсӣ ба аҳди Аврангзеб»-и Нуралҳасан Ансорӣ, «Забон ва адабиёти форсӣ дар Ҳинд», «Абутолиб Калими Кошонӣ»-и Амир Ҳасани Обидӣ, «Ганҷинаи сухан»-и Забеҳулло Сафо, «Эрони Сағир ё тазкираи шуарои порсизабони Кашмир»-и Абдулҳамиди Ирфонӣ, «Корвони Ҳинд», «Таърихи тазкираи форсӣ»-и Аҳмад Гулчини Маонӣ, «Зоири Ҳинд», «Бобурияи Ҳинд», «Сайри шеъри форсӣ»-и Абдулҳусайни Зарринкӯб, «Назми форсизабони Кашмир»-и Гардҳарӣ Лол Тику, «Авҷ ва форуди забони форсӣ дар Ҳинд»-и Ҳакима Хушназар, «Кашмир дар шеъри форсӣ» ва «Арзиши як манбаи муҳимми адабӣ»-и А. Мирзоев, «Назми форсизабони Ҳинду Покистон дар нимаи дуюми асри Х1Х ва асри ХХ»-и А. Ғаффоров, «Соки-нома в системе персидской литературы XVI-XVII вв»-и Ш.З.Суфиев, «Вазъи сиёсӣ ва адабии Ҳиндустон дар асрҳои XVI-XVII»-и О.Саидҷаъфаров, «Ташаккул ва инкишофи

адабиёти форсизабони Кашмир дар асрҳои XVI - XVII», «Тазкираҳои Сархуш ва Хушгӯ ҳамчун сарчашмаҳои нақду сухансанҷӣ»-и З. Ғаффорова ва ғ. Зимнан гуфтан ба маврид аст, ки тибқи иттилои сомонаи «Спутник»-и Тоҷикистон аз 27.02.22 ду рисолаи илмии Замира Ғаффорова таҳти унвони «Адабиёти форсӣ дар Кашмир дар асрҳои XVI-XVII», «Ҷамолии Деҳлавӣ ва маснавии «Меҳру Моҳ» бо алифбои ниёгон аз ҷониби Институти Алигарҳи Ҳиндустон ба нашр расонида шудааст.

Инчунин дар ин самт мақолаву ишораҳои С.Айнӣ, А.Ғаффоров, А.Ҳабибов, З.Аҳрорӣ, А.Алимардонов, М.Қаноатов, С.Акрамов, А.Мухторов, Р.Тағоймуродов, О.Саидҷаъфаров, Н.Нурзод арзишманд мебошанд.

Аз ибтидои ба Ҳиндустон роҳ ёфтану вусъат пайдо кардани забони форсӣ, хосатан пас аз таъсиси сулолаи Темуриёни Ҳинд дар ин сарзамин ва замони салтанати Темуриёни Ҳинд давраи ба камол расидани шеъри форсӣ ба ҳисоб меравад. Ҳатто ин давраро бо ибораи «давраи заррин» низ ифода кардаанд, ки комилан ҳақ аст. Аз ҷумла, Забеҳуллоҳи Сафо мегӯяд: «Аҳди Темуриёни Ҳинд, бе ҳеҷ гуна тардид, яке аз беҳтарин давраҳои тарвиҷи забон ва шеъри форсӣ дар сарзамини Ҳинд ва аҳди ташвиқу тарғиби муаллифону нависандагон ва шоирони порсигӯй ба ҳадди аълои имкон дар саросари даврони таърихи адабии форсист ва дигар ҳеҷ гоҳ назире нахоҳад ёфт» [211, 429].

Дар ҳамин замина Муҳаммадтақии Баҳор навиштааст: «Дар давраи Темуриёни Ҳинд ривоҷи забон ва адабиёти форсӣ дар дарбори Деҳлӣ зиёд аз дарбори Исфаҳон будааст [8,257]. Ҷалолиддини Ҳумоӣ андешаҳояшро ба таври зерин баён месозад: «Донишмандони Ҳиндустон дар муддати чанд қарн бо ишқи комил ва шавқи фаровон хидматҳои бузург ба забони форсӣ ва адабиёти Эрон карданд» [228, 292].

Ҳамин гуна баҳогузориҳо аз ҷониби Нақавӣ низ мавҷуд аст: «Эҳтимоме ки дар кишвари Ҳиндустон нисбат ба забону адабиёти форсӣ, махсусан дар қисмати фарҳангнависӣ ва тазкиратушшуаро мабзул шуда, чандин баробари корест, ки худи эрониён дар ин бора анҷом додаанд.Хидмати Ҳинду

Покистон ба забону адабиёти форсӣ назири хидмате бошад, ки эрониён ба забону адабиёти араб анҷом додаанд, ки ҳазор мартаба бештар аз худи арабҳо дар ин замина кору кӯшиш карда ва китоб навиштаанд» [190,11].

Аз ҳамаи ин гуфтаҳо бармеояд,ки аксари муҳаққиқони адабиёти тоҷику форс сари масъалаи инкишофи бесобиқаи шеър дар ҳавзаи адабиёти Ҳиндустон ҳамфикранд ва ҳеҷ ихтилофи назар миёни онҳо вуҷуд надорад.

Дар инкишофи назму наср, таърихнигорӣ ва тазкиранависӣ дар ҳавзаи адабии Ҳиндустон чанд омили объективу субъективӣ мусоидат намуд, ки зикри мухтасари онҳо лозим аст.

Мусаллам аст, ки рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз вазъи сиёсӣ вобастагии ногусастанӣ дорад. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихиву адабӣ аз ибтидои асри XVI Хуросону Мовароуннаҳрро оташи низоъҳои мазҳабӣ фаро гирифт ва набарду кашмакашҳои байни Сафавиёну Шайбониён боиси харобиҳои моддиву маънавии зиёде гашт.Табиист, ки дар чунин шароит ҳаёти илмиву фарҳангӣ рӯ ба таназзул меорад.

Адабиётшинос Аҳмад Мақбул вазъи ногувори адабии аҳди Сафавияро мавриди баррасӣ қарор дода менависад: «Шеъру адаби форсӣ дар асри сафавия дар Эрон на танҳо тараққиву ривоҷ надошт, балки баръакс рӯ ба таназзул буд. Инҳитототи шеъру адаб аз адами таваҷҷуҳи салотин ба забону адабиёти форсӣ бо ин ки баъзе аз онон табъи мавзуне доштанд ва ҳамчунин харобиҳои мамлакат ношӣ мешуд, ки дар авохири подшоҳии ин сулола комилан маҳсус ва ошкор аст. Бидуни шак, шеъри ин давра бисёр суст аст. Аммо шуарое монанди Шавкати Бухорой, Ваҳиди Қазвинӣ, Таҷаллии Урданонӣ, Асири Шерозӣ, Абулҳасани Таманно, Рафеи Қазвинӣ, Фаёзи Лоҳиҷӣ, Мухлиси Кошонӣ, Роқими Машҳадӣ ва Носеҳи Тирмизӣ вуҷуд доштанд, ки аз ин гурӯҳ Шавкат, Баҳорӣ, Ваҳиди Қазвинӣ ва Асири Шерозиро метавон дар радифи шуарои хушқареҳа қарор дод» [180,43].

Муносибати душмании рӯирости ҳукуматдорони Сафавия ба аҳли фазл, таъқибу озору шиканҷа ва ҳатто қатли аҳли илму адаб, ки бо салотин ҳамназар набуданд, дар сарчашмаҳо зикр шудааст [211; 228; 264; 347].

Устод Айнӣ дар қисми аввали асари худ «Мирзо Абдулқодири Бедил» матлаби ҷолиберо қайд намудааст: «Дар ҳамин ҷо ҳамин нуктаро қайд кардан даркор аст, ки ҳукуматҳои исломӣ, ки аз берун рафта дар Ҳиндустон ҳукмронӣ карданд, ҳамеша такягоҳи асосиашон дар навбати аввал ҳамқабилаҳои худашон ва баъд аз он умуман мусулмонон ва хусусан мусулмонони муҳоҷир буда, доимо ба оянлагони Эрон,Турон ва Арабҳо имтиёзҳои калон додаанд. Ин қоида ё одат дар замони Темуриён боз ҳам зиёдтар ривоҷ гирифт ва ҳар касе аз Эрон, аз Осиёи Миёна ба Ҳиндустон меомад, хоҳ аз ҷумлаи уламо, шуаро ва машоих бошад ва хоҳ аз табақаи сипоҳ, дар Ҳиндустон ҳурмати калон ва мартабаҳои олӣ меёфт [95, 9]. Ҳатто ҳукуматдорон ва умуман муҳоҷирон ҳар чизи ба Эрон ё Осиёи Миёна марбутро «вилоятӣ» ном мебурдаанд» [95, 10].

Дар байни ин адибони муҳоҷир як навъ рақобати эҷодӣ вуҷуд доштааст ва шоире шоистаи илтифоти салотину ҳукамо ва умаро мегардид, ки дар истеъдоду маҳорату ҳунари шоирӣ нисбат ба дигарон бартарии хешро нишон дода тавонад. Зуд-зуд барпо шудани мушоираву бадеҳагӯии шоирони номдор маҳз барои нишон додани маҳорату истеъдод ва намоиши бартарӣ бар рақибони эҷодӣ гувоҳи ҳол шуда метавонад.

Абдулҳусайни Зарринкӯб мушоироти байни шоирон бавуқуъояндаро яке аз намунаҳои инкишофи накди адабӣ маънидод карда,бадеҳагӯии ду намояндаи номдори адабиёти давр Калими Кошонӣ ва Соиби Табрезӣ,ки нисбати якдигар эҳтироми самимӣ доштанд, мисол оварда, аз ҷумла, менависад: «Баъзе аз мушоирот дар маҷлиси умаро рух менамуд ва мунтаҳӣ ба нуктасанҷиҳое дар ашъор мегашт, аз ҷумла, дар маҷлиси Зуфархон Мирзо Соиб ва Абутолиби Калим аз шеъри худ мехонданд, Хон фармуд, ки байте дар сифати лабе, ки захми дандон дошта бошад, тарҳ бояд намуд, аввал Калим ин матлаъ бар бадеҳа гуфт:

Захми дандон хубтар кард он лаби пурхандаро ,
Ҳуҷҷат, оре, беш мебошад ақиқи кандаро.

Аҳли маҷлис таҳсин ва офарин карданд, боз Мирзо Соиб гуҳари ин шеър суфт:

Бошад ба лабаш нишони дандон,

Нақше, ки ба муддао нишинад.

Маҷлисиён таҳсину офарини балеғ намуданд. Калим тоб наёварду гуфт:

Пеши ин ҷавҳариёне, ки дар ин бозоранд,

Қиммати ришта фузунтар бувад аз гавҳари мо,

Мирзо Соиб бар худ печид ва ин шеър бигуфт:

Тираруӯзӣ бин, ки мехоҳад Калими безабон,

Пеши шамъи Тур изҳори забондонӣ кунад.

Калим даст бар ханҷар гузошт, Мирзо низ мустаиди ҷанг шуд. Хони мавсуф гуфт:

-Охир ин арсаи ашъор аст,  на майдони корзор ва бо ҳам сулҳ дод [173, 432].

Ин сабқатҳои суханварон ба ҷустуҷӯи ҳам эҷодӣ ва ривоҷу равнақи адабиёт роҳ мекушод ва ба қавли Хоҷа Ҳофиз на ҳар «сустназм» дар чунин муҳит мавқеву мартаба ёфта метавонист. Ба ин маънӣ, дар қаламрави Ҳиндустон шоирони мумтоз ва соҳибмактабу тавоное зиндагиву эҷод мекарданд, ки аз таҳаввулоти ҳаёти адабӣ ҳамеша огоҳии комил доштанд ва табиист, ки байни шоирони давр ҳамеша як навъ рақобати эҷодии тозаҷӯиро падид оварда буд.

Ба қавли муҳаққиқони адабиёти форсизабони Ҳиндустон ба ғайр аз Аврангзеб ҳама шоҳону амирону вазирони сулолаи Муғулони Бузург шеърдӯсту адабпарвар буда, барои ривоҷи илм, фарҳангу адаб пайваста ғамхорӣ ва аҳли фазлро дастгирӣ мекардаанд. Ин матлабро ағлаби муҳаққиқон таъкид кардаанд. Аз ҷумла, Забеҳуллоҳи Сафо маншаи рушди бесобиқаи шеъру адаби форсиро аз саховату ҳиммати Темуриёни Ҳинд донистааст[211,445]. Шиблии Нӯъмонӣ дар ин бобат навиштааст: «Ин файзбахшиҳову инъомоти подшоҳону умаро дар тараққиву баст ва тавсеаи

шеъру адаб як омили қавӣ, балки ба манзалаи оби ҳаёт будааст. Дар тамоми мамлакат шеъру шоирӣ шаҳомату интишор пайдо намуд» [48,117].

Андешаҳои Аҳмади Мақбул дар ин масъала низ ҷолиби таваҷҷуҳанд: «Дар ин давра буд, ки адабу шеър дар Ҳинд ба охирин мароҳили камоли худ расида, пас аз он рӯ ба завол ниҳод. Ситорагони шеъру адаби форсӣ .. дар зилли ҳимояти подшоҳи шеърдӯст ва адабпарвар намунаҳои нағзу устодона аз шеъру наср ба вуҷуд меоварданд. Ҳар қасидае, ки дар Исфаҳон суруда мешуд, дар Деҳлӣ ҷавоби он дода мешуд. Ҳар шоире, ки дар Эрон андак мояе меандӯхт, ба васоиле ба дарбори Деҳлӣ ҷалб мегардид.Табъан, гӯяндагони эронӣ ба сабаби истиқболу тақдири шоистае, ки дар дарбори Шоҳиҷаҳон аз онон ба амал меомад, онро ба дарбори Сафавия тарҷеҳ медоданд. Шавқи онон нисбат ба мусофират ба Ҳинд аз абёти зер пайдост:

Асири Ҳиндаму з-ин рафтани беҷо пушаймонам,
Куҷо хоҳад расондан парфишонӣ мурғи бисмилро?

Калими Кошонӣ

Дар Эрон нест ҷуз Ҳинд орзуи рӯзгоронро,
Тамоми рӯз бошад ҳасрати шаб,рӯзадоронро

Саиди Мозандаронӣ.

Нест дар Эронзамин сомони таҳсилу камол,
То наёяд сӯйи Ҳиндустон ҳино рангин нашуд.

Салими Теҳронӣ[180,15].

Дар тазкираҳову осори таърихии давр, амсоли «Миръоти хаёл», «Тазкираи Хушгӯ», «Тазкираи Ҳусайнӣ,» «Акбарнома», «Ҳумоюннома», «Шоҳиҷаҳоннома» аз тарафи шоҳони ин сулола ба таври шоиста қадрдонӣ кардани шоирон ва ин ё он асари алоҳидаи эшон маълумоти фаровон мавҷуд аст. Инчунин дар муқаддимаи Девони Бобо Фиғонӣ гуфта мешавад,ки «аз Акбаршоҳ дар силаи як ғазал даҳ ҳазор танга муодили панҷ ҳазор рупия ба Коҳӣ ва дар силаи як қасида дусад ҳазор танга муодили даҳ ҳазор рупия ба Марвӣ расид ва Сайидоро ба амри Ҷаҳонгир ва Калиму Сайидо ва Қудсиро ба амри Шоҳиҷаҳон ба сим санҷиданд» [224,34]. На танҳо шоҳон, шоҳзо-

дагон, ҳамчунин умарову вузаро низ ба орифону олимону шоирон бахшишҳои фаровон мекарданд, масалан, вақте ки Мавлоно Шикебӣ қасди зиёрати Макка кард, Абдурраҳими Хонихонон ҳаштод ҳазор рупия «ба тариқи мумидди харҷу зарурати он сафар ба эшон дод» [173,430]. Аз ин рӯ, «касоне аз арбоби истеъдод, ки дар билоди худ маҷоли тавфиқ намедиданд, рахт ба Ҳиндустон мекашиданд ва ному нон меёфтанд ва басо, ки ба молу ҷоҳ ҳам мерасиданд» [173,230].

Он гуна, ки қаблан зикр намудем, дар давраи ҳукмронии Акбар «сулҳи кулл» эълон гардида, ҳама гуна таассуби динӣ, мазҳабӣ, қавмию нажодӣ барҳам дода шуд. Дар маҷлисҳои шоҳӣ намояндагони дину мазҳабу қавмҳои гуногун иштирок мекарданд ва ҳуқуқи ибрози назар доштанд. Принсипи ҳамзистии осоишта байни мусулмонону ҳиндувон ва мусулмонони намояндаи маҳзабҳои гуногун, ки байни ҳам рақобати шадид доштанд, фароҳам омада буд. Тибқи маълумоти устод Айнӣ «дар Лоҳур Мирзо Фӯлоди Бингбарлос Муллоаҳмад ном касеро, ки шиамазҳаб буд, аз хонааш ҷеғ зада баровarда зада кушт. Вақто ки ин хабар маълум шуд, аз тарафи давлат фармон шуд, ки Фӯлоди Бингбарлосро ба пойи фил баста дар шаҳри Лоҳур гардонда кушанд. Ин фармон ба амал омад ва аҳли таассуб аз тарс ором гирифтанд» [95, 10].

Ин гуна тадбирҳо омили кӯтоҳ гардидани дасти зӯру тааддӣ, зулму ситам нисбат ба намояндагони қавму дину мазҳабҳои гуногун гардид ва намояндагони дину мазҳаби мухталиф озодона зиндагӣ карда метавонистанд, ки ин маъниро маълумоти Абдуннабии Фахруззамонӣ дар «Майхона» тасдиқ мекунад: «Аҷаб мулке ба назари ин ҳақир даромад, арзониву фаровонӣ. Дигар яке аз хубиҳои Ҳиндустон ин ки ҳар кас дар ҳар маҳал ба ҳар тариқе зист кунад, ҳеч касро қудрати он нест, ки наҳйи он амр намояд» [135, 15].

Салотину умаро шоирони Ҳиндро низ ба таври шоиста қадрдонӣ мекардаанд. Шоирони тоҷикзабон дар ашъорашон вожаҳои ҳиндӣ ва ҳиндувон аз вожаҳои форсии дарӣ истифода кардаанд.

Яке аз омилҳои муҳими инкишофи илму адаб дар қаламрави Ҳиндустон ба авҷи камол расидани нақди адабӣ мебошад. Ҳама шоҳону шоҳзодагону амирон, ҳатто бонувони хонадони Темуриёни Ҳинд дар муҳити илму фарҳангу адаб тарбият ёфта, бо маърифати маонии каломи бадеъ, ҳусну қубҳи осори манзуму мансур ва назокату малоҳати шеър ба хубӣ ошно буданд.

Шиблии Нӯъмонӣ бо таваҷҷӯҳ ба ҳамин масъала назари хешро чунин баён намудааст: «Дар дарбори ин салотин шеъру адаб тараққӣ ва пешрафте, ки намуда, аз ин ҷиҳат буда, ки салотини мазбур худ дорои табъи мавзун ва наққоди сухан буданд. Ташхиси баду хуби калом медоданд, шуароро дар ҳар мавқеъ бозҷӯӣ мекарданд, меозмуданд, имтиёзе, ки медоданд, аз рӯйи таҳқиқ ва мабнӣ бар имтиёзи фазле будааст» [48, 7].

Абдулҳусайни Зарринкӯб дар бораи ривоҷи нақди адабӣ дар қаламрави салотини Ҳиндустон менависад: «Дар маҷолиси ин салотин (Темуриёни Ҳинд-М.М.) ва умаро нақди шеър ривоҷи тамом дошт. На фақат шуаро бар якдигар нукта мегирифтанд, балки умаро ва салотин ҳам дар нақди шеъри гӯяндагон қудрату маҳорат нишон медоданд. Достони мушоираи Нуриҷаҳонбегим бо Абутолиби Калим маъруф аст, ки аз қариҳаи интиқодии ин малика ҳикоят мекунад. Овардаанд, ки ӯ ҳар шеъре, ки бар малика арза мекард, мавриди интиқоде воқеъ мешуд ва Нурҷаҳонбегим бар аксар шеърҳояш эътироз мекард. Гӯянд рӯзе Толибро ин байт ба хотир расид ва ба хидмати бегим фиристод:

Зи шарм об шудам, обро шикасте нест,
Ба ҳайратам, ки маро рӯзгор чун бишкаст?

Бегим дар зери байт навишт, ки «ях баста шикастааст». Баъд аз он Толиб тарки мушоира намуд[174,430].

Мувофиқи маълумоти тазкираҳову осори таърихӣ, аз ҷумла «Тазкират-ул-муосирин»-и Ҳазини Лоҳиҷӣ, «Тазкираи Насрободӣ»-и Мирзо Тоҳири Насрободӣ, «Миръот-ул-хаёл»-и Шералихони Лудӣ, «Маҷолиси Ҷаҳонгирӣ»-и Абдусаттори Лоҳурӣ, «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Сироҷиддин Алихони Орзу,

«Хазоин-ул-ашъор»-и Шоҳалихони Кабири Ибодӣ ва андешаву хулосаҳои муҳаққиқон Шиблии Нӯъмонӣ, Маҳмуди Футуҳӣ, Аҳмад Гулчини Маонӣ, Абулҳсайни Зарринкӯб дар дарбори Темуриёни Ҳинд баргузории маҳфилҳову маҷлисҳои адабӣ дар ҳукми анъана даромада будааст, ки онро «маҷлиси мушоира» хондаанд, ки дар ин бора дар фасли алоҳида таваққуф хоҳем кард.

Дар ҳавзаи адабии Ҳиндустон анҷуману маҳфилҳои адабӣ дар дарбори шоҳони Курагонӣ, ҳокимони маҳаллӣ, дар манзили шоирони номдору аҳли завқ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ ба таври муназзам барпо гардида, дар ин мафоҳил маъмулан таълиму тадриси фанни шеър, ҷавоб гуфтан ба ашъори адибони номдор ва нақди маъниву нақди ислоҳ роиҷ будааст. Ҳамчунин сабқату мушоира ва мунозираҳои адабӣ нозукбаёнӣ ва гуфтани маонии тозаро дар шеъри давр ба вуҷуд овардааст. Салотину умарои сулола ағлаб адабпарвар ва дар нақди шеър чирадаст будаанд ва ашъори шоирони дарборашонро нақду ислоҳ менамудаанд, ки ин ҳол яке аз омилҳои муассири инкишофи нақди шеър маҳсуб мешавад.

Дар ин гуна маҷлису маҳфилҳои адабӣ, ки дар дарбори шоҳон барпо мегашт, худи шоҳон ҳамчун довар ширкат намуда, ҳусну қубҳи ашъори ироагардидаро қазоват мекарданд. Умарову шоҳзодагон низ тез-тез маҷлису маҳфилҳои адабӣ барпо карда, ин ё он мавзуро тарҳ менамуданд, ё мушоираву мусобиқаҳо ташкил карда, ғолибонро туҳфаҳо мебахшидаанд. Ҳамчунин, берун аз дарбори шоҳон низ маҳфилҳои адабӣ баргузор гардида, ашъори шоирон мавриди арзёбӣ қарор мегирифтааast.

Шоирони соҳибмактаб бо шогирдони худ дар маҳофили адабӣ, ки дар маконҳои умумӣ, монанди мазороти Ҳинд, масоҷид, қаҳвахонаҳо, китоб-хонаҳо ё дар манзили аҳли завқ ташкил мешуд, ҳозир мегардиданд ва ба мушоира ва мунозира мепардохтанд.

Шоирони соҳибмактаб аз қабили Бедили Деҳлавӣ, Носиралии Сарҳиндӣ, Ҳазини Лоҳиҷӣ, Афзали Сархуш, Абдулатифхони Танҳо, Абдулғанибеки Қабул, Мирзо Муиззи Фитрати Мусавӣ, Офарини Лоҳурӣ, ки ҳар яке сабку

услуби хешро дошт, дар маҳфилҳои адабӣ таълими фунуни шеър ташкил карда, шогирдон татаббуи устод намуда ин ё он мазуъро баррасӣ менамуданд. Рӯзи дигар шогирдон мусаввадаи худро барои назархоҳӣ ва ислоҳ ба устод пешниҳод мекарданд [231,98].

Ба ҳукми хулоса метавонем гуфт, ки асоси рушду пешравии адабиёти тоҷикӣ-форсӣ дар қаламрави Ҳиндустон аз омилҳои зерин иборатанд:

1. Вазъи номусоиди сиёсӣ, харобии мамлакат, муҳити нобасомони иҷтимоӣ ва маънавӣ, беқадриву хории аҳли фазл дар Хуросону Мовароуннаҳр;

2. Соҳиби имтиёзҳои зиёд будани муҳоҷирони эронитабор ва рақобати солими эҷодӣ байни шоирон;

3. Бахшишҳои моддиву маънавӣ ва пуштибонии аҳли илму адаб аз ҷониби Темуриёни Ҳинд;

4. Ҳамзистии осоишта байни дину мазҳабҳои мухталиф, фазои муносибу мусоид барои ибрози андеша дар Ҳиндустон;

5. Ривоҷи накди адабӣ дар аҳди Темуриёни Ҳинд ва салиқаву маърифати салотину умаро дар накди шеър;

6. Бозори гарми маҳфилҳои адабӣ дар марказҳои бонуфузи адабии ин сарзамин.

## Хулосаи боби якум

Дар умум зимни баррасии масоили меҳварии боби аввал ба чунин хулоса мерасем, ки баъди аз байн рафтани давлати Темуриён ва таҳти тасарруфи Шайбониён мондани ҳудуди Мовароуннаҳр, ҷангу хунрезиҳои қавмҳои Сафавӣ ва Шайбонӣ  қаламрави Хуросону Мовароуннаҳрро ба харобиву таназзул мувоҷеҳ гардонид.

Ба сари маснад омадани қизилбошиҳо дар Эрон, пуштибонии мутаассибонаи онҳо аз мазҳаби шиа ва бо ҳуҷум ба мулкҳои бегона, бо баҳонаи интишори ақоиди шиа ва қатли омми мардуми суннимазҳаб омили дигари инқирози ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва адабии давр маҳсуб мешавад. Ин

муборизаҳои мазҳабӣ то охирҳои асри XVI идома ёфта, мӯҷиби талафоти моливу ҷонии аҳолии Мовароуннаҳру Хуросон гардид.

Ин вазъи номусоиди сиёсиву иқтисодӣ мунҷар ба фурӯпошии ҳаёти илмиву адабӣ ва фарҳангӣ гардид, ки дар осори суханварони ҳамин замона баръало ба назар мерасад. Муборизаҳои офатбори мазҳабӣ адабиёти доманадори тоҷику форсро ба шохаҳои алоҳида тақсим кард.

Ташаннуҷи сиёсӣ ва иҷтимоии замон муҳити адабии дар давоми қарнҳо шаклгирифтаро пароканда сохта, робитаҳои адабии Хуросону Мовароуннаҳрро коҳиш дод ва қисми зиёди суханварон тарки ватани хеш карда, рӯ ба сӯйи Ҳиндустон оварданд, ки заминаи пайдоиши сабки наве бо номи «сабки ҳиндӣ» шуд.

Таҳлилу баррасии масъалаи таҳаввулоти адабиёти форсизабон дар Ҳинд ва омилҳои инкишофи он бо такя ба ахбори сарчашмаҳо ва пажӯҳишҳои адабиётшиносон муайян менамояд, ки то таъсиси давлати Темуриён дар сарзамини Ҳиндустон адабиёти форсизабон дар ҳолати рушд қарор дошта, шоирони мумтозе чун Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Салмони Соваҷӣ, Масъуди Саъди Салмон зиндагиву эҷод намудаанд ва осори онҳо ба сурудаҳои суханварони ҳавзаҳои адабии Хуросону Мовароуннаҳр таъсири амиқ бахшидаанд. Бештари адибони ин ҳавзаҳо дар пайравии онҳо эҷод намудаанд, аммо бо таъсиси давлати Муғулони Кабир дар фаъолияти ҳавзаи адабии Ҳиндустон таҳаввулоти намоёне ба вуҷуд омад, ки минбаъд дар тамоми қаламрави шеъру адаби форсӣ густариш ёфта, пайравони зиёде пайдо намуд.

Шоирони соҳибмактаб аз қабили Бедили Деҳлавӣ, Носиралии Сарҳиндӣ, Ҳазини Лоҳиҷӣ, Муҳаммадафзали Сархуш, Абдулатифхони Танҳо, Мирзо Абдулғанибеки Қабул, Мирзо Муиззӣ, Офарини Лоҳурӣ ҳар яке дорои сабку услуби хеш буда, мактаби шоирии худро доштаанд. Онҳо дар маҳфилҳои адабӣ таълими фунуни шеърро ташкил намуданд, ки шогирдон бо баҳрабардорӣ аз таҷрибаи устодон ба ашъори эшон ҷавобия менавиштанд.

Муҳоҷирати аҳли илму адаб ба Шибҳи қора, густариши муҳити муносиби эҷодӣ тавассути корсозӣ ва пуштибонии салотини Темурия, тарҷумаи осори Ҳинди бостон ба забони форсӣ омезиш ва таҷвизи ҷадиди суннатҳои адабии Аҷам ва Ҳиндро падид овард, ки шаклгирии сабки ҳиндӣ аз бисёр ҷиҳатҳо паёмади ҳамин ҳамгироии анъанаҳои нирӯманди ин ду сарзамини фарҳангпарвар маҳсуб мешавад. Ин вусъати чашмандози бадеӣ дар шинохти шеър ва рисолати суханвар дидгоҳҳои навро ба вуҷуд овард, ки дар таҳаввули меъёрҳои накди шеър ва ҳунари наққодӣ равшан ба назар мерасад.

# БОБИ II.
# АНВОИ НАҚДИ АДАБӢ ВА РИВОҶИ ОНҲО ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИКУ ФОРСИ АСРҲОИ XVI-XVII

Ба қавли маъруф адабиёти бадеӣ ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ инъикоси образноки ҳаёт аст. Адибон дар ҳамаи давру замонҳо ба гуфти нависандаи маъруфи фаронсавӣ Оноре де Балзак «котибони ҷамъият» ба шумор мерафтаанд, ки ҳодисаву воқеаҳо ва тағйироту таҳаввулоти ҷомеа, инчунин олами ботинӣ, эҳсосу завқ ва маънавиёти инсонро тавассути каломи бадеӣ таъсирбахшу ҳаяҷоновар ба риштаи тасвир кашидаанд. Ба андешаи пажӯҳишгарон адабиёт ва тимсоли бадеӣ тасвири хушку холии ҳодисаҳои ҷамъиятию таърихӣ, сиёсиву фарҳангӣ, ё саргузашти муқаррарии инсон, тақлиду нусхабардории ҳусни табиат набуда, тасвири образнокест, ки дорои марому мақсади ниҳоӣ буда ғояи муайянеро пайгирӣ менамояд. Маҳз ҳамин образнокиву арзишмандии эстетикӣ «хусусияти асосиву принсипиалии адабиёти бадеӣ»[410, 65] ба ҳисоб меравад.

Аз ин ҷост, ки муҳаққиқон образи адабиро «тасвири мушаххас, дар айни замон умумият додашудаи ҳаёти инсон, ки бо ёрии тахайюлот офаридашуда, дорои аҳамияти эсетикӣ мебошад»[410, 63] таъриф карда, адабиёти бадеиро ҳамчун санъате, ки тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегирад, ё худ «фаъолияти мафкуравии инсон» маънидод намудаанд [410,64].

Аз ҳамин ҷост, ки адабиёти бадеӣ дар баробари саноеи мусиқиву наққошӣ, рассомиву ҳайкалтарошӣ ва ғ. дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ таъсиргузор аст. Бино ба хулосаи донишмандон ягон ҷанбаи фаъолияти инсон нест, ки адабиёти бадеӣ онро фаро нагирифта бошад ва дар ин росто шоҳкориҳои адабии арзишманд таълиф нагардида бошад. Ба иборaи дигар, адиб ҳангоми тасвири манзараи табиат, ҳусни гулу нолаи булбул, амвоҷу тӯфони баҳру ҷӯшу хуруши наҳр,акси садои куҳу торикии ҷангали анбуҳ, хуллас, аҷоиботи ниҳону ошкори олам ҳам инсонро дар мадди назар дорад ва тавассути тасвири ҳодисаву воқеаҳои рӯзмарраи ҳаётӣ, саргузашти инсон,

воқеаҳои таърихӣ, вазъи мавҷудаи сиёсӣ, фарҳангиву иҷтимоӣ ва ахлоқии замон, орзуву омоли аҳли ҷомеаро ифода мекунад. Арзиши осори бадеиро пеш аз ҳама муносибати адиб ба масоили мутазаккира, то кадом дараҷа таъсир намудани андешаҳои суханвар ба мухотаб, созгории афкори дар асари бадеӣ баёншуда ба талаботи давру замон ва меъёрҳои фарҳангиву иҷтимову ахлоқии ҷомеа муайян менамояд.

Суханвар маҳз тавассути образнокии каломи бадеӣ ба эҳсос, зеҳну шуури инсонҳо таъсир расонида, мехоҳад бад-ин васила ғояеро, ки ҷомеа ба дарки он расидааст, ё нарасидааст, пазиро гашта ва ё қабул надорад, талқин намояд. Ба ибораи дигар, адиб бо тасвири ҳаводиси табииву таърихӣ ва ҷамъиятӣ, тасвири саргузашти инсон, олами ботинии персонажи асараш, ҳатто тасвири манзараҳои табиат диди хосаи хешро баён менамояд ва ҳадаф дорад, ки ба афкору шуури ом таъсир расонида, эҳсоси онҳоро ба таҳрик оварад ва муносибати эшонро муайян намуда, дидгоҳашонро тақвият бахшад ё тағйир диҳад.

Мусаллам аст, ки ҳар як давраи таърихӣ вобаста ба вазъи сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ инкишоф, ё инқирози соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла, ҳаёти илмию фарҳангӣ ва ахлоқӣ вижагиҳои хоси хешро дорад. Шароити таърихӣ муайиди набзи ҳаёти ҷамъиятист, ки дар осори адабӣ низ акс меёбад. Бо ибораи дигар,адабиёт нишони ҳамовозии амиқ ва ё эътирози шадид нисбат ба вазъи ҳукмфармост, ки муносибати мутақобилаи адабиёти бадеӣ ва ҷомеаро шакл медиҳад.

Намояндагони адабиёти нимаи аввали асри XVI асосан бо сабкҳои хуросонию ироқӣ эҷод карда, анъанаҳои мактаби адабии Ҳиротро идома додаанд. Аз нимаи дуюми асри XVI пайдо шудану густариш ёфтани сабки ҳиндӣ, дар асри XVII бошад, дар эҷодиёти  Мирзо Абдулқодири Бедил ба авҷи аълои рушд расидани ин сабк ва пайдо шудани пайравони зиёди ин сабк таъсири амиқи он ба давраҳои баъдии адабиёти тоҷик ва ба майдони ҳунар омадани мактаби ҷадиди адабӣ  аз шумори вижагиҳои хоси ин давра маҳсуб мешаванд.

Офарандагони каломи бадеъ муҳимтарин падидаҳои ҳаёти ҷамъиятиро ба зудӣ эҳсос мекунанд ва ба тасвир меоваранд, яъне вокунише нисбат ба зуҳуроти падидомада нишон медиҳанд, ки ин ҳол эҳсоси мардумро баран-гехта вокуниши аҳли ҷомеаро нисбат ба асари бадеӣ ба вуҷуд меоварад.

Ҳамин вокуниши аҳли ҷомеа ба асари бадеӣ омили заминагузори пайдоиши нақди адабӣ ба шумор меояд. Дар айни замон ба таъқибу фишору таҳдид, ҳатто қатл муҷозот шудани равшанфикронро метавон вокуниш ба вокуниш номгузорӣ кард. Метавон гуфт, ки ин аксуламали ҳукуматдорони ҳамон давр худ навъе нақд аст, ки дорои ҷанбаи иҷтимоӣ ва ё ангезаи сиёсиву ё ақидавист.

Нақди адабӣ аз ибтидои пайдоиш ҳамқадами адабиёти бадеист. Дар тӯли таърихи таҳаввул ва инкишофи худ на танҳо ба такомулу тараққиёти адабиёти бадеӣ роҳ кушодааст, инчунин, дар ташаккули афкори интиқодии ҷомеа таъсири бевосита расонидааст. Ба қавли Худоӣ Шарифзода «...аҳаммияти ин илм (нақди адабӣ -М.М.) нисбат ба арӯзу қофия барои таърихи адабиёт бузургтар аст» [355, 20], зеро адабиёти бадеӣ дар муайян намудани муносибати аҳли ҷомеа нисбат ба ин ё он зуҳуроти ҷамъиятӣ, аз ҷумла вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ахлоқӣ ва фарҳангию эстетикӣ нақши калидӣ мебозад.

Маънои луғавии «нақд» дар луғатҳо сара кардани динору дирам, назар кардан ба динору дирамҳо, то сара аз носара шинохта шавад; беҳин чизе баргузидан; ошкор кардани айб каломро; назар кардан ба шеъру сухан ва тамйиз додани хуби он аз бадаш, ҷудо кардани сара аз носара [17,1530], «муайян намудани арзишҳо, санҷидан,таъйин кардани қазоват ва судури ҳукм дар мавриди амр ё умурҳо» [175,18] шарҳ ёфта, фоъили он сара-кунандаи дирҳамҳо; тамйиздиҳанда миёни пули сара ва носара, сарроф, инчунин ба маънои маҷозии хурдагир, нуктасанҷ, борикбин маънидод шудааст [17, 1084].

Ба маънои истилоҳӣ нақди адабӣ навъе аз анвои улуми адабист, ки барои шинохту муайян намудани арзиши воқеии осори адабӣ аҳаммият дорад, зеро

«агар интиқод дар миён набошад, арзиши воқеии осори ҳунарӣ маълум намегардад» [174,52] ва дар он сурат ба қавли шоирони соҳибмақоме чун Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, Шайх Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Нозими Ҳиротӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ва Сайидои Насафӣ «саррофони гавҳарношинос хармуҳраро бо дурр баробар» мекарданду бозори «сустназмон» ривоҷ ёфтаву «бар фарқи ҳарифони қолабигӯй» хиште назада мемонд ва «оне, аз ҷаҳл ҳирро аз бир» фарқ намекард, худро «шоир» мехонду «ба шамъи назм ҳасудон чун муми оташдида» гудохта нагардидаву «хирасарон» даъвии «рамзошноии маънӣ» кардаву «кӯроне чанд саррофӣ» намуда, «обрӯро ба хоки тира баробар» менамуданд ва «дуздони маъонӣ» дар «суханчинӣ» густохтар гардида, каломи беманфиати тақлидӣ, ҳиҷогӯӣ ва сухани камарзиш равнақ ёфта, адабиёт мавқеъ ва имконоти «инсонсозӣ»-и худро аз даст медод ва ба бозори колои беарзишу нолозим табдил меёфт ва адиб, ки Балзак «омӯзгори одамон» номида буд, ин салоҳиятро аз даст медод ва ба гуфтаи Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ «бе шоир синаи миллат бе дил» мемонду «миллати бе шоир ба анбори гил» табдил меёфт.

Агар ба таърихи нақди адабӣ назари иҷмолӣ андозем, ба зудӣ пай хоҳем бурд, ки он аз ибтидои пайдоиш таъсири басо бузурге андар кашф, шинохту эътироф, муайян намудани арзиши воқеии каломи бадеиро бар дӯш дошта, ба ин васила на танҳо ба рушди адабиёти бадеӣ ва муаррифии шоистаи он нақш мегузорад, балки яке аз василаҳои муассири ташаккули шуури интиқодии ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Нақд дар масири таҳаввул ва татаввури худ на танҳо ба сифати яке аз омилҳои асосии ривоҷу равнақи адабиёти бадеӣ зуҳур намудааст, инчунин, дар ташаккулу инкишофи афкори интиқодии ҷомеа мустақиман таъсир бахшидааст. Нақди адабӣ, ки ҳамқадами адабиёт аст, ҳанӯз аз замони куҳан дар осори донишмандони Юнони қадим арзи вуҷуд намуда, дар таълимоти дониш-мандону ҳакимони юнонӣ, амсоли Аристофен, Суқрот, Афлотун, Арасту ва шогирдони ӯ матраҳ гардида, дар давраҳои минбаъдаи инкишофи улуми адабӣ дар адабиёти дигар халқҳои олам ривоҷ ёфт ва ҳамчун фанни

мустақил шинохта шуд. Дар ақсои олам мунаққидони бузурге монанди Ҷон Драйден, Александр Поп, Самуэл Ҷонсон, Пирс Браун дар пайдоиши мактабҳо ва равишҳои нақд саҳми назаррас доранд.

Тибқи хулосаи муҳаққиқон пайдоиш ва ривоҷи равияву шеваҳои мухталиф дар наққодиву сухансанҷӣ таҳти таъсири ғояҳои мазҳабӣ, таълимоту ақидаҳои фалсафӣ ва дидгоҳҳои ноқидону сухансанҷон дар арзишгузории осори адабӣ сурат гирифта, «ҳар маслаку машраби фалсафӣ ҷамъе аз мунаққидонро ба равишу шеваи дигар ҳидоят кардааст» [174, 65]. Бино ба андешаҳои муҳаққиқон, таълимоти Арасту дар бораи шеъру хитоба мактаби нақди класситизмро ба вуҷуд оварда, фалсафаи Декарт наққодонро ба дақиқ, муайян ва возеҳ гуфтан талқин намуд. Ба ҳамин васила равишҳои гуногуни нақди адабӣ рӯи кор омада, осори бадеиро аз паҳлӯҳои гуногун мавриди таҳлилу баррасӣ қарор доданд, ки муҳимтаринашон ба қарори зайл аст:

- Нақди ахлоқӣ;
- Нақди иҷтимоӣ;
- Нақди равоншиносӣ;
- Нақди таърихӣ;
- Нақди шуаро;
- Нақди фаннӣ(ҳирфаӣ).

Дар баробари нақди адабӣ, таърих ва назарияи адабиёт низ ба таҳқиқу пажӯҳиши паҳлуҳои мухталифи осори бадеӣ сару кор доранд, ки ҳар яке аз ин улум доираю ҳудуди мушаххас, мавзуии муайяни таҳқиқу баррасии худро дошта бошанд ҳам, аввалан бидуни объекти таҳқиқ, баъдан бидуни якдигар арзи вуҷуд доштанашон номумкин аст. Аз ин рӯ миёни донишмандон оид ба муносибати мутақобилаи ин илмҳои фунуни адабӣ ихтилофи назар ва андешаҳои мухталиф ҷой доранд ва гурӯҳе бар онанд, ки нақди адабӣ ва таҳқиқи адабӣ як мафҳуманд ва қисмати дигар равобити байни ин илмҳоро тамоман инкор месозанд [175, 18].

Устоди гурӯҳи забон ва адабиёти форсии донишгоҳи Лакҳнав доктор Осифа Замонӣ дар асараш «Муҳаққиқин ва мунтақидини маъруфи забон ва адабиёти форсии  Ҳинд дар асри бистум» [175] мафҳуми «нақд» ва бо зиндагӣ робитаи мустаҳкам доштани онро шарҳ дода, оид ба нақди адабӣ навиштааст: «Нақд ба шакли асосӣ вокуниши фитрии инсон аст ва аз ҳеч талоши шуурӣ сарчашма намегирад» [175,18].

Вай дар шуури инсон пайдо шудани аксуламали интиқодиро ба об андохтани сангреза, ки боиси пайдоиши амвоҷи зудгузар мегардад, монанд карда, ба эҳсосу таъсир робита доштани нақдро таъкид намуда менависад: «Дар шуури инсон бо дидани чизе амвоҷе ба ҳамин гуна ба шӯр меояд ва бад-ин сурат дида мешавад, ки оғози нақд бо эҳсосу таъсир робитаи мустаҳкаме дорад. Бояд гуфт, ки ҳамроҳи эҳсос шуур ҳам ба фаъолият мепардозад ва баъд аз он амали ҷустуҷӯ ва бозёбии хубӣ ва зиштиҳо оғоз мегардад, аммо бояд гуфт, ки ин амал фақат вобаста ба зиндагии худи шахс нест, балки саҳми бахшҳои гуногуни муҳити иҷтимоии вай низ дар он қобили ёдоварӣ аст ва бад-ин сурат дида мешвад, ки нақд робитае мустаҳкам бо зиндагӣ дорад» [175, 18].

Баъдан, Осифа Замонӣ мафҳуми «таҳқиқ»-ро низ шарҳ дода, таҳқиқи адабиро «санади иртиқоии зеҳни инсон» маънидод карда, бо далелу бурҳони муътамад андешаҳои як чиз будани нақди адабиву таҳқиқи адабӣ ва ҳам мавҷуд набудани равобити байни ин илмҳоро ботил ҳисобида, дар асоси хулосаҳои донишмандон Калимиддин Аҳмад, Абдулҳусайн Зарринкӯб ва Доктор Сикандар «на як чиз будани нақди адабиву таҳқиқи адабӣ ва на беробита будани нақди адабиву таҳқиқи адабӣ»-ро таъкид намуда, андешаҳояшро ҷамъбаст карда менависад: «Аз ин нуктаҳо ба таври куллӣ чунин натиҷа ба даст меояд, ки таҳқиқу нақд бидуни якдигар ба шакли воқеӣ наметавонанд вуҷуд дошта бошад» [175, 20].

Равобити ҷудонашаванда доштани таърихи санъати бадеӣ бо назарияи онро муҳаққиқу мунаққиди рус Н.Г. Чернишевский мавриди таҳқиқ қарор дода, хулосаи ҷолиби таваҷҷуҳ баровардааст: «Таърихи санъати бадеӣ ҳамун

асоси назарияи санъат хидмат мекунад, сипас назарияи санъат барои пажӯҳиши нисбатан комилтару пурратари таърихи санъат ёрӣ мерасонад. Бидуни таърихи ашё назарияи ашё вуҷуд надорад, аммо бидуни назарияи ашё таърихи он ҳам ҳеҷ маъние надорад, зеро оид ба ашёву аҳаммият ва ҳудуди он ҳам тасаввуроте вуҷуд дошта наметавонад» [410, 265-266].

Самти пажӯҳиши илми адабиётшиносии муосирро муҳаққиқини мутаққаддами тоҷику форс «улуми адабӣ» номида, анвои онро мушаххсан нишон додаанд [355, 56]. Оид ба миқдори дақиқи анвои улуми адабӣ дар байни олимон ихтилофи назар вуҷуд дошта, агар гурӯҳе дувоздаҳ навъи улуми адабиро номбар карда бошанд, гурӯҳи дигар ин миқдорро то ба понздаҳ расонидаанд [355,56]. Имрӯз таҳти мафҳуми «адиб» танҳо офарандагони каломи бадеъ дар назар мешавад, аммо тибқи маълумоти маъохизи илмиву адабӣ дар гузашта шахси дар тамоми улуми адабӣ, ё яке аз илмҳо тахассус пайдо кардаро ҳам «адиб» меномидаанд [355, 21].

Дар таърихи адабиётшиносии классикии тоҷику форс олимоне, ки ба таҳқиқи яке аз навъҳои улуми адабӣ, аз ҷумла: арӯз, қофия, нақди шеър, санъатҳои бадеӣ, иншо, илми бадеъ, илми баён машғул шудаву осори илмии арзишманд таълиф намудаанд, зиёд мебошанд, ки исми гурӯҳе аз онон дар боби аввал зикр намудем.

Нақди адабии классикии тоҷик, ки онро нақдушшеър ҳам мегуфтанд, ҳамқадами адабиёти классикӣ буда, то замони таълифи аввалин асарҳои адабиётшиносӣ, дар ашъори шоирон арзи вуҷуд дошт, ки онро нақди шоирона ҳам мегӯянд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои илмиву адабӣ ва хулосаҳои донишмандон аз устод Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ сар карда, дар ҳамаи давру замонҳо шоирон аз балоғату нафосати шеъри худ бо ифтихор сухан кардаанд ва ё оид ба нуқсу уюби шеъри шоирони дигар андешаронӣ намудаанд.

Дар ҳамаи давраҳои адабӣ шоирон дар ашъори худ андешаҳои судманде оид ба муносибати суханвар ба шеъру шоирӣ, рисолати шоир ва мақому мартабаи ӯ, таъсири ашъори ӯ дар ҷомеа, иртиботи лафзу маънӣ дар шеър,

шеъри маснуъ ва матбуъ, афкори адабии шоирони пешин баён кардаанд, ки барои равшан намудани бисёр паҳлуҳои эҷодиёти суханварон аҳаммияти муҳим доранд.

Муаллифи китоби «Шамс Қайси Розӣ-ноқиди шеър» роҷеъ ба афкори адабии шуарои асрҳои X-XII ибрози андеша намуда, вижагиҳои хоси ин шеваи нақдро дар мисоли афкори адабии суханварони давраҳои зикршуда таҳлил намудааст [355, 29-36]. Дар ин шеваи нақди адабӣ шоирон ба шеъри якдигар баҳо дода, бузургиву мартабаи гузаштагонро эътироф ва ҳисси ихлосу эҳтироми хешро баён намудаанд. Гоҳо дар пояи ашъори бузургон қарор доштани шеъри худрову пайрави эшон буданашонро таъкид намуда, гоҳо тафохуру худситоӣ карда, худро аз тамоми шоирони гузаштаву ҳамасрони хеш афзалтар донистаанд. Ҳамчунин, ба ҳасудону нотавонбинону ба қавли Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ «сустназмон» ҷавоби муносиб додаанд ва ниҳоят, барои ҳимояи сабку равиши шеъри худ ва ҳифзи мартабаи шоирӣ садо баланд кардаанд, ки муҳаққиқон ин навъи наққодиро «наққодии шуаро» номидаанд, ки бештар ҷанбаи завқӣ дорад [174, 54].

Мувофиқи хулосаҳои Худоӣ Шарифов дар ин шеваи нақд «на ҳамаи ақидаҳои назарии шоирон хусусиятҳои умумии тараққиёти адабиёти даврро ифода мекунанд. Ақидаҳои адабӣ-эстетикии шоирон мисли ҳамаи давраҳо бештар бо хусусиятҳои услубии эҷодиёти онҳо алоқаманд аст ва дар ҳамин асос то андозае хусусиятҳои субъективӣ доранд» [355,120].

Ин равиши нақди адабӣ дар адабиёти асрҳои XVI-XVII низ идома ёфтааст ва бештари суханварони шинохтаи давраҳои адабии мазкур мисли Камолиддини Биноӣ, Абдуллоҳи Ҳотифӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Нозими Ҳиротӣ, Шавкати Бухороӣ, Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Мулҳами Бухороӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил оид ба мақому мартабаи сухан, ҳунари шоирӣ, хусусиятҳои услубии ашъори хеш сухан рондаанд, ё дар ҷавоби ҳарифону муддаиён дар гуфтани шеър бартарӣ доштани худро таъкид намудаанд.

Дар давраҳои гуногуни рушди улуми адабӣ ва таълифи осори зиёди адабиётшиносӣ, амсоли «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, «Маҳосин-ул-калом»-и Марғинонӣ, «Тарҷимон-ул-балоға»-и Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ, «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-иш-шеър»-и Рашидаддини Ватвот, «Ғоят-ул-арузийин», «Канз-ул-қофия», «Ҳуҷистанома дар илми арӯз»-и Имом Ҳасани Қатто, «Ал-муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ, «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ равияи наве дар нақдушшеър падид омад, ки муҳаққиқон ин навъи нақди адабиро, ки асосан ба мувофиқату мутобиқати осори бадеӣ ба қавоиду талаботи назарияи маъмулу роиҷгардида, амсоли арӯзу қофияву саноеи бадеъ ва уюби ашъор аз ҷиҳати ҷой доштани сирқоти шеъриву таворуд ва шартҳои танзиму татаббуъ ва ҳам маъониву балоғату қавоиди забону сабк арзёбӣ карда, нақди ҳирфаӣ ё худ нақди фаннӣ номидаанд [174,342].

Равияи дигар дар инкишофи нақди адабӣ дар асрҳои XVI-XVII осори мансури адабиву ёддоштӣ, ба монанди «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Бобурнома»-и Мирзо Бобур, «Латоиф-ут-тавоиф»-и Фахриддин Алии Сафӣ ва асарҳои таърихӣ амсоли «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир мебошанд. Осори мутазаккира барои равшан намудани масоили зиёди таърихиву фарҳангӣ ва адабии асрҳои XVI-XVII аҳаммияти хосро дорост. Зеро муаллифони осори мазкур аввалан, ки дар фунуни улуми адабӣ дасти тамом дошта, худ иштирокдори маҳфилҳои илмиву адабӣ будаанд, ҷараёни бисёр маҳфилҳои илмиву адабиро бо тамоми ҷузъиёташ қаламдод намуда, андешаву бардоштҳои ҷолиби хешро воқеъбинона баён кардаанд ва ашъори адибони муосири худро таҳлилу баррасӣ намудаанд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои илмиву адабӣ дар асрҳои XVI-XVII низ мисли дигар давраҳо дар ҳавзаҳои бузурги адабӣ, аз ҷумла, дар доираҳои адабии Хуросон, Самарқанд, Бухоро ва Ҳирот маҳфилҳои илмиву адабӣ баргузор мегардиданд ва аҳли илму адаб дар ин маҳфилҳо маҳорату истеъдоди худро намоиш медодаанд, мушоираву сабқатҳо ва табъозмоиҳо баргузор намуда, оид ба ҳусну қубҳи осори якдигар изҳори назар мекардаанд, ки аз нуфузи муассири

маҳфилҳо дар такомули адабиёт, аз ҷумла инкишофи нақди адабӣ таъсиргузор будаанд. Оид ба фаъолияти маҳофили адабӣ дар марказҳои бузурги адабии давраи мавриди таҳқиқ дар фасли алоҳида таваққуф хоҳем кард.

Ниҳоят, равияи охирин интишори нақди адабӣ дар асрҳои XVI-XVII ва арзишгузории тазкиранависон аз ҳусну қубҳи ашъори шоирон мебошад, ки дар ин бора дар боби сеюм муфассал баҳс хоҳем кард.

Ҳамин тариқ, дар ин давраҳои адабӣ наққодии маҷолису маҳофили адабӣ, нақдҳои нависандагони осори ёддоштиву таърихӣ ва муаллифони тазкираҳои адабӣ дар ҳоли рушд қарор дошта, яке аз маъмултарин анвои нақди адабӣ наққодии шуаро ва ё нақди завқӣ маҳсуб мешудааст. Суханварон оид ба мақому мартабаи шоирони гузашта ва ё ҳамзамонони худ изҳори назар намуда, бад-ин васила ашъори хешро дар пояи шеъри бузургон, гоҳо аз онҳо ҳам болотар гузоштаву тафохур кардаанд. Адибони маъруфе чун Камолиддини Биноӣ, Осафӣ, Абдуллоҳи Ҳотифӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Шавкати Бухороӣ, Саққо, Сайидои Насафӣ, Соиби Табрезӣ, Низоми Ҳиротӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ба камоли ихлосмандиву эҳтироми хоса аз шуарои мутақаддам, амсоли устод Абуабдулоҳи Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Низомии Ганҷавӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Ҳасани Деҳлавӣ ёд кардаанд ва ашъори онҳоро татаббуъ гуфта, худро пайрави эшон ҳисобидаанд. Ҳамчунин аз вижагиҳои хоси ашъори худ, бозёфтҳову маъниофаринӣ ва тарзи нодири баёну бесобиқа будани шеъри волои хеш бо ҳисси ифтихор сухан рондаанд.

## 2.1. Анвои накд дар адабиёти асрҳои XVI-XVII

Осори бадеӣ барои тамоми қишри ҷомеа, ки аз намояндагони табақаҳои гуногун ва дорои ақидаву ҷаҳонбинӣ, идроку фаҳмиш, шавқу завқи гуногун иборатанд, арзишу аҳаммияти баробар надоранд ва ба ҳамаи онҳо таъсири якранг расонида наметавонанд. Аз ҳар як асари бадеӣ намояндагони гурӯҳҳои мухталиф бардошту хулосаи гуногун мебароранд ва табиист, ки муносибаташон ҳам аз ҳамдигар метавонад ба таври куллӣ фарқ дошта бошад. Масалан, агар як хонанда шефтаи маъонии бикр бошад, дигаре мафтуни вусъату баландии афкор аст. Як қисми суханварон ба масоили ақидавию идеологӣ эътибори ҷиддӣ додаанд. Боз иддае ба иншои мавзуъҳои таърихиву иҷтимоӣ майл дошта, нафароне ба талқини зебоипарастӣ, гуруҳе дар тасвири ҳолатҳои руҳиву равонии инсон чирадаст будаанд, ҳатто барои таъсирбахшии ашъори хеш тасвири ҳаёти ҷонварону манзараҳои зебои табиатро низ ҷоиз донистаанд, ки мисолашро дар адабиёти ҳар халқу миллат ба таври фаровон метавон пайдо намуд.

Ҳамин чашмандози мутафовит дар маърифати моҳияти осори адабӣ ихтилофи назарро дар равишу шеваҳои накди адабӣ падид овардааст. Оиди ин масъала Абдулҳусайни Зарринкӯб навиштааст: «Нақди адабӣ то кунун асосу қивоме наёфтааст ва бар пояи бунёди дурусте қарор нагирифтааст...» [174,29]. Тибқи андешаи ин муҳаққиқ то ҳол аз байни ҳама равишу шеваҳои басо афзуни наққодӣ дурусттарину дақиқтарин барчида нашудааст.

Дар мақолаҳои муаллифи диссертатсия махсусияти ҳар яке аз равишҳои наққодӣ дар асоси ахбори тазкираҳо ва осору афкори адабии шоирони номдори адабиёти ин давраҳо, монанди Камолиддини Биноӣ, Абдуллоҳи Ҳотифӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Нозими Ҳиротӣ, Шавкати Бухороӣ, Соиби Табрезӣ, Нозими Ҳиротӣ, Сайидои Насафӣ, Калими Кошонӣ, Толиби Омулӣ, Бедили Деҳлавӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Мулҳами Бухороӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Дар осори суханварони адабиёти асрҳои XVI-XVII навъҳои гуногуни наққодӣ, аз ҷумла нақди ахлоқӣ, иҷтимоӣ, равоншиносӣ, таърихӣ, ноққидии шуаро, нақди фаннӣ корбаст шудаанд, ки ин ҷо ба тариқи мухтасар корбандии анвои нақд дар осори суханварони даврони мадди назар сухан хоҳем ронд.

**2.1.1. Нақди ахлоқӣ**

Дар таърихи адабиёти тоҷику форс ин навъи нақд собиқаи тӯлонӣ дошта, дар нахустин тазкираи форсӣ «Лубоб-ул-албоб» аз он ёд шудааст. Нақди Авфӣ якнавохт сурат гирифта, вай бештар бо овардани намунаҳои ашъор иктифо кардааст. Пас аз он Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» ин навъи нақдро истифода кардааст. Тазкираи Давлатшоҳ бо он ки аз нигоҳи сиҳҳати асноди таърихӣ аз нуқсу таноқуз холӣ нест, аммо аз назари истифодаи нақди ахлоқӣ нисбат ба тазкираи Муҳаммад Авфӣ сареҳтару комилтар аст.

Аз муҳимтарин тазкираҳои даврони мазкур тазкираи «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ мебошад. Ӯ дар баррасиҳояш бисёр мушаххас ва бепарда андешаронӣ намудааст. Сомммирзо, чунон ки ишора кардем, нисбат ба шахсияти ахлоқӣ ва иҷтимоии шоирон ҳассосияти хоса дошта, бино ба ақидаи ӯ фазилати ахлоқӣ дар камолоти суханвар нақши муҳимме мебозад. Вай дар тазкираи худ вақте ба шарҳи ҳоли шоирони ҳиҷогӯву бадзабон мепардозад, аксаран чунин мегӯяд: «Ин китобро ҷои зикри абёти онҳо нест». Ва навиштани чунон абёти бемояе мояи бешармӣ ва беҳаёӣ аст [131,260].

Муаллифи мазкур ба риояти иффати калому одоби сухан зиёда таваҷҷӯҳ намудааст, ҳол он ки бисёр тазкиранависони дигар аз эроди абёти дур аз одобро ҷоиз ва мояи танаввуъи тазкираи худ донистаанд.

Порае аз муҳокимаҳои Соммирзо ба муносибати носолимии ахлоқӣ дар миёни шоирон ишора дорад. Аз ҷумла дар бораи Зулолии Табрезӣ навиштааст: «Дар соҳибҳуснӣ машҳур шуд ва ӯро мадад мекарданд, лоҷарам чун ришаш сар зад, дигар аз шеър дам назад, охир поймоли истихфоф шуд. Ба хаффофӣ (кафшдузӣ) иқдом менамуд [131, 248]. Ва ё дар бораи Шухии

Яздӣ чунин овардааст: «Дар маҳалле, ки ҷамолаш дар мартабаи камол буд, майли шоирӣ кард ва аз шоирон ҳар кас аз ошиқонаш шеър ба номи ӯ мегуфтанд ва ӯ гирд мекард. Ин матлаъ аз он ҷумла аст:

Дар воқеа дидем, ки шуд ёр парешон,

Гаштем аз ин воқеа бисёр парешон» [131, 267].

Вожаҳои «адаб» ва «адабиёт», ки маонии зиёди луғавию истилоҳӣ доранд, дар фарҳангҳои тафсирӣ ҳар гуна шарҳ дода шудаанд. Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо ин вожаҳо хеле муфассал шарҳ ёфтаанд [17,1552-1557], ки ин ҷо танҳо ду тафсири ин калимотро меорем: адаб иборат аст аз шинохтани чизе, ба воситаи он эҳтироз мешавад аз тамоми хато; ба кор салоҳ будан, андозаву ҳадди ҳар чизро нигоҳ доштан, ки Ҳилолӣ дар байти зерин айни ҳамин маъниро баён намудааст:

Адаб хоҳӣ, зи ҳад берун манеҳ пой,

Зи ҳар ҷониб, ки ҳастӣ, дар миён ой [138,.].

Дар собиқаи тӯлонии адабиёти тоҷикӣ-форсӣ адиберо пайдо намудан ғайриимкон аст, ки хислатҳои ҳамидаро ситоишу рафтори ношоистаро мазаммат накарда бошад, бо ибораи дигар, ба мавзуии ахлоқӣ даст назада, афкори тарбиявиро ситоиш накарда бошад.

Намояндагони равияи нақди ахлоқӣ арзиши ахлоқиро шарти асосӣ ва аслии ҳунари наққодӣ донистаанд ва осоре, ки пайвастагии амиқ бо ахлоқ дошта бошад, гарм истиқбол намуда, ситоиш ва ҳар асаре, ки хилофи ахлоқи ҳамида бошад, накӯҳиш менамудаанд. Абдулҳусайни Зарринкӯб ин равиши наққодиро чунин тавсиф кардааст: «Бисёре аз хирадмандони гузашта бар он будаанд, ки  ҳунар бояд тобеу пайрави ахлоқ бошад ва агар аз ҳудуди ахлоқ таҷовуз кунад, бад ва нописанд хоҳад буд» [174, 67]. Муҳаққиқ барои исботи андешаҳояш афкори файласуфону мутафаккирон, аз ҷумла, Афлотун, Арасту, Дидро, Ҷонсон, Толстойро меорад, ки «шеъру мусиқиву ҳунарро афрозу василае ҷиҳати тазкияи ахлоқ донистаанд» [174, 67].

Воқеан, хориҷ шудан аз доираи ахлоқ дар ҳама давру замон боиси накӯҳиши суханварони ҳиҷогӯву жожхой гардида, на танҳо обрӯву эътибори

адибро костаанд, ба рақибони шеъру адабиёт иҷозаи умуман маҳкум намудани шеъру шоирро дода ва ҳатто ба қавли Фрэнсис Бэкон шеърро «ғизои шайтон» ва «мояи ғавояту залал» ҳисобидаанд [356, 70].

Суханварони мумтози адабиёти асрҳои XVI-XVII Камолиддини Биноӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Шавкати Бухороӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Нозими Ҳиротӣ, Мутрибии Самарқандӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Малеҳои Самарқандӣ, Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Нозими Миёнколӣ дар ашъорашон ахлоқи ҳамидаро ситоиш намуда, хислатҳои номақбулро мазаммат намудаанд, ки аз тарафи муҳаққиқон, мунаққидону оммаи васеи хонандагон хуш пазируфта шудаанд ва маҳз андешаҳои созандаи ахлоқиашон боиси маҳбубияти онҳо гардидааст.

Бадомӯзи ҳавас ошиқ нагардад,
Намеояд зи гулчин боғбонӣ [133, 677].

Дар адабиёти ин давра иншо шудани осори ахлоқӣ монанди «Беҳрӯз ва Баҳром»-и Камолиддини Биноӣ, «Сифот-ул-ошиқон»-и Бадриддини Ҳилолӣ, ҳамчунин дар дигар жанрҳои адабӣ, амсоли ғазалу қитъа, қасидаву мухаммас ба таври фаровон баён шудани афкори ахлоқӣ ва маҳз аз ҳамин ҷиҳат арзёбӣ шудани осори адибон далели равнақи нақди ахлоқии аҳди мазкур аст.

Тавозуъ кун, ки ёбӣ арҷмандӣ,
Фурӯтан шав, ки бинӣ сарбаландӣ [138, 440]

Абдулғанӣ Мирзоев доир ба ҷанбаи ахлоқии эҷодиёти Биноӣ чунин мегӯяд: «Масъалаҳои ахлоқиро мумкин аст дар тамоми қисматҳои назму насри шоир дучор кард, вале маснавии «Беҳрӯзу Баҳром»-и ӯ дорои аҳаммияти хосаест. Дар ин асар на ин ки қисматҳои асосии фикрҳои табиявӣ-ахлоқии дар дигар осори худ баён кардаи Биноӣ вусъат пайдо кардаанд, балки беҳтарин фикрҳои тарбиявии таълимоти ахлоқии асрҳои X-XV тоҷик як навъ шакли ҷамъбастшавиро қабул намуда ва такмил ёфтаанд» [249, 5].

Дар эҷодиёти баъзе адибон гоҳо ҳиҷогӯиву ҳазлҳои бепарда низ ба назар

мерасад, ки бар хилофи назари ахлоқии суханварони даврони мазкур будааст. Намунаи баъзе аз ҳамин гуна ҳиҷогӯиҳо дар «Латоиф-ут-тавоиф» -и Фахриддин Алии Сафӣ [132] оварда шудааст. Мавсуф дар асари хеш аз ҳиҷогӯии Убайди Зоконӣ, ки боиси накӯҳиши Салмони Соваҷӣ гардидаву ӯро ҳаҷв намудааст, ёдовар шуда, дар ин бобат ҳикоятеро нақл намудааст [132,167].

Дар ин ҳикоят ҳарчанд миёни Убайди Зоконӣ ва Салмони Соваҷӣ ҳамдигарфаҳмиву муросо қаламдод шудааст,баҳои Фахриддин Алии Сафӣ муҳим аст, ки Убайди Зокониро дар ҳаҷвгӯйӣ бемуҳобо ва дар ҳаззолӣ беҳаё номидааст, ки худ нишонаи қобили қабул набудани ин навъи ашъор будааст.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихиву адабӣ намояндагони адабиёти асрҳои XVI-XVII дар ҳаҷву ҳиҷо низ дароздастӣ кардаанд. Бино ба қавли  Соммирзои Сафавӣ суханвароне чун Мавлоно Мурод, Мавлоно Ҳусайнӣ, Мавлоно Ҳайронӣ, Мирами Сиёҳ аз ҷумлаи шоирони ҳиҷогӯ будаанд.

Воқеан, шахс дар бораи мутоибаҳову ҳаҷвҳои бешармонаву ҳиҷогӯии адибони гуногун, ки дар бораи осори онҳо дар тазкираҳои асрҳои мазкур маълумот оварда шудааст, сухан рондани шавад, ноилоҷ ҷумлаи Соммирзоро истифода бурда «овардани он лоиқи ин варақ нест» [131,260] мегӯяд, ки ҳамин ҳол далели қобили қабул набудани ин гуна ашъор аст. Ин гуна ашъор шояд дар замони зиндагии муаллифон дар маҷолиси хоса баҳри хандаву дилхушӣ гуфта мешуданд ва то андозае шуҳрат ҳам пайдо карда буданд, аммо чун дар давраҳои минбаъда касе ин гуна ашъорро тарғибу ташвиқ накардааст, ба коми фаромӯшӣ фурӯ рафтанд ва шояд ба ҷуз аз муҳаққиқони осори муаллифон аксарият аз мавҷудияташон огоҳӣ ҳам надошта бошанд.

Сабаби рағбати шоирон ба ҳиҷогӯӣ пайванди онҳо ба ҷамоаи ҷавононе будааст, ки ба ҳаҷву масхараи якдигар, ё гурӯҳҳои мухолифашон бо истифодаи алфози аз доираи одоб берун шуғл меварзидаанд. Оид ба ин масъала адабиётшиносон Расул Ҳодизода, Усмон Каримов ва Садрӣ Саъдиев қайд кардаанд: «Сабаби дар ҷавонӣ пайваста ба гуфтани шеърҳои ҳаҷвию мутойибавӣ машғул гардидани Мушфиқӣ ва дар ин давра ба вуҷуд омадани

девони махсуси ҳаҷвиёти ӯ, чунон ки дар боби тарҷумаи ҳоли шоир ишора рафт, робитаи наздики ӯ бо тоифаи лавандон будааст. Чунон ки ҳаҷвнависи соҳибзавқи асри XII Сӯзании Самарқандӣ айёми таҳсили худ дар мадрасаи Бухоро бо тоифаи лавандон алоқа пайдо карда, ба ҳиҷогӯиву мутойиба-пардозӣ шуруъ карда буд, Мушфиқӣ низ дар солҳои таҳсил таҳти таъсири тоифаи мазкур афтода мувофиқи завқ ва талаботи онҳо истеъдоди шоирии худро бештар ба ҳаҷви шахсони ҷудогона равон кардааст» [347, 111].

Ҳамин тариқ, пас аз баррасии мухтасари яке аз навъҳои мустаъмали нақди адабии адабиёти асрҳои XVI-XVII ба хулоса омада метавонем, ки нақди ахлоқӣ яке аз қадимтарин шеваи наққодӣ буда, риояи дастурҳои ахлоқиро дар осори адабӣ муҳимтарин шарти суханварӣ арзёбӣ менамудааст. Осоре, ки ба ахлоқи ҳасана мухолиф ва ё номувофиқат аст, қатъиян маҳкум шудаанд.

Дар асрҳои мазкур суханварони зиёде, ки ному осорашонро пештар зикр намудем, тавонистаанд барои тарбияи инсони комил тавассути осори арзишмандашон хидмат намоянд, ки инро мунаққидон, олимон ва адабиёт-шиносон дар таҳқиқотҳои хеш ёдрас намудаанд.

Инчунин тазкиранигорони асрҳои мазкур дар баробари овардани шарҳи ҳол ва намунаи осори ин суханварон андешаҳояшонро иброз намуда, ашъори адибонро нақду баррасӣ намудаанд ва ҷанбаи ахлоқии навиштаҳои аксари онҳоро мавриди нақд қарор додаанд.

**2.1.2. Нақди иҷтимоӣ**

Адабиёт худ оинаи ҳаёти ҷамъият ва адиб оинадорест, ки дар осораш вазъи иҷтимоии замонашро тасвир мекунад, беш аз ин вазъи иҷтимоӣ маншаи ангезиши эҳсосу андешаи адиб ва эҷоди осори бадеист. Махсусан навъҳои ҳамосиву саҳнавӣ, ки характери барҷастаи иҷтимоӣ доранд, вазъи иҷтимоӣ ва таъсиру нуфузи онро дар ҳаёти ҷомеа бо манзараҳои пурвусъат падидор месозанд. Ҳатто жанрҳои ғиноӣ, ки дар назари аввал аз ҳиссиёти фардӣ саршор аст ва эҳсоси шодиву нишот ё дарду алам, ормону андеша ва мақсаду мароми фардеро ифода мекунад, бидуни контексти иҷтимоӣ ноқис

хоҳад буд, зеро сабабгори тағйири ҳолати рӯҳиву равонии фард (қаҳрамони лирикӣ) бо муҳити иҷтимоӣ робитаи мустақим дорад ва интишори ин гуна ашъор низ дар муҳити иҷтимоӣ имконпазир аст. Аз ҳамин ҷост, ки гурӯҳи ноқидон дар накди осори адабӣ ба асосҳои иҷтимоӣ имтиёз бахшидаанд.

Дар ҳамаи давру замонҳо таъсири муҳити иҷтимоӣ ба муҳити илмиву адабӣ мусаллам буда, ақоиду афкору завқҳо зодаи воқеияти иҷтимоӣ буда, ҳама гуна «афкору ақоиду завқҳову андешаҳо тобеи аҳволи иҷтимоӣ мебошад» [174, 71].

Дар ин равиши накди адабӣ таъсири мутақобилаи адабиёт бо ҷомеа ва ҷомеа бо адабиёт мавриди арзёбӣ қарор мегирад, яъне дар накди иҷтимоӣ расму ойин, одоб, ҷунбишу ҳаракатҳои иҷтимоие, ки дар осори адабӣ инъикос ёфтаанд, мавзуи аслии баҳс маҳсуб мешавад. Ҳарчанд табъу истеъдод, қобилияту завқи адиб асоситарин омил дар эҷоди асари адабист, аммо ӯ ҳамеша бо муштариёну талабгорони осори худ сарукордор мешавад. Барои писанди табъи толиби асар хоҳишу майли худро сарфи назар мекунад, ҳатто бар хилофи хоҳиши дил сухан мегӯяд [189,87]. Он гуна, ки Фирдавсӣ ҳаргиз хоҳиши мадҳи Султон Маҳмудро надошт, чун «Шоҳнома»-ро ба ӯ пешниҳод намуд, ночор ситоиш кард ва вақте «умедаш ба як бор барбод шуд», Султонро ҳаҷв карду гуфт:

Чу андар табораш бузургӣ набуд,
Наёрист номи бузургон шунуд.

Маълум аст, ки шоиру нависандагон низ бо тақозои ниёзҳои моддиву маишӣ доранд, аз ин рӯ асари худро барои ба даст овардани мояи маишат ба гурӯҳе ё табақае пешниҳод мекунанд. Дар гузашта ба дарбори салотин рӯй овардани адибон гувоҳи ҳол аст. Табақаҳои болоии ҷомеа дар навбати худ барои намоиши нуфузу шаҳомат ва таблиғи ақидаҳои иҷтимоиву сиёсии хеш ба адибон эҳтиёҷ доштанд. Ҳукуматдорони вақт адибонро ба дарбор даъват намуда, аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ ҳам мекарданд, ки ин воқеият «робитаи адибро бо муҳит ва ҷомеа мушаххас мекунад» [174, 72] ва таъсири муҳити иҷтимоӣ ба адабиёт нишон медиҳад. Дар сурати нуфузи адабиёт дар муҳити

иҷтимоӣ бошад, ба қавли Зарринкӯб «адабиёт омил ва муҳаррики иҷтимоӣ» [174,72] буда, адиб вазъи моддиву иҷтимоии худро сарфи назар карда, бар хилофи завқу салиқаи ҷомеа сухан мегӯяд, ҳарчанд медонад, ки ин амал боиси накӯҳиш, сарзаниш, ҳатто таҳдиду муҷозоти шадид қарор мегирад, ӯ мехоҳад, бо «муҳити худ мубориза барад, онро тағйир диҳад» [174, 72], ки ин ҳол мумкин аст барои гурӯҳе, ё табақае хушоянда бошаду барои гурӯҳ, ё табақаи дигар нописанд.

Адиб мутаваҷҷеҳ аст, ки андешаҳояш ба иззати нафси гурӯҳе ё табақае мерасад ва боиси нигаронии онҳо мегардад, аммо ӯ тибқи фармудаи Бедили Деҳлавӣ, ки:

Сахт душвор аст манзури халоиқ зистан,
Бо ҳама зиштӣ агар дар пеши худ хубам, бас аст.

амал мекунад ва ба идеали худ содиқ мемонад. Агар шоирони маддоҳ барои хотири силае ғайри хоҳиши худ шеър гӯянд, гурӯҳи дигар бо ҷуръату ҷасорат аз номусоидии муҳити иҷтимоӣ, сабабҳову омилҳои ноҷӯрии ҳаёти ҷамъиятӣ, камбудиву нуқсонҳои фоъилони ин ҳолро як-як баён карда, ҷомеаро ба фаъолиятмандии иҷтимоӣ ҳидоят мекунад.

Баъзе аз намуд ва жанрҳои адабӣ амсоли шеъри ҳамосию динӣ, мадҳияву марсия, мазҳакаву фоҷеа ҷанбаи иҷтимоӣ доранд, зеро маҳсули зиндагии иҷтимоӣ ва дорои ҳадафи иҷтимоӣ мебошанд ва «ғояти онҳо ин аст, ки дар байни табақоту афроди мухталифи иҷтимоъ интишор биёёбанд» [174, 74].

Тарафдорони нақди иҷтимоӣ, монанди Ипполит Тэн дар пайдоиши осори адабиву ҳунарӣ омили сегона-нажод, муҳити ҷуғрофӣ ва замонро муассир шуморидаанд. Аммо Абдулҳусайни Зарринкӯб ақида дорад, ки ҳарчанд ин омилҳо дар маҷмуъ дар тавлиди осори адабию ҳунарӣ таъсир гузоранд, дар коргоҳи эҷод кофӣ нестанд ва муҳимаш, истеъдоду қобилият ва илҳоми фитрии адибро, ки дар падид овардани осори ҳунар аз қудрати нажод ва муҳити ҷуғрофию замон хеле муассиртар аст, нодида мегиранд.

Дар адабиёти асрҳои XVI-XVII таъсири мутақобилаи ҷомеа ба адабиёт ва адабиёт ба ҷомеа дар мисоли хидматгузории гурӯҳи суханварони дарбор, ки ба гувоҳии сарчашмаҳои муътамади хаттӣ шеър ягона воситаи таъмини рӯзгори шоирони мазкур буда, ба қавли Малеҳои Самарқандӣ «... мадори маош аз атъимаву ашриба (хӯрокиву нушокӣ-М.М.) ва либосу палос ва ғайра ба зӯри шоирӣ ба даст меоварданд». Табиист, ки мундариҷаи ашъорашон аз мадҳу ситоиши мамдуҳашон иборат буду бас [347, 126]. Дар баробари ин, шоироне буданд, ки ба қавли Бадриддини Ҳилолӣ «нома ба номи кас накардаву инъоми касеро ҳавас нанамуда» зиндагиву эҷод кардаанд ва ҳақиқати зиндагӣ ва замонаро тасвир карда, аз беқадриву ҳоли зори аҳли илму адаб, номусоидии рӯзгор, ривоҷи зулму ситаму тааддӣ шикоят карда ва бо ҳаҷв намудан намояндагони табақаи болоиву ҳукуматдорони замон садои эътироз баланд намудаанд. Маҳз воқеияти сиёсиву иҷтимоии давр ҷараёни бо истилоҳ «адабиёти ҳунармандӣ»-ро ба миён оварда буд.

Ағлаби шоирони тавонои ин адвор ба касбу коре шуғл варзидаанд. «Шоирони хунарманд на танҳо аз ҷиҳати шумораву нуфуз, балки ба эътибори қимату моҳияти эҷодиёти худ низ дар адабиёти доираҳои шаҳр мақому манзилати ҷудогона дошта, гурӯҳи аз ҳама пешраву пешқадаме буданд. Дастовардҳои ин адабиёт пеш аз ҳама ба номи шоирони ҳунарманд вобаста мебошад. Барои тасдиқи ин фикр номбар кардани шоирони ҳунарманде чун Сайидои Насафӣ, Муҳаммадамини Сарафроз, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ ва Мулҳами Бухороӣ кифоя аст, ки аз симоҳои дурахшон ва пешқадами адабиёти давр мебошанд» [347, 126]. Ба гурӯҳи шоирони ҳунарманди ин давр Ғафури Самарқандӣ(аттор), Масеҳои Самарқандӣ (оҳангар), Манзури Самарқандӣ (музадӯз), Дории Куфинӣ (рангрез) Абдураҳими Ошиқ (аттор), Қурбони Одоб (зардӯз), Воҳиби Бухороӣ (саккок), Бадеи Ирфони Бухороӣ (чаканабардор) шомил буданд. Шоироне аз қабили Азмии Бухороӣ, Унвони Самарқандӣ ва Адои Сангчорякӣ бо деҳқонӣ иштиғол доштанд.

Дар даврони шӯравӣ ҳангоми таҳқиқу арзёбии мероси адабии намояндагони адабиёти классикӣ ба масъалаи афкори иҷтимоии адибон аҳаммияти махсус дода мешуд. Ҳолатҳои аз классикони адабиёти форсу тоҷик сохтани материалисту атеист ба ҳукми анъана даромада буд. Назари иҷмолӣ ба китобҳои таърихи адабиёти классикӣ ва китобҳои дарсии макотиби оливу миёна басанда аст бубинем, ки ифротгарой дар тафсири андешаҳои иҷтимой дар шинохти моҳияти эстетикии адабиёт монеаҳо эҷод кардааст.

Хулоса, дар ҳамаи давру замонҳо таъсири муҳити иҷтимой ба муҳити адабӣ амри воқеист ва андешаву афкори адабӣ бозтоби вазъи иҷтимой мебошад. Бинобар ин қазия, дар нақди иҷтимой таъсири мутақобилаи адабиёт ба ҷомеа ва ҷомеа ба адабиёт мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтааст.

### 2.1.3. Нақди равоншиносӣ

Бесабаб нест, ки шоирро «муҳандиси руҳи одамизод» гуфтаанд, зеро каломи адиб қодир аст бо таъсиргузорӣ ба ҳиссу рӯҳи инсон олами дигареро, ки муассиртару зеботар ва авлотар аз олами воқеӣ дар назари ӯ мебошад, ҷилвагар созад. Қуввату муъҷизаи каломи бадеъ ҳам маҳз дар ҳамин аст, ки ба хонанда ё шунаванда лаззати маънавӣ бахшида, ӯро ба ваҷду ҳаяҷон меорад ва гоҳе ба амале таҳрик медиҳад. Сухани адиби асилу мумтоз сухани берӯҳу беҷон нест, суханест, ки адиб тавассути сувари хаёл суханро ҷон бахшидаву зиндаву муассир кардааст.

Аз ҳамин ҷост, ки шоирони бузург қадру манзилати сухан ва мақоми суханварро басо баланд маънидод кардаанд. Хоқонии Шарвонӣ дар сурати ҷон набахшидан ба сухан «нанг орам» гуфта бошад, Бадриддини Ҳилолӣ суханро «ваҳй», шоирро «арши барин», суханро «сеҳр»-у шоирро «сеҳрофарин», хондааст, Абдулқодири Бедил аз эшон басо фаротар рафта, илҳоми шоириро «кайфияти эъҷоз» номида, ки аз сеҳру соҳирӣ чандин маротиба афзалтару болотар аст:

Фунуни шеър ғайр аз соҳирӣ нест ,
Забоне ҷуз забони шоирӣ нест [138, 478]

****

Муддаӣ даргузар аз даъвии тарзи Бедил,

Сеҳр мушкил, ки ба кайфияти эъҷоз расад [102, 231].

Устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Умари Хайём, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Соиби Табрезӣ, Бедили Деҳлавӣ барин бузургони адабиёти мо ба қавли Мавлоно Ҷомӣ шеърро «ба ҳадди эъҷоз» расонидаанд ва ин нуктаро адибони номовари олам ҳам эътироф карда, шогирдӣ дар мактаби адабии онҳоро орзу намудаанд.

Дар маъхазҳои илмиву адабӣ ва маълумоти тазкиранависон оид ба таъсири фавқуллодаи ашъори адибон ба сомеон ва тағйир додани ҳолати рӯҳиву равонии эшон мисолҳои зиёде оварда шудаанд. Аз ҷумла, таъсири шеъри устод Рӯдакӣ ба Насри II [331]. Ё ҳолати дигар он ки  пас аз шунидани байти зерини Мавлоно:

Он чӣ дил металабад, дар ду ҷаҳон нопайдост,

Ҷони мо гарчи ҳама ӯст, вале ҷон ба куҷост?

Гӯё Камол ва аҳли дар маҷлис ҳузурдошта ба ваҷд омада, худро ба оби ҳавз меафкананд[241,207], ё дар ҳолати ҷазабаву илҳом таълиф гардидани «Маснавии маънавӣ» ва «Девони кабир».

Ҳолати дигаре, ки адабиётшинос Аълохон Афсаҳзод тасвир намудааст, пас аз мутолиаи байти зерини Хоҷа Камоли Хуҷандӣ ба ваҷд омадани Ҳофизи Шерозист ва ишора намудани вай, ки «воқеан, пояи ин мард бузург аст»

Гуфт:Агар сар дар биёбони ғамам хоҳӣ ниҳод,

Ташнагонро муждае аз мо бубар.Гуфтам: Ба чашм[241, 212].

Ҳамчунин дар аксари сарчашмаҳои адабию таърихӣ ишора шудааст, ки аз шунидани ашъори суханварони шинохта, аз ҷумлаи Шайх Саъдиву Ҷалолиддини Румӣ, Ҳофизи Шерозиву Мавлоно Ҷомӣ фарёду фиғони сомеони суханшинос ба фалак дакка мехӯрд. Аз ҷумла, Восифӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» аз шунидани ғазали машҳури Шайх Саъдӣ бо матлаи:

Бигзор, то бигирям чун абр дар баҳорон,

К-аз санг нола хезад рӯзи видои ёрон

ҳолати руҳиву равонии сомеонро чунин тасвир кардааст: «Дар лаби дарёи Ҷайҳун фиғону гиряву нола ба авҷи гардун расид, ту гуфтӣ рӯзи растохез бархосту ҳар як аз аҳли фазл абёте, ки муносиби вақт буд, хондан гирифтанду ба гиряи ҷонсӯз дарпайвастанд»[111, 31].

Ин гуфтаҳо бар он далолат мекунанд, ки чун шеър ба рӯҳу равони сомеъ ин қадар таъсир расонида бошад, офаринандаи каломи бадеъ дар чӣ ҳолати равонӣ ин гуна осорро эҷод кардааст? Айни ҳамин масъала мавзуии баҳси нақди равоншиносӣ аст. Тарафдорони ин равиши нақд кӯшиш кардаанд, ки «ҷараёни ботинӣ ва аҳволи дарунии шоир, ё нависандаро идрок ва баён намоянд, қудрати таълифу истеъдод, таркиби завқу қареҳаи ӯро бисанҷанд, нерӯи авотифу тахайюлоти ӯро таъйин кунанд» [174, 80]. Ин равиши нақдро пайравони таълимоти фалсафии Имануил Кант, ки ҷумлаи ҳунарҳо, аз ҷумла шеъру адабро эҷоди дунёи тозаи бемисле донистаанд, бунёд гузоштаанд[174, 81].

Файласуфи машҳури Олмон Имануил Кант ин навъи нақдро аввалин маротиба ба таври илмӣ баён кардааст, ки ба ақидаи ӯ «шеъру ҳунарҳои дигар иборат аз як гуна фаъолияти ҳамоҳанг ва мутаносиби тамоми қувваи нафсонӣ аст, ки ба озодӣ ва бидуни ҳеҷ тақйид ва таъйине дар олами тасвир ва таҷассум анҷом мепазирад. Ва аз ин қарор метавон гуфт, ки ҳунар аз лиҳози равоншиносӣ иборат аст аз таносуби таъодиле байни қувваи идрок. Пас, чунон ки гузашт, ҳунар ба таври умум ва шеъру адаб алалхусус иборат аст аз таносубу ҳамоҳангии дарунӣ ва зеҳнӣ, ки байни васоит ва қувваи маърифат ҳосил мешавад ва дар зарфи эҳсос таҷаллӣ менамояд»[174, 81].

Шеъру адаб чӣ баҳри эҷодкорону чӣ баҳри мухотабу мустамеъони он таҷаллии нафсонӣ аст. Барои офарандагон аз он ҷиҳат, ки шеъру адаб тахайюлу эҷод ва таркибест, ки муҳаррики он илҳоми ҳунарӣ ва ҷазабаи завқӣ аст, барои хонандагон аз он ҷиҳат, ки шеъру адаб муҳаррикаи нафсонӣ аст, яъне ба хонанда таъсир мекунад, ӯро ба ҳаяҷон, ба шӯру шавқ ё риққат

меоварад. Ин баҳсҳо ҳама баҳси равоншиносист. Бинобар ин шеърро ҳам масъалаи равоншиносӣ ба шумор овардаанд.

Мунаққидон дар маърифати осори адабӣ аҳаммияти нақди равоншиносиро махсус таъкид намудаанд, зеро «аз назари мунаққидон шеъру адаб иборат аз равоншиносии шоир ё нависанда аст ва завқу ваҷду шӯру эҳсосу тахайюли ӯро, ки таҳти таъсири ҷазабаву илҳом сибғаи шеър гирифтааст, баён мекунад» [174, 82]. Дар шеъри шоир манбаи меҳру эҳсосоти ӯро дарёфтану муҳаррики андешаву илҳоми шоирро муайян намудан ва сифатҳову аҳволи нафсонии шоирро шинохтан мумкин аст. Воқеан асари ҳар адиби маъруфу машҳуре, ки ҳамчун офаринандаи шоҳкорӣ шинохта шудааст, аз истеъдоду қобилияти фитрии эҷодкори он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳамин истеъдоди фитрӣ ба қавли донишмандон «равоншиноси»-и ӯ дониста мешавад.

Ба ин маънӣ баҳси нақди равоншиносӣ муайян намудани моҳияти шеър ва вижагиҳои он аз лиҳози равоншиносӣ мебошад. Воқеан,маънову мазмуни осори адабӣ,аз ҷумла, шеър ҷони он аст ва ҷавҳари арзишманди он ҳам маҳз мазмуни осори адабӣ аст. Жанру оҳангу вазну услуб ба қавли Абдурраҳмони Ҷомӣ «санъату вазну қавофӣ» шакли зебои осори адабиро падид меоваранд, ки гуфтори бадеъро аз дигар навъҳои суханварӣ мумтоз месозанд.

Муаллифи китоби «Ошноӣ бо нақд» моҳият ва аслҳои равоншиносии нақди адабиро дар андешаҳои ҳакимону донишмандони мутақаддиму муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, аз ҷумла андешаи Афлотунро зикр мекунад, ки осори адабиро тақлиди хушку беманфиати табиат маънидод кардааст. Аммо Арасту бо эътироз ба ин ақида тахайюли бадеиро, ки осори адабиро нисбат ба табиат имтиёз мебахшад, муқобил мегузорад ва андешаашро ба гуфтаҳои Филип Сидней тақвият мебахшад, ки адиб: «Ҷаҳони дигаре меофаринад, ки дар он маволиду осор ё аз маволиди табиат зеботаранд ва ё шакли тозаву хосе доранд. Бинобар ин шоир фармонбардори табиат нест, ҳамкору дастёри он аст» [174, 84]. Яъне нерӯи тахайюли адиб дар тақлиди табиат муассир буда, шоир дар эҷоди шеър мазмуни асарашро аз ҷаҳони

хориҷ ҳам гирад тавассути тахайюлу истеъдоди хеш ва он олами зебои ботинӣ осори бадеии наве меофарад, ки «ҳақиқати таркиби он дар олами хориҷ вуҷуд надорад» [174,84], муҳаррики ин офаринандагӣ на таҷрибаву ба дараҷаи аъло донистани фунуни адабӣ, балки ҷазаба ва илҳом ном нерӯҳои нафсонии фитрист. Ба қавли Мавлоно Ҷомӣ «санъату вазну қавофӣ ҳаст назму нест шеър» [146].

Ҷазаба ибтидои илҳом аст, ки таҳти таъсири он «муҳарракоти қавию олии шууру виҷдони фардӣ гум мешавад ва инсон вуҷуди худро дар вуҷуди олитаре дармеёбад ва ҳисси хушбахтии комил мекунад. Ба қавли файласуфи франсуз Эмил Бутру ҷазаба ҳолатест, ки ҳангоми уруҷи он инсон он эҳсосро дорад, ки ҷуз бо як  вуҷуди воҳиде, ки вуҷуди комил аст,бо ҳеҷ чиз иртибот надорад.Бад-он гуна ҷазаба дар воқеъ ғалабаву истилои ҳолоти инфиъолии махсусест, ки дар он шахсияти таъину ҳувияти инсон ба куллӣ  маҳв мегардад ва ҷойи худро ба аҳвол, ё ҳолоти нафсонии ғайримутайине, ки дар вуҷуди инсон тасаллут ёфтааст, вомегузорад» [174, 86], ки ин ҳолро Мавлавӣ «гум шавад аз мард васфи мардумӣ» гуфтааст [100, 577]. Дар заминаи муҳокимаҳои мазкур Абдулҳусайни Зарринкӯб андешаашро ҷамъбаст намуда, менависад: «Аз ин рӯст, ки дар шоҳкориҳои адабии арзанда ва гаронбаҳое, ки таҳти таъсири ҷазаба бар нависандагону шоирон илҳом шудааст, осори таъйину ҳувияти онҳоро наметавон ёфт...» [174, 86]. Ба андешаи ин муҳаққиқ ҷазабаи аҳли ҳунар, аз ҷумла шеъру адаб аз ҷазабаи аҳли тасаввуф комилан тафовут дорад.

Алиакбари Деҳхудо дар «Луғатнома» вожаи «илҳом»-ро дар асоси шарҳу тафсири муаллифони фарҳангҳои муътабар ва таърифоти донишмандон хеле муфассал шарҳу тавзеҳ додааст, ки нуктаҳои асоситарини он иборатанд аз: «дар дил афкандан», «афкандани Худо дар дили касе амреро, ки вайро ба феъл ё тарки чизе боз дорад», «дар дил афкандани Худои таъоло чизеро». Дар истилоҳ илқои маънӣ дар дил ба тариқи файз, илқои Худои таъоло дар нафс амреро, ки барангезад ӯро ба феъле ё тарк ва он навъе аз ваҳй аст, огоҳие, ки аз ғайб дар дил афтад. Ҷурҷонӣ гӯяд:илҳом чизест, ки

дар дил илқо шавад ба тариқи файз ва гуфтаанд он чӣ аз илм дар дил афтад ва одамиро ба амал фаро хонад,бе он ки ба ояе истидлол кунад ва ба далеле назар кунад ва ин илҳом назди уламо ҳуҷҷат нест, магар назди суфия ва фарқ миёни илҳом ва эълом ин аст, ки аввалӣ ахасс (хостар-М.М.) аст, зеро эълом гоҳе аз роҳи касбу гоҳе аз роҳи танбеҳ ҳосил мешавад» [19, 83-84].

Аҳаммияту зарурати илҳомро ҳатто равоншиносони материалист ҳам қоил ҳастанд. Муаллифони китоби «Нури маърифат» дар ин хусус чунин андеша доранд: «Барои фаъолияти эҷодӣ илҳом аз бисёр ҷиҳат мусоидат мекунад. Илҳом ҳам ба нависандаю ҳам ба рассом ва ҳам ба оҳангсозу ҳам ба ҳайкалтарош зарур аст. Илҳом вақте пайдо мешавад, ки кас ба кор шавқу ҳаваси беандоза дошта бошад. Илҳом ба баланд шудани дараҷаи фаъолияти рӯҳӣ ва самаранокии кори эҷодӣ мусоидат мекунад» [308, 157-158]. Аммо ба ин андешаи муаллифон: «Илҳом на худ аз худ, балки дар натиҷаи меҳнат ва таваҷҷуҳи эмотсионалӣ пайдо мешавад» розӣ шудан мумкин нест. Зеро, аввалан, ин ғоя ба қавли худашон, ки «одам метавонад соҳибмаълумот ва донишманд бошаду аз қобилияти эҷодкорӣ маҳрум. Дар ин гуна мавридҳо чунин одамонро, ки идеяҳои нав намеофаранду ба куҳна маҳдуд мешаванд, «қомусҳои равон» меноманд гуфтаанд, мухолифат мекунад, сониян, инсонҳое ҳастанд, ки ба кор аз эҷодкорон дида афзунтар шавқу ҳавас доранд. Чунончӣ мухлиси ашаддие, ки тамоми эҷодиёти адиб ё овозхонеро ҳифз карда, ки муаллиф ба он муваффақ нагардидааст, аммо сатре ҳам эҷод карда наметавонад.

Хуллоса, илҳом ҳолати руҳию равонист, ки аз таъсири ҷазаба пайдо шуда, дорои қудрати басо бузургест, ки шоирро ба ҳаяҷон оварда, ӯро ба офариниши маънии бикру латифу тоза роҳнамун месозад.

Ҳолати илҳом бо иродаву хоҳиши эҷодкор ба вуқуъ намеояд. Ақидаву афкори уламо, фузалову удабо ва ҳатто оддитарин андешаи омиёна манбаву маншаи илҳом шуда метавонад, яъне барои зуҳури илҳом дар баробарои истеъдоди баланду ба қавли Мирзо Бедил «табъи салим» ва омодагии ботинӣ ангезаи берунӣ ҳам, ки ба қавли Зарринкӯб «равоншиносӣ имрӯз мекӯшад, то

онро аз даруни вуҷуди инсон ношӣ бишмаранд» [174, 90] низ вобастагии қавӣ дорад. Андешаи зерини Бедили Деҳлавӣ ин матлабро мусаллам медорад:

Ба ин гӯше, ки маънӣ аз тамизаш танг медорад,
Танини пашшае гар бишнавам, илҳом мегирам [11, 1338].

Офарандагони шоҳкориҳои адабӣ бидуни ҳузури илҳом андар қалб сатре гуфтан наметавонанд ва ё намехоҳанд, зеро медонанд, ки дар сурати зӯракӣ гуфтан қадри сухан паст мешавад, ба ҳамин маънӣ Абулмаонӣ басо накӯ фармуда:

Қадри сухан баланд кун аз машқи хомӯшӣ,
Ҳарфи нагуфта маънии илҳом доштааст [9, 222].

Он гуна, ки қаблан қайд намудем, дар аксар фарҳангҳои муътабар вожаи «илҳом» ба маънoии «илқои маъно дар дил тариқи файзи илоҳӣ» тафсиру таъриф шуда ва аксар адибони номӣ дар ашъорашон аз он ишоратҳо ҳам кардаанд. Агар Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ «субҳидам аз арш омадани суруши қудсиёнро, ки гӯё шеъри ӯро аз бар мекарданд», шунида бошад, Бадриддини Ҳилолӣ дили шоирро ба авҷи осмон баровярда, аз шаҳбозони қудсиошён ҳисобидааст ва давоташро чашмаи файзи Илоҳӣ ва чароғашро ба нури ҷон барафрӯхта номидааст. Бидуни тардид, чунин абёт дар ҳолати илҳом суруда шудааст ва ин андешаҳоро ва ба ҳеҷ ваҷҳ тавассути мизони мантиқу хирад баркашидан нашояд:

Забоне чун забони шоирӣ нест,
Фунуни шеър ғайр аз соҳирӣ нест.
Сухан дар қолаби вазну қавофӣ,
Барад занги малол аз табъи софӣ.
Дили шоир ба авҷи осмон аст,
Зи шаҳбозони қудсиошён аст [138, 478].

Дар адабиётшиносии классикиву муосири тоҷик нақди равоншиносӣ мавриди таҳқиқу пажӯҳиши алоҳида қарор нагирифтааст ва таълифоти алоҳидае оид ба ин навъи наққодӣ рӯйи кор наомадааст. Аммо ҷо-ҷо ба таври

пароканда ҳам бошад, дар бораи олами ботинӣ ва ҳолати рӯҳию равонии адибон ҳангоми эҷод дар маъхазҳо маълумоте сабт шудааст. Аз ҷумла, бидуни омодагирӣ ва мақсади пешакӣ бадоҳатан ашъори басо баланд, ҳатто осори калонҳаҷме гуфтани бузургони адабиёти классикии мо далели ин гуфтаҳост, ки дар ин бора дар тазкираҳои «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ, «Музаккир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ, «Латоиф-ут-тавоиф,»-и Фахриддин Алии Сафӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир намунаҳо оварда шудаанд.

Боби нуҳуми «Латоиф-ут-тавоиф»-и Фахриддин Алии Сафӣ «Дар латоифи шуаро,бадеҳа гуфтани эшон дар маҳфилҳо ва зикри баъзе аз аҷоиботи саноеии шеърӣ ва ғароиби бадеии фикрӣ» ном дошта, аз нуҳ фасл иборат аст, ки ҳазлу мутоиба ва бадеҳагӯии шоирон дар ҳузури подшоҳон, вазирон ва якдигар ҳикоёти аҷибе дорад. Фахриддин Алии Сафӣ бадеҳа гуфтани Хоҷа Исматро дар ҳузури Мирзо Бойқаро овардааст: «Гӯянд, рӯзе (Хоҷа Исмат-М.М.) барои Мирзо Бойқаро қасидае ғарро гуфта гузаронид ва Мирзо ба туркӣ парвоначиро гуфт:

- Беш юз олтин сила ба вай диҳед, яъне понсад динор.

Парвоначӣ рафту дувист динор овард ва таслими вай кард ва ӯ дар маҷлис ин қитъа бар бадеҳа бигуфту бар Мирзо хонд:

Шоҳи душмангудози дӯстнавоз,
Он ҷаҳонгир, к-ӯ ҷаҳондор аст,
Беш юз олтин маро намуд инъом,
Лутфи он шаҳ ба банда бисёр аст.
Сесад аз ҷумла ғоиб аст акнун,
Дар баротам дусад падидор аст.
Ё магар ман ғалат шунидастам,
Ё ки парвоначӣ ғалаткор аст?
Ё магар дар иборати туркӣ
«Беш юз олтин» дувист динор аст?

Мирзо бихандиду гуфт:

- «Беш юз олтин ҳазор динор аст» ва фармуд, то ҳазор динори нақд ба вай доданд [132,188].

Дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» низ бидуни омодагӣ ҷавоб гуфтани шоирон ба ашъори якдигар, бо дархости аҳли маҳфил иншо намудани руқъа, абёт ва ё бадеҳагӯӣ мисолҳои зиёд оварда шудааст.Аз ҷумла, дар «Гуфтор дар баёни имтиҳон кардани ахли фазл ин каминаро дар санъати иншо ва шикофтани он» меорад, ки боре аҳли фазли Самарқанд барои санҷидани маҳорати номанигории Зайниддин Маҳмуди Восифӣ маслиҳат мекунанд,ки ӯро ба маҷлис даъват мекунем ва ҳар яке аз ӯ бадоҳатан иншо намудани мактуберо хоҳиш мекунад.Чун ҳозир шуд, ҳар касе ба мазмунҳои мухталиф таълиф намудани руқъаро тақозо мекунад ва Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар сатҳи олӣ ин матолибро адо намуд [111, 53].

Хулоса, дарёфтани ҳолати рӯҳиву равонии шоир ва дунёи ботинии ӯ, амре мураккабу мармуз ва дар айни замон басо мароқангезу ҷолиби таваҷҷуҳи наққодӣ аст, ки то ҳол ба таври густарда таҳлилу таҳқиқ нашудааст.

**2.1.4. Нақди таърихӣ**

Инсон дар меҳвари адабиёти бадеист.Тасодуф нест, ки гоҳ-гоҳ адабиётро инсонҷӯӣ, инсонпажӯҳӣ ва инсоншиносӣ ҳам номидаанд. Аз ҳамин ҷост, ки маводи осори бадеиро пажӯҳишгарони риштаҳои мухталифи илм ба таври фаровон истифода кардаанд. Бавежа таърихнигорон ва муҳаққиқони таърихи адабиёт ҳангоми таҳлили вазъи сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, илмию адабӣ ва фарҳангӣ, ҷустуҷӯи сабабу оқибати низоъҳо, пешрафт ё таназзули  ҳаёти ҷамъиятӣ, зуҳури падидаҳои нав ва муносибати мутақобилаи байни аъзоёни ҷомеа дар давраҳои гуногуни таърихӣ ба нигоштаҳои адибон такя мекунанд. Онҳо осори суханваронро ҳамчун сарчашмаи боэътимод мавриди истифода қарор медиҳанд, ё баръакс осори адабии зиёде ҳастанд, ки бо тасвири воқеоту ҳаводиси давру замони муайян моҳияти таҳаввулоти таърихиро ошкор месозанд. Аз ин рӯ, баъзе наққодон

бар он назаранд, ки ҳаводиси таърихӣ барои муайян намудани арзиши осори адабӣ мизони асосӣ ба шумор мераванд. Аммо иддаи дигар бо инкори ин иддаои тарафдорони накди таърихӣ гуфтаанд, ки «он чӣ дар осори зебои ҳунарӣ мавриди таваҷҷӯҳи мунаққидон мебошад, фақат ҷанбаи таърихии онҳо нест» [174, 98].

Таърихи беш аз ҳазорсолаи адабиёти тоҷику форс шуарои зиёдеро ёд дорад, ки аз осори онҳо танҳо байте ва ё аз девонашон намунае ба ёдгор мондаасту бас. Осори дигари онҳо бо сабабҳои гуногун ба коми фаромӯшӣ рафтааст. Ин матлаб дар китоби муаллифи ин рисола бо номи «Тазкираи шоирони Зарафшон» ба таври муфасссал дар мисоли осори мафқуди суханварони асрҳои XVI-XIX-и болооби водии Зарафшон шарҳ дода шудааст [272].

Ба андешаи муаллифи тазкираи «Каламот-уш-шуаро» ҳар кас, ки як байт шеър бисарояд, шоир аст. Дар миёни суханвароне, ки дар ин тазкира аз онҳо ёд шуда, шоирони зиёде ҳастанд, ки танҳо як байт боқӣ мондааст. Аз ҷумла дар бораи Мулло Аълои Туронӣ менависад: «Фақирмашраб соҳиби ҳамин матлаъ буду бас:

Ҳар кӣ шуд хокнишин, баргу баре пайдо кард,
Сабз шуд дона, чу бо хок саре пайдо кард.

Аз он ҷо ки муқаррари (муътабар) суханварони хушхаёл аст.

Ба як байт даъво мусаллам бувад,
Агар мисрааш мисрае ҳам бувад.

Мувофиқи ин қавл дар ин авроқ номи аксаре марқум аст» [130, 40-41].

Ҳарчанд накди таърихӣ дар шинохти шеъру адаб муфид ва лозим аст, бо сабабҳои зерин наметавон онро дар шинохти шеъру адаб басанда шуморид:

1. Мунаққидоне, ки шеъру адабро бар асоси маводи таърих накду таҳлил мекунанд, таҳти таъсири осори адиб қарор мегиранд ва агар осори адабӣ мақбули табъашон бошад, ҳаёти адибро шарифу наҷиб, олию ибратомӯз муаррифӣ мекунанд, баръакс аз мутолиаи асари адабӣ таассуроти манфӣ бардошта бошанд, ҳаёти ӯро дар иртибот бо осораш хору залилу беравнақ

ҷилвагар месозанд. Масалан, бархе аз муҳаққиқони эронӣ дар бораи муаллифи «Тазкираи Насрободӣ» чунин андешаронӣ намудаанд: «Қазоватҳо ва интихобҳои шеъри Насрободӣ якдаст ва мунсифона нест, масалан аз писари худаш Бадеуззамон, ки шоири гумном аст, бисту як байт нақл карда, аммо аз Бедили Деҳлавӣ танҳо ду байт овардааст. Ба бархе шоирон эродҳои хосе дошта, амсоли Мирзо Исҳоқ, Халифа Султон ва нисбат ба бархе камлутфу хурдагир буда ва ба сухра аз онҳо ёд кардааст [218, 226].

2. Дар нақди адабӣ агар равиши таърихӣ тағаллуб дошта бошад, ҷанбаи илмии он ноқис хоҳад буд. Шоир метавонад аз таърих суду мадад ҷӯяд, аммо барои нақду шинохти осори ҳунарии ӯ, мизони таърих кифоя нест.

3. Нақди таърихӣ осори ҳунариро, ки ба ангезаи ҷазабаву илҳом, истеъдоди фитрӣ, ё аз таҷрибаи ҳаётӣ падид омадаанд, бо як мизон месанҷад, ки саҳеҳ нест. Амсоли он ки Насрободӣ дар тазкираи хеш аз осори Зулолии Хонсорӣ ном суханвар, ки яке аз шоирони моҷароҷӯи аҳди хеш будааст, ёдовар шуда, дар бораи вай мегӯяд: «Дар тозагӯӣ ва намаки калом фард аст, дар фанни маснавӣ тарзи тозае оварда, ки касе татаббӯи он натавонад кард, аммо абёти баландаш аз қабили эъҷоз аст» [218,233]. Аз навиштаи Насрободӣ дар бораи ин адиби барои «дигарон номақбул» пайдост, ки шеъри Зулолиро меписандидааст ва бархе абёти вайро «илҳоми ғайбӣ» шумо有идааст.

4. Гоҳо пайравони нақди таърихӣ байни ҳаёти адиб ва осори ӯ робитаи мустақим меҷӯянд, ки дар ин сурат шоир ба сифати меҳвар ва қаҳрамони достоне намоён мегардад ва ҳол он ки он достон зодаи тахайюли шоир мебошад. Дар мавриди дигар осори шоирро паёмади силсилаи воқеаҳои таърихӣ муаррифӣ мекунанд. Чунончӣ муаллифи «Тазкираи Насрободӣ» як рубоии шоири аҳди хеш Мирҳамомро, ки дар мадҳи имом Алӣ суруда буд, ба тарзи муболиғаомез васф намуда, онро баробари як девони шеър ҳисобидааст:

Ин чаҳор халифаро, ки медонӣ нағз,
Гӯям сухане бо ту зи инсоф малағз.

Бодоми хилофат аз паи гардиши даҳр,

Афканд се пуст то бурун омад мағз [218, 230].

Бо вуҷуди ин ҳама нақди таърихӣ яке аз равишҳои судманди нақди адабӣ ба шумор меравад. Ин навъи нақд дар муайян намудани сиҳҳати асноди таърихӣ дар осори адабӣ аз аҳаммияти хос бархурдор аст. Мунаққиди таърихгаро бояд саҳеҳӣ ва дурустии асноди таърихиро дар асоси далелҳои раднопазири хаттӣ дақиқан муайян намояд ва агар дар асари адабӣ таҳриф ё саҳве дар истифодаи асноди таърихӣ ҷой дошта бошад, бо овардани далели қатъӣ ба самъи муаллиф бирасонад ва дар тасҳеҳи матни осори адабӣ саҳмдор бошад, инчунин, сабабҳои роҳ ёфтани тақаллубу таҳрифро муайян ва роҳиислоҳашро пайдо кунад.

Муаллифи асари «Нақди адабӣ дар сабки ҳиндӣ»[218] ҳангоми нақду таҳлили махсусияти тазкираҳои Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва Мутрибии Самарқандӣ ба қайд овардааст: «Дар тазкираи Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ағлаби шоироне, ки инҷо номашон омадааст, дар таърихи адабиёти форсӣ чандон шуҳрате надоранд. Бештари онҳо муқаллидону назирасозони Низомии Ганҷавӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Хоҷа Ҳофизу Мавлоно Ҷомианд. Сахт дилбастаи санооти шеърӣ ва муаммогӯӣ мебошанд. Худи муаллиф низ завқи мушкилписанд дошта, шефтаи муаммо будааст. Тазкираи ӯро метавон «тазкираи муаммосозон ва таъмияпардозон донист» [218, 217].

Баробари ин мунаққиди мазкур дар интиҳо бобати арзиши таърихии ин тазкира сухан гуфта, онро аз шумори сарчашмаҳои муҳими адабиву таърихии ҳамон даврон ҳисобидааст.

Дар бораи Мутрибии Самарқандӣ навиштааст, ки вай нисбат ба устоди худ Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дониши бештаре дошта, арабиро хуб медониста, ҳатто ба ин забон шеър гуфтаву оёту ривоёт ва абёту ибороти арабӣ дар насри ӯ фаровон омадааст. Мутрибӣ ба нудрат ба нақди маъно мепардозад. Дар мавориде ҳам, ки бар муҳтавои ашъор ангушт мегузорад, бисёр гузаро рад мешавад. Масалан, вай дар бораи Шамсии Уротепагӣ ном шоир гуфтааст, ки «...хусусан дар қасоид алфози аҷибаву ғариба зикр мекунад, ки маонии

онро аз ғайри худаш ҳеҷ касе намедонад. Гӯё аз мухтареоти ӯст. Аксар бо сипоҳиён ихтилот менамояд ва худро низ дар либоси эшон меорояд. Ҳамаи аркони давлат ва аъён ҳазратро мешиносанд ва тариқаи мардумшиносиро, ки касе беҳ аз ӯ намедонад ва аз мухтассоти ӯ дар фанни шоирӣ таммоист (тамаъкор). Маълум нест, ки дар ин водӣ касе адили ӯ буда бошад. Шеърро бисёр мегӯяд...» [129, 382]. Ва инчунин бобати суханвари дигар бо номи Дуоии Бухороӣ мегӯяд: «Шоире аст дарёкаш ва суханонаш чун тухм хашхоши мушавваш. Девоне мураттаб сохта қариб ба ҳаждаҳ ҳазор байт. Мутун ва ҳавошии он китоб чунон аз ашъор мамлӯст, ки аз баёзи коғаз нишона ноадид аст, монанди шаби ялдо, ки дар вай умеди субҳ баид аст. Ҳаргиз онро аз худ ҷужо намесозад ва мегуфт, ки агар девонамро як нафас ҷое мемонам, гӯё ки қолаби беҷонам...» [129, 164 ].

Муаллифи китоби «Нақди адабӣ» ақидаи онҳоеро, ки фарқияти таърихи адабиёт ва нақди адабиро дар нақди гузаштагону муосирон маънидод кардаанд, нодуруст ҳисобида менависад: «Тафовути аслӣ байни нақд ва таърихи адабиёт дар ин аст, ки таърихи адабиёт мисли ҳар навъ таърихи дигар фақат бояд аз тариқи нақди асноду нақди шаҳодат ба таҳқиқу мутолиа пардозад, дар ҳоле ки нақд гузашта аз он тариқ метавонад аз равишҳои дигар, филмасал аз равиши ахлоқӣ, иҷтимоӣ, равоншиосӣ, фаннӣ(ҳирфаӣ) дар бораи мавзуии кори худ истифода намояд. Дар ҳар ҳол нақди таърихӣ яке аз равишҳои муассир ва муфиди нақди адабӣ мебошад» [174, 101].

Мисоли равшани таҳрифи таърих, аз ҳақиқати воқеӣ дур ва нодуруст тасвир намудани муносибати Камолиддини Биноӣ ва Алишери Навоӣ мебошад, ки дар навиштаҳои баъзе аз адибон мушоҳида карда метавонем. Дар муомилаи байни ин ду адиб муаммое вуҷуд доштааст, аммо на ба ҳадди адовату рақобати ашаддӣ ва нафрату хусумати рӯирости оштинопазир. Ин ҳолро аксарияти суханварони муосири онҳо дар навиштаҳои хеш, аз ҷумла дар «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ ва тарҷумаҳои форсии он, «Бобурнома»-и Мирзо Бобур, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ишора намудаанд. Дар ҳамаи ин сарчашмаҳо муносибати ҳасана ва

нисбати якдигар эҳтиром доштани адибонро бо овардани далелу бурҳон таъкид намудаанд. Мутаассифона, баъзе муҳаққиқон дар асоси нақлҳои афсонамонанд, ки дар сарчашмаҳои хаттӣ зикр нашудааст, дар бораи Биноӣ андешаҳои пурғараз иброз намудаанд, ки қобили қабул нест ва аз арзишҳои инсониву эҳсоси эҳтиром дур мебошад. Чунончӣ Комил Яшин дар «Навоӣ» ном романаш симои Биноиро ҳамчун шахси тиработину сияҳкор, бадхоҳу душмани Навоӣ ва забону фарҳанги туркон қаламдод кардааст, ки бар хилофи асноди таърихист.

Абдулғанӣ Мирзоев дар яке аз бобҳои китоби «Биноӣ» дар асоси қавли Алишер Навоӣ ва Камолиддин Биноӣ ва дигар муосирони онҳо сабаб ва оқибатҳои пайдоиши ин бадгумониҳоро мавриди баррасӣ қарор дода, на танҳо бебунёдии афкори мунташир, таҳрифи ҳақиқати таърихӣ, балки тамоман муқобили санаду асноди таърихӣ будани он ақидаҳоро ба исбот расонидааст [276, 57-88].

Баъзе муҳаққиқону мунаққидон қаробати шаклӣ доштани вожаҳои «турон»-ро бо вожаи «турк» ҳамчун далел истифода бурда, дар «Шоҳнома» сарзамини «туркон» будани вожаи «турон»-ро аддао доранд, ки дар ин ҳолат ҳам таҳрифи ҳақиқати таърихӣ аст, зеро вожаи «турон» ба турку Туркистон ҳеҷ гуна муносибате надорад. Дар ин маврид ҳам сухани охиринро дар асоси асноду бурҳон ва мадраки таърихӣ нақди таърихӣ гуфта тавонаду бас.

**2.1.5. Нақди фаннӣ(ҳирфаӣ)**

Дар назари аввал чунин менамояд, ки адиб дар таълифи осори адабӣ, интихоби мавзуъ, сабку шеваи таълиф, истифодаи васоити муассири баён, яъне санъатҳои бадеӣ, жанру анвои адабӣ, гуфтани шеъри матбуъ ё маснуъ, сохти композитсионии сужет ва ғ. соҳибихтиёр аст. Дар асл, ҳама гуна анвои осори бадеъ дар доираи талаботи қонуният ва қоидаву тартибу низоми дар давоми қарнҳо шаклгирифтаву эътирофгардида, чӣ аз ҷиҳати шаклу мазмун, чӣ аз ҷиҳати навъу намуду жанри адабӣ, чӣ аз ҷиҳати образнокиву бадеияту сабку услуб, чӣ аз ҷиҳати ғояву сохти композитсиониву қавоиди дохилии сужет ва забону тарзи баён таълиф карда мешавад ва адиб бояд талаботи

маъмулу роиҷро риоя намояд. Дар сурати сарфи назар шудани унсурҳои мутадовили шаклу мазмун асари бадеӣ мавриди интиқоди донандагони улуми адабӣ қарор мегирад, ки онро нақди фаннӣ номидаанд.

Маҳз дар ҳамин ҳолат равобити ногусастании назарияи адабиёт ва нақди адабӣ равшан ба мушоҳида мерасад. Дар ин навъи нақд ноқид сиҳатии шаклу мазмун, риояи таносуби калом, риояи қавоиди арӯзу қофия, забон, тарзи баён, қавоиди назира, тазмин, сирқоту таворуд ва дурустии маъниро мавриди арзёбӣ қарор медиҳад.

Дар ин равиши нақд дар қиёс бо дигар равишҳои нақди адабӣ арзиши алфозу иборот беҳтару дақиқтар идрок шавад, аммо аз дарки латофату бадеияти осори адабӣ дар канор мемонад. Аз ҳамин ҷост, ки пайравӣ аз ин шева сухансанҷону мунаққидонро ба муқобили ҳама гуна навҷӯиву навовариҳо барангехтааст.

Чунонки соҳибназарони нақди шеър луғату қавоиди забон(сарфу наҳв), арӯзу қофияву балоғат аз ҷумлаи муҳимтарин фанҳои улуми адабӣ ва умдатарин машғулияти адибону мунаққидон аз замонҳои қадим будааст.

Дар «Таърихчаи нақди адабӣ» ном таълифоти Ҳолл Вернон(Hall Vernon) оид ба аҳаммияти андешаҳои ҳакими юнонӣ Арасту ва таъсири вай дар инкишофи минбаъдаи ин навъи нақди адабӣ маълумоти муфассал дода шудааст [166, 15-21].

Дар адабиётшиносии тоҷик низ ин навъи нақд хеле ривоҷ ёфтааст. Ба қоидаву қонунҳои фунуни адабӣ риоя кардани шоиронy нависандагон талаботи асосии нақди фаннист. Бино бар ин аз давраҳои қадим ба ҷавонону навомӯзоне, дар роҳи эҷоди осори адабӣ қадам мениҳоданд, донишмандону адибон омӯзиши қавоиди наҳв ва фунуни адабиро воҷиб донистаанд.

Дастуру тавсия ва таъкидоте, ки донишмандони улуми адабӣ дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, «Ал-муъҷам»-и Шамсиддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ, «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ, «Нафоис-ул-фунун фӣароис-ил-уюн»-и Шамсиддин Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ ва ғ.

овардаанд, то имрӯз аҳаммияти илмӣ ва адабиву маърифатии худро гум накардаанд.

Тибқи ахбори маъхазҳо дар асрҳои XVI-XVII роҷеъ ба арӯз, қофия ва дигар навъҳои фунуни адабӣ осори арзишманде амсоли «Дурар-ул-баҳр»-и Казоии Зоминӣ, рисолаи «Муаммо»-и Ҷамилии Бухороӣ, рисолаҳо дар бораи муаммо ва арӯзи Дарвешмуҳаммади Косонӣ, «Маҷмаъ-ус-саноеъ»-и Низомиддин Аҳмад ибни Муҳаммад Солеҳ Ҳусайнии Сиддиқӣ таҳия гардидаанд, ки дар инкишофи адабиётшиносии классикӣ, аз ҷумла нақди фаннӣ мавқеъ ва аҳаммияти хосро доро мебошанд [347, 28].

Мувофиқи хулосаҳои саромадони нақди адабӣ дар баробари огоҳии тамом аз қоидаву қонунҳои фунуни адабӣ омӯхтани осори адабии гузаштагон низ яке аз шартҳои асосии комёбӣ дар роҳи эҷодӣ мебошад. Қоидаву қонунҳои фунуни адабӣ мисли дигар ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятиву табиӣ ҳамеша дар ҳолати таҳаввулоту рушд қарор доранд. Ин ҳол ба эҷодкор имкон медиҳад, ки дар баробари риояи анъанаи гузаштагон ба навҷӯиву навоварӣ иқдом намояд, ки ин раванд дар назарияи адабиёт «анъана ва навоварӣ» [355,112] номида шудааст. Дар адабиёти мо пайдоишу густариши «шеъри сафед, «шеъри озод», ки шеъри нимоӣ ҳам мегӯянд, гувоҳи ҳол аст.

Бино ба андеша ва хулосаҳои олимону донишмандон ҳангоми баррасии нақди фаннӣ (ҳирфаӣ) намунаи дигари нақд бо номи нақди лафзӣ мушоҳида мешавад. Дар нақди фаннӣ мунаққид ҳангоми муайян намудани арзиши асари адабӣ пеш аз ҳама ба он эътибори ҷиддӣ медиҳад, ки оё қоидаву қонуни маъмул дар истифодаи лафз риоя шудааст, ё баръакс, зеро ба андешаи донишмандон дар осори адабӣ ҷанбаи лафзӣ унсури асосӣ ба ҳисоб меравад, «зеро лафз мавҷуди сурати ҳар асари адабӣ аст ва бидуни он таҳқиқи асари адабӣ маҳол хоҳад буд» [174, 122]. Дар ҳамин маънӣ Мирзо Бедил фармуда:

Маънӣ ба ғайри лафз мусаввир намешавад,
Афтодааст кори дилу дида бо ниқоб[102,147]

Ҳамин маъниро Соиби Табрезӣ ба шакли зерин қаламдод намудааст:

Дар либоси лафз маънӣ худнамоӣ мекунад,

Ишқ пинҳон буд, то Маҷнуни мо пайдо нашуд [75, 243].

Лафз на фақат аз руйи иртибот бо маънӣ, инчунин аз ҷиҳати вазну оҳанге, ки дорад, ҷузъи аслии асари адабӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамин аст, ки баъзе мунаққидон ба лафз беш аз маънӣ эътибор медиҳанд. Ба қавли Соиби Табрезӣ нозукии лафз ба маънӣ болу пар мебахшад ва маънӣ аз назокати лафз дилпазир мешавад:

Гарчи бебол кунад маънии нозук парвоз,

Лафзи покиза пару бол бувад маъниро [73, 273].

Ҷои дигар Соиби Табрезӣ таъкид менамояд, ки ҳусни маънӣ ба нозукии лафз вобастагии зиёд дорад, мисоли шаробе, ки дар шиша соҳиби ҷилваи дилрабо мегардад ва агар аз шиша берун резад, ҳеҷ ҳусне надорад.

Маънӣ шавад аз нозукии лафз дилпазир,

Дар шиша аст ҷилваи дигар шаробро [73, 332].

Ва ҳамин андешаро дар байти дигар Соиби Табрезӣ чунин маънидод намудааст:

Лафзи нозук ҳусни маъниро дуболо мекунад,

Шишаи шероз мебояд майи шерозро [73, 37]

Ба ақидаи Бедили Деҳлавӣ ба нозукии маънӣ ҳам тавассути лафз ошноӣ пайдо кардан имконпазир мебошад:

Зи лафз ошно шав ба мазмуни нозук,

Камар ҳалқа кардааст мӯйи миёнро [102, 211].

Ба он андешае, ки лафз ҷузъи аслии сухан аст, баъзе аз муҳаққиқон шакку шубҳа кардаанд. Аз ҷумла, Гегел бар он назар аст, ки «аслу ҷавҳари шеър ҷанбаи нафсонии маҳз дорад, вақте ки шеър дар мухайялаи шоир сурати муайяни худро ёфт, хоҳ дар қолаби лафз рехта шавад, хоҳ на, тамом аст, бинобар вуҷуду ҳаёти шеър дар хилоли алфозу иборот нест дар миёни виҷдону замири шоир аст ва лафзу иборат коре ҷуз ин надорад, шеъреро, ки

дар руҳу виҷдони шоир сурату ҳайати мушаххаси худро гирифтааст, ба соири мардум илқо ва талаққӣ намояд» [174, 123].

Аммо Абдулҳусайни Зарринкӯб ин андешаро қатъиян рад менамояд ва таъкид менамояд, ки ба ақидаи аксар муҳаққиқон лафз ҳам аз лиҳози маънӣ ва ҳам аз лиҳози иртибот бо вазну оҳангу қофия бояд мавриди таваҷҷуҳ бошад, зеро «робитаи лафзу маънӣ монанди робитаи ҷисму ҷон аст» [174,123].

Ба ҳамин андеша дар ашъори шӯрангези Соиби Табрезӣ бархӯрд менамоем. Ин шоири дилогоҳ дар мавриди пайванди азалӣ доштани лафзу маънӣ мефармояд:

Лафзу маъниро ба теғ аз якдигар натвон бурид,
Кист, Соиб, то кунад ҷонону ҷон аз ҳам ҷудо [133, 8].

Агар Соиби Табрезӣ иртиботи лафзу маъниро чун «ҷонону ҷон» гуфта бошад, Мирзо Бедил лафзу маъниро чун руҳу ҷисм (ҷасад) ва мағзу пӯст маънидод кардааст:

Ҳар куҷо лафзест, Бедил, маъние гул кардааст,
Дигар аз кайфияти арвоҳу аҷсодам мапурс [102, 736].

Ба андешаи Абдулқодири  Бедил он гуна, ки оташ сангро гудохта аз ҳама ғализиҳо мубарро карда ба шиша табдил медиҳад, маънӣ ҳам аз лафз сафо ва беолоишӣ мехоҳад:

Маънӣ аз лафз сафо мехоҳад,
Оташи санг ба фикри миност [102, 338].

Ҳамин тариқ, дар нақди фаннӣ масъалаи корбандии лафз тибқи қоидаву қонунҳои луғавию наҳвӣ аҳаммияти бештар касб кардааст. Аммо гоҳе шоирон қоидаву қонунҳои мутадовили забонро сарфи назар месозанд ва гоҳи дигар ба қоидаҳои имлои вожаҳо риоят намекунанд, ё шакли калимаҳои алоҳидаро бо талаботи вазну оҳанг тағйир медиҳанд ва вожаҳои омиёнаро ба кор мегиранд, ки муҳаққиқон ҳолатҳои мазкурро зарурат номгузорӣ кардаанд.

Ҳангоми зарурат шуаро гоҳо бо тақозои вазну қофия баъзе аз қоидаҳои маъмулу ҷории истифодаи калимаҳо, аз ҷумла ихтисор ё изофа намудани овозе дар таркиби калима, тахфифи калимаи ташдиддор ва ё вожаи тахфифиро мушаддад месозанд ва муҳаррикро сокин ва ё сокинро муҳаррик менамоянд.

Дар ин бора Зарринкӯб андешаи мунаққид ва нависандаи франсавӣ Мармантелро меоварад: «он чӣ зарурат ном дорад мухолифати гунае бо одобу қавоид аст ва навъе хуруҷ аз мабдаи усул мебошад, ки ба мулоҳизаи муроoти шумораи ҳиҷоҳо, ё вазн ва қофия ва ё бо баҳонаи зебоии шеър ҷоиз шумурда мешавад» [174, 125].

Аз нигоҳи донишмандон агар зарурат дар шеър ҷоиз бошад, аммо дар наср нописанд аст, ба ақидаи гурӯҳи дигар зарурат амрест, ки шоирро аз он гурез набошад, аммо ин андешаро ҳам гурӯҳи дигари муҳаққиқон рад карда мегӯянд, ки «ҳеҷ лафзе нест, ки онро бо лафзи дигар иваз кардан мумкин набошад», ки ин ҳол амри заруриятро аз байн мебарад.

Калимаву ибораҳое, ки барои балоғати калом лозим аст ва ба қолаби маъмули қоидаҳо намеғунҷад, барои парҳез аз зарурат бо калимаву таъбири дигар иваз намояд, «риояти муқтазои ҳол фавт гардад» [174, 126]. Бинобар ин маҷбур аст, ки вожаи тақозои ҳолро истифода барад ва аз зарурат ҷойи гурез надорад, зеро ба қавли Соиби ширингуфтор:

Лутфи маъниро либоси лафз расво мекунад,
Дар таҳи пироҳан он симинбадан урёнтар аст [74,398].

Аз ин ҷо ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки маънии зарурат он нест, ки адиб алфози ба фасоҳату балоғат латмарасонандаро истифода барад ва ё ҷоиз нест, ки заруратҳои мутақаддимин истифода кардаро ҳам бемаврид такрор кунад ва ниҳоят, мунаққид бояд заруратро бо саҳву хато ва ғалат омехта нанамояд. Риояи беғалати зарурат дар нақди лафзӣ аз ҷумлаи хасоиси муҳим арзёбӣ мешавад.

Хулосаи калом дар осори даврони мутазаккира ҳамвора бо истифодаи анвои гуногуни нақд, намунаҳои нақди таърихӣ, фаннӣ ва лафзӣ низ

корбурди васеъ доштаанд. Ба андешаи олимони ватаниву хориҷӣ тавассути нақди таърихӣ, ки яке аз равишҳои асосии нақди адабӣ ба шумор меравад, мо метавонем арзишу зарурати ин навъи нақдро дар аниқ намудани дурустии санадҳои таърихӣ дар навиштаҳои адибони ҳамон даврон муайян намоем.

Беш аз ин зимни баррасии нақди фаннӣ дар осори суханварони асрҳои мазкур ба натиҷае расидем, ки пайравони ин равиш нисбат ба дигар равишҳои нақди адабӣ арзиши алфозу иборотро беҳтару дақиқтар дарк намудаанд.

**2.1.6. Нақди маънӣ**

Адибон лафзу маънoро дар каломи бадеъ ба «ҷисму ҷон», «сурату сират» «пӯсту мағз», «дарёву гавҳар» (Мавлавӣ,Ҷомӣ) «ҷону ҷонон» (Соиб), «арвоҳу аҷсод» (Бедил) монанд кардаанд. Агар ба таркиби ин ташбеҳот мулоҳиза намоем, пай мебарем, ки ба андешаи суханварони мумтоз маъно нисбат ба лафз аз аҳаммияти бештаре бархурдор аст. Ин матлабро донандаи забардасти илми балоғат Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ таъкид намуда, муътақид аст, ки арзишу эътибори калом ба воситаи пайвастагии амиқу ногусастании лафзу маъно ҳосил мешавад. Агар гурӯҳе фасоҳатро танҳо хоси лафз донистаанд, бархе аз уламову удабо бар он назаранд,ки фасоҳат танҳо ба лафз тааллуқ надорад ва калимот дар пайвастагии маъноии ҷумла бояд мавриди қазоват қарор гирад. Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ мегӯяд: «Мо вақте мегӯем фалон лафз саҳеҳ аст, ки мавқеияти онро ба лиҳози назми калому таносуби он бо маънои калимоти муҷовири он ба ҳисоб оварем. Ин ки мегӯем, фалон лафз дар маҳали муносиби худ ҷой гирифтааст ва дар гӯш хушоянду бар забон осон аст, мақсуд ҳамон ҳусни тавофуқу таносубе аст, ки аз ҷиҳати маънӣ миёни ин лафз бо лафзи дигар вуҷуд дорад» [91, 87].

Афзун бар ин муаллифи мазкур лафзро тобеъ ва хидматгори маънӣ ҳисобида, боло гузоштани онро аз маънӣ накуҳиш намудааст: «Алфоз хидматгузорони маонӣ ҳастанд ва фармонбардори ҳукми онҳо мебошанд ва ин маънии мустанад, ки зимоми алфоз ба каф гирифта ва сазовори фармонравоӣ бар алфозанд. Пас касе, ки лафзро бар маънӣ чира созад,

монанди касест, ки ашёро аз ҷиҳати табии худ мунҳариф карда ва ин чизест, ки ҳамеша мавриди накуҳишу маҳкум ба зиштӣ аст» [91,5].

Айни ҳамин маъно, яъне чирагии лафз бар маъно ва гоҳо аз адои маънии воло ба таври шоиста набаромадани лафз дар ашъори адибон борҳо таъкид шудааст. Ба андешаи Соиби Табрезӣ ҳар чашме сазовори дидани рухсори маонӣ нест,зеро чашми суратбин аз ҳусни маонӣ баҳрае намебардорад ва он гуна, ки ҳубоб тасхири дарё карда наметавонад, лафз ҳам асрори маониро мусаххар намекунад:

На ҳар чашме сазовор аст рухсори маониро,
Ки шабнам дидаи шӯр аст гулзори маониро.
Надорад баҳрае аз ҳусни маънӣ чашми суратбин,
Ба ҳар оина манмоед дидори маониро.
Ҳубоб аз уҳдаи тасхири дарё барнамеояд,
Мусаххар чун кунад алфоз асрори маониро? [73, 222].

Зеро рухсори маънӣ дар зери пардаи маъно нуҳуфтааст:

Зи оби Хизр мешуд сер агар медид Искандар,
Зи зери пардаи алфоз рухсори маониро [73,222].

Мирзо Абдулқодири Бедил низ оид ба таносуби лафзу маънӣ абёти зиёде гуфтааст.Аммо дар назари ӯ маънӣ ба андеша робитаи қавӣ дорад ва калиди ганҷи маонӣ дар андешаи амиқ аст:

Асрори сухан ҷуз ба хамӯшӣ натавон ёфт,
Мифтоҳи дари ганҷи маонист, тааммул [9,1192].

Ба андешаи Мирзо Абдулқодири Бедил дарёфти маънии борик танҳо дар сурати тааммулу хамӯшӣ имконпазир аст, ки ин ба мақсади дар назди хеш гузоштаи инсон вобаста аст,зеро чун дил аз мақсади ҷустуҷӯи маонии бикр огоҳ набошад, ҳама аъмол беҳуда аст:

Дил зи мақсад ғофилу он гоҳ лофи ҷустуҷӯ,
Шарм дор аз маънии лафзе,ки дар андеша нест [9,555].

***

Бедил,эҳёи маонӣ ба хамӯшӣ кардаам,

Нафаси сӯхта эъҷози Масеҳои дил аст [9,.420]

Аз ҳамин ҷост, ки адибон бартарии маъноро бар лафз қоил буда, гоҳо барои баҳри адои маънои баланду арзишманд сарфи назар кардани нуқсони ҷузъии лафзро ҷоиз шумурдаанд. Чунончӣ, Мавлавӣ фармудааст:

Ин сухан чун пӯсту маънӣ мағз дон,

Ин сухан чун нақшу маънӣ ҳамчу ҷон.

Пӯст бошад мағзи бадро айбпӯш,

Мағзи некӯро зи ғайрат айб пӯш[100, 68].

Абдурраҳмони Ҷомӣ низ муътақид аст,ки асл ва асос маънои калом аст ва гуфтани маънии борик кори басо душвору заҳматталаб аст, аз хазинаи ғайб ба даст овардани гавҳар андешаву талоши бисёр талаб мекунад. Аз ин рӯ, маънӣ волову арзишманд бошад, айбу нуқсони ҷузъӣ дар лафз қобили чашмпӯшист:

Асл маънист, манеҳ, то донӣ,

Дар иборат чу фитад нуқсоне,

Айб агар ҳаст, карам варзу бипӯш,

В-арна беҳуда чу ҳосид махурӯш.

Чу ту аз назми маонӣ дурӣ,

З-ин қабил ҳар чӣ кунӣ, маъзурӣ,

Паси зону нанишастӣ як шаб,

Дида аз хоб набастӣ як шаб,

То кашӣ гавҳар аз махзани ғайб,

Сари фикрат накашидӣ аз ҷайб.

То диҳад маънии борикат рӯй,

Нашудӣ з-оташи дил ҳалқа чу мӯй [146, 371].

Дар навъҳои нақди адабии ахлоқӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ ва равоншиносӣ ғолибан маънӣ эътибори бештар касб намуда, шаклу вазну қофия ва вижагиҳои жанрӣ ва ҳатто бадеият ҳам камтар мавриди таваҷҷуҳ аст. Дар ин анвои наққодӣ мазмуни асари бадеӣ ва ба талаботи ин навъҳои наққодӣ созгор будан ё набудани он тағаллуб дорад.

Дар накди фаннӣ таваҷҷуҳи ноқид ба лафзу маънӣ мутавозист зеро лафзу маънӣ бояд дар ҳамбастагиву таносуби қавӣ қарор дошта бошанд.

Аз Сулаймон сар намепечад агар деву парӣ,

Лафзу маънӣ ҳам бувад дар таҳти фармони сухан[78,293].

Ба ақидаи Зарринкӯб «дар равиши нақди фаннӣ аҳаммияти нақди маънӣ камтар аз нақди лафз нест» [174,128]. Дар нақди маънӣ мунаққид бояд ошкор карда тавонад, ки оё муаллифи асари бадеӣ аз уҳдаи ифодаи возеҳу равшане, ки гуфтан мехост, баромада тавонистааст ё на? Яъне ғоя ва мақсади худро сареҳ баён карда тавониста, ё маъниро қурбони шаклпардозиҳо намудааст.

Нақди маънӣ дар таъйиди арзиши воқеии осори адабӣ дорои мақоми хос буда, аз мунаққид тақозо менамояд, ки аз ҷамеи шуъбаҳои улуми адабӣ огоҳии комил дошта бошад.

**2.1.7. Нақди шуаро**

Яке аз манбаъҳои асосии омӯзиши нақди адабии классикӣ, таъйиди вижагиҳои доираҳои адабӣ, мақому мартаба ва арзиши осори ин ё он адиб маҳсуб мешавад. Ҳангоми баррасии махсусияти эҷодиёти адибон афкори адабию назарии онҳо зиёда арзишманд мебошад. Бидуни тардид, адиби баркамолу номвареро пайдо намудан ғайримкон аст, ки дар бораи мавқеъ ва мартабаи худ дар адабиёти давр, фасоҳату балоғати ашъори хеш ва таъсир-пазириву таъсиргузорӣ ва маънобардориҳояш аз ашъори шуарои мутақаддим ё муосир сухан нагуфта бошад.

Он гуна, ки қайд гардид, яке аз равишҳои қадимтарину муассиртарини нақди адабӣ нақди шоирон мебошад, ки онро нақди муаллифӣ низ меноманд. Дар ин навъи наққодӣ адибон бо баёни андешаҳои адабии хеш оид ба ҳусну қубҳи осори шуарои мутаққадим ва муосирони худ ибрози назар намудаанд. Дар бораи ин навъи наққодӣ дар фасли дигар муфассал таваққуф хоҳем кард .

## 2.2. Нақди муаллифӣ дар осори суханварони ин аҳд

Нақди шуаро яке аз қадимтарин навъҳои навъи нақди адабӣ дар адабиёти тоҷику форс ба ҳисоб рафта, ҳанӯз дар эҷоди суханварони асрҳои IX-X ба чашм мерасад. Ин навъи нақд минбаъд баробари густариш ва таҳаввулоти адабиёти бадеӣ, вобаста ба инкишофи адабиёт ба майдон омадани падидаҳои ҷадиди адабӣ, такмили мазмуну мундариҷа, сабку услуби осори адибон тараққӣ намудааст. Дар ибтидо андешаҳои назарии адибон нисбатан сода буда, асосан, аз васфи саромадон, поягузорони адабиёти классикии тоҷик, амсоли устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, эътирофи ҳунари шоирии бузургон ва баъзан аз эродгирӣ ба шеъри дигарон иборат буд. Чунончӣ, дар бобати арзиши осори хеш устод Рӯдакӣ гуфтааст:

К-аз шоирон наванд манаму навгувора,
Як байти парниён кунам аз санги хора [128, 318].

Ҳамчунин муаллифи «Шоҳнома»-и безавол, ки аз шумори бузургтарин достонҳои ҳамосии олам маҳсуб мешавад, бо ифтихор гуфтааст:

Пай афкандам аз назм кохе баланд,
Ки аз боду борон наёбад газанд [136, 5].

Дар баробари тафохур аз офаридаҳои хеш, устодони сухан ва муосирон, инчунин дар осори суханварони ин аҳд аз сустии назми ҳамзамонон низ ишораҳо шудааст. Чунончӣ байти зерини Шаҳиди Балхӣ:

Даъво кунӣ, ки шоири даҳрам, валек нест
Дар шеъри ту на лаззату на ҳикмату на ҷам [99, 54].

Дар давраҳои баъдии инкишофи адабиёт, тавсеаи доираи мавзуъҳо ва мундариҷаи ашъори шоирон, амсоли масоили фалсафию илмӣ, пайдоиши ҳавзаву мактабҳои бузурги адабӣ, махсусан, рӯи саҳнаи адабиёт ба ҷавлон омадани адабиёти ирфонӣ ва офарида шудани шоҳкориҳои адабии ирфонӣ, ривоҷи адабиёти дарборӣ, сабқати шоирон дар ҳунари шоирӣ, ба вуҷуд омадани рақобати шадид дар миёни суханварон, хӯрдагирии шоирон ба ашъори якдигар, даъвӣ ва исботи бартарии хеш аз муосирон, изҳори

эҳтиромӣ нисбат ба устодони бузурги салаф дар ашъори шоирон инъикос ёфтааст, ки дар маҷмуъ афкори адабии онҳоро ташкил медиҳад.

Адабиётшинос Юсуфҷон Салимов дар бораи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии асрҳои XVI-XVII андешаҳои ҷолибу асоснок баён намуда, бобати вазъи адабии даврони зикршуда чунин навиштааст: «Ба ҳамин тариқ адабиёти асри XVI тамоми анъанаҳои пешқадами адабиёту маданияти асрҳои X-XV-ро идома дода, ҷо-ҷо ба он андак тағйиру такмилҳо дохил мекунад» 9[330, 293]. Ва бобати ҳаёти адабӣ дар асри XVII овардааст, ки «аз солҳои 20-уми асри XVII сар карда, ҳаёти адабӣ дар Осиёи Миёна хеле ҷон гирифт. Дар ин давра Аштархониён ба доираи адабии дарбор низ аҳаммият дода, то 30-40 адибонро ба маҳфили худ ҷамъ мекарданд» [330, 360].

Адабиёт новобаста ба вазъи сиёсӣ, моҷарову кашмакашҳои дохиливу берунӣ ва ноорамии баъзе манотиқ дар ҳавзаву маҳфилҳои гуногуни адабӣ, дар шаҳрҳои муҳташаму на он қадар бузурги Мовароуннаҳру Хуросон, ё қаламрави форсизабонони Ҳинд пеш мерафт ва суханварони зиёде ба эҷоду офариниш шуғл доштанд.

Нақди шоирон дар адабиёти асрҳои XVI-XVII нисбат ба давраҳои гузаштаи адабиёти тоҷику форс хеле доманадор буда, шеваи андешаҳои адабии шоирони ин давраҳоро метавон чунин тасниф кард:

а) Нақди шеъри худ

б) Нақди шеъри гузаштагон

в) Дидгоҳҳо дар бораи шеъру шоирӣ

Ҳамаи намояндагони адабиёти ин садаҳо оид ба мақому мартабаи шеъри худ ва ашъори шуарои гузашта андешаронӣ намуда,аксар эҳтироми хешро ба адибони мумтоз амсоли Низомии Ганҷавӣ, Шайх Саъдии Шерозӣ, Аттори Нишопурӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, Ҳоҷуи Кирмонӣ, Амир Хусрав, Ҳасани Деҳлавӣ, Хоқонии Шарвонӣ баён намуда, пайрави онон буданашонро хотирнишон кардаанд.

Дар ашъори Ҳилолӣ, Соиб ва Мирзо Бедил домани андешаҳои адабӣ боз ҳам васеътар гардида, дидгоҳи адибон нисбат ба шеъру шоирӣ, қадру

манзалати сухан ва хусусиятҳои хоси ашъори гузаштагону ҳамзамонон вусъат пайдо карда, андешаҳои ҷолиб оид ба мақому мартабаи сухану суханвар ва таносуби лафзу маънӣ дар шеър ба миён омадаанд.

Масъалаҳои асосии афкори адабии шуарои асрҳои XVI-XVII-ро ба гунаи зайл метавон дастабандӣ кард:

1. Шинохти шаҳомату бузургии адибони маъруфи мутақаддим ва ифодаи ихлосу иродат ба онҳо, ҳамчунин арзишгузорӣ ба ашъори бузургон;
2. Эътирофи шогирдӣ ё пайравӣ ба адибони шинохтаи гузашта ва ё муосир. Дар пайравии адибони номдор эҷод кардан ва ё татаббуъ гуфтан ба осори машҳури адибони даври хеш;
3. Зикри баробарӣ бо суханварони машҳури даврон;
4. Ҳисси тафохур аз ашъори хеш, таъкиди бартарии ашъори худ ва пешдастӣ дар ягон жанри адабӣ;
5. Ибрози андеша оид ба ҳусну қубҳи осори адибон ва таҳлилу натиҷагирӣ аз ашъори эшон;
6. Ҳимояи мавқеву мақоми хеш дар адабиёт ва ҷавоби сазовор гуфтан ба нотавонбинону ҳосидон;
7. Нуктагирӣ ба ашъори дигарон барои намоиши маҳорату истеъдоди хеш;
8. Андешаҳо дар бораи таносуби лафзу маънӣ дар шеър;
9. Вижагиҳои шеъри тарз;
10. Бартарии маънӣ аз лафз;
11. Тобеияти лафзу маънӣ ба мазмун;
12. Мавқеъ ва манзалати сухану суханвар.

Намояндагони барҷастаи адабиёти асрҳои XVI-XVII амсоли Камолид-дини Биноӣ, Хоҷа Камолиддини Осафӣ, Абдуллоҳи Ҳотифӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ, Калими Кошонӣ, Муҳташам, Қоонӣ, Шавкати Бухороӣ, Нозими Ҳиротӣ, Сайидои Насафӣ, Соиби Табрезӣ, Бедили Деҳлавӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ,

Мулҳами Бухороӣ низ монанди шуарои аҳди пешина ба масоили мазкур таваҷҷуҳ зоҳир намуда, нуқтаи назари хешро иброз доштаанд.

Лозим ба таъкид аст, ки дар ҳаҷми як фасли рисола афкори адабии ҳамаи намояндагони ин давраҳоро мавриди баррасӣ қарор додан ғайриимкон аст ва месазад, ки ақидаҳои интиқодию адабии ҳар яке мавриди пажӯҳиши алоҳидаи густарда қарор гирад. Аз ин рӯ, тасмим гирифтем, ки оид ба андешаҳои чанде аз адибони номдору нодирагуфтори адабиёти асрҳои XVI-XVII мулоҳизаронӣ намуда, дар шакли мухтасар бо такя ба навиштаҳои олимони ватаниву хориҷӣ натиҷагирӣ намоем.

Ба хулосаи муҳаққиқони таърихи адабиёти тоҷику форс Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, мақому мартаба ва нуфузи басо баланд дошта, «дар замони Султон Ҳусайн Мирзо бештар аз пештар мартабаи қабул ёфта, подшоҳ ва соири шоҳзодагон ва умарову аркони давлат муридиашро бо эъзозу икром талаққӣ менамудаанд» [131,85]. Тамоми муҳити адабии Ҳиротро таҳти назорат дошт ва бештари адибон осори ба тозагӣ таълиф-намудаи худро аз назари ӯ мегузарониданд ва тамоми маслиҳату эродҳои ӯро бо хушӣ пазируфта, барои таълифи асари нав аз Мавлоно Ҷомӣ дастур мегирифтанд.

Соммирзо дар тазкираи «Туҳфаи Сомӣ» менависад: «...Ӯ (Ҳотифӣ-М.М.)-ро дағдағаи татаббӯи «Хамса» шуд, бо Мавлоно Ҷомӣ муторaҳа кард.Ӯ гуфт:

Ту ҷавоби се байти Ҳаким Фирдавсии Тӯсиро бигӯй, ки чунин аст:

Дарахте, ки талх аст вайро сиришт,
Гараш барнишонӣ ба боғи биҳишт.
В-ар аз ҷӯйи хулдаш ба ҳангоми об,
Ба бех ангубин резиву мушки ноб.
Саранҷом гавҳар ба кор оварад,
Ҳамон меваи талх ба бор оварад.

Агар ин се байтро ҷавоб гуфтӣ, соири абётро ҷавоб хоҳӣ гуфт. Абдуллоҳ дар ҷавоб ин чаҳор байт гуфт:

Агар байзаи зоғи зулматсиришт,
Ниҳӣ зери товуси боғи биҳишт,
Ба ҳангоми он байза парварданаш,
Зи анҷири ҷаннат диҳӣ арзанаш,
Диҳӣ обаш аз чашмаи Салсабил,
Дар он байза дам дарзанад Ҷабраил,
Шавад оқибат байзаи зоғ, зоғ,
Барад ранҷи беҳуда товуси боғ.

Ҳарчанд ин абёт ҳамсанги абёти Фирдавсӣ нест, аммо Мавлоно Ҷомӣ таҳсин кард ва рухсати «Хамса» гуфтан дод» [131, 94-95].

Абдуллоҳи Ҳотифӣ дар муқаддимаи достони «Юсуф ва Зулайхо» аз назари устод гузаронидани достонаш ва ба ситоиши Ҷомӣ шарафёб гардиданашро қайд намуда, Ҷомиро «хусрави мулки маонӣ» [144, 8] номида, чунин гуфтааст:

Ман он абётро бурдам тамомӣ,
Ба назди ҳазрати махдуми Ҷомӣ.
Чу дид он хусрави мулки маонӣ,
Саводе дар вай оби зиндагонӣ.
Ба таҳсин гуфт: «Аҳсант, эй ҷавонмард!»
Забон бикшоду бар ман офарин кард[144, 8].

Е.Э. Бертелс андешаи пажӯҳишгарони осору аҳволи Ҷомиро оид ба мақому мартабаи ӯ ёдовар шуда, навиштааст: «Муҳаққиқони таърихи адабиёти форс (Г.Этте, Э.Браун) Ҷомиро хотимаи шуарои классик номида, қайд намудаанд, ки ӯ гӯё тамоми ҷараёни адабии гузаштаро ҷамъбаст намудааст» [374,126].

Мактаби адабии Ҳирот, ки таҳти роҳбарии ӯ амал мекард, дар тарбияи бисёр суханварони шинохта таъсири амиқ гузошта буд ва бештари намояндагони адабиёти асрҳои XV-XVI дастпарварони ҳамин мактаби адабӣ буданд, ки бо сабкҳои хуросонӣ ва ироқӣ ашъор сурудаанд.

Ибтикори ба тарзи нав гуфтани шеър маҳз дар Хуросон, ки баъдтар муҳаққиқон бо номҳои «давраи бозгашти адабӣ», «шеъри тарз», «сабки ҳиндӣ», «сабки бедилӣ» ёдоварӣ кардаанд, ҳанӯз замони зиндагии Мавлоно Ҷомӣ ба вуҷуд омадааст. Ба ақидаи умум русуми навҷӯӣ дар услуби ғазалсароӣ бо номи шоир Бобо Фиғонии Шерозӣ вобастагӣ дорад. Шарқшиноси варзида Е.Э. Бертельс дар мақолаи «Оид ба масъалаи сабки ҳиндӣ дар адабиёти форсӣ» навиштааст: «Фиғонӣ дар ибтидои фаъолияти шоириаш ба Ҳирот меояд ва ба эътирофи Султон Ҳусайн мушарраф мегардад. Аммо услуби нави баёни ӯ на барои ҳама табъи дил буд, ҳатто мегӯянд, ки муосиронаш ашъори ноуҳдабароёна ва номафҳумро **«фиғониёт»** ном мебурдаанд» [374, 436]. Абдурраҳмони Ҷомӣ дар он замон дар ҳаёт буд ва Фиғонӣ бо ҳар роҳ мекӯшид, ки ҳусни таваҷҷӯҳи Мавлоно Ҷомиро ба даст оварад, аммо Мавлоно Ҷомӣ шеъри Фиғониро намеписандад. Аз ин рӯ, Фиғонӣ Ҳиротро тарк намуда, ба Табрез меравад, ки Султон Яъқуб ба ӯ баҳои баланд медиҳад. Пас аз марги Султон Яъқуб Фиғонӣ ба Абевард рӯ меоварад ва дар он ҷо сукунатро ихтиёр мекунад» [374, 437].

Сипас, Бертелс аз маълумоти Волаи Доғистонӣ ёд мекунад, ки навиштааст: «Марҳум Бобо Фиғонӣ офарандаи фанни нав аст. То ба ӯ ҳеҷ кас бо ин услуб шеър нагуфта буд. Суханпардозиро ба дараҷае расонид, ки «фикри анқо то ба он ҷо парвоз карда наметавонад» [374, 437]. Басо устодони сухани он замон: Мавлоно Вахшии Яздӣ, Мавлоно Назирии Нишопурӣ, Мавлоно Урфии Шерозӣ, Ҳаким Шафеи Исфаҳонӣ, Ҳаким Масеҳи Рукниддини Кошӣ, Мавлоно Муҳташам ва дигарон ба Фиғонӣ тақлид менамуданд ва аз хирмани ӯ хӯшачинӣ мекарданд» [374,437].

Аз ин маълумот бармеояд, ки намояндагони адабиёти асри XV кӯшиш ба харҷ медоданд, то шеъре бигӯянд, ки мавриди писанди Мавлоно Ҷомӣ ва дигар устодони сухан бошад. Аз ин ҷост, ки сабки нигориш ва андешаҳои адабии намояндагони адабиёти нимаи аввали садаи XVI амсоли Биноӣ, Ҳилолӣ, Осафӣ, Ҳотифӣ, Мушфиқӣ, Восифӣ, ки ҳамаашон дастпарварони мактаби адабии Ҳирот буданд, аз тарзи нигориш ва андешаҳои адабии

намояндагони давраҳои баъдӣ, ки аксаран бо сабку усули нав шеър мегуфтанд, тафовути ҷиддӣ дорад.

Намояндагони гурӯҳи аввал бо зикри эҳтиром ба шуарои мутақаддим ва пайравии эшон аз баландии табъу равонии ашъори хеш ифтихор кардаанд. Шоирони дастаи дуюм, махсусан Калим, Муҳташам, Қоонӣ, Шавкат, Нозим, Сайидо, Соиб, Бедил, Фитрат [338] дар баробари навангезиҳои тарзи нигориш ва таквини мавзуи ва мундариҷа чашмандозашон ба шеъру шоирӣ хеле вусъат пазируфта, дар бораи таносуби шаклу мазмун, вижагиҳои шеъри тарз, бартарии маънӣ аз лафз, тобеияти лафзу маънӣ ба мазмун, мавқеъ ва манзилати сухану суханвар низ ақидаву мулоҳизаҳои ҷолиб баён намудаанд, ки дар давраҳои пасин ба такомули наққодии шуаро таъсири амиқ расонидааст. Дар сурати муқоисаи афкори адабии ҳар ду гурӯҳ перомуни мафҳумҳои адабии «шеър», «назм», «шакл», «мазмун», «маънӣ», «лафз», «ашъор» тафовут миёни ашъори онҳо баръало мушоҳида мешавад. Қайд кардан ба маврид аст, ки ба ғайр аз вожаи «сухан» дигар ҳама мафҳумҳои зикршуда ба маънои истилоҳоти адабӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар заминаи таҳлили ғазалиёти чанде аз шоирони шинохтаву соҳибдевон мафҳумҳои мазкурро баршуморидем. Маълум гашт, ки дар ғазалиёти шоирони ёдшуда, чандомади истифодаи ин мафҳумҳо гуногун мебошад. Мавориди истифодаи мафҳумҳои адабӣ дар ғазалиёти адибони асрҳои XVI-XVII дар шакли ҷадвал оварда мешавад (ҷадвали 1).

| Ному насаби шоирон | Мафҳумҳои адабӣ ва миқдори истифодаи онҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Назм | Шеър | Аш-ъор | Сухан | Маз-мун | Маъ-нӣ | Лафз | Тарз |
| Биноӣ | 10 | 4 | 2 | 17 | - | - | - | 1 |
| Ҳилолӣ | 6 | 2 | - | 43 | 1 | 10 | 1 | - |
| Мушфиқӣ | 4 | 2 | 2 | 4 | 1 | - | - | 2 |
| Восифӣ | - | 1 | 2 | 12 | - | - | - | - |
| Муҳташам | 65 | 24 | 10 | 100 | 11 | 29 | 9 | 12 |
| Соиб | 22 | 80 | 13 | 100 | 61 | 100 | 88 | 28 |
| Бедил | 33 | 11 | 4 | 100 | 97 | 100 | 85 | 42 |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф, девони ашъори Камолиддини Биноӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ, Муҳташами Кошонӣ, Зайниддини Восифӣ, Соиби Табрезӣ, Бедили Деҳлавӣ.

Он гуна, ки натиҷагириҳо нишон доданд, афкори адабии суханварони нимаи дуюми асри XVI ва асри XVII нисбат ба намояндагони мактаби адабии Ҳирот дар фарогирии ҳама масъалаҳои мавриди баррасӣ доманадортар сурат гирифтаанд.

Лозим аст, ки зимни ҷусторҳо дар афкори адабии чанде аз шоирони нимаи аввали садаи XVI перомуни пайравию таттабуъ ва фасоҳату назокати ашъори онҳо чанд сухан гуфта шавад. Инчунин аз ифтихорияҳои эшон, ки тозагиҳои сабку равиш ва тарзи сухани худро ситудаанд чанд намуна баррасӣ хоҳад шуд.

Суханвари мумтоз Камолиддини Биноӣ дар бораи устодаш Мавлоно Ҷомӣ бо эҳтироми зиёд ҳарф зада, ӯро бо ибораҳои «офтоби нуронӣ», «нури субҳонӣ» васф карда, миқдори таълифоташро баршуморида ва онро «рӯ ба эъҷоз оварда» хондааст:

Ҷомӣ он офтоби нуронӣ,
Он мунаввар ба нури субҳонӣ.
Буд аз чил зиёда таснифаш,
Рӯ ба эъҷоз карда таълифаш [276, 245].

Адибони номдори нимаи аввали асри XVI амсоли Камолиддини Биноӣ, Хоҷа Камолиддини Осафӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ба Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Ҳасани Деҳлавӣ пайравӣ намудаанд, ё дар пояи шеъри Ҳасани Деҳлавӣ қарор доштани ашъорашонро зикр кардаанд:

Биноӣ дар тариқи шеър мерафт аз паи Хусрав,
Ки дар тарзи ғазал ҳамроҳ шуд тарзи Ҳасан бо ӯ [276,389].

Камолиддини Биноӣ таъкид менамояд, ки пайравӣ ва эҷод дар тарзи Хусрави Деҳлавӣ ва Ҳасани Деҳлавӣ барои ӯ шарафи зиёд овардааст ва пайравони назми ин бузургони адабиёт ба вай таҳсину сано мехонанд:

Биноӣ мешавад охир баландовоза чун Хусрав,

Ки дар таври ғазал тарзи Ҳасан меоварам берун [276,389].

Ба ҳамин мазмун суханвари дигари машҳури ин даврон Абдурраҳмони Мушфиқӣ ишора мекунад, ки назми вай пайравӣ ба Ҳасану Камоли Хуҷандист ва аз ашъори диловезу гушнавози хеш ифтихор намуда, равонии онро ба об шабоҳат додааст:

Назми ту Мушфиқӣ ба камоли Ҳасан расид,

То гуфтаӣ, ки пайрави пири Хуҷандиям [119,с.44].

Ё дар байти дигар овардааст:

Мушфиқӣ, дар суханони ту агар фикр кунанд,

Нозукиҳои ғазалҳои Ҳасан бисёр аст [119, 90]

Муаллифи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» осори назмии худро ба назми Ҳасани Деҳлавӣ монанд карда, мегӯяд, ки аҳли завқ ва дарку маонӣ агар ашъори маро мутолиа намоянд, эҳсос менамоянд, ки ба навиштаҳои Ҳасани Деҳлавӣ аз ҷиҳати шаклу мазмун сахт шабоҳат дорад, то андозае, ки онҳоро наметавон аз ҳам ҷудо намуд.

Онон, ки соҳибони камоланд, Восифӣ,

Шеъри ту кай кунанд зи шеъри Ҳасан ҷудо? [111, 112].

Камолиддини Биноӣ ва Абдурраҳмони Мушфиқӣ, шоирони маъруф ва нодирагуфтори адабиёти тоҷик, ки аз шумори пешоҳангони аҳди хеш будаанд, аз фасоҳату назокат, равонии ашъор ва баландии табъашон ифтихор намуда, борҳо ин маъниро ишора кардаанд. Камолиддини Биноӣ бо фахру сарфарозӣ «саҳли мумтанеъ» будани ашъорашро таъкид кардааст:

Ҳаст ашъори Биноӣ ҷумла саҳли мумтанеъ,

Гӯӣ осонаш, валекин нест осон гуфтанаш [276, 386].

Дар абёти дигар арзиши шеъри хешро дар пояи баланд нишон дода, меафзояд, ки донандагони каломи мавзун ба равонии ашъори вай баҳои сазовор додаанд ва бо ифтихор ишора мекунад, ки равониву обдории назми вай сабабгори шукуфоии гулшани назм ва мӯҷиби ҳайрати аҳли сухан гаштааст:

Ҳама аҳли суханро оби ҳасрат дар даҳон гардад,

Биноӣ, ҳар куҷо хонанд шеъри обдори ту [276,11].

Ё ҷои дигар мегӯяд:

Биноӣ, аз суханат об ёфт гулшани назм,

Зи баски назми равони ту обдор афтод [276, 388].

Камолиддини Биноӣ дар байти зерин, ки мақтаи ғазал дар пайравии Ҳофизи Шерозист, бо хулуси беандоза ба ашъори Хоҷаи Шероз иброз менамояд, ки вай аз сидқи дил бандаи ин «шоҳи сухандон» мебошад ва барои «хусрави иқлими сухан» [276,с.388] шудану таъсири каломи осмонии «лиссонулғайб» афзун аст:

Шуд Биноӣ ба ҷаҳон хусрави иқлими сухан,

То зи ҷон бандаи он шоҳи сухандон шудааст[276, 388].

Абдурраҳмони Мушфиқӣ низ ба мисоли шоирони дигари ин давра аз ашъори хеш ифтихор намуда, навиштаҳояшро мисоли гули тарутозаи чаманистони назм номидааст. Ба андешаи ин суханвар назми ӯ дар фасоҳату балоғату мавзунӣ равонии обро мемонад, ки аз навиштаҳои дигарон баландтар аст. Ва ҳамин ифтихорияҳоро дар абёти зерин чунин ба қалам додааст:

Дар боғи сухан, Мушфиқӣ, ашъори ту чидаст,

Гул тозатар аз назми ту чидан кӣ тавонад? [119, 32].

Ҷои дигар:

Мушфиқиро гавҳари сероб аз килки хаёл,

Дар таманнои сиҳисарвон мавзун мекунад [119, 34].

Ё чунин гуфтааст:

Мушфиқӣ назми диловези ту обест равон,

Оби назми дигарон пеши назар истода [119, 36].

Абдурраҳмони Мушфиқӣ ҳамчун «маликушшуарои дарбори Шайбониён» дар офаридани жанрҳои гуногуни ададбӣ чирадаст будааст.Дар ғазалҳои ин шоири ширинсухан мавзуниву равонии шеъри гузаштагон эҳсос мешавад. Аз ҳамин ҷост, ки вай бо тафохур «назми диловези ту обест равон»

[119,36] гуфта, ба муосирону ояндагон таъкид месозад, ки «сухани Мушфиқӣ ба хубӣ бинавис» [119, 68].

Ҳамин гуна абёти ифтихория дар ашъори ин шоири ғазалсаро бештар ба назар расида, аз он шаҳодат медиҳад, ки суханвар аз равониву назокати каломи хеш ҳамавақт тафохур доштаву онро ба дигарон ёдрас менамудааст.

Таҳлилу баррасии афкори суханварони номдори асрҳои XVI ва XVII-и адабиёти тоҷик, нишон медиҳад, ки эшон аз зумраи пешсафони замони хеш буда, аз фасоҳату назокат, равонии ашъор ва баландии табъашон ифтихор мекардаанд ва ин нуктаро дар осорашон борҳо ишора кардаанд. Ғазал ҳамчун маъмултарин жанри адабӣ хусусиятҳои барҷастаи хешро маҳфуз дошта, дар эҷодиёти суханварони ин замон мавқеи асосиро ишғол намудааст. Қисме аз шоирони ин даврон ба Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва Камоли Хуҷандӣ тақлид намуда, гурӯҳи дигар ҷонибдори тарзи нав ва ё ба истилоҳ ҷонибдори «шеъри тарз» будаанд. Бино ба навиштаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар ашъори шуарои ҳар ду даста афкори адабӣ ҷойгоҳи хос доштааст.

Бадриддини Ҳилолӣ аз зумраи шоирони мумтози ғазалсарои адабиёти асрҳои XV-XVI маҳсуб ёфта, дорои табъу истеъдоди баланд аст, ки бо шеваи ширину гуворои худ мақому мартабаи хосаеро касб намудааст. Ҳилолӣ дастпарвари мактаби адабии Ҳирот буда, ҳанӯз дар айёми ҷавонӣ ҳамчун шоири соҳибмаҳорат эътирофи Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоиро шарафёб гардидааст. Саид Нафисӣ дар муқаддимаи девони Ҳилолӣ мегӯяд, ки аввалин шахсе, ки дар бораи Ҳилолӣ маълумот додааст, Навоӣ мебошад. Мавсуф дар «Маҷолис-ун-нафоис» чунин овардааст: «Мавлоно Ҳилолӣ аз авлоди турк аст, ҳофизааш хуб аст, табъаш низ баробари ҳофизааш аст, хаёли сабақ дорад, умед аст, тавфиқ ёбад» [89,5].

Оид ба ҷараёни зиндагӣ, маҳорати шоирӣ ва мартабаву фазилатҳои Бадриддини Хилолӣ дар сарчашмаҳои адабию таърихии асри XVI ва ибтидои асри XVII, аз ҷумла, «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ, «Хулосат-ул-ахбор» ва «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир, «Бобурнома»-и Мирзо Бобур,

«Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Маҳмуди Восифӣ, «Аҳсан-ут-таворих»-и Ҳасанбеки Румлу, «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ, «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Ҳасани Нисорӣ, «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ ва «Тазкират-ут-таворих»-и Абдуллоҳи Кобулӣ маълумот оварда шудааст [347, 47].

Саид Насафӣ ҳангоми таҳияи девони шоир тамоми маълумоти муаллифони фавқуззикр, ҳамчунин, ахбори дар сарчашмаҳои адабию таърихии асрҳои баъдина, аз ҷумла, «Суллам-ус-самовот»-и Абулқосими Козарунӣ, «Таърихи оламорои Аббосӣ»-и Искандарбеки Муншӣ, «Тазкираи Ҳусайнӣ»-и Мирҳусайни Дӯст, «Оташкада»-и Лутфалибеки Озар, «Хизонаи омира»-и Ғуломалихони Озод ва «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоятро низ овардааст [89, 3-21].

Соммирзои Сафавӣ дар тазкираи «Туҳфаи Сомӣ» менависад: «Мулло Ҳилолӣ ҳарчанд аҷдоди эшон аз туркони чағатоист, аммо дар вилояти Астаробод нашъунамо ёфта ва дар ғурраи айёми ҷавонӣ баъд аз хуруҷи таҳтушшуои туфулият ва нодонӣ  ба субҳи Хуросон аз уфуқи шаҳри Ҳарӣ тулуъ фармуданд ва чун нури қобилияту ҳувият аз ҷабини ӯ возеҳ буд, мустаҳиллин он ҷо ӯро ба сони моҳи ид менамуданд (Дар шаҳр чу моҳи навам ангуштнамо кард). Табъаш дар шеъру ақсоми калом бағоят марғуб ва дар қасидаву маснавӣ доди сухан дода ва бо вай ба суҳбати бисёр расида.Ин матлаъ аз ӯст якбор гуфт,ки навбати аввал ба мулозимати Мир Алишер ин матлаъ гуфтам:

Чунон аз по фиканд имрӯзам он рафтору қомат ҳам,
Ки фардо барнахезам, балки фардои қиёмат ҳам.

Ва бар эшон хондам, Мирзоро бисёр хуш омад ва гуфт:

- Тахаллуси ту чист?

Гуфтам :

-Ҳилолӣ.

Гуфт:

-Бадрӣ! Бадрӣ!!

Ва маро ба мутолиа таҳриз карданд. Баъд аз он ба таҳсил машғул шудам филвоқеъ дар фазоил кам аз фузалои аср набуда» [131, 166-167].

Тавре ки ба мушоҳида расид, Соммирзои Сафавӣ ин маълумотро аз забони Ҳилолӣ овардааст, ҳамчунин чандин маротиба бо ӯ ҳамсуҳбат шуданашро низ таъкид мекунад. Баъдан ҳамин маълумоти Соммирзоро ағлаби муаллифони сарчашмаҳои адабиву таърихӣ айнан, ё қисман такрор намудаанд.

Бадриддини Ҳилолӣ дар таърихи адабиёти тоҷику форс пеш аз ҳама ҳамчун шоири ғазалсаро шуҳратёр гардида, муаллифони сарчашмаҳои таърихиву адабӣ ӯро дар ғазалсароӣ ҳамчун «ангуштнамои хосу ом», «зубдаи шуарои замон ва умдаи булағои даврон» муаррифӣ кардаанд. Худи Ҳилолӣ ҳам аз ғазалсаро буданаш бо ифтихор ёдоварӣ намудааст:

Нақди ганҷинаи сухан ғазал аст,

Шукри Борӣ, ки шеъри ман ғазал аст [89, 15].

На ҳар суханвар мисоли Бадриддин дар оғози роҳ ёфтан ба олами эҷоду суханварӣ дар ғазалсароӣ комёб гардидаву ба эътирофи Ҷомиву Навоӣ барин саромадони адабиёт сазовор гардида метавонист. Барои расидан ба мақоми шуҳрату эътибор ба қавли Абдурраҳмони Ҷомӣ «суханро ба ҳадди эъҷоз бояд расонид» ва ин маснад ба он нафаре даст медод, ки ашъораш дар сояи эҷоди дигарон нопадид нагардад, балки аз ҷиҳати шаклу мазмун ва ҳунари сухангустарӣ дар пояи шеъри шуарои номдор қарор дошта бошад. Аз хулосаҳо ва навиштаҳои муаллифони сарчашмаҳои таърихиву адабӣ равшан мегардад, ки Ҳилолӣ ба ин мақому манзалат даст ёфтааст.

Бадриддини Ҳилолӣ дар ғазалиёташ ба шоирони номдору шинохтаи адабиёти тоҷику форс пайравӣ намуда, ба ашъори эшон тазмину татаббуъ кардааст. Ба ҳамин васила маҳорату истеъдоди худро нишон дода, ҳамчунин ба як ғазали Саъдӣ мухаммас ҳам гуфтааст[89, 211].

Бадриддини Ҳилолӣ тазмини худро ба ашъори дигарон ишорат накардааст, вале дар байти зерин мисраи Ҳофизи Шерозиро тазмин намудани ӯ гувоҳи ҳол шуда метавонад:

Ҳилолӣ чун ҳарифи базми риндон шуд, бихон мутриб:

«Ало ё айюуҳассоқӣ, адир касъан ва новилҳо» [140,15].

Инчунин дар пайравӣ ба ғазали машҳури «Гуфтам ба чашм»-и Камоли Хуҷандӣ ғазалеро бо ҳамин  вазну радиф эҷод намудааст, ки далели таваҷҷуҳи Бадриддини Ҳилолӣ ба шеъри Камоли Хуҷандӣ аст.

Ҳарчанд Ҳилолӣ шоири машҳури ғазалсарост, оид ба мақому мартаба ва арзиши ғазалиёташ ба тариқи ифтихория камтар сухан гуфтааст. Масалан байти зерин, ки аз эътидоли табъи мавзунаш тафохур намудааст:

Васфи қаддашро ба мизони хирад санҷидаам,

Офарин бар эътидоли табъи мавзунам кунед [140,79].

Дар байти зерин бо ифтихор ишора менамояд, ки дар шеър мансаби шоҳӣ дошта, дар ашъори пурмазмунаш сӯзи Хусраву нозукиҳои Ҳасан ба мушоҳида мерасанд:

Ҳилолӣ аз камоли шеър дорад мансаби шоҳӣ,

Ки сӯзи Хусрав асту нозукиҳои Ҳасан бо ӯ [140,107].

Ҳамчунин, дар як байти қасидааш ба имтиёзи назми гуҳарбори худ бар каломи Ҳасани Деҳлавӣ ишорат кардааст:

Моҳ ҷамоли Ҳасан гуфту камоли Ҳусайн,

Назми Ҳилолӣ гирифт ҳусни каломи Ҳасан[140,207].

Андешаҳои ҷолиби адабиии Бадриддини Ҳилолӣ асосан дар маснавиҳояш баён шудааст, ки ин ҳол сабаби муайяни худро дорад. Дар маснавии «Шоҳу дарвеш» шоир дар қисмати «Таснифи китоб» барпо гардидани маҳфили адабиеро, ки шоирон дар баёни сифати ғунча табъозмоӣ кардаанд, ба риштаи тасвир кашидааст:

Рӯзе аз рӯзҳои фасли баҳор,

Ки тафовут надошт лайлу наҳор.

Чанде аз аҳли табъ дар чамане,

Маҷмае сохтанду анҷумане.

Гуфтугӯи суханварӣ карданд,

Даъвии нуктапарварӣ карданд [138, 315].

Мувофиқи нақли Ҳилолӣ ҳангоме, ки дар ин маҳфил вай ғолиб меояд ва сомеон тасвири ӯро ситоиш менамоянд як нафар инсони бахил, ки ҳунари суханварӣ дошт, Бадриддинро таъна зада мегӯяд, ки агар тавоно бошӣ дар навиштани маснавӣ талош варз, вагарна ин суханбозиҳо ҳеҷ аст. Ҳилолӣ дар посух ба ӯ мегӯяд:

Муддаӣ чун мазоқи шеър надошт,

Маснавиро беҳ аз ғазал пиндошт [138, 315].

Ва муътақид аст, ки:

Он ки назми ғазал тавонад гуфт,

Маснавиро чу дур тавонад суфт [138, 316].

Таъсири суханҳои гуфтаи он марди нотавонбин Бадриддини Ҳилолиро водор сохт, ки «бозуи фикрро қавӣ карда», «рӯй бар сӯйи маснавӣ оварда» ба таълифи маснавӣ пардозад ва бо ҳунари хеш муддаиро сархаму шармсор гардонад. Тахмин кардан мумкин аст, ки агар шоир дар айни камолоти эҷодӣ маҳкум ба қатл намешуд, дар пайравии Низомии Ганҷавию Амир Хусрав ва Мавлоно Ҷомӣ «Хамса»-е низ ба ёдгор мегузошт. Ин маънӣ дар «Муноҷот», ки пас аз қисми анъанавии «Шоҳу Дарвеш» омада, дарҷ шудаааст:

Чун забон додаӣ, баёнам бахш,

Дар баёни сухан забонам бахш.

Махзанамро дури Низомӣ деҳ,

Соғарамро шароби Ҷомӣ деҳ.

Бандаро Хусрави сухан гардон,

Ҳусни назми маро Ҳасан гардон [138, 219].

Бадриддини Ҳилолӣ дар ҳар се маснавӣ пас аз қисми анъанавӣ дар бораи сухан ва қадру манзалати он андеша ронда, арзиши каломро басо баланду арҷманд маънидод мекунад, аз мақоми қудсии сухан, қудрати сеҳрангезу зиндагисози он ва ба туфайли сухан ба мулки ҷовидонӣ раҳ ёфтану ҳаёти абадӣ ёфтани шоирро ба таъкид меоварад. Ҳангоми муқоисаи андешаҳои адиб дар бораи сухан ва аҳаммияти он равшан мегардад,ки характери умумии

андешаҳои «Шоҳу Дарвеш» дар маснавиҳои баъдӣ муассиртар ва равонтару гӯётару мушаххастар баён шудаанд.

Дар маснавии «Шоҳу Дарвеш» мегӯяд:

Гавҳари ҳуққаи даҳон сухан аст,
Ҷавҳари ханҷари забон сухан аст.
Гар набудӣ сухан, чӣ гуфтӣ кас?
Дурри маънӣ чӣ гуна суфтӣ кас?
Сирри касро касе чӣ донистӣ?
Роз гуфтан куҷо тавонистӣ?
Ин сухан гар на дар миён будӣ,
Одамӣ низ безабон будӣ. [138, 313].

Айни ҳамин матлабро дар маснавии «Сифот-ул-ошиқин» ба тариқи возеҳу рангинтар ва ҳунармандона чунин нигоштааст:

Сухан сардафтари девони ишқ аст,
Сухан ганҷинаи султони ишқ аст.
Сухан сарчашмаи дарёи ақл аст,
Сухан сармояи дурҳои ақл аст.
Сухан зоҳир кунад сӯзи ниҳонро,
Зи шамъи дил барафрӯзад ҷаҳонро [138, 407].

Суханвари ҳиротӣ дар хотимаи ҳар се маснавии зикршуда мулоҳизаҳо хешро баён намуда, таъкид менамояд, ки ин маснавиҳо писанди хосу ом гардидаанд ва бо ифтихору қаноатмандӣ онҳоро дорои «лафзи пок» ва «маънии тоҳир» меҳисобад. Инчунин ба ҳамон бадгӯёну ҳасудон ва нотавинбинон бо забони шеър чунин посух мегӯяд:

Ғояти шоирӣ ҳамин бошад,
Шеваи соҳирӣ ҳамин бошад.
Ҳар кӣ дам зад, забони ӯ бастам,
Сеҳр кардам, даҳони ӯ бастам.
Қаламам мили чашми душман шуд,
Лек аз ӯ чашми дӯст равшан шуд [138, 409].

Баъдан як ҳикояти тамсилӣ оварда, бори дигар муддаиро, дар беҳунариву сустназмӣ таъна мезанад ва таъкид менамояд, ки ҳангоми мубоҳиса на аз ҳунари хеш, балки бо истифода аз ашъори дигарон лоф мезанад, ки оини ҷавонмардӣ нест:

То ба кай мепарӣ ба боли касон?
Ноз хуш нест бо ҷамоли касон [138, 392].

Дар интиҳои маснавӣ бо унвони «Дар сифоти ин китоб ва хотимаи ин хитоб гӯяд» андешаҳояшро ҷамъбаст намуда, ашъорашро бо ибораҳои «дарёи маонӣ», «назми обдор», «дурри шоҳвор», «ҳадиси руҳбахш», ки ҳосидонро лаб барбаставу ҳавас дар дилашон шикастааст**,** сифат кардааст:

Ҳилолӣ, ин чӣ дарёи маонист,
Ки мавҷи он зи баҳри осмонист [138, 477].

Бадриддини Ҳилолӣ манзалати суханро аз арш дониста, чун ворисӣ шоиставу шуҳратёр дар пайравии «Махзан-ул-асрор»-и Низомиии Ганҷавӣ ва «Матлаъ-ул-анвор»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ маснавиҳо сурудааст:

Сухан пеши сухандон арҷманд аст,
Зи боло омаду қадраш баланд аст.
Биҳамдиллаҳ, ки кардам дар сухан руй,
Шудам дар олами маънӣ сухангуй [138, 478].

Пос доштани хотири гузаштагон ва ифтихор намудан аз эшон дар тамоми давраҳои адабиёти тоҷику форс ба ҳукми анъана даромада буд. Ва Ҳилолӣ низ ҳамчун ворисӣ арзандаи ҳамин мактаб ин суннатро дар ашъораш идома бахшидааст. Дар маснавии «Лайлӣ ва Маҷнун» пас аз анҷоми қисми анъанавӣ аз Аттори Нишопурӣ ёд карда, ашъори ӯро «равзаи мушкбӯ» ва худашро «нотиқи фалаксайр», «донои румузфаҳм», «донои тариқаи ҳақиқат» хондааст:

Хуррам нафасе, ки ёфтам бор,
Аз равзаи мушкбӯи Аттор,
Он тутии нотиқи фалаксайр,
Донои румузи «Мантиқ-ут-тайр» [138, 233].

Дар идомаи васфи Аттору ашъори маънибории ӯ ишора менамояд, ки гӯё маҳз таҳти таъсири ин суханвари мумтози нишопурии ӯ ба навиштани ҳамин достони ошиқона майл намудааст.

Дар хотимаи маснавӣ изҳор медорад, ки килкаш чун Хизр аз сиёҳӣ гузашта, аз оби ҳаёт сар баровардаву дар қолаби назм ҷон даровардааст ва маснавии «Лайлӣ ва Маҷнун» аз ду маснавии пештарааш хубтару ҷаззобтар рӯи кор омадааст:

Ин худ беҳ аз он ду дафтар омад,
Сардафтари ҳафт кишвар омад [138,324].

Баъдан шоир бо ифтихори тамом ба касе пешкаш накардани маснавиашро таъкид намуда, аз он афсӯс мехӯрад, ки бархе аз суханварон баҳри инъоме ҷоҳилонро васф мекунанду арзиши аслии суханро паст мезананд:

Ман нома ба номи кас накардам,
Инъоми касе ҳавас накардам.
Ҳайф аст,ки номаҳои номӣ,
Гардад зи тамаъ хати ғуломӣ [138, 324].

Ҳилолӣ дар баробари тафохур аз навиштаҳои хеш ва таъкиди он ки ашъораш ба ҳадди балоғат расидааст ва суханҳояш равону дорои маъниҳои бикр ҳастанд, суханварони пешинро бо эҳтироми хоса ёд намуда, онҳоро шоистаи пайравӣ меҳисобад. Дар мисоли абёти поёнӣ:

Ганҷи ман агар равад ба Ганҷа,
Созад қадаме ба Ҳинд ранҷа.
Бахшад дури назми худ Низомӣ,
Хусрав диҳадаш хати ғуломӣ [138, 325].

Аз нигоҳи ин суханвари мумтоз дурахшонтарин ахтарони осмони маснависарой Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ба ҳисоб мераванд, ки аз онҳо бо эҳтирому ихлос ёдовар шудаву эшонро бо ибораҳои «шамшерзабону шерпанҷа», «шаҳи мулки

некномӣ», «шаҳаншоҳи орифон», «тӯтии шакарзабони Деҳлӣ», «дарёдилу шерпанҷа» васф намудааст:

Буданд сегонаи замона,
Ҳар як ба ягонагӣ фасона.
Яъне шаҳи мулки некномӣ,
Шоҳаншаҳи орифон Низомӣ [138,326].

Ё ҷои дигар:

В-он соқии ҷоми Ҷам-Ҷомӣ,
Ҳам Хусрави аҳду ҳам Низомӣ,
Рӯзе, ки ба фатҳи Ганҷа омад,
Дарёдилу шерпанҷа омад [138,327].

Ҳарчанд Ҳилолӣ дар сароидани маснавию достонҳо пайрави ҳамин номоварони олами назм будааст ва ашъори баландпояву арзишмандеро сароидааст, бо фурӯтанӣ иқрор мекунад, ки осораш дар пояи навиштаҳои эшон қарор надорад:

Ман нестам аз шумори эшон,
Корам нарасад ба кори эшон.
Эй ман саги остони Ҷомӣ,
Хоки дари Хусраву Низомӣ [138, 377].

Ҳамин тавр, Бадриддин Ҳилолӣ ҳамчун шоири шинохтаву соҳибсухани даврони хеш бо осори гаронбаҳои худ дар таърихи адабиёти тоҷику форс дар шумори беҳтарин офарандагони каломи ноб қарор дорад. Ӯ тавонистааст, ки афкори адабии хешро дар ғазалҳо ва беш аз ҳама дар маснавиҳояш возеҳу мушаххас иброз намояд. Дар баробари ифтихор аз ашъори баландпояи худ бо тавозуъ ёдрас мешавад, ки ин офаридаҳо дар назди навиштаҳои бузургоне мисоли Низомиву Амир Хусрав ва Ҷомӣ арзише надоранд. Ҳилолӣ шукронаи он мекунад, ки суханвар аст ва маҳз тавассути каломи мавзун ба мардумон аз таърихи адабиёт, зебогиву шевогии шеър, қадру манзалати одамӣ, эҳтирому посдории анъанаҳои гузаштагон башорат медиҳад.

Намояндагони гурӯҳи дуюм Толиби Омулӣ, Калими Кошонӣ, Муҳташами Кошонӣ, Шавкати Бухороӣ, Нозими Ҳиротӣ, Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафӣ, Бедили Деҳлавӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ мебошанд, ки аксар бо сабки ҳиндӣ эҷод карданд ва ашъорашон саршори накди адабист.

Толиби Омулӣ яке аз шоиронест, ки бо мазмунофарӣ ва тарзи баёни ба худ хос ба ағлаби шуарои муосиру давраҳои баъдӣ таъсир гузоштааст. Ӯ шеъри худро дарахти пурбору пурфайз меҳисобад, ки саросари онро гулҳои рангоранг пӯшонидааст ва муосирону ояндагон аз файзи он баҳравар хоҳанд гашт:

Толиб манам он, ки хокам оби гуҳар аст,
Хунам зи чакидаҳои доғи ҳунар аст.
Он ҷаннати пурнаими файзам, ки маро,
То решадарахти ҳар сухан борвар аст [50,51].

Толиби Омулӣ низ мисли ҳамзамонони хеш дар баробари эҳтирому ихлос ба осори мутақаддимин аз офаридаҳои хеш тафохур дошта, дар абёти ифтихории худ таъкид намудааст, ки «ба пайкари сухан ҷон бахшида», дар чаманистони баён каломи мавзуни вай мисоли гулу райҳон аст ва таъсири суханаш барои ояндагон мисоли рушноист:

Онам, ки ба қолаби сухан ҷон зи ман аст,
Гулзори баён пургулу райҳони ман аст [50,112].

Калими Кошонӣ аз ҷумлаи суханваронест, ки дар таърихи адабиёти тоҷику форс мақому мартабаи хосеро соҳиб буда, бо номи «халлоқ-ул-мазомини сонӣ» [29] шуҳрат ёфтааст. Ба андешаи Калими Кошонӣ ба даст овардани маонии баланд кори саҳлу сабук нест ва солики роҳ пайи расидан ба ҳадафи хеш пайваста талош меварзад. Калими Кошонӣ низ маъниро дар шеър унсури аз ҳама муҳим ва асосӣ шуморида, таъкид менамояд, ки як мисраъ ва ё байти дорои мазомини воло мисоли боли паранда аст, ки ба ӯ қувват мебахшад ва ҳамин мисраи олимазмун сабабгори иштиҳори суханвар мешавад:

Менихам дар зери пои фикр курсӣ аз сипеҳр,
То ба каф меоварам як маънии барҷастаро.
Кас ба ҷуз соғар талоши мо намефаҳмад, Калим
Шеърфаҳмон ҷумла сайёданд сайди бастаро [29, 93].

****

Ду мисраъ дар сабукруҳӣ Калим он тавр бинмояд,
Ки дар парвози шуҳрат бол бошад мурғи маъниро [29, 78].

Хоҷа Муҳаммад ибни Исҳоқ, ки бо тахаллуси Шавкати Бухороӣ машҳур аст, бино ба нигоштаҳои муҳаққиқони аҳволу осори мавсуф ва маълумоти сарчашмаҳои илмиву адабӣ аз шумори суханварони номдори давр маҳсуб меёбад, ки дар таърихи адабиёти тоҷику форс мақоми шоисатаро касб намудааст. Доктор Сируси Шамисо дар пешгуфтори «Девон»-и Шавкати Бухороӣ роҷеъ ба ҷараёни зиндагӣ, шеваи баёни шоир ва вижагиҳои ашъори ӯ дар асоси маълумоти маъхазҳои илмиву адабӣ натиҷагирӣ намуда, афкори муаллифони тазкираҳову муҳаққиқонро, дар бораи Шавкати Бухороӣ ва сабки ашъораш овардааст [13, 9-37].

Тибқи маълумоти сарчашмаҳои илмиву адабӣ Шавкати Бухороӣ шеваи хоси баёни худро дошта, яке аз намояндагони муваффақи сабки ҳиндӣ ба шумор меравад. Сабки ҳиндӣ, ки муҳаққиқон бо номҳои «давраи бозгашти адабӣ», «шеъри тарз» ё худ «тарз», «сабки ҳиндӣ», баъдтар «сабки Бедил» ном бурдаанд, дорои вижагиҳои хос мебошад, ки дар ин бора асарҳову мақолаҳои зиёде аз ҷониби донишмандони ватаниву хориҷӣ ба табъ расидаанд.

Сируси Шамисо дар пешгуфтори «Девон»-и Шавкати Бухороӣ оид ба шеваҳои мутафовити сабки ҳиндӣ ва вижагиҳои он мулоҳизаронӣ намуда, аз ҷумла, менависад: «Шеваи тамсилӣ, ки дар он як мисраъ (пешмисраъ) маъқул ва дигар мисраъ (мисраи барҷаста) маҳсус мебошад ва байни он ду робитаи тамсилӣ мавҷуд аст,ба ин маънӣ ки мисраи маҳсус  тамсили мисраи маъқул аст. Ин шева худ бар ду навъ аст, рабти ду мисраъ мумкин аст печида ва дерёб, ё осону муътадил бошад. Ба ҳар ҳол ин шева шеваи марсум ва роиҷи

сабки ҳиндӣ аст ва абёти Соиби Табрезиву Калими Кошонӣ аз ин даст аст. Шеваи ғайритамсилӣ, ё тарзи тарзи хаёл, ё нозукгӯӣ, ё назокатбандӣ, ки мабнӣ бар иғроқоти баъид ва нозукхаёлист ва лузуман мабнӣ бар тамсил нест ва агар байни ду мисраъ робитаи тамсилӣ  бошад, дарки он ба сабаби нозукхаёлӣ  мутааззир (муҳол, номумкин-М.М.) ва душвор аст. Ин шеваро бештар дар Ҳинд меписанданд, то дар Эрон. Ашъори Мирзо Ҷалоли Асири Шаҳристонӣ, Шавкати Бухороӣ, Носири Сарҳиндӣ, Мирзо Наҷоти Исфаҳонӣ, Бедили Деҳлавӣ каму беш аз ин гуна аст» [13, 17]. Аз ҳамин ҷост, ки аксар муҳаққиқони мутаққаддимину мутааххирин ашъореро, ки маънии басо печидаву мушкиларо, ки ба тариқи ғайритамсил ифода ёфтааст, ашъори таври хаёл гуфтаанд [13,17].

Тибқи хулосаҳои муаллифони сарчашмаҳои илмиву адабӣ, аз ҷумла, муаллифони тазкираҳои давраи зиндагии Шавкат, ки ба қавли Сируси Шамисо «сабкшиносу мунаққиди адабӣ ҳам буданд» [13, 17], сабки Шавкат аз ин навъ тарзи хаёл аст. Алиқулихони Волаи Доғистонӣ дар тазкираи «Риёз-уш-шуаро» дар бораи Шавкати Бухороӣ чунин гуфтааст: «Назокати ашъораш ба ҳадде расида, ки баъзе аз онҳо дар ниҳоди эътидол намондааст» [13,17]. Муаллифи «Фарҳанги Онандроҷ» бар он назар аст, ки дар ашъори намояндагони тарзи хаёл «назокати хаёлро ба ҳадде расонидаанд, ки дар баъзе ашъори эшон ҷамоли маъниро ҷуз дар оинаи хаёл натвон дид» [13,18]. Ҳамин масъаларо Муҳаммад Сиддиқ Ҳасанхон дар «Шамъи анҷуман» ба гунаи зерин баён доштааст: «Шавкат аксар мазомини иддаоӣ (хаёлӣ) мебандад ва маънои вуқуъӣ(воқеӣ) кам дорад» [13,19]. Тибқи хулосаҳои муаллифи «Баҳористони сухан» Мир Абдураззоқи Хофӣ «нозукии алфозу рангинии иборот ва шӯхии маъниву назокати хаёл ба ҳаддест, метавон гуфт шеъраш маънӣ надорад» [13, 19].

Айни ҳамин маъниро доктор Забеҳуллоҳ Сафо баён намуда, навиштааст, ки: «Суханҳои ӯ гоҳо бемаънӣ ба назар меояд. Аммо чунин нест. Бояд ба нозукхаёлӣ мисли вай буд, то ба хаёлҳои нозукаш расид ва ба мақсудаш пай бурд ва ё ба ҳамон олами таваҳҳумҳои ӯ ворид гашт ва монанди ӯ шуд, то

сухани ӯро гоҳ ба воқеъ ва гоҳ ба тақриб дарёфт ва пайдост, ки ин навъи шоирӣ нозилтарин навъи он аст» [210,1335].

Воқеан, дар ашъори Шавкати Бухороӣ байтҳое ҳастанд, ки ба назари хонандаи ноогоҳ аз сабки ҳиндӣ, махсусан, шеваи ғайритамсилӣ ё худ тарзи хаёл, бемаънӣ менамоянд. Масалан, байти зер:

Гӯшам лаби хамӯшу лабам гӯши кар шуда,
Азбаски бастаам дари гуфтушунидро [13, 58].

Яъне шоир гуфтанист, азбаски дари гуфтугӯро бастаам, ҳарфе намегӯяму ҳарфе намешунавам, аммо тарзи баёнаш аҷиб аст, ки «гӯшам лаби хамӯшу лабам гӯши кар шуда» мегӯяд ва сифати лабро ба гӯшу сифати гӯшро ба лаб тарҷеҳ додааст, ки тасаввурнашавандаву ғайривоқеист. Ин ҷо дар мисраи маъқул вожаҳои «гӯш»-у «лаб» бо сифоти «хамӯш»-у «кар» зикр шудаанду дар мисраи маҳсус таркиби «гуфтушунид» омадааст, яъне ҷузъҳои таркиби мисраи маъқул мувофиқи тартиби ҷузъҳои калимаи мисраи маҳсус оварда шудаанд ва пайвандаки «азбаски» робитаи маъноии байни мисраъҳоро таъмин намудааст ва сабаби қатъиян нагуфтану нашуниданро шарҳ медиҳад, ки маънои бастани дар аст. Аз ин ҷо бармеояд, ки бо омили баста шудани дари гуфтушунид «гӯш», ки зотан имкону қобилияти гуфтанро надорад, ҳамчун лаби хомӯш аст ва баръакс, лаб, ки дар асл имкону қобилияти шуниданро надорад, ҳамчу гӯши кар шудаву мазмуни хаёлист.

Дар байти зерин:

Зи фикри дури хаёлам ғариб шуда Шавкат,
Миёни маъниву лафзам ҳазор фарсанг аст [13, 148].

низ дарки маънӣ бидуни огаҳӣ аз тарзи хаёл муҳолу номумкин аст, яъне дар мисраи аввал, вожаи «дур» бо вожаи «ғариб», ки ба ду маънӣ, аввал ба маънои дурӣ, дуюм ба маънои аҷоиб далолат мекунад, ки таносуби маъноӣ дорад ва ҳазор фарсанг будани миёни маъниву лафзу ҳам ба вожаи «дур» дорои таносуби маъноӣ мебошад. Дар ҳоле ки миёни маънову лафз мавҷудияти дурӣ тасаввурнашаванда аст ва мавҷудияти дурии байни маъниву лафз ба ҷой надоштани маъно далолат мекунад.

Аз ин ҷо, «миёни маъниву лафзам ҳазор фарсанг аст» гуфтани шоир дар назари аввал ҳеҷ маъное надорад ва мақсади шоир норӯшану пӯшида менамояд. Барои равшан шудани маънӣ муносибати маъноии вожаҳои таркиби ибораи «фикри дури хаёл»-ро муайян намудан лозим, яъне дар ин ибора ҷузъи асосӣ «фикр» аст ва вожаи «дур» муайянкунандаи фикр асту «фикри дур» дар якҷоягӣ ба хаёл мутааллиқ аст, яъне «хаёл» соҳиби фикри дур аст, ки фоили мавҷудияти ғарибиву дурӣ гардидааст ва ин ҷанбаи воқеиву тамсилӣ надорад, балки мазмуни хаёлӣ мебошад.

Ғами ҳиматбаландон нест, Шавкат пастфитратро,
Ки аз хоридани сар нест парво нохуни поро [13, 58].

Дар байти болоӣ миёни мисраҳои маъқулу маҳсус ҷанбаи тамсилӣ вуҷуд надошта бошад ҳам, робитаи маъноии байни мисраъҳоро нозукии тарзи баён, назокати маъноии байни ибораву вожаҳои «хоридани сар»-у «нохуни по» ва «парво»-и мисраи маҳсус бо вожаҳои «ғам», «ҳимматбаландон»-у «пастфитрат»-и мисраи маъқул таъмин кардааст, яъне пастфитрат ҳеҷ гоҳ ғами ҳимматбаландро намхӯрад, он гуна, ки нохуни по, ки дар пасттарин мавзеъ қарор дорад, аз хоридани сар, ки дар баландтарин мавқеъ аст, парвое надорад ва зотан ин имконро ҳам доро нест.

Шавкати Бухороӣ дар баъзе мавридҳо аз шоирони мутақкадиму муосиронаш ёдовар шудааст, ки ин ҳол гувоҳи огоҳии комил доштани ӯ аз ашъори суханварони дигар мебошад, амсоли он ки аз Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ёд кардааст:

Бувад Шавкат илоҷ аз бодаи Шероз дардамро,
Ки соқӣ дида аз девони Ҳофиз борҳо фолам [13, 416].

Дар баробари зикри хайри гузаштагон ва ифтихор аз эшон, суханварони ҳамзамону ҳамасри худро ёдоварӣ намуда, таъкид менамояд, ки маънии ашъори Толиби Омулӣ афрӯзандаи чароғи табъи ӯ буда, хомаи Соиб дар чаманистони маъниофарӣ мисоли сарви гулзори вафо аст ва мисраи Урфӣ шавқбахши базми айём гардида, килки Назирӣ амсоли санги қиматбаҳои фирӯза дурахше ба ашъори вай мебахшад:

Хост то равшан кунад Шавкат чароғи табъро

Равғани маънӣ зи хоки Толиби Омул кашид [13, 338].

***

Баҳри ин матлаб чӣ мавзун рехт ранги ин ду байт,

Хомаи Соиб, ки бошад сарви гулзори вафо [13, 496].

***

То бувад мисраи Урфӣ ба баёзи айём,

Ҳама шавқ омада будам,ҳама ҳирмон рафтам [13, 534].

***

Қалам ба каф ранги фирӯза шуд Назириро,

Зи зарби силии устодияш ба Нишопур [13, 519].

Шавкати Бухороӣ ҳамчун шоири нодирагуфтор, дорои қобилияту истеъдоди баланду нотакрор буда, аз фасоҳату балоғати сухан бархурдор аст. Ва дар баъзе мавридҳо аз расоиву зебогии афкор, баландиву шириниву рангинии ашъораш, инчунин аз гуфтани мисраъҳои барҷаставу ғазалҳои обдораш ифтихор намуда, гоҳо ин нуктаро таъкид сохтааст:

Нозид фалак имрӯз ба ҳар байти ту Шавкат,

Даъвои сухан кун,ки ду мисраъ ду гувоҳ аст [13,180].

Дар баробари тафохур аз равониву шевогиии каломаш, гоҳо дар абёти алоҳида таъкид кардааст, ки сухани ман бо он ки мавзуну гушнавоз ва саршори маонии бикр аст, ниёз ба мунтақид дорад:

Мо зи хубу зишти дил, Шавкат, шиносо нестем,

Баҳри нақди хештан сарроф меҳоҳем мо [13,127].

Суханвари мумтоз аз назми рангину пурмазмуни хеш илҳом гирифта,дар баъзе мавридҳо бо эҳсоси наҷиби шоирона девони ашъорашро ба сафинаи рангини назм шабоҳат медиҳад. Бо эҳсоси ифтихор таъкид менамояд, ки дар чаманистони маънигустарӣ ӯ мисоли боғбони таҷрибадор аст ва миёни аҳли фаҳму аҳли завқ аз шумори пешқадамҳост:

Шавкат сафинаи ман аз назм гашта рангин,

Анбар саводи шеър аст дарёи коғазиро [13, 95].

***

Мешавад маҳсус чун гул маънии рангини ман,

Ҳамчу ман Шавкат куҷо ҳарфофарин пайдо шавад [13, 312].

Шоир дар аксари абёти ифтихории хеш калимаи рангро мавриди истифода қарор дода, тавассути он калимаҳои мураккаб сохтааст, ки аз ҳунари калимасозии вай дарак медиҳад. Вожа ваибораҳои «маънии рангин», «рангинхаёлон», «мазмуни рангин», «назми рангин», «чакидани хуни назокат аз ҳар мисраи ашъори ӯ» аз ҳамин зумра мебошанд. Шавкат ашъори хешро мисоли дастаи гул медонад, ки аз мисраъҳои рангин дастабандӣ шудаанд ва чун назар ба девони вай намоем пеши назарамон гулзори вожаҳои маънирез ба ҷавлон меояд:

Аз барои туҳфаи рангинхаёлон субҳдам,

Шавкат аз мисраи рангин дастаи гул бастаам [13, 392].

***

Шавкат аз баҳри дуои қомати мавзуни ӯ

Мисраи барҷаста дасти хеш боло мекунад [13, 297].

Шоир дар баробари ифодаи маъонии бикр аз санъатҳои бадеӣ низ ҳунармандона истифода намудааст. Истифодаи санъатҳои маънавию лафзӣ ба монанди ташбеҳ, тавсиф, истиора, талмеҳ инчунин тасвирҳои бомавқеъ ҳусну қубҳи каломи ӯро боз ҳам баландтару муаассир намудааст. Ибораҳои хоси «сабки ҳиндӣ» ё «шеъри тарз» дар ашъори Шавкат истифодаи фаровон дорад, ба монанди «маънирез гаштани минқори мо», «осуда шудани гӯши гулҳо», «саҳфаи назми тар», «мустар аз риштаи гавҳар задан», «найқалами тар будани забони ту», «аз оби ҳунар мавҷ задани теша», «асал хурдан аз ҳадиси шоир» ва ғайра:

Ғунчаи минқори мо то гашт Шавкат маънирез,

Гӯши гулҳо аз фиғони булбулон осуда шуд [13, 264].

***

Шавкат ба Бесутуни сухан Кӯҳкан туӣ,

Аз оби тешаи ту ҳунар мавҷ мезанад [13, 293].

Суханвари бухороӣ дар баробари васфи «ғазали обдораш» изҳор кардааст, ки барои ҳар нафаре, ки бо шеъру шоирӣ сару кор дорад, гуфтани маънии баланд ва сурудани ашъори дилписанд кори саҳлу осон нест:

Кори осон набувад маънии рӯшан бастан,
Наср то назм шавад, об гуҳар мегардад [13, 224]

Дар адабиёти тоҷику форс дар мавриди бухлу ҳасаду кина ва нотавонбинӣ ашъори зиёд суруда шудааст. Ва дар тамоми давраҳои ҳаёти ҷамъият ҳар ҷо кору пайкор аст ва фаъолияту эҷодиёт роҳандозӣ шудааст, ҳамин масъала дар мадди назар қарор дорад. Шоир низ таъкид мекунад, ки дар шумори мухлисону ҳаводорони ашъораш боз ҳастанд нафароне, ки аз ҳарфофаринии мавзуну шеъри ноби вай ҳасад хурда, аз рӯйи бухлу нотавонбинӣ «таҳсини кинояомез» мегӯянд:

Қалам болад ба дастам аз ҳадиси ҳосидон ҳосид,
Ки таҳсини дигар бошад ҳасад ҳарфофаринонро [13, 82].

Ба андешаи Шавкати Бухороӣ дар назари зоҳирбинон назму наср яксон метобад ва онҳо таносубу фарқи онҳоро наметавонанд эҳсос намоянд. Ва таассуфу надомати шоир ҳам аз ҳамон аст, ки каломи ӯ дар баъзе мавридҳо ба гӯши ошноҳо низ «бегонамазмун» гаштааст:

Баски яксон аст пеши аҳли зоҳир назму наср,
Сарв ҳам Шавкат миёни сабзаҳо мумтоз нест [13, 197]

Суханвари мумтози дигари ин аҳд Нозими Ҳиротӣ мебошад, ки бо ашъори рангину пурмазмуни хеш миёни аҳли адаб маъруфияти хос пайдо намудааст. Вай дар муқаддимаи маснавии «Юсуф ва Зулайхо» аз Низомӣ бо эҳтирому иродат ёд намуда, ӯро «подшоҳи мулки маъонӣ» ва худашро валиаҳду пайрави вай ҳисобидааст:

Тавонам кардан аз муъҷазкаломӣ,
Сухан бо ҳар кӣ бошад ҷуз Низомӣ,
Чаро к-ӯ дар сухан машриқҷавоб аст,
Китобашро зуҳури офтоб аст [143, 100].

Нозими Ҳиротӣ ҳам монанди шуарои даврони хеш ифтихорияҳои зиёд сурудааст. Аз нигоҳи вай ашъораш ба дараҷае баландмазмуну нотакрор аст, ки дигарон қудрати ҷавоб гуфтани ғазали обдорашро надоранд. Нозими Ҳиротӣ килкашро, ки офарандаи каломаш аст, ҳамчун «машшотаи сухан» тасвир намудааст. Суханвари ҳиротӣ бо ифтихор мегӯяд, ки на танҳо исмаш Нозим аст, балки назми ҷаҳонорояш сабабгори «нозими машриқзамин» гаштани вай шудааст:

Шавад чу килки ту машшотаи сухан Нозим,
Ба ҳусни табъ, ки маъшуқи шухчанги ман аст [143,51].

***

Нозими машриқзаминам, нест гар бовар туро,
Мешавад маълум аз назми ҷаҳонорои ман [143, 62].

Шоирони дигари ин даста Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ ва Сайидои Насафӣ низ ба мисоли суханварони фавқуззикр баробари ёд кардани гузаштагон ва ишораи он ки аз пайраву ихлосманди ниёгон ҳастанд, ба он назаранд, ки ашъори маънибори эшон гулистони суханро сабз менамояд.

Фитрати Зардӯз хешро дар олами эҷод «Сулаймони маънӣ» номида, каломашро шаҳдбор меҳисобад.

Фитрат аз заъф баски Сулаймони маъниям,
Бар бод меравам, чу занад мӯр пушти даст [113, 305].

***

Аҷаб набвад, агар ширин бувад гуфтори ман Фитрат,
Ки чун тутӣ зи шаккарзор, яъне аз Самарқандам [113, 305].

Яке аз шоирони номдори тоҷик Миробид Сайидои Насафӣ мебошад,ки дар таърихи адабиёти тоҷик мавқеъ ва мартабаи хосеро соҳиб гаштааст.Ин шоири ҳунарманд бо он ифтихор дорад, ки ба ҷуз суханварӣ пешаву мансаби дигар надорад ва табъи оташбору хомаи мушкбор дорад, ки гӯё аз нофаи ғизолон бурида бошанд, зеро ашъораш ҳама ҷоро мушкбор намудааст.

Ҷуз фикри шеър пешаи мо нест, Сайидо,
Моро ба даҳр мансаби дигар надодаанд [121, 265].

***

Аз килки Сайидо ҳама ҷо мушкбор шуд,

Гӯё, ки буридаанд нофи ғазолаҳо [121,178].

Сайидои Насафӣ аз шумори адибони пурбори давронаш буда, аммо дар зиндагӣ бисёр ранҷу машаққатҳо дидааст, ки онро дар аксар абёташ таъкид сохта, гуфтааст, ки агар муҳит тарбияаш мекард,ӯ ҳам мисли Толиби Омул мегашт:

Сайидо беқадр афтодаст дар мулки Бухор,

Тарбият созанд ӯро, Толиби Омул шавад [121,254].

Шоир муддаист, ки агар Носиралии Сарҳиндӣ,ки яке аз номдортарину муддаитарин шоирони замонаш буд, ба Тӯрон ояд, килкаш бетааммул ба ӯ ҷавоб гуфта метавонад, яъне бо ӯ дар бадеҳагӯӣ сабқат карда метавонад:

Ба Тӯрон ,Сайидо, Носиралӣ аз Ҳинд агар ояд,

Бигӯяд бетааммул тӯтии килкам ҷавобашро [121, 172 ]

Шоир аз шуҳрату овозаи шеъри баландаш берун аз ҳудуди мамлакат огоҳӣ дорад, аммо аз беэътиборӣ дар ватан ва аз беқадрии сухану суханвар дар аҳди хеш борҳо шиква кардааст:

Ба мулки Исфаҳону Ҳинд мехонанд ашъорам,

Зи Туркистонаму аммо надорам эътибор ин ҷо [121, 199].

***

Зи базми шеър набвад баҳрае афсурдатабъонро,

Бувад килки суханпардоз чун шамъи мазор ин ҷо[121, 198].

***

Дар замони мо сухан қадре надорад,Сайидо,

Ин гуҳар з-ин пеш дар ганҷинаҳо ноёб буд [121, 274].

Ё ҷои дигар:

Дафтари ашъори худро беҳ, ки андозем ба об,

Баски имрӯз имтиёз аз нуктафаҳмон бурдаанд [121,227].

***

Аз шеъру шоирӣ нарасидем ба орзу,

Дилбастагӣ маро ба давоту қалам намонд [121, 302].

Он гуна ки қаблан қайд намудем, муҳити шоиркушу дунпарвари аҳде, ки Сайидо умр ба сар бурдааст, аҳли илму адабро ба тарки ватан кардан маҷбур сохт, ки шоир ин ҳолро бо таассуфи зиёд қайд намудааст:

Булбулон рафтанд аз саҳни гулистон хонахез,

Бенавоям,ҳамнишин зоғу заған бошад маро [121, 217].

Сайидо борҳо аз ширину шаккаррез будани килкаш ёдовар шудааст:

Баски килкам аз риёзат найшакар гардидааст,

Бурёи хона аз боли магас бошад маро [121, 211].

Адиби ширингуфтор хомаи муъҷазбаёнашро ба асои Мӯсо монанд кардааст, ки душманони нотавонбин аз рӯйи ҳасаду кина муъҷизаи шоирро сеҳр маънидод мекунанд:

Сайидо, имрӯз килкам аждаҳоӣ мекунад,

Хасми нодон мешуморад сеҳр эъҷози маро [121, 186].

***

Хомаи муъҷазбаёни ман асои Мӯсавист,

Рӯзи майдон бар кафи даст аждаҳо бошад маро [121, 211].

Шоири озурдахотир душманони оҷизу нотавонро, ки аз рӯйи бухлу ҳасад аз килкаш шикоят мекунанд, ҷавоби муносиб додаву эътимоди қавӣ дорад, ки пас аз сараш ҳам килки шакарбораш ба ҳарзагӯён ҷавоб медиҳад:

Душмани оҷиз зи килки ман шикоят мекунад,

Хона майли чашми арбоби ҳасад бошад маро.

Медиҳад килкам пас аз ман ҳарзагӯёнро ҷавоб,

Ҳамчу нофармон забоне дар қафо бошад маро [121, 214]

Адиб аз duздони маонӣ дар амон будани хешро гӯшзад карда, таъкид мекунад, ки дузди маънӣ ҳеҷ  гоҳ ривоҷ намеёбад:

Сайидо,имрӯз аз дуздони маънӣ фориғам,

Хона ҳамчун боми зиндони асас бошад маро [121, 207].

***

Дузди маънӣ,Сайидо,ҳаргиз намеёбад ривоҷ,

Теғ бар худ мекашад ҳар кӣ суханчини ман аст [121, 240].

Сайидои Насафӣ ашъорашро бебаҳо арзёбӣ намуда,аз он қаноатманд аст, тавассути асораш умри абад меёбад:

Сӯйи бозори харидорон намесозад гузар

Дар дукон азбас матои бебаҳо бошад маро.

Аз қаноат,Сайидо умри абад дорам умед,

Обрӯ сарчашмаи оби бақо бошад маро [121, 213].

Сайидои Насафӣ дар тасвироти унсурҳои ҳусн аз истилоҳоти арӯз моҳирона истифода бурдааст, ки ин ҳол таровати баёнро афзудааст ва ба қавли худаш зи «килкашаш ҷон дар қолаби тасвир мерезад», ҳам аҳаммияту арзиши матлаъ ва мақтаъро дар ғазал ифода намудааст:

Қадатро дӯш додам имтиёз аз сарв дар гулшан,

Ки месозанд аксар интихоб аз байт матлаъро.

Хати пушти лабат madди назарҳо кард абрӯро,

Ки мақтаъ хуб афтад,мекунад мумтоз матлаъро.

Зи оғозам чӣ меҷӯӣ,зи анҷомам чӣ мепурсӣ,

Зи матлаъ метавон фаҳмид обу ранги мақтаъро [121,176].

Сайидо аз шуарои номдори гузаштаву муосираш амсоли Саъдии Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Носиралии Сарҳиндӣ, Соиби Табрезӣ, Хоҷа Камолиддини Осафӣ ба некӣ ёд кардаву аз ашъори онон тазмин кардааст ва ба ғазалҳои шурои машҳур мухаммас бастааст ва эҳтироми самимиву амиқи худро ба суханпарварон ифода намудааст:

Сайидо,бар сар намоён ҷо намудам хомаро,

Сар ба пояш мениҳам, ҳар кас сухан мепарварад [121, 243].

Он гуна ки мушоҳида гардид, аксар адибон афкори адабии худро тавассути фахрияҳо ифода намудаанд. Мувофиқи хулосаҳои муҳаққиқон ифтихорияҳои шоирона бештар барои нишон додану таъкид намудани фазилату ҳунари эҷодӣ муносиб дониста мешудааст

Аз нигоҳи донишмандон адибе, ки даъвии суханварию худситоӣ мекунад, бояд ба пояи баланди камолоти эҷодӣ расида ва аз нозукиҳои шеъру шоирӣ ва улуми адабӣ огоҳии комил дошта бошад. Инчунин дар муайян намудани ҳусну қубҳи шеър мумтоз буда, сараро аз носара ба хубӣ ҷудо карда тавонад. Чунонки Боймурод Шарифзода гуфтааст: «Дар воқеъ, фахрия дар шароите зуҳур меёбад, ки шоир аз ҷиҳатҳои назарраси маҳсули эҷодиаш қаноат ҳосил карда, афзалияти самараи халлоқияти худро пайхас карда бошад» [353,14].

Дар ҳар як давраи адабии адабиёти классикии тоҷику форс суханвароне фаъолият намудаанд, ки ба баландтарин қуллаи камолоти эҷодӣ расидаву бо осори арзишманд ва мондагори хеш на танҳо дар инкишофи адабиёти форси-забон, балки дар ғанӣ гардонидани тамаддуни башарӣ саҳми муносибе гузошта бино ба эътирофи адибону олимони сатҳи ҷаҳонӣ мақому мартаба ва шуҳрати беандоза бузургеро сазовор гаштаанд. Номоварони адабиёти мо, аз ҷумла устод Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Умари Хайём, Низомии Ганҷавӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Соиби Табрезӣ, Абдулқодири Бедил дар ҳамин поя қарор доранд, ки азамати онҳоро бо ибораву таъбироти «устоди сухан», «соҳибқирони шоирон», «паёмбари назм», «подшоҳи иқлими сухан» «Худованди иқлими сухан», «хатм шудан»-и сухан (қасида, маснавӣ, ғазал) бо ашъори эшон ифода намудаанд. Ин маънӣ ҳам аз тарафи адибону олимони баландпоя, ҳам аз тарафи шуаро борҳо зикр шудаст. Муаллиф дар рисолаи худ «Хоқонӣ ва нақди шеър» доир ба арзиши баланди афкори адабии ағлаби онҳо ибрози назар намудааст. Боймурод Шарифзода дар бораи худситоиву даъвии суханварӣ намудани Хоқонии Шарвонӣ изҳори назар намуда, мефармояд: «Дар масъалаи худситоӣ ва даъвои сухан кардан аз шуарои форсигӯ ҳеҷ кадоме чун Хоқонӣ тунд нарафтааст. Ин хусусияти ашъори шоирро аксари адабиётшиносон зикр кардаанд»[353, 14]. Мавсуф дар идомаи суханаш андешаҳои адиби асри ҳаждаҳи Ҳиндустон Мирмуҳаммад Исмоилхоҷаи Абҷадиро меоварад, ки гуфтааст: «даъвои суханро ду суханвар

кардаанд, яке Мавлоно Низомии Ганҷавӣ, ки дар «Махзан-ул-асрор»(Хатми суханро ба Низомӣ расонд) гуфтааст ва ҳазрати Хоқонӣ, ки фармуда: (Ӯ хатм кунад суханвариро). Аммо ба қавли муҳаққиқи мазкур фарқи мартабаи суханварии ду адиб ин аст, ки соҳиби Ганҷа дар маснавӣ камол дораду соҳиби Шарвон дар қасида беназир аст» [353,14].

Шоирони тавонову номдори адабиёти асрҳои XVI-XVII низ монанди шуарои аҳди пешина дар ашъори хеш оид ба балоғату фасоҳати шеъри худ, равонии табъ ва қобилияту истеъдоди фитрии худ, бо ибораи дигар, оид ба арзиши эҷодиёти хеш мулоҳизаронӣ намудаанд, ки ин андешаҳои эшон барои муайян намудани мавқеъ ва хусусиятҳои накдушшеър аҳаммияти калон доранд, зеро вижагиҳои хоси адабиёти ҳар давра  пеш аз ҳама дар ашъори шоирони ҳамон давра акс ёфтааст.

Дар баробари суханварони адабиёти асрҳои XVI-XVII Соиби Табрезиву Мирзо Абдулқодири Бедил ҳамчун адибони мумтози ҳамин даврон дар таърихи адабиёти тоҷик бо осори хеш саҳифаҳои тозае боз намуда, барои инкишофи ояндаи адабиёт роҳ кушодаанд. Оид ба мақому мартаба ва хусусиятҳои хоси шеъри эшон мақолаву рисолаҳо ва таҳқиқоти зиёд таълиф шудаанд. Азбаски сабки таълифу афкори адабии Абулмаъонӣ ҳаматарафа ва бештар дар кишвари мо мавриди пажӯҳишу таҳқиқ қарор гирифта, мақолаву китобҳои зиёд ба табъ расидаанд, аз такрор намудани андешаҳои наққодии Мирзо Бедил худдорӣ намуда, оид ба накд дар ашъори Соиби Табрезӣ муфассалтар таваққуф хоҳем кард, зеро ӯ аз ҷумлаи суханваронест, ки тибқи абёти зиёди ашъораш ва хулосаҳои муҳаққиқони осораш, бисёр даъвии суханварӣ намуда оид ба мақоми сухану суханвар, афзалияти маънӣ бар лафз аз ҳама адибони пешинаву ҳамзамонаш бештар андеша рондааст,ки байтҳои шоҳиди дар бобу фаслҳои дигар овардаамон гувоҳи ҳол аст.

**а) Накди ашъори хеш.**

Аксар муҳаққиқон ва муаллифони сарчашмаҳои илмиву адабӣ ба осору ҳунари шоирии Соиб баҳои баланд додаанд. Аз ҷумла, Шиблии Нуъмонӣ гуфтааст: «Шеъру шоирӣ дар Эрон аз Рудакӣ шуруъ шудаву бар Мирзо Соиб

хатм кардааст. Пеш аз Рудакӣ шоирон гузаштаанду баъд аз Мирзо Соиб ҳам мардум табъозмоӣ кардаанд. Лекин ин ду давра қобили шумор нестанд. Бешак, дар давраи ахир чунин шахсе мисли Қоонӣ пайдо шуда, ки як дафъа қолаби шоириро иваз карда, лекин шоирии ӯ шоирии тоза нест, балки хоби фаромушшудаи ҳафтодсоларо ба ёд овардааст ва ин ҳарф ба куллӣ саҳеҳ аст, ки Қоонӣ қолаби Фаррухию Манучеҳриро интихоб кардааст» [134, 8].

Соиб, ки бо сабку услуби ба худ хос, вусъату баландии фикр, баёни маонии бикр, шеваи нотакрору тозагии шеъри обдор шуҳратёр гардида буд, даъвии басо баланди суханварӣ кардааст.Дар девони шоир кам ғазале пайдо метавон кард, ки ба нақди шеъри худ байте надошта бошад:

Ғазалгуӣ ба Соиб хатм шуд аз нуктапардозон,
Рубоӣ гар мусаллам шуд зи мавзунон Саҳобиро [73,217].

Суханвари исфаҳонӣ аз мазомини баланди офаридаҳояш ба ваҷд омада, бо тафохур дар сеҳрофаринӣ худро бо Исои Масеҳ дар як поя гузоштааст:

Ба рӯи замин Соибу бар чарх Масеҳо,
Дар анфусу офоқ ду кас беш намондаст [77, 289].

Дар ҷои дигар таъкид менамояд, ки хуршеди қиёмат низ қудрати шеъри тари дар хок набиштаи ӯро хушк кардан надорад:

Соиб, нашавад хушк ба хуршеди қиёмат
Бар хок нависанд агар шеъри тарамро [73, 393].

Ва аз он фахр дорад, ки тавассути дами сеҳрофаринаш ранги дарёи суханро дигаргун кардааст:

Мезанам нақши дигар бар об дар ҳар дам задан,
Ранги дарёи сухан, Соиб, дигаргун аз ман аст [74, 545].

Соиб боз муддаист, ки дар он муҳити адабие, ки ӯ фаъолият дошт ва эҷод менамуд, бо рӯй овардан ба тарзи нав, яъне бо гуфтани «шеъри тарз» дудмони каломи нобро бақои тозае додааст:

Соиб аз тарзи наве, к-андар миён андохтӣ,
Дудмони шеърро додӣ бақои тозае [78,324].

Ба андешаи ин «шоири маънисаро», шеъри баландмазмун дорои арзиши олӣ мебошад,мисоли хуршед, ки қароргоҳаш дар баландиҳост:

Шеъри баланд по бар сари арш мениҳад.

Хуршед поймол ба ҳар остон набуд [424, 191].

Аз нигоҳи Соиби Табрезӣ вақте ашъори саршор аз маонии бикр ва тасвирҳои зебо бо мувофиқ омадани лафзу маънӣ сароида мешавад, таъсири он ҳам ба сухансанҷ ва ҳам ба суханвар яксон мерасад, мисоли ҷилваи гавҳар назди ғаввосу тамошогар. Шоир таъкид менамояд, ки «шеъри тари обдор» сабаби ҷовидонагии номи муаллиф дар саҳифаҳои таърихиву фарҳангӣ хоҳад гашт:

Кунад як ҷилва гавҳар пеши ғаввосу тамошоӣ,

Расад файзи сухан яксон сухансанҷу суханварро [424, 368].

Тибқи маълумоти сарчашмаҳои адабиву таърихиии ҳамон даврон ва пас аз рӯзгори Соиб ашъори вай аз ҷониби аксари ҳамзамононаш дастгирӣ ёфта, бештари суханварони баъдӣ аз вай пайравӣ намудаанд. Дар баробари ин худи суханвар бо ифтихори афзун аз баландии мазомини сурудаҳояш, камназиру нодир будани ашъораш сухан гуфта, онро бо ибораҳои зебои «дар ҳама офоқ шӯр андохтан», «шеъри тару обдор», «мисли офтоб фарогири офоқ», «муаттар кардани хомаи шоир офоқро», «файз гирифтани мардум аз шеъри Соиб», «по бар сари арш ниҳодани шеъри ӯ» ба қалами тасвир кашидааст. Ба андеши шоир шеъри вай кайҳо сарҳадҳои Исфаҳонро убур намуда, берун аз он рафтааст. Ба ҳайси намуна чанде аз ин абёти ифтихориро дар поён меоварем:

На ҳамин дар шаҳри Исфаҳон қиёмат мекунад,

Фикри Соиб дар ҳама офоқ шӯр андохтааст [74, 556].

Аз нигоҳи аввал ин тафохури Соиб мисли иғроқе ба назар мерасад, аммо агар ба умқи баҳри беканори андешаҳои баландмазмуну лафзи дилнишин ва таъсирбахшаш ғаввосӣ карда тавонем, дарк хоҳем кард, ки ин гуфтаҳо асос доранд. Каломи рангину пурмазмуни шоир дар тарбияти инсонҳо, парастиши сухани мавзун, рӯ овардан ба шеъри обдор, ҷудо кардани гулчин аз боғбон,

ҳавасбоз аз ошиқи асил, тарбият накардани беадаб, шинохт ва дарки сухани асил саҳми арзандаро дорост.

Масъалаи сухану суханвар ва ошноӣ бо аҳли сухан дар ашъори шоир мавқеи хос дорад. Соиб дар бораи қадру манзилати сухан, заҳмату ранҷи суханвар дар офаридани каломи мавзун андешаҳои арзишмандро дар аксари абёти ашъораш иброз намудааст. Шоир як ғазали комилро ба ҳамин мавзуи бахшида, таъкид менамояд, ки сухан рушангари чароғи дилҳо, тасалиятбахши руҳу равон, гули сари сабади маҳофили аҳли назар, мумиёи узвҳои шикаставу осебдида буда, норасоӣ ва костагии он боиси залилии мардуми суханпарвар хоҳад гашт:

Чароғи хилвати ҷон рушноии сухан аст,
Баҳори зиндадилон ошноии сухан аст.
Агар сухан ба дил аз гӯш бештар нарасад,
Яқин шинос, ки аз норасоии сухан аст [424, 137].

Бино ба таъкиди муҳаққиқон барои зебову дилнишин гардидани ашъор бояд таносуби лафзу маъниӣ риоя карда шавад. Соиб дар аксар мавридҳо ин нуктаро таъкид сохта, мегӯяд ки лафзи зебову нозук ба маъниӣ болу пар мебахшад:

Гарчи бе бол кунад маънии нозук парвоз,
Лафзи покиза пару бол бувад маъниро [424, 337].

**б) Накди ашъори дигарон:** Соиби Табрезӣ ҳамчун суханвари хушбаён миёни маъруфтарин шоирони ғазалсарои гузашта ва даврахои баъдӣ мисоли пайвандгаре хидмат намуда, бо бахраёбӣ аз файзи андешаҳои шуарои мутасаввиф, амсоли Саноии Ғазнавӣ, Аттори Нишопурӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Шайх Саъдии Шерозӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ дар интиқоли афкори эшон ба муосирон ва пасовандон роҳ кушода, дар рушди ғазал ва ҳунари сухангустарӣ таъсири нақши муассир гузоштааст.

Дар ашъори Соиби Табрезӣ зикр ёфтани номи адибони маъруфи гузаштаву муосирон гувоҳи он аст, ки ӯ аз эҷодиёти шуарои мутазаккир огоҳии комил дорад. Соиб дар ашъораш номи Ҳаким Саноиро чор маротиба,

Аттори Нишопуриро нуҳ маротиба, Ҷалолиддини Балхиро сию се маротиба, (панҷ маротиба Рӯмӣ, панҷ маротиба Мавлоно ва ду маротиба Муллои Рум,) дар маҷмуъ чилу шаш маротиба, Шайх Саъдии Шерозиро даҳ маротиба, Хоҷа Ҳофизро сию се маротиба Фиғонии Шерозиро шаш маротиба, Амир Хусрави Деҳлавиро панҷ маротиба Толиби Омулиро ҳафт маротиба зикр намудааст. Вай ба ашъори онҳо татаббуъ гуфтааст ё мисрае аз шеъри онҳоро тазмин кардааст ё дар байтҳои алоҳида ҳисси эҳтирому эътиқоди хешро баён намудаву пайравиашро ба навиштаҳои эшон таъкид намудааст. Инчунин, дар татаббуи ғазали шоирон Ҳаким, Аҳлӣ, Саид, Асир, Роғиб, Калим, Носеҳ, Ғофил, Адҳам, Ваҳид, Осафӣ, Ҳайдар, Урфӣ, Фасеҳӣ, Фатҳӣ, Нусрат, Шифоӣ, Масеҳ қувваозмоӣ кардааст

**в) Дидгоҳи Соиб ба шеъру шоирӣ**

Масъалаи сухан ва суханвар, ошноӣ бо аҳли сухан дар ашъори шоир мавқеи хос дорад. Соиб дар бораи қадру манзалати сухан, заҳмату ранҷи суханвар барои офаридани каломи мавзун ва қудрати сеҳрофарини суханро муқаррар дар ашъораш иброз доштааст. Шоир ҳафт ғазали комил дар радифи «сухан», як ғазал бар радифи «маонӣ», як ғазал бар радифи «маънӣ» ва як ғазал дар радифи «ғазал» сурудааст. Ба андешаи ин шоири маънисаро маҳз тавассути сухан арзу само ҳаст гардидааст, аз ин рӯ мартабаи сухан ба дараҷаест,ки ҳеҷ дасти офариниш аз сухан боло нест:

Аз сухан арзу само ташрифи ҳастӣ ёфтааст,
Ҳеҷ дасти офариниш нест болои сухан [78, 292].

Тибқи фармудаи Соиби Табрезӣ он гуна,ки Сулаймон фармонравои бод аст, фармонравои нафси инсон сухан аст ва дар шукӯҳу шон аз Сулаймон камие надорад:

Ҳаст бар боди нафас фармони ӯ Соиб равон,
Аз Сулаймон дар шукӯҳу шон намемонад сухан [78, 292].

Аз назари Соиби Табрезӣ шеъри баландмазмун дорои арзиши олӣ мебошад, мисоли хуршед, ки қароргоҳаш дар баландиҳост:

Шеъри баланд по бар сари арш мениҳад.

Хуршед поймол ба ҳар остон набуд [76, 204].

Аммо маънои бикрро Соиб дар содагӣ мебинад, на дар оростагии сунъӣ, ки суханро аз сафо маҳрум месозад:

Бикри маъниро бувад аз содагӣ ҳусни дигар,

Бесафо аз зевари иғроқ мегардад сухан [78,292].

Сухане шоистаи таҳсин мегардад, ки пас аз тааммули амиқ гуфта шавад, зеро андешаи жарф суханро рангину дилкаш месозад:

Аз тааммул мешавад шоистаи таҳсин сухан,

Печутоби фикр созад ғунчаро рангинсухан [78, 297].

Ва сухане, ки носанҷида гуфта шудааст, гаронтар аз кӯҳ аст:

Куҳ аз як ҳарфи носанҷида мегардад сабук,

Вой бар он кас,ки ба бегона мегӯяд сухан [78, 296].

Ба андешаи Соиб шарти дигари шоистагии сухан мавзунии он мебошад:

То сухан мавзун нагардад мурғи беболу пар аст,

Аз замингирӣ барояд,чун шавад мавзун сухан [78,287]

«Шеъри тари обдор» сабаби ҳаёти ҷовидона ёфтани суханвар хоҳад гашт. Ин маънӣ дар абёти зиёд ифода шудааст:

Зиндаи ҷовид месозад суханварро чу Хизр,

Дар асар аз чашмаи ҳайвон намемонад сухан [78, 325].

***

Зи марг рӯзи суханвар намешавад торик,

Ки безавол бувад нури офтоби сухан [78, 302].

***

Умри оби зиндагонӣ нақш бар об беш нест,

Гар бақо дорӣ тамаъ,ҷони туву ҷони сухан [74, 436 ].

***

Агар ҳаёти абад хоҳӣ,аз сухан магзар,

Ки оби Хизр ниҳон дар сиёҳии сухан аст [74 с. 449].

***

Соиб, марез пеши Хизр обрӯи хеш,

Аз баҳри шеър об хӯру ҷовидона бош [78, 243].

Соиби Табрезӣ давоми умри шоирро аз баландии суханаш вобаста дониста, ба мартабаи пасти суханварӣ қонеъ нашуданро талқин мекунад:

Машав ба мартабаи паст аз сухан қонеъ,

Ки тӯли умр аз баландии сухан аст [74, 850].

Адабиётшинос Зоҳир Аҳрорӣ дар сарсухани «Мунтахабот»-и шоир навиштааст: «Таъсири Соиб на танҳо ба суханварони асри XVII ва қарнҳои минбаъдаи Эрон, Ҳиндустон ва Туркия, балки ба як қатор намояндагони адабиёти асрҳои XVII-XIX тоҷик низ калон мебошад» [134,6]. Зимнан, гуфтан ба маврид аст ёдовар шавем, ки таъсири Соибро дар ашъори шоирони муосири тоҷик низ метавон дарёфт, ки «ман аз Соиб баҳра бурдаам» гуфтани Лоиқ Шералӣ далели ин гуфтаҳо мебошад [147, 12].

Хулоса, дар ашъори адибони асрҳои XVI-XVII вижагиҳои адабиёти давр мавриди накду баррасиҳои шоирона қарор ёфтааст. Шоирони ин давраҳо низ мисли шуарои мутақаддим аз равониву барҷастагии ашъори хеш болидаву фахр намуда, дар айни замон бо изҳори иродат ба мақому мартабаи бузургони гузашта пайравӣ ба шуарои бузургро барои худ шараф ҳисобидаанд. Инчунин, дар бораи ҳусну қубҳи осори муосирон ибрози назар намуда, ба муддаиёну нотавонбинон ҷавоби муносиб дода, шарафу номи худро ҳимоя кардаанд.

Вижагии хоси андешаҳои адабии шуарои ин давр ба пайдоиши «шеъри тарз», яъне сабки нав вобастагӣ дорад. Барҷастатарин намояндагони ин ҷараён ҳам дар Хуросону Мовароуннаҳр ва ҳам дар адабиёти ҳавзаи Ҳиндустон дар ашъори хеш андешаҳои ҷолиби наққодии хешро баён намудаанд, ки агар он андешаҳоро дар бораи лафзу маънӣ, афзалият додан ба маонӣ, ногусастагии муносибати байни лафзу сухан, тарзи хаёл, шеъри тарз ва вижагиҳои онро ба таври муназзам барчинем дастуруламали мукаммали накди адабӣ ҳосил хоҳад шуд.Он гуна ки таъкид шуд, намояндагони сабки

ҳиндӣ аксаран маънигаро буда, бо имтиёз бахшидан ба мазмун дар такомули адабиёти тоҷику форс нақши рушан гузоштаанд.

## Хулосаи боби дуюм

Нақди адабӣ, ба унвони қисми таркибии улуми адабӣ дар рушду такомули адабиёт, таъйиди арзиши воқеии осори адабӣ ва мавқеву мартабаи адиб ё осори ӯ, таҳлили мушаххаси ҳусну қубҳи осори адабӣ саҳмгузор будааст. Бо таъбири дигар, нақди адабӣ ҳам дар баробари адабиёт марҳалаҳои таҳаввулу такомулро паймудааст.

Нақди адабӣ дар тӯли тулонии худ на танҳо барои пешрафт ва таҷаддуди адабиёти бадеӣ роҳро ҳамвор сохтааст, инчунин, дар ташаккули афкори интиқодии ҷомеа таъсиргузор будааст.

Ба маънои истилоҳӣ нақди адабӣ як шуъбаи улуми адабист, ки арзиши воқеии осори адабиро муайян менамояд. Нигоҳи мухтасар ба таърихи нақди адабӣ кофист, дарёбем, ки он аз даврони авввали пайдоиш рисолати андарёфти арзиш аз ин роҳ дар такомули адабиёти бадеӣ ва муаррифии он таъсир гузоштааст.

Нақди адабии классикии тоҷик, ки онҳоро бо истилоҳҳои нақдушшеър, қарзушшеър ҳам зикр кардаанд, ҳамқадами адабиёти классикӣ буда ва то замони таълифи осори вижаи адабиётшиносӣ дар ашъори шоирон мутадовил буда, онро нақди шоирона ҳам гуфтаанд.

Аз саромади адабиёти классикии тоҷику форс устод Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ то шуарои замонҳои дигар сухансароён назокатҳои ашъори хешро бо ифтихор ситоиш намуда, нуктаҳои ҷолибе дар бораи шеъру шоирӣ, мақому мартабаи адибу осори ӯ дар ҷомеа, иртиботи лафзу маънӣ дар шеър, андешаҳои адабии суханварони мутақаддим матлабҳои муҳиме ироа доштаанд, ки дар шаклгирии меъёрҳои шинохти сухан таъсири амиқ бахшидааст.

Аммо дар ин шеваи нақд на ҳамаи андешаҳои назарии адибон хусусиятҳои умумии рушди адабиёти замонро ифода кардаанд. Лозим ба таъкид аст, ки ин ҷараёни нақди адабӣ дар адабиёти давраҳои мадди назари

мо низ идома ёфта, қисми зиёди суханварони машҳури ин асрҳо дар бораи арзиши баланди сухан, ҳунари шоирӣ, назокату таровати офаридаҳои хеш ҳарф зада,дар баробари ин таъкид намудаанд, ки онҳо нисбат ба бадхоҳони худ дар сурудани ашъор афзалият доранд.

Омили муҳимми дигари рушди улуми адабӣ таҳияву руи кор омадани осори арзишманди улуми адабиётшиносӣ, аз ҷумла «Чаҳор мақола» «Маҳосин-ул-калом», «Тарҷумон-ул-балоға», «Ҳадоиқ-ус-сеҳр», «Канз-ул-қофия», «Ал-муъҷам», «Бадоеъ-ус-саноеъ» ва ғайра мебошанд, ки равияи тозаро дар нақди шеър падид овардаанд, ки онро аҳли илм нақди ҳирфаӣ ва ё нақди фаннӣ номгузорӣ намудаанд.

Заминаи дигари инкишофи нақди адабӣ дар асрҳои XVI-XVII ба миён омадани асарҳои зиёди насрии адабиву илмӣ маҳсуб мешавад. Осори мазкур барои равшан намудани масоили зиёди адабӣ ва таърихиву фарҳангии даврони мавриди баҳс хидмати босазо намудаанд, зеро муаллифони ин асарҳо худ донандаи забардасти улуми адабӣ буда, дар маҳфилу маҷлисҳои суханварон ва аҳли илм ширкат меварзиданд. Ин муаллифон ҷараёни бисёр маҳфилҳои илмиву адабиро бо ҷузъиёту тафсилот тасвир намуда, хулосаву андешаҳои худро воқеъбинона баён кардаанд. Ангезаи дигари пешравӣ ва инкишофи нақди адабӣ дар асрҳои XVI-XVII баҳои тазкиранависон ба эҷодиёти шоирони ҳамзамони худ ба шумор меравад. Таҳлилу баррасии афкори суханварон нишон медиҳад, ки сабки нигориши намояндагони адабиёти нимаи аввали садаи XVI, аз ҷумла Камолиддини Биноӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Хоҷа Камолиддини Осафӣ, Абдуллоҳи Ҳотифӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар пайравии устодони номии мактаби адабии Ҳирот сурат гирифта, афкори адабии намояндагони сабку услуби нав ё «шеъри тарз» аз онҳо фарқи зиёд дошт. Намояндагони сабки нав дар баробари дигаргун намудани тарзи ифода ва фарохтар гаштани мавзуву мундариҷаи ашъорашон доманаи андеша-ҳояшонро низ васеътар намуда, оид ба таносуби шаклу мазмун, вижагиҳои

шеъри тарз, бартарии маънӣ аз лафз, тобеияти лафзу маънӣ ба мазмун, мавқеъ ва манзилати сухану суханвар бештар ибрози ақида намудаанд.

Дар тарвиҷи нақди адабӣ асарҳои таърихӣ низ ҷойгоҳи хоса дошта, «Бобурнома»-и Мирзо Заҳуриддини Бобур, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Маҳмуди Восифӣ, «Шарафномаи шоҳӣ»-и Ҳофизи Таниш, «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир аз дидгоҳи масоили мавриди баҳс аз ҷумлаи арзишмандтарин осори ҳамин даврон маҳсуб мешаванд.

Мунтаҳо омили охирин, ки дар такомули нақди адабии давраҳои мазкур нақши банур гузоштааст, бозори гарми маҳфилҳои адабӣ мебошанд. Маҳз фаъолияти ҳамин маҳфилҳову маҷлисҳо дар ҳавзаҳои адабии Хуросону Ҳиндустон ва Мовароуннаҳр будаанд, ки нақди адабии аҳди мазкурро сарвату сармоя афзуда, зарфияти ҳунариву маънавии онро вусъат бахшиданд.

# БОБИ III.
# ТАЗКИРАНАВИСӢ ВА РУШДИ НАҚДИ АДАБӢ
## 3.1. Тазкиранависӣ дар ҳавзаҳои Мовароуннаҳру Хуросон ва тавсифи мухтасари маъруфтарин тазокири ин ҳавзаҳои адабӣ

Ҳамаи муҳаққиқоне, ки адабиёти нимаи аввали асри XVI-ро мавриди пажуҳиш қарор додаанд, ҳатман ба тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишер Навоӣ мурочиат намудаанд. Ин тазкира дар охири садаи XV, аниқтараш солҳои 1490-91 таълиф ва соли 1497-98 такмил ёфта, дар бораи ағлаби намояндагони нимаи аввали адабиёти садаи XVI маълумот дар бар кардааст. Навоӣ дар тазкиранигорӣ нововарӣ ворид намуд, ки он дар таҳияи тазкираҳои баъдӣ таъсир гузоштааст. Адабиётшинос Усмон Каримов дар мавриди аҳаммияту хусусиятҳои хоси ин тазкира навиштааст: «Маҷолис-ун-нафоис» аз ҷиҳати фаро гирифтани шарҳи аҳволи адибони муосири муаллиф ва мутобиқи мақоми табақоти иҷтимоӣ мушаххасу конкрет таркиб ёфтани худ аз ҳамаи тазкираҳои пешини худ ба куллӣ тафовут дорад. Дар ин масъала Навоӣ бозёфт дорад ва дар таърихи тазкиранигорӣ муаллифи нововар аст» [264, 22]. Ин тазкира, ки дар замонаш шуҳрату мавқеи хос пайдо карда, мавриди истиқболу истифодаи аҳли илм қарор ёфта буд, се маротиба аз туркӣ ба форсӣ тарҷума шудааст. Тарҷумаи аввал ба қалами Фахрии Ҳиротӣ соли 1585-86 сурат гирифта, бо номи «Латоифнома» машҳур аст. Дар ин китоб сесаду ҳаштоду панҷ тан фозилону шоирон ва гӯяндагони қарни нуҳуми ҳиҷрӣ ҷой гирифтаанд. Тарҷумаи дуюм тавассути Ҳаким Шермуҳаммади Қазвинӣ соли 1522-23 дар Истамбул ба қалам омада, тарҷумаи сеюм «Бақияи нақия» дар соли 1554 тавассути Шайхзодаи Фойизи Наймардонӣ ба миён омадааст .

Мувофиқи маълумоти Алиасғари Ҳикмат ва Усмон Каримов тарҷумонҳо дар таълифоти хеш эҷодкорона муносибат намуда, баъзе маҷлисҳои Навоиро ихтисор кардаанд. Ба ҷойи ихтисораҳо дар бораи шоирони муосири худ маълумот дода, аз ашъорашон намунаҳо овардаанд, ки ин қиммати иттилоотии тарҷумаи онҳоро афзудааст: «Фахрии Ҳиротӣ дар «Латоифнома»

ба ҷуз он ихтисору такмили маҷлисҳои сеюму ҳаштум бар асар маҷлиси нуҳумро изофа намуда, дар он доир ба аҳволу ашъори яксаду ҳаштоду ҳашт адиби замонаш ахбороти мухтасар додааст, ки ин маълумот дар таҳқиқи адабиёти аввалҳои асри XVI-и тоҷик аҳаммияти калони илмӣ дорад, чунки аксари маълумоти Фахриро аз дигар сарчашмаҳои адабию таърихӣ пайдо карда наметавонем» [264, 27].

«Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ дар таҳия, тасҳеҳ, таҳқиқ ва муқаддимаву тавзеҳоти адабиётшиносон Урватулло Тоиров ва Муҳриддин Низомӣ соли 2018 тариқи нашриёти «Нашри Мубориз» дар Душанбе ба забони тоҷикӣ нашр гардидааст[120].

Аз тазкираҳои маъруф ва арзишманди дигар дар ин асрҳо «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ, «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, «Туҳфат-ус-сурур»-и Дарвешалии Чангӣ, «Тазкират-ул-таворих»-и Миралии Кобулӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ, «Музаккир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандиро метавон ном бурд.

«Музаккир-ул-аҳбоб» дар такмили «Маҷолис-у-нафоис» дар соли 1568 тавассути Сайид Ҳасан Хоҷа Нақибулашрофи Бухории мутахаллис ба Нисорӣ навишта шудааст. Тазкира фарогири аҳволи дусаду ҳаштоду се шоири қарни даҳум аст, ки дар Хуросону Мовароуннаҳр ва дигар нуқтаҳои ҳамҷавор то Кошғару Ҳинд мезистаанд. Асари мазкур яке аз муҳимтарин манобеи адабӣ ва таърихии марбут ба Мовароуннаҳр дар садаи даҳуми ҳиҷрӣ аст.

«Туҳфат-ус-сурур»-и Дарвешалии Чангӣ аз сарчашмаҳои муҳими ин аҳд буда, шарҳи ҳоли мусиқиқорон ва ё адибонеро дар бар мегирад, ки дар баробари суханварӣ огоҳии комил аз илми мусиқӣ, ҳунари сарояндагӣ ва ё навозандагиро доштанд. Рисола аз дувоздаҳ боб, ба гуфти худи муаллиф, «мақом» иборат аст. Мақом номгузорӣ кардани бобҳои тазкира далели ба ин илм ва намояндагони он бахшидани асар мебошад.

«Музаккир-ул-асҳоб»-и Муҳаммад Бадеъ ибни Муҳамадшарифи Самарқандӣ мутахаллис ба Малеҳо фарогири ҳолномаи шоирони муосири

Мовароуннаҳру Самарқанд аст. Дар он панҷоҳу шаш шоири муқими Машҳад, Сабзавор, Симнон, Қум, Кошон, Исфаҳон, ки муаллиф дар мусофират ба Эрон бо онҳо ҳамсуҳбат шудааст, муаррифӣ шудаанд.

Арзиши адабиву таърихӣ ва вижагиҳои дигари ин тазкираҳоро як қатор олимону адабиётшиносон ва муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ёд кардаанд[182; 334; 293;363;420; 305; 357].

Аз байни инҳо аҳаммияти тазкираҳои «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ ва «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ аз дигар осор бештар аст, зеро ҳар ду асар ҳам мавриди истифодаи васеи аҳли илму адаб қарор гирифта, аз лиҳози фарогириву баррасии матлаб ва назари наққодӣ, муҳимтар аз ҳама, мушикофонаву мунсифона мавриди таҳлил қарор додани масоили адабӣ ҳамчун сарчашмаи боэътимод хидмат кардаанд.

Дар «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ (1560) оид ба аҳволу ашъори ҳафтсаду сездаҳ тан шоирони ҳамзамони муаллиф маълумоти ҷолиб дода шудааст. Шуаро аз диди мақоми иҷтимоӣ тақсимбандӣ шудаанд. Нахуст дар бораи шарҳи ҳолу ашъори ҳаждаҳ нафар шоҳону шоҳзодагон, аз ҷумла, Шоҳ Исмоил, Султон Ҳусайн, Бобурмирзо, Султон Салим (Ҷаҳонгир), Ҳумоюншоҳ ва дар саҳифаи дуюм оид ба шарҳи аҳволу ашъори яксаду чилу як тан аз содот ва олимони олиқадри замона, дар саҳифаи сеюм зикри сию се вазир маълумот фароҳам овардаанд. Соммирзо ду нафари онҳо - Абдубеки Шерозӣ ва Хоҷа Ҳидоятуллоҳро ҳамчун шоир муаррифӣ намудааст. Сипас дар саҳифаи чорум перомуни шасту ҳашт нафар мансабдорон, аз ҷумла, қозию муфтӣ, муншӣ ва хаттотон, ки гоҳо шеър ҳам мегуфтаанд, ахбор додааст.

Дар саҳифаи панҷум аз рӯзгору осори адибони машҳури замонааш нақл мекунад. Ин боби тазкира аз ду матлаъ иборат буда, дар матлаи аввал дар бораи ҳаштоду ҳашт нафар шоир сухан рафтааст, ки Соммирзо ононро «кубарои шуаро ва уламои балоғатимтимо» номидааст.

Дар матлаи дуюми ин бахш аз боби дусаду ҳаштоду як шоири табақаи миёна ва поёнии ҷомеа маълумот пешкаш шуда, ки шасту ду нафарашон

суханварони Хуросону Мовароуннаҳр ва дусаду нуздаҳ нафар зодагони шаҳру вилоятҳои Эрон будаанд.

Дар саҳифаи шашум оид ба зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии бисту нуҳ шоири туркзабон ишораҳо шудааст, ки аксари онҳо шоирони дузабонаанд ва ба туркию форсӣ ашъор сурудаанд, аз ҷумла Шайх Суҳайлӣ соҳиби девонҳои форсию туркӣ мебошад.

Соммирзо саҳифаи ҳафтуми асарашро ба шарҳи ҳолу намунаи ашъори чилу панҷ тан шоирони турфагӯй ва намояндагони табақаи поёнии иҷтимоӣ бахшидааст, ки аксари онҳо аз шаҳру вилоёти Ироқу Озорбойҷон буда, танҳо ҳашт нафар аз Хуросон буданд.

Аҳаммияти ин тазкира дар он аст, ки Соммирзо баробари маълумоти дақиқу саҳеҳ ва санҷидаву боэътимод ба ашъори шоирони номию омӣ бо назари интиқодӣ нигариста, дар бораи ҳусну қубҳи шеъри онҳо андешаҳои танқидии холисона баён намуда, ашъори сусту номавзуни ононро накӯҳиш кардааст.

Ба қавли Усмон Каримов: «Туҳфаи Сомӣ дар омӯхтани таркиби табақоти иҷтимоӣ ва иштироки онҳо дар ҳаёти моддиву маънавии ҷомеа низ аҳаммияти бузург дорад» [264, 75]. Ин муҳаққиқ тазкираи Соммирзоро ба ҳайси як асари бадеӣ, ки дорои арзиш ва вижагии хос мебошад, арзёбӣ намудааст» [264,76].

«Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ (1605) аз муқаддимаи муаллиф, тасмия ва қисми асосӣ, ки мувофиқи ҳуруфи абҷад тартиб дода шудааст, иборат мебошад. Ҳам тасмия ҳам қисми асосӣ се матлабро фаро гирифтааст. Дар қисми тасмия оид ба ҳабдаҳ шоҳ, дар қисми асосӣ дар бораи дусаду сию шаш шоир, дар маҷмуъ роҷеъ ба сесаду чилу се нафар салотину шуаро маълумот оварда шуда на танҳо дар бораи шуарои ин манотиқ, инчунин дар бораи аҳволу ашъори адибони қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон низ маълумот фароҳам омадааст.

Мутрибӣ ҳамчун донандаи хуби улуми адабӣ, аз ҷумла, таносуби лафзу маънӣ, арӯз, қофия, санъатҳои лафзиву маънавии шеър ва навъу жанрҳои

адабӣ, сабку услуби баён, вижагиҳои шеъри замонаш ба ҳусну қубҳи шеъри шоирон баҳои сазовор ва мунсифона додааст. Муаллифи «Тазкират-уш-шуаро» дар бораи аҳвол ва ашъори шоирон маълумотро дар ҳаҷми гуногун иброз намудааст. Ӯ дар бобати рӯзгору осори суханварони маъруфи даврони хеш маълумоти муфассал оварда, дар бораи шоирони ношинохта, бо овардани як ё ду ҷумла, гоҳо бо ифодаи як сатр маълумот иктифо намудааст.

Шеваи нигориши асар якдаст нест. Муқаддимаи муаллиф тибқи анъанаи дебочанависӣ бо сабки маснуъ ва пуртакаллуф иншо шуда қисмати асосии асар бо забони нисбатан сода таълиф гардидааст. Ҳамин маъниро Мағфират Қурбоналиева махсус таъкид намуда навиштааст: «Сабки дебочаи муаллиф, ки бар тазкираи худ нигоштааст, насри фаннӣ ва маснуъест, ки хоси ин навъ асарҳо мебошад ва аз забони умумии асар фарқе куллӣ дорад.Ин падида сабабҳои зиёде дорад, чунончи дар гузашта дебочаҳо,ки бар осори гуногун навишта мешудаанд, ба ҳайси осори ҷудогона муаррифӣ мешудаанду зимни худ хасоиси нигошт ва забону услуби махсусро тақозо мекарданд» [129, 22].

Муҳаққиқи рус Б. В. Норик [393] донишманди эронӣ И. Худоёр [221] ва адабиётшиносони тоҷик, аз ҷумла А. Мирзоев [187], У.Назиров [296], М.Нуруллоева [305], Ф.Акрамов [363], М. Қурбоналиева [129], муҳаққиқони ӯзбек И.Бекҷонов [420] оид ба ҷараёни зиндагиву осори Мутрибии Самарқандӣ андешаҳои ҷолиб иброз доштаанд.

Тазкираи Мутрибӣ низ мисли соири тазкираҳо бо насри мусаҷҷаъ таълиф гардида гоҳо навъи мураккаби он истифода шудааст. Ҳамин вижагиро муҳаққиқ М Қурбоналиева пай бурда, навиштааст: «Нуктае, ки таваҷҷӯҳи моро бештар ба худ кашид, ин усулҳои бакоргирии муаллиф аз саҷъ ва оҳангнокии наср аст. Дар ин замина, усули саҷъе, ки натанҳо бархе калимот дар он мусаҷҷаанд, мисли мисоли боло, балки саҷъи мураккабтар низ вохӯрдем, ки усули овардани саҷъ дар саҷъ аст. Яъне, муаллиф дар ҷузъҳои хурди ҷумлаҳои содда, ки бо ҳам бештар авқот бо пайвандаки «ва» алоқаманд мешаванд, дар баробари калимоти ҳамоҳангро пайи ҳам чидан ва ё бо шакли ибора онҳоро мутаносиб гузоштан, охири ин ҷумлаҳоро низ бо ҳам ҳамоҳанг

месозад, ки дар натиҷа ҳамбастагии аҷибе байни ин ҷумлаҳои дар назари аввал мустақил пайдо мешавад. Мисол: «…ва ароиси нафоиси табъи салим ва натоиҷи қавоиди зеҳни мустақимро ба хилъати назм мeороянд ва гӯи балоғат ба чавгони фасоҳат аз форисони фараси майдони маонӣ мерабоянд». Дар мисоли боло калимаҳои « ароису нафоис», «салиму мустақим» ва «балоғату фасоҳат» саҷъҳои дохили ҷузъҳои ҷумлаанд ва «мeороянду мерабоянд» саҷъҳои охири ҷумлаҳо. Ба ин монанд мисолҳои зиёдеро метавон инҷо зикр кард» [129, 26].

«Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандиро адабиётшинос Махфират Қурбоналиева зери назари профессор Замира Ғаффорова баргардон намуда, соли 2021 тариқи нашриёти Хуросон дар Хуҷанд ба нашр расонид [129].

## 3.2. Тазкиранависӣ дар қаламрави Ҳинд ва тавсифи мухтасари тазкираҳои маъруф

Дар замони ҳукмронии Темуриёни Ҳинд низ осори зиёди илмӣ ва адабию таърихӣ таълиф гардидаанд. Дар даврони салтанати хонадонҳои мусулмон муҳаққиқони ҳинду барои таълифи тазкираҳо ба забони форсӣ талоши зиёде намуданд. Ва ба андешаи муҳаққиқон ин тазкираҳо манобеи қобили эътимоде дар таърихи адабиёт ба шумор меравад. Тазкиранависӣ дар Ҳинд то замони ҳукмронии Акбаршоҳ равнақу ривоҷи зиёде надошт, аммо дар ҳамин айём дубора ба унвони фанни мустақил мавриди таваҷҷуҳи соҳибназарон қарор гирифт [157, 4]. Дар давраи ҳукуматдории Темуриёни Ҳинд тазкираҳои маъруфе чун «Майхона», «Миръоти хаёл», «Хизонаи омира», «Маосири Раҳимӣ» таълиф шудаанд, ки аз теъдоди зиёди шоирони форсигӯй ва ривоҷи фавқулодаи шеъри форсӣ дар Ҳиндустон шаҳодат медиҳанд. Тазкираҳое бо унвони «Анис-ул-эҳё»,«Ҳамешабаҳор»,«Буткада», «Базморо», «Каламот-уш-шуаро», «Маҷолис-ул-муъминин» низ дар даврони Курагониён рӯи кор омаданд. Арзиши адабии ин тазкираҳо дар он аст, ки баробари фароҳам овардани маълумоти шарҳиҳолии адибони форсигӯи қаламрави Ҳинд, инчунин афкори интиқодии тазкиранигоронро дар бораи мазмуну мундариҷа, ҳусну қубҳи ашъори шоирон баён намудаанд, ки дар омӯзиши адабиёти даврони мазкур арзиши хосро дорост.

Аз дигар тазкираҳои асри Муғулони Кабир «Нафоис-ул-муассир» таълифи Мир Алоуддавлаи Қазвинӣ, «Буткада»-и Мулло Муҳаммад Суфии Мозандаронӣ, «Базморо»-и Мирсаид Алии Ҳусайниро зикр бояд кард, ки бо вуҷуди шухрати зиёд надоштан аз аҳаммияти адабиву иттилоотӣ холӣ нестанд.

Тазкираҳои «Каламот-уш-шуаро»-и Муҳаммад Афзали Сархуш, шоир ва тазкиранависи ҳиндиасл, ки дар соли 1682 ба риштаи таҳрир омадааст, роҷеъ ба яксаду шасту нуҳ шоир маълумот медиҳад, ки ҳамаашон ҳинду ҳастанд [69, 245].

«Ҳафт иқлим»-и Муҳаммадмин ибни Аҳмади Розӣ (1594) аз аҳволи к ҳазору панҷсаду шаст нафар бузургону шоирон хабар дода, дар он намунаҳо аз ашъори эшон оварда шудааст [211,591]. Маълумотҳои «Маҷолис-ул-муъминин»-и Қозӣ Нуруллоҳи Шуштарӣ фарзанди Шариф ибни Саидҷамолиддин Нуруллоҳ (1604) низ ҷолибанд [211, 1604], «Миръот-ул-хаёл»-и Шералихони Лудӣ (1691) дар боби яксаду понздаҳ шоираи қадимӣ ва муосири муаллиф суҳбат мекунад [218, 252]. Тазкираҳои дигари ин сарзамин дар охири асри XVI «Ориф-ул-осор»-и Хоҷа Муҳаммад Орифӣ, «Маҷмаъ-ул-фузало»-и Бақоии Бухороӣ, «Маҷмаъ-ул-шуаро ва маноқиб-ул фузало»-и Иброҳим Ҳасани Қумӣ мебошанд [182, 410].

Дар баробари таълифи ин тазкираҳо боз тазкираҳои ҷомеъ низ дар ин асрҳо эҷод шудаанд, ки фарогири маълумоти давраҳои гуногуни адабиёти форсизабон мебошанд. Ба ин гурӯҳи тазкираҳо «Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин»-и Тақиуддин Муҳаммад Авҳадӣ, «Латоиф-ул-хаёл»-и Муҳаммад Дороби Шерозӣ, «Маҷмаъ-ул-фузало»-и Бақоии Бухороӣ мансубанд. «Арафот-ул-ошиқин»-и Тақиуддин Муҳаммади Авҳадӣ (1616) фарогири тарҷумаи аҳвол ва мунтахаби ашъори беш аз 3300 шоири қадиму ҷадид мебошад, ки ба тартиби ҳуруф дар бисту ҳашт арса таърихи шуарову шеъри форсиро аз оғоз то замони муаллиф фаро гирифтааст. Ҳар арса махсуси як ҳарф, фарогири се ғурфа ва як муқаддимаи бисёр муфассал мебошад. «Латоиф-ул-хаёл»-и Муҳаммад Доробии Шерозӣ, мутахаллис ба Ориф (1076-1078) тазкираест ҷомеъ, ки ба тартиби номи шаҳрҳо мураттаб шуда, аз ду ду ҷилд иборат аст. Дар як ҷилд аз аҳволи сесаду панҷоҳу ҳашт шоири қадиму ҷадид, аз Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ то Мир Ҳусайн Қудсии Карбалоӣ сухан рафтааст. Насри он низ холӣ аз такаллуф нест.Ориф дар замони таълифи «Латоиф-ул-хаёл» муқими Ҳиндустон буда, ки инро худ зикр намудааст.

Тазкираи «Маҷмаъ-ул-фузало» аз муқаддима, се фирқа ва хотима иборат аст ва дар охири қарни XVI ва аввалҳои қарни XVII аз ҷониби Хоҷа Муҳаммад Ориф Бақоии Бухорӣ таълиф шудааст. Дар фирқаи аввал аз устод

Рӯдакӣ то Мавлоно Ҷомӣ, дар фирқаи дуюм дар бораи Абдурраҳмони Мушфиқӣ, дар фирқаи сеюм васфи аҳволоту мақолоти акобири рӯзгор зикр шуда, тибқи маълумоти муаллиф таълифи тазкир дар аҳди Султон Ҷонибек оғоз шуда, дар Ҳиндустон дар аҳди Акбаршоҳ ба итмом расидааст [182,155].

«Ҳафт иқлим» таълифи Амин ибни Аҳмади Розӣ(1594) иттилооти густурдаеро аз ҳавзаи таърих, ҷуғрофиё ва ҷуғрофиёи таърихӣ дар ихтиёри хонанда қарор медиҳад. Равиши кори муаллиф чунин аст, ки ҳангоми шарҳи ҳар иқлиме аз ҳафт иқлим, нахуст тӯлу арз ва масоҳати тақрибии он иқлимро баён карда, сипас ба мавқеияти ҷуғрофиёӣ ва масъалаҳои таърихии он мепардозад. Пас аз он шаҳрҳои умда ва дар бархе мавридҳо ҳатто шаҳрҳои кӯчаки онро ном бурда, ҳангоми шарҳи ҳар як аз шаҳрҳо, ҳудуди ҷуғрофӣ, таърихи бино, номи бино, иллати пайдоиш, номи қадим ва ҷадид, сабаби сохтани он шаҳрро баён карда ва ба муарифии подшоҳон, вазирону амирон, олимону орифон, шайхҳо ва шоирони онҳо пардохтааст. Ба таври куллӣ ин китоб аз тарҷумаи ҳоли як ҳазору панҷсаду шаст нафар таркиб ёфтааст, ки гоҳе ба ихтисор ва гоҳе ба тафсил баён шудаанд.

«Ҷавоҳир-ул-аҷоиб»-и Султонмуҳаммад Фахрӣ ибни Муҳаммад Амирии Ҳиравӣ аввалин тазкираи занон аст, ки дар он роҷеъ ба аҳволу ашъори сиву як нафар бонувони суханвар маълумот дода шудааст. Бино ба маълумоти Аҳмад Гулчини Маонӣ ин тазкира нахустин маротиба дар Лакҳнав соли 1873 мелодӣ дар бисту се саҳифа таҳия гардида, сипас дар маҷаллаи урдуи «Аврангобод» бо ҳавошии Ҳаким Шамсуллоҳи Қодирӣ ба табъ расидааст [142, 15]. Тазкираи мазкур соли 2007 бо сарсухан ва шарҳи луғот аз ҷониби профессор Матлубаи Мирзоюнус бо хатти кирилӣ баргардон карда шуд.

Аз ин тазкираҳое, ки зикрашон гузашт, «Миръот-ул-хаёл» таълифи Шералихони Лудӣ бештар маъруфият дошта, шомили шарҳи ҳоли яксаду си нафар, ки бисту панҷ тан аз эшон зан ҳастанд, ба тартиби замонӣ аз устод Рӯдакӣ то Ҳамдамирро фаро гирифтаанд. Дар ин тазкира шарҳи ҳолу намунаи ашъори шоирони гузашта мухтасар буда, аҳволи мутааххирину муосирон муфассал оварда шудааст. Тазкира аз дебоча ва қисматҳои зерин

иборат аст: Қисми аввал зикри панҷоҳу ҳашт шоир аз устод Рӯдакӣ то Хоҷа Осафӣ, қисми дуюм зикри ҳашт тан аз Мирзо Ҷалоли Асир то Саҳобии Астарободӣ, қисми сеюм зикри бисту ҳафт нафар тан аз шуарои давраи Шоҳиҷаҳон подшоҳ аз Қудсӣ Машҳадӣ то Юсуфбеки Шоиқ, қисми чорум зикри ёздаҳ тан шоирон аз Оқилхони Розӣ то Аҳмади Ибрат, қисми панҷум зикри маноқиби ёздаҳ нафар шайххо аз Шайх Носиралӣ то Шайх Муҳаммадамин Ваҳшат, қисмати шашум зикри понздаҳ нафар шоира аз Меҳрии Ҳиравӣ то Ҳамдамӣ. Хотимаи асар дар бораи аҳволи муаллиф нақл мекунад.

Дигар тазкираи маъруф «Майхона»-и Мулло Абдунабии Фахруззамонии Қазвинӣ, мутахаллис ба «Набӣ» мебошад. Тазкираи «Майхона»(1028 ҳ.) аз тарҷумаи ҳоли соқиномасароён ва зикри соқиномаҳои эшон иборат буда ва дар он шарҳи аҳволи навад шоир омадааст. Ба гуфтаи муҳаққиқон ин китоб як таснифи комилан ибтикорӣ ва дар навъи худ беназир аст ва аз назари ҳолнома ва диққат дар сиҳати матолибу зикри дақиқи осор ва аҳволи шеър ҳамонанд надорад.

Дар ин китоб тарҷумаи аҳволи шуарое омада, ки аз бархе аз онҳо ва ашъорашон дар тазкираҳои муътабари дигар ишорае нест. Насри ин китоб мусаҷҷаъ, вале содаву равон ва холӣ аз такаллуф мебошад. Тазкираи мазкур соли 2019 аз ҷониби Урватулло Тоиров, Алишер Авғонов ва Зебониссо Бобоалиева бо сарсухани профессор Нуриддин Саид ба хатти кириллӣ баргардон шудааст [135].

Мувофиқи навиштаҳои олимону адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ дар давоми муддати мадиде, ки дар Мовароуннаҳр тазкирае ба қалам наомада буд, дар ҳавзаи адабии Ҳиндустон тазкираҳои «Каламот-уш-шуаро», «Ҳамешабаҳор», «Сафинаи Хушгӯ», «Яди байзо», «Сарви Озод», «Риёз-уш-шуаро», «Маҷмаъ-ун-нафоис», «Нукот-уш-шуаро», «Гули раъно», «Хулосат-ул-калом», «Суҳуфи Иброҳимӣ» таълиф гардидаанд, ки қисме аз онҳо тазкираҳои ҷомеъ буда, дар бораи рӯзгору намунаҳои ашъори суханварони Мовароуннаҳру Хуросон низ маълумоти ҷолиб арза доштаанд. Он гуна ки ба

мушоҳида мерасад, миқдори таълифи тазкираҳои адабӣ худ бозгӯи вазъи ҳаёти адабӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон ва ҳавзаи адабии Ҳиндустон шуда метавонад.

Хулоса, вобаста ба вазъи сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ аз ибтидои асри XVI сар карда, дар давоми ду сада ҳаёти адабии Хуросону Мовароуннаҳр рӯ ба инқироз овард, адабиёти дарборӣ ба дараҷаи нестӣ расид, дар ҳоле ки дар Ҳиндустон шеъру адаби тоҷикӣ дар авҷи камолот буд, ки сабабҳои худро дошт. Маҳз суханварони ин ҳавзаи адабӣ амсоли Калими Кошонӣ, Соиби Табрезӣ, Бедили Деҳлавӣ бо ашъори баланди хеш дар таърихи адабиёти тоҷику форс саҳифаи тозае боз намуданд ва дар рушду нумӯи минбаъдаи адабиёт таъсири назаррас расонида тавонистанд.

Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо давоми қарни XVI дар Хуросону Мовароуннаҳр шаш тазкира ва дар садаи XVII ҳамагӣ як тазкираи Малеҳои Самарқандӣ рӯи кор омада, пас аз он то ибтидои асри XIX тазкираи мустақиле таълиф нагардидааст [364], дар ҳоле ки дар ҳамин давраҳо дар қаламрави Ҳиндустон тазкираҳои зиёди ҷомеу даврӣ таълиф гардида, ҳамчун манбаи омӯзиши адабиёт хидмат менамоянд.

## 3.3. Усулҳои нақди шеър дар тазкираҳо

Тазкиранависӣ дар таърихи илму фарҳанг ва адаби тоҷику форс таърихи қадима дошта, аввалин асаре, ки бо истифодаи вожаи «тазкира» таълиф шудааст, «Тазкират-ул-авлиё»-и Фаридуддин Аттори Нишопурӣ мебошад [190, 3], ки дар бораи ҳолу аҳвол ва кароммоти авлиё баҳс мекунад. Дар давраҳои баъдии инкишофи илму адаби тоҷику форс осоре ки дар бораи ҳаёти уламо, машоих, фузало, шуаро таълиф шудаанд, ки вобаста ба мазмуну муҳтавои асар ба унвонҳои зерин номбар шудаанд: тазкират-ул-уламо, тазкират-ул-машоих, тазкират-ул-фузало, тазкират-уш-шуаро ва ғ. Саид Алиризои Нақавӣ дар асараш «Тазкиранависии форсӣ дар Ҳинду Покистон» вожаи тазкираро дар забонҳои арабиву форсӣ муфассал шарҳу эзоҳ дода [190, 1-7], ҳамчунин умумияту фарқияти тазкираро аз сафина, баёз, ҷунг, чунг мавриди баррасӣ қарор дода, навъҳои тазкира ва хусусиятҳои хоси ҳар яки онро махсус таъкид намудааст [190, 8-15].

Аввалин тазкира дар таърихи адабиёти тоҷику форс «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухорой буда, дар давраҳои минбаъда тазкиранигорӣ ба ҳукми анъана даромада, вобаста ба вазъи сиёсӣ таърихиву фарҳангӣ, инкишоф ё инқирози ҳаёти адабӣ тазкираҳои зиёд навишта шудаанд ва риштаи алоҳидаи таҳқиқи адабӣ пайдо шуда, осору рисолаву мақолоти зиёд дар бораи тазкираҳо таълиф шудаанд, ки қаблан зикр карда шуд.

Дар тазкираҳои адабӣ баробари маълумот оид ба зиндагиномаи шуаро ва зикри намунаи ашъори онҳо, дар бораи вазъи сиёсӣ, таърихиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ маълумоти муътамад оварда мешавад, ки барои омӯхтани бахшҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ аҳаммияти хос доранд. Ин аст, ки тазкираро ҳамчун осори донишномавӣ қаламдод кардаанд [181,190].

Мувофиқи хулосаҳои муҳаққиқон, аз ҷумла, Аҳмад Гулчини Маонӣ, Муҳаммади Ризоӣ, Маҳмуди Футуҳӣ, Аҳмади Нуъмонӣ, Орзу Нақизода дар марҳаллаи аввал дар тазкираҳо танҳо шарҳи аҳволи шоирон оварда мешуд ва «дар баъзе аз мавоқеъ аз бархе ҷиҳот он ҳам дар лифофаи шеър ё шахсияти

шоир накд мешуд, аммо бо гузашти замон ҷанбаи интиқодии тазкираҳо фарохтар шуд[202, 250] ва риштаи хоси пажӯҳиш – таҳқиқи шеваи накд дар тазкираҳо пайдо гардида, китобу рисолаву мақолаҳо, монанди «Аз маъно то сурат»-и Маҳдии Муҳаббатӣ [186], «Мируре ба тазкиранависии форси»-и Аҳмади Нуъмонӣ [180], «Баррасии сайри тазкираҳо ва таърихи адабиёти форсӣ дар Эрон»-и Манзар Султонӣ [188], «Таҳлили чанд истилоҳи нақди адабӣ дар тазкиаҳои асри Сафавӣ»-и Муҳаммад Ризоӣ, Ядуллоҳ Шакурӣ, Орзу Нақизода [201], «Нақди адабӣ дар тазкираҳои сабки ҳиндӣ»-и Муҳаммади Ризоӣ [202], «Баррасӣ ва таҳлили дидгоҳҳои нақди адабӣ дар тазкираи Насрободӣ»-и Содиқи Чағатоӣ [229], «Нақши «Сафинаи хушгӯ» дар иншиоби шоирони тарзи хаёли ҳиндӣ»-и Маҳмуди Футуҳӣ, Муҳаммадҷаводи Маҳдавӣ ва Саҳбоӣ [220], «Таҳлили дидгоҳҳои интиқодии Хони Орзу дар тазкираи «Маҷмаъ-ул-нафоис»-и Сируси Шамисо ва Шаҳло Фарқдонӣ [233], «Нахустин таҷрибаҳои нақди шеъри форсӣ дар аҳди Сафавӣ бар пояи номаи навёфта аз Ҳазини Лоҳиҷӣ»-и Воҳид Асадуллоҳ [167], «Малеҳо ҳамчун шеърфаҳм ва сухансанҷи асри XVII»-и Абдулғанӣ Мирзоев [281], «Тазкираи «Нусхаи зебои Ҷаҳонгир»-и Файз Акрамов [363], «Нисорӣ ва аҳаммияти тазкираи ӯ дар омӯхтани адабиёти асри XVI»-и Усмон Назиров [294], «Аҳаммияти «Музаккир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ дар таърихи адабиёти форсӣ»-и Зайнаб Шеркаванд [357], «Нақши «Тазкират-уш-шуаро»-и Мухлиса Нуруллоева [305], «Арзиши адабии «Шарафномаи Шоҳӣ» ва «Тасвири симои аҳли адаб, илм ва ҳунар дар «Бобурнома»-и Заҳируддин Муҳаммад Бобур»-и муаллифи диссертатсия чун сарчашмаҳои омӯзиши ҳаёти адабии Хуросон, Мовароуннаҳру Ҳинд оид ба шеваи нақди тазкиранигорон ва истифодаи истиллоҳоти нақди адабӣ дар тазкираҳои асрҳои XVI-XVII таълиф гардидаанд.

Таҳқиқи тазкираҳои дар ин давраҳо ва хулосаҳои муҳаққиқон бар он далолат мекунад, ки ҳарчанд тазкираҳо дар давраҳову манотиқи мухталиф аз тарафи муаллифони дорои истеъдоду маълумоту диди гуногун таълиф шудаанд ва андешаҳои наққодии тазкираҳо бештар хусусияти завқӣ доранд,

дар муайян намудани арзиши адабии ашъори шоирон ва мавқеу мартабаи шоир дар муҳити адабӣ, бозёфтҳои шоирона ва ё муайян намудани савияи маҳорату қобилияти суханварӣ, ҳамчунин, заъфу нуқсони дар осори зикршуда, аҳаммияти сазовор дошта, дар ривоҷи нақду сухансанҷӣ ҷойгоҳи хос касб намудаанд. Зеро ба қавли Маҳдии Муҳаббатӣ «Суннати адабии мо на танҳо аз равишҳо ва назарияҳо ва мавозини нақду назарияи адабӣ бебаҳра набудааст, баръакс ҳар кадом аз бузургони адаби форсӣ дар дастгоҳи андешаи худ аз назария, форм ва равиши басо устувору мустаҳкам баҳра мебурдаанд ва дар нақду санҷиши осори дигарон қавоиди бисёр муттақинро ба кор мегирифтаанд [186, 59].

Тазкираҳо дар баробари вижагиҳои хос ҳам аз ҷиҳати сохту таркиб,ҳам аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво, хосатан аз ҷиҳати шеваи баён ва баҳодиҳӣ ба шахсияти шоирон ва шеъри онон ва аз ҷиҳати ҳаҷми маълумоту интихоби намунаи ашъор чанд муштаракот ҳам доранд. Ин муштаракот дар суханпардозиҳову саҷъгароиҳо, сифатчиниҳои тӯлонӣ, таърифу тавсифҳои муболиғаомез, гоҳо умумигӯиҳову мубҳамбаёнӣ таҷассум ёфтаанд, ки гоҳо боиси костагии арзиши таълифоти муаллифон гардидааст. Воқеан, саҷъгароиву суханпардозиҳо, ки аз хусусияти аксари тазкираҳост, сабабгори пургӯиву афзоиши ҳаҷми тазкираҳо гардида, сифатчиниву таърифоти тӯлонӣ, ки «гоҳ ба хотири риояти саҷъ» [218, 239] сурат гирифтааст, «гоҳе ба шахсияту шеъру мақоми шоирии онҳо ҳамоҳангӣ надорад» [218, 253].

Омӯзишу муқоисаи тазкираҳои дар асрҳои XVI-XVII, амсоли тарҷумаҳои форсии «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ, «Бобурнома»-и Муҳаммад Бобур, «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Тоҳири Насрободӣ, «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Ҳасани Нисорӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ, «Туҳфат-ус-сурур»-и Дарвешалии Чангӣ, «Майхона»-и Абдуннабии Фахруззамонӣ, «Музаккир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ бар он далолат мекунанд, ки ин осор дар баробари вижагиҳои хос, дорои хусусиятҳои муштараки зикршуда низ мебошанд.

Дар воқеъ, ҷумлаҳои забонзаду қолабӣ, саҷъпардозиҳо, сифатчиниҳо, таърифу тавсифҳои муболиғаомезро амсоли «Табъи хубу ашъори марғуб дорад», « ғазалиёташ хуб буд», «гӯи фасоҳат ба чавгони балоғат мерабуд», дар гуфтани ғазал(муаммо, қасида,матлаъ, маъно) яди байзо нишон медод», «табъи санҷидаву гуфтори писандида дорад», «ғазалиёташ хуб буд», «дар маҳовира хушхулқ ва хуштабъ аст», «табъи дилпазир дошт», «ашъораш пурсӯзу гуфтораш аҷоиб дилафрӯз аст», «табъи санҷидаву гуфтори писандида дорад», «ашъори покизаи латиф ва гуфтори санҷидаи мунсиф дорад», «аз фазилат холӣ набуд», «шоирест мавзун ва ашъораш чун дурри макнун», «дар ғазалгӯи (гуфтани қасида, муаммо маснавӣ) аз ақрон тоқ буд», «дар ҳеҷ замоне шоире ба он эътибору ғаноии табъ набуда»,«сархайли шуарову фузало буд»-ро дар бештари тазкираҳо дучор омадан мумкин аст.

Маълумоти тазкираҳо дар бораи шоирон ҳаҷман гуногун буда, муаллифон перомуни шоирони маъруф ахбори муфассал дода, дар бораи баъзе шоирон ҳамагӣ бо овардани як ё ду сатр маълумот иктифо намудаанд. Ин ҳолро дар тазкираҳои «Маҷолис-ун-нафоис» -и Алишер Навоӣ, тазкираи «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ, «Каламот-уш-шуаро»-и Муҳаммад-афзали Сархуш ва «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ бештар мушоҳида намудан мумкин аст. Дар «Маҷолис-ун-нафоис» дар бораи шоироне амсоли Мавлоно Тусӣ [120,52], Мавлоно Бадахшӣ [120,53], Мавлоно Надимӣ [120,56], Мавлоно Масеҳӣ [120,56], Ҳоҷӣ Абулҳасан [120,56-57], Мавлоно Қутбӣ [120,57] ҳамагӣ як ё ду сатр маълумот оварда шудааст. Инчунин ниг.: [120, 46, 48, 52, 53, 57, 72, 73, 74, 75, 80, 81, 82, 83, 84, 85, 86, 90, 104, 105, 108,109, 111, 118, 120, 121, 127, 141, 156] ва ғ.

Мутрибии Самарқандӣ низ дар бораи Яздӣ [129,122], Аҳмади Гелонӣ [129,122], Азҳарии Деҳлавӣ [129,122], Аҳмади Артавонӣ [129,123], Амонии Бадахшонӣ [129,123], Оташии Бухороӣ [129,123], Ақдасии Хуросонӣ [129,125], Базлии Самарқандӣ [129,136] маълумоти мухтасар додааст. Ҳамчунин ниг.: [Мутрибӣ, с.146, 167, 150, 152, 231, 232, 238, 315 ,321, 332]. Фахрии Ҳиравӣ низ дар «Ҷавоҳир-ул-аҷоиб» ағлаб оид ба аҳволу ашъори

занони суханвар ҷумлаҳои кӯтоҳ меорад. Дар бораи баъзе аз онҳо танҳо бо як-ду ҷумла ва намунае аз шеъри онҳо иктифо кардааст, аз ҷумла Хайруннисо Фотиматуззаҳро [142,43], Исматӣ [142,67], Бедилӣ [142,68], Духтари Қозии Самарқанд [142,72], Партавӣ [142,77] ва ғ.

Бо вуҷуди костагиҳову умумигӯиҳо дар аксар маврид муалифони тазкираҳо ҳамчун донишмандони улуми адабӣ, саррофони каломи мавзун мувофиқи қобилият, истеъдоду дидгоҳи хеш андешаҳои интиқодии мушаххасу асосноку мӯшикофона ҳам баён намудаанд, ки маҳз ҳамин вижагӣ аҳаммияти тазкираҳоро боло бурдааст ва дар рушди нақди шеъри давраҳои баъдӣ ҳамчун пояи устувори ба суннатҳои адабии адабиёти мо асосёфта хидмати арзанда ҳам намудааст.

Андешаҳои наққодии тазкиранависонро ба ду даста гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст: нақди шоир ва нақди шеъри шоир.

**1. Нақди шоир**

**а) Нақди хулқу атвори шуаро**

Тазкиранависон роҷеъ ба ахлоқу атвор, фазилат ва дараҷаи камолоти шоир, бархурдорӣ аз илму фазл, мақому мартаба, дар куҷо таълими шеър гирифтан, ҳусни ахлоқи шоир, сурату сирати ӯ маълумот додаанд, ки хонанда бо чеҳраи шоир, камолоти маънавию дараҷаи истеъдод ва қобилияи шоир ошноӣ пайдо карда метавонад. Ҳамчунин оид ба хислатҳои ношоистаи баъзе аз суханварон, ки дар маҷмуъ ҷанбаи ахлоқӣ дошта онро нақди ахлоқӣ ё нақди шоир номидаанд, сухан рондаанд.

Ин мавзуъ дар ҳамаи тазкираҳо матраҳ гардидааст, ки ба ҳайси шоҳид чанд намунаро зикр мекунем. Навоӣ дар бораи Хаёлӣ навиштааст: «Мавлоно Хаёлӣ аз Бухорост ва шогирди Хоҷа Исмат аст, Бисёр хушхулқ асту асту хуштавр...» [120,46], Ҳофизи Ёриро бо сифатҳои «бағоят хуштабъ ва хушсуҳбату ширинкалом» тавсиф намудааст [120,75], дар бораи Амир Ҳусайни Ардашер навиштааст: «Бад-ин фақир ба масобаи падар буд ва дар миёни турку тозик аз ӯ тамомтар касе надидам. Табъаш дар тасаввуф хуб буд...» [120,92], «Саййид Абдулҳаққи Астарободӣ ҷавони хуштабъу хушмуҳовараву

хушхулқ буд» [120,83] гуфта, Мавлоно Кавсариро низ «бисёр хуштабъ, хушсуҳбат ва ширинзабону мақбул буд» гӯён васф намудааст [120,107], дар васфи Мирзобек ба муболиға роҳ дода мегӯяд: «Дар инсоният ва ахлоқи хуш ягонаи Хуросону Самарқанд буд ва дар сипоҳигарӣ саромади чобуксаворони ин ҳар ду мулк буд, зеҳнаш аз нуқуди маонӣ ғанӣ ва табъаш аз ин навъ таъриф мустағнӣ буд...» [120,91], Амир Шайхам Суҳайлиро ситоиш карда, ки: «Аз мардуми мутаайийини мамолики Хуросон аст ва аз хурдӣ боз осори табъу намудори зеҳн аз ӯ зоҳир ва ахлоқи ҳамида ва маоши писандида аз атвори ӯ боҳир буд... » [120,93], ахлоқи ҳамидаву атвори писандидаи Мир Ҳусайни Муаммоӣ ба дараҷае будааст, ки: «Чандон ахлоқи ҳамида ва атвори писандида дорад, ки аз шарҳи он забони қалам ва қаламзан оҷиз аст» мегӯяд [120,139] ва ҳамин гуна сифотро ба Мавлоно Султоналӣ ҳам нисбат додааст: «Мавлоно Султоналӣ бо аҳлоқи ҳамида ва атвори писандида чунон ороставу пероста аст, ки забони қалам аз шарҳи он оҷизу дасти қаламзан қосир аст ва табъаш низ хуб воқеъ шуда» [120,144].

Муаллифони тазкираҳо оид ба хулқу атвор ва хислатҳои ношоистаи шоирони замонашон низ маълумот додаанд. Аз ҷумла Навоӣ дар бораи якчанд адибони даврони хеш чунин гуфтааст: Ҳофизи Саъд: «Чун шухтабъу лоуболӣ буд, ҷавонони лаванду авбоши шаҳри Ҳирот бо ӯ мусоҳибат мекарданд ва бад-ин сабаб аз ӯ атвори ношоист ва кирдори нобоист ба зуҳур меомад [120,41], Мавлоно Ҳоҷӣ Нуҷумӣ: «Марде лоуболӣ ва табъаш ба ҳазл моил буд...» [120,75], Мавлоно Хусравӣ: «Гӯиё даъвии хусравӣ дошта, ки Хусравӣ тахаллус мекарда. Мегӯянд, ки даъвои бузург мекарда ва шеъри худро еши мардум меоварда ва роҳи сухан бар эшон мебаста ва аз эшон таърифи шеъри бади худ мехоста» [120, 268], Мавлоно Валии Қаландар: «Дар остонаи фалакошёнаи Мирзо Бобур мулозим аст ва бисёр хираву чираву далеру беҳаёст. Ва шеъри ӯ дар миёни шуаро ба бадӣ машҳур аст» [120,269]. Ҳарчанд баъзе аз шуаро хулқу атвори бад дошта боштанд ҳам ашъори нек гуфтанашонро Навоӣ таъкид кардааст, монанди: Мавлоно Риёзӣ: «Низ самарқандист, бадхулқу муъҷиб буда ва учби ӯ аз ғазалҳои хуби ӯ

буда...» [120,277], Мавлоно Хуррамӣ: «Ҳиравист, аз мардумзодаҳои Ҳарист аст, аммо аз одамгарӣ заррае дар ӯ асаре нест ва ба сабаби бадмиҷозиҳои худ дар шаҳр натавонист буд, ба Ироқ рафт ва аз он ҷо азимати Маккаву Мадина ва Байтулмуқаддас кард, аммо ба воситаи бедавлатӣ, ки дар зоти ӯ буд, чун боз омад, аз аввал бадбахтӣ ва бадфеълӣ бештар менамуд, алқисса аз маддоҳии ӯ забон қосир ва ақл оҷиз аст» [120,293], Мавлоно Дарвеш: «Мегӯянд сафеҳ ва бадзабон аст ва баъзе азизонро ҳаҷвҳои бад кардааст...» [120,100]. Инчунин Навоӣ, дар бораи дарвешу номурод ва ба сараш тоҷи намад гузоштани Мавлоно Шарафи Хиёбонӣ чунин овардааст: «Марди дарвешу номурод аст ва ҳамеша бар сар тоҷи намад ниҳода, қурчуқ мепечид ва ба иардум низ омезишаш камтар мебуд ва бештари авқот ба татаббуи «Хамса» машғулӣ менамуд... » [120,45].

Дар тазкираи хеш Тоҳири Насрободӣ бобати ахлоқи ҳамидаи адибон бештар ҳарф зада, монанди Соммирзои Сафавӣ ба масъалаи ахлоқи шоирон аҳаммияти хосса зоҳир намуда, дар мавридҳои зиёд ин нуктаро таъкид кардааст, ки намунаҳои зерин аз далели ин матлабаст: «Козимӣ-...сулукаш одамиёна аст [39,15], Мирзо Козим- ...аз хубиҳои зот ва покизагиҳои сифот тавфиқи тарки дунё ёфта [39,184], Ҳоҷӣ Амин -...одами солеҳе аст дар ниҳояти мулоимату ҳамворӣ ва камоли шарму бурдборӣ [39,184], Араб Оқо-...марди дарвеши бетааллуқе аст дар камоли гузаштагӣ [39,15], Музаффар Ҳусайн-...дар зоҳир муътакифи дайр, аммо дар ботин ломаконсайр [39,242], Мулло Муҳаммади Кашмирӣ-...ба сабаби саркашӣ ва ғиноии табъ ба бадхӯӣ шуҳрат карда [39,244], Мулло Муқим-...дар камоли ҳамворӣ ва мулоимат буд [39,266], Мулло Абдулбоқӣ-...бисёр халиқу меҳрубон буда [39,296], Мулло Шукӯҳӣ-...аз Ҳамадон аст, дар мардумиву одамият ҳамадон буда [39,343], Муқимӣ-...марди содалавҳи хушзоте буда [39,359], Шуҳудӣ- ...бисёр халиқу меҳрубон ва зиндадил буд [39,415], Мулло Ҳоҷимуҳаммад- ...дар камоли одамияту мардумӣ ва ниҳояти орому оҳистагӣ аст» [39,491].

Тоҳири Насрободӣ суханварони зикршударо «мулоимсухану фаришта-хулқ», «солеҳу меҳрубон», «мардумтинату зиндадил» номида, ситоишу васф

кардааст ва баробари ин гурӯҳи дигарро саркашу бадхӯ, бепарвову соддалавҳ ба қалам овардааст.

Мутрибии Самарқандӣ ҳам ба масъалаи ахлоқии шоирон таваҷҷуҳ намуда, андешаҳои ҷолибе дар шинохти чеҳраву олами ботинии онҳо баён кардааст, ки мисолҳои зерин гувоҳи ин ҳол шуда метавонад. Анҷумии Бухороӣ: «Ҳарчанд ба ҳасби зоҳир кареҳманзар аст, аммо ба эътибори ҳусни ашъор ва лутфи гуфтор нури дидаи аҳли назар аст [129,111], Дӯстии Бухороӣ: «Сурати хубу сирати марғуб дорад ва ба хубии сурату ҳусни сират дилҳои муҳиббонро сайд менамояд» [129,153], Дӯстии Бӯстонхонӣ: «Мардест дарвешқолаб ва бағоят муаддаб. Коре, ки хилофи тариқи адаб бошад, аз ӯ кам ба зуҳур меояд» [129,159], Дардии Бухороӣ: «Сурати хубу сирати марғуб дорад ва муносибаташ ба гуфтани ашъор дар суратест, ки фавқи он мутасаввир нест. Фитрати олӣ ва ҳиммати маонӣ дорад. Пайваста ҳабби ҳубби шуаро ва фузало дар синаи бекина мекорад. [129,167], Виқории Самарқандӣ: «Виқории Самарқандӣ тахаллуси латифи Осафсифот - Мирзо Муроди Девон аст. Мушорунилайҳ сурати некӯ ва сирати дилҷӯ дорад» [129.188 ], Вазъии Шерозӣ: «Авзоаш некӯ ва атвораш дилҷӯст...Бисёр халиқу мутавозеъ ва ширинкалому хушихтилот аст ва ба аҳли замон бағоят ошноии гарм мекунад ва шеърро бисёр некӯ мегӯяд» [129.189].

Муаллифи «Тазкират-уш-шуаро» дар бораи баъзе шоирон бисёр бо иродат ва ихлос сухан рондааст, ки Нисорӣ аз шумори ҳамингуна суханварон маҳсуб мешавад ва Мутрибӣ ӯро устоди хеш ҳисобида, чунин гуфтааст: «Бағоят мутахаллиқу мутавозеъ ва ширинкалому некӯихтилот буданд» [129,291], дар бораи шогирдаш Хазонӣ навиштааст: «Пайваста дар ризоҷӯии хотир мекӯшад ва ҳаргиз коре намекунад, ки боиси малол шавад [129,403].

Мутрибии Самарқандӣ оид ба хулқу атвор ва хислатҳои ношоистаи шоирони замонаш низ маълумот додааст.Тибқи маълумоти вай Баҳрии Самарқандӣ шахси қадпаст буда, «ба мазмуни «ал-Қасиру фитнатун» осори макру ғадр аз атвори ӯ пайдо будааст» [129,132]. Боқии Хумдонакӣ ниҳоят баднафс буда, «дар суҳбати яке аз салотин хӯрдании бисёр хӯрда ва ба

имтило мурда» [129,88]. Дар бораи Дуоӣ навиштааст: «Тамаъ бар мизоҷи Дуоӣ ба кайфе ғолиб буд, ки аз барои як пул қасида мегуфт» [129,164]. Инчунин дар бораи дузд будани Таркашии Тошкандӣ [129,392], луъбатбозӣ кардани Луъбатии Сарахсӣ [129,257], ба қиморбозӣ шавқу рағбат доштани Ҳушёр [129,362] ва умри хешро дар нарду шатранҷбозӣ сарф кардани Риндии Ироқӣ [129,3374], бисёр шоири мутаассиб будани Камолии Шибирғонӣ [129,248] хабар додааст.

Ҳамин тарзи баҳогузориро Малеҳои Самарқандӣ низ дар тазкирааш пеш гирифта, бобати одоби ҳамидаву ахлоқи шоирон ва симои эшон нуктаҳои ҷолиб баён доштааст. Дар бораи Қозӣ Абдуллоҳи Беҳҷат гуфтааст: «Ҷавоне буд, бо авсофи фазлу фазоил мавсуф ва бо авсофи дониш маъруф, ҳамидахисолу писандидаафъол, марде буд дар чеҳра хушманзар ва покиза-маҳзар, надими базму шамъи маҷлис, меҳмондӯсту суфрагустар бо дӯст ва дар адои муддао фасеҳзабону малеҳбаён, ширинлаҳҷаву хуштакаллум ва суханфаҳм» [60,124]. Оид ба симои Боқии Кошонӣ навиштааст: «Хандариш афтода, доғи нағзакон дорад ва баландболост [60,126], Беҳҷати Ироқиро чунин васф намудааст: «Марде ба чашми ман зоҳир гардид, ки дидаи худбин аз баду неки замон пушида, ба ақлу басирати гузин ба кунҳи хубу зишти ҷаҳон расида ва таъбашро аз вазъи забуни аҳли рӯзгор холӣ аз нуфуз надидам» [60,136]. Аз Ҳайёти Насрободӣ бо ихлосу иродати тамом ёдкардааст: «Дар хулқу одоб нури дидаи аҳбоб аст ва маҳбуб-ул-қулуб, ки аз маҳбубӣ муҳибон чун ҳабб-ул-қулуб дар ҳадоиқи дилҳо ҷояш гардонида ва мақбул-ал-иқбол аст, ки аз мақбули мақбулон чун инсон-ал-айн дар ҳадиқаи дида маъвояш додаанд» [60, 155]. Оид ба Ҳусейни Бадахшонӣ мефармояд: «Аз тарзи авзоаш шуридагӣ дар димоғаш зоҳир буд» [60,158]. Хошии Хазорирро шахсе мешуморад, ки «дар ҳама боб хеҷ кутоҳӣ надорад» [60,168]. Ҳазини Ироқиро дорои «ботини ба нури ақл тамом ороста ва ба зевари хиради локалом пироста, некухисолу ҳамидаафъол, соҳиби фатонат ва марди матонат» [60,170] шуморида, хушсуҳбат будани Рифъати Нишопуриро ситоиш намудааст: «Ҳама кас фирефтаву шефтаи суҳбати ӯст» [60,209], дар

бораи Рифъати Ҳамадонӣ мегӯяд: «Худро биёр латифтабъу зарифвазъ ва суханрасу ҳушманду шоири боло медонад» [60,213]. Тавсифи ҳусну ҷамоли Шуълаи Бухороиро чунин қаламдод кардааст: «Писаре буд дар ғояти хубӣ ва дар ниҳояти маҳбубӣ, дар оростагӣ ва ҳусну ҷамол Юсуфи аввал ва дар перос-тагии хатту хол саропо мукаммал, некӯсурату некӯсират буд» [60,328], Сомитро шахси солхӯрдаву кухансол номида, ӯро «сутудахисол, ҳамида-афъол ва писандидаиқбол» [60,329] гуфтааст.

Малеҳои Самарқандӣ дар бораи зиндагии риндона доштани Ҳотами Бухорой,ки тамоми мероси падарро сарфи ишрат кардааст хабар дода, мегӯяд: «Зиндагии риндона дошта, мероси падарро сарфи кайфу сафо кардааст» [60,156].

Фахрии Ҳиравӣ дар «Ҷавоҳир-ул-аҷоиб» аз хулқу атвори накӯ ва каломи рангини бонувони суханвар ёд карда, Бедилӣ ном шоираро «аз хуштабъони машҳури шаҳри Ҳирот» [142,68] меҳисобад ва Ниҳонии Шерозиро « дар ҳусну ҷамол ва фаҳму фаросат» [142,69] соҳибимтиёз дониста, дар идомаи суханаш овардааст: «Дар он диёр мисли ӯ аз табақаи унос дар фасоҳату балоғат кам аст» ва ин матлаъро аз ашъори ӯ намуна меоварад:

Шаб саги кӯят ба ҳар ҷое, ки паҳлӯ мениҳад,
Рӯз хуршед он заминро бӯса бар рӯ мениҳад [142,69].

Муаллифи «Ҷавоҳир-ул-аҷоиб» ҳамингуна тавсифҳоро нисбат ба Духтари Қозии Самарқанд, Нисои Фахруниссо, Хонум Хонзодаи Турбатӣ, Партавӣ, Шоҳмалик Сайидбегим, Духтари Ғазолӣ, Биби Орзуи Самарқандӣ низ лоиқ дониста, онҳоро «нозукхаёл», «дорои табъи баланд», «фитрати табъаш аз ҷавоҳири назм музайян», «дар хуштабъӣ назир надорад», «ба латоифи табъ аз машоҳири тоифа аст», «дар услуби назм табъаш бағоят мулоим ва салиқааш мувофиқ», «ба ҳусни сурату сират ороста», «аз салимтабъони диёр» [142,72-81] гӯён ситоиш кардааст.

**б) Накди тахаллуси шоирон**

Муаллифони тазкираҳои адабӣ оид ба маънии тахаллуси шоирон ва сабаби интихоби тахаллуси ин ё он адиб низ изҳори назар карда, дар баъзе

мавридҳо накд ҳам намудаанд Алишери Навоӣ тахаллуси шоирон Мавлоно Кавкабӣ [120,315], Мир Муҳаммад Солеҳ [120,341] ва Мавлоно Монӣ [120,298] «ба муносибати фанну ному зодгоҳашон пайдо кардаанд» гуфта бошад, дар бораи тахаллуси шоирон Наргисӣ, Мавлоно Қаллошӣ, Абуалӣ ва Паҳлавон Ҳусайни Девона, чунин нигоштааст: «Мавлоно Наргисӣ аз Ҳарист ва ба тахаллуси мазкур назм мегуфт, онро ба Оятӣ табдил дод. Ҷиҳати он пурсида шуд, ҷавоб натавонист гуфт. Ҳар ҷо, ки маънии борике мебинад, ба тасарруф кардани он одат дошт. Иншоаллоҳ, чунон ки тағйири тахаллус кард, тағйири он одат ҳам кунад» [120,103-104], «Паҳлавон Ҳусайн Девона тахаллус менамуд, зеро ки аз девонагӣ ва абдолӣ холӣ набуд...» [120,281]. «Мавлоно Қаллошӣ ҷавоне қаллош ва марде хушбош буд ва аз ин ҷиҳат Қаллошӣ тахаллусаш менамуд» [120,315]. «Мавлоно Буалӣ дар ҳаваси он ки Буалӣ шавад девона шуд ва гуфтору рафтори девонагон пайдо кард ва худро ягонаи замона мепиндошт. Агар девона намебуд, «Абуалӣ» тахаллус намекард» [120,312].

Муаллифи «Тазкираи Насрободӣ» ба тахаллуси қисмате аз шуарои даврони хеш таваҷҷуҳ намуда, бо истифода аз тахаллуси эшон ба нақди ахлоқӣ пардохтаааст, монанди: «Мирзо Асад- ...чун худро аз либоси такаллуф ва таллуқ орӣ сохта «Урён» тахаллус мекунад [39,190], Ҳоҷӣ Муҳаммадҷони Машҳадӣ-Қудсӣ тахаллус мекард, ҳаққо ки қудсихулқ ва мардумтинат буд [39,325], Мир Абдуллоҳ-...бағоят фонимашраб ва дарвеш-табиат аст, ба вуфури ахлоқи ҳамида ороста, чун аз банди тааллуқот наҷот ёфта, «Наҷот» тахаллус дорад [39,484]. Мир Ҷамолиддин Муҳаммад- ...сайиду одамисифат аст дар камоли покии тинат, каломаш марғубу хаёлоташ маҳбуб, бо вуҷуди оромӣ «Ваҳшат» тахаллус дорад» [39,486]. Ба ҳамин васила Насрободӣ дар бораи тахаллусҳои як қисм суханварон андешаҳояшро иброз намуда, хислату рафтор ва хулқи онҳоро бо вожаҳои одамсифат, дарвештабиат, фонимашраб, қудсихулқ, мардумтинат тасвир сохтааст.

Мутрибӣ дар баробари накди ашъори онҳо ба тахаллусҳои Вазъӣ [129, 189], Сиррӣ [129,317], Меҳнатӣ [129,277], Кӯдакӣ [129,249] эрод гирифта, аз эшон сабаби интихоби тахаллусро пурсидаааст. Дар бораи Кӯдакӣ навиштааст: «Кӯдакии Рометанӣ, фақир пурсид, ки мулозимони шумо ба чӣ сабаб «Кӯдакӣ» тахаллус менамоянд? Гуфт: -Дар сиғари син шеър мегуфтам, азизе ин тахаллусро гузошт. Гуфтам: -Ин замон, ки ба суҳбати фуқаро расидед, агар «Болиғ» тахаллус намоед, муносиб хоҳад буд» [129,249]. Бобати иваз кардани тахаллуси шоирии шогирдаш Хазонии Шаҳрисабзӣ гуфтааст: «Хазонии Шаҳрисабзӣ аз дӯстони ин фақир аст. Муддатест, ки ба ин камина маърифат дорад ва худро дар фанни шеър шогирди ҳақир мешуморад. Дар ибтидо Харобӣ тахаллус мекард. Ҳар гоҳ, ки аз пайи тасҳеҳи шеър ба манзили ин камина меомад, аз беруни дар овоз медод, мепурсидам, ки кист? Баъзе аз мутааллиқон мегуфтанд, ки Харобист, ки ба хонаи ту омада, табъамро аз ин сухан нафрате ҳосил мешуд, бинобар он ӯро таклиф намудам, то аз Харобӣ ба Хазонӣ тахаллус намояд. Иқбол намуд. Бо вуҷуди он ӯро мардум Харобӣ мегуфтанд. Охир миёни шуарои аср муқаррар чунон шуд, ки ҳар кӣ ӯро Харобӣ гӯяд, ду динори ярғу бидиҳад. Бинобар он ба Хазонӣ машҳур гашт [129,403].

**2. Нақди шеър**

Муаллифи тазкираҳо, ки донишмандони огоҳи улуми адабӣ, аз ҷумла таносуби лафзу маънӣ, арӯз, қофия, санъатҳои лафзию маънавии шеърӣ ва навъу жанрҳои адабӣ, сабку услуби баён, вижагиҳои шеъри замони худ будаанд, дар осори хеш бо назари интиқодӣ чакидаҳои қалами шоиронро баррасӣ намуда, дар бораи ҳусну қубҳи шеъри эшон мулоҳизаҳои хешро изҳор доштаанд, ки дар маҷмуъ накди фаннӣ буда, фарогири масъалаҳои зерини наққодӣ мебошанд:

**а) Татаббуъ ва пайравӣ**

Татаббуъ ҷавобгӯӣ ва пайравӣ ба осори шоирони гузаштаву муосир ва арсаи нишон додани қудрату маҳорати шоирист, ки дар ҳамаи давру замонҳо мутадовил будааст. Муаллифони тазкираҳо дар ин бобат низ маълумоти

фаровон оварда, оид ба пайравӣ кардани шоирон ба осори шуарои мутақаддим ва муосир, ҷавобгӯии онҳо ба ашъори якдигар падидаҳои муҳим ва ҷолибро ба ёдгор гузоштаанд.

Алишери Навоӣ тазаккур додааст, ки шоирон Мавлоно Зоҳидӣ [120,53], Мавлоно Шараф [120,240], Мавлоно Алии Осӣ [38,17], Абдуллоҳи Ҳотифӣ [120,100] дар пайравии «Хамса»-и Низомӣ қувваозмоӣ карда, аммо на ҳама муваффақ гардидаанд. Чунончӣ Мавлоно Зоҳидӣ «дар он ҷо даъвиҳо зоҳир сохта, зоҳиран аз ин сабаб итмом наёфт» [120,53] ва татаббӯи Алии Осиро «дар муқобала наметавон овардан» гуфтааст. Алишери Навоӣ дар бораи «Махзан-ул-асор»-ро ҷавоб гуфтани Ғиёсиддин Алӣ сухан ба миён оварда, посухи Ғиёсиддин Алиро «ҳамвору рангин» арзёбӣ кардааст [120,146]. Ба қасидаи маснуи Салмон ҷавоб гуфтани Мавлоно Орифӣ [120,247-248], Дарвеш Мансури Сабзворӣ [120,69-70], Мавлоно Соҳиби Балхӣ [120,49-50] ва «Дарёи аброр»-и Амир Хусравро ҷавоб гуфтани Мавлоно Зоҳидӣ [120,53], дар ҷавоби «Юсуф ва Зулайхо» маснавӣ гуфтани Мавлоно Масъуди Қумӣ ва мунозираҳои «Шамсу Қамар», «Теғу Қалам» низ гуфтани шоирро ва «нек вуқуъ шудани онро» [120,75] таъкид намудааст. Инчунин дар баробари «Лайлӣ ва Маҷнун», маснавии «Зайд ва Зайнаб» гуфтани Хоҷа Хизршоҳи Астарободиро [120,74] ба матлаи Хоҷа Ҳофизу Амир Хусрав посухи Хоҷа Муайяди Девона [120,71] ва Мавлоно Абдулқаҳҳорро [120,65], ба ашъори Ҷомӣ ҷавоб гуфтани Тархониро [120,269] аксарияти шуароро татаббуъ кардани Мавлоно Маликро [120.113-114], татаббуи матлаи Хоҷа Сафӣ кардани Мавлоно Зоҳириро [120,123] қайд кардааст. Тибқи ахбори Навоӣ Мавлоно Сулаймонӣ бадеҳаро равон мегуфтааст ва дар ҷавоби ин матлаи Хоҷа Ҳофиз ҷавоб гуфтааст:

Ёд бод он,ки сари кӯйи туам манзил буд,
Дидаро равшанӣ аз хоки дарат ҳосил буд.

Ин матлаъ аз ӯст:

Ҳалли ҳар нукта,ки бар пири хирад мушкил буд,
Озмудем, ки ба як ҷуръаи май ҳосил буд.

байти дуюм ин аст:

Гуфтам аз мадраса пурсам сабаби ҳурмати май,
Дари ҳар кас, ки задам, бехуду лояъқил буд.

Алишери Навоӣ ба Меҳрӣ зани Ҳаким Табиб мансуб будани ин байтҳоро ишора карда, мегӯяд, ки: «ин фақир аз мардуми нек шунидаам, ки аз Меҳрист, валлоҳу аълам». Мутарҷими тазкираи мазкур овардааст: «аммо банда таҳқиқ кардам, ки аз Меҳрист» ва ҳамчун далел матни пурраи ғазалро меорад:

Дӯш то субҳдам аз гиряву аз нолаи ман,
Лолаи сӯхта хун дар дилу по дар гил буд,
Хостам сӯзи дили хеш бигӯям ба шамъ,
Буд ӯро ба забон он чӣ маро дар дил буд.
Он чӣ аз Бобулу Ҳорут ривоят карданд,
Сеҳри чашми ту бидидам,ҳамаро шомил буд.
Давлате буд тамошои рухат Меҳриро,
Ҳайфу сад ҳайф, ки (он) давлати мустаъҷил буд[120,55-56].

Алишери Навоӣ дар бораи Мавлоно Лутфӣ навиштааст: «Мавлоно Лутфӣ бештар қасоиди мушкили устодони форсигӯйро ҷавоб мекард ва дар навадунуҳсолагӣ шеъре гуфт бо радифи «офтоб», ки шуарои замон ҷавоб гуфтаанд, ҳеҷ кадом матлаъро дар баробари ӯ натавонист гуфт ва матлаи он шеър ин аст, матлаъ:

Эй зи зулфи шабмисолат сояпарвар офтоб,
Шоми зулфатро ба ҷойи моҳ дар бар офтоб» [120, 87] .

Тоҳири Насрободӣ дар баъзе мавридҳо аз суханвароне ёд кардааст, ки ба ашъори шоирони дигар тақлиду татабуъ намудаанд ва ё дар пайравии мазомини ашъори онҳо абёт сурудаанд. Ӯ асосан онҳоеро интиқод намуда, ишороти киноявори ба эшон мазанад, ки худро беҳтар аз шоирони дигар ҳисобидаанд. Шумори чунин шоирон дар тазкира зиёд аст, аммо кофист, ки чанд нафаре аз эшон ба ҳайси намуна зикр карда шавад: «Ҳаким Ҳозиқ - ...худро беҳ аз Анварӣ медонад [39,87], Восиқи Нишопурӣ- ...табъаш шӯран-

гезу диловез ва савдое дар сар дошт, чунончи татаббӯи суханони Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ намуда [39,448], Улфатӣ-...табъаш дар камоли шӯхиву намак буд, шеъри ҳамворе мегуфт, аммо худро беҳ аз Анварӣ медонист» [39,464]. Дар мавридҳои дигар аз гурӯҳи дигари адибон ёд карда, назари хешро бобати шеъри онҳо, татабуъ ва тақлидашон аз суханварони дигар дар шакли пушидатар иброз намудааст, монанди: «Мустафо Мирзо-...татаббуи ашъори қудамо ва мутааххирин намуда [39,416], Сароҷи Наққош - ...татабуи бисёр аз мутақаддимин ва мутаахирин намуда [39,14], Туробӣ-...татаббуи ашъори мутақаддимин менамояд, шеърро хуб мефаҳмад [39, 200].

Бино ба қавли Мутрибии Самарқандӣ Муҳташами Кошонӣ дар мавзуи шамъу парвона рубоӣ гуфта аз Валии Даштибаёзӣ тақозои ҷавоб намудааст. Валии Даштибаёзӣ рубоии худро ба суханварони мовароуннаҳрӣ бо тақозои ҷавоб фиристода афзудааст, ки ҳар касе «мавзуне ба ин латофат мебандад, ман ба вай хати бандагӣ медиҳам» [129, 408]. Мутрибӣ ба он рубоӣ ҷавоб гуфтани Хазониро ёдрас намуда, ҳамаи рубоиҳои ҷавобияро ба ҳайси далел овардааст [129,408].

Тибқи маълумоти Мутрибии Самарқандӣ шоир Пайравӣ дар пайравии «Юсуфу Зулайхо» ва «Туҳфат-ул-аҳрор»-и Мавлоно Ҷомӣ достонҳо таълиф намудааст[129,с.130]. Урфии Шерозӣ бошад, дар пайравии маснавиҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Махзан-ул-асрор»-и Низомӣ бо номи «Хусрав ва Ширин», «Маҷмаъ-ул-абкор» маснавиҳо навиштааст. Завқии Миёнколӣ бо услуби «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомӣ маснавии «Нозу Ниёз»-ро таълиф намудааст. Бино ба ахбори Мутрибӣ шоир Дӯстӣ, ки «дар қасидагӯӣ фариди даҳру ваҳиди аср» будааст, қасидаи Хоқониро ҷавоб гуфтааст[129,154] ва Муродии Самарқандӣ ба қасидаи «Кашмир»-и Шайх Файзӣ ҷавоби марғуб гуфтааст [129, 267]. Мутрибӣ дар бобати ҷавоб гуфтани шоирони муосираш ба ашъори якдигар низ маълумоти фаровон додааст, ки ба ҳайси намуна бо овардани чанд мисол иктифо менамоем: Анҷуми Бухорӣ дар татаббуи ашъори Нисорӣ [129, 112], Дарвешалии Чангӣ дар ҷавоби ғазали Мушфиқӣ [129,113], Ямини Шибирғонӣ дар ҷавоби ғазали Ҳисомӣ[129,117], ҷавоб

гуфтани Мушфиқӣ, Фурӯғӣ , Боқии Хумдонагӣ, Каффош ба ғазали Осафӣ [129, 137].

Малеҳои Самарқандӣ дар ин бобат аз Тоиби Ҳиротӣ, ки татаббуи Соиби Табрезӣ кардааст [60,141] ва Ҷавҳари Фародидӣ, ки дар пайравии «Юсуф ва Зулайхо»-и Нозими Ҳиротӣ маснавӣ гуфтааст, ёдоварӣ менамояд [60, 153].

**б) Нақди лафзу маънӣ** Бо таваҷҷуҳ ба пайванди ногусастании лафзу маънӣ, ки ба қавли Соиби Табрезӣ онро бо теғ ҳам ҷудо намудан ғайриимкон аст, муаллифони тазкираҳо ҳангоми таҳлилу баррасии ашъори шоирон истилоҳоти лафзу маъниро дар ҳамбастагӣ мавриди арзёбӣ қарор додаанд.

Ҳарчанд Тоҳири Насрободӣ бобати ашъори як қисм шоирон ба таври умумӣ сухан гуфтааast, дар ҳолатҳои ҷудогона вай ба зикри номи шуаро афкорашро иброз намуда, бидуни истилоҳи хос дар бораи шеъри шоирон назарҳои куллӣ ва пӯшидаи интиқодиро меоварад: «Султон Алибек - ...дар ақсоми шеър қудрат дошт [39,88], Мирзо Юсуф - ...назмаш реша дар замини дилҳо давонида [39,133], Мирзо Халил-...дар назму наср қодир ва моҳир буд [39,163], Мирзо Муҳаммадалӣ -...дар тартиби назм гулҳои рангин аз гулзори маънӣ чида [39,165], Яҳёи Сабзаворӣ - ...дар назм қудрате ва дар фанни иншо ҳам дасте дошта» [39,375]. Дар баъзе мавридҳо аз забони дигарон нақд кардааст, монанди он ки вақте аз Асмихон ном шоир ёдовар шудааст, мефармояд, ки «Охунд Ақило мегуфт, ки шеъри бисёр гуфта ва хуб гуфта» [39,538].

Мутрибии Самарқандӣ ҳам ҳангоми таҳлилу баррасии ашъори шоирон истилоҳоти «лафз»-у «маънӣ»-ро баробар ба кор гирифта, ки ба ҳайси намуна аз тазкираи ӯ чанд мисол меоварем. Дар бораи Урфии Шерозӣ гуфтааст: «Урфӣ аз шуарои соҳибкамол аст. Таваллуд дар вилояти Шероз намуда, таҳсили улум ҳамонҷо карда, сарomади фузалои Девони ашъори ӯ дар назари ин фақир даромада. Абёти хуб дорад, маънои бадеъаро дар алфози латиф муаддо гардида(адо намудан)» [129,330], Ашкии Самарқандӣ: «Ашкӣ ...маънои покизаро дар кисвати назм меорояд. Маонии бадеъро дар алфози латифа дарҷ менамояд» [129,102], Шамсии Уротеппагӣ: «Дар

гуфтани ашъор хаёлоти дақиқ мекунад ва дар ҳамаи аснофи шеър дасте мезанад, хусусан дар қасоид алфози аҷибаву ғариба зикр мекунад, ки маонии онро аз ғайри худаш ҳеҷ касе намедонад. Гӯё аз мухтареоти ӯст» [129,382].

Яке аз навъҳои нақди адабӣ, ки аксар суханварону муҳаққиқон, аз ҷумла тазкиранависон ба он эътибори хоса медиҳанд, нақди маъно мебошад, ки муаллифи тазкираи мавсуф низ аз шумори онҳост. Мутрибӣ ба шеъри Анисии Ироқӣ эрод гирифта андешаашро бо далелу мисолҳо асоснок карда навиштааст: «Юлқулибек шоирест мавзун ва ашъораш чун дурри макнун фаҳмо, баъзе аз абёти ӯ ба ҷиҳати касрати муболиға дар маонӣ аз доираи эътидол берун омада, чунонки ин байти ӯ нотиқи ин маъност:

Назди арбоби вафо ғайри парастидани ёр,
Куфри маҳз аст, агар тоати маъбуд кунанд.

Баъзе афозил инро аз ҷумлаи хатои маънавӣ медонанд. Махфӣ намонад, ки хатои маънавӣ бар ду навъ аст: ғалату ғулувви фоҳиш. Ғалат он аст, ки шоир дар абёт маъноеро мулзам гардад, ки дар асл хато бошад, чунончи Рофеъӣ, ки аз шуарои қадим аст, дар ин байт мулзам гашта:

Эй ахтари суҳо, ки зи сайри наволи хеш,
Ҳар рӯз ба моҳу бо сипеҳр тафохур кунӣ қирон.

Агар гуфтӣ, ки ба анҷум тафохур кунӣ, қирон бемуболиға будӣ, чи қирон наздик бо кавкаб мебошад, на бо сипеҳр. Ва ғулувви фоҳиш он аст, ки шоир дар ақсом мадҳро ба дараҷаи иғроқи авсофи ашё ва муболиғаро ба ҳадде расонад, ки мунҷар ба иртикоби махтури шаръӣ шавад[129, 120-121].

Тазкиранависи самарқандӣ Ҳаким Рукноро, ки «табъи дақиқ дошта, дар диққати сухан дақиқае фурӯ намегузоштааст», ситоиш намуда, тааҷҷуб мекунад, ки «бо вуҷуди касрати муболиға дар маонӣ ашъораш аз доираи эътидол берун нарафта» [129,231]. Ба ҳамин шеваи баён аз навиштаҳои суханварони зерин нақд намудааст: Размӣ: «Табъи дақиқ дорад ва ашъорро ба диққат мегӯяд, ки дар дарки маонии он ақлро ҳайронӣ рӯй медиҳад. Аксар чунон аст, ки абёти ӯ ба як хондан мутааққил(фаҳмида-М.М.) намешавад»

[129,370], Тоиби Бухорӣ: «Табъи дақиқ дорад ва дар диққати маонӣ дақиқае фурӯ намегузорад ва дар ҳарду қисм аз ақсоми шеър-матбуъ ва маснуъ изҳори маҳорат мекунад» [129,390].

**в) Накди арӯзу қофия**

Соммирзои Сафавӣ дар тазкирааш суханони каммазмун ва тасвирҳои номавзун, каломи аз маъно дур, қофияву радифи ғалату ночаспони баъзе шоирон, ё аҳли завқро танқид намуда, онҳоро качтабъу ёвагӯ, шоири ҳазёнгӯ ва навиштаҳояшонро номаъқулу номавзун ва бемаънову ноҳамвор номидааст. Инҷо чанд намунаи накди интиқодии Соммирзоро ба ҳайси шоҳид меоварем: «Мавлоно Адоӣ аз шуарои машҳури Исфаҳон аст. Шеъри бисёр гуфта, аммо қофияи ғалат дар шеъри ӯ бисёр аст» [131,229], «Мавлоно Қавсӣ Табрезӣ аст.Тахаллусаш аз касби ӯ хабар медиҳад. Чун омӣ аст, гоҳе дар қофия ғалат мекунад» [131,239], «Розии Шуштарӣ ...ҳаҷвҳои ғариб мегуфт ва мардум ҳам ӯро ҳаҷвҳои ракик мекарданд. Турфатар аз он ки баъзеи онро ёд гирифта, дар маҷолис мехонд ва таъриф мекард ва табъаш дар ғазал хуб буд. Аммо ашъори ӯ шутургурба воқеъ шуда ва дар соири ақсом низ шеър мегуфт, аммо ба коре намеояд» [131,224], «Шоҳҳусайни Сиёқӣ ...дар ақсоми шеър бад набуд, аммо дар шеъри ӯ қофияи ғалат бисёр аст» [131,213].

Мутрибии Самарқандӣ дар бораи Ҳоҷӣ Атолиқи Дуррамон маълумот дода мегӯяд: «Суханони санҷидаи хуб ва калимоти писандидаи марғуб дорад. Махфӣ намонад, ки ин ғазали зубаҳрайн маъа мустазоди мувашшаҳро чун ба ҳамроҳии мустазод хонда шавад, баҳри ҳазаҷи мусаммани солим аст. Тақтеаш ҳашт бор мафоилун мешавад ва чун бе мустазод малҳуз гардад, баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф мегардад. Тақтеаш мафоилун, мафоилун, фаъулун аст ва ғазали мазкур муштамил аст бар понздаҳ мувашшаҳ: мувашшаҳи аввал байтест, ки сурхӣ бар садри абёти ғазал марқум гардидааст ва ҳар як аз калимоте, ки дар баробари ҳар як аз абёти ғазал мактуб шуда, он калима аз ҳамон байти ғазал ба тариқи таъмия ҳосил мешавад ва он байт ин аст:

Ба умри табиӣ расонад Худо,

Ҷаҳонбахш Ҳоҷӣ Атоликро» [129,218].

Мутрибӣ дар тазкирааш шаш маврид ҷой доштани нуқсон дар қофияи ашъори шоироне мисли Афзалии Самарқандӣ[129,101], Аминии Бухороӣ [129,111] Боқӣ Дарзии Бухороӣ [129,128], Баҳрии Самарқандӣ [129,132], Чошнии Самарқандӣ [129,148 ] ва Нисорӣ [129,296] нуктагирӣ намудааст, ки дар се маврид «ҷамъ кардани қофияи маъруфу маҷҳул» ва се мавриди дигар такрор шудани қофия зикр шудааст, аммо дар ҳама маврид бо вуҷуди ҷой доштани нуқсон дар қофия мазмуни ашъори мутазаккираро хуб арзёбӣ намудааст.

Фахрии Ҳиравӣ дар «Ҷавоҳир-ул-аҷоиб» аз рӯзгору осори Ҳиҷобӣ – духтари шоири мумтоз Бадриддини Ҳилолӣ сухан карда, ба латофати табъи вай баҳои баланд медиҳад ва таъкид мекунад, ки мавсуф дар қофия дасти боло доштааст. Ба ҳайси намуна як ғазал овардааст [142, 85].

**г) Фасоҳату балоғат**

Дар аксари тазкираҳо муаллифон ҳангоми овардани маълумот ва нақду баррасии ашъори шуаро дар бораи қудрати шоирӣ, фасоҳату балоғати шеъри онҳо, маҳорати сухансароӣ ва арзиши ашъорашон назари хешро баён доштаанд.

Тоҳири Насрободӣ низ монанди муаллифи «Туҳфаи Сомӣ» фасоҳату балоғат ва маҳорату арзиши абёти шоиронро бо таъбиру ибороти зерин чун табъи латиф, табъи пурқудрат, табъи боназокат, табъи бо лутф, табъи шӯх, табъи намакин, табъи рангин, табъи бодиққат, табъи мавзун, табъи пок, табъи шикаста [39,228] нақду баррасӣ намудааст, ки аз онҳо чанд намуна меоварем: «Мирзо Муҳаммадтоҳир ..табъаш ниҳоят шӯхиву қудрат дорад» [39,18], «Мирзо Довуд ...табъаш ниҳоят назокат дорад» [39,19], «Сайид Муборак ...дар тартиби назм табъаш холӣ аз лутфе нест» [39,40], «Мирзо Шуҷоъ-..табъаш дар суханшиносӣ ва маънипардозӣ камоли қудрат дорад» [39,52].

Дар тазкираи Алишери Навоӣ низ қудрати шоирӣ ва маҳорати сухансароии адибони давр зиёд баррасӣ шудааст, аз ҷумла: «Мавлоно Симии Нишопурӣ дар шеъру муаммо ва ҳусни хату иншо беназиру беҳамтост. Ва дар замони худ мусаллам буда ва дар фазоил алам. Ва машҳур аст, ки як рӯз ду ҳазор байти бадеҳа гуфта ва навишта, чунон ки гуфта:

Як рӯз ба мадҳи шоҳи покизасиришт,

Самӣ ду ҳазор байт гуфту бинавишт [120,244].

Бино ба қавли Алишери Навоӣ Мавлоно Орифиро ҳамзамононаш аз ҷиҳати хушгӯиву ширинӣ, фасоҳати балоғат ва равонии ашъораш Салмони сонӣ мегуфтаанд ва ин ду сабаб доштааст. Якум сабаб ҳусни калом буд ва як сабаб заъфи чашм, ки чашми Хоҷа Салмон низ дардманд буд. Ва ҷавоби қасидае, ки Салмон дар змони дарди чашм гуфта ва матлаи он ин аст:

Дардо, ки дард кард, саводи назар хароб,

В-айём кард чашмаи чашми маро сароб [120, 247].

Ва байти ҷавобияи Мавлоно Орифӣ некӯ афтода:

Бар пилки сурхи дидаи ман доруи сафед,

Бошад биайниҳи намаки суда бар кабоб [120, 247].

Дар идома менависад, ки Мавлоно Орифӣ дар ҷавобияи мунозираи «Гӯй ва Чавгон» маснавӣ ҳам гуфта ва ҳама абёташ рангин афтода.

Аз нигоҳи Мутрибии Самарқандӣ фасоҳату балоғат низ аз унсурҳои муҳими шеър ба шумор меравад ва ӯ андешаҳояшро дар мисоли ашъори чанд тан аз суханварон дар китобаш овардааст: «Аминии Хиёбонӣ шоирест пурзӯр дар гуфтани ашъори матбуъ машҳур. Аз илми арӯзу қавофӣ ҳаззи вофӣ дорад ва муаммиёти мушкиларо ба суҳулат мекушояд.Аз шуарои қадими Бухорост. Дар мадҳи салотину хавоқин қасоиди хуб дорад...» [129,107]. Ашъори Муродии Самарқандиро чунин баҳо додааст: «Такаллуми бадеъаш дар фасоҳату балоғат ба мартабаест, ки дар алфози қасир маонии касир баён мекунад. Дар аксари улум шуруъе дорад ва худро аз ҳеҷ фазилате холӣ намегузорад» [129,266].

Мувофиқи иттилооти соҳиби тазкира Муродии Самарқандӣ дар қасидаи ҷавобиаш ба қасидаи Файзӣ ҳунару маҳорати баланд нишон дода, ки «дар адои маонии латиф ва хаёлоти бадеъ дақиқае аз дақоиқи вақтро номаръӣ нагузошта ва пояи суханро ба дараҷае расонида, ки аксари саноеи шеърӣ ва бадоеи фикриву асрори улум аз ӯ мафҳум ва маълум мегардад. Ва ин ду-се байтро дар сифати санъати иғроқ фи-с-санъат бағоят балеғ гуфта:

Ягона Эзади бечун чунон камолат дод,
Ки назди одати ӯ мумтанеъ намуд назир.
Фазои қадри рафеаш муҳандиси гардун,
Гирифт то ба шуои басар кунад тақдир.
Фурӯ фитод зи торак амомаи зари ӯ,
Ҳанӯз мардуми чашмаш надида пои сарир» [129,267].

Мутрибӣ шоир Вабоиро аламбардор дар арсаи нуктапардозиву фасоҳат ва рояти балоғат дар хиттаи суханварӣ дониста, мегӯяд: «Ба диққати табъ ва ба ҳиддати фаҳм мавсуф аст. Дар тариқи нуктасанҷӣ бебадал ва дар водии мӯйшикофӣ машҳур ба масал аст. Ҳиммати баланду наҳмати арҷманд дорад ва дар тариқи самоҳату саховат ва шуҷоат яди байзо менамояд[129,186]. Навиштаҳои Валии Даштбаёзиро чунин баҳогузорӣ кардааст: «Аз шуарои машҳур ва фузалои пурзӯри Хуросон аст ва дар хушгӯӣ шуҳраи ҷаҳон. Абёти хушаш аз садр то аҷз ба фасоҳат моил ва ҳашви масореаш ба балоғат шомил. Касби фазоил дар вилояти Хуросон намуда, саромади шуарои замон ва фузалои даврон гардида ва дар гуфтани ҷамеи аснофи назм табъи салимаш бебадал ва зеҳни мустақимаш машҳур ба масал аст [129,194].

Муаллифи тазкираи «Ҷавоҳир-ул-аҷоиб» аз фасоҳату балоғати ашъори бонувони суханвар ёд карда, ба эҷодиёти бархе аз онҳо баҳои арзанда додааст. Вай дар бораи Ҳаёт менависад, ки «аз латофати табъ» [142,83] ороста мебошад. Инчунин ҳунари суханварӣ ва фасоҳату балоғати ашъори Бибиотун, Духтари Иффатии Исфароинӣ, Дӯстӣ, Биби Яздӣ, Нисоиро бо вожаву иборaҳои «ашъори ӯро эҳтиёҷ ба таъриф нест» [142,84], «ашъораш

хуб аст» [142,86], «хуштабъ ва шеъри хуб мегӯяд» [142,87], «табъаш холӣ аз латофат нест» [142,88], «аз тоифаи латифтабъон мебошад» васф намудааст.

**ғ) Сирқоти шеърӣ**

Мутрибии Самарқандӣ дар тазкираи худ аз мавҷудияти чунин суханварон, ки ашъори дигаронро моли хеш меҳисобиданд, хабар дода, онҳоро «шеърдузд» номидааст. Тибқи маълумоти вай Ҳуҷумии Ҳисорӣ [129,182] ва Шамсии Туҳматии Туркистонӣ аз зумраи ҳамин гуна ашхос будаанд[129,393].

Муаллифи тазкираи «Туҳфаи Сомӣ» аз шоире бо тахаллуси Галавалӣ ёд карда гуфтааст: «Аз галавиёни Шероз аст ва ба сартарошӣ авқоти худ зоеъ мекунад. Мегӯяд, ки ин матлаъро ман гуфтаам ва ман бовар намекунам, ки ӯ гуфта бошад.

Хоҳам, ки бад-он сина ниҳам синаи худро,
То дил ба ту гӯяд ғами деринаи худро[131,320-321].

**д) Санъатҳои бадеӣ**

Муаллифони тазкираҳо дар истифодаи санъатҳои бадеӣ маҳорату истеъдоди баланд, бахусус дар ҳалли муаммо, ки дар он давраҳо басо ривоҷ ёфта буд, қобилияти фавқуллода доштани суханваронро зикр намуда, таъкид кардаанд, ки аксари онҳо дар ин ҷода пешсафи даврони хеш будаанд. Мувофиқи ахбори Алишери Навоӣ Мавлоно Муҳаммадамин дар ғазале лафзи «дилбарам»-ро ҳафт таҷнис гуфта, пеши Бобур Мирзо овард ва сазовори таҳсин гардид ва байти зерин мӯҷиби шуҳрати ӯ гашта:

Эй сияҳчашми хитоӣ, мурғи ҷонро бо ту унс,
В-аз сияҳчашмони дигар ҳамчу оҳу дилбарам [120,271].

Инчунин аз Мавлоно Қозӣ Абдулваҳҳоби Машҳадӣ ёдоварӣ намуда, мефармояд: «Марди донишманди зуфунун ва қозии шаҳри Машҳади муқаддас буд ва дар фанни иншо назир надошт... Ва зурафову шуарои Машҳад шогирди ӯ буданд. Аз он зурафо яке дар санъати мақлуби муставфӣ алфози «муроде дорам»-ро ёфта,ба қозӣ арз карда ва ӯ бо андак тааммул «барорад ё Раб»-ро ҷавоб дод ва ин ҷавоб зиёда аз таъриф аст» [120, 61].

Дар «Тазкират-уш-шуаро» ҷиҳати моҳирона истифода намудани санъатҳои лафзиву маънавӣ аз ҷониби шоирон ахбори зиёд оварда шудааст, амсоли: «Аминии Маъракагар ашъори хуб дорад ва як ғазали музайян ба санъати рад-ул-аҷзи ъала-с-садрро некӯ гуфта» [129,106]. Дар бораи Аҳдии Қароқулӣ чунин овардааст: «Аҳдии Қарокӯлӣ аз шуарои аҳди қадим аст. Бағоят хуштабъ ва ширинкалом буда ва мазмунро аҷоиб дилпазир мебаста ва ташбеҳоташ дар ашъор бағоят беназир афтода. Чунончӣ, ин матлаи ӯ аҷоиб софу равон воқеъ шуда:

Аз пораҳои ях набувад баҳр дар хурӯш,

Дарёи лашкарест, саросар кулоҳпӯш». [129,332].

Табъи суханварии Фаршӣ ном шоирро чунин тасвир сохтааст: «Фаршии Самарқандӣ табъи хуб дорад ва ашъорро некӯ мегӯяд ва дар ҳар ду қисм аз ақсоми шеър матбуъ ва маснуъ, табъаш диққат мекунад ва майли хотираш ба ашъори маснуъ бештар аз матбуъ менамояд ва худро дар ин фан тилмизи ин фақир мешуморад ва бештаре аз саноеи мушкилаи шеърӣ ва бадоеи муъзалаи фикриро чун мутайяру мушаҷҷар ва мудаввару муаққад ва музаллаву мураббаъ ва муттасилаву мунфасила ва миншорӣ ва сипариву рақто ва хифову изҳори музмар ва мақлуби муставӣ ва ғайри инҳоро гуфта, ба фақир гузаронд. Алҳақ ҳамаи ин саноеъро, бар ваҷҳи аҳсан бар курсии баён нишонд. Табъаш дар ҷустуҷӯи ҳуруфи мувашшаҳот ба кайфе диққат мекунад, ки маълум нест, ки касе аз шуарои замон дар ин замон дар ин маъно адили ӯ буда бошад ва дар фанни муаммо ва арӯзу қавофӣ низ изҳори қудрат мекунад...»[129,337]. Ҷои дигар аз суханваре бо исми Алфии Шомӣ чунин ахбор додааст: «...аз саноеи шеърӣ бевуқуф набуд ва дар санъати тадвир байте гуфта, ба фақир намуд ва он ин аст:

Ба ҳар соат чӣ озорӣ,

Дили мискин ҷафоҷӯё.

Бидон, ки сифати тадвир он аст, ки нозим мисрае гӯяд муштамил бар чаҳор рукн дар баҳри ҳазаҷи мусаммани солим ва онро бар хати доирай нависад, чунонки аз ҳар рукне, ки оғози хондан кунанд, мисраи мавзуну

муқаффо ҳосил шавад. Махфӣ намонад, ки соҳиби китоби «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» ин сифатро бозии тифлона гуфта»[129,105]. Мутрибии Самарқандӣ дар бораи Мавлоно Боқии Дарзии Бухороӣ бо ихлоси тамом сухан ронда, аз ҷумла мегӯяд: «...мулозимони Мавлоно исми сомии худро тахаллуси ашъори дурарбори худ гардонида, ҷавоҳири завоҳири маониро хилъати назм пӯшонида, бар сари бозори суханварӣ дар назари саррофони нуктапарварӣ ҷилва медиҳанд. Ҷаноби Охунд аз маволии муътабар ва хуштабъони Машҳаданд. Дар нодирасанҷӣ фариди даҳр ва шуҳраи шаҳранд. Сурати хубу сирати маҳбуб доранд» [129,126].

**е) Нақди ислоҳӣ**

Дар баъзе мавридҳо аз ҷониби муаллифони тазкираҳо ислоҳ намудани нуқсони ашъори шоирон ба назар расида, дар баробари ин онҳо шакли дурусти онро ба суханварон пешниҳод намудаанд.

Алишери Навоӣ шеъри Мавлоно Абдусамадро зикр карда, ишора менамояд, ки инҷо дар таҷниси хаёл қофияро ғалат кардааст ва ӯро воқиф намудам, дарҳол бо ҳисси миннатдорӣ қабул намуд ва ин сабаби дӯстии мо гардид[120,72]. Агар Мавлоно Абдусамад ислоҳи нуқси дар шеъраш ҷойдош-таро бо ҳисси миннатдорӣ қабул карда бошад, Мавлоно Риёзӣ ислоҳи Навоиро рад намуда, арбада ҳам кардааст. Ин аҳволро Навоӣ чунин тасвир месозад: «Мавлоно Риёзӣ аз Самарқанд буд ва онҷо фавт шуд. Марде муъҷибу мутакаббир ва бадхулқ буд. Баъзе ғазалҳояш нек меафтод. Ин матлаъ аз ӯст:

Ситораест дурри гӯши он ҳилолабрӯ,
Зи рӯйи ҳусн ба хуршед мезанад паҳлӯ.

дар миёни ин ду мисраъ «коф»-и робита мебоист. Фақир ба ӯ гуфтам, ки ин навъро агар хонанд, беҳтар аст ки:

Зи рӯйи ҳусну ду гӯш он ҳилолабрӯ,
Ситораест, ки бо моҳ мезанад паҳлӯ.

Аз рӯйи инсоф мусаллам боистӣ дошт, ҷадал бунёд кард, фақир сокит шудам [120,85].

Муаллифи тазкираи «Туҳфаи Сомӣ» дар баъзе мавридҳо ба ислоҳи абёти шоирон мепардозад ва барои мавзунтар гаштани онҳо тағйироте пешниҳод менамояд, ки онро муҳаққиқони осораш накди ислоҳӣ номидаанд. Ба андешаи баъзе аз олимони адабиётшинос чунин ислоҳотеро, ки дар матнҳои адабии ҳамон давра ривоҷи фаровон ёфтааст, умдатан завқӣ ва истеҳсонӣ меноманд, ки вобастаи қоидаву қонуни хосе нест. Соммирзо дар бобати як байти шоир Мирабдулбоқӣ чунин менависад:

Нозукии байни лаби ӯро чу бибӯсам ба хаёл,
Лабаш озурда шавад чун нигарам рӯзи висол.

Ва дар идомаи он фармудааст, ки ба эътиқоди ман агар мисраъро чунин бихонанд, бисёр беҳтар аст: «Бувад озурда дар ӯ чун нигарам рӯзи висол» [131, 12]. Ва ё дар хусуси байти Қонеии Қазвинӣ овардааст: «Ба ҳаккокӣ мубодират мекунад ва гоҳе ба гуфтани ашъор забон мекушояд. Ин матлаъ аз ӯст:

Дилам зи бодаи ишқи бути дигар гарм аст,
Маро хабар нею дар шаҳр ин хабар гарм аст.

Агар дар мисраи аввал лафзи «буте» ро «маҳе» хонанд, беҳтар хоҳад буд [131,253]. Шоҳзодаи сафавӣ дар баъзе маврид ҳангоми таҳлилу баҳодиҳӣ ба ашъори шоирон назари шахсии худро баён медорад. Масалан, дар бораи Мир Ризоӣ ном шоире мегӯяд: «...дар шоирӣ табъаш бисёр хуб аст. Девони ғазал тамом карда ва дар манқабат қасоиди ғарро дорад» [131,105]. Матлаи зерини Алобеки Мушкии Табрезиро ба ҳайси намуна овардааст:

Ҳар ҷо ки зи рух парда барандохта бошӣ,
Сад ҳамчу маро ошиқи худ сохта бошӣ.

Ва баъдан илова менамояд, ки агар мисраи аввалро чунин бихонанд, беҳтар аст: «Тарсам, ки зи рух парда барандохта бошӣ» [131,293]. Ба андешаи мо ин ислоҳи Соммирзо бисёр зебо ва устувор мебошад.

Мутрибӣ дар се маврид аз ворид намудани ислоҳ дар ашъори шоирон ва бо хушнудӣ пазируфта шудани пешниҳодаш хабар медиҳад. Аз ҷумла, оид

ба рӯзгору ашъори Аминии Самарқандӣ маълумот дода навиштааст: «...Ва Мулло Ашкӣ ба фақир гуфт, ки ва ин матлаи рангин низ аз эшон аст:

Нест дандон он ки аз захми забонаш хун шуда,
Донаи норест аз акси лабаш гулгун шуда.

Рӯзе ин камина ба тақрибе ин матлаъро дар маҷлиси сомии умдату-л-умаро мураббиъ-л-ъуламо Ҳоҷибӣ атолиқи Қӯшчӣ хондам, фармуданд, ки:-Агар дар ин матлаъ ба ҷои лафзи «захм» калимаи «теғ» ояд, ҳароина маъно софтар менамояд. Алҳақ ҳам чунин хоҳад буд» [129,96]. Дар бораи Кӯдакӣ чунин навиштааст: «...Рӯзе дар боғи Ҷунунӣ маҷлис буд ва баъзе аз шуаро, монанди Мулло Сабурӣ ва Мулло Фаршӣ ва Хазониву Шуҳратӣ он ҷо буданд ва Мулло Кӯдакӣ низ он ҷо ташриф дошт. Ин фақир аз натоиҷи табъи салимаш мустадъӣ гардидам. Ғазале навишта ба дастам дод, баъд аз фароғи мутолиа ва мулоҳиза густохӣ карда, гуфтам:-Итои ҷалӣ ва ихтилофи қофия ба эътибори салбу эҷоб, аз ҷумла уюби муътабараи қавофист. Чунончӣ, аз рисолаи Мулло Атоуллоҳ мустафод мегардад ва мулозиман шумо онро дар ин ғазал илтизом намудаед... Охируламр чора надиду гуфт: – Чун ғазал маъюб аст, коғази ғазалро таслим намо, ба дасташ додам ва маҷлис бар ҳамин гузашт... » [129,249]. Ашъори Латифии Ҳиравиро ба гунаи зайл нақд намудааст: «Ба синни шайхуха расида буд. Рӯзе дар мавсими шукуфа ин матлаъро гуфта, ба махдумӣ – Ҳасанхоҷаи Нисорӣ оварда:

Дар дидаи пурхуни ман аст ол шукуфа,
Гардида ба ранги дигар имсол шукуфа.

Фақир ба махдумӣ гуфтам: -Агар мисраи сониро инчунин хонда шавад, ки: «Ё гашта ба ранги дигар имсол шукуфа» қайди дидаи пурхун нек меояд ва илло ҳеҷ фоидае ба ин қайди мутафарреъ нест ...» [129, 256].

Малеҳои Самарқандӣ дар «Музаккир-ул-асҳоб», ки бо насри мусаҷҷаъи пуртакаллуфи маснуъ эҷод шудааст, ба суханпардозиву саҷъгарой он қадар дода шудааст, ки аксар маврид баҳояш ба шоиру ашъори ӯ якнавохту якранг ва гоҳо пур аз муболиға ва ташбеҳу истиора аст. Агар баҳои ӯ ба навиштаҳои адибони шинохта, амсоли Шавкати Бухорӣ, Сайидои Насафӣ, Мулҳами

Бухороӣ, Самандархоҷаи Насафӣ, Қозӣ Абдуллоҳи Беҳҷат, Муҳамадамини Сарафроз, Ҳайёти Насрободӣ воқеиву арзанда аст, дар бораи дигар шоирон муболиғаи маҳз аст, ки чанд намунаро ҳамчун мисол меоварем. Ашъори Мирсаид Шарифи Роқимро чунин тавсиф намудааст: «Сухан аз адам то ба вуҷуд омад, мисли ӯ суханрасе надидааст ва подшоҳи мулки сухан аст, ба доди сухану суханрасон мерасад, эзиди маъонӣ сояи мулки аҳволи мавзунон ва нозимони Самарқанди фирдавсмонанд» [60,182]. Дар бораи Тобеи Қумӣ навиштааст: «Ба ҳадси зеҳну ҷиддати табъ ва ба хубии вазъу макорими ахлоқ ва маҳосини одоб саромад... лутфи ибороту ҳусни ҳикоёт ранги малол аз миръоти азҳоби суҳбат ва арбоби улфат мезудуд. Тозагии ашъору нозукии афкорашро баъди истимоъ иттилоъ мебояд» [60,143]. Ҳунари шоирии Боқии Кошониро ситоиш намуда, фармудааст: «... табъи сухансанҷаш дар авҷи фасоҳат чун бадри мунир ва ба шеъри обдораш бар сипеҳри балоғат чун офтоби оламгир» [60,119].

Миёни ҳамаи шоироне, ки дар тазкира зикр кардааст танҳо як нафарро беистеъдод ва ашъорашро номавзун шумоеидааст: «Мулло Боқӣ қасоиди бисёр дорад ва беистеъдоду камсармоя аст, шеъраш номавзун аст. Умраш ба гуфтани таърих масраф аст, ҳар воқеа ва ба ҳар чизе ки ба ҳар кас рӯ медиҳад, таърих мегӯяд, ба фарз шахсе агар гавҳорабандони фарзанди худро созад, таърих мегӯяд» [60,153].

Аммо тавсифе, ки бобати баландмазмунии ашъори Сайид Амири Обид намудааст, қобили қабул ва арзанда мебошад. Аз хусуси табъи болида ва суханҳои дилписанди ӯ мегӯяд: «...шоире аст, ки табъаш ба шеър гуфтан мустаъил, ададѝ ашъораш локалому шуҳраташ байналхос. Ғазале нест ки аз ӯ мухаммас набаста бошанд, ғазалҳои ғаррояш суханваронро санъат аст, мухаммасҳои раънояш гули рӯи сабад аст, шаҳрошӯбаш шӯрҳо дар бозорҳо андохта, рубоиёташ аркони абётро бар по сохта, мустазоди ӯ дилписанд, муаммои луғзаш матбӯъ, он чи гуфта ҳама маснуъ, ин мазкуротро бисёр хуб ва маънидор гуфта, марде аст дар сурате наҳиф ва сирате зариф, тариқи зиндагонии зарифонаи нозгонае дорад» [60, 293].

Аз шаъну шуҳрат ва мақоми Шавкати Бухороӣ бо эҳтиром ёдовар шудааст: «Шоҳ Шавкат Қаландари Бухорӣ фаридалқирону ваҳидалзамон аст. То дар Бухоро буд, чӣ қадаре, ки мардуми Турон мункири мушорунилайҳ буданд, баъд аз убур ба ҷониби Эрон ҳамон қадар ба хубӣ машоҳир аст, балки фусаҳои Рум ва мағриб чун булағои Миср ва Шом ба ранги зурафои Ироқ, шуарои Хуросон бар фасоҳату балоғати ӯ муттафиқуллафзул маънианд. Аз мардуми Туркистон чӣ гуфта шавад, ки хубони Ҳиндустон таслим доранду Бадахшон бар канор афтодааст, дар ин миёна Мовароуннаҳр чӣ гӯяд, ки бар хубии ӯ сухане нест» [60, 314].

**ё) Навъ ва жанрҳои шеърӣ**

Дар таърихи адабиёти тоҷику форс навъ ва жанрҳои адабӣ бештар вобаста ба вазъи замон, таваҷҷуҳи аҳли дарбор, махсусияти ҳавзаҳо ва доираҳои адабӣ рушду такомул намудааст. Муаллифони тазкираҳо бобати дасти дароз доштани бархе аз шоирон дар навъу жанрҳои гуногуни адабӣ ахбори арзишманди фаровон овардаанд.

Алишери Навоӣ дар бораи бештар ба кадом  навъу жанри адабӣ ҳусни таваҷҷуҳ доштани шоирон сухан ронда, хулосаҳои хешро ба тариқи зерин баён намудааст: «Мавлоно Котибӣ беназири замони худ буда ва шеър ба анвои мухталиф гуфта ва ихтироoти анвои дигар низ карда. Ва китоби «Таҷнисот», «Зулбаҳрайн», «Зулқофиятан», «Ҳусн ва ишқ», «Нозиру Манзур» ва «Баҳрому Гуландом» аз ихтироoти ӯст. Ва девони ғазалиёти ӯ низ машҳур аст ва дар охир татаббуи «Хамса» бисёр некӯ карда, валекин ба воситаи касрати даъвиҳои ӯ тавфиқи итмом наёфта... [120,238-239], «Хоҷа Авҳади Муставфӣ қасоиди хуб дорад»[120,61], «Амир Қосими Анвор маснавии «Анис-ул-ошиқин» ва тарҷеъбанд низ доштааст» [120,39-40], «Мавлоно Шарбатӣ (Турбатӣ) аз таъриху иншо соҳибвуқуф аст ва аз шеъру муаммо хабар дорад...» [120,147], «Мавлоно Сулаймонӣ бадеҳаро равон мегуфт [120,55]. Ҳамчунин чанд тан шоиронро аз қабили Мавлоно Савдоӣ [120,245], Амир Шоҳӣ [120,251], Мавлоно Масъуди Қумӣ [120,267], Шайх Камоли Турбатӣ [120,68], Мавлоно Абдусамад [120,72], Мавлоно Ошиқӣ

[120,78], Мавлоно Аҳлӣ [120,308], Мавлоно Сонеъӣ [120,90], Мавлоно Ҳотифӣ [120,184], Мавлоно Ҷалолиддин [120,306] бо вожа ва ибораҳои «қасидагӯй», «ғазалаш бисёр» «ғазал кам гуфта», «назди мардум писандида», «қасидаро пухта мегуфт», «маснавии ӯ пухта ва ғазалаш равон», «хуштабъу зебо», «маснавигӯй», «ба маснавӣ моилтар», «дар муаммо беҳамтост» гӯён сифат намудааст.

Тоҳири Насрободӣ бештар ба нақди қолабҳо ё мазомине, ки шоирон шеър месурудаанд мепардозад, зеро ин қолаби нақд дар аксари тазкираҳои пешина низ ба чашм мерасад. Дар баробари ин дар кадом жанри шеърӣ қудратманд будани суханварони зикршударо ба қайд оварда, аз ҷумла: «Ҳоҷӣ Муҳаммадҷони Машҳадӣ- ..дар қасида хеле қудрат дорад, маснавие ҳам муштамил бар ғазавоти подшоҳ ба назм оварда, бисёр ба қудрат гуфта» [39,325], «Зулолӣ - ...дар фанни маснавӣ тарзи тозае ба арса оварда, ки касе татаббӯи он натавонад кард» [39,331], «Оқо Шопур-...дар фанни қасида камоли қудрат дорад» [39,340], «Ғиёсии Ҳалвоӣ- ...дар фанни қасида ва ғазал қудрати комил дошта» [39,341], «Мир Муғайис-...дар фанни рубоӣ кам аз саҳобе нест» [39,367], «Фазлии Ҷарбодқонӣ -...рубоиҳои хуб дорад, дар фанни ғазал ҳам холӣ аз лутф набуда» [39,374], «Мир Рафеи Дастур- ...дар фанни рубоӣ табъаш ғарибхаёл аст» [39,383], «Оқо Исмоил - ...дар ҳаҷв хеле қудрат дошт ва аз он тариқ мардумро ранҷонид, дар ғазал ҳам камӣ надошт» [39,511], «Мулло Муҳаммадалӣ-...маснавӣ гуфта ва азбаски хуб гуфта, аксари ёрон мегӯянд, ки аз ӯ нест» [39,518], «Бобо Муҳаммадалии Исфаҳонӣ - ...дар фанни маснавӣ табъаш холӣ набуд, аммо ба эътибори фақру масканат гумном буд» [39,61], «Мулло Алиризо -...дар назми қитъа равиши қудамо дорад» [39,613].

Шеваи тазкиранигорони замони худро Мутрибии Самарқандӣ низ идома бахшида, бобати дар кадом навъу жанрҳои адабӣ муваффақ будани шоирони замонашро арзёбӣ намудааст, монанди: «Азизӣ тахаллуси ҳоҷии ҳарамайни шарифайн – Хоҷа Қосими азиз аст, ки аз машоҳири Самарқанд буд... аксар гуфтори ӯ матлаъ ва рубоӣ буд ва аз вай ғазал қатъан манқул нест» [129, 324],

«Назирии Машҳадӣ аз шуарои машҳур аст ва дар фанни қасидагӯӣ бағоят пурзӯр. Маонии хубро дар ибороти марғуб муаддо гашта, рутбаи суханро ба мақоме расонида, ки ба беназирӣ мутафарриди замон гардида буд» [129,314], «Ваҳшии Бофқӣ соҳиби девон аст ва ашъораш аз ғазалиёту маснавиёт ва муқаттаот ва ғайра фаровон аст, «Фарҳод ва Ширин» ном китобе назм карда ва он дар назари ин фақир даромада, холӣ аз латофате нест, аммо ашъораш бамаротиб аз маснавияш беҳтар аст ва қасидае аз ӯ кам марвист ва ин ғазалаш бағоят оламгир аст...» [129,198]. «Ҳаким Рукнои Кошонӣ бештари гуфтораш рубоӣ аст» [129,231], «Ваҷдии Қумӣ, исмаш Малик аст. Дар вилояти Қум таваллуд намуда ва ба Малики Қумӣ шуҳрат ёфта. Маснавии мусаммо ба «Санам ва Барҳаман тасниф карда буда...», Дӯстии Бӯстонхонӣ дар қасидагӯӣ низ фариди даҳру ваҳиди аср аст [129,154.], Бедилии Самарқандӣ дар гуфтани ҳаҷв теғи забонаш аҷоиб тез буд ва абёти обдор аз ӯ ба вуқӯъ меомад [129,138]. Аҳсании Яздӣ ба аҳли замон ба мутояба пеш меомада ва дар аснои муколама суханони ширин мегуфта, ки боиси ханда мешуда» [129,122].

Малеҳои Самарқандӣ дар бораи қасидаҳои ғарро, қитъаҳои зебо, ғазалҳои намакин, рубоиҳои саросар пур аз таҳсин гуфтаи Мавлоно Зоҳид ва Афкори Самарқанидро таъкид кардааст [60,62]. Тибқи маълумоти Малеҳо Ягона дар қавофӣ ва арӯз истеъдоди баланд дошта, дар таърих, муаммо ва маснавӣ беҳамто будааст [60,594], Ошиқ соҳиби қасидаи пуршӯрушар аст [60,339], ашъори Мулҳами Бухороӣ аз қасида, ғазал, маснавӣ ва рубоӣ иборат буда, Дастури  Насафӣ соҳибдевон ва қасидасарову ғазалсаро будааст [60,173].

Хулоса муаллифон дар тазкираҳои адабӣ баробари маълумоти шарҳи-ҳолӣ оид ба хулқу атвори шоирон, дараҷаи камолоти маънавию шоирии онон, мавқеъ ва мартабаи эшон дар миёни аҳли фазл, дар кадом мактаби адабӣ ва дар назди кадом устоди каломи бадеъ таълим гирифтани гурӯҳе аз шуаро, инчунин доир ба маҳорату қобилияти суханварӣ, ки аксар бо вожаи «табъ» ифода ёфтааст, изҳори назар кардаанд. Муаллифони тазкираҳои

номбурда ашъори ҳама шоирони зикршударо мавриди накду арзёбӣ қарор додаанд. Дар тазкираҳои асрҳои XVI-XVII осори адибон ҳам муаррифӣ ва ҳам мавриди накд қарор гирифта, асосан фарогири масоили зерин мебошад: сабки нигориш ва риояи маъёрҳои суннатӣ дар ашъори шоирон, аз ҷумла вазн, қофияву радиф, истифодаи саноеии лафзиву маънавӣ, дар кадом жанри шеърӣ тавоно будани суханварон, ба ашъори кадом шоирон ҷавоб гуфтани онҳо, назари интиқодӣ ба ашъори шоирони муосир ва мутақаддим ва ҳолати эродгирӣ ба навиштаҳои ин ё он шоир, истидлолварзӣ аз афкори назариявии олимони мутақаддим. Қайд намудан ба маврид аст, ки зимни нақди ашъори шоирон дар тазкираҳои асри XVI баробари умумигӯиҳо андешаҳои мушаххас низ баён шудаанд, ки тазкираҳои «Туҳфаи и Соми»-и Соммирзои Сафавӣ, тарҷумаҳои форсии «Маҷолис-ун-нафоис»-и Навоӣ, аз зумраи ҳамин гуна тазкираҳо мебошанд. Ҷанбаи интиқодӣ дар тазкираҳои садаи XVII-и Ҳиндустон басо рушантару мушаххастар мебошад. Равнақи беамсол пайдо намудани шеъри тоҷикӣ-форсӣ дар қаламрави Ҳинд ва фаъолияти густарда пайдо кардани маҳфилу маҷлисҳои адабӣ, падид омадани мактабҳои мустақили адабӣ ва таълиму тадриси фунуни адабӣ ва пайдоиши сабки ҳиндӣ омилҳое мебошанд, ки дар шеъру нақди шеър таҳаввулот ба вуҷуд оварданд ва дар ин давра нақдушшеър нисбат ба давраҳои гузашта рушд намуд.

Аз нимаи дуюми садаи XVII дар байни шоирони ҳавзаи адабии Ҳинд як сабқати адабӣ пайдо гардида, дар ҳамин замина гурӯҳгароӣ ва сабкгароӣ миёни шоирони ҳиндунажод ва шуарои эронии муқими Ҳиндустон то ба дараҷаи бухлу ҳасад ва бадбинӣ мунҷар гардида, ба ҳаҷву таҳқири якдигар анҷом ёфт. Дар ин замина таълиф гардидани тазкираҳое, ки як тарафро васфу ситоиш намуда, нисбат ба тарафи дигар беинояту камэътиборӣ зоҳир мекарданд, ба ҳукми анъана даромад. Ин ҳолати ногувор аз як тараф боиси шиддат ёфтани ҳисси душманӣ гардида бошад, аз тарафи дигар ба рушду нумӯи бесобиқаи нақдушшеър роҳ кушод, ки ин нуктаро аксар муҳаққиқон ишораву таъкид намудаанд.

### 3.4. Нигоҳи тазкиранависони давр ба шеъри гузаштагон

Яке аз вижагиҳои хос ва асосии адабиёти тоҷику форс дар асрҳои XVI-XVII пайдоиши сабки ҳиндӣ мебошад. Намояндагони адабиёти нимаи аввали асри XVI асосан бо сабкҳои хуросониву ироқӣ эҷод карда, анъанаҳои мактаби адабии Ҳиротро идома додаанд. Аз нимаи дуюми асри XVI пайдо шудану густариш ёфтани сабки ҳиндӣ, дар асри XVII бошад, дар эҷодиёти намояндагони барҷастаи ин сабк ба авҷи рушд расидани он, махсусан, дар баробари навъи содаи ин сабк, шакли мураккабе бо номи «тарзи хаёл», «тарзи хаёли печида» ва пайравони зиёде пайдо намудани ин мактаби нави адабӣ ба инкишофи минбаъдаи адабиёт таъсири амиқ гузошта, дар ғазалсароиву ҳунари шоирӣ таҳаввулоти азиме ба вуҷуд овард.

Вижагиҳои сабки ҳиндиро муҳаққиқони таърихи адабиёти тоҷику форс мавриди пажуҳиши васеу дақиқ қарор дода, дар ин мавзуиъ рисолаву монография ва мақолаҳои зиёди илимию тадқиқотӣ таълиф намудаанд. Таърихи пайдоиш ва дараҷаи омӯхта шудани адабиёти форсизабони Ҳиндро дар боби аввал ба таври мушаххас зикр намудем.

Баландтарину дурахшонтарин қуллаи инкишофи шеъри форсии ин давра дар эҷодиёти Толиби Омулӣ, Муҳташами Кошонӣ, Калими Кошонӣ, Соиби Табрезӣ, Бедили Деҳлавӣ, Мирзо Абдулғанибеки Қабул, Носиралии Сарҳиндӣ, Шавкати Бухорӣ таҷассум ёфтааст.

Шоирони соҳибмактаби сабки ҳиндӣ аз қабили Бедили Деҳлавӣ, Носиралии Сарҳиндӣ, Муҳаммадалии Ҳазини Лоҳиҷӣ, Муҳаммадафзали Сархуш, Абдулатифхони Танҳо, Мирзо Абдулғанибеки Қабул, Мирзо Муиззии Фитрат, Офарини Лоҳурӣ, ки ҳар яке сабку услуби хеш ва шогирдони худро доштанд, дар маҳфилҳои адабӣ таълими фунуни шеърро ташкил карда, шогирдон татаббӯи устод мекарданд ва ин ё он мавзуиъро ба риштаи назм мекашиданд. Рӯзи дигар шогирдон мусаввадаи худро ба устод пешниҳод менамуданд, тоислоҳи қубҳ намояд [218, 9].

Дар ин замина махсусан, саҳми Мирзо Абдулқодири Бедил, хеле ҷолиб аст, ки маъруфтарин намояндаи ин сабк буда, бо ашъори мондагори хеш боиси пайдоиши мактаби махсуси тадқиқоти сабку ҳунари шоирӣ бо номи «бедилшиносӣ» гардидааст. Ашъори ӯ ҳам аз ҷиҳати фарогирии мавзуъҳои фалсафию ирфонӣ ва ахлоқиву иҷтимоӣ, ҳам аз ҷиҳати шеваи баён ва истифодаи воҳидҳои сарфию наҳвӣ, ҳам аз ҷиҳати намоиш додани ҳунари беамсолу нотакрори шоирӣ, ҳам аз ҷиҳати кашфи маонии тозаву бикр ва ҳам аз ҷиҳати истифодаи моҳиронаи васоити муассири соноеи бадеӣ, фасоҳат ва балоғати суханварӣ, беамсолии сувари хаёл дар инкишофи жанрҳои лирикӣ, хосатан ғазал дигаргунии бузурге ба вуҷуд овард, ки баъдан сар то сари қаламрави шеъри форсизабонро тасарруф карда, пайравони зиёде пайдо намуд.

Адабиётшинос Ян Рипка оид  ба густаришу таъсири сабки ҳиндӣ ба чунин хулоса омадааст: «Асри XVII дар Осиёи Миёна ва Ҳинд алакай ягон шоире набуд,ки дар зери таъсири ин услуб (сабки ҳиндӣ-М.М.) намонда бошад, агарчи ӯ тарафдони ин услуб набошад ҳам» [399, 335]. Маҳз ҳамин пайдоишу густариш ва шуҳрати беандоза бузург касб намудани сабки ҳиндӣ боиси ба вуҷуд омадани ҷараёни номатлуби гурӯҳгароии сабкӣ дар адабиёти форсизабон гардид. Аксар намояндагони барҷастаи сабки ҳиндӣ амсоли Бедили Деҳлавӣ, Соиби Табрезӣ, Муҳташами Кошонӣ, Ҳазини Лоҳиҷӣ, Шавкати Бухороӣ нисбат ба шоирони маъруфи мутақаддим чун Аттори Нишопурӣ, Саноии Марвазӣ, Низомии Ганҷавӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Саъдии Шерозӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ,  Ҳоҷуи Кирмонӣ, Хоҷа Ҳофиз, Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳисси эҳтироми беандоза доштани хешро дар ашъорашон баён намудаву худро шогирду пайрави онҳо қаламдод кардаанд ва ҳунари волои шуарои мутақаддимро қоиланд, ки дар ин хусус дар фасли дуюми боби дуюм бо овардани мисолҳо сухан рафтааст. Гурӯҳи  дигар, ки дар хоки Ҳиндустон ба дунё омада нашъунамо ёфтаанд ва аксари онҳо ҳиндунажод ҳам будаанд, ба дараҷаи баланди камолоти ҳунари шоирӣ расида ва дар шаъну шуҳрату эътибор аз шоирони мутақаддиму

муосири эронӣ кам набудани хешро даъво карда, ҳатто муддаӣ буданд, ки аз ҷиҳати истеъдоду қобилият ва ҳунари шоирӣ, хосатан аз ҷиҳати шеваи «тарзи баён», «тарзи хаёл» ва «тарзи хаёли печида» нисбат ба шоирони эронии мозӣ ва муосиронашон дар сатҳи баландтар қарор доранд.

Зимнан хотирнишон бояд кард, ки ҳисси гурӯҳгароиву парастиш ё бадбинии намояндаи як сабки шеърӣ нисбат ба намояндаи сабки дигар, ҳатто гоҳо ба дараҷаи ифрот расидани ин эҳсоси парастиш ё бадбинӣ новобаста ба қавму нажод ва табақаи иҷтимоӣ падидаи нав нест. Дар ин замина маълумоти Мутрибии Самарқандӣ дар бораи Фарҳоди Тома ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Мутрибӣ дар бораи ин шоир навиштааст: «Фарҳод – ҷаноби амораtмаоби фазоилинтисоб мақбули хоссаву омма, Мирзо Фарҳоди Тома исми сомии худро тахаллуси ашъори гиромӣ гардонида,ароиси нафоиси маониро муҳалло ба ҳуляи назм гардонида, ҳусни чамани сухандониро зиннат медиҳад. Аз шуарои дилпазири беназир буда ва ба хаёлоти рангин дили арбоби тамкин мерабуда. Фараси фаросати латифаш дар қавофии танг чун майдони васеъ такупӯй менамуда, табъи дақиқ дошта, дақиқае аз дақоиқи диққатро номаръӣ намегузошта. Таҳсили улуми муаммоиро такмил намуда, дар интиқоди маонӣ муаммиёти мушкиларо бар ваҷҳи тасҳил мекушуда ва мазмунро аҷоиб некӯ мебаста. Баъзе аз фузало ӯро дар ин боб адили Хоҷа Осафӣ медонанд....» [129,346]. Он гуна ки дида мешавад, шоире, ки «нафоиси маониро бо ҳуляи назм гардонида», аз «шуарои беназири давр буда» дорои «хаёлоти рангин», «табъи дақиқ» асту «мазмунро аҷиб некӯ мебаста», ки «баъзе аз фузало ӯро бо Осафӣ баробар медонистаанд», бо амри Кӯрчихони Абдулмуъминхон, ки «тавру тариқи шуарои Мовароуннаҳрро қабул надошта ва тарзи ироқро муътақид буда», ҳамчун ҷарима бинии ӯро буридаанд. Дар ин маъно Мирзои Фарҳод ин рубоиро некӯ гуфта:

Кур-Қурчии нуктадону худбинии ӯ,
Тазйифи акобиру суханчинии ӯ.
Ҳар бӯй, ки бурда буд аз тарзи Ироқ,
Даврон ҳамаро кашид аз бинии ӯ» [129,346].

Ҳамин тариқ, дар байни шоирони тоҷику ҳиндӣ, як рақобати сабкӣ ба вуҷуд омада, ки аз як тараф ба ашъори шоирони мутақаддим бо назари паст нигаристан ва ҳатто мавриди истеҳзову масхара қарор додан ва аз тарафи дигар, ҷиддан ҳимоя кардани сабку равиши шоирон гузаштаро инъикос намудааст. Аз ин рӯ, дар нақди адабӣ ва тазкираҳои ин давра истилоҳи наве бо номи «тарзи қудамо», «шоири қадим» пайдо гардид, ки дар зери ин мафҳумҳо дар сабки хуросонӣ ё ироқӣ муътақид будани шоир ё худ пайравӣ сабки ҳиндӣ набудани он дар назар дошта мешуд.

Мувофиқи хулосаҳои муҳаққиқон, амсоли Маҳмуди Футуҳӣ, Муҳаммадҷаводи Маҳдавӣ, Озода Саҳбоӣ, Сируси Шамисо, Муҳаммади Ризоӣ, Орзу Нақизода ҷудо кардани сабки шоирони ҳинду аз сабки шоирони тоҷику форс ва «тарзи хаёл»-у «тарзи печидаи хаёл»-ро сабки мустақили мутааллиқ бо адибони Ҳинд қаламдод кардани тазкиранависони Ҳинд бештар аз рӯи ғаразҳои шахсӣ, буғзу кинаварзӣ, ҳасадхурӣ, бартариҷӯӣ, қасдан нодида гирифтани ҳунару истеъдоди тарафи дигар сурат гирифта, омили пайдоиши душманияи қавмию нажодӣ ва мавриди ҳаҷву таҳқири рӯирости тарафи дигар қарор гирифт, ки аз як тараф ба кашмакашиҳо, ба ҳаҷву тундгӯиҳо ва таҳқири якдигар анҷом меёфт, аммо ба қавли Шиблии Нуъмонӣ гоҳ «бар лаҳни шоирӣ тамом шуда ва сабаби тараққӣ ва басти шеъру адаб мегардад» [48,131]. Дар воқеъ инкишофи бесобиқаи нақду сухансанҷии классикӣ маҳз дар ҳамин давраи таърихи адабиёт рост меояд, ки ағлаби муҳаққиқон дар ин андеша муттафиқанд.

Масъалаи хусумату адовати шоирони ҳиндиву эронӣ дар мақолаҳои «Нақши «Сафинаи Хушгӯ» дар иншиоби шоирони тарзи хаёли ҳиндӣ»-и Маҳмуди Футуҳӣ, Муҳаммадҷаводи Маҳдавӣ ва Озода Саҳбоӣ, «Таҳлили дидгоҳҳои интиқодии Хони Орзу дар тазкираи «Маҷмаъ-ул-нафоис»-и Сируси Шамисо, «Нахустин таҷрибаҳои нақди шеъри форсӣ дар аҳди Сафавӣ бар пояи номаи навёфта аз Ҳазини Лоҳиҷӣ»-и доктор Воҳиди Асадуллоҳ, «Нақди адабӣ дар тазкираҳои сабки ҳиндӣ»-и Муҳаммади Ризоӣ ва Орзу Нақизода мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, мувофиқи хулосаҳои

Муҳаммади Ризоӣ, Орзу Нақизода ва накди муғризонаи Хони Орзу ба ашъори Ҳазин «бидуни появу асоси дуруст баъдҳо дар дигар тазкираҳо ҳам ворид мешавад ва зеҳнияти манфӣ нисбат ба як шахс падид меоварад. Ба таври мисол накди ашъори Ҳазини Лоҳиҷӣ дар «Танбеҳ-ул-ғофилин» аз Хони Орзуи Акбарободӣ ба ҳамин гуна мебошад. Ӯ бебоконаву бепарда аз тундравиҳои шоирони ҳиндӣ сухан мегӯяд. Хони Орзу ҳам дар муқобил ин китобро навишта ва баъзан эродҳои ноҷоро ба шеъри ӯ ворид месозад. Хони Орзу эрониёнро «косалесон»-и Ҳинд мехонад ва ин ҳам далеле аз душманиҳои гурӯҳи шоирони Ҳинд бо эрониёнро дорад» [202, 252].

Ба ақидаи ин муаллифон нуқтаи оғози ин моҷаро таълифи тазкираи «Каламот-уш-шуаро»-и Муҳаммад Афзали Сархуш буда, пас аз он шогирдаш Бандробин Доси Хушгӯ «Сафинаи Хушгӯ» ном тазкираи худро таълиф намуда, андешаи ба шохаҳои мустақили мутамайиз ҷудо кардани сабки ҳиндӣ, аз ҷумла, хоси шоирони ҳиндунажод будану аз шеваи шоирони номдори гузашта бартарии амиқ доштани «тарзи хаёл» ва «тарзи печидаи хаёл»-ро ривоҷ додааст. Инчунин дар тазкирааш оид ба шоирони муҳбубу маъруфи гузашта, ки пояҳои шеъри форсиро бунёд гузоштаву мақому мартабаҳои басо волоро касб намуда, бо унвонҳои ифтихории «паёмбарони назм», «сипаҳсолорни назм», «соҳибқирони шоирон», «худованди иқлими сухан», «лисон-ул-ғайб», «малик-уш-шуаро», «хусрави мулки сухан», «халлоқ-ул-мазомин» шарафёб гардида, дар инкишофу таҳаввулоти жанрҳои адабӣ амсоли ғазал, қасида, маснавӣ пайравони зиёде доштаанд, бетаваҷҷуҳиву каминоятии маҳз зоҳир намудааст. Масалан, муаллифи «Сафинаи Хушгӯ» дар бораи шарҳи ҳоли Хоҷа Ҳофиз навиштааст: «Мулло Ҷомӣ дар «Нафаҳот» ӯро «Лисон-ул-ғайб» ва «Тарҷумаи асрор» ном гузошта ва чӣ тахалусаш ба «Ҳофиз» ҳифзи каломи маҷид буда. Аз ғояти шухрат, ки ҳеҷ мактабе бе девони ӯ нест, ба ҳамин қадар иктифо рафт». Ва аз ашъори Хоҷа Ҳофиз танҳо як такбайт интихоб намудаасту бас [220,34], ки ин «равиши маъмул дар тазкиранависии қарни XVII маъмул гардида буд» [220,34].

Айни ҳамин нуктаро Муҳаммади Ризоӣ ва Орзу Нақизода низ хотирнишон карда навиштаанд: «Дар «Каламот-уш-шуаро» бобати бархе шоирон ҳамагӣ як сатр, аммо вақте аз аҳволоти Абдураҳими Хонихонон сухан мегӯяд, чизе қариб ба панҷ саҳифа ному насаб, шуғл ва достонҳое, ки дар бораи ӯ машҳур аст, сухан мегӯяд» [202,254]. Дар тазкираи «Мардуми дида»-и Ҳаким Лоҳурӣ ҳам айни чунин ҳол ба мушоҳида мерасад, ки «як хатро ба зикри аҳволи фарде бо тахаллуси Фасоҳат ихтисос медиҳад ва шаш саҳифаро ба зикри Хони Орзуи Акбарободӣ мегузаронад» [202, 255].

Аз омӯзишу муқоисаи тазкираҳои «Каламот-уш-шуаро»-и Муҳаммад Афзали Сархуш, (1115), «Сафинаи Хушгӯ»-и Бандробан Доси Хушгӯ (1141), «Тазкират-ул-муосирин»-и Ҳазини Лоҳиҷӣ (1160) ва «Риёз-уш-шуаро»-и Алиқулихон Волаи Доғистонӣ (1160-61) инчунин, хулосаи муҳаққиқон Маҳмуди Футуҳӣ, Муҳаммади Ризоӣ ва махсусан Абдуллоҳи Воҳид бармеояд, ки пас аз пайдоиши навъи мураккаби сабки ҳиндӣ бо номҳои «тарзи хаёл», «тарзи хаёли печида» байни шоирони эронии муқими Ҳиндустон ва шоирони ҳиндунажод як рақобати бисёр шадид пайдо гардида, то ба ҳаҷву таҳқир намудани якдигар расидааст. Аз ҷумла, яке аз саромадони «тарзи хаёл» Носиралии Саҳиндӣ, ки тарафдоронаш ӯро «ифтихори Ҳидустон» номидаву аз шеъру ҳунари шоириаш басо ифтихор доранд, нисбат ба Соиби Табрезӣ, ки дар ашъораш пайрави Аттори Нишопурӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Шайх Саъдиву Ҳофизи Шерозӣ барин бузургон буданашро борҳо таъкид намуда, гоҳо бо фурӯтанӣ «Соиб ту куҷо, фурӯғи Мавлавӣ куҷост?» гуфтааст, нописандӣ намудааст:

Алӣ шеърам ба Эрон мебарад тарсам,
Ки Соиб хун бигиряд, об дар дафтар шавад пайдо.

Ё ҷои дигар:

Ҳар байти ман баробари девони Соиб аст,
Азбаски аҳли табъ мукаррар навиштаанд [220, 41].

Абдулатифхони Танҳо бошад, ҳатто гуфтааст: «Агар ханҷаре ба синаи ман бизананд, беҳтар аст аз он ки мисраи Соибро пеши ман хонанд» [137, 70].

Мувофиқи хулосаи муаллифони мақолаи «Нақши «Сафинаи Хушгӯ» дар иншиоби шоирони тарзи хаёли ҳиндӣ» Муҳаммадафзали Хушгӯ ва дигар тазкиранависони ҳиндӣ, ки ҳаводори «тарзи хаёл» буданд, амсоли Шералихони Лудӣ дар «Миръот-ул-хаёл», Муҳаммад Афзали Сархуш дар «Каламот-уш-шуаро», Кишан Чанд Ихлос дар «Ҳамешабаҳор», Мир Азаматуллоҳи Бехабари Балгиромӣ дар «Сафинаи Бехабар», Сироҷиддин Алихони Орзӯ дар»Маҷмаъ-ун-нафоис», Абдулваҳҳоб Ифтихори Бухороӣ дар «Тазкираи Беназир», Мир Алишер Қонеи Татавӣ дар «Мақолот-уш-шуаро», Мир Ғуломалии Озоди Балгиромӣ дар «Хизонаи Омира», Рой Лачҳами Нарин дар «Шоми ғарибон», Шаҳнавозхони Хофӣ дар «Баҳористони сухан», Мусҳафии Ҳамадонӣ дар «Уқди Сурайё» ва Баҳгвондоси Ҳиндӣ дар «Сафинаи ҳиндӣ» бо баҳонаи «шуҳрати беандоза доштани шоирони барҷаставу номдори мутақаддим нисбат ба ашъори эшон каминоятии маҳз зоҳир менамуданд ва «ин руйкард дар миёни ағлаби удабои форсигӯи Ҳинд роиҷ буд» [220,34 ].

Тазкиранависону шоирони Ҳинд берағбативу беиноятии худро нисбат ба шеъри гузаштагони адабиёти тоҷику форс дар интиқоди ошкоро намоиш медоданд. Мисоли рӯшани ин ҳол дар он зоҳир шудаст, ки ҳарчанд ҷилди дуюми «Сафини Хушгӯ» ба шуарои мутақаддим бахшида шудааст, «аммо дар он ҷо низ ӯ чандон дар бораи шеъри қадим изҳори назар намекунад» [220,37]. Адибони ҳиндӣ ба ҳадде аз ҳунару шоирии худ фахру ноз мекарданд, ки ашъори шоирони гузаштаро пасту содаву хом қаламдод намудаанд. Ҳатто муддаӣ буданд, ки дар забондонӣ низ ҳиндуён аз онҳо бартарии амиқ доранд. Оид ба ҳамин масъала Хони Орзу навиштааст: «Баъзе аз фузалои Ҳинд ба яке аз шуарои Эрон гуфта, ки Мулло шумо форсиро аз пирзолҳои худ омӯхтаед ва мо аз фусаҳои шумо мисли Хоқонии Шарвонӣ ва Анварии Абевардӣ, пас тарбияткардаи хос беҳтар аз тарбияткардаи авоманд фавваҳум илло факунна мин алқосирин [195, 133)].

Табиист, ки ин гуна муносибати муғризонаву густохона вокунише аз ҷониби адибони эрониаслро ба вуҷуд овард ва адибоне чун Ҳазини Лоҳиҷӣ

ва Волаи Доғистонӣ, ки дар гуфтани ашъор пайрави шеваи шуарои машҳури мутақаддим буданд, дар ҳимояи «тарзи қудамо» бархоставу тарзи қудаморо ситоиш карда, шеваи шоирони Ҳиндро мавриди интиқоди шадид қарор доданд [220,37]. Дар навбати худ Ҳазини Лоҳиҷӣ бо лаҳни басо тезу таҳқиромез ашъори шоирони форсигӯи Ҳиндро интиқод карда «худ ғалат, маъно ғалат, мазмун ғалат, иншо ғалат» гуфтааст.

Асадуллоҳи Воҳид устоди гурӯҳи забон ва адабиёти форсии Донишгоҳи Табрез дар мақолаи «Нахустин таҷрибаҳои накди шеъри форсӣ дар аҳди Сафавӣ бар пояи номаи навёфта аз Ҳазини Лоҳиҷӣ» сабабҳои пайдоиши хусумати рӯирости байни шоирони форсигӯи Ҳинд ва адибони эронитабори муқими Ҳиндро дар асоси номаҳои ба якдигар ирсол намудаи адибон мавриди баррасӣ қарор додааст, аз ҷумла, номаҳои Мирзо Ҷалолро ба Шайдои Фатҳпурӣ ва номаи Ҳазини Лоҳиҷӣ ба Хони Орзуро. Мирзо Ҷалол дар номааш ба Шайдои Фатҳпурӣ навиштааст: «Эй азиз! Ин на даҳра ва даҳрият аст, ки дар масорифи истеъмоли он дахли беҷо тавонӣ кард ва ин на луғати санскрит ва забони гаволиё аст, ки бо вуҷуди адами қудратдор онро тасарруф тавонӣ намуд. Ин лаҳҷаи дарӣ аз забони порсӣ аст аз афвоҳи порсизабонон бояд омӯхт ва чароғи сухандононе аз машкуҳ андешаи инон бояд афрӯхт. Аз мутолиаи фарҳангномаҳои форсӣ забондон натвон шуд ва аз татаббуи давовини қудамо пешқадамони ин водӣ натвон гашт» [167,132].

Аз мухтавои номаи ҷавобии Ҳазин ба Хони Орзу бармеояд, ки Хони Орзу абётеро аз девони суханвари барҷаста Хоқонии Шарвонӣ мавриди интиқод қарор дода, ҳатто ба мазмуни баъзе аз абёт сахт эътироз ҳам намуда, бад-ин восита забондону сухансанҷу нуктафаҳм будани худро нишон доданӣ шуда, аз Ҳазини Лоҳиҷӣ ба андешаҳои интиқодӣ ҷавоб доданашро талаб намуда, боз ҳам аз шоирони номии мутақаддим бартарӣ доштани хешро исбот карданӣ шудааст. Аммо ғайри чашмдошти ӯ Ҳазини Лоҳиҷӣ бо камоли мӯшикофӣ абёти мавриди баҳсро шарҳу эзоҳ дода, Хони Орзуро дар нодуруст хондан, яъне хонда натавонистану дарк карда натавонистани

мазмуни абёт ва огоҳ набудан аз нозукиҳои забониву ҳунари шоирии Ҳоқонӣ айбдор намудааст.

Хулоса аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки шуҳрат, мақому мартабаи басо волои шоирони форсигӯи муқими Ҳиндустон сабабгори ҳасаду бадбинӣ, ҳатто ҳаҷву таҳқири шоирони ҳиндустонӣ гардида, ба дараҷаи таассуб расидаву нисбат ба шеъри гузаштагон каминоятиву гоҳо беҳурматӣ ҳам зоҳир намудаанд.

Тазкиранависони тоҷику форс нисбат ба шеъру шуарои гузашта бо ҳисси эҳтиром сухан ронда, оид ба ҷараёни зиндагии онҳо маълумоти муфассал додаанд. Дар ибтидо оид ба мақому мартабаи шоир, вижагиҳои шеъри вай, хидмати шоир дар ташаккулу таҳаввули адабиёти давр ибрози ақида намуда, ба шеъри бузургони адабиёти тоҷику форс амсоли устод Рӯдакӣ, Абӯмансури Дақиқӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Кисоии Марвазӣ, Амир Муиззӣ, Фаррухии Сиистонӣ, Анварии Абевардӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Мавлоно Ҷомӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ баҳои муносибу сазовор додаанд.

Мо ин гуна муносибати самимиву пур аз меҳру садоқатро дар яке аз асарҳои муътабари таърихии ин айём «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир, дар тазкираҳои ҷомеи «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ ва «Майхона»-и Абдуннабии Фахруззамонӣ мушоҳида карда метавонем. Дар асоси маълумоти ин асарҳо муносибати муаллифони осори мутазаккираи ин давраро ба шеъри гузаштагон мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Дар тазкираи «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ ва китоби «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир оид ба ҳамаи намояндагони адабиёти классики аз устод Рӯдакӣ оғоз карда, то шоирони муосирашон маълумот пайдо намудан мумкин аст. Дар ҷузъи сеюми ҷилди дуюми «Ҳабиб-ус-сияр» дар бораи Аттори Нишопурӣ [с334], дар ҷузъи чоруми ҷилди дуюм дар бораи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ [83,359-360], Абӯмансури Дақиқӣ [83,368], Абулқосим Ҳасан ибни Аҳмад Унсурӣ [83,389],

Асҷадии Марвӣ [83,389], Ҳаким Фирдавсӣ [83,389-390], Абулфараҷи Рунӣ [83,397], Азрақии Ҳиравӣ [83,397], Саноии Марвазӣ [83,400], Абӯалӣ Ибни Сино [83,443-449], Носири Хусрав [83,457-458], Умари Хайём [83,461], Шамсуддин Аюби Товусӣ [83,493], Амир Муизӣ [83,494], Абулмаъолии Наҳос [83,495], Ҳаким Анварии Абевардӣ [83,517], Сӯзании Самарқандӣ [83,519], Абдулвосии Ҷабалӣ [83,519], Адиб Собири Тирмизӣ [83,519], Маҳастии Хуҷандӣ [83,521], Шарафиддини Исфаҳонӣ [83,531], Низомии Ганҷавӣ [83,534], Заҳири Форёбӣ [83,559], Саъдии Шерозӣ [83,564], Ҳимомиддини Табрезӣ [83,564], Рашиди Ватвот [83,30;632;643], Хоқонии Шарвонӣ [83,642], Аллома Кирмонӣ [83,654]; дар ҷузъи якуми ҷилди сеюм дар бораи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ [84,115], Саид Камолиддини Кошӣ [84,117], Малик Разиаддин [84,117], Имодиддин Фузулӣ [84,117], Имом Ҳиравӣ [84,117], Наҷмиддини Заркӯб [84,134], Бакронӣ [84,191], Рукниддин [84,191], Шайх Авҳадиддини Исфаҳонӣ [84,220], Илёс Қаландар [84,240]; дар ҷузъи дуюми ҷилди сеюм дар бораи Салмони Соваҷӣ [83,240;243], Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ [83,315]; дар ҷилди чорум оид ба адибон Бобосаводӣ [85,18], Муҳаммад бинни Абдуллоҳ [85,18], Мавлоно Маҳмуд Орифӣ [85,18], Мавлоно Хаёлӣ [85,18], Мавлоно Бадахшӣ [85,49], Мавлоно Шамсиддини Бухорой [85,108], Саид Абдуллоҳи Ҳусайнии Козимӣ [85,334], Камолиддини Абдураззок[85,336], Мавлоно Юсуфи Бадей[85,337], Абдурраҳмони Ҷомӣ [85,337], Аҳмади Ҷомӣ [85,338], Мир Ҳусайни Муаммой [85,343], Низомии Ганҷавӣ [85,343], Камолиддин Масъуди Шарвонӣ [85,344], Камолиддин Абдулвосеи Шамсиддини Бурдӣ [85,348], Мавлоно Ҳасаншоҳ [85,344], Мавлоно Камолиддин Ҳусайн Алвоиз [85,446], Мавлоно Абулхалил [85,347], Алии Сафавӣ [85,347], Мавлоно Низомиддини Астарободӣ [85,347], Бадахшӣ [85,347], Мавлоно Биной[85,348], Хоҷа Осафӣ [85,354], Мавлоно Ҳотифӣ [85,354], Мавлоно Садриддини Восифӣ [85,359], Амир Ҷамолиддин Атоуллоҳ [85,359], Огаҳӣ[85.360], Хоҷа Зиёуддин [85,360], Комӣ [85.360], Мавлоно Ҳасаналӣ [85,361], Ҳақирӣ [85,361], Бадриддини Ҳилолӣ [85,361],

Зулолӣ [85,362], Мавлоно Маҷнун [85,362], Мавлоно Султон Муҳаммади Хандон [85,363] маълумот оварда шудааст.

Тазкираи «Ҳафт иқлим» аз ҷиҳати сохту таркиб бемисл буда, дар он гоҳо муфассал, гоҳе бисёр мухтасар роҷеъ ба ҳазору панҷсаду шаст нафар уламову фузало, удабову машоих, маълумот оварда шудааст, ки дар бораи ҳамаи шоирони мазкур дар «Ҳабиб-ус-сияр» низ сухан рафтааст.

Тазкираи «Майхона» соли 1028 ҳ.таълиф шудааст. Дар ин китоб шарҳи ҳоли навад шоире оварда шудааст, ки соқинома гуфтаанд Маълумоти шарҳиҳоливу намунаи ашъори баъзе аз суханварони ин тазкира дар тазкираҳои муътабар ҳам дида намешаванд. Вижагии дигари ин тазкира он аст, ки маълумоти шарҳиҳолии адибони шинохтаву номдор басо муфассал, бо тамоми ҷузъиёт дар асоси маъхазҳои муътамад оварда шудаанд, ҳамчунин, дар тазкира бобати равобити адабии байни шоирони Ҳинду Эрон ва Мовароуннаҳр, таъсиргузориву таъсирпазирии адибон аз ашъори якдигарро равшан инъикос намудааст. Муаллиф соқиномаҳои адибонро аксаран пурра овардаву аз шоироне, ки соқинома нагуфтаанд, дигар жанрҳои шеъриашонро амсоли тарҷеъбанд, таркиббанд, ё худ байтҳое, ки аз рӯйи мазмуну муҳтаво маънии баланд доранд, дар тазкираи худ ҷой доданро муносиб донистааст.

Дар сарчашмаҳои зикршуда амсоли ағлаби тазкираву осори таърихӣ, ки оид ба удабову уламо ва машоих маълумот додаанд, ҳаҷми маълумот гуногун буда, дар бораи гурӯҳе басо муфассал ва дар бораи гурӯҳи дигар бисёр мухтасар сухан рафта, намунаи ашъорашо оварда шудааст. Агар дар тазкираи «Майхона» доир ба ҷараёни зиндагӣ ва осори шоирони бузург, амсоли Низомии Ганҷавӣ [135,42-58], Фахриддини Ироқӣ [135,61-87], Амир Хусрав [135,94-104], Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ [135,122-134], Мавлоно Ҷомӣ [135,140-150] маълумот то даҳ понздаҳ саҳифаро фаро гирад, перомуни аҳволу осори Ҷалолиддини Балхӣ [135,761], Зиёии Мувашшаҳӣ [135.760], Асрӣ [135, 756], Мир Орифи Мӯсавӣ [135,753], Зеҳнии Кашмирӣ [135,752], Абдуллоҳи Мижа [135.750], Мавлоно Ҳарифӣ [135, 749], Мавлоно Музаффари Кошӣ [135.746],

Мавлоно Шармии Қазвинӣ [135,745]  Вуҷудӣ [135.739 ], Мавлоно Анвари Лоҳурӣ [135,738] барин шоирон ҳамагӣ чанд ҷумла ахбор оварда шудааст. Дар тазкираи «Ҳафт иқлим» ва китоби «Ҳабиб-ус-сияр» низ айни ҳамин ҳол ба назар мерасад, агар оид ба шуарои номдор то даҳ саҳифа сухан рафта бошад, бобати рӯзгору осори бархе аз адибон ҳамагӣ чанд сатр омадааст.

Муносибату баҳои Амин Аҳмади Розӣ ба ашъори шоирони гузашта низ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Муаллифи тазкираи «Ҳафт иқлим» дар бораи устод Рӯдакӣ дар ҳаҷми чор саҳифа [57,1512-1516] маълумот дода, дар асоси маълумоти мавҷуда ва қавли адибоне, амсоли Мавлоно Ҷомӣ, Унсурӣ, Рашидӣ, Шаҳиди Балхӣ, Дақиқӣ оид ба миқдори ашъору маҳорати шоириву навозандагӣ ва ва мақому мартабаи устод маълумот дода, ҷавоби зерини Низоми Арӯзии Самарқандиро ба яке аз ҷоҳилоне, ки дар назми Рӯдакӣ таъна зада буд, овардааст:

Эй он ки таъна кард ба шеъри Рӯдакӣ,
Ин таъна кардани ту зи ҷаҳлу зи кӯдакист.
К-он кас, ки шеър донад, донад, ки дар ҷаҳон,
Соҳибқирони шоирон устод Рӯдакист!

Қабл аз овардани намунаи ашъори устод менависад: «Ва бо он ки шеъри вай аз ҳадду адад мутаҷовиз буда, аммо дар ин вақт бинобар ҳукми қиллат (кам будан-М.М.) аз ёқути асфару кибрити аҳмар(гугирди сурх) азизтар аст. Ҳамчунин, таъкид мекунад: «Ӯ аз аввал касест, аз аҷамиён, ки девони шеър тартиб дода» [57, 1512-1519]. Муаллифи «Ҳабиб-ус-сияр» низ дар ҳаҷми се саҳифа перомуни мақому мартабаи шоирии устод Рӯдакӣ, миқдори сарвату ғуломон ва ашъори эшон ахборот додааст: «Аз ҷумлаи шуаро Рӯдакӣ ба вай (Насри II-М.М.) муосир буд ва дар мадҳи он подшоҳи олиҷоҳ ашъори балоғатшиор назм мефармуд» [55,359].

Дар «Ҳафт иқлим» сухану латофати баёни Дақиқиро муболиғаомез васф намуда, аз ҷумла, гуфтааст: «Дақиқӣ аз фуҳули (чирадаст-М.М.) шуаро буда, диққати суханаш аз хиффати(сабукӣ-М.М) сабо гарав бурда, латофати баёнаш оби ҳайвонро беному нишон дошта [57, 1579]. Амин Аҳмади Розӣ

хисоли ҳамидаи Амир Кисоиро ситоиш карда, овардааст: «Ҳаким Кисоӣ шоире буд, ки кулоҳи фақр бар сар дошт, ғубори ҳавас бар остини тилисм фурӯ рафта ва гарди ҳирс аз саҳрои сина ба оби ду дида нишонида. Аксар ашъори вай дар зуҳду ваъз ва муноқиби аҳли байт аст [56, 521]. Муаллифи мазкур Асҷадиро фахри Марв қаламдод карда, вайро кони балоғат ва ахтари осмони фасоҳат мешуморад ва ишора менамояд, ки хиттаи Марв ба вуҷуди ӯ муфаххар ва чашми рӯзгор ба таварруҷи гуфтори ӯ нозир ва ӯ дар ҳазрати Яминуддавла эътибори тамом дошта ва нақди суханаш дар бозори давлати он шоҳ нек роиҷ будааст [56,524].

Муаллифи тазкираи «Ҳафт иқлим» аз муаллифи «Шоҳнома»-и безавол бо некӣ ва эҳтиром ёдоварӣ намуда, таъкид менамояд, ки «Шоҳнома» аст, ки ҳамагонро дар хиҷлат андохта.

Ки бандад инчунин укде, ки то ҳашр,
Бувад дар гардани айём зевар?

Пас аз зикри маълумот оид ба рӯзгори Ҳаким Фирдавсӣ қабл аз овардани намунаҳо аз «Шоҳнома» мегӯяд: «Ва аз шуаро ҳеҷ кас ангушти қадҳу(таъна кардан) манъ бар ҳарфи назми ӯ нагузошта ва аксар вайро сутудаанд, чунончи Хоқонӣ гӯяд:

Шамъи ҷамъи ҳушмандон аст дар дайҷури ғам,
Нуктае к-аз хотири Фирдавсии Тӯсӣ бувад.
Зодагони табъи покаш ҷумлагӣ ҳуровашанд,
Зода ҳуроваш бувад чун мард Фирдавсӣ бувад.
Баъдан абёти зерро аз Заҳири Форёбӣ овардааст:
То табъи туро намонд парвои сухан,
Н-омад гуҳаре бурун зи дарёи сухан,
Фирдавс мақом бодат, эй Фирдавсӣ,
Инсоф, ки нек додаӣ ройи сухан! [56, 517].

Дар «Ҳабиб-ус-сияр» дар ҳаҷми шаш саҳифа шарҳи ҳол, овони камолоти Шайхурраис Ибни Сино батафсил нақл карда шуда, оид ба мақому мартаба, қобилияту истеъдоди фитрии ӯ ахбори муътамад дарҷ шудааст. Махсусан

маълумоти Мирхонд дар бораи аз фанни луғат ба дараҷаи хело баланди луғатдонӣ расидани «пири ҳакимони машриқзамин» ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Мирхонд дар ин ҳикоя дар бобати иштироки Сино дар маҷлиси Алоуддавла ва таънаи Абумансур дар хусуси он ки Сино дар ин илм пешдаст нест ва оғози дарси кутуби луғат намудану ба мартабаи баланд расидани Сино ва дар маҷлиси дигар хиҷолатзада шудану узр пурсидани Абумансур нақл кардааст [56, 448].

Аҳмади Розӣ дар бораи Низомии Арӯзии Самарқандӣ маълумот дода, ӯро «аз нуктабинони замона... ва насраш уқди Сурайёро таҳқир карда» сано гуфта, таснифоташро номбар намудааст [57,1529]. Муаллифи «Ҳафт иқлим» дар бораи рӯзгори адиби шинохтаи тоҷик бо ихлосу иродат ҳарф зада, ӯро аз донишмандони замон меҳисоба ва ишора менамояд, ки дар бораи вай мардум сухани бисёр  гуфтаанд. Баъзе нафарон уро ориф мешуморанд ва гурӯҳе бар ӯ таъна мезананд, ки мазҳаби таносух дошта. Баъдан дар ҳаҷми се саҳифа ашъорашро овардааст [56,895-902].

Амин Аҳмади Розӣ дар бораи Саноии Ғазнавӣ, ки дар сароидани осори ирфонӣ дар таърихи адабиёти тоҷиқ бозкунандаи саҳифаи тозае буд, чунин андеша варзидааст: «Ваҳиди замони худ буда дар «Нафаҳот» омада, ки Ҳаким Саноӣ аз кубарои шуарои тоифаи суфия аст. Ва бузургони ин фан суханони вайро бо шаҳодатҳо дар мусанафоти худ овардаанд ва китоби «Ҳадиқа»-и баркамоли вай дар шеваи баён ва.. маърифати тавҳид далели қотеъ аст, чунон чи Мавлонои Балх дар маснавӣ изҳоре бад-он карда мегӯяд:

Туркҷӯше кардам ман нимхом,
Аз Ҳакими Ғазнавӣ бишнав тамом» [55, 334].

Соҳиби «Ҳафт иқлим» суханвари мумтоз Амъақи Бухороиро дар сарири фасоҳат султон ва дар вилояти балоғат қаҳрамон меҳисобад. Ва таъкид менамояд, ки вай «ҷазолати Арабро бо латофати Аҷам дар назми худ фароҳам оварда маонии дақиқро билалфози рақиқ имтизоҷ додааст». Дар идома ишора менамояд, ки «қиссаи «Юсуф ва Зулайхо»-ро нахуст ӯ дар силки назм кашида ва он ҷумла зулбаҳрайн аст ва Рашид бағоят муътақиди

вай буда ва дар «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»сухани ӯро ба истишҳодот бисёр оварда. Муҳаммад Авфӣ вайро дар таҳти шуарои Оли Салҷуқа навишта»[56,587].

Низомии Ганҷавӣ аз шумори адибони муътабару соҳибмақоми адабиёти форсӣ буда, дар бораи мақому мартаба ва ҳунари шоирии вай муаллифони «Ҳабиб-ус-сияр» ва «Ҳафт иқлим» бо иродат ҳарф задаанд. Сарчашмаи маълумоти ҳар ду асар андешаҳои Мавлоно Ҷомист, ки дар «Нафаҳот» омадааст. Аҳмади Розӣ пас аз зикри маълумот, ки истиқболи қавли Мавлоно Ҷомӣ аст, иловатан «Хамса»-ро дилпазир ва бемислумонанд, «Махзан-ул-асрор»-ро чун муъҷиза қаламдод намудааст [56, 1070]. Хондамир низ дар поёни маълумотномаи худ ба «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ баҳо додааст: «Ва он шайхи софизамир «Хамса»-и дилпазири худро, ки дар рӯйи замин шабеҳу назир надорад, ба истидъои асҳоби тоҷу сарир назм намуда ва салотини ҳашматойин ба умедвории он, ки ба воситаи он ашъори маъорифосор номи эшон бар саҳфаи рӯзгор пойдор бимонад, аз он ҷаноб илтимоси тартиби кутуб менамуданд [56, 534].

Абдуннабии Фахруззамонӣ низ оид ба таҳсил ва давраҳои камолоти маънавии Низомии Ганҷавӣ сухан ронда, навиштааст: «Он қадар латоифу дақоиқ, ки дар китоби «Панҷ ганҷ» дарҷ карда, касеро муяссар нест, балки мақдури навъи башар нест ва ҳар кӣ баъд аз он бузурги дину матлаи арбоби яқин бе истимдоди муршиде иродаи «Хамса» гуфтан карда ва бо ҳазрати эшон беадабона пеш омада, ба матлаб нарасидаву бар аз умри худ нахӯрдааст» [135,44].

Он чӣ дар бораи Ҳаким Анварӣ омадааст дар сарчашмаҳои мавриди назар мушобеҳ буда, дар ҳар ду асар ҳам қитъаи Анварии Абевардиро ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқи ҳунари волои шоирии ӯ ёдовар шудаанд:

Гарчи дар бастам дар мадҳу ғазал якборагӣ,
Зан(н) мабар к-аз назму алфозу маонӣ қосирам,
Балки бар ҳар илм, к-аз ақрони ман донад касе,
Хоҳӣ ҷузвӣ гир онро, хоҳ куллӣ, қодирам [55, 44].

Муаллифи «Ҳабиб-ус-сияр» дар бораи мақому мартабаи Хоқонии Шарвонӣ, ки яке аз суханварони номдори адабиёти тоҷику форс аст ва бо тарзи ба худ хос шеър гуфтаву пайравони зиёд пайдо намудааст маълумот дода, аз ҷумла овардааст: «Бо тафовуқи нозимони ашъору асҳоби ахбор Хоқонӣ саромади шуарои рӯзгор буд ва дар назми қасидагӯӣ балоғати амсолу ақрон мерабуд, бинобар ин ӯро «Ҳассон-ул-Аҷам» мегуфтанд ва Рашиди Ватвот дар назми вай гӯяд:

Эй сипеҳри қадрро хуршеду моҳ,

В-эй ҷаҳони фазлро дастуру шоҳ.

Афзалиддин Булфазоил баҳри фазл,

Файласуфи динфизои куфргоҳ[86,642].

Хоқонии Шарвонӣ аз суханваронест, ки нисбати аҳволу осораш дар асарҳои зикршуда маълумоти фаровон оварда, андешаҳои интиқодии шоирони дигарро оид ба ашъори вай ба ҳайси далел овардаанд.

Муаллифи «Ҳафт иқлим» ӯро «султон-уш-шуаро» номида, мегӯяд ки номи вай Афзалиддин ибни Алӣ-аш-Шарвонӣ аст ва Хоқонӣ лақаб дошт ва ӯро «Ҳассон-ул-Аҷам» ҳам номидаанд. Сипас байтеро аз «Туҳфат-ул-ироқайн» меорад, ки чунин аст:

Чун дид, ки дар ҳунар тамомам,

Ҳассони Аҷам ниҳод номам.

Бобати дар қасидасароӣ машҳур будани ӯ сухан ронда, ишора менамояд, ки ҳар қасидае, ки «ба ҳазрати подшоҳӣ фиристодӣ ҳазор динор силаи он будӣ ва ташрифу инъом фарохӯри он ёфтӣ». Аз ҳисси баланди тафохур доштани Хоқонӣ ёдовар шуда, абёти зеринро овардааст:

Шоири мубдеъ манам, хони маонӣ марост,

Резахӯри хони ман Рӯдакию Унсурист.

Зинда чу нафси Ҳаким номи ман аз тозагӣ,

Гашта чу моли карим, ҳирси ман аз андаке[86,1447].

Аҳмади Розӣ пас аз овардани маълумот ва баёни хулосаҳои хеш чанд абётро аз ашъори шоирон, аз ҷумла Маҷдиддин Халил, Ҳақоиқӣ, Абул-

фазоил Имом Наҷмиддин, Аҳмад Симгар овардааст, ки онҳо дар бораи ҳунари шоирӣ, мазмуну мундариҷаи осори Хоқонӣ ва ифтихорияҳои ӯ андешаҳояшонро иброз намудаанд, ки инҷо намунаеро аз Маҷидаддини Халил меоварем:

Ба Худое,ки боиси ҷон аст,
Муншии наслу унсии ҷон аст.
Ки амири аном Хоқонӣ,
Мағфари сад ҳазор Хоқон аст.

Сиас аз ашъори Хоқонии Шарвонӣ дар ҳаҷми даҳ варақ аз саҳифаҳои 1451то 1461 намунаҳо овардааст[86,1449].

Дар «Ҳафи иқлим» муаллиф ҳамвора бо зикри мақому шуҳрати Аттори Нишопурӣ, миқдори таълифоти ӯро низ нишон дода, тамоми осори ӯро ном ба ном ва ҳамзамон дусад байт аз ашъораш дарҷ намуда, афзудааст: «Дар шариату тариқат ягона ва дар лутфу табъу ҳусни хулқ нодираи замона буд

Васфи ӯро ба сазо чарх наёрад гуфтан,
Анварӣ, дод бидеҳ, з-он ки ту ҳам натвонӣ»[56,768].

Перомуни рӯзгору осори Ҷалолиддини Балхӣ дар тазкираи Амин Аҳмади Розӣ бо муҳаббату садоқати бепоён сухан рафта, Мавлавиро аз «бебадалони замон ва баргузидагони даврон» ҳисобида мегӯяд, ки мисли вай дигар дар рӯи замин суханваре бо ин нодирагуфторӣ нахоҳад омад. Сипас аз овони ба ҷои падар нишастани ӯ ёд намуда, муриди падараш Саид Бурҳониддини Тирмизиро зикр менамояд ва бобати аз вай таълим гирифтани Мавлоноро ишора мекунад. Ҳамчунин аз иродати бепоёни Мавлоно нисбати Шамси Табрезӣ, Салоҳиддини Заркӯб ва Ҳисомиддини Чалабӣ ёдовар шудааст [56,564].

Оид ба ашъори орифи румӣ фармудааст: «Агарчи ашъори Мавлавӣ дар шуҳрат гарав аз хуршед бурда ва дар тозагӣ равшанӣ аз моҳ сутурда, аммо бинобар табаррук ва илтизом байте чанд ҷиҳати инбисоти хотири афсурдадилон оварда шуд [56,565]. Дар ҳаҷми панҷ саҳифа аз ашъори Мавлавӣ ба ҳайси намуна иқтибос шудааст[56,565-569].

Соҳиби «Ҳафт иқлим» аҳволу осори Шайх Саъдиро нақд намуда, суханвари шерозиро «фариди рӯзгор ва ваҳиди лайлу наҳор» меномад. Вай дар бораи навиштаҳои дилангези Саъдии Шерозӣ чунин мегӯяд: «Об аз табъи ӯ латофат вом мекарда ва оташ аз зукоми хотири ӯ тезӣ мерабуда. Абёти диловезаш носихи суханони Субҳон ва муншаъоти узубаташ ташвири даҳ каломи Ҳассон. Забони авомро ба алфози чун шаккар ширин карда ва даҳани хосро маъонии мушкогин сохта.

Будӣ ба фазлу фазоид ба ҳар тараф маъмур,
Будӣ ба лутфу шамоил ба ҳар тараф машҳур.
Чу Румиён ба саноеъ, чу чиниён ба зуруф,
Чу тозиён ба фасоҳат, чу зангиён ба сурур.

Чун шамими маҳосини сифоти ӯ машоми атрофи ҷаҳонро муаттар гардонида ва сиҳати назму насраш Шарқу Ғарбро фурӯ гирифта, зиёда дар авсофи ӯ намепечад» [55, 206].

Хондамир ҳангоми баррасии зиндагиномаву эҷодиёти Шайх Саъдӣ ба қавли Мавлоно Ҷомӣ такя намуда, баъдан баҳои хешро оид ба ғазалҳои равони ӯ арза медорад: «Шеваи ғазалро аз шуаро баробари вай ҳеҷ кас навардида, яъне он роҳро тай накарда, дар соири ақсоми шеър саромади шуарои мутақаддимин ва мутаахирин гардида...» [83,564].

Амин Аҳмади Розӣ васфи Хоҷа Ҳофизро бо калимоту ибораҳои «андалеби гулистони суханварӣ ва тӯтии шакаристони балоғатгустарӣ» оғоз карда, сипас баҳои Мавлоно Ҷомиро, ки Ҳофизро «лисон-ул-ғайб» ва «тарҷумон-ул-асрор» гуфтааст оварда, фармудааст: «Аҳли хилватро аз ашъори пуршӯраш сӯзиш дар ҷону асҳоби суҳбатро аз абёти пуршӯраш шӯриш дар забон аст..» [55, 219-222]. Дар идомаи суханаш аз хӯрдагирии Шоҳ Шуҷоъ ба шеъри Ҳофиз ёдовар шуда, ҳикояте меоварад. Дар ин ҳикоя Шоҳ Шуҷоъ ба Ҳофиз мегӯяд: «Абёти ҳеҷ як ғазалиёти Шумо аз матлаъ то мақтаъ бар як минвол воқеъ нашуда, балки аз ҳар ғазале се – чаҳор байт дар таърифи шаробу ду се байти тасаввуфӣ ва як - ду дар сифати маҳбуб». Аммо муаллифи тазкира ба эроди шоҳ розӣ набуда, таъкид намудааст, ки шеъри

Хоҷа Ҳофиз дар атрофи офоқ иштиҳори тамом ёфтаву назми ҳарифони дигар пой аз дарвозаи Шероз берун намениҳад [55, 315].

Дар тазкираи «Ҳафт иқлим» муаллиф бо зикри намунаҳои шеъри шоирон ва афкори интиқодии мунтақидон хулосаҳои худро баён дошта, назари хешро роҷеъ ба атрофи эҷодиёти суханварон иброз намудааст.

Аз ҷумла, дар бораи Амир Хусрав ба дунболи маълумоти шарҳи ҳолӣ, ҳунари суханвариашро зикр намуда, моддаи таърихи Ҳасани Деҳлавиро ёд мекунад, ки дар он васфи шоир, ҳам сифати хуби назму насраш ва ҳам таърихи фавташ инъикос гардидааст:

Мир Хусрав хусрави мулки сухан,
Он муҳити фазлу дарёи камол.
Аз барои ҷустани таърихи ӯ,
Чун ниҳам сарро ба зонуи камол.
Шуд «адим-ул-мисл»яке таърихи ӯ,
Дигаре шуд «тутии ширинмақол».

Абдуннабии Фахруззамонӣ дар «Майхона» аз Амир Хусрави Деҳлавӣ ба некӣ ёдовар шуда, ӯро «хуршедиштиҳор, «орифе соҳибрутба ва ошиқе баландмартаба» хондааст. Ашъори Хусравро обдору абёти ғаррои онро мустағнӣ аз таъриф ва бениёз аз тавсифи арбоби имтиёзу асҳоби ахбор дониста, мегӯяд: «Манзумоти диловези он дебочаи девони фасоҳат оташи шавқ дар ҷони ошиқону орифон мезанад, вуруди шӯрангези он тӯтии шакармақоли бӯстони балоғат намаки суд бар ҷароҳати маҷруҳони теғи ишқ мепошад». Пас аз баёни андешаҳои худ ба гуфтаҳои Мавлоно Ҷомӣ рӯ меорад, ки дар «Баҳористон» нақл шудааст: «Амир Хусрав дар шеър мутафаннун аст. Қасидаву ғазал ва маснавиро варзида ва ҳамаро ба камол расонида, татаббӯи Хоқонӣ мекунад. Ҳарчанд дар қасида ба вай нарасида, аммо ғазалро аз вай гузаронидаву ғазалҳои вай ба воситаи маонии ошно, ки арбоби ишқу муҳаббат ва ҳасби завқу виҷдон худ онро дармеёбанд, мақбули ҳама кас афтодааст. «Хамса»-и Низомии Ганҷавиро касе беҳ аз вай ҷавоб

нагуфта ва варои он маснавиҳои дигар дорад, ҳама матбуву маснӯъ ва зубдатулмаонист» [135,93].

Муаллифи тазкираи «Майхона» дар баробари он ки сифоти шоири деҳлавиро зиёд баён намудааст, ҷои дигар аз миқдори ашъораш сухан гуфтааст: «Девонаш муштамил бар қасоиди ғаррову абёти маснӯъ ва ғазалиёти хубу муқаттаоти марғуб аст ва он ҳамагӣ бист ҳазор байт бошад» Амин Аҳмади Розӣ доир ба латофати табъу ҳунари шоирӣ ва хислатҳои ҳамидаи Ҳасани Деҳлавӣ маълумоти Зиёиро аз «Таърихи Фирӯзшоҳӣ» оварда, ин шоири деҳлавиро ситоиш намудааст: «Ман касеро дар латофати табъу истиқомати ақл ва таҳсиби аҳволу лузуми қаноат ва таҷаруду тафарруд ва хуш будану хуш гузаронидан монанди Хоҷа Ҳасан надидаам». Пас ин абётро меоварад:

Чун нуктаи ошиқон аз фасоҳат,
Чун чеҳраи дӯст аз малоҳат.
Ҷонро ивази сururу шодӣ,
Дилро бадали нишону роҳат.

Тибқи маълумоти Амин Аҳмад «Хоҷа Ҳасан низ аз муридони шайх Низомиддини Авлиё буда ва Шайхро ҳар гоҳ завқи само шудӣ ба қавволон гуфтӣ, ки шеъри Хоҷа Ҳасан бихонед. Ва Хоҷа Ҳасан бисёр муътақиди Шайх Саъдӣ буда ва ҳамеша талоши ҳамон равиш мекарда:

Ҳасан гуле зи «Гулистон»-и Саъдӣ овардааст,
Ки аҳли маъни гулчинӣ он гулистонанд.

Ва мардумони Ҳинд ӯро Саъдии Ҳиндустон мегуфтанд. Подшоҳон ва маликзодагонро ба вай таваҷҷуҳи хос буд» [82, 395].

Муаллифи ҳамин тазкира шоири ҳаҷвсаро Сӯзании Самарқандиро «тоҷ-уш-шуаро» номида, ӯро чун латифтабъ, ширинсухан, дар ҷидду ҳазл мумтоз ҳисобида, таъкид менамояд, ки аҳли сухан Сӯзаниро дар назму наср мусаллам шуморидаанд. Байти зеринро ба ӯ нисбат додааст:

Ҳаст табъаш чу сабо атррабо аз ҳама ҷо,
Балки ҳамчун гулу чун мушк ҳама тан атр аст [84,1571].

Шайх Камоли Хуҷандӣ, ки аз шумори суханварони ширинкалому нозукхаёлӣ ба ҳисоб меравад, ҳамчун адиби нуктадону маънипардозу латифтабъ дар тазкираҳои ин даврон тасвир шудааст. Аҳмади Розӣ дар боби баҳо додан ба шеър ва ҳунари шоирии Шайх Камол асосан ба андешаҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот» ва «Баҳористон» такя карда, ашъори Камоли Хуҷандиро «обдор» номидааст: «Шайх Камол дар сулуки акобиру машоих мунтазам буда, ба риёзату ибодат рӯзгор мегузаронид ва гоҳе ашъори обдор бар лавҳи рӯзгор сабт менамуд. Мавлоно Ҷомӣ дар «Нафаҳот»оварда, ки вай бисёр бузург буда ва иштиғоли вай ба шеър ва такаллуф дар он сатр ва талбисро буда бошад, балки мешояд, ки барои он буда, ки зоҳир мағлуби ботин нашавад ва аз ғояти сурати убудият боз намонад ва ҳам дар «Баҳористон» овардаанд, ки шеъри Шайхро талоқати (хушбаёнӣ) сухан ва диққати маонӣ ба мартабаест, ки зиёда бар он набошад, аммо аз ғояти муболиға аз салосат афтода, аммо дар эроди амсол ва изтиёри баҳрҳои сабук бо қофияҳову радифҳои ғариб, ки саҳли мумтанеъ ном аст, татаббуи Хоҷа Ҳасани Деҳлавӣ намуда, аммо он қадар маонии латиф, ки дар ашъори вай аст, дар ашъори Ҳасан нест [84,1631].

Аз Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ – мумтозтарин шоири қарни XV аксари тазкиранависону таърихнигорон бо эҳтирому иродати хоса ёдоварӣ намуда, ба ашъори дилписандаш баҳои баландро сазовор донистаанд, ки ба ин матлаб бисёр донишмандони ватаниву хориҷӣ низ ишора кардаанд. Амин Аҳмади Розӣ камолоти пири хиради Ҳиротро монанди фурӯғи офтоб мунавварсозандаи гӯшаву канораҳо хонда, ашъори сеҳрангезашро мисоли қатраи файзбахш шуморидааст, ки ба руҳу равон ҳузуру нерӯ мебахшад. Баъдан аз дасти дароз доштани Мавлоно дар ҳамаи илмҳои замона ёдоварӣ намуда, мегӯяд, ки вай дар аксари улум «ливои маҳорат барафрохтааст», ки ояндагон ба ӯ пайраву муътақид гаштаанд [85, 696].

Аз мисолҳои овардашуда аён мегардад, ки тазкиранависон нисбат ба шеъри гузаштагон, хосатан саромадони адибиёти тоҷику форс баҳои баланду муносиб дода, нисбат ба шоирони мутаққадим бо ҳисси эҳтироми беандоза

ҳарф задаанд. Андешаҳои интиқодии тазкиранигорону таърихнависони давр ба ашъори шоирони гузашта ба ду роҳ сурат гирифтааст: Аввал, муаллифон назари худро баён намудаанд, сонияи оид ба мақому мартаба ва ҳунари шоирии гузаштагон андеша ё абёти дигаронро оварда, фасоҳату балоғат, мазмунсозиву маъниофарии устодонаи шуарои мутақадаминро ба қайд овардаанд.

Чунончи, дар тазкираҳои «Ҳафт иқлим», «Майхона» ва таърихномаи «Ҳабиб-ус-сияр» муаллифон ҳангоми зикри асмои адибони номдори давраҳои гуногуни адабиёти тоҷику форс, аз устод Рӯдакӣ то муосирони муаллифон, бо нишон додани маъхази ахбор афкори интиқодии дигаронро овардаанд, ки дар онҳо ба рӯзгори шоир ва сабку услуби баёни ашъори ӯ баҳои сазовор дода шудааст.

### 3.5. Нақди шеъри ҳамзабонон дар тазкираҳо

Тазкираҳое, ки дар асрҳои XVI-XVII аз ҷониби суханварони тоҷик таълиф гардидаанд, мисоли Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, Мутрибии Самарқандӣ ва Малеҳои Самарқандӣ баробари зикри маълумоти рӯзгор ва осори намояндагони доираҳои адабии Бухоро, Самарқанд, Тошканд, Бадахшону Ҳисор, ки ба қаламрави аморати Бухоро дохил мешуданд, дар бораи адибоне, ки берун аз ҳудуди мамлакат аз ҷумла, Эрону Афғонистон, Ироқ ва Ҳиндустону Хитой зиндагиву эҷод мекардаанд, ё зодгоҳашон берун аз қаламрави мамлакат буда, ба Самарқанд, Бухоро, Хоразм омада таҳсил ва касби камол намуда буданд ва дар ҳамин шаҳрҳо умр ба сар мебурданд, низ маълумот дарҷ кардаанд. Тазкиравнависони тоҷик шоиронро мисли тазкиранигори эронӣ Насрободӣ вобаста ба минтақаи валодат ва ё истиқоматашон ба гурӯҳҳо ҷудо накарда, тибқи тартиби абҷадалҳуруф, ё тартиби алифбо дар қатори шуарои ҳамватанашон ҷойгир намудаанд.

Дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибӣ оиди аҳволу ашъори адибони зерини бурунмарзӣ ба монанди: Алфии Шомӣ [129,105], Умматии Машҳадӣ [129,121], Аҳсании Яздӣ [129,122], Аҳмадии Гелонӣ [129,122], Азҳарии Деҳлавӣ [129,122], Артавонии Аҳмад [129,123], Ақдасии Хуросонӣ [129,125], Пирбодии Кашмирӣ [129,135], Бӯрии Балхӣ [129,135], Бурҷии Машҳадӣ [129,138], Баёнии Хитоӣ [129,139], Ҷонии Кобулӣ [129,141], Доии Ҳамадонӣ [129,168], Ҳеҷии Ҳиравӣ [129,179], Вазъии Шерозӣ [129,189], Ваҳшии Бофқӣ [129,197], Ваҷдии Қумӣ [129,199], Воҳии Кобулӣ [129,209], Волеҳии Қумӣ [129,210], Вуқуии Исфаҳонӣ [129,210], Закии Ҳамадонӣ [129,212], Аминии Ироқӣ [129,215], Ҳаримии Кобулӣ [129, 226], Ҳусайнии Ҳиротӣ [129,230], Ҳаким Рукнои Кошонӣ [129,231],Ҳаётии Гелонӣ [129,232], Табхии Балхӣ [129,238], Тоҳир Миқрозии Ҳиротӣ [129,238], Табъии Алиободӣ [129,240], Тулӯии Кашмирӣ [129,240], Раҳшии Балхӣ [129,374], Юсуфи Балхӣ [129,242], Юсуф Қаробоғи Ироқӣ [129,243], Ятимии Ҳиравӣ [129,245], Гулшании Қошғарӣ [129,250], Калбии Табрезӣ [129,253], Гулхании Қазвинӣ [129,253],

Латифии Ҳиравӣ [129,256], Муҳташами Кошонӣ [129,286], Майлии Ҳиравии Ироқӣ [129,288], Назирии Машҳадӣ [129,314], Сиёқии Ҳиравӣ [129,319], Самумии Ҳиравӣ [129,321], Абдии Кобулӣ [129,322], Урфии Шерозӣ [129,330], Файзии Ҳиндӣ [129,343], Фидоии Сафавӣ [129,346], Фузулии Бағдодӣ [129,347], Фаҳмии Табрезӣ [129,348], Финории Ҳиндӣ [129,348], Сунъии Хитоӣ [129,359], Салеҳи Обомадӣ [129,359], Қорории Гелонӣ [129,368], Қоматии Балхӣ [129,369], Ризоии Кошонӣ [129,373], Раъдии Кошонӣ [129,373], Рашкии Ҳамадонӣ [129,374], Риндии Ироқӣ [129,374], Шерии Ҳиндӣ [129,388], Шикебии Ироқӣ [129,389], Туробии Кобулӣ [129,392], Саноии Машҳадӣ [129,396], Холисии Ироқӣ [129,407], Заҳобии Ироқӣ [129,411], Замирии Исфаҳонӣ [129,416], Зоеъии Хуросонӣ [129,417], Заҳирии Кобулӣ [129,418], Зулматии Румӣ [129,419], Зоҳирии Гуҷаротӣ [129,421], Зуҳурии Ироқӣ [129, 421], Ғарибии Ҳиравӣ [129,422], Ғелакии Балхӣ [129,425], Ғубории Балхӣ [129, 427], Лоҳурӣ [129, 429] маълумот оварда шудааст.

Маълумоти Мутрибии Самарқандӣ перомуни ин гурӯҳи шоирон аз ҷиҳати ҳаҷм гуногун аст. Дар бораи аксар шоирони мутазаккира, аз ҷумла Алфии Шомӣ, Аҳсании Яздӣ, Азҳарии Деҳлавӣ, Бурҷии Машҳадӣ, Чамани Яманӣ, Доғии Ҳамадонӣ, Волеҳии Қумӣ, Вуқӯии Исфаҳонӣ, Калбии Табрезӣ, Гулхании Қазвинӣ, Майлии Мирзоқулӣ, Лоҳури Ваҷдӣ, Ҳаётии Гелонӣ, Мавлоно Юсуфи Қаробоғии Ироқӣ, Гулшании Кошғарӣ, Ҳаётии Гелонӣ, Рифъати Ҳамадонӣ ҳамагӣ дар чанд ҷумла ахбори мухтасар зикр шудааст. Аммо гоҳо дар ҳамин гуна маълумоти басо кӯтоҳ ҳам ба шеъри шоирон баҳои арзанда дода тавонистааст. Ҳарчанд арзёбии шеъри шоирон бештар умумӣ буда, ҷанбаи завқӣ дорад, метавон аз сатҳу салиқаи шеъри шоир тасаввурот пайдо кардан мумкин аст. Ба ҳайси намуна ва далел чанд мисол меоварем: «Аҳсании Яздӣ ба аҳли замон бо мутояба пеш меомада ва дар аснои муколама суханони ширин мегуфта, ки боиси ханда мешуда. Ба тақрибе ин қитъаро гуфта:

Аҳсанӣ, аҳли илму фазлу камол,
Доим аз дасти марг дилрешанд.
Аҳмақон гӯиё ба Азроил,
Ришвае додаанд, ё хешанд [129,122].

«Аҳмад машҳур ба Хонаҳмад аст. Таваллудаш дар вилояти Гелон буда, холӣ аз фазле набудааст. Ашъори покизаи латиф ва гуфтори санҷидаи муниф(воло-М.М.) дорад ва ин ғазалро некӯ гуфта:

Хамӯшии шаби ҳаҷрам беҳ аз сабурӣ буд,
Даме, ки нола накардам, зи бешуурӣ буд.
Шаби фироқи ту маргам аҷаб халосӣ дод,
Куҷо в-агарна маро тоби дарди дурӣ буд?!
Ба ихтиёр нашуд аз дари ту Аҳмад дур,
Зи остони ту дурӣ маро зарурӣ буд» [129,122].

«Артавонӣ, исмаш Аҳмад буда, худро ба вилояташ, ки аз музофоти Ҳамадон аст, нисбат карда, «Артавонӣ» тахаллус менамуда ва ин рубоиро некӯ гуфта:

Дарде ба ҷаҳон чу дарди муштоқӣ нест,
Ёре ба ҷаҳон чу мутрибу соқӣ нест.
Имрӯз ба рӯи дӯстон дил хуш дор,
Фардост, ки аз мо асаре боқӣ нест»[129,123].

Ҷаъфар ном шоирро, ки бо тахаллуси Бахшӣ шуҳрат доштааст, «дорои ашъори пурхаёлу гуфтори софтар аз оби зулол» медонад[129,151], ашъори Вуқуии Исфаҳониро, ки шогирди Замирӣ будааст, некӯ ҳисобидааст» [129,210], Воҳии Кобулиро суханвари машҳури даврони хеш шуморида, «ашъорашро покиза ва хуб» гуфтааст» [129,210]. Дар бораи жӯлидамӯй будани Гулхании Қазвинӣ ҳарф зада, гуфторашро некӯ медонад»[129,213], аз Гулшании Кошғарӣ ҳамчун адиби дорои «табъи санҷида ва гуфтори писандида» ёдовар шуда, ишора менамояд, ки ашъораш ҳамвора сафинаи дилро хилъати хаёл мепушонад ва шеъраш бисёр накӯст [129,250]. Шикебии Ироқиро, ки дар вилояти Ҳиндустон умр ба сар мебурдааст, сарояндаи шеъри

аҷоибу некӯ шуморида, афзудааст, ки Шайх Ҷалоли Мултонӣ вайро бисёр таъриф кардааст. Аз навиштаҳои вай як фардбайтро меоварад:

Агар ин аст завқи бутпарастӣ, к-аз ту ман дорам,
Ба аҳди куфри зулфат ҳеҷ касро дин нахоҳад монд»[129,389].

Дар бораи он ки салотини вилояти Кошон Ризоӣ ном шоири ин маконро азиз медоштанд хабар дода, таъкид менамояд, ки мавсуф ашъори хуб, табъи латиф, фаҳми некӯ дошта аз шумори шоирони шакаррез аст. Сипас ин ду байтро меорад:

Аз он ба ваъдаи васлам умедвор кунад,
К-он чи ҳаҷр накардаст, интизор кунад [129,373].

****

Агар бар бистари ман гул фишонӣ, медамад оташ,
В-агар бар турбати ман об резӣ, дуд мехезад [129,349].

Мутрибии Самарқандӣ дар баробари зикри абёти шоирон ва васфи эшон бо ибораҳои тавсифӣ ҳамчунин аз дигар шоирони ҳамзабон намунаи ғазал ва рубоиро низ оварда, ҳунари баланди суханварии онҳоро ситоиш намудааст. Яке аз ин адибон Майлии Мирзоқулӣ мебошад, ки муаллифи тазкира ӯро аз хуштабъони машҳури Ироқ ва дар покизатабъӣ ягонаи офоқ мешуморад. Барои намуна аз ашъори боназокати вай ин ғазалро оварда мегӯяд, ки аз гуфтори латифи ӯст:

Чу ҳамраҳӣ ба ман он сарви хушхиром кунад,
Зи бими таъна ба ҳар кас расад, салом кунад.
На ошнову на бегонаро намедонад,
Ки ихтилоти чунинро касе чӣ ном кунад?!
Хаёли рӯи ту дар хотир аст халқеро,
Касе мулоҳизаи хотири кадом кунад?!
Зи дидани ту дилам ёфт лаззате, ки фалак,
Наузубиллаҳ, агар фикри интиқом кунад.
Бад-он расида, ки Майлӣ зи талхкомии ҳаҷр,
Майи висоли ту бар хештан ҳаром кунад [129,288].

Аз Рустами Мирзо, ки бо тахаллуси Фидоӣ шинохта шудааст хабар дода, менависад, ки «Фидоӣ дар мулозимати шоҳи ҷамҷоҳ - Акбарподшоҳ эъзоз дошт ва ашъорро некӯ мегуфта ва ин рубоӣ аз гуфтори латифи ӯст:

Дар ишқ агар феъли ту содиқ мебуд,
Маъшуқ ба суҳбати ту ошиқ мебуд.
Мегашт муроди ту, Фидоӣ, ҳама умр,
Гар дил ба забони ту мувофиқ мебуд»[129,346].

Мутрибии Самарқандӣ дар бораи шоирони номдору мумтози даврони хеш амсоли Боқии Кошонӣ, Муҳташами Кошонӣ, Ҷалили Даштибаёзӣ, Ғарибии Ҳиравӣ, Анисии Ироқӣ, Шерии Ҳиндӣ, Шайх Файзии Ҳиндӣ, Урфии Шерозӣ маълумоти бештар дода, оид ба мақому мартаба, шуҳрати суханварии онҳо, ҳусну қубҳи ашъорашон назари нақодонаи хешро баён намудааст. Андешаҳои наққодии Мутрибӣ дар бораи ин гурӯҳи адибон мушаххастару воқеитар сурат гирифтааст. Мутрибӣ аз ҷумлаи шуарои муътабар будани Анисии Ироқиро ва дар назди салотини он ҷо эҳтироми хоса дошта, ба мансаби китобдори ҳокими Ҳирот – Алиқулхон ифои вазифа намуда, пас аз тарафи Абдуллохон забт шудани Ҳирот ба Ҳиндустон рафта, дар мулозимати Хонихонон дохил шуданашро хабар медиҳад

Назирии Машҳадиро, ки аз шуарои машҳур аст ва дар фанни қасидагӯӣ бағоят пурзӯр шуморида, мартабаи шоириашро чунин баҳо додааст: «Маонии хубро дар ибороти марғуб муаддо гашта, рутбаи суханро ба мақоме расонида, ки ба беназирӣ мутафарриди замон гардида буд» [129,314]. Тоҳири Миқрозро парчамбардори фасоҳату балоғат қаламдод намуда навиштааст: «Ҷаноби фасоҳатшиор Мулло Тоҳир бад-ин гуна тахаллус намуда, алами фасоҳат ва рояти балоғат меафрозад. Аз фузалои пурзӯри машҳур аст. Таваллуд дар вилояти Ҳирот намуда, дар сиғари син ба фохираи Бухоро омада, дар кисвати озодагӣ таайюш менамуда ва ҳоло ки шуҳури санаи салоса ва ашара ва алфа аст, ашъори хуш ва гуфтори дилкашаш нақли ҳар маҷлис ва нуқли ҳар маҳфил гашта ва ин каминаро орзуи мулоқоти ӯ аз ҳад мутаҷовиз аст.

Худо маро ба висоли ту, дилрабо, бирасонад,
Ҳавои васли ту дорад дилам, Худо бирасонад.

Ашъори зебо ва қасоиди ғарро дорад ва дар гуфтани рубоӣ гӯӣ аз ақрон мерабояд ва мазмунро некӯ мебандад ва ин ғазалаш дар ин айём шуҳрати азим ёфта:

Дами назъ асту диламро ба ту бозоре ҳаст,
Гӯ, бирав ҷон зи танам, лаззати дидоре ҳаст.
Бӯи ёр аз дару девори ҳарам меояд,
В-арна ҳар ғамкадаеро дару деворе ҳаст.
Сад ҷаҳон ҷон ба нигоҳат диҳам, эй Юсуфи аҳд,
То бидонанд азизон, ки харидоре ҳаст.
Лантароние расад аз Туру бад-ин боз хушам,
Ки дар ин парда ниҳон муждаи дидоре ҳаст.
То раги ҷон накашад аз тани ман дасти аҷал,
Бутпарастон нашиносанд, ки зунноре ҳаст.
Карда Тоҳир ба ғамаш хӯй чунон мурғи дилам,
Ки наёрад ба ҷаҳон ёд, ки гулзоре ҳаст [129,238-239]

Мутрибӣ аз шоири мутози ҳамин даврон Урфии Шерозӣ, ки бо сабку услуби хеш миёни суханварони замон эътибори хоса дошт, бо эҳтиром сухан ронда, ӯро аз шуарои соҳибкамол ҳисобида, менависад, ки дар вилояти Шероз таваллуд шуда, таҳсили улум ҳамон ҷо карда, саромади фузалои замон гардида буд. «Девони ашъори ӯ дар назари ин фақир даромад, абёти хуб дорад». Ва ин байтро меорад:

Ба ҳар байти шоҳӣ назар кун, бубин,
К-аш оғоз хубу ниҳоят хуш аст» [129,330].

Мувофиқи маълумоти муаллифи «Тазкират-уш-шуаро» Урфии Шерозӣ дар фанни шеър зуфунун буда, дар ҳама қисматҳои шеър табъи баланд доштааст ва дар пайравии достонҳои Низомии Ганҷавӣ маснавиҳои «Хусрав ва Ширин», «Маҷмаъ-ул-абкор»-ро навиштааст. Инчунин Мутрибӣ яке аз хусусиятҳои хоси Урфиро дар фанни шеър онгуна маънидод мекунад, ки

«тахаллуси худро дар аксар рубоиёташ оварда ва ин тариқаро кам шоире илтизом намуда» [129,331].

Ахбори Мутрибӣ дар бораи Файзии Ҳиндӣ бештар буда, муаллиф дар асоси гуфтаҳои Файзӣ ҳиндунажод будани шоирро таъкид намуда, ақидаи гелониасл будани ӯро рад кардааст. Аз ҳамаи саноеии шеърӣ ва бадоеи фикрӣ огоҳии комил дошани Файзиро хотирнишон намуда мегӯяд: «Ин фақир девони абёти ӯро тамом китобат кард. Бағоят ашъори ҷонфизо ва маонии дилкушо мутолиа намуд ва аз саноеи мушкилаи шеърӣ қасидае бенуқта дар он ҷо зоҳир шуд» [129,343]. Мутрибӣ ҳамчунин хабар медиҳад, ки Файзии Ҳиндӣ бо Хоҷа Нисории Бухороӣ ғоибона дӯстиву рафақат дошта, барои Хоҷа Нисорӣ туҳфаҳои арзанда фиристодаву мукотибаи ҳамешагӣ доштааст ва Хоҷа Ҳасани Нисорӣ тибқи хоҳиши Файзӣ ба ашъораш ҷавоб ҳам менавиштааст.

Муаллифи тазкираи мазкур Ваҳшии Бофқиро аз «хуштабъони машҳури пурзӯри ироқӣ ва ба латофати гуфтор дар арсаи офоқ тоқ» ҳисобида, таъкид менамояд, ки ӯ ба латофати гуфтор дар арсаи офоқ тоқ аст. Баъдан ишора менамояд, ки зодгоҳаш аз музофоти Қазвин буда, ашъораш бағоят ширин ва гуфтораш аҷоибу рангин мебошад. Оид ба маснавиёту қитъаҳои зиёди Бофқӣ маълумот дода, таҳти унвони «Фарҳод ва Ширин» маснавие доштанашро, ки Мутрибӣ онро хондааст ишора намуда, таъкид месозад, ки ашъори Бофқӣ «ба маротиб аз маснавияш беҳтар аст» [129,197]. Мутрибӣ дар идомаи андешаҳои худ Доғии Ҳамадониро аз ҷумлаи шоирони тавонову шинохта муаррифӣ намуда, байтеро, ки дар ҷавоби Замирӣ гуфтааст, нек арзёбӣ намудааст:

Замирӣ:

Мо ба ҳасрат дида аз дидори ҷонон дӯхтем,
Тоқат овардему ин чоки гиребон дӯхтем.

Доғӣ:

Дар муҳаббат ҷомаи ҷон пора кардан кори мост,
Мо на ҳамчун булҳавас чоки гиребон дӯхтем.

Мутрибии Самарқандӣ аз шоири ҳамзабон Валии Даштбаёзӣ ёдоварӣ намуда, ӯро аз «шуарои машҳур ва фузалои пурзӯри Хуросон» номида, таъкид менамояд, ки мавсуф «дар хушгӯӣ шуҳраи ҷаҳон ва абёти хушаш аз садр то аҷз ба фасоҳат моил ва ҳашви масореаш ба балоғат шомил» аст. Баъдан бо ихлос ва эътиқоди комил навиштааст, ки: «касби фазоил дар вилояти Хуросон намуда, саромади шуарои замон ва фузалои даврон гардида ва дар гуфтани ҷамеи аснофи назм табъи салимаш бебадал ва зеҳни мустақимаш машҳур ба масал аст. Алҳақ, рояти суханварӣ ва илми нуктапарвариро дар арсаи майдони назмгустарӣ некӯ афрошта ва дар диққати маонӣ дақиқае номаръӣ (риоя накарда,диққат надода-М.М.) нагузошта. Аз замони сабо то овони нашъунамо аз дағдағаи гуфтани ашъор холӣ набуда ва авқотро сарфи сухансозӣ ва нуктапардозӣ менамуда» [129,197].

Дигар асаре, ки дар бораи рӯзгору осори суханварони ҳамзабон-шоирони муқими Эрон ва шаҳрҳои дигари Хуросон, маълумоти муфидро фарогир аст, тазкираи «Музаккир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ мебошад. Он гуна, ки қаблан қайд намудем, муаллифи «Музаккир-ул-асҳоб» шаш моҳ дар Эрон мусофират дошта, чунонки худ менигорад ҷойҳои муқаддас, оромгоҳҳои нобиғагони адабиёти тоҷику форсро зиёрат карда, бо аҳли илму адаби шаҳрҳои  Эронзамини ҳамон даврон мулоқоту суҳбатҳои судманд анҷом додааст. Инчунин дар маҳфилу маҷлисҳои адабии эшон ширкат варзида, бо суханварони зиёд ошноӣ пайдо намуда, бо онҳо дидору мулоқотҳо баргузор кардаааст. Ҳамчунин дар хусуси вазъи адабӣ, мазмуну мундариҷаи ашъори шоирони тоҷик ба суханварони эронӣ маълумот дода, дар бораи панҷоҳу шаш тан шоири зерин, ки дар Эрон ва дигар шаҳрҳои Хуросон зиндагиву эҷод намудаанд, маълумоти арзишманд ҷамъоварӣ намудааст: Дарвеш Одами Машҳадӣ [60,75], Мирзомуқим Эҳсони Машҳадӣ [60,77], Муҳаммадаминбек Наботии Нишопурӣ [60,82], Маҳдии Кошонӣ [60,113], Анвари Кошонӣ [60,114], Мирзо Бадеи Китобдор [60,122], Қозӣ Абдуллоҳи Беҳҷат [60,123], Боқии Кошонӣ [60,124], Баҳҷати Ироқӣ [60,134], Тоиби Ҳиротӣ [60,141], Тобеи Қумӣ [60,143], Ҳаётии Насрободӣ [60,155],

Хошии Хазорӣ [60,168], Ҳазини Ироқӣ [60,170], Доғии Куфайнӣ [60,176], Рафеъи Машҳадӣ [60,205], Рифъати Нишопурӣ [60,209], Зол Ҳокими Сархасӣ [60,215], Муҳаммадзамон Парвонаи Сифаҳонӣ [60,217], Ҳоҷӣ Фаридунбек Собиқи Исфаҳонӣ [60,271], Сарафроз Муҳаммадамин [60,288], Шайх Сабзаворӣ [60,290], Саидо Мирзосаидои Муншӣ [60,292], Соҳиби Кошонӣ [60,332], Тоҳири Насрободӣ [60,336], Али Ризои Хуросонӣ [60,349], Отифи Сифаҳонӣ [60,350], Фоизи Кошонӣ [60,358], Қассоби Кошонӣ [60,401], Козими Кошонӣ [60,404], Ҳоҷӣ Карими Нишопурӣ [60,408], Мустафиди Балхӣ [60,428], Мулло Муфиди Балхӣ [60,428], Масъуди Сифоҳонӣ [60,445], Матини Сифоҳонӣ [60,470], Насир Муштоқи Кошонӣ [60,477 ], Ҳодии Кошонӣ [60,584].

Маълумоти овардаи Малеҳои Самарқандӣ гоҳо муъҷазу мухтасар буда, ҳамагӣ аз чанд ҷумла иборат аст. Инчунин миқдори намунаи ашъор ҳам нисбат ба дигарон камтар аст, ки ба андешаи мо омили ба вуҷуд омадани ин ҳол метавонад аз ду ҷиҳат бошад: аввалан, шояд муаллиф оид ба ҳаёту эҷодиёти шоирон маълумоти ночиз дорад ва бо он чӣ дастрасаш аст, иктифо намудааст; сабаби дигар чандон соҳибмақом ва мартабаву шуҳрат, ҳатто маҳорату ҳунари баландро соҳиб нагаштани ҳамон суханварон аст, ки муаллифи тазкира оид ба сатҳу сифати шеър, ё маҳорати шоирии бархе аз онҳо сухане нагуфтааст. Масалан, дар бораи Огаҳии Кошонӣ гуфтааст: «Дар рости бозор дӯкони симсозӣ дорад.  Савдо баробари бозори шеърбофон аст ва маро ба дӯконаш гузор афтод. Дар майдони сангин дар қаҳвахонаи оғои Қиёсо мукаррaран мулоқот афтод. Зоҳир гардид,ки ӯ низ фирефтаи ин кор будааст. Бисёр мулоиминону чарбзабон, лисони гуфтораш нарм ва суҳбаташ гарм буд» [60, 113]. Пасон ду ғазали шоирро ба ҳайси намуна овардааст. Он гуна, ки мушоҳида гардид, аз ин маълумот дар бораи шеъри шоир, миқдори ашъори шоир, маҳорату ҳунари ӯ ишорате ҳам пайдо нашуд.

Агар ин навиштаҳои Малеҳои Самарқандиро бо маълумоти ӯ дар бораи Муқим Эҳсони Машҳадӣ муқоиса намоем, масъалаи мавриди баррасӣ рӯшан мегардад. Малеҳо дар бораи Мирзомуқим Эҳсони Машҳадӣ овардааст: «...аз

куҳнашоирони Хуросон ва аз муосирони Мавлоно Соиб аст. Пирамардест аз шуарои куҳан, мунақаъкаломест покизасухан, ибороташ фаҳмида ва ҳикоёташ санҷида, калимоташ беғаш ва муқаддамоташ дилкаш ва ҳақоиқи маонии ҷонфизояш чун дафоини арбоби балоғат ба латоифи балоғат муштамил, лавомеи алфози дилкушояш чун нукоти нуктасанҷон мудаққиқи мушкил, ҷавоҳири обдоре, ки дар силки интизом оварда ва луълуи шаҳворе, ки дар қайди назм кашидаи ӯст, дар синаи ҳеч як арбоби маонӣ ва асбоби фаҳму нуктадоне нест. Пайдост, ки таҳрири ашъораш мураввaҳи руҳ ва тақрири гуфтораш мафарраҳи дили маҷруҳ аст [60,78]. Он гуна, ки ба мушоҳида мерасад, ҳар як калимаву ибораи дар ин порча омада, амсоли «шуарои куҳан», «покизасухан», «ибороташ фаҳмида» «ҳикоёташ санҷида» «калимоташ беғаш», «ҳақоиқи маонии ҷонфизо» «чун дафоини арбоби балоғат ба латоифи балоғат муштамил», «луълуи шоҳворе» «таҳрири ашъораш мураввaҳи руҳ» ва «тақрири гуфтораш мафарраҳи дили маҷруҳ» бар он далолат мекунад, ки наққод бо суханвару каломи вай комилан шинос аст ва ҳар вожае, ки дар арзёбии шеъри шоир мавриди истифода қарор гирифтааст, асос, далелу бурҳон ва исбот мехоҳад ва саррофи сухан он далели шайъиро дорост,ки ба худ иҷозати баён кардани ин гуна андешаро медиҳад.

Зикри ин матолиб ба он маънист, ки Малеҳои Самарқандӣ дар баробари шоири тавоно будан, чун олими донандаи хуби улуми адабӣ, хосатан фасоҳату балоғат изҳори назар намудааст, ки ин вижагӣ дар ағлаби маълумоти тазкирааш ба мушоҳида мерасад. Дар навиштаҳои Малеҳо нуктаи дигари ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки вай дар бораи шоиру шеъраш дар ҳамбастагӣ сухан меронад, яъне нақди шоиру нақди шеър тавъам оварда шудааст. Маълумоти Малеҳо дар бораи бештари адибони ҳамзабон басо муфассалу доманадор буда, андешаҳои наққодии муаллиф фарогири паҳлуҳои гуногуни шеъри шуаро, амсоли мавзуъ ва мазмун, хусусиятҳои забонӣ, яъне истифодаи бамавқеи калимоту таъбирот, фасоҳату балоғати сухан, услуби баёни шоир мебошад. Дар баробари ин муаллиф андешҳояшро

дар бораи намуди зоҳирӣ, олами ботинӣ, шавқу рағбат, ақидаву ҷаҳонбинии суханвар, муносибат вай бо дигарон, қобилияту истеъдод, табъи шоириву дилбастагӣ ба ашъору афкори адибони дигар, татаббуъгӯиву дар кадом навъи шеър маҳорат доштан низ баён намудааст. Масалан, дар бораи Дарвеш Одами Машҳадӣ, ки дар суффаи сангини даруни равзаи Имом Алиризо, яъне дар поёни пойи имом менишастааст, чунин гуфтааст: «...марде буд баландқомат, зардинамӯй, сурхинарӯй, ва маҳосини расо хилофи шиаҳо дорад ва дилбастагӣ ба чизе намефаҳмонад ва даст аз ҳама чиз кӯтоҳ карда, бо каму беши рӯзгор коре надорад ва қуръае дар дасташ ҳар кӣ ният созад, қуръа андохта ботааммул ҷавоби босавоб мегӯяд ва тахаллуфи гуфтааш ҳаргиз намесозад ва ба ҳоли худ ин шеърро кардааст» [60,75]. Сипас байтеро ба ҳайси намуна меорад.

Аз суханваре бо исми Муҳаммад Аминбек Наботии Нишопурӣ ба хубӣ ёд карда, ӯро дар фанни шеъру донишварӣ ва нозукравӣ, диққати сухан ва соҳибтарзӣ беназир номида, мегӯяд, ки ӯ «мисл надорад». Роҷеъ ба ҳунари шоирии вай оварда, ки «умраш муттасил ба мушоира мегузарад ва татаббуи девони Назирии Нишопурӣ дорад ва аммо муътақиди шеъри Мирзо Абулҳасани Якто аст, аз ҷумлаи ин аст навиштааш:

Аҳде, ки дилам бо дили бемеҳри ту бастаст,
Боқист маро, гарчи туро аҳд шикастаст.
Дилҳои асирони ту симобфурӯшанд,
То акси ту дар хилвати оина нишастаст» [60,85].

Дар бораи фаъолияти ҳирфаӣ ва ҳунари шоирии Анварии Кошонӣ хабар дода, ашъор ва афкори вайро матин хондааст: «Номашро тахаллус кардааст ба санъати мисгарӣ машҳур аст, шогирди валади худ дар фанни шеър ва ҳам дар ин фан, шеъраш матин ва фикраш матин мебошад».

Захмро аз нохуни ҳиммат ба хун овардаем,
Доғи дилро аз сияҳбахтӣ нагун овардаем [60,115].

Малеҳо аз суханвари дигари ҳамзабони худ бо исми Қозӣ Абдуллоҳи Беҳҷат бо иродати тамом сухан ронда, ашъору атвори ӯро бо ибораҳои

болохонадоре монанди «фасеҳзабону малеҳбаён, мунқаътақрир, ширинлаҳҷаву хуштакаллум, суханфаҳму ба кунҳи маънирас» нақд намудааст. Ӯро «чун ҷавоне бо авсофу фазлу фазоил мавсуф» ва «боавсофи дониш маъруф, ҳамидахисолу писандидаафъол» хондааст.

Тавре ба назар мерасад, ҳар як вожа ситоиши зоҳиру ботини шоир ва хислатҳои ҳамидаи ӯ буда, дар айни замон аз сифоти муталлиқ ба шеъру шоирӣ, амсоли «каломаш аз лағву хато холӣ», «ҳар чӣ гуфта савоб», «ҳозирҷавоб» ва сифоти табъаш низ баён шудаанд. Яъне, гоҳо агар шоир ё шеъри вай дар алоҳидагӣ мавриди нақд қарор гирад ва хонанда ҳам дар борай шоир ё шеъри ӯ маълумот пайдо кунад, дар тарзи баёни Малеҳо ин маълумот тавъам омадааст ва ин ҷо шоирро аз шеъру шеърро аз шоир ҷудо тасаввур кардан номумкин аст, ки ағлаби андешаҳои Малеҳо маҳз ба ҳамин равиш ироа ёфтаанд. Тазкиранигори тоҷик баробари нақди шеъри суханварони ҳамзабон дар аксари маврид аз касбу кори онҳо, зодгоҳ ва ҷои истиқомат, ғайр аз шоирӣ дар кадом илми замона дасти дароз доштани эшон, ҳунари хаттотии баъзе аз адибон ёдоварӣ намуда, бештари онҳоро дар макорими ахлоқ ва маҳосини одоб саромад, дар ҷодаи инсоният боинсоф, дар суҳбат дилпазиру дар хондани шеър бемисл ҳисобидааст, ки чанд намуна чанде аз нақдҳои ӯ ин матлабро тасдиқ менамояд.

Тоиби Ҳиротӣ: «Дар ҳар илме соҳибкор, хосатан дар илми мусиқӣ, тиб, хаттотӣ, махсусан дар навиштани хати шикаста моҳир аст [60,142], Тобеи Қумӣ: «Ба ҳадси зеҳну ҷиддати табъ ва ба хуби вазъу макорими ахлоқ ва маҳосини одоб, ба лутфи ибороту ҳусни ҳикоёт ранги малол аз миръоти азҳоби суҳбат ва арбоби улфат мезудуд. Тозагии ашъору нозукии афкорашро баъди истимоъ иттилоъ мебояд [60,143], Ҳаётии Насрободӣ: «Дар хулқу одоб нури дидаи аҳбоб аст ва маҳбубулқулуб, ки аз маҳбуби муҳибон чун ҳаббулқулуб дар ҳадоиқи дилҳо ҷояш гардонида ва мақбулулиқбол аст, ки аз мақбули мақбулон  чун инсонуллайн дар ҳадиқаи дида маъвояш додаанд.., зиёда чи гуфта шавад. Мирзои оламиён ва нури чашми Сифоҳон аст ва ганҷест шойгону гавҳарест ноёб ва адимуламсолу беназир [60,155-156].

Ҳазини Ироқӣ: «Чун ботинаш ба нури ақл тамом ороста ва ба зевари хиради локалом пироста, некӯхисолу ҳамидаафъол, соҳибфатонату соҳибматонат» [60,170].

Дар бораи Рифъати Нишопурӣ, ки ҳанӯз хурдсол ҳам бошад, дорои табъи баланду истеъдоди фавқуллода будааст, чунин гуфтааст: «Дар матонату фатонати суханрасӣ аз ақрону мутабаҳҳирин аз ҳама пеш аст ва абёти ӯ холӣ аз мазмуни тоза нест ва агар умри гаронмоя сарф намояд, соҳиби шуҳрате чун Носиралӣ ва Шавкат хоҳад шуд» [60,210].

Малеҳои Самарқандӣ бо он ки дар бораи ашъори баъзе аз суханварон бо як ду ҷумла иктифо мекунад, ашъори қисмати дигарро ботафсил нақд намудааст, ки Ҳоҷӣ Фаридунбеки Сифоҳонӣ ба ҳамин даста шомил аст. Шояд тарзи гуфтори ин суханвар писанди ӯ гашта бошад, ки аз ашъори ин шоир дар ҳаҷми понздаҳ саҳифа намуна оварда, фазилати навиштаҳои ӯро чунин ба қалам додааст: «Сухансарои эронӣ, хусусан зурафои Сифоҳон ҳама муттафиқанд бар ин ки дар фазлу дониш Ҳоҷӣ Фарудунбек бар Соиб фоиқ аст ва шогирди Мавлонои мазкур мебошад...Фасоҳатро матлаи анвору балоғатро масдари осор аст, латофати шуаро забони килкашро пеша ва зарофати атвори баён силкашро андеша аст. Шеъраш дар бозори маонӣ бебаҳо, фикраш ҷавҳарест дар рӯзгор нопайдо. Ҳар чӣ аз шохи қаламаш мечакад, пухтамаънист ва раги хомӣ надорад ва ҳар чӣ аз забонаш сар бар мезанад, ҳама маънист, нокомӣ надорад. Дӯстонаш ҳар нафас беш аз пеш завқи суҳбаташ доранд ва муҳибонаш ҳама хайрандеш аз шавқу улфаташ... » [60,282-283].

Малеҳои Самарқандӣ перомуни ашъори Сайёҳи Сабзаворӣ сухан ронда, навиштаҳои ӯро «хушгувор» номида, чунин мегӯяд: «Дар зоҳиру ботин боинсоф, некиҳои мавсуф ба анвои авсоф маъруф, фаҳмидахӯии ҳолаш ва санҷидагии мақолаш ва либоси сайёҳати бетаалуқӣ аз дунё дар бар ва кулоҳе аз тарки «мо фиҳо» бар сар ва жандаи риёзат дар вай аз ҳазору як мех бештар... ҳар чӣ мегӯяду гуфтааст холӣ аз газофи шеър, шеъри хушгувораш чун оби гавҳарсофи оби равон аст» [60,294]

Малеҳо ашъори Соҳиби Кошонӣ машҳур ба охунди Масеҳоро ба гунаи зайл накд кардааст: «Толибилмест пурдағдағаву ангуштнамо ва илмталабест соҳиби мутолиа ва расо, дар муллоӣ шуҳраташ тамом ва дар суханрасӣ ҳиддаташ молокалом. Ба ҳаққи сухан расида ва сухан ба кунҳ расонида, дар дорулсалтанаи Сиҳафон, дар мадрасаи ҷадди олиасос шоҳ Аббос ба мубоҳисаву мунозира машҳур аст. Он чи ӯ мекард, ҳеҷ соҳибмаънӣ намекард, хулоса адои сухандонӣ ва шеваи суханпардозӣ, ки ӯ дорад, ақли соҳиб-назарон фасоҳате ба ин адо надида ва гӯшу ҳуши соҳибасарон аз ин зебо нашунида, шеъраш мақбули аҳли қабул:

Булбул ба гул нишон диҳад аз рангу бӯйи ту,
Парвона бо чароғ кунад ҷустуҷӯйи ту.
То бошадам баҳонае аз баҳри бозгашт,
Дилро ба ҷо гузошта рафтам зи кӯйи ту.

***

Зи маъшуқи касе кай комронӣ метавон кардан,
Ба умри дигарон кай зиндагонӣ метавон кардан.

Малеҳои Самарқандӣ дар бораи шеъри Фозили Кошонӣ, Козими Кошонӣ, Қассоби Кошонӣ, Фоизи Кошонӣ ва ғ.андешаҳои мушаххас баён намудааст. Аз ҷумла, дар бораи Ғафурхон, чунин гуфтааст: «Бо дастури падари хеш дукони атторӣ кушода, аз шеъраш бӯйи дору ба машоми ҷони беморони шавқ меояд ва аз зери ниқоби алфоз ва ибороташ ҳар замон шоҳиди маънӣ ҳар як ҷилва менамояд» [60,353]. Дар бобати манзилати сухан ва мақоми шоирии Фозили Кошонӣ мегӯяд: «Аз ҷумлаи фузалои Кошон аст ва афзалулшуарои вақти хеш аст. Марди фозилу донишкеш аст, дар ҷамеи ақрон фоиқ дар донишу мартаба аз ҳама собиқ, шамъи маҳфили аҳбоб ва чароғи маҷлиси асҳоб аст. Шуарои Кошон ва зурафои Эрон шеъри мушориунлайҳро тайминан ва табаррукан бар баёзи худ мебаранд ва сармашқи худ дар ин кор доранд ва фикрашро банду басти дигарест, ки ҳоҷат ба таъриф надорад [60, 356]. Ҳамчунин аз сифатҳои зерини Фоизи Кошонӣ ёдоварӣ намудааст: «Фоизи Кошонӣ Муҳаммадҳалим ном дорад. Мардест

ҳалим ва соҳиби табъи салиму вазъи мустақим аст. Андешаи гуфтораш арбоби фатонату фаросатро сабақ аст ва оростагии сираташ дар ниҳояти хуҷастагӣ ва пиростагии сураташ дар ғояти шоистагӣ [60, 358].

Малеҳои Самарқандӣ аз дигар шоири маъруфи эронӣ, ки зодаи Кошон аст ва тахаллуси Қассобро дорост, ёдоварӣ намуда, менависад: «Шеъраш дар қумоши дигар аст, ба ранги ӯ дар Кошон касе нест, тору пуди суханашро назокати дигар аст, фатонати ботинаш аз матонати зоҳираш пайдост, аз сурати теғи забонаш маънии шоирӣ ҳувайдост. Дар мазоҳу мутоиба бо ҳама ҳамзабону дар ширингӯйиҳо хушбаён, бо ҳама гармулфату бо ҳама ҳамсуҳбат, аз мутоиботи рангин ва ҳикоятҳои ширин даме фориғ нест, муқаррар аст, ки эрониён мардуми хушсухан мебошанд, хусусан мушоруни-лайҳ, ки аз муосиронаш Боқии Кошонӣ, Фоизи Кошонӣ мебошанд» [60,401].

Мақому мартабаи Козими Кошонӣ ба дараҷае будааст, ки шуарои эронӣ ба фармудаҳои вай риоят мекардаанд ва Малеҳо насрашро мурассаъ ва назмашро маснуътар аз ашъори пурсанъати шоирон ҳисобидааст. Ҳарчи мегӯяд хуҷаста, он чи мехонад барҷаста аст, устодони устоди шогирди ӯ шуарои Кошон ҳамеша ҷамъ дар гирди ӯ, суханаш дар шоирӣ бо ҳама муассир [60,404].

Аз рӯи навиштаҳои тазкиранигори мавсуф Ҳоҷӣ Карими Нишопурӣ «дар шоири шуҳраи офоқ буда, девонаш қариб ба панҷоҳ ҷузъ бошад дар назар даромад ва маснавӣ дар тақобули «Туҳфат-ул-ироқайн»-и халлоқулмаъонӣ Ҳоқонии Шарвонӣ дорад ва онро «Фавзи азим» ном ниҳодааст, ки шуниданӣ дорад. Шуарои эронӣ бар навиштаи ӯ таҳсин ва бар кардаи ӯ офарин доранд» [60,408]. Бино ба навиштаи Малеҳо шоири дигар Масъуди Сифоҳонӣ соҳиби се девон буда, қомати баланду тарҳи шоирона доштааст ва осори шоирӣ аз чеҳрааш ҳувайдову пайдо буда, шоирест пурзӯр, ки зӯраш аз шеъри лангардораш пайдост, мисли шуарои вақт дар банди рангу бӯ намондааст ва чун мавҷи зеҳнаш ҳарзагард нест ва чун насим ҳар сӯ намеравад, ашъору афкори намакини ӯ шоҳиди ҳол аст [60,445].

Малеҳои Самарқандӣ чунон баҳои баландро бо овардани вожаҳои муболиғаомез ва таркибҳои мушкилписанд дар бораи атвору ашъори чандин суханварони ҳамзабони дигар дар тазкирааш оварда, тарзи услуб ва мазомини навиштаҳои онҳоро бо ибораҳои «арбоби фатонату фаросат», «суханпардози яди байзо», «сарве аз ҷуйбори латофат», «сармояи биниш», «шоире аз баландии фитрат», «даҳони мушкин» ситоиш намудааст.

Муаллифи тазкираи «Музаккир-ул-асҳоб» дар бораи шеъри Мулло Замонӣ [60,552], Ваҳид Мирзо Тоҳири воқеанавис [60,573], Ваҳшат [60,575], Ваҳдат [60,576], Василӣ [60,577], Воқифи Туфангчӣ [60,582] баҳои воқеъбинона дода, Замониро шоири латиф ва дар ниҳояти матонат зариф хонда таъкид менамояд, ки: «вай дар ғояти фатонату латофат аст ва ба шоири машҳуру ба шеъри худ мағрур мебошад. Ҳар шеъри пастро табъи баландаш писанд намесозад ва зеҳни расояш ва шаҳбози табъи гирояш баҳри маънии кӯтоҳ чанг намеандозад». Осори насриву назмии Мирзо Тоҳирро ба таърифу тавсиф бениёз хонда, Ваҳшатро аз соири аъёни Исфаҳон мумтозу мустасно, аз муосирони кӯҳнашоирони он ҷо мешуморад: «Бо вуҷуди табъи поку зеҳни дарроки ӯ ҳама таҳсину офарин доранд ва ба матонати табъу фикри лангардораш шоҳид ва девонаш аз ашъори бисёр шуаро зоид». Ҳунари суханпардозии Ваҳдатро ситоиш намуда, «табъи ӯро дар шоирӣ матин ва ашъораш намакин» ба қалам дода, покизагии ашъори Восилиро аз оби зулол мусаффотар хондааст [60,576].

Аз Ҳодии Кошонӣ ҳамчун соҳиби дӯкони атторӣ ёд намуда, вайро аз куҳаншоирони он диёр меҳисобад ва таъкид месозад, ки: «Агарчи аз фатҳи пирӣ чеҳраи арғувонӣ ба заъфаронӣ мубадал шуда, забони пурханда ва даҳони мушкин дорад, гуфтори ширинаш ба қанд паҳлӯ мезанад ва аз атрҳои суханонаш димоғи ҷон муаттар мегардад [60,584]. Инчунин Ҳоҷӣ Муҳаммадҷони Доғистониро, ки бо тахаллуси Ҳастӣ машҳур будааст, марде дар ғояти фатонату матонат табъи баланду вазъи дилписанд дошта қаламдод намуда, ишора менамояд, ки вай дар шоирӣ яктост ва ҳамтои ӯ нопайдост. Ба

завқи суханварии вай баҳои баланд дода, мегӯяд, ки дар шоирӣ машҳур ва худро аз ҷумлаи муосирони Мирзо Соиб меҳисобад [60,587].

Ҳамин тариқ, аз омӯзиши тазкираҳои Мутрибии Самарқандӣ ва Малеҳои Самарқандӣ бармеояд, ки мусаннифони тоҷик аз осору авзои шоирони ҳамзабони сарзаминҳои ҳамҷавор ва Ҳинду Ироқ огоҳии комил доштаанд ва девони ашъори бархе аз шоирони машҳурро пурра хондаву китобат ҳам карда будаанд. Тазкиранависони тоҷик дар бораи шеъри шоирони машҳуру номашҳури хуросонӣ ва ҳиндӣ изҳори мулоҳиза намуда, ашъори баланди Қозӣ Абдуллоҳи Беҳҷат, Тобеи Қумӣ, Ҳаётии Насрободӣ, Хазини Ироқӣ, Ҳоҷӣ Фаридунбек Собиқи Сифоҳонӣ, Соҳиби Кошонӣ, Али Ризои Хуросонӣ , Фозили Кошонӣ, Қассоби Кошонӣ, Козими Кошонӣ, Ҳоҷӣ Карими Нишопурӣ, Масъуди Сифоҳонӣ, Матини Сифоҳонӣ, Насир Муштоқи Кошонӣ, Наҷоти Сабзаворӣ, Наҷиб, Ваҳшатро нақду баррасӣ намуда, ҳусну қубҳи ашъор ва хулқу атворашонро мавриди баррасӣ ва арзишгузорӣ қарор додаанд.

## Хулосаи боби сеюм

Таҳаввулоту тағйироте,ки дар адабиёти асрҳои XVI-XVII дар зери таъсири вазъи сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмӣ, фарҳангиву адабӣ ба вуҷуд омада буд, дар таърихнигориву тазкиранависӣ низ таъсири амиқ расонид. Вобаста ба коҳишу пастравии адабиёти дарборӣ, рушду нумӯи адабиёти ҳунармандӣ, фаъолияти густардаи маҳфилҳои адабӣ дар майдону қаҳвахонаву чойхонаҳо, манзилҳои зисти аҳли фазл, баъдтар бо беҳтар шудани авзои сиёсӣ ва рӯ ба инкишоф овардани адабиёти дарборӣ ҳолу ҳавои аҳли илму эҷод ва мардуми адабпарвар, мазмуну муҳтавои шеъру адабиёт низ тағйир ёфта, нақди адабӣ низ ба марҳилаи таҳаввулу татаввур роҳ пеш гирифт.

Ин падида бештар дар тазкиранависӣ инъикоси худро пайдо намудааст. Муаллифони тазкираҳои давраи аввал бо зикри маълумоти мухтасар доир ба ҳаёту фаъолият ва чанд намунаи ашъори шоирон иктифо варзида, бо таърифу

тавсифҳои муболиғаомез ва умумигӯиҳои маъмуливу ситоишҳои аз ҳад афзун ба шоиру шеъраш баҳо додаанд.

Маҳз дар ҳамин асрҳо таҳияи тазкираҳо ва осори таърихии зиёд ба чашм мерасад, ки муаллифи ҳамин сатрҳо дар замимаи китоби хеш таҳти унвони «Масъалаҳои нақду сухансанҷӣ дар адабиёти тоҷику форс (асрҳои XVI-XVII)» дар бораи чилу се тазкираҳо ва сию се асарҳои таърихӣ, ки дар Мовароуннаҳру Хуросон ва Ҳиндустон таълиф шудааанд, маълумоти мухтасар овардааст.

Тибқи андешаҳои муҳаққиқон тазкираҳои ин даврон аз тазокири давраҳои қаблӣ аз он ҷиҳат тафовут доранд, ки муаллифони тазкираҳои асрҳои XVI-XVII дар баробари таваҷҷуҳ ба тарҷумаи ҳол ва намунаи ашъори суханварон нисбат ба сатҳу сифати шеъри онҳо, интихоби тахаллус, мазмунбандӣ ва истифодаи саноеи бадеӣ андешаҳои интиқодии хешро низ баён намудаанд. Инчунин муаллифони тазкираҳои ин асрҳо дар бораи ахлоқу атвор ва фазилатҳои шоир, дараҷаи камолоти вай, бархурдорӣ аз илму фазл, мақому мартаба, дар куҷо таълими шеър гирифтан, хислатҳои ношоистаи баъзе аз суханварон маълумот додаанд.

Дар тазкираҳои даврони мадди назари мо, монанди «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ, тарҷумаҳои форсии «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ, «Бобурнома»-и Мирзо Бобур, «Тазкираи Насрободӣ»-и Тоҳири Насрободӣ, «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Муҳаммад Мутрибии Самарқандӣ, «Туҳфат-ус-сурур»-и Дарвешалии Чангӣ, «Майхона»-и Абдуннабии Фахруззамонӣ, «Музаккир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ, «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ, «Каламот-уш-шуаро»-и Муҳаммадафзали Сархуш дар баробари маълумоти шарҳиҳолӣ, андешаҳои интиқодӣ вусъат пайдо намуд, ки мазмунбандиву тасвирсозӣ, норасоии вазни шеър, номувофиқатии таносуби лафзу маънӣ, хато интихоб намудани тахаллус, ахлоқи касоди суханварон бебокона мавриди интиқод қарор гирифтааст. Баъди пайдоишу густариши сабки ҳиндӣ ва рӯи кор омадани навъҳои мураккаби он бо номҳои «тарзи хаёл» ва «тарзи

печидаи хаёл» миёни адибони эрониаслу ҳиндиасл як рақобати сабкӣ пайдо гардида, он ба ҳисси бадбинии қавмию миллӣ расида, дар навиштаҳои тазкира-нависону муҳаққиқон инъикос ёфт .

Дар улуми адабӣ ришта ё шохаи нави таҳқиқ пайдо шуд, ки шеваи нақду наққодӣ дар тазкираҳоро мавриди баҳсу натиҷагирӣ қарор додааст ва дар ин самт рисолаву монография ва мақолаҳои зиёде таълиф шудаанд. Мувофиқи хулоса ва андешаҳои муҳақиқон дар тазкираҳои ин давр бештар чунин шеваҳои нақд ба назар мерасад.

Нақди шоир, ки дар ин навъи нақд шахсияти шоир ва хислатҳои ҳамидаи он мавриди арзёби қарор гирифтааст. Дар баробари ин дар хусуси хислатҳои номақбули шуаро изҳори назар карда шудааст, ки ин ҳолро дар ҳамаи тазкираҳои фавқуззикр мушоҳида карда метавонем. Ҳамчунин дар ин қисми нақд оиди тахаллуси шоирон ва интихоби нодурусти он андешаҳои интиқодӣ баён шудаанд.

Нақди шеър аз якчанд қисматҳои таркибӣ иборат аст. Тазкиранавис вобаста ба сатҳи маълумот ва огоҳӣ аз муҳтавои девони шоирон, андешаҳои олимону мунақиддонро дар бораи ин ё он шоиру ашъораш аз нуқтаи назари татаббуъ ва ҷавобгӯӣ, пайравӣ, риояи меъёрҳои суннатӣ, арӯзу қавофӣ, истифодаи саноеи бадеӣ, шакл ва жанрҳои шеърӣ, фасоҳату балоғат, нақди ислоҳ оварда, назари интиқодии хешро низ иброз намудааст, ки дар маҷмуъ аз саҳми боризи тазкиранависони асрҳои XVI –XVII дар ривоҷи нақди адабӣ дарак медиҳад.

Баррасиҳо далел бар онанд, ки муносибати тазкиранависон ба ашъори шоирони шинохтаи асрҳои пешин ва ҳамзамононашон гуногун буда, дар баъзе аз тазкираҳо бадбиниву тамасхур ва истеҳзову таҳқири аҳли адаб ба ҳамдигар нақл шудааст, ки ин ҳол бештар дар «Сафинаи Хушгӯ» ба чашм мерасад. Бар асоси андешаҳои ғаразноку нақдҳои ағлаби шоирону тазкиранависони ҳиндунажод дар тазкираҳои ҷомеи хеш нисбат ба адибони номдор беэътиборӣ зоҳир намудаанд, ки инро дар мисоли ҳамаи тазкираҳои нимаи дуюми асри XVII ва давраҳои баъд мушоҳида метавон кард.

Шоирон ва тазкиранигорони эронӣ ба эътироз дар муқобили ин падидаҳои муғризона дар ашъору тазкираҳои хеш ин адибони тафриқаандозро сарзаниш кардаанд, ки ин масъала дар осори Ҳазини Лоҳиҷӣ ва Волаи Доғистонӣ ба таври мушаххас баррасӣ шудааст. Ҳамчунин онҳо ба шахсият ва осори гаронарзиши устодони шеър Аҷам, амсоли устод Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Анварии Абевардӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Саноии Марвазӣ, Умари Хайём, Низомии Ганҷавӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Саъди Шерозӣ, Хоҷа Ҳофиз, Мавлоно Ҷомӣ арзи эҳтиром гузошта, аз эҷодиёти онҳо мисолҳои фаровонро ба ҳайси намуна зикр кардаанд.

Тазкиранигорони тоҷиктабор, ки дорои донишу саводи мукаммали шинохти адабиёту шеър буданд, дар тазкираҳои худ ба ашъори шоирони ҳамзабонашон дар Эрону Афғонистон ва Ҳинду Ироқи ҳамон даврон баҳои одилонаву мунсифона дода, баробари ин меъёри одобу эҳтиромро нигоҳ доштаанд, ки намунаҳои он дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ ва «Музаккир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ зикр карда шуд.

Шеваи таълифи тазкираҳои ин ҳавзаҳои адабӣ бо чанд хусусияти хоси хеш аз тазкираҳои асрҳои гузашта тафовути ҷиддӣ дошта, ҷанбаи наққодии он вусъат ёфтааст ва ҷанбаҳои амаливу назарии нақди шеърро такон бахшидааст.

# БОБИ IV

# НАҚДИ ШЕЪР ДАР МАҲФИЛҲОИ АДАБӢ

## 4.1. Нақди шеър дар китобҳои адабиётшиносӣ ва осори дигар

Нақди адабӣ ба сифати ҷузви улуми адабӣ руҳияи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии давру замонро дар худ таҷассум намуда, тағйироту таҳаввулоти ҳаёти адабиро мавриди баррасиву арзёбӣ қарор медиҳад, истиқбол ва ё инкори падидаҳои нави адабиро, ки оинаи андешаву афкори ҷомеа мебошад, таъйид мекунад.

Давоми асрҳои XVI-XVII дар ҳавзаҳои адабии Хуросону Мовароуннаҳр ва Ҳиндустон осори зиёди таърихӣ, адабӣ ва илмӣ таълиф шудаанд, ки барои омӯзиши вазъи ҳаёти сиёсӣ, илмиву фарҳангӣ, шароити сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳамон замон дорои аҳаммият мебошанд.

Осори мазбурро, ки андешаҳои адабӣ, авзои илмиву эҷодӣ, фаъолияти суханварону вижагиҳои ашъори онҳоро фаро гирифтаанд, инчунин меросу афкори шуарову нависандагонро мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор додаанд, метавон ба таври зер дастабандӣ намуд:

1. Осори адабиётшиносӣ;
2. Осори таърихӣ;
3. Осори ёддоштию таърихӣ.

**Нақд дар асарҳои илмии адабиётшиносӣ**

Дар асрҳои XVI-XVII оид ба арӯзу қофия ва дигар навъҳои фунуни адабӣ асарҳои арзишманди «Дурар-ул-баҳр», «Рисолаи муаммо», «Маҷмаъ-ус-саноеъ фӣ улум-ул-бадоеъ»-и Низомиддин Аҳмад, «Риёз-ус-саноеъ »-и Улфати ибни Ҳусайни Соваҷӣ ва ғ. таълиф шуданд, ки дар инкишофи адабиётшиносии классикӣ мавқеъ ва аҳаммияти хосро доро мебошанд.

Бино ба таъкиди Абдулҳусайни Зарринкӯб «Сироҷиддин Алихони Орзу, ки аз ҷумлаи умарои машҳури ин давлат (Темуриёни Ҳинд -М.М.) будааст, китобе навишта дар нақди девони Ҳазин ва абёти ғалати бисёре аз он девон баровардa ва қисмате аз ин рисоларо Вола дар «Риёз-уш-шуаро»-и хеш нақл

кардааст» [173, 431].

«Маҷмаъ-ус-саноеъ-фӣ-улум-ул-бадоеъ»-и Низомиддин Аҳмад ибни Муҳаммадсолеҳ, ки соли 1690(1068 ҳ.қ.) таълиф шуда, ба Шоҳиҷаҳон, ки «гӯё Низомиддин Аҳмад ҳамроҳи падари фозили худ дар дарбори ин подшоҳ рафтуомад доштааст» [3, 22] тақдим шудааст, аз шумори беҳтарин осори адабиётшиносии аҳди мазкур эътироф гардида, бо сарсухан, тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммади Хушкоб соли 1394 ҳиҷрӣ дар Теҳрон ба табъ расидааст. Низомиддин Аҳмад аз падар ва бародараш бо номи Абдулатиф, ки аз аҳли фазл будаву шеър мегуфтаанд, ёд карда дар бахшҳое монанди таҷниси том, радд-ул-садр илалаҷз, таҷниси зоид, мукаррар, муҳтамал, ташбеҳ, киноят, ал-руҷуъ, ал-муболиға, ал-лаффу нашр, тазод, ал-ибдоъ ва сирқоти шеърӣ аз падар ва дар бахши алтаҷрид байте аз бародараш мисол овардааст [3, 22].

Мувофиқи маълумоти Муҳаммад Хушкоб аз ин асар олимону адибон истиқболи гарм намудаву аз он истифодаи фаровон кардаанд. Аз ҷумла, Мир Абдурраззоқ Самсомуддавла маъруф ба Шоҳнавозхон китобе дорад ба номи «Баҳористони сухан», ки яке аз бахшҳои ин китоб дар бораи саноеи адабист. Шоҳнавозхон дар таълифи ин китоб аз «Маҷмаъ-ус-саноеъ» истифода бурда, бисёре аз санъатҳои бадеиро айнан аз рӯйи «Маҷмаъ-ус-саноеъ» истиқбол карда, шоҳиди мисолро низ ба ҳамон тартиб овардааст. Ғиёсиддин Муҳаммади Ромпурӣ  дар «Ғиёс-луғот» вожаҳоеро, ки марбут ба фунуни балоғат аст, бар асоси «Маҷмаъ-ус-саноеъ» дарҷ намудааст[3, 22]. Ин асар аз фаслҳои зерин иборат аст:

Фасли аввал дар тақсими калом;

Фасли дуюм дар баёни саноеи лафзӣ;

Фасли сеюм дар зикри саноеи маънавӣ;

Фасли чорум дар сирқоти шеърӣ ва баёни баъзе алфоз, ки дар ин фан муносибат доранд ва хотима.

Дар фасли аввал муаллиф бобати аз назму наср иборат будани каломи бадеъ андеша ронда, вижагиҳои ҳар як навъро баён намуда, менависад:

«Бидон ки калом манзум аст ё мансур. Аммо мансур се қисм аст: марҷуз ва саҷъ ва орӣ. Марҷуз он аст, ки вазни шеър дорад, аммо қофия надорад ва мусаҷҷаъ он аст, ки қофия дораду вазн надорад ва орӣ он аст, ки аз ин ҳар ду орӣ аст, яъне на вазн дорад, на қофия. Қофия бе вазн шеър нест, чунончи вазн бе қофия шеър нест. Аммо каломи манзум, даҳ қисм аст: ғазал, қасида ва ташбиб, қитъа ва рубоӣ, фард ва маснавӣ, тарҷеъбанд, мусаммат ва мустазод» [4,1а]. Сипас, муаллиф аз осори саромадони адабиёти асрҳои мухталиф монанди Унсурӣ, Фаррухии Сиистонӣ, Асҷадӣ, Рашиди Ватвот Абӯшакури Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Хоҷа Ҳофиз, Амир Хусрав, Анварии Абевардӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Абдулвосеи Ҷабалӣ, Абуисҳоқи Атъима, Дарвеши Деҳакӣ вобаста ба ҳар яке аз жанрҳои адабӣ мисолҳо овардааст.

Дар фасли дуюм оид ба ҳафтоду се санъати лафзӣ баҳс ороста, аввал маънои луғавӣ, сипас маънои истилоҳии саноеи бадеиро шарҳ медиҳад ва аз ашъори шоирони мутақаддим ва муосир мисолҳо меоварад.

Дар фасли сеюм панҷоҳу ҳафт санъати маънавӣ баррасӣ гардида, ба ҳайси намуна мисолҳо оварда шудааст. Гоҳо мисолҳои овардаи Низомиддин Аҳмад бо мисолҳои Шамс Қайси Розӣ ва Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ мутобиқат доранд, аммо бисёр мисолҳои мазкур дар «Маҷмаъ-ус-саноеъ» ба тозагии худ имтиёз мекунанд.

Ба андешаи мо, фасли чоруми ин рисола, ки «Дар сирқоти шеърӣ» ном дорад, бо назардошти фарогирии накдҳои ҷолиб аҳаммият ва арзиши хосаро доро мебошад.

Муаллиф дар бахши сирқоти шеърӣ менависад: «Сирқот-дуздист ва сирқоти шеърӣ он аст, ки шоир шеър ё мазмуни дигаре ба номи худ кунад...» [4, 91а]. Низомиддин Аҳмад дар шарҳу тавзеҳи сирқоти шеърӣ, ки яке аз уюби шеър аст, андешаву хулосаҳои Шамси Қайси Розӣ ва Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнро инкишоф дода, бар он ақида аст, ки «Сирқот ду қисм аст: қисмати зоҳирӣ ва қисмати ғайризоҳирӣ ва ҳар кадом аз ин муштамил ба се тариқ» [4,91-а]. Баъдан менависад, ки шабе дар Балх маҳфили шеър баргузор шуд ва Мавлоно Абдуллоҳ ном ҷавоне ин ду байти Ҳасани Рафеъро бе ҳеҷ

тағйире ба номи худ хонд:

Сабза аз мижгони ман сармашқи шодобӣ гирифт,

Наргис аз чашми тарам таълими бехобӣ гирифт.

Накди ашкамро ба зӯр аз мардуми чашмам рабуд,

Корвон кардам, ки боҷ аз мардуми обӣ гирифт [ 4,91а].

Дар тариқи дуюм аз қисми зоҳир, ки маънии шеъри дигареро ба тамом гирифтан, ё тағйир додани баъзе вожаҳо, ё иваз намудани баъзе аз алфоз бо муродиф дар баробари овардани намунаҳо аз китоби Шамс Қайси Розӣ ва Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ мисолҳои тоза ҳам овардааст. Чунончи Амир Муизӣ гуфта:

Мардум ба шаҳри хеш надорад басе хатар,

Гавҳар ба кони хеш надорад басе баҳо [4,91б].

Ҳаким Анварӣ гуфта:

Ба шаҳри хеш дарун бехатар бувад мардум,

Ба кони хеш дарун бебаҳо бувад гавҳар [4,91б].

Мисоли дигар аз Шайх Низомӣ, ки фармудааст:

Нашояд ёфтан аз ҳеҷ барзан,

Вафо дар обу дар шамшеру дар зан [4,92а].

Ва дигаре гӯяд:

Аблаҳ шуда аз зан вафо металабӣ,

Аспу зану шамшери вафодор кӣ дид? [4,92а].

Дар тариқи сеюм аз қисми зоҳир, ки маънии шеъри дигареро тамоман гирифтан «ва ҷамеи алфозро бигардонад ва муродиф орад» аст, мисоли зеринро зикр кардааст. Чунончӣ Фаррухии Сиистонӣ гуфта:

Ман нагӯям, ки абрмонандӣ,

Ки ба  танг оядат аз хирадмандӣ.

Ӯ ҳамебахшаду ҳамегиряд,

Ту ҳамебахшию ҳамехандӣ [4,92а].

Ва Мулло Муҳаммади Хоразмӣ амсоли ҳамин маънӣ овардааст:

Гуфтан, ки дасти туст ба вақти сахо саҳоб,

Мадҳест дар ниҳояти эъҷозу ихтисор.

Ӯ гиряду ба унф диҳад чанд қатра об,

Ту хандию ба лутф кунӣ базли бешумор [4,92а].

Низомиддин Аҳмад қисми ғайризоҳирриро низ аз се тариқ иборат дониста, ба ҳар тариқ мисолҳо меорад. Тариқи аввал он аст ки мазмуни ҳар ду шеър муташобеҳ бошанд. Устод Рӯдакӣ фармудаанд:

Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,

Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор [4,92а].

Шабеҳи ҳамин маъниро Абӯшакури Балхӣ гуфтааст:

Магар беш пеш оядат рӯзгор,

Ки беҳ з-ӯ наёбӣ ту омӯзгор [4,92б].

Ва ҳамин монандии мазмунро дар абёти Амир ва Восифхони Ҷаъфарӣ мушоҳида менамоем, ки дар мавзуии муҳаббат сароидаанд:

Парирӯ аз бурун олудаи шарм,

Дарун аз шуълаҳои дӯстӣ гарм [4,92б].

Восифхони Ҷафъар дар достони «Хусрав ва Ширин овардааст:

Лабаш як «не» табассум карда мегуфт,

Ҳазор «оре» дилаш дар парда мегуфт [4,92б].

Тариқи дуюми шакли ғайри зоҳир чунин аст, ки шоир маънии шеъри дигареро дарёфт намуда, онро ба шеваи дигар нишон диҳад. Байтҳои шоирон Мухторӣ ва Варзии Нишопурӣ, Амир Хусрав ва Восифхон Ҷаъфар ба ҳамин гуруҳ нисбат доранд:

Куҷо шуд он зи қабои дарида дӯхта чатр,

Кунун бибояд чатраш дарида дӯхт қабо [4,92б].

Варзии Нишопурӣ фармудааст:

Ба азми хидмати даргоҳи ту ба ҳар тарафе,

Басо мулук, ки аз аз тоҷ мезананд камар [4,92б].

Амир Хусрав дар сифати шамшер гуфтааст:

Ба бозӣ силоҳ асҳоби шамшер,

Зи панҷа барзада шамшер чун шер [4,92б].

Восифхони Ҷафъар ҳамин маъниро ба гунаи дигар оварда:

Силоҳи ҷанг дар дасташ чунон чуст,

Ки гуфтӣ ҳамчу шер аз панҷааш руст [4,92б]

Тариқи сеюми қисми ғайризоҳир чунин аст, ки шоир маънии шеъреро қалб намояд ва бархилофи ӯ зоҳир созад, ба тариқи латиф ва тарзи зариф.

Амир Муизӣ гуфта:

Он зулфи мушкинбор ба бари рӯйи он нигор,

К-ӯ кутаҳ аст кутаҳӣ аз уй аҷаб мадор.

Шаб дар баҳор майл кунад сӯи кутаҳӣ,

Он зулф чун шаб омад аз ӯй  чун баҳор [4,93а].

Низомиддин Аҳмад ҳам мисли Шамс Қайси Розӣ ва Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ қисмҳои ғайризоҳириро ба шарте, ки шеъри дуюм ҳам аз ҷиҳати балоғату латофату салосат ва ҳам аз ҷиҳати маънову ҳусн ва таркибу мазмун аз шеъри аввалӣ барҷастатару хубтар бошад, мақбул шуморида, ба ғайр аз байтҳои Азрақӣ ва Анварӣ, ки дар китобҳои пешина оварда шудаанд, мисоли зеринро овардааст:

Аз Фаррухии Сиистонӣ:

Ба қад ту гуфтӣ сарв аст, дар миёни қабо,

Ба рӯй гуфтӣ моҳест,барниҳода кулоҳ.

Чу моҳ буду чу сарв, на моҳу на сарв,

Камар набандад сарву кулоҳ надорад моҳ [4,93б].

Аз Рашиди Ватвот:

Ба моҳу сарв аз онат намекунам ташбеҳ,

Ки ин сухан ба бари оқилон хато бошад.

Туӣ чу моҳ агар моҳро кулаҳ будӣ,

Туӣ чу сарв, агар сарвро қабо бошад [4,93б].

Аммо дар сурати аз ҷиҳати узубияту нафосат ноқис будани байти дуюм аз аввалӣ ва ё ҳампоя набудани онро ба байти якум «қабеҳу мазмум»

шуморида, абёти зеринро мисол меорад:

Сафар гузидаму гуфтам гурезам аз ғами ту,
Агарчи дур бирафтам, ғами ту афзун шуд [493б].

****

Сафар кардам, ки аз дардаш раҳам, лек
Ғами ишқаш ба ҳар манзил фузун шуд [4,93б].

Низомиддин Аҳмад бар он назар аст, ки на ҳамеша мушобеҳ будани шаклу мазмуни ашъори ду шоирро ба сирқоти шеъриву дуздӣ ҳукм кардан ҷоиз аст, зеро «маълум набувад, ки шоири дуюм аз шоири ававал бурда ва ҳангоми иншо шеъри ӯро ба хотир дошта ва илло метавонад буд, ки қабили таворуди хотирҳо бошад, яъне он чӣ ба зеҳни шоири аввал хутур карда ба ҳасби иттифоқ ба зеҳни ин ҳам хутур карда бошад, чунончи Камолиддини Исмоил гӯяд:

Магар таворуди хотир, ки дар маҷрои он,
На мумкин аст, ки кас маъруз шавад бар вай.
Ду роҳрав, ки ба роҳе раванд бар як самт,
Аҷаб набошад агар фитанд пай дар пай [4,93б].

Муаллифи «Маҷмаъ-ул-саноеъ» барои тасдиқи ин андешаи Камолиддини Исфаҳонӣ чандин мисол, аз ҷумла ҳикояти зеринро меорад:

Дар «Маҷмаъ-ул-наводир» мастур аст, ки навбате Мир Низомиддин Шайхам қасидае дар мадҳи Султон Амири Самарқандӣ дар силки назм кашида, ҷиҳати талаби ислоҳ ба назари Мир Алишер расонид ва он ҷаноб баъд аз тааммулу андеша гуфт, ки баъд аз байте, ки муштамил бар исми мамдуҳ аст, байти дигаре бояд, то сухан марбут шавад. Амир Шайхам тасдиқ намуд ва ин маънӣ намуда илтимос карда, ки ин байтро Шумо дар силки назм дароред. Он ҷаноб фармуда ки шумо ҳам фикр намоед, то ман байт тааммул кунам. Он гоҳ ҳар як давоту қаламу коғазпора дар пеш ниҳода мутафаккир шуданд. Баъд аз лаҳзае ҳар як байте навишта ба якдигар доданд, ки ҳарфе ҳам зи ҳам тағйир надошт. Ва он байт ин аст:

Баҳору боғи ҷавонӣ ниҳоли гулшани адл,

Гули риёзу карами сарви бӯстони вафо [4,94а].

Ҳамчунин, таворуд шудани як байти падарашро, ки дар сифати каманд гуфта шудааст, бо байти Мирзо Муҳаммади Боқӣ аз маснавии «Мӯсо ва Муҳайё», ки дар ҳамон айём тарҳ андохта буд, меорад:

Каманде ҳамчу зулфи моҳрӯён,

Хам андар хам чу ҷаъди мушкбӯён [4, 93а].

Таҳлилу баррасии мавзуии мавриди баҳс далолат мекунад, ки дар «Маҷмаъ-ус-саноеъ» афкору андешаҳои ҷолиби нақдодӣ баён гардида, муаллиф тавонистааст, ки чанд абёти тозаро ҳамчун шоҳид оварад. Рисолаи мазкур аз ҷумлаи беҳтарин асарҳои адабиётшиносии даврони мадди назар ба ҳисоб рафта, аҳаммияти илмии худро гум нахоҳад кард. Олимону муҳаққиқон дар омӯзиши шеваҳои нақди адабӣ дар осори адабиётшиносии аҳди мазкур ин рисоларо сарчашмаи муҳими адабиёти асрҳои XVI-XVII арзёбӣ кардаанд.

**Нақд дар осори осори таърихӣ**

Дар қаламрави забони форсӣ-тоҷикӣ он қадар осори таърихӣ таълиф шудаанд, ки ба қавли ховаршинос Ҳерман Этте «шумори онҳо ба андозаи реги равони канори дарё зиёд аст» [235,279]. Воқеан, дар давоми асрҳои XVI-XVII дар Хуросону Мовароуннаҳр ва қаламрави Темуриёни Ҳинд осори зерини таърихӣ таълиф шудаанд, аз ҷумла: «Аҳсан-ут-таворих»- и Ҳасанбеки Румлу, «Фатҳнома»-и Мулло Шодӣ, «Шайбонинома» ва «Футуҳоти хонӣ»-и Камолиддин Биноӣ, «Ҳабиб-ус-сияр», «Равзат-ус-сафо»-и Хондамир, «Зафарнома»-и Бадриддин ибни Абдусаломи Кашмирӣ, «Меҳмонномаи Бухоро»-и Фазлуллоҳи Рӯзбеҳон, «Шарафномаи шоҳӣ» -и Ҳофизи Таниш, «Таърихи Рашидӣ»-и Мирзо Муҳаммад Ҳайдар, «Таърихи Вассоф»-и Шаҳобиддин Абдуллоҳи Шерозӣ, «Бобурнома»-и Заҳируддин Бобур, «Таърихи Ҳумоюншоҳӣ», «Ойини Акбарӣ», «Акбарнома», «Табақоти Акбарӣ»-и Абулфазли Алломӣ, «Мунтахаб-ут-таворих»-и Абдулқодир Мулукшоҳи Бадоунӣ, «Таърихи Алфӣ»-и Қозӣ Аҳмад Осафхони Қазвинии

Татавӣ, «Таърихи Фаришта»-и Муҳаммадқосими Фаришта, «Ҳумоюннома»-и Гулбаданбегим, «Таърихи Ҳумоюн»-и Боязиди Баёт, «Маосири Раҳимӣ»-и гурӯҳи муаллифон, «Савонеҳи Акбарӣ», «Тузуки Ҷаҳонгирӣ»-и Нуриддин Муҳаммад, «Таворихи Ҷаҳонгиршоҳӣ» ва «Шоҳиҷаҳоннома»-и Муҳаммад Солеҳи Канбу.

Дар осори ёдшуда давраҳои ҳукмронии шоҳону амирон ва ҳам вазъи сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва ҳаёти илмиву фарҳангии ин сарзаминҳо ҳаматарафа инъикос ёфтааст. Ин осори мутааддиди таърихӣ, асосан оид ба таърихи салтанати хукуматдорони давр, тарғиби сиёсати салотин, тасвири лашкаркашиҳо, муҳорибаҳои байниҳамдигариву кашмакашҳои дохили дарборӣ, бунёди мадрасаву масҷид, қасру кушку боғ, ҷараёни шикору маҷлисҳои дарборӣ, вазъи ҳаёти илмиву фарҳангӣ маълумоти пурарзиш медиҳанд.

Яке аз вижагиҳои хоси осори таърихии классикӣ дар он аст, ки ағлаби муаллифони асарҳои таърихӣ ба тасвири хушки ҳодисаву воқеоти тасвиршаванда напардохта, бар он сайъу талош намудаанд, ки аз унсурҳои адабӣ, махсусан, насри мусаҷҷаъ, ҳатто аз саноеии бадеӣ ба таври фаровон истифода намоянд. Дар бисёр маврид вобаста ба мавзуии тасвир аз ашъори шуарои мутақаддиму муосир ё аз эҷодиёти худашон ба мавқеъ кор гирифта, бад-ин васила каломашонро зебову муассир сохтаанд. Чун насри илмӣ, аз ҷумла осори таърихии форсию тоҷикӣ аз рӯйи сабку шеваи баён ва лаҳни гуфтори гуворо ба насри бадеии ҷаззобу хонданӣ шабоҳат пайдо кардаанд, гоҳо таърихнигорон ба фасоҳату балоғату истифодаи саноеи адабӣ ва иборапардозӣ то ҳадде дода шудаанд, ки асарашон «дар машриқзамин намунаи иборапардозӣ гардидааст» [235, 287]. Аз ин рӯ, баъзан муҳаққиқон осори сирф таърихиро ҳамчун намунаи насри адабӣ муаррифӣ кардаанд. Аммо осори таърихие ҳам ҳастанд, ки муҳаққиқон онро ҳамчун шоҳкорӣ эътироф намудаанд. Андешаи Ҳерман Этте дар бораи «Таърихи Рашидӣ» чунин аст: «Аммо китоби дигар, ки дуруст баръакси Вассоф ба маънии томи калима шоҳкорӣ аст, ҳамоно «Таърихи Рашидӣ» таълифи Мирзо Ҳайдар аст»

[235, 287].

Он гуна, ки қайд карда шуд, дар осори таърихӣ ба таври фаровон порчаҳои шеърӣ истифода шудаанд. Истифодаи абёт, қитъаот, порчаҳо аз маснавӣ, ғазал, рубоӣ ва қасида бар панҷ ваҷҳ аст:

1.Доир ба валодат, ба шаҳодат расидан, фавт, фатҳ дар муҳориба, бар тахт нишастан,бунёди иморат ва ғ. дар жанрҳои гуногуни адабӣ моддаи таърих гуфта шудаанд.

2.Мувофиқат кардани мазмуни порчаҳои шеърӣ ба ҳодисаву воқеоти мавриди тасвир.

3.Ашъоре, ки ба сабаби рух додани ин ё он ҳаводис, амсоли футуҳот, маҷолиси дарборӣ, бунёди иморат, васфи боғ, асп ва ё дар мадҳи шоҳон гуфта шудааст.

4. Ашъоре, ки ифодагари ҳолати руҳии муаллиф ва гоҳо шоҳон шудааст.

5.Ашъори ҳикамиву андарзӣ дошта, ки адлу адолатпарвариро тарғиб менамояд.

Дар бештари асарҳои таърихии ба истилоҳ умумӣ пас аз зикри ҳаводиси таърихии як давра оид ба аҳли фазл-орифон, олимону шоирон сухан рафтааст. Масалан, дар «Ҳабиб-ус-сияр» пас аз тасвири давраи ҳукмронии ҳар як шоҳ ва ё давраҳои муайяни таърихӣ таҳти сарлавҳаи «Зикри фузалову уламову удабо» дар бораи шайхони бузург, олимону фозилон ва адибони давр маълумот оварда шудааст.

Дар ҷилди дуюм дар бораи устод Рӯдакӣ [83, 359-360], Дақиқӣ [83,368],Унсурӣ [83,389], Асҷадӣ [83,389], Ҳаким Фирдавсӣ [83,389-390], Абулфараҷи Рунӣ [83, 397], Аттори Нишопурӣ [83,334], Азрақӣ [83, 397], Саноии Ғазнавӣ [83,400], Абӯалӣ ибни Сино [83,443-449], Носири Хусрави Қубодиёнӣ [83,457-458], Умари Хайём [83,461], Шамсуддин Аюби Товусӣ [83,493], Амир Муизӣ [83,494], Анварии Абевардӣ [83,517], Сузании Самарқандӣ [83,519], Абдулвосеи Ҷабалӣ [83,519], Адиб Собири Тирмизӣ [83,519], Маҳастии Хуҷандӣ [83,521], Шарафиддини Исфаҳонӣ [83,531], Низомии Ганҷавӣ [83,534], Заҳири Форёбӣ [83,559], Саъдии Шерозӣ [83,564],

Ҳумомиддини Табрезӣ [83,564], Рашиди Ватвот [83,630-632], Хоқонии Шарвонӣ [83,643], Аллома Кирмонӣ [83,654]. Дар ҷилди сеюм дар бораи Ҷалолиддини Балхӣ [84,115], Саид Камолиддини Кошӣ [84,117], Малик Разиаддин [84,117], Имодиддини Фузулӣ [84,117], Имом Ҳиравӣ [84,117], Наҷмиддини Заркӯб [84,134], Рукниддини Бакронӣ [84,191], Шайх Авҳадиддини Исфаҳонӣ [84,220], Илёс Қаландар [84,240], Салмони Соваҷӣ [84,240-243], Хоҷа Ҳофиз [84,315]. Дар ҷилди чорум дар бораи адибон Бобосаводӣ [85,18], Муҳаммад ибни Абдуллоҳ [85,18], Мавлоно Маҳмуд Орифӣ [85,18], Мавлоно Хаёлӣ [85,18], Мавлоно Бадахшӣ [85,49], Мавлоно Шамсиддини Бухороӣ [85,108], Саид Абдуллоҳи Ҳусайни Козимӣ [85,334], Мавлоно Камолиддини Абдураззоқ [85,336], Мавлоно Юсуфи Бадеӣ [85,337], Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ [85,337], Аҳмади Ҷомӣ [85,338], Мавлоно Мир Ҳусайни Муаммоӣ [85,343], Мавлоно Камолиддин Масъуди Шарвонӣ [85,344], Камолиддин Абдулвосеи Шамсиддини Бурдӣ [85,348], Мавлоно Ҳасаншоҳ [85,344], Мавлоно Камолиддин Ҳусайн ал-воиз [85,446], Мавлоно Абулхалил [85,347], Шайх Алии Сафавӣ [85,347], Мавлоно Низомиддини Астарободӣ [85,347], Мавлоно Биноӣ [85,348], Хоҷа Осафӣ [85,354], Мавлоно Ҳотифӣ [85,354], Мавлоно Садриддин Восифӣ [85,359], Амир Ҷамолиддини Атоуллоҳ [85,359], Огаҳӣ [85,360], Хоҷа Зиёуддин [85,360], Комӣ [85,360], Мавлоно Ҳасаналӣ [85,361], Ҳақирӣ [85,361], Бадриддини Ҳилолӣ [85,361], Зулолии Табрезӣ [85,362], Мавлоно Маҷнун [85,362], Султон Муҳаммади Хандон [85,363] маълумот дода шудааст.

Он гуна ки мушоҳида гардид, аз ин асари арзишманд дар бораи тамоми намояндагони машҳуру номашҳури адабиёти классикӣ аз устод Рӯдакӣ сар карда, то адибони муосири муаллиф маълумот пайдо намудан мумкин аст.

Маълумоти Хондамир дар бораи шоирон ва осору ашъори онҳо гоҳо хеле мухтасар, ҳамагӣ як-ду ҷумлаи дорои характери шарҳиҳолӣ ё тавсифӣ, амсоли «ашъори дилпазир ва абёти шӯрангез дорад» ва ё «шоире балеғу ширинкалом, ва сархайли афозили шуаро» буда, ҳамчунин бо таъкиди маҳорату мартабаи шоир байте чанд аз намунаи ашъораш овардааст. Аммо

гоҳе бо нишон додани сарчашмаҳо маълумотро оид ба адибони маъруф басо муфассал, дар ҳаҷми ду-се саҳифа тул медиҳад.Дар баробари ин адиб ва ё осори ӯро мавриди арзёбии дақиқ қарор дода, андешаҳои арзишманд баён мекунад, ки аз адабиётшиноси дақиқназар будани муаллиф гувоҳӣ медиҳад.

Масалан, бо зикри маҳорату истеъдоди фитрии устод Рӯдакӣ қиссаи таълифи қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён»-ро пурра оварда шоирпарварии Насри II-ро таъкид карда мегӯяд: «зоҳиран баъд аз ӯ (Насри II- М.М.) ҳеҷ подшоҳе шоиреро ба он дараҷа риоят нанамуда» [83,359]. Дар бораи Ҳаким Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ ривояти бадеҳагӯии суханвари тусӣ бо шоирони дарбор қадрношиносии Маҳмуди Ғазнавӣ, ҳаҷви шоир, пушаймон шудан ва туҳфаи бисёр фиристодани султон ба хонадони шоир муфассал баён карда шудааст.

Ҳунари шоирии Анвариро чунин васф кардааст: «Ҳаким Анварӣ аз аснофи улуму фунун баҳраи тамом дошт ва ин қитъа, ки зодаи табъи наққоди ӯст, мисдоқи ин даъвӣ аст. Қитъа:

Гарчи дарбастам ба мадҳу дар ғазал якборагӣ,
Зан(н) мабар к-аз назму алфозу маонӣ қосирам,
Балки бар ҳар илм к-аз ақрони ман донад касе,
Хоҳӣ ҷузвӣ гир онро, хоҳ куллӣ қодирам,
Мантиқу мусиқиву ҳайъат шиносам андаке,
Ростӣ бояд бигӯям бо насибе вофирам,
В-аз Илоҳӣ он чӣ тасдиқаш кунад ақли сареҳ,
Дар баёни ӯ бағоят устоду моҳирам.
Нестам бегона аз аъмолу аҳкоми нуҷум,
В-ар ҳаме бовар надорӣ, ранҷа шав, ман ҳозирам!
Ин ҳама бигзор, бо шеъри муҷаррад омадам,
Чун Саноӣ ҳастам охир,гар на ҳамчун Собирам.

Маълумоти Хондамир дар бораи ба сирқоти шеърӣ иштиғол доштани Амир Муизӣ, бо роҳи фиреб шеъри дигаронро аз худ намудани ӯ ва парда аз рӯйи ин тазвир бардоштани Анварӣ ҷолиб аст. Тибқи ривояти Хондамир Амир Муизӣ, ки шоири дарбори Султон Санҷар буд, қувваи ҳофизаи хеле

қавӣ дошта, қасидаеро, ки як маротиба шунавад, пурра ҳифз менамудааст ва писараш дар ҳолати ду маротиба шунидан ва ғуломе доштааст, ки се маротиба гӯш кунад, ҳифз мекардааст. Бинобар он ҳар шоире, ки назди Султон қасида гузарониданӣ шуда, чун ашъореро, ки матбуъ бошад, батамом мехонд, Амир Муизӣ мегуфт: Ин қасидаро ман ёд дорам ва онро аз матлаъ то мақтаъ мехонд. Он гоҳ даъво мекард, ки писар ва ғуломаш низ ин ашъорро медонанд ва чун ишорат мекард, онҳо низ аз матлаъ то мақтаъ мехонданд. Ба ин васила, Муизӣ ба осонӣ «исбот» мекардааст, ки ин қасида маҳсули тафаккури ӯст. Шоирон аз ҷустани тадбире алайҳи ин амал оҷиз омаданд. Онҳо ғарқ дар баҳри ҳайрат намедонистанд чӣ тариқа шеъре ба Султон Санҷар арза кунанд, то ӯро бовар ояд, ки он назм натиҷаи табъи Муизӣ нест.

Рӯзе Анварӣ либосҳои булаҷаби ношоиста дар бар кардаву дастори номувофиқ бар сар ниҳодаву ба сурати девонагон назди Муизӣ омада мегӯяд:

-Марде шоирам, дар мадҳи Султон Санҷар байте чанд гуфтаам. Тавақкуъ он ки шеъри маро гузаронида чиҳати ман силае бистонӣ. Муизӣ гуфт:

-Он чӣ гуфтаӣ, бихон!

Анварӣ ба забон овард, ки

Зиҳӣ шоҳ, зиҳӣ шоҳу зиҳӣ шоҳ!
Зиҳӣ мир, зиҳӣ миру зиҳӣ мир!

Муизӣ гуфт:

-Агар мисраи охирин чунин хонӣ « зиҳӣ моҳ, зиҳӣ моҳу зиҳӣ моҳ!» то ин байт матлаъ шавад, беҳтар аст.

Анварӣ гуфт:

-Зоҳиран, ту онро надонистаӣ, ки шоҳро мирӣ зарурат аст. Ва амсоли ин суханони ҳазломез гуфта. Муизӣ Анвариро масхара тасаввур карду гуфт:

-Фардо сабоҳ ба даргоҳи подшоҳӣ ҳозир шав, то ман ҳоли туро ба султон арза намуда, рухсати мулозимат ҳосил кунам.

Рӯзи дигар Анварӣ ҷомаҳои нафис пӯшида, дастори бовиқор бар сар баста дар вақте, ки Муизӣ пеши Султон буд, ба даргоҳи подшоҳ рафт ва

ҳамон лаҳза касе берун омаду ӯро талабид, зеро ки Муизӣ арза карда буд масхарае, ки Авҳаддиддин ном дорад, ду байти ғариб мегӯяд, бар остони салтанатошён ҳозир аст. Ва чун Анварӣ ба маҷлиси олӣ рафт, Муизӣ дид, ки либосу ҳайати ӯ тағйир ёфта, донист, ки он чӣ дирӯз зоҳир карда буд, фиребу тазвир буда. Аммо тадбире натавонист кард ва гуфт:

-Қасидае, ки дар мадҳи султон гуфтаӣ, бихон.

Анварӣ ин ду байтро хонд:

Гар дилу даст баҳру кон бошад,<br>
Дилу дасти худойгон бошад.<br>
Шоҳ Санҷар, ки камтарин хидматаш,<br>
Дар ҷаҳон бод шаҳнишон бошад.

Он гоҳ рӯ ба ҷониби Муизӣ карду гуфт:

-Агар ин қасидаро Шумо назм кардаед боқии абёташро бихонед ва илло эътироф намоед, ки натиҷаи фикри бикри ман аст.

Муизӣ хиҷил шуд ва султон донист, ки Муизӣ бо соири шоирон чӣ муомила мекарда ва «Анварӣ он қасидаро  тамом хонда партави алтофи Султон бар саҳфоти аҳволаш тофт ва дар силки нудамои маҷлиси ашрофи олӣ интизом ёфт» [83,518].

Хондамир дар асоси маълумоти «Таърихи гузида» овардааст, ки Ҳаким Анварӣ дар охири айёми ҳаёт «тойиб гашта аз мулозимоти даргоҳи олампаноҳ эҳтироз намуда буд. Чун Султон ӯро талабид, ин қитъа равон гардонид» ва ҳамон қитъаро меорад, ки шоир сабаби тарки мулозимат карданашро шарҳ додааст[83, 515]. Аз он чӣ ба қайд омад, бармеояд, ки Хондамир дар баробари аз ҷараёни зиндагии адибон, мундариҷаву вижагиҳои ашъори онон огоҳии комил доштан, аз маълумоти дигар сарчашмаҳои таърихиву адабӣ комилан воқиф буда, дар мавқеи муносиб бисёр бамавридона истифода намудааст. Хондамир дар бораи Адиб Собири Тирмизӣ чунин навиштааст: «Адиб Собири Тирмизӣ ашъори фасоҳатшиор бар саҳифоти рӯзгор менигошт ва маҳорати ӯ дар ин фан ба мартабае буд, ки Ҳаким Анварӣ ӯро бар худ тарҷеъ карда» [83,519].

Хондамир аз Низомии Ганҷавӣ бо эҳтироми хос ёдовар шуда, навиштааст: «Аз ҷумлаи аъозиму машоиху афозил ҷаноби афсаҳалномӣ Шайх Низомӣ муосири Султон Туғрал буд ва он ҷаноб аз улуми зоҳирӣ ва мусталиҳоти уламои расмӣ баҳраи тамом дошт, аммо ба тавфиқи азалӣ тамоми умури дунявиро бозгузошту рӯй ба касби дараҷоти ухравӣ оварда ва ин абёт бар лавҳи баён нигошт:

Ҳар чӣ ҳаст аз дақиқаҳои нуҷум,
Бо якояк нуҳуфтиҳои улум.
Хондаму ҳар варақ ҷустам,
Чун туро ёфтам, варақ шустам.

Шайх умри азизро ба қаноат ва узлат гузаронид ва ҳаргиз чун соири шуаро ба сабаби ғалабаи муштаҳиботи нафсу ҳаво пиромуни даргоҳи салотин ва асҳоби ҷоҳ нагардид, балки пайваста арбоби ҳукму фармон ба мулозиматаш мерафтанд ва ба суҳбати кимёасараш табаррук меҷуста. Ва ин абёт,ки аз натоиҷи табъи наққодии ӯст, машҳур ба ин маънист:

Чун ба аҳди ҷавонӣ аз бари ту,
Ба дари кас нарафтам аз дари ту.
Бари даргаҳи ту гаштам пир,
Пири афтодаам, ту дастам гир!

Ва он шайхи софизамир «Хамса»-и дилпазири худро, ки дар рӯйи замин шабеҳу назир надорад, ба истидъои асҳоби тоҷу сарир назм намуда ва салотини ҳашматойин ба умедвории он ки ба воситаи он ашъори маъорифосор номи эшон бар саҳфаи рӯзгор пойдор бимонад аз он ҷаноб илтимоси тартиби кутуб менамуданд [83,534].

Дар ин маълумот чанд нукта ҷолиб аст: аввалан Низомӣ дар тӯли ҳаёт рӯй бар дарбори шоҳон наёварда, балки шоҳон ба мулозимати ӯ меомадаанд, сониян бо осори хеш мартабаву шуҳрате ёфта, ки шоҳон илтимос менамудаанд, ки осорашро ба номи онон китобат кунад ва ахиран, баҳои Хондамир ба «Хамса», ки «ба рӯйи замин шабеҳу назир надорад».

Хондамир барои Саъдии Шерозӣ низ эҳтироми хосаро қоил аст: «Яке он,

ки ҷаноби маорифшиори ҳақоиқнисори фараси майдони нуктапардозӣ Шайх Мушрафиддин Муслиҳ ибни Абдуллоҳ Саъдии Шерозӣ раҳматуллоҳи бо вай (Саъд бинни Зангӣ-М.М.) муосир буд. Дар муаллифоти балоғатоёти хеш монанди «Бӯстон»-у «Гулистон» номи ӯро дарҷ фармуд. Ва шайх Саъдӣ дар мулки афозили суфия интизом дошт ва аз улуми зоҳирӣ ва ботинӣ баҳравар буд. Ҳамвора сайри билод ва амсор мегумошт». Баъдан пиёда ба ҳарамайни шарафайн расидану маросими ҳаҷро ба ҷой овардани Саъдӣ, дар Бағдод ба Шаҳобиддини Суҳравардӣ ҳамсуҳбат шудан, тибқи маълумоти «Нафаҳот» чанд муддат дар Шом саққоӣ фармудаву ба суҳбати Хизр мушарраф шудан ва ба воситаи он суҳбат аз айвону кайвон гузаштани фасоҳату балоғаташро баён намуда, пас аз он ба ғазалиёти Шайх Саъдӣ баҳо дода мегӯяд: Шеваи ғазалро аз шуаро баробари вай ҳеҷ кас нанварзида, яъне он роҳро тай накарда, дар соири ақсоми шеър саромади шуарои мутақаддимин ва мутаахирин гардида» [83,564].

Хондамир маълумот дар бораи Хоҷа Ҳофизро аз пурра овардани ғазале, ки матлааш чунин аст, шурӯъ кардааст:

Суфӣ ниҳод дому сари ҳуққа боз кард,
Оғози макр ба фалаки ҳуққабоз кард.

Ва бевосита ба зиддияти Шоҳ Шуҷоъ ва Имоди Фақеҳ, ки сӯфии хонақоҳдор будаву ҳангоми намозгузориаш гурбааш ҳамаи ҳаракатҳои намозро ба ҷой меовард ва Шоҳ Шуҷоъ онро кароматмаънидод кардаву ба ӯ эътиқоду ихлоси тамом дошт, бо Хоҷа Ҳофиз ишорат мекунад, ки ин матлабро дар бобҳои пешин муфассал баён намудем.

Хулосаи калом, Хондамир зимни зикр намудани номи адибони номдори даврахои гуногун чун Рашиди Ватвот, Хоқонии Шарвонӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Орифӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Камолиддини Биноӣ, Огаҳӣ, андешаҳои гуногунро бо зикри маъхаз арза медорад, инчунин оид ба фаъолияти адиб ё осори ӯ изҳори назар намуда, андешаашро бо намунаҳои ашъори онҳо исбот менамояд. Бешак, ин асар дар омӯхтани паҳлуҳои мухталифи ҳаёту эҷодиёти адибон, аз ҷумла ибрози андешаҳои адабӣ дорои аҳаммияти хос мебошад.

Адабиётшинос Усмон Каримов бар он назар аст, ки маълумоти «Ҳабиб-ус-сияр» дар бораи адибону осори эшон дар дигар сарчашмаҳо мавҷуд нестанд [264,49]. Бино ба хулосаи мавсуф «Ҳабиб-ус-сияр» дар омӯхтани ҳаёти маданиву адабии чоряки асри XVI Хуросону Мовароуннаҳр ҳамчун сарчашмаи арзишманд ба шумор меравад. Бидуни тадқиқи маълумоти ин асари таърихӣ ҳаёти маданию адабии давраи номбурда, махсусан авзои Хуросон хираву нопурра мемонад» [264,454].

Дигар асари таърихии арзишманде, ки аз шумори беҳтарин нигоштаҳои таърихиии давр эътироф гардидааст, «Таърихи Рашидӣ»-и Мирзо Муҳаммад Ҳайдари Дуғлот ба шумор меравад. Ин асар аз тарафи Аббосқулӣ Ғаффории Фард ва донишҷӯи риштаи таърихи Донишгоҳи Табрез Заҳро Атоӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифта, сохту таркиб, шеваи нигориш ва аҳамияти илмиву адабии он арзёбӣ гардидааст [160]. Дар «Таърихи Рашидӣ» баробари инъикоси ҳодисаву воқеоти таърихӣ дар бораи машоих, уламову фузало, шоирон низ маълумоти пурарзиш дода шудааст. Мирзо Муҳаммад Ҳайдар дар дафтари дуюми «Таърихи Рашидӣ» оид ба машоиху уламову шуаро, ҳамчунин дар бораи муаммоиён, хаттотону наққошони машҳури замонаш маълумот дода, дар бораи шоирон Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ [170,308], Мир Алишери Навоӣ [170,310], Зикри Шайхим Аҳмад [170,311], Ҳасаналӣ Ҷалоир [170,311], Оҳӣ [170,312], Бадриддини Ҳилолӣ [170,312], Хоҷа Камолиддини Осафӣ [170,312], Камолиддини Биноӣ [170,312], Сайфӣ [170, 314], Мирҳусайни Муаммоӣ [170,314], Мавлоно Бадахшӣ [170,334] матолиби ҷолибро дарҷ кардааст.

Дар васфи Мавлоно Ҷомӣ мегӯяд: «Аз шуарои дар он замони ҷаннатнишон будаанд, бузургони эшон дар зикри авлиё ва уламо мазкур шудаанд, мисли ҳазрати Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ. Агар аз эҳтирози такрор намебуд, лоиқи он буд, ки чӣ навъ, ки сардафтари авлиёи Хуросон, номи фахрулномӣ Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ аст, сардафтари уламову шуаро номи фархундафарҷом Мавлоно Ҷомӣ будӣ». Баъдан, суханони шогирди Ҷомӣ Абдулғаффори Лориро меорад, ки хидматҳои устодашро

ёдрас намуда, оид ба ашъори Мавлоно матолиби зеринро баён намудааст: «Ашъори Мавлоно аз он машҳуртар аст, ки ба истишҳор овардани он дар ин «Мухтасар» ҳоҷат бошад. Аммо як ғазалест ғайри машҳур, илтизом кардаанд. Байти аввали он фард-фард бошад, ҳеҷ ҳарфе ба ҳарфе мураккаб нагардад ва байти дуюм ду ҳарф-ду ҳарф мураккаб гардад. Ҳамчунин байти сеюми ҳар калима се ҳарф-се ҳарф мураккаб бошад ва ҳамчунин то панҷ байт илтизом намудаанд ва он ғазал ин аст.Назм:

رخ زرد دارم ز د وري آن درزده داغ و دردم درون دل آ ذ ر

چو من کا ست گویی شب فرقت تومه نو که با شد بد ین گونه لاغر

خطت خضر و جعد کجت مشک تبت تنت سیم و لعل لبت تنگ شکر

به جنب نعیم شهید مقیم محبت بهشت مخلد نصیب محضر

به لبها ملیهی به طلعت صحیحی به گفتن فصیحی به گیسو معنلر [170,308]

Перомуни аҳвол ва осори Навоӣ ба қайд овардааст: «Дар шеъри туркӣ пеш аз вай ва баъд аз вай ҳеҷ кас миқдори вай беш аз вай нагуфтааст. Вай дар ин фан устод аст ва ашъори туркии вай шуҳрат ҳукм дорад, ки дар форсӣ шеъри Мулло Имодӣ. Шеъри форсӣ низ бисёр дорад ва дар форсӣ Фонӣ тахаллус кардааст ва девони Хоҷа Ҳофизро ҷавоб гуфта. Қасидаи «Аброр»-ро ҳеҷ кас баъд аз Амир Хусрав ба миқдори ӯ нагуфта» [170,310].

Муаллифи «Таърихи Рашидӣ» дар бораи дигар шоирони давраш ба тариқи мухтасар изҳори назар кардааст. Аз ҷумла, мегӯяд, ки Амир Шайхам ашъори нек дорад [170,312], Ҳасаналии Ҷалоир дар дар гуфтани қасида беназир [170,312]), Осафӣ ашъори хуб дорад [170,313], Ҳилолӣ дар фанни шеър устод аст [170,312]. Дар поёни арзишгузории мухтасар намунаҳои ашъори шуароро зикр кардааст.

Асари дигари таърихие, ки фарогири масоили нақди адабист, «Шоҳҷаҳоннома»-и Муҳаммадсолеҳи Канбу мебошад. Ин асар аз се ҷилд иборат буда, таърихи сию яксолаи ҳукмронии Шоҳҷаҳонро дар бар мегирад. Муаллиф ҳангоми тасвири ҳодисаву воқеоти таърихӣ, разму базм, лашкар-кашиҳо, майдони ҳарбу зарб, ҷашну ойинҳои хонаводаи подшоҳро басо муфассал бо тамоми ҷузъиёташ тасвир намуда, вобаста ба мазмуни ҳодисоти

таърихӣ аз ашъори шоирони дарборӣ, амсоли Ҳоҷи Муҳаммадҷони Қудсӣ, Калими Кошонӣ, Мулло Шайдо абёти зиёдеро дар жанрҳои мухталифи адабӣ овардааст. Муҳаммадсолеҳи Канбу дар охири ҷилди сеюми китобаш дар бораи орифон, олимон, ҳакимону шоирон ва муншиёну хушнависони давр маълумот медиҳад. Ин қисми асар аз рӯйи мазмун ва сохту таркиб, шеваи баён мисли тазкираҳои адабист.

Аз табақаи орифон дар бораи Мулло Шоҳ ва Муҳиб Алӣ, Иноятуллоҳ, ки дар анвои мухталифи каломи бадеъ, монанди маснавӣ, ғазал, қасида ва рубоӣ эҷод кардаанд, маълумот дода, аз ашъорашон намунаҳо ҳам овардааст [28,274-277;281-283;292-283]. Дар «Табақаи шуаро» аз рӯзгору осори шоирони давр, амсоли Ҳоҷӣ Муҳаммадҷони Қудсӣ [28,305-310], Калими Кошонӣ [28,310-312 ], Шайдо [28,312-315], Мунир [28,315-320], Мир Илоҳӣ [28,320-322], Ҳозиқ [28,322-324], Сайидои Гелонӣ [28,324], Мулло Нисбатии Таҳонасрӣ [28,327-329], Муҳаммадкулӣ Салим [28,325-327], Ҳасанбек Рафеии Машҳадӣ [28,329-330], Шайх Муҳсини Фонӣ [28,331-332], Муҳаммадалии Моҳиртахаллус [28,232-334], Мулло Ҳасани Фуруғӣ [28,334-335], Саидхони Мултонӣ [28,335-336], Мулло Ҳоҷии Лоҳурӣ [28,336], Чандр Баҳон Бараҳман [28,336-338] хабар дода, шеърашонро накд намуда, аз ашъорашон намунаҳо овардааст.

Ҳарчанд Муҳаммадсолеҳ дар бораи ҳамаи шоирони зикршуда бо ихлосу эҳтироми хоса сухан ронда, калимаву иборот ва таъбироти тавсифиро зиёд истифода бурдааст, аксаран баҳои ӯ мушаххасу муайянкунандаи маҳорату истеъдоди шоирӣ, фазилатҳои шахсӣ ва вижагиҳои хоси эҷодиёти ҳар як адиб буда, мавқеъ ва мартабаи ҳар якеро рушан ифода намудааст. Бо таъбири дигар муаллиф оид ба накди шоиру шеъраш тавре сухан рондааст, ки хонанда дар бораи суханвар ва ашъори ӯ тасаввурот пайдо карда метавонад ва намунаҳое, ки меорад, воқеан шеърҳои баланду дилписанданд.

Масалан, дар бораи Ҳоҷӣ Муҳаммаҷони Қудсӣ мегӯяд: «Сaромади ҷоду каломони нодири ҷаҳон Ҳоҷӣ Муҳаммадҷони Қудсӣ. Ватанаш Машҳади муқаддас аст... Дар шеваи суханварӣ матонату ҷазолатро чунон ки бояд риоят

мефармояд. Дар қасида қасдҳои нек мекунад ва дар қитъаву ғазалу рубоӣ ва ба тахсиси маснавӣ доди саноеъ ва бадоеи лафзию маънавӣ дода, эроди маъниҳои барҷастаи беоҳу (беайб, бенуқсон, бекамбудӣ-М.М.) намояд. Аз рӯи инсоф ҳеҷ кас аз суханварон бар суханаш ангушт наметавонад ниҳод ва дар гуфтори сеҳросораш нохун банд натвонад намуд, зеро ки сухани ӯ монанди зари пухта аз олоиши хомӣ муназзаҳ аст ва ба ҷамъи вуҷуҳи иёршиносони маънӣ маъқулу муваҷҷаҳ. Алқисса, сухани баландпояро ҳамвора аз файзи табъаш сармояи баландии ҷовид ҳосил аст ва аксар маънии пешипо афтодаро чунон мебандад, ки по аз маънии болодаст кам намеорад, то ба маънии воло чӣ расад...» [28,305].

Бобати тахаллус, макони таваллуд ва ҳунари шоирии Калими Кошонӣ мегӯяд: «Абитолиб мутахаллис ба Калим, ватанаш аз Кошон, таваллудаш дар Ҳамадон, нашъунамояш дар Ҳиндустон, гуфтораш ҳушфиребу диловез ва табъаш маънирасу файзомез буд. Ба хитоби маликушшуароӣ имтиёз ёфт. Билҷумлаи шоирони ҷодуфани тозагуфтор аст ва бинои сухан аз матонати фикри фалакоҳангаш мустаҳкаму устувор. Суханонаш пухта аст ва ба мизони андеша барсохта. Ҳар чӣ гуфта, ҳама матину дилнишин ва ибораташ софу маънияш рангин» [28, 310].

Шоири дигари ин давра Мулло Шайдоро соҳиби фикри нуктатирозу дорандаи табъи маънипардоз номида зодгоҳашро Фатҳипури Акбаробод ба қайд овардааст. Дар идомаи сухан меафзояд, ки: «Ҳар лаҳза табъаш дар ангехти маонии тоза оинавор чандон хаёли навойин бар рӯйи кор меорад ва хоки замини суханро, ки аз гарди касоди хокҳо хӯрда бувад, ба кимиёи фикр зар менамуд. Азбаски андешаи расову фикри дуруст дошт, дар маҷлис фикри сухан менамуд ва пайваста дар анҷуман бо шоҳидони маъонӣ хилват медошт. Ва бо тарзи тоза хасми дерина аст ва шеъри тозагӯёнро бадтар аз тақвими порина медошт. Агарчи аз маротиби илмӣ бегона буд, аммо дар қавонини суханофаринӣ ягонаи вақти худ аст ва расоии фикр ба пояест, ки дар як соат нуҷуми қасидаи ғарро, ки назми сурайёро намуна тавонад буд. Ва турраи ашъорро аз дасте пироиш медод, ки ҳеҷ сухандастгоҳе шонавор дар вай

нохун банд натвонад сохт» [28,312]. Бино ба ахбори Солеҳи Канбу Мулло Шайдо шахси теззабон буда, ашъори муосиронашро танз ва ҳатто тахаллуси Мир Илоҳиро тамасхур намудааст:

Эй мири ман, ки карда Илоҳӣ тахаллус,
Аз марди лоӣ арчи илоҳӣ шудан хатост,
З-ин рутабу ёбас бувад дар каломи ту,
Гар мункири каломи Илоҳӣ шавам, хатост[28,312].

Муҳаммадсолеҳи Канбу ба ҳамин шеваи сухансанҷӣ дар бораи аҳволу осори адибони муосири хеш низ маводи ҷолиб ироа доштааст.

Дар дигар осори таърихии ин давра, аз ҷумла «Бобурнома», «Ҳумоюн-нома», «Акбарнома», «Шарафномаи Шоҳӣ» низ аҳволу ашъори шоирони замон баррасӣ гардида, гоҳо ба ҳусну қубҳи шеър ва ҳунари шоир ҳам таҳлил шуда, аммо на ба таври муфассалу мушаххас, чунонки дар таърихномаҳои фавқуззикр омадааст.

Роҷеъ ба андешаҳои адабӣ, вазъи адабиёт, намунаҳои ашъори баъзе аз суханварон, нақди осори эшон дар асарҳои таърихии «Шарафномаи Шоҳӣ» ва «Бобурнома» дар мақолаҳои илмии муаллифи ин рисола бо номҳои «Арзиши адабии «Шарафномаи Шоҳӣ»-и Ҳофизи Таниш ва «Тасвири симои аҳли адаб, илму ҳунар дар «Бобурнома»-и Заҳуриддин Муҳаммади Бобур ба таври муфасссал сухан рафтааст.

«Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, ки ҳамаи муҳаққиқони таърихи адабиёти асрҳои XVI-XVII аз ин асар ҳамчун сарчашмаи боэътимод истифода кардаанд, аз ҷумлаи осори муҳимми ёдоштие мебошад, ки барои равшан намудани бисёр масъалаҳои адабиёти ин даврҳо махзани муътамади бебаҳост [237; 375; 264; 347; 278; 325]. Дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» баробари инъикоси ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии замон муаллифи асар андешаҳои ҷолиби наққодиро низ иброз кардааст, ки дар инкишофи нақди адабии замони Восифӣ ва даврҳои баъд таъсири чашмрас гузоштааст. Азбаски Зайниддини Восифӣ дар муҳити фарҳангӣ тарбия меёфт, аз овони наврасӣ ҳамчун дар муаммогӯӣ шуҳрат

пайдо карда, дар синни ёздаҳсолагӣ ба суҳбати Алишери Навоӣ мушарраф гардидааст. Ҳамчунин, ҳанӯз айёми наврасӣ, ки ҳамагӣ сездаҳ сол дошт, қубҳи шеъри шоири машҳури замонаш Гулханиро исбот мекунад. Восифӣ дар «Достони Хоҷа Низомулмулки Хофӣ, ки вазири Султон Ҳусайн Мирзо буда дар Хуросон» меорад, ки Ҳусайн Мирзо дар ҳолати мастӣ ба қатли шоҳзода ҳукм мекунад ва чун ин хабар дар шаҳр мунташир мегардад, рӯзи дигар тамоми аҳолии Ҳирот марду зан дар Боғи Нав расми таъзия барпо мекунанд. Шоирони Хуросон марсиягӯӣ оғоз мекунанд. Гулхании Астарободӣ, ки саромади шуарои он замон буд, шоир Ғаввосиро, ки барои шоҳзода марсияе гуфта буд, бо матлаи

Дило, зи гардиши гардуни бемадор дареғ,
На як дареғ, ки ҳар соате ҳазор дареғ.

оғоз мешуд, масхараву мазаммат карда худситоӣ мекунад, ки матлае гуфтааст, ки агар шоирони бузург мисли Саъдию Заҳир, Хоқониву Анварӣ зинда мебуданд, ҳалқаи ғуломии маро бар гӯши ҷон қабул менамуданд ва матлаи хешро мехонад:

Офтоби ман ба зери хоку ман шаб то саҳар,
Хок бар сар мекунам, то офтоб ояд ба дар.

Ҳама шоирон наъраву фарёд бардошта матлаъро таърифу тавсиф мекунанд. Восифӣ мегӯяд: Фақир дар он вақт дар синни сездаҳсолагӣ будам. Ба Мавлоно Амонӣ, ки хешам буд, гуфтам:

-Ин чӣ муҳмал матлаест?

Гуфт:

-Ҳей, хомӯш кун, ки туро расвои олам месозад.

Он мардак ҳозир шуд. Гуфт:

-Эй Мавлоно Амонӣ, ин писарак чӣ мегӯяд?

Мавлоно Амонӣ, гуфт:

-Ин матлаи шуморо таъриф мекунаду мегӯяд, ки: «Ин матлаъ чӣ латиф воқеъ шуда!»

Гулшанӣ гуфт:

-Вай латофати ин байтро чӣ медонад?!

Фақир ба зону даромадаму гуфтам:

-Агарчи латофати ин байти шуморо намедонам, аммо қабоҳати байти шуморо медонаму мефаҳмам. Чун ин сухан гуфтам, ғулғула аз ин ҷамъ баромад.

Гуфтам:

-Азизон, як замон мутаваҷҷеҳи ман бошед, то қабоҳати ин байтро хотирнишон созам:

Офтоби ман ба зери хоку ман шаб то саҳар
Хок бар сар мекунам, то офтоб ояд ба дар.

Ин биайниҳи ҳамин иборат аст, ки касе гӯяд, ки: «Ман шаб то саҳар Куръон мехонам, то офтоб ояд бадар. Бар хуштабъон ин пӯшида нест, ки ин тарзиқи маҳз аст; дигар, эй Мавлоно Гулшанӣ, ин чӣ маънӣ дорад, ки хоки он шоҳзодаро бар сар мекунед? Магар шумо наббош, яъне кафанкашед, ки шоҳзодаро аз хок берун меоваред?»

Ин ки гуфтам, халқ фиғон бароварданд. Гулханиро ҳолате пайдо шуд, ки ба мурдан наздик расид. Фақир гуфтам:

-Ин матлаъро ислоҳ метавон кард, ба ин навъ, ки:

Офтобам зери хоку шаб мани хунинҷигар,
Хок бар сар мекунам, то офтоб ояд бадар.

Гулшанӣ даст дар бағал карду девони худро, ки ба Мавлоно Султоналии Машҳадӣ нависонида буд, ба ин фақир ба расми сила бахшид ва аз барои ин камина аз ҷамъе, ки нишаста буданд, фотиҳа илтимос намуда, ба ин тариқ калонгариву расвоии худро пӯшид[111,396-398].

Ҳамин тариқ дар бештари осори таърихии ин асрҳо афкори адабии арзишманд баён шудаанд, ки дар шинохти вазъи адабиёт, накди адабии давр саҳми муносибро сазовор мебошанд.

### 4.2. Маҳфилҳои адабӣ ва ривоҷи нақди шеър дар асрҳои XVI-XVII

#### а) Рушди нақди адабӣ дар маҳфилҳои адабии давраи Сафавия

Нақди адабӣ, ҳамчун қисми таркибии улуми адабӣ дар тамоми давраҳои адабӣ ҳамчун ҳамқадаму ҳамнафаси осори бадеӣ вуҷуд дошта, дар рушду такомули адабиёт, таъйиди арзиши воқеии осори адабӣ, муайян намудани мавқеъ ва мартабаи адиб, ё осори ӯ, мушаххасан нишон додани ҳусну қубҳи осори адабӣ нақши муассир доштааст. Дар адабиёти асрҳои XVI-XVII тоҷику форс баробари тараққиёти адабиёт ва пайдоиши сабку равияҳои нави адабӣ, дар тамоми қаламрави забони дарии тоҷикӣ густариш пайдо кардани сабки ҳиндӣ ва анвои соддаву мураккаби он, хосатан тарзи хаёл, нақди адабӣ ҳам равнақи тоза пайдо кард. Шоирони ин давра аксар маънигаро буданд [176,285] ва кӯшиш ба харҷ медоданд, ки бо гуфтани «мазмуни тоза», «маънии бегона», «маънии печида», «лафзи ғариб» [196,148] истеъдоду қудрат ва ҳунари шоирии хешро нишон диҳанд, ки ҳамин маъниро Маҳмуди Футуҳӣ низ таъкид карда мегӯяд: «дар асри ривоҷи сабки ҳиндӣ ағлаб шоирон ва адибон ба асолати маънӣ қоиланд» [218,112].

Пайдоишу густариши сабки нав ва ба вуҷуд омадани истилоҳоти «тарзи нав», «тарзи хаёл» вижагии адабиёти ин давр аст. Дар ашъори шоирони асрҳои XVI-XVII истифодаи ибораҳои «назми рангин», «мазмуни рангин», «маънии рангин», «мисраи рангин», «хаёлоти рангин», «шеъри барҷаста», «мисраи барҷаста»-ро ба таври фаровон мушоҳида намудан мумкин аст**.** Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ба осори ин давраи адабӣ, кашфи шеваи нақди адабии ин давра ва нигоҳи адибону муҳаққиқон ба нақди адабӣ нисбат ба давраҳои пешину баъдии таърихи адабиёт ба маротиб афзунтар аст.

Лозим ба ёдоварист, ки дар аҳди Сафавия бинобар ҳусни таваҷҷуҳ надоштани салотину умарои ин сулола ба шеъру адаб ва қариб ба ҳадди нестӣ расидани ашъори мадҳӣ, ҳатто ба забони туркӣ будани муҳовирот [173, 426], душмании ҳукуматдорони Сафавӣ ба илму ирфону адаб сабабгори рӯ ба инқироз овардани ҳаёти адабӣ гардид. Вазъи ногувори илму адабро дар

ибтидои ҳукуматдории Сафавиён донишманди эронӣ Ҷалолиддини Ҳумоӣ дар асараш «Таърихи адабиёти Эрон» таъкид намуда навиштааст: «...умдаи вақти онҳо (Сафавиён-М.М.) сарфи таблиғоти мазҳабӣ мешуд ва уламову фуқаҳоро беҳад таъқиб мекарданд ва фуқаҳову муҷтаҳидини аҳди Сафавия тамоман вақти худро масрафи улуми шаръия карда, аз фалсафа ва ирфону тасаввуф, ки бо шеъру адаби форсӣ дер боз омехтагӣ доштааст ва ҳамчунин, аз шеъру адаб мустақиман изҳори нафрат мекарданд, балки ҳатто алалимкон дар озори ҳукамову фалосафа ва мутасаввифия ва таҳқири онон мекӯшиданд» [228,284] ва ҳамин яке аз омилҳое гашт, ки аҳли илму адабу завқ рӯ ба сӯйи Моваруннаҳру Ҳинд оваранд.

Мутаассифона, дар дар доираҳои адабии Мовароуннаҳр низ вазъи шеъру адаб чандон хуб набуд, зеро «дар аввалҳои асри XVI ҳукуматдорони давлати навбунёди Шайбонӣ Фӯлод Султон ва Абусаид Султон таҷрибаи аҳли адабро ба атрофи худ ҷамъ намуда, пуштибонию парастиш кардани онҳоро тақрибан надоштанд» [347,22]. Аз ин рӯ, дар Хуросону Мовароуннаҳр аҳли завқу адаб асосан берун аз дарбори ҳукуматдорон маҳфилҳову маҷлисҳои адабӣ барпо мекарданд. Ин ҳол боис гардид, ки дар аҳди Сафавия шоирон дар қаҳвахонаҳо, дӯконҳо ва манзили ашхоси адабдӯст гирд омада, маҳфилҳои адабӣ барпо намоянд, аҳли адаби Самарқанд, дар дӯконҳои ҳунармандон, растаю бозорҳо, хонаҳои аҳли фазл ва дар масҷиду мадрасаҳо ҷамъ шуда, баҳсу мунозира ва мусобиқаҳои адабӣ доир мекарданд [347, 22] Аз ин маълумот бармеояд, ки дар Хуросону Мовароуннаҳр бозори шеъру шоирӣ дар маҳфилҳои адабии берун аз дарбори салотин гарм будааст ва табиист, ки маҳз ҳамин маҳфилҳои адабӣ дар ривоҷи шеъру адаб ва ҳам нақди адабӣ таъсири бештар гузоштаанд.

Аммо дар ҳавзаи адабии Ҳиндустон ва доираҳои адабии он вазъият тамоман дигаргуна буд. Зеро ҳукуматдорони хонадони Темуриёни Ҳинд, аз Бобурмирзо то Аврангзеб адабпарвар буда, ба аҳли илму адаб ҳусни таваҷҷуҳ доштаанд ва аз ҳамин ҷост, ағлаб адибон аз Хуросону Мовароуннаҳр рӯ ба сӯйи Ҳинд меовардаанд, ки дар он хитта маҳфилҳои адабӣ бештар дар

дарбори шоҳон барпо мегардидааст. Бино ба ахбори сарчашмаҳои адабиву таърихӣ дар ҳама ҳавзаҳои бузурги адабӣ мафҳилу маҷлисҳои илмӣ барпо мешудаанд ва шоирон дар ин мафҳилҳо мушоираву мубоҳисаву мунозира ва дар лутфи табъ сабқат мекардаанд, андешаҳои худро оид ба ашъори дар маҳфил ироа гардида баён менамудаанд. Ҳарчанд дар бораи фаъолияти маҳофили адабӣ дар тазкираву осори ёддоштӣ маълумоти фаровон дода шудааст, масъалаи нақшу таъсири мафҳилҳои адабӣ дар рушду нумӯи адабиёт, хосатан инкишофи нақди адабӣ мавриди пажӯҳиши алоҳида қарор нагирифтааст. Дар китобҳои таърихи адабиёти Забеҳулло Сафо [211], Ян Рипка [399], Расул Ҳодизода [347], Усмон Каримов [264], Садрӣ Саъдиев [338], Наҷми Сайфиев [326] дар асоси маълумоти тазкираҳо оид ба ривоҷи нақди адабии давр ва фаъолияти мафҳилҳои адабӣ ба таври умумӣ ишоратҳо шудааст.

Муалллифони  мақолаи «Нақди адабӣ дар қаҳвахонаҳои асри Сафавӣ» [196] бар он назаранд, ки ҳарчанд дар Эрон оид ба нақди адабӣ китобҳои арзишманде монанди «Аз гузаштаи адабии Эрон»-и Зарринкӯб [172], «Анвои адаби»-и Сируси Шамисо [232], «Аз маъно то сурат»-и Муҳаббатӣ [186], «Шоире дар ҳуҷуми мунаққидон»-и Шафеии Кадканӣ [176], «Нақди адабӣ дар сабки ҳиндӣ»-и Маҳмуди Футуҳӣ» [218], ки муаллифони мақола онҳоро «беҳтарину густардатирин кор дар мавзуии нақди адабии сабки ҳиндӣ» ҳисобида, дар идомаи назарҳояшон навиштаанд, ки «дар миёни осори номбурда, мутаассифона, бисёр кам ба қаҳвахонаҳои асри Сафавӣ пардохта шудааст» [196,145] ва таълифоти эшон аввалин таҳқиқи мавзуии қаҳвахонаҳои асри Сафавӣ ва мақому таъсири он ба инкишофи нақди адабии давр мебошад.

Муаллифони ин пажуҳиши арзишманд, ки аз панҷ қисм иборат аст, бо истифодаи усули тавсифӣ-таҳлилӣ маълумоти тазкираҳои «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ, «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор»-и Мирнақиид-дини Кошонӣ, «Тазкираи майхона»-и Абдуннабии Фахруззамонӣ, «Тазкираи Насрободи»-и Мирзо Тоҳири Насрободӣ, «Музаккир-ул-асҳоб»-и Малеҳои

Самарқандӣ, «Риёз-ул-ашъор»-и Волаи Доғистонӣ, «Маҷмаъ-ул-нафоис»-и Сироҷиддин Алихони Орзу, «Тазкират-ул-муосирин»-и Ҳазини Лоҳиҷӣ, «Натоиҷ-ул-афкор»-и Муҳаммад Гупомӯй, «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқули-хони Ҳидоятро оид ба накди адабӣ дар асри Сафавӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода [202,146], чор самти фаъолияти маҳфилҳои адабӣ ва накди қавҳахонаҳои асри Сафавиро муайян намудаанд.

Баъдтар, ба ҳар яки ин самтҳо аз тазкираҳо мисолҳо оварда, андеша-ашонро асоснок кардаанд, ки барои равшан гаштани масъала ба таври фишурда чанде аз он мисолҳоро меорем:

**Баҳси лафзу маъно**

Он гуна, ки қаблан қайд карда шуд, аксар шоирони ин давр маънигаро буда, барои гуфтани маонии тозаву бикр талош меварзиданд ва шуарову мунаққидон шеъреро, ки орӣ аз маонии тоза бошад, қабул надоштанд. Ба қавли Соиби Табрезӣ:

Ёрон талоши нозукии лафз мекунанд,
Соиб талоши маънии бегона мекунад [218,108].

Соммирзо дар мавриди шеъри Маонии Яздӣ менависад: «Дар шоирӣ худро кам аз шуаро намедонад, аммо дар шеъри ӯ муҷиб-ал-маънӣ фӣ батни шоир ба ҳасби зоҳири маонӣ кам метавон ёфт, ҳарчанд тахаллусаш маонист.

Ҳарчанд тахаллусаш Маонист,
Холӣ зи маонӣ аст шеъраш [131,239].

**Баҳси ислоҳӣ**

Тибқи маълумоти муаллифони «Накди адабӣ дар қаҳвахонаҳои асри Сафавӣ» шоирону мунаққидон дар маҳфилҳои адабии қавҳахонаҳо дар маънӣ ё лафзи шеър айбе пайдо кунанд, талош мекарданд, ки онро ислоҳ намоянд. Масалан, Хони Орзу ба байти зерини Ҳазини Лоҳиҷӣ:

Зулматкадаи ошиқ аз чеҳра мунаввар кун,
То чанд ба рӯз орам торикии шабҳоро?

эрод гирифта мегӯяд: «шаб ба рӯз овардан аст, на торикӣ ба рӯз овардан. Агар шабҳои торик мавзун мешуд, ҳисобе буд. Гӯё дар ин байт саҳве воқеъ

шуда, бояд лафзе монанди шамъ ва ё чароғ ё ғайра дар мисри дуюм зикр мешуд, масалан:

Зулматгаҳи ошиқ аз чеҳра мунаввар кун,

Торикии шаб бе шамъ то чанд ба рӯз орам?» [176,132]

**Баҳси сирқоти адабӣ**

Барои шоирону мунаққидони аҳди Сафавӣ доғтарин баҳс масъалаи сирқоти адабӣ, яъне аз худ кардани мазмунҳои шеъри дигарон мебошад, аз ин рӯ камт арин монандии мазмуни шеърро бо ашъори гузаштагон ҳамчун сирқот маънидод мекардаанд. Шоирон ҳаддалимкон талош менамуданд, ки маънои тозае эҷод кунанд ва аз такрору монандии мазмуни шеъри мутақаддимин парҳез намоянд, то ба сирқот муттаҳам карда нашаванд. Масалан, Хони Орзу дар нақди ин байти Ҳазини Лоҳиҷӣ гуфтааст:

Хори тарам, ки борам бар дӯши боғу бӯстон,

Деҳқони бемурувват бе ҷой монд моро.

«Агарчӣ интизол(такрор будани мазмуни дигарон) дар девони Ҳазрати Шайх ба ҳаддест, ки забони қалам аз теъдоди он қосир аст, лекин ҷаноби Шайх дар ин байт шеъри ду устодро дар як байт мундариҷ фармуда» [176,256].

**Ҳақиқатмонандӣ**

Бино ба назари муҳаққиқон аз муҳимтарин баҳсҳои нақди адабии ин аср ҳақиқатмонандӣ дар шеър аст. Ин чунин маъно дорад, ки шеъри сабки ҳиндӣ шеъри комилан заминиву бештар ҳисшаванда аст, мазмунеро қобили қабул мешуморад, ки ба ҳақиқат монандӣ дошта бошад, бо ибораи дигар бар ҳақиқат мухолифат надошта бошад. Масалан Хони Орзу дар бораи ин байти Ҳазини Лоҳиҷӣ навиштааст:

Ҷаҳонеро чу Маҷнун ҳусни Лайло карда овора,

Биёбонгард дорад Юсуфи мо корвонеро.

«Мисраи аввал тарафи вуқуъ надорад, яъне ҳақиқатмонанд, нест, зеро ошиқи Лайло ҳамин Маҷнун асту бас» [176,46].

Фаъолияти қаҳвахонаҳо дар асри Сафавия омили равнақ ёфтани фазои нақд ва ривоҷи бесобиқаи нақди шеър гардидааст. Аҳли адаб дар ин гуна мафҳилҳо гирди ҳам омада ашъори шоиронро мешуниданд ва гоҳе ислоҳу нақд мекардаанд. Инчунин осори шуарои бузургро бо риояи вазну қофия ва радиф ҷавоб мегуфтаанд, нообаста ба сатҳи донишу дараҷа ба ҳама имконияти ибрози ақида мавҷуд будааст. Шоирони шинохтаву номдоре ҳамчун Соиби Табрезӣ ҳам дар ин маҳфилҳо иштирок менамудаанд. Ҳатто Шоҳ Таҳмоспи Сафавӣ ба қаҳвахонаҳо ташриф меовардааст ва шуарои давр барои мувофиқи табъи мухотаб шеър гуфтан сайъ намуда, абёте, ки писанди хотири мухлисон набошад, тағйир медодаанд, ё аз баҳри ин гуна ашъор мебаромадаанд. Аз ин рӯ, ба андешаи муаллифони «Нақди адабӣ дар қаҳвахонаҳои асри Сафавӣ» ин давра аз шукуфотарин асрҳои нақди адабӣ нисбат ба давраҳои қабл аз худ, дар адаби форсӣ аст» [196,151]. Қаҳвахонаҳо дар рушди нақди адабӣ таъсир гузошта, ҳатто ашхосе, ки дар ибтидо шоир ҳам набудаанд, дар натиҷаи иштироки ҳамешагӣ дар маҳфилҳои адабӣ дар олами шеъру шоирӣ муваффақ ҳам гаштаанд, ки мисоли равшани он муаллифи «Тазкираи Насрободӣ» шуда метавонад [39,518].

Маҳфилҳои адабӣ ба ғайр аз қаҳвахонаҳо инчунин дар дӯконҳову манзилҳои шахсӣ баргузор мегаштааст, ки дар ин бора Маҳмуди Футуҳӣ ишора намудааст: «Анҷуманҳои адабӣ ва шеърҳое, ки дар қаҳвахонаҳо ва гоҳо дар дӯконҳо ва манозили шахсӣ баргузор мешуд, таъсири фаровоне ба адабиёт ва завқи адабӣ дошт» [218,74].

**б) Маҳфилҳои адабӣ дар ҳавзаи адабии Ҳиндустон ва вижагиҳои он**

Дар давраи салтанати Темуриёни Ҳинд ҳавзаи адабии Ҳиндустон ба муҳимтарину пешрафтатарин ҳавзаҳои адабии форсию тоҷикӣ табдил ёфт. Аз замони салтанати бунёдгузори ин давлат Бобурмирзо, ки бо туркию тоҷикӣ шеър мегуфт, то охирин намояндаи сулола Аврангзеб забони форсӣ забони расмии дарборӣ қарор гирифта, салотину умаро ба ривоҷи шеъру адаб ҳавасмандии амиқ зоҳир менамудаанд. Махсусан дар замони ҳукмронии Акбаршоҳ дар ҳамаи доираҳои ин ҳавзаи адабӣ илму адаб ривоҷи бесобиқа

доштааст ва аз ҳамин ҷиҳат аҳли фазлу адаб аз Хуросону Мовароуннаҳр рӯ ба Ҳиндустон оварда, дар қатори олимону адибони маҳаллӣ дар рушду нумӯи шеъру адаби форсию тоҷикӣ саҳмгузорӣ намудаанд.

Мувофиқи маълумоти тазкираҳову осори таърихӣ, аз ҷумла, «Тазкират-ул-муосирин»-и Ҳазини Лоҳиҷӣ, «Тазкираи Насрободӣ»-и Тоҳири Насрободӣ, «Миръот-ул-хаёл»-и Шералихони Лудӣ, «Маҷолиси Ҷаҳонгирӣ»-и Абдулсаттори Лоҳурӣ, «Маҷмаъ-ул-нафоис»-и Сироҷиддин Алихони Орзу, «Хазоин-ул-ашъор»-и Шоҳалихони Кабирӣ ва андешаву хулосаҳои Шиблии Нӯъмонӣ, Маҳмуди Футуҳӣ, Гулчини Маонӣ, Абулҳусайни Зарринкӯб, мақолаи маҷаллаи «Шеър» таҳти сарлавҳаи «Анҷуманҳои адабии Ҳинд дар даврони Темурӣ» дар дарбори Темуриёни Ҳинд баргузории маҳфилҳову маҷлисҳои адабӣ ҳамчун анъана буд, ки онро «Маҷлиси мушоира» мехондаанд [159, 21].

Навомӯзоне, ки дар дил ҳаваси шоирӣ доштанд, дар назди шоирон ва адибони соҳибмартаба ба машқи шеър мепардохтанд ва «бад-ин тартиб навъе анҷумани адабӣ аз тариқи таълиму тадриси фанни шеърро падид меоварданд» [159,21]. Ҳар шоири соҳибсабку соҳибмактаб шогирдони худро дошт. Шогирдон татаббуи сабки устод мекарданд ва ҳар рӯз мусаввадаҳои худро мехонданд ва устод ба тасҳеҳи ашъори онҳо мепардохт. Чунонки Маҳмуди Футуҳӣ чунин назар таъкид кардааст: «Аз шоироне, ки дар Шибҳи Қораи Ҳинд симати (рутба, мақом-М.М.) устодӣ доштанд ва маҳзари онҳо маҳалли фарогири фунуни шоирӣ буд, метавон ин афродро ишора кард: Бедили Деҳлавӣ, Носиралии Сарҳиндӣ, Ҳазини Лоҳиҷӣ, Муҳаммадафзали Сархуш, Абдулатифхони Танҳо, Мирзо Абдулғанибеки Қабул, Мирзо Муиззии Фитрат, Офарини Лоҳурӣ [218, 98]. Ин шоирон бо шогирдони худ дар маҳофили адабӣ, ки дар маконҳои мухталиф монанди мазороти Ҳинд, масоҷид, қаҳвахонаҳо ва китобхонаҳо, ё дар манзили аҳли завқ ташкил мешуд, ҳозир мегардиданд ва ба ҳаводорони «фирқаҳои шеърии дигар ба мушоира ва мунозира мепардохтанд» [159,21].

Яке аз ин мактабҳо ва фирқаҳои шеърӣ фирқаи «Қабула» унвон дошт, ки шогирдону мутобеъони Мирзо Абдулғанибеки Қабул аъзои он буданд» [159,22]. Фарзанди вай Мирзо Гиромӣ, ки пайрави тарзи падар буд, панҷсад шогирди шоир дошт ва дар маҷолиси мушоира маъмулан панҷоҳ тан аз шогирдонаш мулозими вай буданд. Хони Орзу дар зайли гузориши аҳволи вай менависад: «Авоил, ки Шайх Муҳаммадалии Ҳазин ба Шоҳиҷаҳонобод омад ва овози шеъри ӯ ба гӯш расид, Мирзо Гиромӣ бо даҳ-бист кас аз шогирдон ва мухлисон ҷое, ки Шайх буд, рафт ва ба лаҳҷае, ки марсуми фирқаи қабулия будааст, ғирев дар гунбади афлок андохт[159, 22].

Аксаран маҳфилҳои адабӣ дар дарбори шоҳон ва умарову вузаро барпо гардида, дар он маҷолис тадриси фанни шеъру машқи шоирӣ, ислоҳи шеъру татаббуъ ва бадеҳагӯиву мунозира ва мусобиқаҳо ташкил карда мешуд. Таҳти таъсири чунин фазо бозори шоирӣ ва шеър, ҳамчуни накди шеър, бисёр равнақ гирифт. Рақобати эрониёну ҳиндуён низ бар гармии ин бозор меафзуд ва муҷиби мушаххас гардидани нақдҳову зебоии зарофатҳои шоирона мегардид. Ба қавли донишмандон аксаре аз ин шоирон дар дарбор симати (вазифа, рутба) иҷроие доштанд, ба ваколати китобдорӣ ва ғайраҳо машғул буданд [218,98].

Замони рушди фаъолияти маҳфилҳои адабии дарбор ба замони салтанати ҳукумати се подшоҳи муқтадири ин сулола, яъне Акбаршоҳ, Ҷаҳонгиршоҳ ва Шоҳиҷаҳон мувофиқ меояд. Бузургтарин шоирони тарзи тоза дар дарбори онҳо ва сарзаминнҳои тобеашон ба корҳои эҷодӣ машғул буданд, ки боиси падид омадани маҳофили адабии ҳамон муҳит мегардид.

Ҷаҳонгир чаҳорумин подшоҳи силсилаи Курагонӣ худаш табъи шоирӣ дошт ва ҳамчун наққод ба андозаи як устоди бузурги фан эътироф шуда буд. Вай шуарои зиёдеро таҳти ҳимояти худ гирифта, дар чаҳордаҳумин соли тахтнишиниаш Толиби Омулиро ба унвони маликушшуарои дарбори худ сарфароз гардонидааст [218, 99].

Ҷаҳонгир ашъори шоирони дарбори худро накд ва нуқсонҳояшонро ифшо месохтааст. Як бор Шоҳ Аббос барои ӯ номае навишта буд, ки онҷо ин байт дарҷ гардида:

Ҳамнишинам ба хаёли туву осуда дилам,
Ин висолест, ки дар пай ғами ҳиҷронаш нест.

Ҷаҳонгир аз шуарои дарбори худ хост то дар муддати даҳ рӯз ғазале бигӯянд, то байте аз он дар зимни посухи Шоҳ Аббос навишта шавад. Шоирони дарбор ғазалҳои зеринро пешниҳод намуданд:

Назирӣ:

Давлати ишқ надорад хатар аз айни камол.
К-ин саодат ба камолест, ки поёнаш нест,
Дилам аз файзи муҳаббати азал бо ту якест,
Хабар аз васл надорам, ғами ҳиҷронаш нест.

Аммо ин абёти пешкаш намудаи Назири Нишопурӣ писанди хотири шоҳ намегардад.

Ҳаётӣ:

Менадонам, зи чӣ бекор нишинад ошиқ,
Сина худ ҳаст, агар чоки гиребонаш нест.
Чӣ кунад ошиқи бечора,ки ҳайрон нашавад?
Ҳар киро ҳаст диле, дида ба фармонаш нест.

Шоҳиҷаҳон ин абётро муносибтар аз байтҳои Назирӣ арзёбӣ мекунад, Назирӣ эътироз мекунад ва ин байт мехонад:

Ишқи ту воқеае нест, ки охир гардад,
Ҳарчӣ оғоз надорад, ғами поёнаш нест.

Шоҳ мегӯяд: Лафзи ишқ аз камолоти салтанат бисёр дур аст, подшоҳе ба подшоҳе наменависад. Ошиқиву маъшуқӣ нест. Назирини Нишопурӣ байти дигар мехонад:

Шодам аз дил, ки майи шавқи ту мадҳушаш кард,
Хабар аз рашки висолу ғами ҳиҷронаш нест**.**

Подшоҳ ин байтро шунида мегӯяд:

-Бародари бузург ба бародари хурд чунин наменависад.

Ва дар ин ҳангом шоир Ҳаётии Гелонӣ ғазали худро мехонад:

Ман надонам зи чӣ бекор нишинад ошиқ,
Сина худ ҳаст агар чоки гиребонаш нест.
Чӣ кунад ошиқи бечора, ки ҳайрон нашавад,
Ҳар киро ҳаст диле дида ба фармонаш нест.

Шоҳ боз ҳам қонеъ нагардида, ба Шайх Ҷамолӣ муроҷиат карда шеъре гуфтани ӯро ҳам хоҳиш мекунад.Шайх Ҷамолӣ бадоҳатан мехонад:

Ғарқаи луҷаи ишқем,ки поёнаш нест,
Толиби дардем, ки дармонаш нест.
Ман ба дил бо ту шабу рӯз висоле дорам,
Восил он аст,ки дарду ғами ҳиҷронаш нест.

Пораи шеърие, ки Шайх Ҷамолӣ гуфтааст ба шоҳ писанд меафтад ва ӯ ишора менамояд, ки метавон ин байтро баробари он байт марқум сохт[159, 23]. Маҳз ҳамин гуна нақдҳо ва таҳлилу натиҷагириҳо сабагори он мегашт, ки адибон барои эҷоди ашъори баландмазмун ва риояи таносуби сухан кӯшиш ба харҷ диҳанд, зарофатҳои шоиронаро нигоҳ доранд ва дар ин самт муваффақ бошанд. Ҷаҳонгир муътақиди ғазал ва рубоӣ буда, ба мадҳу марсия эътимоде надоштааст. Ҳаётии Гелонӣ аз шоирони дарбораш дар ин хусус гуфтааст: «Беҳтарин фунуни шеър ғазал ва рубоӣ аст, муътақиди қасида наям, ки дар мадҳ аз ҳад мегузаронанд ва марсияро ҳам дӯст надорам» [159,24].

Бино ба ахбори сарчашмаҳо анҷуманҳои адабӣ на танҳо дар дарбори шоҳони темурӣ, инчунин дар дарбори ҳокимони маҳаллӣ, ки онҳоро субадорон (ҳоким, фармонравои сарзаминҳое, ки ба ҳукумати марказӣ молу хироҷ пардохт менамуд) меномиданд, низ роиҷ будааст. Абдурраҳими Хонихонон, сипаҳсолори дастгоҳи Акбар ва Ҷаҳонгир дар шаҳри Аҳмадобод, як академияи адабӣ таъсис карда буд. Инчунин, дар манзилҳои аҳли адабу сухан, амсоли Назирии Нишопурӣ, Саид Салоҳхони Ошно, Шоҳ Валиюллоҳи Иштиёқ, Волаи Доғистонӣ, Хушгӯ, Бедили Деҳлавӣ, Хони Орзу, Кшан Чанд

Ихлос, Шоҳ Муҳаммад Мӯсои Ҳайраттахаллус, Мавлоно Муҳаммад Тоҳири Мавсуф низ бо як тартибу низоми муайян маҳфилҳои адабӣ баргузор мегардидааст.

Дар маҷлисҳои салотин ва умаро нақди шеър ривоҷи тамом дошт. На фақат шуаро ба якдигар эрод мегирифтанд, балки аҳли ҷоҳу мансаб низ дар нақди шеър қудрату маҳорат нишон медоданд. Достони мушоираи Нуриҷаҳонбегим бо Абутолиби Калим аз мисолҳои маъруф аст, ки аз интиқодкунандаи закӣ ва огоҳ будани ин малика ҳикоят мекунад. Ҳар шеъре, ки Калими Кошонӣ бар малика арза мекард, мавриди интиқоде воқеъ мешуд ва «Нурҷаҳонбегим бар аксар шеърҳояш эътироз мекард. Гӯянд рӯзе Толибро ин байт ба хотир расид ва ба хидмати бегим фиристод:

Зи шарм об шудам, обро шикасте нест
Ба ҳайратам, ки маро рӯзгор чун бишкаст?

Бегим дар зери байт навишта, ки «ях баста шикастааст». Баъд аз он Толиби Омулӣ тарки мушоира намуд [32, 90].

Аз муҳимтарин намунаҳои адабиёти интиқодӣ дар ин давра мушоира-ҳоест, ки байни шуаро баргузор мегашт, баъзе аз мушоирот дар маҷлиси умаро рух медод. Аз ҷумла, дар маҷлиси Зуфархон шоирон Соиби Табрезӣ ва Калими Кошонӣ аз шеъри худ намунаҳо мехонданд, ки хон фармуд, бояд байте дар сифати лабе, ки захми дандон дошта бошад, эҷод кард. Аввал Калими Кошонӣ ин матлаъро бар бадеҳатан гуфт:

Захми дандон хубтар кард он лаби пурхандаро,
Ҳуҷҷат, оре, беш бошад ин ақиқи кандаро.

Аҳли маҷлис нидои таҳсину офарин карданд, баъдан Мирзо Соиб ин байтро гуфт:

Бошад ба лабаш нишони дандон,
Нақше, ки ба муддао нишинад.

Маҷлисиён таҳсину офарини балеғ намуданд. Калими Кошонӣ тоб наёварду гуфт:

Пеши ин ҷавҳариёне, ки дар ин бозоранд,

Қиммати ришта фузунтар бувад аз гавҳари мо.

Мирзо Соиб бар худ печид ва ин шеър бигуфт:

Тирарӯзӣ бин, ки мехоҳад Калими безабон,

Пеши шамъи Тур изҳори забондонӣ кунад.

Калим даст бар ханҷар гузошт Мирзо низ мустаиди ҷанг шуд. Хони мавсуф гуфт: Охир ин арсаи ашъор аст на майдони корзор ва бо ҳам сулҳ дод [173, 432].

Ҷое дигар овардаанд, ки дар маҷлиси Зуфархон ҷавоне аз аҳли Кашмир, ки худро устоду бособиқа нишон медод ҳозир буд. Соиб ашъор мехонду мардум аз ҳар тараф дурҷи даҳон ба силаи ҷавоҳири таҳсину офарин кушода буданд. Дар ин асно он ҷавон гуфт, ки қудамо пеш аз ин ҷумла мазомини олӣ бастанд ва шуарои замони моро ҷуз тағйиру табдили алфоз кори дигари суханварӣ боқӣ намонда. Мирзо Соиб табассум карда бадеҳатан ин байт бар рӯйи вай бихонд:

Аҳли дониш ҷумла мазмунҳои рангин бастаанд,

Ҳаст мазмуни навишта банди тунбони шумо.

Зуфархон бихандиду маблағе куллӣ инъом фармуд [30,71].

Намунаи машҳури наққодии маҷлисҳои ин даврон «Достони муошира ва муоризаи Мулло Фирӯз ва Мулло Шайдо» мебошад, ки Ҳазини Лоҳиҷӣ дар «Тазкират-ул-муосирин» ба таври муфассал онро овардааст [30,91].

Ба ин тариқ, дар ҳавзаи адабии Ҳиндустон анҷуману маҳфилҳои адабӣ дар дарбори шоҳони Курагонӣ, ҳокимони маҳаллӣ, манзили шоирони номдору аҳли завқ ва дигар амокини ҷамъиятӣ ба таври муназзам барпо гардида, дар ин маҳофил таълиму тадриси фанни шеър, ҷавоб гуфтан ба ашъори адибони номдор ривоҷ ёфта, бештар нақди маъниву нақди ислоҳ роиҷ будааст. Ҳамчунин сабқату мушоира ва мунозираҳои адабӣ муҷиби нозкукбаёниву гуфтани маонии тоза дар шеъри давр гардидааст. Салотину умарои сулола ағлаб адабпарвар ва дар нақди шеър тавоно буда, ашъори

шоирони дарборашонро накду ислоҳ менамудаанд, ки дар инкишофи накди шеър бетаъсир набудааст.

**в) Маҳфилҳои адабӣ дар ҳавзаи Моварооуннаҳр**

Дар ҳар ҷое ҳаёти адабӣ ҷараён дорад, баргузории маҳфилу маҷлисҳои адабӣ амри воқеист, зеро барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти маънавӣ, огоҳӣ пайдо намудан аз ҳолу ҳавои адабиёти давр, намоиши маҳорату истеъдоди хеш аз муқтазиёти аҳли адабу аҳли завқ ба шумор меомадааст. Дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ, «Музаккир-ул-асҳоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Музаккир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ ва дар китобҳои таърихи адабиёти тоҷик дар асрҳои XVI-XVII Садрӣ Саъдиев [338], Усмон Каримов [264], Расул Ҳодизода [347], Наҷмӣ Сайфиев [325] мазкур аст, ки дар доираҳои адабии Моварооуннаҳр, аз ҷумла шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Тошканду Шоҳрухия, Балх бинобар вусъат пайдо кардани адабиёти ҳунармандӣ маҳфилу маҷлисҳои адабӣ дар дӯконҳои ҳунармандон, манзилҳои дӯстдорони шеър, раставу бозорҳо, баъдтар дар дарбори ҳокимон барпо мешудааст. Ҳамчунин, дар нимаи дуюми асри XVI чанд маҳфили хурди адабӣ, монанди маҳфилҳои адабии Ҳирот, Балх, Бадахшон, Ҳисор, Урганҷ, Шаҳрисабз ва ғайра фаъол будааст [325, 27].

Ҳарчанд оид ба фаъолияти маҳфилҳои адабии Моварооуннаҳр дар сарчашмаҳои таърихиву адабӣ маълумоти фаровон мавҷуд аст, масъалаи мавқеъ ва таъсири маҳфилҳои адабии ҳавзаи адабии Моварооуннаҳр мавриди омӯзиши алоҳидаву мушаххас ва арзёбии воқеӣ қарор нагирифтааст.

Дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ чандин маротиба ба маҳфилҳои адабӣ ва баҳсу бадеҳагӯии шоирон ишорат рафтааст. Мутрибӣ зимни тасвири аҳволу рӯзгори Аминии Даҳбедӣ мегӯяд: «Рӯзе дар ҳини музокираи сабақ ин байт, ки мансуб ба ҳазрати Фотима аст, разийаллоҳу анҳо ва салло ва саллама ъало абиҳо ва дар марсияи ҳазрати Рисолат, саллаллоҳу ъалайҳи вассалам, фармудаанд, мазкур шуд, ки:

Суббат алаййа масоибу лав аннаҳо,

Суббат ъала-л-аййоми сирна лайолийоа.

(Ба сари ман басо мусибатҳое омад, ки агар он ба сари рӯзҳо меомад, рӯзҳо аз вазнинии он ба шаб мубаддал мешуданд)

Ҳазрати эшон(Аминии Даҳбедӣ-М.М.) пурсиданд, ки ин байт дар кадом баҳр аст?

Гуфтам:

- Дар баҳри раҷази мусаддаси солим.

Фармуданд:

– Аз абёти форсӣ мисоле намо.

Ин байтро хондам:

Соқӣ, ба ишрат кӯш дар даврони гул,

Магзор аз каф ҷом то поёни гул.

Мавлоно Солеҳи Ғиждувонӣ, ки яке аз афозил буд ва дар илми арӯз комил менамуд ва муаллими амири саиди шаҳид- Ҳоҷӣ Атолиқи Дуррамон буд, бар сабили муғолата фармуд:

– Ин байти шумо номавзун аст, зеро ки қоидаи арбоби арӯз аст, ки ҳар гоҳ баъд аз ҳарфи мад нун воқеъ шавад, дар тақтеъ соқит мегардад. Пас дар калимаи «даврон»-у «поён» дар ин байт баъд аз «алиф» ва «нун» воқеъ шуда, чун дар тақтеъ соқит шавад, байт номавзун мешавад.

Фақир гуфтам:

– Қоидаи аҳли арӯз он аст, ки ҳар гоҳ баъд аз ҳарфи мад «нун»-и сокин воқеъ шавад, дар тақтеъ соқит мегардад. Ин ҷо «нун» мутаҳаррик аст, пас соқит нагардад ва байт номавзун нашавад» [129, 85-88].

Аз навиштаҳои Мутрибии Самарқандӣ дар тазкираи хеш бобати баргузории маҳфилҳои адабии Мовароуннаҳр нуктаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ иборатанд аз:

- Зимни таълиму тадрис муҳокимаи масъалаҳои адабӣ амсоли арӯз, маънидоду татаббуъ;

- Баррасии масоили ихтилофи назари ҳамдигар бо риояти одоби мунозираву ҳусни тафоҳум;
- Пазироии андешаи солиму созанда бидуни таваҷҷуҳ ба синну сол, мартаба ва мавқеи ҷамъиятӣ;
- Бузургон ҷавононро ситоиш намуда, иштиёқи онҳоро бармеангехтаанд.

Мутрибӣ дар ҳошияи зикри Аминии Самарқандӣ хабар медиҳад, ки дар маҷлисҳои адабӣ нақди шаклу мазмун ва нақди ислоҳ ҳам роиҷ будааст. Вақте Аминии Самарқандӣ мувофиқи хоҳиши муаллиф байти зеринро мехонад:

Асири ишқаму ҳудҳуд шудаст воқифи ҳол,
Ба хатти кӯфа навиштаст шарҳи ҳол ба бол.

Мутрибӣ дар хусуси ин байт мегӯяд:

Ҳусни ин назм аз баён мустағнияст,
Бар фурӯғи хур кӣ меҷӯяд далел?!
Офарин бар килки наққоше, ки дод
Бикри маъниро чунин ҳусни ҷамил.

Ва дар идомаи он мегӯяд, ки «Мулло Ашкӣ ба фақир гуфт, ки ин матлаи рангин низ аз эшон аст:

Нест дандон он ки аз захми забонаш хун шуда,
Донаи норест аз акси лабаш гулгун шуда.

Рӯзе ин камина ба тақрибе ин матлаъро дар маҷлиси ҳоҷиби аталиқи Қӯшчӣ хондам, фармуданд, ки:

-Агар дар ин матлаъ ба ҷои лафзи «захм» калимаи «теғ» ояд, ҳароина маъно софтар менамояд. Алҳақ ҳам чунин хоҳад буд [129, 95-96].

Мутрибии Самарқандӣ ҳангоми зикри рӯзгору ашъори Афзалии Самарқандӣ яке аз маҷлисҳоро тасвир кардааст, ки шоирон байни ҳамдигар бадеҳагӯӣ намудаанд: «Рӯзе дар боғе афозил ҷамъ буданд, подшоҳро Боқӣ Гулгун ном манзуре буда, ки гул аз шарми рашки рӯи некӯяш обу моҳ аз шарми орази дилҷӯяш дар ҳиҷоб буда. Дар он маҷлис ба ҷаноби Мир

илтифоти зоиду-л-васф менамуда. Ва Мири мазкур ба сабаби инояти он нозанин қадам аз ҷодаи он эътидол берун мениҳода. Иттифоқан, манзури мазкур ба мушорунилайҳ фармуда, ки ба Назмии шоир, ки ба хуштабъӣ алам ва ба туҳмати ғуломӣ муттаҳам менамуда ва дар он маҷлис ҳозир буда, дар услуби ин байт бадеҳа гӯянд, ки:

Маҳ зи ҷаври фалак дуто шудааст,
Ё зи маҳ порае ҷудо шудааст?!

Назмӣ гуфта:

То ба он моҳ ошно шудааст,
Афзалӣ, пири худнамо шудааст.

Ҷаноби Мир дар ҷавоб чунин гуфта:

Булбулонанд дар чаман хомӯш,
Зоғро бин, ки дар наво шудааст.

Ҷаноби Мир дар собиқу-л-аййом бо шуарои замон ва фузалои даврон дар маҷолису маҳофил муҷолисату мухолитат намуда, гӯи фасоҳат ба чавгони балоғат мерабуда ва аз умарову салотин ҷавоиз ва силоти некӯ меёфта» [129, 99-100]. Аз маълумоти Мутрибӣ аён мегардад, ки дар маҷолису маҳофили адаби ҳамон даврон бадеҳагӯӣ равнақи тамом доштааст.

Муаллифи «Тазкират-уш-шуаро» ҳангоми овардани маълумот дар бораи Боқии Каффош, ишора менамояд, ки Султон Саид ғазали Хоҷа Осафиро, ки матлааш чунин аст:

Нарехт дурди маю муҳтасиб зи дайр гузашт,
Расида буд балое, вале бахайр гузашт

миёни суханварон хонда, ҷавоб гуфтани онҳоро талаб кардааст. Мувофиқи маълумоти Мутрибӣ «бисёре аз шуарои замон ба гуфтани ин ғазал мубодарат намудаанд, чун Мавлоно Мушфиқӣ ва Фурӯғии Самарқандӣ ва Мулло Боқии Хумдонагӣ ва ғайраҳум, аммо аз он ҷумла гуфтаи Мулло Муҳаммадбоқии Каффош марҷаъ афтода ва ғазалаш ин аст:

Сабо, зи кӯи ту, ҷонам, ба расми сайр гузашт,
Зи рашк ҷон ба лаб омад маро, ки ғайр гузашт.

Ба юз бозгузашту аз он шудам хушдил,

Ки шоҳи ман чу Сулаймон ба ваҳшу тайр гузашт.

Ваҳшу тайри ин байти ўро баъзе аз фузало бар ваҳшу тайри ин байти Хоҷа Осафӣ тарҷеҳ мениҳанд:

Зи марғзори ҷаҳон, Осафӣ, гурезон бош,

К-аз ин диёр Сулаймон ба ваҳшу тайр гузашт» [129,137].

Дар баробари тасвири бадеҳагўии шоирон дар маҳфилҳои адабӣ мавридҳои дигар Мутрибӣ аз хусуси зарофатгўӣ ва ҳозирҷавобии суханварон ёдовар шудааст, ки намунаи он дар зикри ҳоли Чамании Яманӣ омадааст. Он воқеаро Мутрибӣ чунин ба қалам додааст: «Рўзе ба маҷлиси махдумӣ – Ҳасанхоҷаи Нисорӣ омад ва хост, ки ба латифагўӣ бар махдумӣ ғолиб ояд. Аслан муяссар нашуд ва ҳазрати махдумӣ китоби «Ҳиснун ҳасин(китобест шомили дуоҳову азкори Расулуллоҳ(с) » доштанд, ки дар сафару ҳазар онро аз худ ҷудо намесохтанд. Он рўз китобро дар миёни худ халида, нишаста буданд. Яманӣ чун онро дид, гуфт:

-Махдумо, дар вилояти мо чунон шоеъ аст, ки ҳар кӣ китобро дар миён мехалонад, сабақи ў таътил мешавад.

Махдумӣ фармуданд, ки:

-Дар вилояти мо акси ин аст, ҳар кӣ намехалонад, таътил мешавад!

Аҳли маҷлис масрур гардиданд» [129,150].

Дигар сарчашмаи муътамаде, ки дар бораи баргузории маҷлису маҳфилҳо дар доираҳои адабии Самарқанд, Бухоро ва Тошканду Шаҳрухия маълумоти муфассал ва дақиқу саҳеҳ медиҳад, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ мебошад.

Дар гуфторҳои дуюм, панҷум, нуҳум, сездаҳум, понздаҳум, шонздаҳум баргузории маҳфилу маҷлисҳо тасвир шудааст, ки ҳар яке аз ин гуфторҳо дорои сужети алоҳида буда, маълумоти ҷолиберо оид ба ҷараёни маҷлису маҳфилҳои дарбори ҳукуматдорони Шайбониён инъикос намудааст.

Дар гуфтори дуюм нақл карда мешавад, ки дар манзили Хоҷа Юсуфи Маломатӣ, ки тибқи тасвири Маҳмуди Восифӣ «аз либоси илм орӣ ва ба

зулмати ҷаҳл мутаворӣ» буд, маҷлисе барпо мегардад ва Восифӣ ба он маҳфил даъват мешавад. Мавлоно Қатилӣ, ки афзали фузалои Ироқу Хуросон будааст, ба гӯши Восифӣ мегӯяд:

- Ин хоҷа моро аҷаб дар назари ин ҷамоат забуну расво гардонид ва кор ба ҷое расонид,ки мо пеши ӯ дам наметавонем зад.

Восифӣ мегӯяд:

-Шумо сабр кунед ва таъҷил манамоед, ки ҷаноби Хоҷа аз либоси илм орӣ аст ва дар зулмати ҷаҳл мутаворӣ, оқибат аз вай амре сар хоҳад зад, ки муҷиби хиҷолати вай гардад ва сабаби истилои мо шавад.

Дар ин асно шахсе, ки Тунӣ тахаллус мекарду дар шеър дар ғояти забунӣ буд, аз қавоиди ӯ истилоҳи шеър ва арӯзу қофия ва саноеъи шеърӣ аз ин банда чизҳо мепурсид ва ҷавоб мешунид, дар бадеҳа гуфтан шуд:

Эй, ки ту Тунӣ тахаллус мекунӣ,
Шеърро аз мо таҳаффус мекунӣ!

Хоҷа инро шунида мегӯяд:

Чун ту медонӣ, ки марди оҷиз аст,
Аз чӣ маънӣ ин таҷассус мекунӣ?!

Восифӣ беихтиёр хандон шуда мегӯяд:

Боракаллоҳ, ки карамҳо кардаед,
Хешро беҳуда расво кардаед!

Чун Хоҷа эътироз мекунад, Восифӣ мегӯяд:

-Эй махдум, қофияро ғалат кардед, дар назди шуаро айбе аз ин қавитар намебошад [15, 46-47].

Аз мазмуни нақли Восифӣ маълум мегардад, ки ашхосе чун Хоҷа Маломативу Мавлоно Тунӣ, ки аз илми шеъру ҳунари шоирӣ бархурдор нестанд ва даъвои зуфунунӣ мекардаанд, ҷавоби муносиби дандоншикан гирифта шармсор шудаанд.

Дар ағлаби гуфторҳои асар аз баргузории маҷлисҳои аҳли фазлу адаби доираҳои Самарқанд, Тошканду Шохрухия сухан рафтааст. Дар гуфтори панҷум Восифиро имтиҳон кардани аҳли фазл дар санъати иншои мактуб ва

шикофтани муаммо [15,75-111] тасвир шуда, ҳамин мавзуиъ дар гуфторҳои ҳаштум ва нуҳум низ матраҳ гардида, инчунин тибқи хоҳиши ҳокимон гуфтани ашъор дар васфи боғу бинои мадрасаҳо, гуфтани луғз низ муфассалан зикр шудааст.

Бино ба қавли Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар аксар маҷлисҳои адабӣ бо хоҳиши шоҳону вазирон ва аҳли фазл аз масоили ҳунари шоирӣ ва лаҳзаҳои ибратбахши саргузашти адибону олимон ва машоиху фузалои мутақаддам, амсоли Устод Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Шайхурраис Ибни Сино, Низомии Ганҷавӣ, Шайх Саъдӣ, Хоҷа Ҳофиз, Камолиддини Биноӣ, Мавлоно Ҷомӣ, Дарвеши Деҳакӣ сухан мерафтааст.

Ҳамчунин барои рафъи хастагиву дилхушии аҳли маҷолис нақли ҳикоёту латоифи ҳазломезу ширин низ анъана будааст.

Аз он чӣ ба қайд омад маълум мегардад, ки дар маҳфилҳои адабии Самарқанд, Бухоро, Тошканд ва Шохрухия ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ зоҳир мекардаанд:

1. Барои нишон додани маҳорату истеъдоди хеш ба ашъори якдигар ва шоирони дигар ҳавзаҳои адабӣ татаббуъ мегуфтаанд;

2. Дар маҳфилҳои адабӣ оид вазну қофия ибрози андеша намуда, нуқсонҳои вазну қофияро исботу ислоҳ менамудаанд;

3. Барои сабқат маҳфилҳои бадеҳагӯӣ ташкил мекардаанд;

4. Мафҳилҳо дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ташкил гардида, хосу ом дар маҷлисҳо ширкат меварзидаанд.

## 4.3. Муколамаву равобити адабии шоирон ва ҷойгоҳи накдушшеър дар сарчашмаҳои адабии асрҳои XVI-XVII

Он гуна ки қаблан қайд карда шуд, аз ибтидои садаи XVI бо сабаби вазъи басо харобиовари сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоии Хуросону Мовароун-наҳр, ҳамчунин, аз байн рафтани империяи Темуриён, ҳокимиятро ғасб кардани хонадонҳои Шайбониён дар Варорӯд ва Сафавиён дар Эрон, низоъҳои ҳарбии доимии байни онҳо, қатли ом, амалҳои ҳарбии харобиовар, коҳиши ҳаёти иҷтимоии мардум, нисбат ба инкишофи адабиёт бетаваҷҷуҳ будани салотини ин хонаводаҳо, зиёда аз ин ҳисси бадбиниву душманаии ҳукуматдорони Сафавӣ ба шеъру адабиёт, авҷ гирифтани таассуби мазҳабӣ, ба озору шиканҷа, ҳатто ба қатл ҳукм намудани мухолифони хеш аз ҷумлаи шоирон, заиф гардидани муносибатҳои ҳасанаи ҳамкории адабии шоирони Хуросону Мовароуннаҳр, ки дар давоми беш аз шашсад сол шакл гирифта буд, қариб ба дараҷаи нестӣ расидани адабиёти дарборӣ ҳам дар Эрону ҳам дар Варорӯд ва пайдо шудану ривоҷ ёфтани адабиёти ҳунармандӣ сар то сари ин сарзаминҳо омилҳое мебошанд, ки ҳаёти адабӣ дар маҷмуъ рӯ ба заволи бесобиқа ниҳод, ки дар ин бора ҳамаи муҳаққиқони таърихи адабиёти тоҷику форс мисоли С.Айнӣ, Е.Бертельс, Я.Рипка, Г. Алиев, У.Каримов, Р.Ҳодизода, С. Саъдиев, Н.Сайфиев, А.Насриддин, Забеҳулло Сафо, Маҳмуди Футуҳӣ, Доктор Вазинпур, Абдуллоҳи Муҳаммад маълумоти муфассал додаанд.

Аз ҷумлаи ҳодисаҳои даҳшатнок ва фоҷеабори дар ин давраҳо ба вуқуъ пайвастани низоъҳои мазҳабӣ ба шумор мераванд. Шоҳ Исмоили Сафавӣ, ки мазҳаби шиаро ба унвони дини давлатӣ қабул карда буд, мақсади аслияш бо баҳонаи ҳифзу паҳн кардани мазҳаб аҳолии суннимазҳаби Хуросонро ба зери таъқибу фишори доимӣ қарор додан ва аз ҳисоби тасарруфи мамолики обод васеъ намудани қаламрави давлати худ буд. Далели ин гуфтаҳо муносибати хайрхоҳонаи шоҳ Исмоилӣ Сафавӣ бо хонадони Темуриёни Ҳинд мебошад. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ Исмоили Савафӣ ба Хуросон лашкар кашида, Шибекхони ӯзбекро шикаст дода, Бегим-хоҳари Бобурро, ки

дар акди Шибекхон буд, бо эҳтиром ба назди Бобур фиристод, ки ин амали ӯ сабабгори пайдоиши муносибати дӯстонаву хайрхоҳона ва муҳаббати байни ду хонадон гардид [215,268]. Ҳол он ки ҳамаи шоҳони Темуриёни Ҳинд низ аз аҳли суннат ва ҷамоа буданд.

Ҳарчанд дар шароити басо мураккаби сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ миёни халқҳои Хуросону Мовароуннаҳр ва манотиқи гуногуни Эрон муносибатҳои илмиву фарҳангии қариб ба дараҷаи нестӣ расида буд, муносибатҳои адабӣ бо вуҷуди гусастагӣ камобеш идома дошт. Аз ҷумла байни шоирони тоҷику эронӣ муносибатҳои ҳасанаи эҷодӣ ба мушоҳида мерасад, ки дар ин бора Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, Мутрибии Самарқандӣ, Тоҳири Насрободӣ, Малеҳои Самарқандӣ дар тазкираҳои хеш маълумот додаанд.

Муносибатҳои адабии байни Мовароуннаҳр ва Эрони асрҳои мазкур ҳам дар адабиётшиносии тоҷик ва ҳам дар адабиётшиносии Эрон ба таври густарда омӯхта нашудааст. Дар сурате, ки муносибатҳои адабии байни Мовароуннаҳру Ҳиндустон ва Эрону Ҳиндустон дар ин даврон таҳқиқ шуда, доир ба ин масъала китобу рисола ва мақолаҳои зиёд таълиф шудаанд.

Академик А.Мирзоев роҷеъ ба равобити адабии Эрону Мовароуннаҳри асрҳои XVI-XVII бо такя ба маълумоти Малеҳои Самарқандӣ андешаҳои ҷолиб баён намудааст. Бино ба аҳаммияти ин андешаҳо фишурдаи онро ба шакли пурра иқтибос менамоем: «...қисмати дуюми мадорик роҷеъ ба равобити байни Мирзо Соиб ва удабои Мовароуннаҳр аст. Бар хилофи тамоми иттилооте, ки роҷеъ ба ҳаёти Соиб боқӣ мондааст, Малеҳои Самарқандӣ менависад, ки: «Соиб муддате бо либоси саёҳат масоҳати заминро сайр карда, то ки баъд аз сайри Мовароуннаҳр аз билоди Балх убур ба Ҳиндустон кардааст; қисмати сеюми мадорик роҷеъ ба равобити байни Мирзо Тоҳири Насрободӣ тазкиранависи Эрон ва шуарои Мовароуннаҳр аст ва удабои Мовароуннаҳр бо Мирзо Тоҳири Насрободӣ низ равобити наздик доштаанд. Масалан, онҳо иттилоъ доштаанд, ки ӯ дар дар  зикри шуарои муосир тазкира таълиф мекунад, бад- ин ҷиҳат шарҳи ҳолу намунаи ашъори

худро барои ӯ ба Исфаҳон мефиристоданд, то дар тазкираи худ ворид намояд. Малеҳои Самарқандӣ дар асари худ зимни ишора ба тазкираи Мирзо Тоҳири Насрободӣ менависад, ки: « Зикри шуарои муосири Мовароуннаҳр боби хоси тазкираи ӯро ташкил намудааст ва ман ба қадри истеъдод ҳасбан ва насбан, он чӣ, ки медонистам, махсусан дар бораи шоирони Самарқанд мазкур кардам,таъйин карда навишт». Воқеан, агар байни Мирзо Тоҳир ва шуарои Мовароуннаҳр чунин равобите вуҷуд надошт, ӯ наметавонист дар тазкираи худ шарҳи ҳолу намунаи ашъори панҷоҳу панҷ нафар шуарои Мовароуннаҳрро дохил кунад.

Қисмати чаҳоруми мадорик роҷеъ ба мулоқоти Малеҳои Самарқандӣ ва шуарои Эрон аст. Малеҳо дар ҳайати сафорати ҳукумати хони Бухоро ба Эрон сафар мекунад. Ин мусофират се сол тӯл мекашад. Малеҳо дар ин муддат бо шуарои муқими Машҳад, Сабзавор, Симнон, Қум, Кошон ва Исфаҳон борҳо мусоҳиб мешуд, дар ҳама ин шаҳрҳо удабои Эрон Малеҳоро дар як муҳити бисёр дӯстона истиқбол намуда, аз ӯ бо меҳмоннавозӣ пазироӣ мекунанд.

Малеҳои Самарқандӣ хулосаи ин мулоқотҳоро бо шарҳи ҳол ва намунаи ашъори панҷоҳу нуҳ тан аз шуарои нимаи дуюми қарни ҳафтуми Эрон дар тазкираи худ меорад ва дар шарҳи ҳоли ҳар шоир садоқати тарафайн ба хубӣ мушоҳида мешавад, чунончи Малеҳо баъд аз он ки дар бораи авсофи Насробод, Исфаҳон ва маҳалли исиқомату истироҳати Мирзо Тоҳир сухан мегӯяд, чунин менависад: «Осори зиракӣ ва атвори нозукӣ аз тарзи мулоқот ва тариқи ҳолоташ пайдост. Ба ҳар касе сулуки мушфиқона ва вохӯрдии дӯстона дорад,. муҳарририни ҳуруф дар Мовароуннаҳр писандидагии афъол ва санҷидагии аҳволашро шунида буд..»

Аз ин суханони Малеҳо пайдост, ки удабои Эрон ва Мовароуннаҳр нисбат ба ҳамдигар эҳтирому садоқати беандоза доштаанд. Ин нуктаро низ бояд таъкид намуд, ки зиддиятиҳои мазҳабӣ дар равобити байни удабо муассир набудааст [187,74-84]. Адабиётшиноси тоҷик Садрӣ Саъдиев дар китоби «Маркази адабии Самарқанд дар шоҳроҳи таърих» бо такя ба

маълумоти сарчашмаҳои таърихиву адабии давраи мазкур робитаи адабии шоирони Мовароуннаҳру Эронро мавриди пажуҳиш қарор дода, бо овардани чандин далел аз мавҷудияти ҳамин робита дар он даврон шаҳодат додааст [338, 219].

Омӯзгори кафедраи адабиётшиносии узбеки Донишкадаи давлатии педагогии Чирчиқи вилояти Тошканд Ҳошимҷон Қучқоров дар мақолааш «Робитаҳои эҷодии шоирони Мовароуннаҳр ва Эрон дар асрҳои XVI-XVII» оид ба ҳамин масъала мулоҳизаронӣ намуда, дар асоси маълумоти тазкираҳои Мутрибӣ ва Малеҳо робитаи шоирони Эрону Мовароуннаҳрро асосан дар ҷавобия гуфтани шоирони Мовароуннаҳр ба ашъори шуарои эронӣ, инчунин, ашъори худро ба Мовароуннаҳр фиристодану ҷавоб гуфтани шоирони тоҷикро талаб кардани адибони эронӣ дониста, ҷавобҳои мушаххас гуфтани шоирони ҳавзаи адабии Самарқанд иборат донистааст.

Аз маълумоти таълифоти мутазаккира бармеояд, ки бо вуҷуди душворӣ, сардии муносибатҳо ва вазъи номусоиди сиёсӣ, задухӯрдҳо ба хотири «мазҳабгароӣ», пастравии ҳаёти илмию фарҳангӣ равобити адабӣ ба куллӣ аз байн нарафтааст. Маҳз аҳли илму адаб бо тараннуми сулҳу сафо, дӯстию бародарӣ, тарғибу ташвиқи пирӯзии хирад бар ҷаҳл, торикӣ бар рӯшанӣ амал намуда, дар ҳамин даврони басо пурихтилоф, мушкилу печидаавзо садди роҳи тамоман аз байн рафтану маҳв гардидани муносибатҳои дӯстона ва хайрхоҳонаи суханварони Эрону Мовароуннаҳр гардида, баҳри пешрафти таъриху адабиёт ва фарҳанги муштарак, ки ҳар ду халқ ҳуқуқи бархурдории комилро доранд, саҳмгузорӣ кардааст. Ин ҳама ёде аз гузаштаи муштарак, ягонагию умумияти таърихии ду адабиёти ҳамзабон, равобити наздик ва мустаҳками пешинаи байни адибони тоҷик ва эронӣ буданд [271,6].

Ҳарчанд ба қавли муҳаққиқони адабиёти муштараки тоҷикӣ-форсӣ аз ҳам ҷудо гардидаву ҳар кадом бо самти хеш такомул меёфтанд, аз аввалҳои асри XV1 таълифи тазкираҳои умумифорсӣ дар ҳар ду адабиёт ба тариқи анъанавӣ идома меёфт, ки мисоли барҷастаи он дар тарҷумаҳои тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ, ки дар аввалҳои асри XVI аз

тарафи Фахрии Ҳиротӣ ва Ҳакимшоҳи Қазвинӣ анҷом гирифтаанд,таҷассум гардидааст. Дар ин тазкира дар шумори суханварони Мовароуннаҳр теъдоди муайяне аз суханварони Хуросону Эрон низ шомил гардида буданд. Ин дастури гузориши маълумотро шоир ва тазкиранигор Соммирзои Сафавӣ дар тазкираи «Туҳфаи Сомӣ» идома додааст[347,13].

Дар тазкираи мазкур, ки асосан шарҳи ҳол ва осори шоирони Хуросону Эрон ва қаламрави давлати Сафавиёнро дар бар мегирад, дар бораи як қатор адибони Мовароуннаҳри замони муаллиф дар фаслу бобҳои гуногуни асар маълумот дода шудааст. Анъанаи мазкур аз ҷониби тазкиранигорони тоҷик ҳам тадовум ёфт, ки аз равобити адабии ин ҳавзаҳо шаҳодат медиҳад.

Аввалин тазкирае, ки дар заминаи адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳр ба тасниф расидааст, «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Нисории Бухороӣ ба ҳисоб меравад [294]. Тазкираи мазкур, ки фарогири аҳволу ашъори сухансароёни нимаи аввали асри XVI мебошад, дар баробари арзи аҳволи шуарои Мовароуннаҳр, ҳамчунин аз ҳаёту эҷодиёти адибони Эрону Хуросон, Бадахшону Ҳиндустон ва кишварҳои дигар низ иттилоъ медиҳад. Ин суханварони мансуб ба кишварҳои гуногун дар тазкираи Ҳасани Нисорӣ на дар алоҳидагӣ ва аз рӯи мансубияташон ба ин ё он кишвар, балки ба тарзи омехта бо суханварони Мовароуннаҳр ва сарзаминҳои дигар зикр ёфтаанд. Дар тазкираи мазкур оид ба дусаду шаст нафар шоир маълумот дода шудааст, ки панҷоҳ нафари онҳоро суханварони кишварҳои фавқуззикр ташкил намудаанд [347,9-11].

Адабиётшинос Садрӣ Саъдиев роҷеъ ба масъалаи мазкур навиштааст: «Ба ғайр аз ин панҷоҳ нафар шоире, ки фаъолияти эҷодии онҳо дар ватанашон Хуросон ва Эрон ҷараён доштааст, дар тазкираи Нисорӣ теъдоди зиёди адибони хуросонӣ ва эронии маскуни Мовароуннаҳр низ зикр ёфтаанд. Сухан дар бораи адибони муҳоҷири хуросонӣ ва эроние меравад, ки дар аввалҳои асри XVI аз таъқиботи мазҳабии ҳукуматдорони Сафавӣ ва қизил-бошҳои Эрон ба Мовароуннаҳр фирор карда ва паноҳанда шуда, тақдири худро бо ин кишвар вобаста карда буданд. Аз рӯи тадқиқоти мо теъдоди ин

адибони муҳоҷири хуросонӣ ва эронии муқими Мовароуннаҳр дар тазкираи Нисорӣ ба сӣ нафар мерасад. Инҳо Рӯзбеҳхони Исфаҳонӣ, Камолиддин Иброҳими Шарвонӣ, Шайх Боязиди Пуронӣ, Шоҳзода Ҳошимӣ, Фахриддин Алии Воиз, Мавлоно Зайниддини Восифӣ, Мирами Сиёҳи Хуросонӣ, Мираки Саид Ғиёс, Мунаввари Меҳна, Миршайхи Пуронӣ, Шайх Муайийди Меҳна, Ҳоҷа Абдуллои Меҳна, Султоналии Убаҳӣ, Миралии Хаттот, Мавлоно Абдулқосими Ҳаким, Иброҳими Кунда, Мавлоно Маҳрумӣ, Мустафои Румӣ, Шайх Музаффари Меҳна, Рукниддини Меҳна, Амир Музаффари Туркман, Навидии Нишопурӣ, Мавлоно Абдусамад, Мавлоно Сафоӣ, Мир Муҳаммад Бадеи Қозӣ, Мавлоно Абдулҳаким, Мирзо Машҳадӣ, Мавлоно Ҳозирӣ, Мирзо Боқӣ (писари Миралии Хаттот), Қосими Арслон, Хоҷа Муҳаммад ва боз чанде дигар мебошанд» [271,5].

Пас аз Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ҳамин анъанаро тазкиранависи дигари Мовароуннаҳр Мутрибии Самарқандӣ идома бахшидааст. Дар тазкираи Мутрибӣ, ки бештар аз чаҳорсаду сиву шаш суханвари нимаи дуюми асри XVI ва ибтидои асри XVII-ро фаро гирифтааст, бештар аз панҷоҳ нафар шоирони Хуросону Эрон ба қайд омадаанд. Дар ин манбаи адабӣ низ намояндагони ҳавзаҳои адабии берун аз Мовароуннаҳр на дар боб ё фаслҳои ҷудогона, балки дар силки шуарои Мовароуннаҳр зикр гардидаанд. «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибӣ ҳарчанд монанди «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ асосан баёнгари шарҳи ҳоли суханварони тоҷик буда, бештар сухансароёни Мовароуннаҳрро фаро гирифтааст, дар он сарфи назар нашудани адибони Хуросону Эрон ва дигар минтақаву ҳавзаҳои шеъру адаби форсӣ на танҳо риояи анъанаи тазкиранигории пешин аст, ки фаро гирифтани суханварони тамоми ҳавзаҳои қаламрави шеъру адаби форсиро тақозо менамуд, балки нишони ягонагии таърихӣ ва пайванди адабиёти тоҷику форси Мовароуннаҳр ва Эрону Хуросон аст, ки бар хилофи ҷудоиандозиҳои сунъии сиёсӣ ва мазҳабии даврони Шайбониён ва Сафавиён низ асолати таърихии худро то ҳадди имкон ҳифз намуд.

Мутрибии Самарқандӣ дар такзкираи худ дар бораи шоирони зерини эронӣ, ки баъзе аз онҳо дар Эрону бархе дар Ҳиндустон зиндагиву эҷод кардаанд, маълумот дода, ҳунари шоирии эшонро арзёбӣ кардааст: Абдуллоҳи Нишопурӣ [129, 235], Амир Алии Ҳамадонӣ [129,379], Аҳмади Гелонӣ [129,122], Аҳсании Яздӣ [129,122], Бурҷии Машҳадӣ [129,138,], Вазъии Шерозӣ [129,189], Ваҷдии Қумӣ [129, 199], Волеҳии Қумӣ [129,210], Вуқӯии Исфаҳонӣ [129, 210], Доғии Ҳамадонӣ [129,168], Қалбии Табрезӣ [129,253], Қарории Гелонӣ [129,368], Муҳташами Кошонӣ [129, 276, 286], Назирии Машҳадӣ [129,314], Рашкии Ҳамадонӣ [129,373], Раъдии Кошонӣ [129,373], Саноии Машҳадӣ [129,32,396], Табъии Алиободӣ [129,240], Фаҳмии Табрезӣ[129,348], Ҳаким Рукнои Кошонӣ [129,231].

Анъанаи тазкиранигорони садаи XVI дар охирҳои асри XVII дар «Музаккир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ бозтоби нав пайдо намуд [279]. Дар ин тазкира аз яксаду шасту панҷ нафар адибони ҳамзамони муаллиф, панҷоҳу шаш нафар шоирони эронӣ мебошанд. Дар асари Малеҳо нисбат ба тазкираи Мутрибӣ оид ба рӯзгору осори шумораи бештари суханварони эронӣ сухан рафтааст [347, 190-194].

Профессор Садрӣ Саъдиев ба ин масъала дахл намуда, нигоштааст: «Ҳамин тариқа баъди қариб дусад соли ҷудоии сиёсӣ ва динию мазҳабии мардумони тоҷику эронӣ ва канда шудани равобити фарҳангиву адабии байни онҳо ҳам эҳсоси ягонагию ваҳдати адабии онҳо натанҳо аз миён нарафтааст, балки ҳатто боло гирифтааст. Ин эҳсос дар дилу зеҳни тазкиранависи тоҷик Малеҳои Самаркандӣ чунон мустаҳкам будааст, ки ӯ ба нияти ҳар чӣ бештар фаро гирифтани шоирони хуросонӣ дар тазкираи ояндаи худ соли 1080 (1669) мансаби баланди муфтии Самарқандро қабул накарда, бо баҳонаи ҳаҷ шитобон ба тарафи Хуросон раҳсипор гардидааст, то бо аҳли адаби он диёр бисёртар мулоқоту суҳбат карда, намунаҳои ашъори онҳоро ба даст орад» [271,8].

Ҳамин сафари Малеҳо боис гашт, ки ӯ дар тазкираи хеш аз рӯзгору ашъори теъдоди зиёди суханварони нимаи дуюми асри XVII дар манотиқи

гуногуни Эрон ҳарф занад. Инчунин мавсуф ҳангоми саёҳати шаҳрҳои ин кишвар, бо адибону шуарои ин сарзамин шиносоиву мулокотҳои бевоситаро анҷом додааст, ки натиҷаи он дар тазкирааш мунъакис шудааст. Бартарии тазкираи Малеҳо аз осори пешин низ дар ҳамин аст, ки ӯ дар бораи эҷодиёти ҳамон суханвароне ҳарф мезанад, ки бо онҳо ҳамсуҳбат шуда, тарзи рӯзгор ва самти иштиғолашонро дидааст, сатҳи фаҳмишу дарки шеършиносӣ ва маҳорати адабии сухансароияшонро омӯхта, дар асараш натиҷагирӣ намудааст. Маҳз ба ҳамин сабаб онро «Музаккир-ул-асҳоб» ном гузоштааст. Камоли диққат ва мӯшикофии Малеҳо буд, ки мо аз хислату сифатҳои инсонӣ, қиёфаи шахсӣ, ахлоқу одоб, касбу кор, тарзи зиндагонии шоирони эронии он давр низ иттилоъи арзишманд дар ихтиёр дошта бошем, ки барои омӯхтани адабиёти давраи Сафавия ва хусусан, чеҳраҳои ҷудогонаи он аҳаммияти муҳим дорад. Имтиёзи дигари тазкираи Малеҳо дар он зоҳир шудааст, ки маълумотҳои ӯ аз иттилооти дигар тазкираҳои аҳди сафавӣ муфассалтару дақиқтар ва мушаххастар мебошанд.

Ин суннати хуҷастаи такмили робитаҳои таърихии адабиёти форсӣ ва адабиёти тоҷикиро чанд тазкиранигорони аҳди Сафавӣ низ пайравӣ кардаанд. Аз ҷумла, адиби эронӣ Мирзо Тоҳири Насрободӣ тазкираи бузурги шоирони аҳди Сафавияро мураттаб сохта, дар он боби алоҳидаро ба шоирони Мовароуннаҳр тахсис дод. Дар ин боби тазкира мураттиб роҷеъ ба аҳволу осори панҷоҳу панҷ нафар шоири Мовароуннаҳр сухан дар миён оварда, ки қисми бештари онҳо намояндагони марказҳои адабии Бухоро ва Балх будаанд. Аз шоирони маркази адабии Самарканд танҳо даҳ нафарро зикр намудааст, ки бештари онҳо низ бо маркази адабии Бухоро вобастагӣ доштаанд. Сарчашмаи асосии маълумоти мазкур дар хусуси суханварони Самарқанд, бешак қавли Малеҳост, зеро ӯ овони сафараш ба Эрон бо Тоҳири Насрободӣ мулоқот намуда суҳбат ороста буд.

Хусусияти фарқкунандаи тазкираҳои адибони эронӣ дар он аст, ки мураттибон шуарои тоҷикро дар боби алоҳида ҷойгузин намудаанд, дар сурате, ки дар тазкираҳои Нисорӣ, Мутрибӣ ва Малеҳо суханварони эронӣ

дар канори адибони маҳаллӣ паҳлу ба паҳлу омадаанд. Ин усули гузориши мавод дар бораи суханварони тоҷик ба тазкираҳои Лутфалибеки Озар ва «Риёз-уш-шуаро»-и Волаи Доғистонӣ, ки дар асри XVIII тасниф шудаанд, низ сидқ мекунад.

Дар маҷмуъ «Тазкираи Насрободӣ», ки аз шумори тазкираҳои захим ва хоси давраи Сафавия будааст, қариб ҳазор шоири Хуросону Эрону Мовароуннаҳрро дар ин аҳд фаро гирифтааст.

Фирқаи дуюми ин тазкира «Дар зикри шуарои Мовароуннаҳр, хусусан Бухоро ва Балх ва ғайра» ном дошта, дар бораи шоирони зерини Мовароуннаҳр маълумот додааст: Қозӣ Носири Бухороӣ [39,433], Мулло Олӣ [39,434], Мулло Рофеи Бухороӣ [39,434], Мирзо Муқими Бухороӣ [39,434], Мулло Осор [39,434], Ҳоҷи Баҳроми Бухороӣ [39, 435], Мулло Вафо [39,435], Мавлоно Нахлӣ [39,335], Малоно Шафеъии Бухороӣ [39,436], Саид Нокоми Бухороӣ [39,436], Мирзо Афзали Бухороӣ [39,436], Мирзо Олии Бухороӣ [39,436], Мулло Мавлавии Бухороӣ [39, 436], Мулло Шарифи Бухороӣ [39,436], Мулло Абдулатифи Бухороӣ [39,436] Мулло Воҳиби Бухороӣ [39,437], Мулло Маъюси Бухороӣ [39, 437] Мулло Асад Қосид тахаллуси Бухороӣ [39,437], Мавлоно Қулӣ [39,37], Мирзо Абдурраҳмон тахаллусаш Мунъим [39, 437], Мулло Мансур(Манзур)-и Бухороӣ [39, 438], Мулло Собити Бухороӣ [39,438], Мулло Тоиби Бухороӣ [39, 438], Мулло Мустафид Ҷалдагӣ [39,438] Мулло Селӣ [39, 439], Мулло Муҳаммадибоди Мумтоз [39,439], Муҳаммадамини Сарфароз [39, 439], Муҳаммадсолеҳи Нишоъ [39, 439], Хоҷа Обиди Роқим тахаллус [39, 439], Ҳоҷӣ Яҳё [39,439], Қозӣ Лутфуллоҳ [39,439], Ломеи Насафӣ [39,440], Мулло Накҳат [39,440], Хоҷа Самеъ [39,440], Яздонқулибек [39, 440], Мулло Туроби Балхӣ [39,440], Мулло Назмии Балхӣ [39,440], Ҳаким Лоиқи Балхӣ [39,441], Мулло Ягонаи Балхӣ [39,441], Мулло Яктои Балхӣ [39,441], Мулло Самеи Балхӣ [39,441], Мулло Ғаммози Самарқандӣ [39,441], Мулло Афкори Самарқандӣ [39,441], Мулло Қонеӣ [39,441], Мавлоно Шавкат [39, 441], Мулло Надирогоҳи Насафӣ [39,441], Мулло Шайдои Насафӣ [39,441], Мавлоно Бадеи

Самарқандӣ [39,443], Мулло Бақои Анвори Бухорой [39,443], Мулло Неъмат [39,443].

Мувофиқи хулосаи Расул Ҳодизода ахбори тазкираи Малеҳо на танҳо дар омӯзиши адабиёти давраи Сафавия, балки барои пурра ва мукаммал гардонидани таърихи ин давраи адабиёти Хуросон арзишу аҳаммияти бузург дорад [347,194].

Натиҷагирии маълумоти тазкираҳои Мутрибии Самарқандӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва Малеҳои Самарқандӣ аз рӯи масъалаи мавриди баҳс нишон медиҳад, ки осори мутаззакира тазкираҳои маҳдуди минтақавӣ ва фарогири танҳо аҳволу осори шоирони Мовароуннаҳр набуда дар шумули суханварони ин кишвар теъдоди зиёде аз адибони ҳавзаҳои дигари адабиёти форсӣ, хусусан Эрону Хуросонро низ дарбар гирифтаанд.

Дар заминаи қиёсу муқобалаи маълумоти тазкираҳои мазкур ва таҳқиқотҳои анҷомшуда оид ба пайвандҳои адабӣ дар тазкиранигории адабиёти тоҷику форс ба натиҷаҳои зерин расидан мумкин аст:

1. Ба равиши мустақил гом бардоштани адабиёти тоҷик дар асри XVI замина ва омилҳои муайяни сиёсию иҷтимоӣ ва таърихии худро дошт, зеро ин айём дар Эрону Хуросон аз як тараф ва Мовароуннаҳр аз тарафи дигар давлатҳои ҷудогонаи Сафавӣ ва Шайбонӣ ба вуҷуд омаданд, ки ба якдигар муносибати душманона доштанд.

2. Бо вуҷуди ноороміи вазъи сиёсии асри XVI, авҷ гирифтани муборизаву кашмакашҳо, таназзули робитаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва адабӣ робитаҳои адабӣ, арзишгузории каломи бадеии суханварон, нақди шеъру осори ҳамдигар пурра аз миён нарафт.

3. Тазкиранигорони мовароуннаҳрӣ ва хуросонӣ дар баробари рӯзгору осори адибони ватани хеш, перомуни суханварони сарзамини ҳамдигар низ ахбор додаанд, ки аз тадовуми равобити адабии ин ҳавзаҳо шаҳодат медиҳад.

4. Як тафовути умдаи тазкираҳои адибони эронӣ дар он аст, ки мураттибон маълумотро дар бораи шуарои тоҷик дар боби алоҳида ҷамъоварӣ намудаанд, дар сурате ки дар тазкираҳои Нисорӣ, Мутрибӣ ва

Малеҳо накди рӯзгор ва осори суханварони эрониро дар шафати адибони маҳаллӣ ба қайд овардаанд.

5. Пайванди адабии мунташир дар тазкираҳои ин асрҳо далели он аст, ки робитаи дохилии адабиёти тоҷику форс дар ҳама аҳду замон бо вуҷуди ҳаводиси пурошӯби таърихӣ ба пуррагӣ гусаста нашудааст.

Муносибат ва равобити адабии миёни шоирони тоҷику эронӣ афзун ба маълумоти тазкиранависони эронӣ дар бораи шоирони тоҷик ва ахбори тазкиранигорони тоҷик оид ба аҳволу осори шоирони эронӣ дарривоҷи ҷавобу татаббуоти миёни онҳо ба ашъори якдигар низ равшан акс ёфтааст. Падидаи пайравӣ, татаббуъ, ҷавобгӯӣ ва назиранависӣ ба осори шоирони гузаштаву муосир ба сифати саҳнаи намоиши қудрату маҳорати шоирӣ дар ҳамаи давру замонҳо роиҷ будааст ва дар тазкираҳои Тоҳири Насрободӣ, Мутрибии Самарқандӣ ва Малеҳои Самарқандӣ низ ба тафсилоти бештар дарҷ гардидааст.

Аз маълумоти Мутрибӣ бармеояд, ки шоирони номдори Хуросону Эрони давраҳои мавриди баҳс, амсоли Хоҷа Осафӣ, Урфии Шерозӣ, Муҳташами Кошонӣ, Валии Даштибаёзӣ, Майлии Ироқӣ, Ваҳшии Бофиқӣ, Ҳакими Рукнои Кошифӣ дар ҳавзаҳои адабии Мовароуннаҳр шуҳратёр будаанд, ки суханварони тоҷик ба ашъори онҳо татаббуъ гуфтаанд ва Мутрибии Самарқандӣ дар тазкирааш ба ҳунари шоирии эшон баҳои баланд додааст. Аз ҷумла, дар бораи Ҳаким Рукнои Кошонӣ навиштааст: «Ҳаким Рукно Кошонист... забони шеърро аз Шайх Алии Нақӣ омӯхта буд ва ба хушгӯӣ дар замони худ мутафаррид менамуда, табъи дақиқ дошта ва дар диққати сухан дақиқае фурӯ намегузошта. Бо вуҷуди касрати муболиға дар маонӣ, ашъораш аз доираи эътидол берун нарафта, бештари гуфтораш ба тарзи рубоӣ мутарриз аст ва ин рубоиро бисёр некӯ гуфта:

З-он хубтарӣ, ки кас хаёли ту кунад,
Ё ҳамчу мане фикри висоли ту кунад.
Шояд, ки ба офариниши худ нозад,
Эзад чу тамошои ҷамоли ту кунад. [129,231].

Мутрибӣ дар бораи шоирон Хоҷа Осафӣ, Урфии Шерозӣ, Муҳташами Кошонӣ, Валии Даштибаёзӣ, Майлии Ироқӣ, Ваҳшии Бофиқӣ, Саноии Машҳадӣ, ки ҳама эронитаборанд, бо муҳаббату ихлоси тамом сухан рондааст. Масалан,ӯ дар бораи Саноии Машҳадӣ навиштааст: «Саноии Машҳадӣ машҳур ба Хоҷа Ҳусайни Саноист. Таваллуд дар Машҳади муқаддаса намуда, дар фохираи Бухоро таҳсил карда, дар Ҳиндустон нашъунамо ёфта. Аз шуарои хушгӯи беназир аст ва гуфтораш аҷоиб дилпазир. Фанни шеърро некӯ медониста ва аз соири фазоил низ баҳраманд буда. Муддате дар мулозимати хусрави Ҷамҷоҳ – Акбарподшоҳ буда ва забон ба маддоҳии он ҷаноб мекушуда ва риояти бисёре ёфта. Ашъори зебо ва қасоиди ғарро дорад» [129,396].

Ҳамчунин, Мутрибӣ аз қасидаи ӯ бо номи «Корнома» ёдовар шуда, гуфтааст, ки Ҳаким Саноӣ дар ин қасида ададҳоро аз як то сад дарҷ намуда, ба шоирони мовароуннаҳрӣ барои гуфтани ҷавоб ирсол намудааст. Бино ба қавли Мутрибӣ ба ин қасида Нисорӣ ва худи ӯ ҷавоб гуфтаанд [129,396-398].

Ҳангоми зикри аҳволу осори Муҳташами Кошонӣ ӯро миёни шуарои Ироқ аз ҳама хушгӯйтар ва машҳуртар шуморида, соҳиби сарват буданашро таъкид сохтааст. Бобати ҳунари шеърофаринии вай мегӯяд: «Дар ҳама аснофи шеър булбули табъаш нағмасозӣ намуда. Соҳиби девон аст ва маонии дилпазир дар девони ӯ фаровон аст. Бисёр мусанно шуда буда ва бо вуҷуди кибари син ашъори ҷавонона мегуфта. Ғолиби зан(н) он аст, ки ҳеҷ ҷо касе қалами рад бар гуфтори ӯ накашида бошад. Ғоибона маддоҳии Акбар-подшоҳро менамуда. Қасоиди ғарро ва ашъори зебо ирсол медошта» [129,286]. Баъди ин ситоиш байтеро аз ғазали Муҳташам, ки матлааш:

Гар аз ҷамоли ҷаҳонтоби ӯ ниқоб кашанд,
Ҷаҳониён қалами рад бар офтоб кашанд.

оварда, ҷавоби шоири дигар бо номи Мирдӯстии Бӯстонхонро меоварад:

Бутон, ки аз пайи даъвӣ зи рух ниқоб кашанд,
Яке ниқоби туро дида сад ҳиҷоб кашанд.

ва татаббуъ намудани худашро бо матлаи зерин зикр намудааст:

Бутон, ки бар рухи гул хат зи мушки ноб кашанд,
Зи хатти худ рақами рад бар офтоб кашанд [129,154].

Мувофиқи маълумоти Мутрибӣ Муъмини Самарқандӣ низ ғазали Муҳташамро ҷавоби некӯ гуфтааст:

Матлаъ аз Муҳташам:

Ҳусни рӯзафзун нигар, к-он хусрави зарринрикоб,
Дӣ ҳилоле буду имшаб моҳу имрӯз офтоб.

Ҷавоби Муъмини Самарқандӣ:

Наргисаш аз айни хубӣ карда оламро хароб,
Дӣ шуда сармасту шаб махмуру рӯзаш бурда хоб.
Тири мижгонаш ба чашми нотавони ман расонд
Дӣ ситам, имшаб алам, имрӯз созад дил кабоб.
То ба зулфаш сунбули пуртоб даъвӣ кард, шуд
Дӣ парешон, шаб пушаймон, рӯз дорад печутоб.
Доштам пеши сагонаш эътиборе, кардаам
Дӣ сухан, имшаб суол, имрӯз меҷӯям ҷавоб.
Шоҳи ҷамқадре, ки гӯи салтанатро бурда буд
Дӣ зи Рустам, шаб зи Баҳман, рӯз аз Афросиёб.
Муъмини дилхаста дар авсофи ҳуснаш буд, гуфт
Дӣ сано, имшаб дуо, имрӯз мехоҳад савоб [129,276].

Тавре ки зикр намудем суханварон ашъори ҳамдигарро посух мегуфтанд ва тазкиранигорону мунақиддон мазмуну мундариҷаи онҳоро баррасӣ кардаанд. Дар баробари ҷавоб ба абёту порчаи шеърӣ, ё ғазали ҳамдигар як гурӯҳ шоирон ба рубоиҳои якдигар низ посух гуфтаанд, ки дар ин хусус Мутрибӣ ёдовар шудааст. Бино ба навиштаи вай Муҳташами Кошонӣ дар бораи шамъу парвона рубоие сароида, онро бо тақозои гуфтани ҷавоб ба Валии Даштбаёзӣ мефиристонад. Ӯ ҳам рубоӣ навишта, ба шоирони мовароуннаҳрӣ ирсол менамояд, то ки посух гардонанд ва мегӯяд, ки «ҳар кӣ мазмуне ба ин латофат мебандад, ман ба вай хати бандагӣ медиҳам». Ва Мулло Хиргоҳӣ чун аз ин ҳол хабар меёбад, дар маҷлисе аз ҳадиси шамъу

парвона рубой месозад, ки ҳамаи он рубоиҳоро ба тартиби асли таҳияи он зикр менамоем.

Муҳташам:

Парвона ба шамъ гуфт, к-афрӯхта шав,
Кам сӯз марову бо ман омӯхта шав!
Шамъаш гуфто: -Агар мувофиқ ёрӣ,
Ман сӯхта мешавам, ту ҳам сӯхта шав!

Валии Даштбаёзӣ:

Парвона, ки шамъаш ҳавасафзо бошад,
Ҷуз сӯхтанаш чаро таманно бошад?!
Ғайрат нагузорадаш, ки дар базми касон,
Ӯ зиндаву ёр маҷлисоро бошад.

Нотиқии Сабзаворӣ:

Парвона, ки шамъро талабгор шавад,
Дар сӯзиши хеш гармбозор шавад.
З-он месӯзад, ки гарди хокистари ӯ,
Бошад, ки ҳиҷоби чашми ағёр шавад.

Мулло Хиргоҳӣ:

Парвона, ки ойини муҳаббат омӯхт,
Ҷуз бар рухи шамъи хештан дида надӯхт.
З-ин бим, ки дар ҳаҷр намонад фардо,
Бечора шаби васл аз он худро сӯхт.

Мутрибии Самарқандӣ аз баргузории маҳфилҳову меҳмондорӣ ва базму зиёфатҳои доираҳои адабии шаҳр низ маълумот додааст, ки онҳо бидуни бадеҳаву мушоираи шоирон сурат намепазируфт. Аз маҳфилу базмҳои зимомдорон то дӯконҳои шаҳр садои шеърро шунидан мумкин буд. Чунончӣ, боре Мутрибӣ дар яке аз бозорҳои Самарқанд шоҳиди дар дӯкони кафшдӯзии худ назди мардум ба қироати шеъраш машғул шудани Хаттотӣ гардида буд [129, 392].

Мавзуи асосии ҷамъомадҳои адабии доираҳои шаҳр гуфтани ҷавоб ба ашъори шоирони шинохтаву машҳур буд. Дар маҳфилҳои адабӣ иншои шеърҳои ҷавобия ва муҳокимаю баррасии онҳо нуқли маҷлис буд.

Ағлаб касе аз аҳли маҳфил, байте ё матлаеро аз ғазали шоире мехонд ва дигаронро даъват менамуд, ки ба он ҷавоб гӯянд. Ин амр ҳатто дар маҷлиси назди шоҳон низ воқеъ мешуд. Чунон ки Султон Саидхон, ҳукмдори Самарқанд боре як ғазали Хоҷа Осафӣ, шоири машҳури Хуросонро дар миёни шуаро андохта, аз онҳо ҷавоб талаб кардааст. Матлаи Хоҷа Осафӣ ин будааст:

Нарехт дурди майу муҳтасиб зи дайр гузашт,
Расида буд балое, вале ба хайр гузашт.

Бисёр шоирон ба ин ғазал ҷавоб гуфтанд, ки дар байни онҳо шоирони тавоное чун Мушфиқии Бухороӣ, Фурӯғии Самарқандӣ, Мулло Боқии Хумдонакӣ, Мулло Боқии Каффош будаанд. Ҳангоме ки ғазалҳои ҷавобияро аз назар мегузаронанд,аз ҳама бештар посухи шоири кафшдӯз Боқии Каффош мақбули ҳамагон воқеъ шуд ва ӯ ғолиби ин сабқати эҷодӣ дониста шуд, ки абёти овардаи Мутрибиро дар тазкираи худ аз ғазали ҷавобияи Боқии Каффош дар саҳифаҳои болоӣ дарҷ намудем.

Чунин маҳфилҳои посухгӯи ба ашъори суханварон аз ҷониби салотин ва дигар ҳомиёни шеър барои қадрдонӣ намудан доир мегардидааст. Ибтикори шоирон ба гуфтани ҷавоб ба ашъори ин ё он суханвари маъруф, аз як тараф барои нишон додани қобилияту истеъдоди шоирӣ бошад,аз тарафи дигар васила ба даст овардани шуҳрат ва инъом низ маънидод шудааст.

Гуфтани ашъори ҷавобия як навъ санҷиши иқтидори ҳунари суханварии шоирон, як навъ сабқати намоиши маҳорату истеъдод буда, маҷлису ҷамъомадҳои адабӣ асосан бо ҳамин мақсад ташкил карда мешуд. Дар ин гуна маҳфилу маъракаҳои адабӣ бештар посуху татаббуи ашъори шоирони номдор ба миён гузошта мешуд ва эътирофи ғолибият дар ин гуна сабқатҳои ҳунарӣ аз тарафи аҳли маҷлис нуфузу мақом ва обрӯву эътибори ғолибро меафзуд. Хусусан, гуфтани ҷавоб ба шеъри шоирони машҳур, эътибори ин

гуна санҷишҳои адабӣ ва ғолибони сабқатро боло мебурд. Ҳам дастандаркорон ва ҳам иштирокчиёни санҷишҳои ҳунарӣ саъй менамуданд, ки бо сухансароёни маъруфи Хуросону Эрон ба қувваозмоии эҷодӣ пардозанд.

Мутрибии Самарқандӣ дар бораи ба ғазали Урфии Шерозӣ ҷавоб гуфтани Содиқи Ҳалвоӣ, ки яке шоирони машҳури Самарқанд будааст, хабар медиҳад: «Ва ин ғазали Урфиро бағоят ҷавоби неку гуфтааст.

Ишқ ку, то нав кунам бо дӯст паймоне дуруст,
В-аз фиғон дар шаҳр нагзорам гиребоне дуруст.

Ҷавоби Содиқи Ҳалвоӣ:

Гар чу ман бинад малак з-он шӯх паймоне дуруст,
Ҷомаи исмат намонад бо гиребоне дуруст.
Ними мижгон дар дилам сад сӯзани алмос зад,
То ба ҷони ман чӣ хоҳад кард мижгоне дуруст.
Кори нафхи сур кардӣ шоми навмедӣ зи заъф,
Гар бурун меомадӣ аз сина афғоне дуруст.
Дар буни ҳар мӯям аз зулфи ту куфре музмар аст,
Дар мусалмонӣ ҳамин мебошад имоне дуруст.
Сирати оинаи рӯяш чу ояд дар назар,
Тӯтии табъи ту хоҳад кард девоне дуруст [129, 351].

Шоирони Мовароуннаҳр на танҳо ба навиштаҳои суханварони эронӣ, балки ба ашъори шоирони мумтози сарзамини хеш низ ҷавобҳои сазовор додаанд, ки намунаҳои фаровоне аз онҳо дар даст ҳаст. Бо ин маънӣ асри XVI дар таърихи адабиёти тоҷик давраи оғози ҷавобияҳои эҷодии шоирони Мовароуннаҳр бо адибони кишварҳои ҳамзабон маҳсуб мешавад. Ин равобити эҷодии шоирони Мовароуннаҳр дар асри XVII хеле вусъат ёфта, ҳунари ҷавобия ба ашъори шоирони Эрону Ҳинд сармашқи эҷодиёти онҳо қарор гирифт. Шоирони Мовароуннаҳр дар ин давра бештар ба навиштаҳои суханварони Эрону Ҳинд посух гуфтаанд, то ба осори ҳамдиёрони худ, ки падидаи баръакс буд нисбат ба асри XVI. Аз шоирони ҳавзаи адабии Ҳинд фақат ба қасидаҳои «Кашмир»-и Файзии Даканӣ ва «Корнома»-и Саноии

Машҳадӣ ҷавоб гуфтани шоирони маъруфи мовароуннаҳрӣ Муроди Самарқандӣ ва Мутрибии Самарқандии тазкиранавис маълум аст.

Муҳаққиқи узбек Қучқоров бо такя ба маълумоти Мутрибӣ тасдиқ намудааст, ки шоирони доираи адабии Самарқанд дар гуфтани ҷавоб ба ашъори адибони номии Эрон фаъолтар будаанд: «Чи навъе ки аз мисолҳои болоӣ маълум мешавад, дар ҷавобгӯӣ ба ашъори шоирони ҳамзамони Хуросону Эрон бештар шоирони маркази адабии Самарқанд пешдастӣ доштаанд. Аз рӯи маълумоти тазкираи Мутрибӣ ҳукм кунем, маъракаи мусобиқаи ҷавобгӯии шоирони тоҷик ба ашъори сухансароёни ду кишвари номбурда асосан ба намояндагони маркази адабии Самарқанд маҳдуд мешавад. Аз маркази адабии Бухоро дар тазкираи Мутрибӣ ягон шоире зикр нашудааст, ки ба ҷавоби шоирони Эрон пардохта бошад» [268,1254].

Қучқоров баъдан мақтаи як ғазали Аршии Кеширо оварда, ӯро ба доираҳои адабии Самарқанду Бухоро баробар мансуб медонад.Мақтаъ ин аст:

Хонд Аршӣ то зи ашъори ту мутриб дар Ироқ,

Муҳташам мадҳушу Майлӣ масту Ваҳшӣ шуд хароб [129, 330].

Ба андешаи мо, ин ҷо кӯшиши исбот намудани бартарӣ доштани яке аз доираҳои адабӣ дар мисоли доираи адабии Самарқанд қобили қабул нест, зеро Мутрибӣ шояд аз мавҷудияти ашъори ҷавобияи дигар доираҳои адабӣ огоҳии комил надошт, чун худ аз доираи адабии Самарқанд будааст.

Муҳаққиқи мазкур ба ғазали Даштибаёзӣ ҷавоб гуфтани шоирони доираи адабии Самарқандро «дурахшонтарин ҳодиса» дар таърихи равобити адабии байни Мовароуннаҳр ва Эрон қаламдод карда навиштааст: «Аз рӯи ахбори Мутрибӣ қариб бист нафар шоирони Мовароуннаҳр ба ҷавоби ғазали Даштибаёзӣ пардохтаанд. Бинобар мулоҳизаҳои болоии мо тахмин меравад, ки ҳамаи ин шоирон намояндагони маркази адабии Самарқанд будаанд. Ҳамин тавр ғазали шоири эронӣ дар байни шоирони Самарқанд ҷунбиши калони эҷодиро ба вуҷуд оварда, бисёре аз онҳоро ба ҷавобгӯӣ сафарбар кард. Ҷавоби ғазали Даштибаёзӣ дурахшонтарин ҳодиса дар таърихи

равобити адабии байни Мовароуннаҳр ва Эрон гардид. Дар тазкира пурра оварда шудани матни ҳашт ғазали ҷавобияи шоирони Самарқанд барои омӯхтани равияи эҷодии ҷавобу татаббӯъ дар шеъри асри XVI тоҷик аҳаммияти калон дорад. Инак он ҳашт ғазали ҷавобияи шоирони Самарқандро, ки Мутрибӣ намунавор аз қариб бист ғазали ҷавобияи сухансароёни Мовароуннаҳр дар тазкирааш овардааст, дарҷ мекунем» [268, 1256].

Аммо Қучқоров дар навиштаи хеш он ҳашт ғазалро наоварда, мазмуну мундариҷа ва ё абёти алоҳидаи онҳоро мавриди қиёсу баррасӣ қарор нададааст. Матлаи овардаи Мутрибии Самарқандӣ аз ашъори Валии Даштбаёзӣ ин байт мебошад:

Шаб, ки қуфли дари хурсандиям афғон бишикаст,
Нола кардам, ки қафас бар ҳама мурғон бишикаст.

Ба ҳамин байти Валии Даштбаёзӣ шоирони ҳавзаи адабии Самарқанд, амсоли Шаҳрӣ, Мулло Нозим, Мулло Завқӣ, Сарфӣ, Фаршӣ, Ашкӣ, Рашкӣ Шамсӣ ва чанд нафари дигар ҷавоб гуфтаанд, ки Мутрибӣ танҳо исми ҳамин ҳашт нафарро бо намунаи ғазали посух додаашон дар тазкираи хеш овардааст, ки бо назардошти ҳаҷми зиёд доштани ғазалҳо аз овардани онҳо дар ин рисола худдорӣ менамоем[129,383-386].

Таҳлилу баррасии мавзуии мазкур нишон медиҳад, ки дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ ва «Музаккир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ шоирони Мовароуннаҳр нисбат ба ҷавоби ашъори якдигар бештар барои посух гуфтан ба шеърҳои адибони Эрону Ҳинд мутаваҷҷеҳ будаанд.

Ҳамчунин, мувофиқи маълумоти Мутрибӣ байни шоирон Файзии Ҳиндӣ ва Хоҷа Ҳасани Нисорӣ риштаи рафоқату дӯстии мустаҳкам мавҷуд будааст, ки ин садоқату эътиқодро ҳар ду бисёр қадр менамудаанд ва бо ҳамдигар нома менавиштаанд, мисоли: «Ба ҳазрати махдумӣ Ҳасанхоҷаи Нисорӣ ғоибона тариқи муҳаббатро паймуда, аз вилояти Ҳинд абвоби муросилотро кушуда, савғотҳои кироманд мефиристод ва дар (ҳар) муросилае аз гуфтори

латифи худ тақрибан абёт менавишт. Фақир дар Бухоро будам, навбате мактубе фиристод, дар аввали он мактуб ҳамчунин навишта буд, ки:

Эй дил, баро зи шаҳпари шавқу гузор хат,
Куфри муҳаббат аст навиштан ба ёр хат.
Ва дар заҳри мактуб ин байтро марқум сохта буд, ки
Расонанд ин руқъаи дардмандӣ,
Ба дасти Ҳасанхоҷаи Нақшбандӣ.

Ва аз фаҳвои(мазмун) он номаи номӣ чунон мустафод гардид, ки ба мансаби Акбарподшоҳ муаззаз гардида буд ва риоёти мавфур меёфта ва ин ғазалро ҷавоб талабида буд:

Ман ба роҳе меравам, к-он ҷо қадам номаҳрам аст,
В-аз мақоме ҳарф мегӯям, ки дам номаҳрам аст.
Хушдилам, гар дидаи ман шуд сафед аз интизор,
К-аз пайи дидори ҷонон дидаам номаҳрам аст.
Бо хаёли ӯ нағунҷад ёди хубон дар дилам,
Ҳар куҷо султон кашад ҳашмат, ҳашам номаҳрам аст.
Эй асири ишқ, таъни беғамӣ бар ман мазан,
Хилвате дорам ба ёди ӯ, ки ғам номаҳрам аст
Мо агар мактуб нанвиштем, айби мо макун,
Дар миёни рози муштоқон қалам номаҳрам аст.
Файзӣ, аз базми нишоти мо ҳарифон ғофиланд,
Ҳар куҷо мо ҷом мегирем, Ҷам номаҳрам аст.

Ва ҳазрати махдумӣ ин ғазалро ҷавоб гуфта буданд ва се байт аз он дар хотир доштам:

Мезанӣ, эй дил, дам аз ҷое, ки дам номаҳрам аст,
По манеҳ дар маҳфиле, к-он ҷо қадам номаҳрам аст.
Пеши воҷиб к-аз адам омад вуҷуди мумкинот,
Ҳаст мавҷуд он ки дар зоташ адам номаҳрам аст.

Чун Нисорӣ аз сафоли фақр менӯшем май,

З-он ки дар базми ҳарифон ҷоми Ҷам номаҳрам аст [129,344].

Хулоса, ҳарчанд аз ибтидои асри XVI миёни Эрону Мовароуннаҳр бо сабаби вазъи басо ногувори сиёсӣ, задухӯрдҳои пайиҳам миёни Сафавиёну Шайбониён, рӯ ба таназзул ниҳодани ҳаёти илмиву адабӣ дар қаламрави ин мамлакатҳо, рӯ ба фирор овардани аҳли илму адаб аз зодбуми худ, ба инкишофи илму фарҳангу адаб беэътиборӣ намудани салотини ҳар ду сарзамин, авҷ гирифтани зиддияти мазҳабӣ, робитаҳои адабии суханварони Эрону Мовароуннаҳр хеле заиф ҳам шуда бошад, тамоман аз байн нарафт.

Бо вуҷуди ин мушкилиҳои сунъии сиёсиву мазҳабӣ адабиёти тоҷику форс дар давоми тақрибан ду асри тараққиёти мустақил худ аз аввалҳои асри XVI то охирҳои асри XVII умумият ва муштаракоти худро то ҳадди имкон ҳифз намуда, робитаҳои эҷодии байни адибони тоҷик ва адибони Эрон дар шаклҳои татаббуъ ва ҷавобгӯӣ, пайравию сафарҳо ба зуҳур пайвастааст.

Алоқаи ду адабиёти мустақили ҳамзабон пеш аз ҳама дар мисоли таълифи тазкираҳои умумии шоирони Эрону Мовароуннаҳр назаррас буда, бо вуҷуди марзҳои маснуӣ аз аввалҳои асри XVI таълифи тазкираҳои умумифорсӣ дар ҳар ду адабиёт ба тариқи анъанавӣ идома ёфтааст.

Далоили дигари исботи мавҷудияти робитаҳои адабии шоирони Мовароуннаҳру Эрон гуфтани ашъори ҷавобия, тарҳ кардани мавзуъ миёни шуаро дар мисоли «шамъу парвона» ва ниҳоят, татаббуъгӯии суханварон ба ашъори ҳамдигар мебошад. Шоирони эронӣ намунаи ашъори худро ба Мовароуннаҳр ирсол намуда, ҷавоб гуфтани шуарои ин сарзаминро дархост намудаанд ва шоирони тоҷик аз уҳдаи ҷавоб гуфтан сарбаландона баромада тавонистаанд. Бидуни тардид аҳли адаби ҳар ду мамлакат алайҳи ҳама зиддиятҳои сиёсиву мазҳабӣ дар нигоҳ доштани анъанаи ҳасанаи ҳамкориҳои адабӣ талош варзида, рисолати хешро ба хубӣ анҷом додаанд, ки шоёни зикру ёдварист.

## 4.4. Накди адабӣ дар шуруҳоти асрҳои XVI-XVII

Адабиётшинос Абдулманнони Насриддин маърифати асари бадеӣ ва заминаҳои шарҳнависӣ бар адаби тоҷикию форсиро ҷараёни хеле вусъатнок ва гуногунҷабҳаи зеҳнию иҷтимоӣ ҳисобида, менависад, ки: «... дар ҳамаи давру замонҳо падидаҳои афкори адабию ҳунарӣ маҳз дар раванди ҳамин ҷараён идроку тафсир, таҳлилу нақд шуда дар қаламрави афкори умумӣ арзиши ҳақиқии худро пайдо кардаанд» [300,271]. Ҳамин андешаро аксари муҳаққиқон ҷонибдорӣ намуда, таъкид кардаанд, ки ҳамаи муаллифони шуруҳи адабӣ холисан ба таҷзия ва таҳлил машғул шуда, аз ҷамъбасту натиҷагирӣ сарфи назар кардаанд. Аммо маводе, ки онҳо медиҳанд имкон дорад мавриди баррасиву натиҷагирӣ қарор ёфта бошад. Муаллифони шуруҳи адабӣ дар замони худ дар ташвиқу тарвиҷи маърифти адабӣ саҳми босазо гузоштаанд ва мардумро ба дарки аъмоқи мазмуну шакли адабӣ раҳнамоӣ кардаанд Дар замони мо ин асарҳо аҳамияти илмиву адабӣ доранд.Онҳо имкон медиҳанд, ки мутуни адабӣ ва ғайра беҳтару хубтар фаҳмида шаванд. Муаллифи китоби «Шарҳнависӣ дар таърихи адаби форс-тоҷик» мубрамтарин масоили шарҳнависӣ дар адабиёти тоҷику форс, аз ҷумла заминаҳои пайдоиши шарҳнависӣ, усулҳои шарҳи осори адабӣ, марказҳову мактабҳои шарҳнависӣ, шарҳи осори манзум, шарҳи осори мансур, шарҳнависӣ ва масъалаҳои матншиносӣ, масъалаҳои назарияву таърихи адабиётро мавриди пажуҳиш қарор дода, қайд кардааст: «Мутаассифона, ин манбаи пурарзиши сухансанҷии асримиёнагии Шарқ (шарҳнависӣ-М.М.) комилан аз madди назарҳо канора мондааст. Натиҷаи он аст, ки мо дар баҳодиҳӣ ба эҷодиёти адибони ҷудогона танҳо аз мавқеи тафаккури бадеии замони худ муносибат карда, маърифати бадеии суннатиро вогузоштаем ва осори адабии гузаштаро берун аз қаринаи таърихияшон тадқиқу тафсир менамоем, ки хилофи меъёрҳои маърифати бадеист» [300, 6].

Шореҳон, ки ба қавли профессор А.Насриддин «сирри маърифатгариро накӯ медонистанд» [300,12], ҳаргиз тафсири хешро дар пояи ҳукм

напиндошта дар дарёфти маъниҳои ниҳон ва кашфи андешаҳои мастури адибон хидмати мондагорро ба анҷом ва ба эҳсосу зеҳни хонанда таъсир расонида, ӯро барои дарки маърифати осору афкори адибон талқин намудаанд.

Бино ба навиштаҳои олимон ба осори Абулқосими Фирдавсӣ, Ибни Сино, Бобо Тоҳири Урён, Носири Хусрав, Умари Хайём, Ҳаким Саноӣ, Аттори Нишопурӣ, Низомии Ганҷавӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Анварии Абевардӣ, Саъдии Шерозӣ, Мавлонои Балх, Хоҷа Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ, Мавлоно Ҷомӣ, Соиби Табрезӣ, Мирзо Бедил шарҳҳо навиштаанд. Дар бораи осори баъзе адибон, аз ҷумла «Гулистон»-у «Бӯстон»-и Саъдӣ», «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Балхӣ чандин шарҳҳо таълиф шудаанд, ки аз мақоми шоиста ва арзиши баланди адабии онҳо гувоҳӣ медиҳад. Ба қавли профессор Абдулманнони Насриддин дар ин замина чил шарҳ бар «Маснавии маънавӣ», чаҳордаҳ шарҳ бар ашъори Хоҷа Ҳофиз ва дар ҳавзаи адабии Ҳинд бист шарҳ бар «Гулистон», понздаҳ шарҳ бар «Бӯстон» таълиф шудаанд.

Дар асрҳои XVI-XVII вобаста ба вазъияти иҷтимоӣ, таърихиву илмӣ ва фарҳангиву адабӣ дар ҳавзаҳои адабии Эрон, Варорӯд ва Ҳиндустон мактабҳои шарҳнависӣ фаъолият доштанд. Нисбат ба замони гузаштаву баъдӣ дар ҳамин даврон шарҳҳо бештар таълиф шудаанд. Намояндагони мактабҳои шореҳии Эрону Варорӯд асосан ба кашфи маънову шарҳи осору абёти мушкилбаён ва тафсири маонии мармузу иҳомот, инчунин кашфи чистону луғзу муаммо эътибор додаанд. Дар Эрон Шавқии Табрезӣ, Абӯтуроб ибни Ҳусайни Қазвинӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Кирмонӣ, Алии Гелонӣ, Кавсари Ҳамадонӣ бар девони Хоҷа Ҳофиз, абёти Абӯсаиди Абулхайр, абёти Ҳаким Саноӣ, абёти «Маснавии маънавӣ» шарҳ навиштаанд. Дар ин ҳавзаи адабӣ бештар ба шарҳи қасоиди Анварии Абевардӣ ва Хоқонии Шарвонӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамуданд. «Шарҳи мушкилоти девони Анварӣ»-и Абулҳасан Ҳусайнии Фароҳониро адабиётшинос Абдулманнони Насриддин «беҳтарин намунаи шарҳҳои филологӣ» меҳисобад [300, 123]. Ба

девони Анварӣ ҳамчунин Шайхи Озарӣ дар «Мифтоҳ-ул-асрор» ва «Ҷавоҳир-ул-асрор» падару писар-Муҳаммад ибни Абдурраззоқ ва Баҳоуддин Муҳаммад ибни Абдурраззоқ шарҳ навиштаанд.

Дар Варорӯд бошад, шарҳу тафсири «Шабистони хаёл» -и Фаттоҳи Ни-шопурӣ мавриди таваҷҷуҳи хосаи аҳли адаб қарор дошт. Дар ҳамин давра «Шамъи Шабистон»-и Мулло Турсуни Фароизӣ ва «Шарҳи Шабистон»-и Ҳоҷӣ Баҳром ибни Охунд Муллозода рӯи кор омадаанд.

Пас аз таъсиси давлати Темуриёни Ҳинд, ки муҳити созгореро барои аҳли адаб ташкил намуданд, фарҳангнависиву шарҳнависӣ низ рушд намуд. Дар ин ҳавзаи адабӣ на ҳама аҳли адаб аз нозукиҳои забони тоҷикӣ бархӯрдор буданд ва дар дарки тобишҳои маъноии вожаву таркибот ва таъбирот душворӣ мекашиданд, ки маҳз ҳамин ҳолат омили пайдоиши ихтилофи адибони «вилоятӣ» ва суханварони ҳиндунажод гардид. Шореҳони Ҳинд низ ба осори аксарият адибони тоҷику форс шарҳ навиштаанд. Мувофиқи маълумоти А.Насриддин ағлаби шарҳҳои адабӣ аз тарафи фарҳангнависон Сироҷиддин Алихони Орзу, Рой Тик Чанди Баҳор, Ғозиуддини Ғозӣ, Муҳаммад Ғиёсиддини Ромпурӣ таълиф ёфтаанд. Дар Ҳинд Мир Нуруллоҳи Аҳрорӣ, Афзали Аллоҳободӣ, Валимуҳаммади Муршидободӣ, Муҳаммад Довуди Алавии Шодиободӣ, ки ҳар яке муаллифи ду-се ва зиёда аз он шарҳҳои ҷомеъ буда, дар осори худ беҳтарин усулу воситаҳои шарҳу басти суханро аз санҷиш гузарониданд.

Мактаби шарҳнависии турк, ки ба қавли А. Насриддин «самараи он дар кулли кишварҳои исломӣ пазируфта шудаст» яке аз мактабҳои бонуфузу сермаҳсули шарҳнависӣ маҳсуб меёбад. Мавсуф дар бораи хидматҳои шореҳони турк ва вижагиҳои хоси ин мактаб навиштааст: «Сухансанҷони турк ба шарҳу тафсири осори се суханвари бузурги форсу тоҷик-Мавлавӣ, Саъдӣ ва Ҳофиз таваҷҷуҳи зиёд кардаанд. Махсусан, хидмати шореҳон Муслиҳиддин Мустафо ибни Шаъбони мутахаллис ба Сурурӣ, Маҳмуд ибни Усмон ибни Алии мутахаллис ба Ломеӣ, Судии Буснавӣ, Шамъӣ, Ҳусайн ибни Рустами Ҳанафӣ, Мавлоно Сайид Муҳаммади Ваҳбӣ ибни Сайид

Ҳасани Ашъарӣ дар тасҳеҳу тавҷеҳи матни осори суханварони номбурда шоистаи сипосгузорист» [300,162].

Иқдом ба навиштани шарҳи ашъори ин ё он адиб далели эътирофи осори ӯ, истеъдоду маҳорат ва сабку тарзи баёнаш маҳсуб мешавад. Ағлаби шарҳҳои асрҳои мавриди назари мо фарогири андешаву муносибати шореҳ ба шеъру шоир мебошад, ки муаллифон ҳамин нуктаро дар муқаддимаи ҳамаи шуруҳот зикр кардаанд. Муаллифи «Шарҳи мушкилоти девони Анварӣ» дар муқаддимаи асараш оид ба эътирофи ҳунари суханварии Анварӣ навиштааст: «...аммо баъд хомаи ҷаҳоннаварди ин гӯшанишини бисоти сухан Абулҳасан бо он ки бар маркаби баён савор буд чандин саёҳати иқлими хаёл намуд, ки наълайни давот аз пояш афтод, обилаҳои қадамаш сиёҳ шуд, ба тозагӣ аз шаҳристони сухан мерасад пасту баланди алфозу маонӣ тай карда ба сарчашмаи файзи Илоҳӣ пай бурда, ғароибшигарфу аҷоибжарф дида,ба ҳукми он ки мусофиронро раҳоварде даркор аст, шарҳи қасоиди девони фармондеҳи иқлими суханварӣ Ҳаким Авҳадиддин Анварӣ ба манзалаи эъҷоз армуғон дорад, то дар мазоқи дӯстони суханвар хушгувор ояд» [300,123].

Муҳаммад Судии Буснавӣ, ба «Бӯстон»-у «Гулистон» ва девони Хоҷа Ҳофиз шарҳ навишта, дар муқаддима бо хоҳиши Умар Афандӣ навиштани шарҳи «Гулистон» -ро таъкид карда, ин шоҳасари ахлоқиро «уҷубаи аҳли хаёл ва намунаи сеҳри ҳалол» номидааст. Ҳамчунин дар дар муқаддимаи шарҳаш бар девони Ҳофиз ашъори суханвари шерозиро рашки чашмаи ҳайвон, лафзашро ширину суханашро намакин ва муҷиби рушноии қалби аҳли сухан мешуморад ва ишора менамояд, ки машоих ӯро «лисон-ул-ғайб» ва «тарҷумон-асрор» меноманд. Судии Буснавӣ дар баробари шарҳ, оид ба ҳусну қубҳи шеъри Ҳофизи Шерозӣ изҳори назар намудааст. Ӯ зимни таҳлили ғазали ҳабдаҳум,ки дар баҳри рамал гуфта шудаасту матлааш:

Гуфтам: Эй султони хубон, раҳм кун бар ин ғариб,
Гуфт: Дар дунболи дил раҳ гум кунад мискин ғариб.

аст, ҳунари қофиябандии ғазалиёти Хоҷа Ҳофизро чунин баҳо додааст: «Аз ғазалиёти Хоҷа онҳо, ки бо «бо» ва «со»-и мусалсала ва «ҷим» ва «ҳо» ва «хо» қофия баста шудаанд, бениҳоят сусту воҳист. Аммо ғазалиёте, ки бо ҳуруфи «айн» ва «коф» ва «қоф» ва «лом» қофия доранд, бисёр аъло ҳастанд. Ва боқии ғазалиёти Хоҷа дар мартабаи улёст ва ҳатто баъзе ба сарҳади эъҷоз расида ва метавонем, бигӯем, аз мартабаи эъҷоз ҳам болотар аст. Хулоса ин ки дар тамоми ҳуруф ашъори баробару ҳамвор гуфтан фақат махсуси Мавлоно Ҳазрати Ҷомист» [300,199]. Судӣ дар шарҳҳояш дар баробари кушодани маонии осори адибон ба афкори дигар шореҳон низ бо назари интиқодӣ нигариста бо овардани далелу аснод чанд маротиба андешаҳои Сурурӣ ва Шамъиро рад кардааст. Масалан, зимни шарҳи байти

Чу бо ҳабиб нишинию бода паймоӣ,

Ба ёд ор муҳиббони бодпайморо

ибораву калимаҳои «бода паймоӣ» ва «бодпайморо» тавзеҳ дода мегӯяд, ки: «Бархе гуфтаанд муҳиббони бодпаймо, яъне муҳиббоне, ки аз ишқ дуранд, албатта таноқиз гуфтааст. Бархе дигар ду иборот «бодапаймо» ва «бодпаймо»-ро таркиби васфӣ донистаанд.Агар ин ин тур бошад,инҳо ҳам иштибоҳ фаҳмидаанд» [300,201].

Бино ба навиштаи муаллифи «Шарҳнависӣ дар таърихи адаби форс-тоҷик» шореҳони ашъори Ҳофизи Шерозӣ шоири ибтидои асри XVII Сайфиддин Абулҳасани Абдурраҳмон бо тахаллуси Хатмӣ ва Убайдуллоҳи Хешакии Чиштӣ низ ихлосмандиву иродати худро ба ашъори Хоҷаи Шероз баён намудаанд. Ҳатмӣ дар қитъае овардааст:

Шеъри Ҳофиз аз ҳама ашъор бар ман мушкил аст,

Ҳамчу Ҳофиз дигаронро ном бурдан мушкил аст.

Осафӣ ҳарчанд мазмунот дорад чидае,

Лек чун ашъори Ҳофиз шеър гуфтан мушкил аст.

Муҳташам, Коҳиву Саққо худ чӣ гӯям, эй азиз,

Кардан аз хори муғелон кори сӯзан мушкил аст.

Ҳотифӣ, Шоҳӣ чӣ бошад ҷанби он султони қавм?

Варди саҳроро ниҳодан ном савсан мушкил аст.

Гарчи Ҳалвоӣ ба номаш мепазад ҳалвои хеш,

Ҳанзалиро лаззати харбуза додан мушкил аст.

Шоиронро пеши он сайфи Худо, Хатмӣ, маном,

З-он, ки кори ҷаййиди фулод з-оҳан мушкил аст [300,204].

Масъалаи заминаҳои шарҳнависӣ бар адаби тоҷикию форсӣ, нақди адабӣ дар шуруҳоти асрҳои XVI-XVII аз зумраи масоили доманадор ба шумор рафта, бо назардошти маҳдудият дар рисола ба таври муфассал таҳлилу баррасии онро имкон надорем.

Хулоса, дар асрҳои XVI-XVII дар ҳавзаҳои адабии Эрон, Варорӯд ва Ҳиндустон, инчунин вобаста ба густаришу нуфузи адабиёти тоҷику форс дар Туркияи Усмонӣ шарҳнависӣ равнақ ёфта ба ағлаби осори мумтози адабӣ шарҳҳо таълиф шудаанд, ки дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд. Шореҳон баробари шарҳу тафсири осори шоирон, андешаҳои ҷолибе дар бораи ҳунари суханварии адибон ва арзиши осори онҳо баён намудаанд.

Хулосаи боби чорум

Таҳлилу натиҷагириҳо нишон дод, ки дар асрҳои мазкур дар баробари тазкираҳо дар осори адабиётшиносии замон низ андешаҳои ҷолиби интиқодӣ иброз шудаанд, ки намунаи беҳтарини он «Маҷмаъ-ус-саноеъ»-и Низомид-дин Аҳмад ба шумор меравад, ки арзиши илмии худро ҳаргиз гум нахоҳад кард ва аз ҷониби адабиётшиносон ҳамчун сарчашмаи муҳими адабиёти асрҳои XVI-XVII арзёбӣ шудааст.

Дар баробари осори адабиётшиносӣ саҳми осори таърихии даврон низ дар омӯхтани паҳлуҳои гуногуни аҳволу осори суханварон, аз ҷумла ибрози афкори интиқодии онҳо аҳаммияти хос дорад ва бино бо таъкиди муҳаққиқон бидуни омӯзиши маълумоти осори таърихӣ ҳаёти маданию адабии асрҳои XVI-XVII нопурра хоҳад буд.

Нақши маҳфилҳои адабӣ дар ҳавзаҳои адабии давраи Сафавия, Ҳиндустон ва Мовароуннаҳр дар рушди нақди шеър нақши муҳим гузоштааст. Беҳтарини маҳфилҳо дар доираи адабии Ҳиндустон баргузор

мегардид, зеро салотину умарои сулола аксар адабпарвар ва дар накди шеър тавоно буда, ашъори шоирони дарборашонро накду ислоҳ менамудаанд, ки яке аз ангезаҳои инкишофи накди шеър гардидааст.

Равобити адабии суханварони Мовароуннаҳру Хуросон ва Ҳинд дар ҳамон замони пурошуб ва нооромгувоҳи он аст, ки омилҳои иҷтимоӣ, ҳамбастагии илму адабу фарҳанги ҳамзабонро наметавонад аз миён бардорад. Ҳарчанд дар даврони муборизаҳои пайиҳами лашкариёни сафавӣ ва шайбонӣ, ҷангҳои бемазмуни мазҳабӣ ва куштори беасоси ходимони адабу фазл адабиёт рӯ ба таназзул ниҳод, робитаҳои суханварони манотиқи гуногун, ки бо забони форсӣ ашъор месуруданд, маҳву нобуд нагардид. Ахбори тазкиранависони машҳури асрҳои XVI-XVII бурҳони қотеъ дар сиҳҳати назарияи мазкур аст.

Омили ҳастии робитаҳои адабӣ бар ду ҷиҳат вобаста аст, ки яке сафар кардани адибон ба мамлакатҳои ҳамдигар, ё огоҳи доштани онҳо аз аҳволи зиндагиву эҷоди ҳамдигар тавассути номаҳо, ки намунаҳояш дар тазкираҳои Тоҳири Насрободӣ, Мутрибии Самарқандӣ, Малеҳои Самарқандӣ оварда шудаанд. Омили дуюм татаббуъ ва ҷавобия гуфтани шоирон ба ашъори ҳамдигар мебошад. Баррасиҳо нишон медиҳанд, ки аксари адибони эронӣ ягон байт, ғазал ва ё порчаи шеъриро ба аҳли адаби Мовароуннаҳр ирсол намуда, ҷавоби сазовор гуфтани эшонро дархост менамудаанд, ки қисмати бештари ҳамингуна мукотиботу муросилот ба ҳавзаи адабии Самарқанд рост меояд.

Инчунин бино ба маълумоти Мутрибии Самарқандӣ ва Малеҳои Самарқандӣ дар байни шоирони тоҷику эронии ҳамон даврон робитаи хуби дӯстонаву ҳамкорона барқарор будааст, ки намунаи барҷастаи он муносибати Нисорӣ ва Файзӣ мебошад.

Ҳама санаду далелҳои мазкур дар тазкираҳо нишон медиҳад, ки аҳли илму адаб новобаста ба мураккабии вазъи сиёсии асрҳои XVI-XVII робитаи адабии шуарои ҳамзабонро ҳифз карда, рангу таровати тозае ба он бахшидаанд.

Ҳамчунин давоми асрҳои XVI-XVII дар ҳавзаҳои адабии Эрон, Варорӯд, Ҳиндустон ва вобаста ба густаришу нуфузи адабиёти тоҷику форс дар Туркияи Усмони шарҳнависӣ равнақ ёфта ба ағлаби осори мумтози адабӣ шарҳҳо таълиф шудаанд, ки дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд.

## ХУЛОСА

Вазъи иҷтимоиву фарҳангӣ ва таҳаввули афкори адабӣ, мушахассоти фикриву маърифатии суханварон, шеваи баён ва андешаҳои адабии шуарои қарнҳои XVI-XVII, масъалаҳои ҷойгоҳи нақд дар тазкираҳо ва осори таърихии адабиёти тоҷику форс, заминаҳои ташаккул ва рушди нақд, анвои нақди адабӣ, намунаҳои нақди адабӣ ва афкори интиқодӣ дар осори адабиву таърихӣ, нақшу арзиши адабии осори таърихиву адабии асрҳои XVI-XVII, мактабҳо ва ҳавзаҳои адабии Мовароуннаҳру Хуросон ва Ҳинд дар рисола таҳлилу натиҷагирӣ шудааст:

1. Ҳарчанд бархе аз адабиётшиносон ва муҳаққиқони илму адаб перомуни афкори интиқодӣ изҳори назар кардаанд, мақоми нақди классикии форсу тоҷик дар адабиётшиносӣ ба таври густарда муайян карда нашудааст. Масъалаи таҳқиқи марҳилаҳои рушду нумӯи нақди форсӣ дар адабиётшиносии қаламрави форсизабон Эрону Афғонистон бештар мавриди омӯзиш ва баррасии илмӣ қарор гирифта аз ҷониби адабиётшиносони мумтоз чун Абулҳусайни Зарринкӯб, Шафеии Кадканӣ, Ризо Бароҳанӣ, Сируси Шамисо, Маҳмуди Футуҳӣ ва дигарон таҳқиқ ва мақоми нақди адабии давраҳои мухталифи адабиёти асрҳои миёна ба истисноси ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр то ҳадде муайян карда шудааст. Таҳқиқоти дар ин самт ба анҷомрасида моро ба ин натиҷа меоварад, ки гузаштаи нақди адабӣ дар таърихи деринаи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ хеле ғанию рангин буда, дар шинохти асолати адабию ҳунарӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст. Бо назардошти ин ҷараён таваҷҷуҳ ва омӯзиши таърихи афкори адабӣ, нақди адабӣ ва нақди нақди асрҳои XVI-XVII-и ҳавзаи Варорӯд аз муҳимтарин масоили илмист [7-М; 8-М].

2. Бо дарки заминаҳои рушд ва густариши афкори адабию ҳунарии адабиёти асрҳои XVI-XVII онро метавон ба ду давра тақсимбандӣ кард, ки ин ду давра бо вижагиҳои худ аз давраҳои дигари адабиёт тафовут дорад. Хусусияти асосии адабиёти ин давра ба ду тақсим шудани муҳити адабии муштарак мебошад, ки дар давоми қарнҳо ташаккул ёфта буд. Матлаби дигар

гусаста гардидани равобити адабии Хуросону Мовароуннаҳр ва рӯ ба Ҳиндустон овардани адибони Хуросону Мовароуннаҳр мебошад. Заминаҳои густариш ва таназзули баъзе аз ҷанбаҳои раванди адабӣ маҳз ба ҳамин ҳаводис марбут мебошад [9-М].

3. Баррасии мухтасари навъҳои маъмул ва серистифодаи нақди адабии адабиёти асрҳои XVI-XVII нишон медиҳад, ки нақди ахлоқиро ба ҳайси яке аз қадимтарин анвои нақд аҳли адаб дар дарёфти ормонҳои эҷодии худ бештар ба кор гирифтаанд. Ташаккул ва нуфузи ин навъи нақд пеш аз ҳама аз тақозои замон буда, дар осори адабиву таърихӣ ва ашъори шуаро масъалаи ахлоқ яке аз ҷанбаҳои муҳими осори адабӣ пазируфта шудааст [6-М]; [10-М].

4. Тазкиранигорон дар баробари муаррифии шарҳи ҳол ва намунаи осори ин суханварон перомуни ҷанбаҳои ҳунарӣ ва мундариҷавии ашъори адибон диду назари худро баён дошта, барои густариши нақду сухансанҷӣ роҳро ҳамвор кардаанд. [6-М; 10-М; 13-М; 17-М].

5. Маълум аст, ки аглаби осори назму насри классикии форсу тоҷик бо мундариҷаи ахлоқии худ имтиёз мекунанд. Даврони мазкурро метавон яке аз марҳилаҳои рушди нақди ахлоқӣ ва инкишофи жанрҳои адабӣ бо фарогирии ҷанбаҳои маърифативу ахлоқӣ ба шумор овард. [14-М; 16-М; 20-М].

6. Собиқаи омӯзиш ва таҳқиқи нақди равонкобӣ ва масъалаҳои равоншинохтӣ дар адабиётшиносии тоҷику форс чандон тӯлонӣ нест. Дар асоси осори адибони муосир адабиётшинос Абдухолиқ Набавӣ як қатор мақолаву рисолаҳои ҷолибе перомуни ҷанбаҳои равоншинохтии осори нависандагони ин даврон таълиф намудааст. Аммо, дар заминаи осори калассикони асрҳои миёна ҷанбаҳои равоншинохтии осори адабӣ дар адабиётшиносии мо ҳанӯз пажуҳишҳои ба назар намоёне рӯйи кор наомадаанд. Ҳарчанд, суханварони аҳди мазкур зимни эҷоди осори мухталиф ба масъалаҳои равоншинохтӣ ва дарки олами ботинии инсон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, мероси арзишманде эҷод кардаанд. Нақду баррсии афкори равоншиносии шуаро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳими адабиётшиносии замони истиқлол маҳсуб мешавад [8-М; 12-М].

7. Дар адабиёти асрҳои XVI-XVII муносибат ба мероси адабии ниёгон ва ҷойгоҳи муколама дар ҳаёти адабӣ аз зумраи масъалаҳои муҳим дар шаклгирии мушаххасоти нақди адабӣ ба шумор меояд. Шуаро равониву барҷастагии ашъори хешро мусаллам дониста, ба мақому мартабаи бузургони гузашта низ қойил буданд. Падидаи ҷолибе, ки зикраш лозим аст дар бораи ҳусну қубҳи осори муосирон ибрози назар намудани шуарои даврон мебошад. Ҳамчунин, ба муддаиёну нотавонбинон ва ҳосидон ҷавоби муносиб додани шуаро низ барои ташаккули нақди интиқодӣ роҳ кушодааст [10-М; 16-М].

8. «Шеъри тарз» аз вижагиҳои афкори адабии шуарои ин давр маҳсуб мешавад, ки дар ташаккули сабки нав заминагузорӣ кардааст. Намояндагони барҷастаи ин ҷараён ҳам дар Хуросону Мовароуннаҳр ва ҳам дар адабиёти ҳавзаи Ҳиндустон дар ашъори хеш андешаҳои ҷолиби наққодӣ баён намудаанд [11-М].

9. Ҳарчанд роҷеъ ба маҳфилҳои адабӣ иттилооти арзишманде мавҷуд мебошад, нақшу таъсири маҳфилҳои адабӣ, ба хусус дар инкишофи нақди адабӣ, ҳанӯз мавриди пажуҳиши алоҳида қарор нагирифтааст.

10. Дар ҳавзаи адабии Ҳиндустон анҷумани маҳфилҳои адабӣ дар дарбори шоҳони Курагонӣ, ҳокимони маҳаллӣ, манзили шоирони номдору аҳли завқ ва макони издиҳоми ом ба таври муназзам барпо гардида, дар ин маҳофил таълиму тадриси фанни шеър, ҷавоб гуфтан ба ашъори адибони номдор мутадовил буда, бештар нақди маъниву нақди ислоҳ роиҷ будааст [13-М].

11. Тазкираҳо аз муҳимтарин манобеъ барои шинохти дақиқтари марҳалаҳои таърихии адабиёт ва дарёфти вижагиҳои нақди адабӣ маҳсуб мешаванд. Нақди адабӣ дар тазкираҳо намоёнгари завқу салиқаи шуарои наққод ва муайянкунандаи мавқеи шеъру шоирӣ дар даврони мазкур мебошад. Тазкираҳои даврони мавриди назар на танҳо фарогирии тарҷими аҳвол ва мухтасари ашъори шуаро мебошанд, балки афкори интиқодӣ ва нақди адабии давронро низ дар бар гирифтаанд, ки дар таъйиди мушаххасоти ин навъи адабӣ аз арзиши хос бархурдоранд. Ба хусус, ҷараёни ташаккули

нақди таърихӣ-тазкиравӣ дар ин айём аз падидаҳои муҳим маҳсуб мешавад, ки таҳқиқи муфассали он яке аз мавзуъҳои ҷолиби илми адабиётшиносӣ ба шумор меояд [1-М; 3-М; 10-М; 17-М; 18-М].

12. Мухтассоти дигари ин давраи адабиёт ташакул ва рушди анъанаи тазкиранигорист. Дар ин даврон, яъне дар дарозои асри понздаҳ то охири асри ҳабдаҳ зиёда аз чиҳил тазкира таълиф гардидаанд, ки фарогири иттилооти арзишманд перомуни рӯзгор ва осори шуарои замон мебошанд. Қобили қайд аст, ки маҳз рушди суннати тазкиранигорӣ боис гардид, ки дар асрҳои ҳаждаҳ ва нуздаҳ таълифи тазкираҳо ба авҷи аълои худ расид[18-М].

13. Тазкираҳои аҳди мазкур на танҳо бо вусъати иттилоот имтиёз мекунанд, балки бо дарбаргирии афкори интиқодии аҳли адаби замон низ дорои аҳаммиятанд [13-М; [17-М].

14. Дар тазкираҳои ин даврон анвои гуногуни нақд ба мушоҳида мерасад, ки бозгӯи вазъи иҷтимоӣ ва ҳунариву адабии раванди адабиёт мебошад. Аз омӯзиш ва баррасии маводи тазкираҳо бармеояд, ки дар аксари онҳо нисбат ба нақди насри аҳли адаб, ба баррасии шеъри эшон бештар таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Аз ин лиҳоз, маводи ин тазкираҳо яке аз манбаъҳои муҳими адабӣ дар шинохти шеъри шуаро маҳсуб меёбад. Нақду назарсанҷии шуароро метавон дар мавриди ашъори якдигар аз тазкираҳо ба мушоҳида гирифт, ки дар таҳқиқи мундариҷаи адабиёт яке аз сарчашмаҳои муътамад ба ҳисоб меравад [2-М; 13-М; 17-М].

15. Нақду баррасии ашъори шуаро бештар дар замимаи фасоҳату балоғати ашъори онҳо, дарёфт ва тафсири истилоҳоти хос, муайян намудани вазни назми шоирон ва нақди забони шеър ҷараён гирифта, ҳамчунин, ҳунари тасвирсозии суханварон низ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки онро ҳамчун навъи нақди балоғӣ метавон арзёбӣ намуд [5-М; 7-М; 11-М; 14-М; 15-М].

16. Дар адабиёти даврони мазкур, ба хусус анъанаи тазкиранигории он ҳусну қубҳи шеър бо таваҷҷуҳ ба таносуби он бо қолабҳои адабӣ баррасӣ

гардида, тавоноии шуаро дар навкарди мазомини қолабҳои шеърӣ накду баррасӣ шудаанд.

17. Дар адабиёти асрҳои XVI-XVII анъанаи истиқболия ва татаббуъсароиву назирагӯӣ авҷ гирифта, шоирони зиёде дар пайравии шуарои мутақаддим ин анъанаро ба кор гирифтаанд. Дар нақди адабии ин даврон ҷараёни мазкур мавриди назари мунтақидон қарор гирифта, дар густариши нақди адабии суратӣ (яъне баррасии ашъори шуаро аз назари қолаб ва тасвири берунии шеър) заминаи мусоид фароҳам овардааст [14-М; 16-М; 19-М].

18. Яке аз хусусиятҳои нақди адабии ин даврон вусъат пайдо намудани баҳсҳои интиқодии шуаро мебошад, ки ин ҷараён мунтақидонро аз куллигӯӣ раҳонида, нақдро ба тадриҷ ба сӯйи баҳсҳои айниву ҷузъӣ бурдааст. Нақди фаннӣ инкишоф ёфта, мушаххасоти зиндагии фардии шуаро низ аз назари аҳли нақд дур намондааст [8-М].

19. Дар тазкираҳои асрҳои XVI ва XVII аз лиҳози иқтибосу истилоҳот тафовутҳое дар шеваи сухансанҷии онҳо ба мушоҳида мерасад. Бархе аз тазкиранависон дар баробари рӯнависии шарҳи аҳвол аз ҳамдигар, нақдҳои якдигарро низ тақлид кардаанд. Бо истифода аз ин мавод назару мулоҳизоти шуароро нисбат ба ашъори ҳамдигар метавон ба мушоҳида гирифт[9-М; 11-М].

20. Бештари тазкиранависони ин аҳд дар нақди ашъори ҳамасрони худ ашъори шоирони бузурги мутақаддимро низ нақд карданд, ки ин иқдом барои густариши афкори интиқодии адабӣ роҳро ҳамвор кардааст.

21. Афзун бар ин аз муҳтавои тазкираҳо бармеояд, ки тазкиранависон андешаҳои худро дар мавриди зоҳиру ботин, шавқу рағбат, ақидаву ҷаҳонбинии суханвар, муносибати онҳо бо дигарон, қобилияту истеъдод, табъи шоириву дилбастагӣ ба ашъору афкори адибони дигар, татаббуъгӯӣ ва маҳорати суханварии шоирон низ баён намуда масъалаи то ҷое нигоҳи ҷомеъ ба шахсияти эҷодиро ба миён гузоштаанд [10-М; 13-М; 17-М].

22. Тазкиранигори тоҷик баробари нақди шеъри суханварони ҳамзабон ғолибан аз касбу фаъолияти онҳо, зодгоҳ ва ҷои истиқомат, табаҳҳури эшон ба илмҳои замон, ҳунари хаттотии баъзе аз адибон сухан кушода, аксари онҳоро дар макорими ахлоқу маҳосини одоб саромад, дар ҷодаи инсоният боинсоф, дар суҳбат дилпазиру дар хондани шеър бемисл ҳисобидаанд, ки барои шинохти шахсият ва ҳайсияти ҳунарии эшон аҳаммияти хос доранд [10-М; 13-М; 17-М].

23. Тазкираҳо дар амри зинда нигоҳ доштани номи бисёре аз шоирон ва ашъори онон нақши босазое ба сомон расонидаанд. Агар имрӯз нусхаи ин китобҳоро дар ихтиёр надоштем, аз иддаи зиёде аз шуаро ва осори эшон, ки зикрашон дар китобҳои дигар наёмадааст, огоҳ набудем [10-М; 13-М; 17-М; 18-М].

24. Аксари муаллифони тазкираҳо соҳибзавқ буда, девони баъзе аз шоиронро пурра мутолиа кардаву намунаҳои шеъри хуби онҳоро дар асарҳои худ сабт намудаанд. Бинобар ин, ҳаводорони ашъори хубу марғуб бидуни мутолиаи комили девони шуаро метавонанд бо мутолиаи тазкираҳои мавриди таҳқиқ бо мазияти осори ин ё он шоир ошноӣ пайдо намоянд**.**

25. Мусаннифони тазкираҳо ва осори таърихии даврони мадди назари мо зимни баёни шарҳи ҳол ё нақли ашъори бархе аз шуаро дар бораи мақоми адабии онҳо ва ё аҳаммияти баъзе аз намунаҳои шеърашон изҳори назар кардаанд, ки андешаҳои интиқодӣ ва хулосаҳои онҳо пажӯҳишгаронро дар муайян намудани пояи илмӣ ва адабии шуарои асрҳои XVI-XVII роҳнамоӣ мекунад [1-М; 2-М; 3-М; 4-М].

26. Яке аз вижагиҳои адабиёти ин асрҳо ташаккули сабки ҳиндист. Ин падида на танҳо дар равнақи шеъру шоирӣ заминаи мусоид фароҳам овард, балки дар таҳкими анаъанаи истиқболия, тазмин, татаббуъ ва дигар тамоюлоти адабӣ нақши муасссир гузоштааст [5-М; 11-М; 14-М].

27. Анъанаи нақду сухансанҷӣ минбаъд низ идома ёфта, дар тазкираҳои асрҳои баъдӣ ҳам мавқеи махсусро соҳиб гардидааст, ки ниёз ба таҳқиқу баррасии алоҳидаро дорад.

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Матолиби рисоларо метавон дар анҷоми корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба таърихи адабиёти тоҷику форси асрҳои XVI-XVII, ташаккули мактабҳо ва ҳавзаҳои адабӣ, доираи адабии Самарқанд, Бухоро, Ҳирот, ҷараён ва мактабҳои адабӣ, нақду сухансанҷӣ ва сабкшиносӣ мавриди истифода қарор дод. Ҳамчунин, натиҷаҳои диссертатсия барои таҳияи мавод оид ба таълими фанҳои таърихи адабиёт, сабкшиносӣ, робитаи адабӣ, назарияи адабиёт, матншиносӣ, ҷараён ва мактабҳои адабӣ, поэтика замина фароҳам меоварад. Маводи рисоларо метавон ҳангоми таҳқиқи эҷодиёти намояндагони алоҳидаи Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрону Ҳинди ҳамон даврон мавриди истифода қарор дод.

Дар асоси матолиби рисола имкон дорад, ки дар оянда нусхаҳои тазкираҳо ва осори таърихии асрҳои мавриди назар ба хатти кирилӣ баргардон карда шавад. Ҳамчунин рӯзгору осори шоирони ношинохта ва муаррифинашудаи асрҳои XVI-XVII-ро ба таври алоҳида мавриди таҳқиқ қарор дода, метавон мероси адабии онҳоро бар асоси нусхаҳои хаттии дастрас таҳия ва ба нашр омода сохт.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. САРЧАШМАҲО

### Бо хати форсӣ


1. Алломӣ, А. Акбарнома [Матн] / А.Алломӣ. Бо тасҳеҳи Мавлавӣ оғо Аҳмад Алӣ ва Мавлавӣ Абдураҳим.– Калкутта: Анҷумани Осиёгии Бангола, 1886.– 844 с.

2. Алломӣ, А. Ойини Акбарӣ [Матн] / А.Алломӣ. Тарҷумаи Мавлавӣ Аҳмадалии Соҳиб -Ҳайдаробод: 1357.– Ҷ. 1.- 576 с.

3. Аҳмад, Н. Маҷмаъ-ус-саноеъ фӣ-улум-ул-бадоеъ [Матн] / Н.Аҳмад. Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммад Хушкоб.– Теҳрон: 1394.– 532 с.

4. Аҳмад, Н. Дастхати китобхонаи Маҷлиси Шӯрои Миллӣ [Матн] / Н. Аҳмад.– Таҳти рақами 13434.

5. Бадоунӣ, А. Мунтахаб-ут-таворих [Матн] / А.Бадоунӣ. Бо тасҳеҳи Мавлавӣ Аҳмадалӣ Соҳиб, бо муқаддима ва изофоти Тавфиқ Ҳ.Субҳонӣ.– Теҳрон: 1380.– Ҷ.1.– 397 с.

6. Бадоунӣ, А. Мунтахаб-ут-таворих [Матн] / А.Бадоунӣ. Бо тасҳеҳи Мавлавӣ Аҳмадалии Соҳиб, бо муқаддима ва изофоти Тавфиқ Ҳ. Субҳонӣ.– Теҳрон: 1380.– Ҷ.2.– 303 с.

7. Бадоунӣ, А. Мунтахаб-ут-таворих [Матн] / А.Бадоунӣ. Бо тасҳеҳи Мавлавӣ Аҳмадалии Соҳиб, бо муқаддима ва изофоти Тавфиқ Ҳ. Субҳонӣ.– Теҳрон: 1380.– Ҷ.3.– 344 с.

8. Баҳор, М. Сабкшиносӣ [Матн] / М. Баҳор.– Теҳрон: Китобҳои Парасту, 1349.– 570 с.

9. Бедил, М. Куллиёт [Матн]: Ғазалиёт. Иборат аз чаҳор ҷилд / М. Бедил.– Кобул: 1341.– Ҷ.1.– 1248 с.

10. Бедил, М. Куллиёт [Матн]: Иборат аз чаҳор ҷилд / М.Бедил. Тасҳеҳи Холмуҳаммади Хаста ва Халилуллоҳи Халилӣ; Бо кӯшиши Баҳман Халифаи Баноравонӣ.– Теҳрон: Талоя, 1389.– Ҷ.1.– 798 с.

11. Бедил, М. Ғазалиёт [Матн] / М.Бедил. Тасҳеҳ ва таҳқиқи Саид Маҳдии Табобатӣ.– Теҳрон: Шаҳристони адаб, 1399.– 1738 с.

12. Бобур, З. Бобурнома [Матн] / З.Бобур. Тарҷумаи Абдураҳими Хонихонон.– Бомбай: 1308.-528с.

13. Бухороӣ, Ш. Девон [Матн] / Ш.Бухороӣ. Бо тасҳеҳи Сирус Шамисо.– Теҳрон: Фирдавс, 1382.– 532 с.

14. Восифӣ, З. Бадоеъ-ул-вақоеъ [Матн] З.Восифӣ. / Тасҳеҳи Александр Болдырев. -Чопи дуюм – Теҳрон: Интишороти бунёди фарҳанги Эрон, 1349.– Ҷ.1.– 533 с.

15. Восифӣ, З. Бадоеъ-ул-вақоеъ [Матн] / З.Восифӣ. Тасҳеҳи Александр Болдырев.– Теҳрон: Интишороти бунёди фарҳанги Эрон, 1382.– Ҷ.2.– 458 с.

16. Гупомӯй, М. Натоиҷ-ул-афкор [Матн] / М.Гупомӯй. Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқи Юсуфбеги Бобопур.– Қум: Маҷмаи захоири исломӣ, 1387.– 837 с.

17. Деҳхудо, А. Луғатномаи Деҳхудо [Матн] Чопи дуюм аз давраи ҷадид / А. Деҳхудо.– Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи донишгоҳи Теҳрон, 1377.– Ҷ.1.– 1597 с.

18. Деҳхудо, А. Луғатномаи Деҳхудо [Матн] Чопи дуюм аз давраи ҷадид / А. Деҳхудо.– Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи донишгоҳи Теҳрон, 1377.– Ҷ.2.– 1597 с.

19. Деҳхудо, А. Луғатномаи Деҳхудо [Матн] Чопи дуюм аз давраи ҷадид / А. Деҳхудо.– Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи донишгоҳи Теҳрон, 1377.– Ҷ.3.– 1657 с.

20. Деҳхудо, А. Луғатномаи Деҳхудо [Матн] Чопи дуюм аз давраи ҷадид / А. Деҳхудо.–Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи донишгоҳи Теҳрон, 1377.– Ҷ.4.–1657 с.

21. Деҳхудо, А. Луғатномаи Деҳхудо [Матн]: Чопи дуюм аз давраи ҷадид / А. Деҳхудо.– Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи донишгоҳи Теҳрон, 1377.– Ҷ.5.–1597 с.

22. Доғистонӣ, В. Риёз-уш-шуаро [Матн] /В.Доғистонӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ.– Теҳрон: Асотир, 1384.– Ҷ.1.– 678 с.

23. Доғистонӣ, В. Риёз-уш-шуаро [Матн] /В.Доғистонӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ.– Теҳрон: Асотир, 1384.– Ҷ.2.– 630 с.

24. Доғистонӣ, В. Риёз-уш-шуаро [Матн] / В.Доғистонӣ.Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ.– Теҳрон: Асотир, 1384.– Ҷ.3.– 639 с.

25. Доғистонӣ, В. Риёз-уш-шуаро[Матн / В.Доғистонӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ.–Теҳрон: Асотир, 1384.– Ҷ.4.– 668 с.

26. Канбу, М. Шоҳҷаҳоннома [Матн] / М. Канбу.– Лоҳур: Маҷлиси тариқи адаб, 1967.– Ҷ.1.– 475 с.

27. Канбу, М. Шоҳҷаҳоннома [Матн] / М. Канбу.– Лоҳур: Маҷлиси тариқи адаб, 1967.– Ҷ.2.– 466 с.

28. Канбу, М. Шоҳҷаҳоннома [Матн] / М. Канбу.– Лоҳур: Маҷлиси тариқи адаб, 1967.– Ҷ.3.–546 с.

29. Кошонӣ, К. Девони қасоид, ғазалиёт, маснавиёт, муқаттаот [Матн] / К.Кошонӣ. Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Ҳ. Партави Байзоӣ.– Теҳрон: Хайём, 1336.– 419 с.

30. Лоҳиҷӣ, Ҳ. Тазкират-ул-муосирин [Матн] / Ҳ. Лоҳиҷӣ.– Теҳрон: Нашри Соя. 1375.– 542 с.

31. Лоҳиҷӣ, Ҳ. Девон [Матн] / Ҳ.Лоҳиҷӣ. Бо тасҳеҳи Забеҳулло Соҳибкор.– Теҳрон: 1374.– 872 с.

32. Лудӣ, Ш. Миръот-ул-хаёл [Матн] / Ш. Лудӣ.– Шумораи 1996 маҳфуз дар захираи дасхатҳои шарқии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

33. Маонӣ, А. Фарҳанги ашъори Соиб [Матн] / А. Маонӣ.– Теҳрон: Муассисаи мутолиот ва таҳқиқот, 1365.–1652 с.

34. Маҳмуд ибни Валӣ. Баҳр-ул-асрор [Матн] / Маҳмуд ибни Валӣ.– Шумораи 1375 маҳфуз дар захираи дастнависҳои шарқии АУ Ҷумҳурии Ӯзбекистон.– вар. 268, 285, 290.

35. Мирсеванчӣ, М. Азкор-ул-азкиё [Матн] / М. Мирсеванчӣ.– Шумораи 7123 маҳфуз дар захираи дасхатҳои шарқии Ҷумҳурии Узбекистон.

36. Муншӣ, М. Таърихи муқимхонӣ [Матн] / М. Муншӣ.– Дастхати №33. маҳфуз дар китобхонаи ба номи А. А. Семёнови Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии А. Дониши АМИТ.– Душанбе: В.40б-41а.

37. Муншӣ, М. Таърихи муқимхонӣ [Матн] / М.Муншӣ. Муқаддимма ва таълиқот аз Фариштаи Саррофон.– Теҳрон: Мероси мактуб, 1380.– 358 с.

38. Навоӣ, А. Маҷолис-ун-нафоис [Матн] / А.Навоӣ. Бо саъй ва эҳтимоми Алиасғар Ҳикмат.– Теҳрон: Китобхонаи Манучеҳрӣ, 1363.– 468 с.

39. Насрободӣ, М. Тазкираи Насрободӣ [Матн] / М.Насрободӣ. Муқаддима ва тасҳеҳу таълиқот аз Муҳсин Ноҷии Насрободӣ.–Теҳрон: Интишороти Асотир, 1378.–592 с.

40. Насрободӣ, М. Тазкираи Насрободӣ [Матн] Муштамил бар шарҳи ҳол ва осори қариб ҳазор шоири сафавӣ / М.Насрободӣ. Бо тасҳеҳ ва муқобалаи Ваҳид Дастгардӣ.– Теҳрон: Китобфурӯшии Фурӯғӣ, 1361.– 575 с.

41. Наҳовандӣ, А. Маосири Раҳимӣ [Матн] / А.Наҳовандӣ. Бо тасҳеҳи Муҳаммад Ҳидоят Ҳусайн.– Калкутта: 1931.– Ҷ.1-3.–1298 с.

42. Наҳовандӣ, А. Маосири Раҳимӣ [Матн] / А. Наҳовандӣ.– Теҳрон: Марказ, 1370.– 970 с.

43. Нисорӣ, Ҳ. Музаккир-ул-аҳбоб [Матн] / Ҳ. Нисорӣ.– Шумораи 4 маҳфуз дар захираи дасхатҳои шарқии АФ Ҷумҳурии Узбекистон.

44. Нисорӣ, Ҳ. Музаккир-ул-аҳбоб [Матн] / Ҳ. Нисорӣ.– Нусхаи №2253 (Тш). - В. 58а, 64а, 65б, 73а, 99б, 111 а.

45. Нишопурӣ, Н. Девон [Матн] / Н.Нишопурӣ. Тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммадризо Тоҳирӣ.– Теҳрон: Нигоҳ, 1389.– 672 с.

46. Нишопурӣ, Н. Ғазалиёт [Матн] / Н.Нишопурӣ. Бо тасҳеҳи Мавлавӣ Насируддин Соҳибмуншии Фозил; Бо фармоиши тоҷири китоб Шайх Муборак Алӣ.– Лоҳур: 1923.– 252 с.

47. Нуъмонӣ, Ш. Шеъру-л-аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон [Матн] / Ш.Нуъмонӣ.Тарҷумаи Сайид Муҳаммад Фахр Доии Гелонӣ.– Теҳрон: 1332.– Ҷ.1-2.– 564 с.

48. Нуъмонӣ, Ш. Шеъру-л-аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон [Матн] / Ш.Нуъмонӣ. Тарҷумаи Сайид Муҳаммад Фахр Доии Гелонӣ.– Теҳрон: 1334.– Ҷ.3.– 204 с.

49. Нуъмонӣ, Ш. Шеър-ул-аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон [Матн] / Ш.Нуъмонӣ. Тарҷумаи Сайид Муҳаммад Фахр Доии Гелонӣ.– Теҳрон: 1336.– Ҷ.4.– 268 с.

50. Омулӣ, Т. Куллиёт [Матн] / Т.Омулӣ. Тасҳеҳ ва таҳияи Тоҳири Шаҳоб.–Теҳрон: Саноӣ, 1391.– 1220 с.

51. Орзу, С. Маҷмаъ-ун-нафоис [Матн] /С.Орзу. Бо кӯшиши Зебуннисо Алихон.– Исломобод: Маркази тадқиқоти форсӣ, 1383.– Ҷ.1.– 538 с.

52. Орзу, С. Маҷмаъ-ун-нафоис [Матн] / С.Орзу. Бо кӯшиши Зебуннисо Алихон.– Исломобод: Маркази тадқиқоти форсӣ, 1383.– Ҷ.2.– 915 с.

53. Орзу, С. Маҷмаъ-ун-нафоис [Матн] / С.Орзу. Бо кӯшиши Зебуннисо Алихон.– Исломобод: Маркази тадқиқоти форсӣ, 1383.– Ҷ.3.– 628 с.

54. Рамлу, Ҳ. Аҳсан-ут-таворих [Матн] / Ҳ.Рамлу.Бо эҳтимоми Абулҳусайн Навоӣ.–Теҳрон: Асотир, 1374.– 504 с.

55. Розӣ, А. Ҳафт иқлим [Матн] / А.Розӣ. Тасҳеҳ, таъликот ва ҳавошии Саид Муҳаммадризо Тоҳирӣ.– Теҳрон: Суруш, 1378.– Ҷ.1.–515 с.

56. Розӣ, А. Ҳафт иқлим [Матн] / А.Розӣ. Тасҳеҳ, таъликот ва ҳавошии Саид Муҳаммадризо Тоҳирӣ.– Теҳрон: Суруш, 1378.– Ҷ.2.– 1443 с.

57. Розӣ, А. Ҳафт иқлим [Матн] / А.Розӣ. Тасҳеҳ, таъликот ва ҳавошии Саид Муҳаммадризо Тоҳирӣ.– Теҳрон: Суруш, 1378.– Ҷ.3.– 1829 с.

58. Самарқандӣ, М. Музаккир-ул-асҳоб [Матн] / М. Самарқандӣ.– Шумораи таҳти рақами 610, в. 79а-82б дар захираи дастхатҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон ба номи А. Мирзоев.

59. Самарқандӣ, М. Музаккир-ул-асҳоб [Матн] / М. Самарқандӣ.– Шумораи 51/1 маҳфуз дар захираи дасхатҳои шарқии АФ Ҷумҳурии Узбекистон.

60. Самарқандӣ, М. Музаккир-ул-асҳоб [Матн] / М.Самарқандӣ. Матни интиқодӣ бар асоси чаҳор нусхаи муҳим; Бо эҳтимоми Камолиддин Айнӣ.– Душанбе: Пайванд, 2006.– 648 с.

61. Самарқандӣ, М. Нусхаи зебои Ҷаҳонгир [Матн] / М. Самарқандӣ. Дастнавис №3023. Х-В.Р. -Лондон: Индия-офис, бидуни соли китобат.

62. Самарқандӣ, М. Тазкират-уш-шуаро [Матн] / М.Самарқандӣ.– Нусхаи №2253 АФ.Ҷумҳурии Узбекистон. – Тошкент: 1952.

63. Самарқандӣ, М. Тазкират-уш-шуаро[Матн] / М.Самарқандӣ. Муқаддима ва тасҳеҳи Асғар Ҷонфидо.– Теҳрон: Ойинаи мерос, 1377.– 320 с.

64. Самарқандӣ, М. Тазкират-уш-шуаро [Матн] / М. Самарқандӣ.– Нусхаи №2253.– В.43а, 1986.

65. Самарқандӣ, М. Нусхаи зебои Ҷаҳонгир [Матн] / М. Самарқандӣ. Нусхаи №3023.– Индио-Офиз:– В. 224а-225а

66. Самарқандӣ, Р. Таърихи Роқим [Матн] / Р.Самарқандӣ. Бо кӯшиши Манучеҳри Ситуда.– Теҳрон: 1380.– 170 с.

67. Сархуш, М. Каламот-уш-шуаро [Матн] / М. Сархуш. Муштамил ба зикри шуарои асри Ҷаҳонгир то аҳди Оламгир. Шумораи 3222 маҳфуз дар захираи дасхатҳои АМИТ.– 167 с.

68. Сархуш, М. Каламот-уш-шуаро [Матн] / М. Сархуш.– Лоҳур: 1942.– 132 с.

69. Сархуш, М. Каламот-уш-шуаро [Матн] / М.Сархуш. Тасҳеҳи Алиризо Қазва.– Теҳрон: 2011.– 306 с.

70. Сафавӣ, С. Туҳфаи Сомӣ [Матн] / С.Сафавӣ. Тасҳеҳ ва муқаддимаи Рукниддин Ҳумоюнфаррух.– Теҳрон: 1347.– 438 с.

71. Сафавӣ, С. Туҳфаи Сомӣ [Матн] / С.Сафавӣ. Бо тасҳеҳ ва муқобалаи Ваҳиди Дастгирдӣ.– Теҳрон: Армуғон, 1314.– 213 с.

72. Сиддиқ, Ҳ. Шамъи анҷуман [Матн] /Ҳ.Сиддиқ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммад Козим Каҳдуӣ, донишгоҳи Язд.–Язд: 1385. 218с.

73. Табрезӣ, С. Девон [Матн] Ғазалиёт. АЛИФ-БО / С.Табрезӣ. Бо кӯшиши Муҳаммад Қаҳрамон.– Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1364.– Ҷ.1.– 488 с.

74. Табрезӣ, С. Девон [Матн] Ғазалиёт. ТО-ХО / С.Табрезӣ. Бо кӯшиши Муҳаммад Қаҳрамон.– Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1367.– Ҷ.2.– 684 с.

75. Табрезӣ, С. Девон [Матн] Ғазалиёт. ДОЛ / С.Табрезӣ. Бо кӯшиши Муҳаммад Қаҳрамон.– Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, бидуни соли нашр.– Ҷ.3.– 440 с.

76. Табрезӣ, С. Девон [Матн] Ғазалиёт. ДОЛ / С.Табрезӣ. Бо кӯшиши Муҳаммад Қаҳрамон.– Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, бидуни соли нашр.– Ҷ.4.– 631 с.

77. Табрезӣ, С. Девон [Матн] Ғазалиёт. ЗОЛ-МИМ / С.Табрезӣ. Бо кӯшиши Муҳаммад Қаҳрамон.– Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1368.– Ҷ.5.– 710 с.

78. Табрезӣ, С. Девон [Матн] Ғазалиёт. НУН-ЙО / С.Табрезӣ. Бо кӯшиши Муҳаммад Қаҳрамон.– Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1380.– Ҷ.6.– 816 с.

79. Теҳронӣ, С. Девони комил шомили ғазалиёт, қасоид, маснавиёт, қитаот ва рубоиёт [Матн] / С.Теҳронӣ. Бо муқаддима, тасҳеҳ ва эҳтимоми Раҳим Ризо.– Теҳрон: Ибни Сино, 1349.– 639 с.

80. Фаришта, М. Таърихи Фаришта [Матн] / М. Фаришта.– Лакҳнав: Нивал Кишор, 1905. – Ҷ.1.– 376 с.

81. Фаришта, М. Таърихи Фаришта [Матн] / М. Фаришта.– Лакҳнав: Нивал Кишор, 1905.– Ҷ.2.– 420 с.

82. Хондамир, Ғ. Таърихи ҳабиб-ус-сияр фи-л-ахбори афроди башар [Матн] / Ғ. Хондамир.– Теҳрон: Интишороти Хайём, 1380.– Ҷ.1.– 721 с.

83. Хондамир, Ғ. Таърихи ҳабиб-ус-сияр фи-л-ахбори афроди башар [Матн] / Ғ. Хондамир.–Теҳрон: Интишороти Хайём, 1380. – Ҷ.2.– 831 с.

84. Хондамир, Ғ. Таърихи ҳабиб-ус-сияр фи-л-ахбори афроди башар [Матн] / Ғ. Хондамир.– Теҳрон: Интишороти Хайём, 1380.– Ҷ.3.– 767 с.

85. Хондамир, Ғ. Таърихи ҳабиб-ус-сияр фи-л-ахбори афроди башар [Матн] / Ғ. Хондамир.– Теҳрон: Интишороти Хайём, 1380.– Ҷ.4.– 803 с.

86. Хондамир, Ғ. Ҳабиб-ус-сияр [Матн]: Чопи сангӣ / Ғ. Хондамир.– Бомбей: 1273.– 1513 с.

87. Хондамир, А. Таърихи Шоҳ Исмоил ва Шоҳ Таҳмоспи Сафавӣ [Матн] Зайли таърихи «Ҳабиб-ус-сияр» / А.Хондамир. Тасҳеҳ ва таҳияи Муҳаммадалии Ҷарроҳӣ.– Теҳрон: Густара, 1375.– 305 с.

88. Ҳидоят, Р. «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» [Матн] / Р. Ҳидоят.– Шумораи 403 маҳфуз дар захираи дасхатҳои шарқии АМИТ.– Ҷ.2.–676 с.

89. Ҳилолӣ, Б. Девони Ҳилолии Чағатой бо Шоҳу Дарвеш, Сифот-ул-ошиқин [Матн] / Б.Ҳилолӣ.Бо тасҳеҳ, муқобилаву муқаддима ва феҳрист аз Саид Нафисӣ.– Теҳрон: СИНОИИ, 1368.– 335 с.

90. Чангӣ, Д. Тухфат-ус-сурур [Матн] / Д. Чангӣ.– Нусхаи №264.– В.126а.

91. Ҷурҷонӣ, А. Асрор-ул-балоғат [Матн] / А.Ҷурҷонӣ. Тарҷумаи Халил Таҷлил. – Теҳрон: Интишороти донишгоҳи Теҳрон, 1396.– 400 с.

92. Шерозӣ, Ф. Девони ашъор [Матн] / Ф. Шерозӣ; Ба муқаддима, тасҳеҳ ва итмоми Суҳайлии Хонсорӣ. –Теҳрон: Иқбол, бидуни соли нашр.– 447 с.

93. Шерозӣ, У. Девони ашъор. Шомили рисолаи «Нафсия», қасоид, тарҷеъбанд, таркиббанд, ғазалиёт, рубоиёт, соқинома, маснавиёт [Матн] / У.Шерозӣ. Ба кӯшиши Ҷавоҳири Ваҷдӣ.– Теҳрон: Саноӣ, 1369.– 503 с.

94. Шерозӣ, У. Куллиёт [Матн] Ғазалиёт/ У.Шерозӣ. Ба муқаддима, кӯшиш ва тасҳеҳи Муҳаммад Валиюлҳақи Ансорӣ.– Теҳрон: Интишороти донишгоҳ, 1378.– 929 с.

## Бо забони тоҷикӣ


95. Айнӣ, С. Мирзо Абдулқодири Бедил [Матн] / С. Айнӣ.– Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1954.– 340 с.

96. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик [Матн] / С.Айнӣ. Таҳия ва нашри Камолиддин Айнӣ ва Низом Қосим.– Душанбе: 2010.– 420 с.

97. Акрамов, Ф. Тазкираи «Нусхаи зебои Ҷаҳонгир»-и Мутрибӣ чун сарчашмаи омӯзиши ҳаёти адабии Мовароуннаҳру Ҳинд (асри XVI ва ибтидои асри XVII): рисола барои дарёфти унвони номзади илми филологӣ.10.01.06. [Матн] / Ф. Акрамов.– Душанбе: 1998.– 139 с.

98. Алломӣ, А. Иёри дониш [Матн] / А.Алломӣ. Матни илмию интиқодӣ, бо таҳқиқ ва тасҳеҳи А. Алимардонов.– Душанбе: Дониш, 1988.– 440 с.

99. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ [Матн] / Муҳаррир М. Акбарзод.– Душанбе: Адиб, 2007.– Ҷ.2. – 480 с.

100. Балхӣ, Ҷ. Маснавии маънавӣ [Матн] / Ҷ.Балхӣ. Таҳия, танзим ва баргардони матн Баҳриддин Ализода ва Алии Муҳаммадии Хуросонӣ.– Теҳрон: Замон, 2001.– 728 с.

101. Баҳор, М. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ [Матн] / М.Баҳор. Зери назари Н. Салимов; Баргардони Ш. Исрофилниё ва Н. Саркоров.– Душанбе: Бухоро, 2012.– 570 с.

102. Бедил, А. Осор [Матн]: Ғазалиёт / А.Бедил. Таҳияи С. Сиддиқов.– Душанбе: Адиб, 1990.– Ҷ.1.– 704 с.

103. Бедил, А. Осор [Матн]: Ғазалиёт / А.Бедил. Таҳияи С. Сиддиқов.– Душанбе: Адиб, 1991.– Ҷ.2.– 352 с.

104. Бедил, А. Осор [Матн] / А.Бедил. Таҳияи С. Сиддиқов.– Душанбе: Адиб, 1991.– Ҷ.3.– 432 с.

105. Бедил, А. Осор [Матн]: Ғазалиёт / А.Бедил. Таҳияи С. Сиддиқов.– Душанбе: Адиб, 2004.– Ҷ.4.– 438 с.

106. Бухорой, Ш. Девон [Матн] Ашъори мунтахаб / Ш.Бухорой. Ба чоп тайёркунанда ва муаллифи дебоча М. Аҳмадов.– Душанбе: Дониш, 1968.– 148 с.

107. Бухорой, Ш. Нури аср [Матн] / Ш.Бухорой. Бо эҳтимоми А. Алимардонов, Ҷ. Додалишоев, А. Ҷонфидо.– Душанбе: Дониш, 1968.– 149 с.

108. Бухорой, Ш. Ашъори мунтахаб [Матн] / Ш.Бухорой. Тайёркунандаи чоп ва муаллифи сарсухан М. Аҳмадов.– Душанбе: Дониш, 1968. – 320с.

109. Бухорой, В. Девон [Матн] / В.Бухорой. Пешгуфтор, матн ва таъликоту луғатнома бо эҳтимоми Т. Неъматзода.– Душанбе: 2006.– 166 с.

110. Бухорой, Н. Ашъори мунтахаб [Матн] /Н.Бухорой. Ҳозиркунандаи нашр ва муаллифи сарсухан Н. Сайфиев.– Душанбе: Дониш, 1988.– 262с.

111. Восифӣ, З. Бадоеъ-ул-вақоеъ [Матн] Ахтарони адаб / З.Восифӣ. Муҳаррир М. Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2017.– Ҷ.33.– 480 с.

112. Восифӣ, З. Бадоеъ-ул-вақоеъ [Матн] / З. Восифӣ.– Душанбе: Адиб, 2017.– 480 с.

113. Гулшани адаб [Матн] / Тартибдиҳандагон А. Афсаҳзод, Ҷ. Додалишоев, Л. Сулаймонова, Ш. Нуриддинов.– Душанбе: Ирфон, 1977.– Ҷ. 4.– 383 с.

114. Доғистонӣ, В. Риёз-уш-шуаро [Матн] Иборат аз чаҳор ҷилд / В.Доғистонӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ; Баргардонандаи матн ба хатти кириллии тоҷикӣ, муаллифи пешгуфтор ва шарҳи луғоту тавзеҳот М. Нарзиқул.– Душанбе: Офсет, 2018.– Ҷ.1.– 728 с.

115. Доғистонӣ, В. Риёз-уш-шуаро [Матн] Иборат аз чаҳор ҷилд / В.Доғистонӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ; Баргардонандаи матн ба хатти кириллии тоҷикӣ, муаллифи пешгуфтор ва шарҳи луғоту тавзеҳот Н. Мисбоҳиддин ва О. Бобоева.– Душанбе: Паёми ошно, 2019.– Ҷ.4.– 752 с.

116. Кашмирӣ, Ғ. Мунтахабот [Матн] / Ғ.Кашмирӣ.Мураттиб ва муаллифи муқаддимаву тавзеҳот А. Ғаффоров.– Душанбе: Ирфон, 1978.– 215 с.

117. Кашмирӣ, Ф. Мунтахаби ашъор [Матн] / Ф.Кашмирӣ. Тайёркунандаи чоп ва муаллифи муқаддимаву тавзеҳот Ш. Девонаев. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 240 с.

118. Кошонӣ, К. Гули хуршед [Матн] / К.Кошонӣ. Мураттиб ва муаллифи сарсухан Ш. Нуриддинов.– Душанбе: Ирфон, 1985. – 269 с.

119. Мушфиқӣ, А. Мунтахабот [Матн] / А. Мушфиқӣ.– Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1959. – 505 с.

120. Навоӣ, А. Маҷолис-ун-нафоис [Матн] / А.Навоӣ. Таҳия, тасҳеҳ, таҳқиқ ва муқаддимаву тавзеҳоти У.Тоиров ва М.Низомов – Душанбе: Нашри Мубориз, 2018.– 528 с.

121. Насафӣ, С. Куллиёти осор [Матн] / С.Насафӣ. Матни илмӣ-интиқодӣ бо муқаддима ва тасҳеҳи Ҷ. Додалишоев; Зери назари Аълохон Афсазҳод ва Асғари Ҷонфидо. – Душанбе: Дониш, 1990. – 512 с.

122. Насафӣ, С. Девон [Матн] Мунтахабот / С.Насафӣ.Таҳияи матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳоти Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. -Душанбе: Адиб, 2017. – 480 с.

123. Нисорӣ, Ҳ. Чаҳор гулзор [Матн] / Ҳ.Нисорӣ. Таҳиягари матн, муаллифони пешгуфтор ва мураттибони луғату тавзеҳот Усмон Назир ва Давлатбеки Хоҷа. – Душанбе: Шарқи озод, 1998. – 116 с.

124. Нишопурӣ, Н. Рубоиёт [Матн] / Н.Нишопурӣ. Таҳия, тасҳеҳ, тавзеҳ ва пешгуфтор аз О. Маҳмудзода.– Хуҷанд: Ношир, 2022. – 160 с.

125. Омулӣ, Т. Маҷмӯаи ашъор [Матн] / Т.Омулӣ. Муаллифи сарсухан О. Саидҷаъфаров. – Душанбе: Адиб, 1993. – 323 с.

126. Омулӣ, Т. Ғазалиёт [Матн] / Т. Омулӣ, Ф. Бастомӣ. – Душанбе: Адиб, 1993. – 567 с.

127. Омулӣ, Т. Чаҳорбоғи ғазал [Матн] / Т.Омулӣ, К. Кошонӣ, Ш. Бухороӣ, Ғ.Кашмирӣ. – Душанбе: Адиб, 2018. – Ҷ.36. – 480 с.

128. Рӯдакӣ, А. Ашъор [Матн] Ахтарони адаб / А.Рӯдакӣ. Муҳаррир М. Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2007. – Ҷ.1. – 416 с.

129. Самарқандӣ, М. Тазкират-уш-шуаро [Матн] / М.Самарқандӣ. Таҳия, тавзеҳ ва таҳқиқи М. Қурбоналиева. – Хуҷанд: Хуросон, 2021. – 468 с.

130. Сархуш, М. Каламот-уш-шуаро [Матн] / М.Сархуш. Баргардонандаи матн ба хатти кириллии тоҷикӣ ва шарҳи луғоту тавзеҳот А.Абдусаттор. – Душанбе: Торус, 2018.– 224 с.

131. Сафавӣ, С. Тухфаи Сомӣ [Матн] / С.Сафавӣ. Таҳиягари матн, муаллифи пешгуфтору тавзеҳот Б. Мақсудов. – Душанбе: Маориф, 2018. – 380 с.

132. Сафӣ, Ф. Латоиф-ут-тавоиф [Матн] / Ф.Сафӣ.Таҳия, пешгуфтор, шарҳи луғатҳо ва тавзеҳоти А. Абдусаттор, Б. Сайфиддинов. – Душанбе: Адиб, 2011. – 336 с.

133. Соиб. Мунтахабот [Матн] /Соиб. Мураттибон З. Аҳрорӣ, Л. Шералӣ. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 703 с.

134. Табрезӣ, С. Девон [Матн] Мунтахаботи ғазал. Ахтарони адаб / С.Табрезӣ. Мураттибон: З. Аҳрорӣ, Л. Шералӣ. – Душанбе: Адиб, 2017. – Ҷ.34.– 480 с.

135. Фахруззамонӣ, А. Тазкираи Майхона [Матн] / А.Фахруззамонӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Аҳмад Гулчини Маонӣ; Баргардонандагони матн ба хатти кириллии тоҷикӣ ва муаллифони пешгуфтор У. Тоиров ва А. Авғонов. – Душанбе: Сино, 2019.–Ҷ.1. 790 с.

136. Фахруззамонӣ, А. Тазкираи Майхона [Матн] / А.Фахруззамонӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Аҳмад Гулчини Маонӣ; Баргардонандагони матн ба хатти кириллии тоҷикӣ ва муаллифони пешгуфтор У. Тоиров, А. Авғонов ва З. Бобоалиева. – Душанбе: Сино, 2019.–Ҷ. 2. 680 с.

137. Хушгӯ, Б. Сафинаи Хушгӯ (Дафтари солис) [Матн] / Б.Хушгӯ. Таҳиягар ва муаллифи пешгуфтор, тавзеҳот ва луғатнома З. Ғаффорова.– Хуҷанд: Ношир, 2018. – 564 с.

138. Ҳилолӣ, Б. Девон [Матн]: Ахтарони адаб / Муҳаррир М. Ҳотам. – Душанбе: Адиб, 2016. – Ҷ.32. – 480 с.

139. Ҳилолӣ, Б. Мунтахабот [Матн] / Б. Ҳилолӣ. – Сталинобод: 1957. –

264 с.

140. Ҳилолӣ, Б. Ғазалиёт [Матн] / Б.Ҳилолӣ. Мураттиби китоб ва муаллифи сарсухан К. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 250 с.

141. Ҳилолӣ, Б. Баргузидаи осор [Матн] / Б.Ҳилолӣ. Муҳаррир М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 208 с.

142. Ҳиравӣ, Ф. Ҷавоҳир-ул-аҷоиб [Матн] / Ф.Ҳиравӣ. Баргардон, сарсухан ва шарҳи луғот аз М. Мирзоюнус. – Хуҷанд: Ношир, 2007. – 140 с.

143. Ҳиротӣ, Н. Ашъори мунтахаб [Матн] / Н.Ҳиротӣ.Тартибдиҳанда ва муаллифи сарсухан А.Зуҳуриддинов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 355 с.

144. Ҳотифӣ, А. Ширин ва Хусрав [Матн] / А. Ҳотифӣ. – Душанбе: Дониш, 1981. – 116 с.

145. Ҳусайнӣ, А. Бадоеъ-ус-саноеъ [Матн] / А.Ҳусайнӣ. Сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 222 с.

146. Ҷомӣ, А. Осор [Матн] Иборат аз ҳашт ҷилд / А. Ҷомӣ. –Душанбе: Адиб, 1988. – Ҷ.6. – 560 с.

147. Шералӣ, Л. Куллиёт [Матн] Ашъор. Иборат аз ду ҷилд / Л. Шералӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – Ҷ.1. – 560 с.

**Бо забони русӣ**

148. Аллами, А. Акбар-наме [Текст] /А. Аллами.– Самара: Агни, 2005. – Ч.II. – Кн.II. – 368 с.

149. Аллами, А. Акбар-наме [Текст] /А. Аллами.– Самара: Агни, 2003. – Ч.I. – Кн.I. – 400 с.

150. Бабур, З. Бабур-наме. Записки Бабура [Текст] / З.Бабур. Перевод М. Салье.–Ташкент: Издание Академии наук Узбекской ССР, 1958. – 528 с.

151. Мунши, М. Мукимханская история [Текст] / М.Мунши. Перевод, предисловие, примечания и указатели А. Семёнова. – Ташкент: 1956. – 304 с.

152. Саиджафаров, О. Стиль персидско-таджикской газели в XVI - XVII вв. [Текст]: Диссертация на соискание ученой степени доктора филологических наук, по специальности 10.01.03 – Литература стран

зарубежья (таджикская литература) / На примере творчества Фигани, Назири и Саиба. – Душанбе: 2015.– 300 с.

153. Самарканди, М. Тазкират-уш-шуаро [Текст] /М.Самарканди. Рукопись.– № 2253, ХВРИВ АН Узб. ССР. СБР Т.1. – Ташкент: 1952. – 242 в.

**Бо забони узбекӣ**

154. Бобур, З. Бобурнома [Матн] / З. Бобур.– Тошканд: Нашриёти Шарқ, 2012. – 367 с.

**II. АДАБИЁТИ ИЛМӢ – ТАҲҚИҚОТӢ**

**а) Бо хати форсӣ**

155. Аббос, П. Таърихи 2500 солаи Эрон [Матн] Аз ташкили силсилаи Сафавия то асри ҳозир / П. Аббос. – Теҳрон: 1343. – Ҷ.3. – 418 с.

156. Абдуллоҳ, С. Адабиёти форсӣ дар миёни ҳиндувон [Матн] / С.Абдуллоҳ. Тарҷумаи дуктур Муҳаммад Асламхон. – Теҳрон: 1961. – 503 с.

157. Амирӣ, К. Забон ва адабиёти форсӣ дар Ҳиндустон [Матн] / К. Амирӣ. – Теҳрон: Вазорати иршоди исломӣ, 1374. – 326с.

158. Ансорӣ, Н. Адаби форсӣ ба аҳди Аврангзеб [Матн] / Н. Ансорӣ. – Деҳлӣ: 1940. – 403 с.

159. Анҷуманҳои адабии Ҳинд дар давраи Темурӣ [Матн] // Маҷаллаи Шеър. – зимистони 1388. – №68. – С. 21-24.

160. Атоӣ, З. Таърихи Рашидии Мирзо Ҳайдари Дуғлот, биниш, равиш ва таърихнигорӣ [Матн] / З. Атоӣ // Zth International Confrence on Oriental Studes Iraniar Studies& Commtnmoration of BIDEL DEHLAVI, 2017. – MARCH. – C.15.

161. Афзалӣ, Х. Нигоҳи интиқодии Бедил ба шеър ва шоирони рӯзгораш [Матн] / Х. Афзалӣ // Шибҳи қора (Вожаномаи Фарҳангистони забон ва адабиёти форсӣ. Баҳор ва тобистони 1393. – №2. – С.97-122.

162. Аҳмад, И. Шахсияти илмӣ ва адабии Бобур [Матн] / И. Аҳмад // Маҷаллаи таҳқиқоти форсӣ. – Деҳлӣ: 1998. – С.133-140.

163. Барзгар, М. Донишномаи адаби форсӣ дар Шибҳи қора [Матн] Ҳинд, Покистон, Бангладеш / Бо сарпарастии Ҳасан Анӯша. – Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1380. – Ҷ.4/3. – 2357 с.

164. Валипур А. Муаррифӣ ва нақди китоби ғазалиёти Бедил [Матн] / А.Валипур, Р.Ҳимматӣ // Фаслномаи нақди китоб. – 1395.–№7.– С. 38-45

165. Вазинпур, Н. Таърихи адабиёт ва таҳаввули андеша дар адабиёти форсӣ [Матн] / Н. Вазинпур // Созмони таовунии донишҷӯёни донишройи олӣ. – Обон – С.48-53.

166. Вернон, Ҳ. Таърихчаи нақди адабӣ [Матн] / Ҳ. Вернон.– Теҳрон: 1379. – 238с.

167. Воҳид, А. Нахустин таҷрибаҳои нақди шеъри форсӣ дар аҳди Сафавӣ бар пояи номаи навёфта аз Ҳазини Лоҳиҷӣ [Матн] / А. Воҳид // Забон ва адабиёти форсӣ нашрияи собиқ Донишкадаи адабиёти Донишгоҳи Табрез, поиз ва зимистони 90. – №224. – С. 131-162.

168. Ғуломалӣ, С. Таърихнигорӣ, тарҷума, тазкиранависӣ ва номанигорӣ дар ҳукумати Муғулони Кабир аз Бобур то поёни Аврангзеб (932-1117ҳ.қ/1526-1707м) [Матн] / С. Ғуломалӣ, Б. Файзуллоҳ // Таърихномаи Хоразмӣ. – Соли панҷум. – баҳори 1397. – №21. – С.22-97.

169. Доии Ҷавод, Р. Таърихи адабиёти Эрон. Аз ҳамлаи муғул то нимаи аввали давраи Сафавия [Матн] Аз Камол то Соиб / Р. Доии Ҷавод. – Исфаҳон:Ширкати Исфаҳон, 1339. – Ҷ.1. – 396 с.

170. Дуғлот, М. Таърихи Рашидӣ [Матн] / М. Дуғлот. Тасҳеҳ ва таҳқиқи Аббосқули Ғаффори Фард. – Теҳрон: Маркази мероси мактуб, 1383. – 851 с.

171. Ёршотир, Э. Шеъри форсӣ дар давраи Темуриён ва Сафавиён [Матн] Таърихи Эрон. Давраи Сафавиён / Э.Ёршотир. Мутарҷим Яъқуб Ожандӣ. – Теҳрон: Ҷомӣ, 1380. – 578 с.

172. Зарринкӯб, А. Аз гузаштаи адабии Эрон. Мируре дар насри форсӣ [Матн] Сайре дар шеъри форсӣ бо назаре дар адабиёти муосир / А. Зарринкӯб. Чопи аввал. – Теҳрон: Ал-ҳудо, 1375. – 588 с.

173. Зарринкӯб, А. Бо корвони ҳулла [Матн] Маҷмӯаи нақди адабӣ / А. Зарринкӯб. – Теҳрон: Ибни Сино, 1374.– 475 с.

174. Зарринкӯб, А. Ошноӣ бо нақди адабӣ [Матн] / А. Зарринкӯб.– Теҳрон: Интишороти Сухан, – 1383. – 404 с.

175. Замонӣ, О. Муҳаққиқин ва мунаққидини забон ва адабиёти форсӣ дар ҳинди қарни бистум [Матн] Ҳамроҳ ба таърихи мухтасари нақд ва таҳқиқ дар адабиёти форсӣ / О. Замонӣ. Маркази таҳқиқоти форсӣ, Ройзани фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон. – Деҳлӣ: Навчопхона, 1993. – 393 с.

176. Кадканӣ, Ш. Шоире дар ҳуҷуми мунтақидон [Матн] Нақди адабӣ дар сабки ҳиндӣ / Ш. Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1385. – 512 с.

177. Кордгар, Я. Дугонагии сабкӣ дар сабки ҳиндӣ [Матн] / Я. Кордгар // Фаслномаи мутолеоти Шибҳи Қораи Донишгоҳи Сиистону Балуҷистон. – 1390. – №6. – С.89-114.

178. Лангрудӣ,Ш. Сабки ҳиндӣ ва Калими Кошонӣ [Матн] Гирдбоди шеъри ҷунун / Ш. Лангрудӣ. – Теҳрон: Марказ, 1372. – 267 с.

179. Лоҳурӣ, Я. Таърихи шеър ва суханварони форсӣ дар Лоҳур аз зуҳури ислом то асри Шоҳиҷаҳон [Матн] / Я. Лоҳурӣ. – Лоҳур: 1971. – 326с.

180. Мактаби вуқӯъ дар шеъри форсӣ [Матн]. – Машҳад: Интишороти донишгоҳи Фирдавсӣ, 1374. – 282с.

181. Маонӣ, А. Таърихи тазкираҳои форсӣ [Матн] /А. Маонӣ. – Теҳрон: 1343. – Ҷ.1. – 765 с.

182. Маонӣ, А. Таърихи тазкираҳои форсӣ [Матн] /А. Маонӣ. – Теҳрон: 1343. – Ҷ.2. – 1006 с.

183. Маонӣ, А. Корвони Ҳинд [Матн] / А. Маонӣ. – Машҳад: 1369. – Ҷ.1. – 822 с.

184. Маонӣ, А. Корвони Ҳинд [Матн] / А. Маонӣ. – Машҳад: 1369. – Ҷ.2. – С.823 – 1675.

185. Маонӣ, А. Фарҳанги ашъори Соиб [Матн] Иборат аз се ҷилд / А. Маонӣ. – Теҳрон: Муассисаи мутолиот ва таҳқиқот, 1365. – 1652 с.

186. Маҳдӣ, М. Аз маъно то сурат [Матн] / М. Маҳдӣ. – Теҳрон: Сухан, 1388. – Ҷ.1, 2. – 318с.

187. Мирзоев, А. Равобити адабии Эрон ва Мовароуннаҳр дар садаҳои XVII-XVII [Матн] / А. Мирзоев // Маҷмуаи мақолоти таҳқиқӣ ва ховаршиносӣ ба муносибати ҳафтоду панҷумин солгарди профессор Ҳенри Моса. – Донишгоҳи Теҳрон, 1342. – С.74-84.

188. Мустафавӣ, Р. Забону адаби форсӣ дар Ҳинди дирӯзу имрӯз [Матн] / Р. Мустафавӣ // Нашрияи Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ. – 1371. – С.66-97.

189. Мутлақ, М. Хушнависони эронӣ дар Шибҳи қораи Покистон ва Ҳинд [Матн] / М. Мутлақ // Бахши дуввум. – Машҳад, 1368. – №17-18. – С.87-102.

190. Нақавӣ, С. Тазкиранависии форсӣ дар Ҳинду Покистон [Матн] / С. Нақавӣ. – Теҳрон: 1967. – 819 с.

191. Нақавӣ, С. Фарҳангнависии форсӣ дар Ҳинду Покистон [Матн] / С. Нақавӣ. – Теҳрон: 1344. – 341 с.

192. Нафисӣ, С. Таърихи назму насри забони форсӣ [Матн] / С. Нафисӣ. – Теҳрон: – 1334. – Ҷ.1. – 664 с.

193. Нафисӣ, С. Таърихи назму насри забони форсӣ [Матн] / С. Нафисӣ. – Теҳрон: 1334. – Ҷ.2. – 562 с.

194. Нафисӣ, С. Адабиёти форсӣ дар Ҳиндустон [Матн] / С. Нафисӣ // Армуғон.– 1308.– №8-9.– С.569-570.

195. Ниё, М. Хони Орзу ва масъалаи сабкшиносӣ дар тазкираи «Маҷмаъ-ун-нафоис» [Матн] / М. Ниё, Ҳ. Бурҳонӣ // Ҷусторҳои адабии маҷаллаи илмӣ-пажуҳишӣ. – Баҳори 1395. – №192. – С.129-154.

196. Носир, Н. Нақди адабӣ дар қаҳвахонаҳои асри сафавӣ [Матн] / Н. Носир, И. Худоёр, М. Аҳмадӣ // Фаслномаи Мутолиоти назария ва анвои адабии Донишгоҳи адабиёт ва улуми инсонӣ. – Донишгоҳи Ҳаким Сабзворӣ, зимистони 1394. – №1. – С.143-160.

197. Нурзод, Н. Толиби Омулӣ ва Бедили Деҳлавӣ [Матн] Баррасии таъсири вижагиҳои ҳунарӣ шеъри Толиби Омулӣ бар сурудаҳои Бедили Деҳлавӣ / Н.Нурзод // Маҷмӯаи мақолоти нахустин ҳамоиши байналмилалии Толиби Омӯлӣ. – Омул, майи 2011. – С.598-616.

198. Нуриддин, М. Тузуки Ҷаҳонгирӣ [Матн] / М. Нуриддин.– Теҳрон: Бунёди фарҳанги Эрон, 1359.– 592 с.

199. Офтоб, А. Таърихнависии форсӣ дар Ҳинду Покистон [Матн] / А. Офтоб. – Лоҳур: 1364. – 563 с.

200. Раъдӣ, О. Дар бораи сабкҳои шеъри форсӣ ва наҳзати бозгашт [Матн] / О. Раъдӣ // Номвораи доктор Афшор. – 1364.– №.1. – С.73-112.

201. Ризоӣ, М. Таҳлили чанд истилоҳи нақди адабӣ дар тазкираҳои асри Сафавия [Матн] /М. Ризоӣ, Я. Шакурӣ, О. Нақизода // Номаи Фарҳангистон ва Пажӯҳишномаи Шибҳи Қора. – 1392.– №4. – С.93-106.

202. Ризоӣ, М. Нақди адабӣ дар тазкираҳои сабки ҳиндӣ [Матн] / М. Ризоӣ, О. Нақизода // Фаслномаи тахассусии сабкшиносии назму насри форсии Баҳори адаб. – поизи 1392.– №3. – С.147-262.

203. Ризоӣ, Р. Забони форсӣ дар Ҳинд бар асоси мулоҳизоти ибни Батута [Матн] / Р. Ризоӣ, М. Шайх // Фаслномаи мутолеоти Шибҳи Қораи Донишгоҳи Сиистону Балуҷистон. – 1394.– №24. – С.46-67.

204. Садри Олам, М. Равобити сиёси ва фарҳангии байни Ҳинд ва Осиёи Марказӣ дар аҳди Муғул [Матн] / М. Садри Олам. – Деҳлӣ: 2010. – 540 с.

205. Саид, А. Адабиёти форсӣ дар миёни ҳиндувон [Матн] /А.Саид. Тарҷумаи доктор Муҳаммад Асламхон. – Теҳрон: 1961. – 503 с.

206. Салҷуқӣ, С. Нақди Бедил [Матн] / С. Салҷуқӣ. – Теҳрон: 1388. – 623 с.

207. Салоҷуқа, П. Ҷусторе дар чигунагии коркарди намодҳои ҷонварон дар ашъори Соиби Табрезӣ ва Бедили Деҳлавӣ [Матн] / П. Салоҷуқӣ // Фаслномаи илмӣ-пажӯҳишии Пажӯҳиши забон ва адабиёти форсӣ.– 1390.– №21. – С.121-140.

208. Салоҷуқа, П. Устуразудоӣ ва устураофаринӣ дар андешаҳои шоирона бо такя бар ашъори Бедили Деҳлавӣ ва Соиби Табрезӣ [Матн] / П. Салоҷуқӣ. – Теҳрон: Марворид, 1389. – С.115-1126.

209. Сафо, З. Таърихи адабиёт дар Эрон [Матн] / З. Сафо.– Теҳрон: Чопи нуҳум, 1373. – Ҷ.5/1. – 635 с.

210. Сафо, З. Таърихи адабиёт дар Эрон [Матн] / З. Сафо. – Теҳрон: Чопи нуҳум, 1386. – Ҷ.5/2. – С.1420.

211. Сафо, З. Таърихи адабиёт дар Эрон [Матн] / З. Сафо. – Теҳрон: Чопи нуҳум, 1386. – Ҷ.5/3. – С.1421-2012.

212. Сиддиқӣ, М. Шарҳи ғазалҳои Соиби Табрезӣ [Матн] / М. Сиддиқӣ. – Теҳрон: 1370. – 456 с.

213. Соиб ва сабки ҳиндӣ дар густураи таҳқиқоти адабӣ [Матн] / Бо кӯшиш ва эҳтимоми Муҳаммад Расули Дарёгашт. – Теҳрон: 1371. – 456 с.

214. Солеҳӣ, П. Пайванди таърих бо адабиёт дар мутуни таърихии забони форсӣ [Матн] / П. Солеҳӣ, Қ. Торӣ // Маҷаллаи таърихи адабиёт.– 1997.– №3(8). – С.50-77.

215. Субҳонӣ, Т. Нигоҳе ба таърихи адаби форсӣ дар Ҳинд [Матн] / Т. Субҳонӣ.– Теҳрон: Интишороти дабирхонаи шӯравии густариши забон ва адабиёти форсӣ, 1377. – 724 с.

216. Тағоймуродов, Р. Ҳунари суханварии Бедил дар як ғазали моддаи таърихи ӯ [Матн] / Р. Тағоймуродов // Фаслномаи Рӯдакӣ. – 1394. (2016). – №45. – С.31-42.

217. Толибӣ, А. Чанд манбаи таърихии форсии аҳди Курагониён дар мавриди подшоҳони афғонтабори Ҳинд [Матн] / А. Толибӣ // Маҷаллаи таҳқиқоти форсӣ. – Деҳлӣ, 1998. – С. 233-252.

218. Футуҳӣ, М. Нақди адабӣ дар сабки ҳиндӣ [Матн] / М. Футуҳӣ. – Теҳрон: Интишороти Сухан, 1385. – 430 с.

219. Футӯҳӣ, М. Нақши ҳалқаҳои адабии Бурҳонпури Ҳинд дар дигаргунии шеъри форсӣ дар оғози қарни ёздаҳуми ҳиҷрии қамарӣ [Матн] / М. Футӯҳӣ // Фаслномаи Эроннома, зимистони 1394. – №4. – С.240-274.

220. Футӯҳӣ, М. Нақши «Сафинаи Хушгӯ» дар интихоби шоирони тарзи хаёли ҳиндӣ [Матн] / М. Футуҳӣ, М. Муҳаммадҷавод, С. Озода // Номаи Фарҳангистон, вижаномаи Шибҳи Қора, 1392. – С.33-54.

221. Худоёр, И. Тазкиранависи гумном аз Мовароуннаҳр ва нақши он дар таърихи адаби форсӣ [Матн] / И. Худоёр // Нашрияи илмии ҷусторҳои навини адабӣ, тобистони 1399. – №209. – С.1-22.

222. Хусравӣ, Ҳ. Бозшиносии вижагиҳои сабки ҳиндӣ [Матн] / Ҳ. Хусравӣ // Пажуҳишҳои нақди адабӣ ва сабкшиносӣ, 1397. – №1. – С.75-106.

223. Ҳабибӣ, А. Таърихи Афғонистон дар асри курагонии Ҳинд [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Пуҳнӣ матбаа, 1330. – 399 с.

224. Ҳикмат, А. Сарзамини Ҳинд [Матн] Баррасии таърихӣ, иҷтимоӣ,сиёсӣ ва адабии Ҳиндустон аз адвори бостонӣ то асри ҳозир / А. Ҳикмат. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1337. – 547 с.

225. Ҳокимӣ, И. Забон ва адабиёти форсӣ дар Ҳиндустон [Матн] / И. Ҳокимӣ // Дар ҳошияи семинари забон ва адабиёти форсӣ дар Кашмир. – 1357. – Аз 24 тир то 17 мурдод.

226. Ҳотамӣ, А. Пажӯҳише дар сабки ҳиндӣ ва давраи бозгашти адабӣ [Матн] / Аҳмад Ҳотам. – Теҳрон: Баҳористон, 1371. – 289 с.

227. Ҳошимӣ, М. Шеъру шоирӣ дар асри Сафавӣ [Матн] / М. Ҳошимӣ.– Исфаҳон: Машъал, 1341. – 67 с.

228. Ҳумоӣ, Ҷ. Таърихи адабиёти Эрон [Матн] / Ҷ. Ҳумоӣ. – Теҳрон: Фурӯғӣ, 1348. – Ҷ.1, 2. – 576 с.

229. Чағатоӣ, С. Баррасӣ ва таҳлили дидгоҳҳои нақди адабӣ дар тазкираи Насрободӣ [Матн] / С. Чағатоӣ // Ҳафтумин ҳамоиши пажӯҳишҳои забон ва адабиёти форсӣ.– Исфанд, 1392. – С.389-400.

230. Шамисо, С. Соиб ва сабки ҳиндӣ дар густураи таҳқиқоти адабӣ [Матн] /С.Шамисо. Бо кӯшиш ва эҳтимоми Муҳаммад Расулӣ. – Теҳрон: 1371. – 456 с.

231. Шамисо, С. Сабкшиносии шеър [Матн] / С. Шамисо. – Теҳрон: 1376. – 430 с.

232. Шамисо, С. Анвои адабӣ [Матн] / С. Шамисо. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1376. – 343 с.

233. Шамисо, С. Таҳлили дидгоҳҳои интиқодии Хон Орзу дар Тазкираи Маҷмаъ-ул-нафоис [Матн] / С. Шамисо, Ш. Фарқдонӣ // Фаслномаи мутолиоти Шибҳи Қораи Донишгоҳҳои Сиистон ва Балуҷистон. – зимистони 1389, соли дуюм. – №5. – С.7-28.

234. Шоҳҷаҳонпурӣ, С. Аҳди муғул мен ҳиндӣ забан ки сарпарастӣ [Матн] / С. Шоҳҷаҳонпурӣ // Алигарҳ Суҳайл. – 1926. – №1. – С.69-78.

235. Этте, Ҳ. Таърихи адабиёти форсӣ [Матн] / Ҳ.Этте. Тарҷума бо ҳавошии доктор Ш. Ризозода. – Теҳрон: Нигоҳ, 1337.– 361 с.

**б)Бо забони тоҷикӣ**

236. Абдуллоҳ, Р. Маърифати адабиёт ва нақди шеър [Матн] / Р. Абдуллоҳ.– Хуҷанд: Нури маърифат, 2021. – 276 с.

237. Айнӣ, С. Восифӣ ва хулосаи Бадоеъ-ул-вақоеъ [Матн] /С.Айнӣ. Ба чоп таёркунанда К. Айнӣ.– Душанбе: Ирфон, 1977. – Ҷ.13. – 432 с.

238. Аминҷонова, Р. Урфии Шерозӣ-шоири қасидасаро [Матн] / Р. Аминҷонова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. – 2022. – №6-2 (101).– С. 36-42.

239. Асозода, Х. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он [Матн] / Х. Асозода .– Душанбе: Маориф, 1991. – 128 с.

240. Афсаҳзод, А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XV [Матн] / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Дониш, 1987. – 261 с.

241. Афсаҳзод, А. Дар сафи бузургон [Матн] / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 242 с.

242. Аҳроров, З. Абдурраҳмон Мушфиқии Бухорой ва Мушфиқиҳои дигар [Матн] / З. Аҳроров // Садои Шарқ. – 1966.– №3. – С. 18-22

243. Аҳроров, Х. Феҳристи суханварони асри XVI дар асоси чор тазкира. – [Матн] / Х. Аҳроров. – Самарқанд: 1984. – 38 с.

244. Аҳроров, Х. Баъзе масъалаҳои ҳаёти адабии асри XVI-и Мовароуннаҳр дар тазкираи «Нафоис-ул-маосир» [Матн] / Х. Аҳроров // Масъалаҳои филология ва робитаи адабӣ. – Самарқанд, 1977. – С.23-27.

245. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ [Матн] / Муҳаррир М. Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2007. – Ҷ.2. – 480 с.

246. Аъзамзод, С. Тазкирашиносӣ ва сайри интишори тазкираҳо дар Тоҷикистон [Матн] / С. Аъзамзод // Камоли Хуҷандӣ: Фаслномаи илмӣ-адабӣ.– 2017.– №1 (9). – С.59-69.

247. Аъзамзод, С. Мурypе ба нақди тазкиранигории форсии тоҷикӣ дар садаҳои ХУ ва ХХ [Матн] / С. Аъзамзод // Армуғони Ганҷи сухан: Баёзи муҳаққиқон ва шоирони вилояти Суғд. – Хуҷанд: Ношир, 2009. – Ҷ.3. – С.186-189.

248. Аъзамзод, С. Вазъи таҳқиқ ва нашри тазкираҳои форсӣ-тоҷикии ҳавзаи Мовароуннаҳр [Матн]/ С.Аъзамов // Номаи Донишгоҳ. – 2014. – №1(38). – С.29-41.

249. Бинӣ, К. Ҳикоёт ва тамсилот бо саъй, кӯшиш ва таҳияи умумии Абдулғанӣ Мирзоев [Матн] / К. Бинӣ. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 218 с.

250. Бобокалонова, Ҷ. Назаре ба таърихи танқиди адабии тоҷик [Матн] / Ҷ. Бобокалонова. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 360 с.

251. Валихӯҷаев, Б. Муҳаммад Бобур ва адабиёти тоҷик [Матн] / Б. Валихӯҷаев // Масъалаҳои филология ва робитаи адабӣ.– Самарқанд: 1977. – С.5-11.

252. Ғаффоров, А. Шеъри форсӣ дар Ҳинду Покистон [Матн] / А. Ғаффоров // Садои Шарқ.– 1973.– №9. – С.139-147.

253. Ғаффоров, А. Назми форсии ҳиндӣ [Матн] / А. Ғаффоров // Садои Шарқ.– 1974.– №7. – С.134-145.

254. Ғаффорова, З. «Воқеоти Бобурӣ» ва тарҷумаҳои форсии он. Аз наҳви сухан то ҷавҳари маъно [Матн] Маҷмӯаи мақолот бахшида ба 70-солагии Ф. Зикриёев / З. Ғаффорова. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2010. – С.82-92.

255. Ғаффорова, З. Масъалаҳои ҳиндшиносӣ ва равобити адабӣ [Матн] / З. Ғафорова.– Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 2011. – 513 с.

256. Ғаффорова, З. Ошноӣ бо Ҷамолии Деҳлавӣ [Матн] / З. Ғаффорова // Ҷ. Деҳлавӣ. Меҳру Моҳ / Мураттиб ва муаллифи муқаддима, таъликот, тавзеҳот ва луғатнома З. Ғаффорова.– Хуҷанд: Ношир, 2017.– 580 с.– С.3-206.

257. Ғаффорова, З. Ташаккул ва инкишофи адабиёти форсизабони Кашмир дар асрҳои XVI–XVII [Матн] / З. Ғаффорова. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. – 574 с.

258. Ғаффорова, З. Тазкираҳои Сархуш ва Хушгӯ ҳамчун сарчашмаҳои нақду сухансанҷӣ [Матн] / З. Ғаффорова. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. – 278 с.

259. Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав [Матн] / Б. Ғафуров.– Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 976 с.

260. Ғафурова, Ҷ. Баъзе вижагиҳои сабки адабии шуарои Мовароуннаҳр дар асри XVI [Матн] / Ҷ. Ғафурова // Паёми донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши филологӣ.– 2015. – №4/5 (174). – С.137-141.

261. Ғуломризоӣ, М. Сабкшиносии шеъри форсӣ [Матн] Аз Рӯдакӣ то Шомлу / М. Ғуломризоӣ. – Душанбе: ДДОТ, 2017. – 252 с.

262. Девонаев, Ш. Фонии Кашмирӣ ва фикрҳои ахлоқӣ-тарбиявӣ дар ғазалиёти ӯ [Матн] / Ш. Девонаев // Мактаби советӣ. – 1970. – №9.– С.24-26.

263. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ.– Душанбе: Адиб, 2007.– 400 с.

264. Каримов, У. Адабиёти тоҷик дар асри XVI [Матн] / У. Каримов. – Душанбе: Дониш, 1985. – 228 с.

265. Каримов, У. Тазкират-уш-шуарои Мутрибӣ [Матн] Нусхаи баҳсангез / У. Каримов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 22 с.

266. Каримов, У. «Бобурнома»-сарчашмаи адабӣ [Матн] / У. Каримов // Известия АН Тадж. ССР. Серия: Востоковедение, история, филология.– 1986.– №3. – С.49-55.

267. Кучаров, А. Матншиносӣ [Матн] Китоби дарсӣ барои донишчуёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / А. Кучаров.– Душанбе: ТоРус, 2017.– 224 с.

268. Қучқоров, Ҳ. Робитаҳои эҷодии шоирони Мовароуннаҳр ва Эрон дар асрҳои XVI-XVII [Матн] / Ҳ. Кучқоров // Academic Research in Educational Sciences VOLUME 2 | ISSUE 12 | 2021ISSN: 2181-1385 Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723DirectorV Indexing of International Research Journals-CiteFactor 2020-21: 0.89 DOI: 10.24412/2181-1385-2021-12- С.1248-1261.

269. Мақсудов, Б. Фахр дар ғазали Камоли Хуҷандӣ [Матн]/ Б. Мақсудов // Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. Серия шарқшиносӣ, филология, таърих. – 1988.– №3. – С.59-65.

270. Мақсудов, Б. Назари Шафеии Кадканӣ ба сабк ва сабкшиносӣ [Матн] / Б.Мақсудов // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2022.– №7. – С.189-197

271. Масъалаҳои муҳими адабиёти тоҷик [Матн] // Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ.– Самарқанд: СамДУ, 2011. – 98 с.

272. Маҳмадшоев, М. Тазкираи шоирони Зарафшон [Матн] / М. Маҳмадшоев.– Хуҷанд: 2010. – 104 с.

273. Маҳмудзода, О. Парадокс ва ҳиссомезӣ дар ашъори Назирии Нишопурӣ [Матн] / О. Маҳмудзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ.– 2020.– №1/4(80). – С.19-22.

274. Мирзоев, А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик [Матн] / А. Мирзоев.– Сталинобод: Нашриёти давлатии тоҷик, 1947. – 199 с.

275. Мирзоев, А. Сездаҳ мақола [Матн] Аз таърихи адабиёти асрҳои X-XV форсу тоҷик / А. Мирзоев. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 287 с.

276. Мирзоев, А. Биноӣ [Матн] / А. Мирзоев.– Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1957. – 490 с.

277. Мирзоев, А. Мулҳами Бухорой [Матн] / А. Мирзоев. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1948. – 121 с.

278. Мирзоев, А. Адабиёт [Матн] Ёрӣ барои дарси адабиёти асрҳои XVI, XVII, XVIII ва X1X-и тоҷик / А. Мирзоев. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, – 1948. – 189 с.

279. Мирзоев, А. Боз як аҳаммияти муҳимми тазкираи Малеҳо [Матн] / А. Мирзоев // Шарқи сурх. – 1961. – №7. – С.148-152.

280. Мирзоев, А. Баъзе қайдҳо оид ба як мақола [Матн] / А. Мирзоев // Садои Шарқ.– 1956.– №2.– С.110-117.

281. Мирзоев, А. Малеҳо ҳамчун шеърфаҳм ва сухансанҷи асри XVII [Матн] / А. Мирзоев // Шарқи сурх.– 1948.– №2.– С.36-40.

282. Мирзоев, А. Боз як аҳаммияти муҳимми тазкираи Малеҳо [Матн] / А. Мирзоев // Шарқи сурх. – 1961.– №1. – С. 23-27

283. Мирзоев, А. Аз таърихи муносибатҳои адабии Мовароуннаҳр ва Ҳинд [Матн] / А. Мирзоев // Садои Шарқ. – 1964.– №5. – С.35-39.

284. Мирзоев, А. Кашмир дар назми порсӣ ва мавқеи як манбаи адабӣ [Матн] / А. Мирзоев // Садои Шарқ. – 1970.– №6. – С.110-124.

285. Мирзоев, А. Як ҳуҷҷати қатъӣ доир ба соибшиносӣ [Матн] / А. Мирзоев // Садои Шарқ. – 1974.– №7. – С.131-139.

286. Мирзозода, Х. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик [Матн] Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX. Барои омӯзишгоҳҳои педагогӣ / Х. Мирзозода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1950. – 304 с.

287. Мирзоюнус, М. Фахрии Ҳиравӣ ва «Ҷавоҳир-ул-аҷоиб»-и ӯ [Матн] / М. Мирзоюнус // Садои Шарқ. – 2008. – №6.– С.102-124.

288. Мирзоюнус, М. Баъзе вижагиҳои сабки «Чор унсур»-и Бедил [Матн] / М. Мирзоюнус // Номаи Донишгоҳ. – 2017.– №2 (51). – С.92-96.

289. Мирзоюнус, М. Адабиёти миллӣ ва муколамаи фарҳангҳо [Матн] Маҷмӯаи мақолаҳои адабиётшиносӣ / М. Мирзоюнус. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 516 с.

290. Муслимифар, М. Мирзо Тоҳири Насрободӣ муаллифи муҳимтарин тазкираи адабиёти асри XVII [Матн] / М. Муслимифар // Паёми донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши филологӣ.– 2015.– №4/1 (159). – С.168-170.

291. Наимов, Қ. Шавкати Бухороӣ ва шеъри сабки ҳиндӣ [Матн] / Қ. Наимов // Номаи донишгоҳ. – 2019.– №2 (59). – С.106-109.

292. Наимзода, Қ. Мухтассоти ғазалиёти Шавкати Бухороӣ [Матн] / Қ. Наимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2020.– №1/4(80). – С.13-18.

293. Назиров, У. Нисорӣ ва тазкираи ӯ «Музаккир-ул-аҳбоб» [Матн] / У. Назиров // Мактаби советӣ. – 1971.– №10. – С.27-28.

294. Назиров, У. Нисорӣ ва аҳаммияти тазкираи ӯ дар омӯхтани адабиёти асри XVI [Матн] / У. Назиров // Чанд мулоҳизаи адабӣ: Маҷмӯаи илмии ИДПД ба номи Т. Г. Шевченко. Серияи филологӣ. – Душанбе: 1973. – С.220-232.

295. Назиров, У. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва тазкираи ӯ [Матн] / У. Назиров // Садои Шарқ. – 1973.– №3. – С.127-132.

296. Назиров, У. Мутрибии Самарқандӣ [Матн] / У. Назиров // Мактаби советӣ.– 1973.– №2. – С.33-36.

297. Нарзиқул, М. Муқаддимаи шеършиносӣ [Матн] / М. Нарзиқул.– Душанбе: 2004. – 82 с.

298. Нарзиқул, М. Ҷусторҳо дар назму наср ва нақди адабии муосир [Матн] / М. Нарзиқул.– Душанбе: ҶДММ Аршам, 2022. – 406 с.

299. Насриддинов, А. Маърифат ва шарҳи адабиёт [Матн] / А. Насриддинов. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 212 с.

300. Насриддин, А. Шарҳнависӣ дар таърихи адаби форс-тоҷик. [Матн] /А. Насриддин. – Хуҷанд: 2000. – Ҷ.1. – 253 с.

301. Насриддин, А. Чиҳил мақола [Матн] /А. Насриддин. – Хуҷанд: МИИ «Ганҷинаи сухан», 2007. – 578 с.

302. Насриддинзода, Б. Оид ба таърихи омӯхта шудани ҳаёт ва эҷодиёти Урфии Шерозӣ [Матн] / Б. Насриддинзода // Маҷмӯаи илмӣ / Зери таҳрири умумии Х. Мирзозода. Серияи филологӣ. – Душанбе: Нашриёти ВМ РСС Тоҷикистон, 1973. – Ҷ.82. – С.162-170.

303. Нуров, Н. Шавкати Бухороӣ, Бедилӣ Деҳлавӣ ва таҷассуми хусусиятҳои сабки ҳиндӣ дар шеъри форсии Фароруд [Матн] / Н. Нуров // Масъалаҳои равоншиносӣ, омӯзгорӣ ва психология. Паёми ДДҚ ба номи Носири Хусрав. – 2010.– №4. – С.74-82.

304. Нурзод, Н. Фурӯғи фитрати маънӣ [Матн] Нашри дуввум, бо таҳриру иловаҳо / Н. Нурзод. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. – 224 с.

305. Нуруллоева, М. Нақши «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ дар ҳифзи калимаҳои гӯишии тоҷикӣ [Матн] / М. Нуруллоева // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2022.– №1/3 (101). – С.27-29.

306. Нуруллоева, М. Соиби Табрезӣ [Матн] Пажӯҳише дар ҳунари шоир / М. Нуруллоева. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. – 78 с.

307. Ошёни суханшиносон [Матн] // Зери назари М. Имомзода. Муратиббон: С. Эмомалӣ, Б. Шуҳрат. – Душанбе: ДМТ, 2016. – 127 с.

308. Пӯлодов, А. Нури маърифат [Матн] / А. Пулодов, А. Никифоров.– Душанбе: Ирфон, 1990.– 243 с.

309. Пӯлотов, Н. «Иёри дониш»-и Абулфазли Алломӣ ва тафовути он аз осори ҳамгуни хеш [Матн] / Н.Пӯлотов // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2015.– №2 (43). – С.80-84.

310. Пӯлотов, Н. «Акбарнома» ва манбаъҳои асосии он [Матн] / Н. Пӯлотов // Паёми донишгоҳи Миллии. Маҷаллаи илмӣ. Бахши филологӣ.– 2021.– №5. – С.206-211.

311. Раҳимӣ, Б. Зиндагиномаи Бедил [Матн] / Б. Раҳимӣ. – Душанбе: Эрграф, 2017. – 496 с.

312. Раҳимӣ, Б. Ошноӣ бо Бедил [Матн] Маҷмӯаи мақолаҳо / Муҳаррири масъул Ш. Суфизода. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 568 с.

313. Раҷабов, М. Бурду бохти насри таърихӣ [Матн] / М. Раҷабов // Садои Шарқ. – 1985.– №10. – С.18-22.

314. Саидов, А. Масоили сохтори давлатии Мовароуннаҳр дар асри XVII-ибтидои асри XVIII дар асари Муҳаммад Юсуфи Муншӣ «Таърихи Муқимхонӣ» [Матн] / А. Саидов // Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуии «Масоили мубрами манбаъшиносии муосир».– Душанбе: 2016. – С.9-15.

315. Саидзода, А. Мовароуннаҳр дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII [Матн] Таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ / А. Саидзода. – Душанбе: Дониш, 2020. – 491 с.

316. Саидзода, Ҷ. Дар силсилаи Фиғонӣ [Матн] / Ҷ. Саидзода.– Душанбе: Сифат, 2010. – 100 с.

317. Саидзода, Ҷ. Сабки ҳиндӣ гарчи сабки тоза буд [Матн] / Ҷ. Саидзода.– Душанбе: Ирфон, 2012. – 123 с.

318. Саидзода, Ҷ. Рӯ ба Ҳинд [Матн] / Ҷ. Саидзода. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 99 с.

319. Саидҷаъфаров, О. Сабабҳои асосии мусофирати аҳли илму адаб аз Эрони сафавӣ ба Ҳиндустон дар асрҳои XVI-XVII [Матн] / О. Саидҷаъфаров // Паёми донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши филологӣ. – 2012.– №4/6 (97). – С.175-180.

320. Саидҷаъфаров, О. Вазъи забон ва адаби форсӣ дар асрҳои XVI-XVII-и Ҳиндустон [Матн] / О. Саидҷаъфаров // Паёми донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши филологӣ. – 2013.– №4/2 (109). – С.136-142.

321. Саидҷаъфаров, О. Қадрдонии савбадорони Темуриёни Ҳинд аз шоирони форсизабон дар асрҳои XVI-XVII [Матн] / О. Саидҷаъфаров // Паёми донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши филологӣ. – 2013. – №4/3 (113). – С.196-201.

322. Саидҷаъфаров, О. Фиғонӣ ва баёни воқеият дар матолиби ишқӣ [Матн] / О. Саидҷаъфаров // Паёми донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши филологӣ. – 2013.– №4/1 (129). – С.133-138.

323. Саидҷаъфаров, О. Симои Урфии Шерозӣ-ғазалсарои бузурги дарбори Темуриёни Ҳинд дар сарчашмаҳо [Матн] / О. Саидҷаъфаров // Паёми донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши филологӣ.– 2014.– №4/2 (133). – С.151-158.

324. Саидҷаъфаров, О. Вазъи сиёсӣ ва адабии Ҳиндустон дар асрҳои XVI-XVII [Матн] / О. Саидҷаъфаров. – Душанбе: ДМТ, 2014. – 480 с.

325. Сайфиев, Н. Таърихи адабиёти тоҷик [Матн] Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX / Н. Сайфиев. – Душанбе: Бухоро. – 660 с.

326. Сайфиев, Н. Ҳофизи Таниш ва Шарафномаи шоҳии ӯ [Матн] / Н. Сайфиев. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 60 с.

327. Сайфиев, Н. «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ [Матн] / Н. Сайфиев // Мактаби советӣ. – 1968.– №8. – С.12-15.

328. Салимов, Н. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвоъи наср дар адабиёти форсу тоҷик асрҳои IX-XIII [Матн] / Н. Салимов.– Хуҷанд: Нури маърифат, 2002.– 398 с.

329. Салимов, Н. Маърифати бадеии таърих [Матн] / Н. Салимов.– Хуҷанд: Нури маърифат, 1997. – 164 с.

330. Салимов, Ю. Ёдгори умр [Матн] / Ю. Салимов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – Ҷ.2. – 488 с.

331. Самарқандӣ, Н.А. Чаҳор мақола [Матн] / Мураттиб, муаллифони сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп Х. Шарифов ва У. Тоиров. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 159 с.

332. Сатторов, А. Нуқтаи пайванд [Матн] Баъзе масъалаҳои инкишофи шеър ва танқиди адабӣ / А. Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 238 с.

333. Сатторзода, А. Таърихчаи назариёти адабии форсу тоҷикӣ [Матн] / А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2001. – 144 с.

334. Сатторов, А. Тухфаи Сомӣ ва хусусиятҳои он [Матн] / А. Сатторов.– Душанбе: Дониш, 1972.– 132 с.

335. Саъдиев, С. Малеҳои Самарқандӣ ва тазкираи ӯ [Матн] / С. Саъдиев.– Самарқанд: Нашри ДДС, 1999. – 214.с.

336. Саъдиев, С. Маркази адабии Самарқанд дар шоҳроҳи таърих [Матн] / С. Саъдиев. – Тошканд: Нашриёти Энсиклопедияи миллии Ӯзбекистон, 2012. – 232с.

337. Саъдиев, С. Равияҳои асосии мундариҷаи ғоявии адабиёти тоҷик дар асри XVII [Матн] / С. Саъдиев. – Самарқанд: Нашри ДДС, 2002. – 184с.

338. Саъдиев, С. Адабиёти тоҷик дар асри ХУII [Матн] / С. Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1985. – 284 с.

339. Суфизода, Ш. Пайванди сурат ва маъно [Матн] / Ш. Суфизода // Адабиёт ва санъат. – 2021. – 2 декабр. – С.14.

340. Тағоймуродов, Р. Умумият ва тафовути афкори адабӣ бо назарияи илмии шинохти калом [Матн] / Р. Тағоймуродов // Паёми ДДҚ ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2018. – №1/1(51). – С.5-10.

341. Тоҷибоев, Ш. Вижагиҳои мавзуиӣ, ғоявӣ ва шаклии маснавиҳои Сайидо [Матн] / Ш. Тоҷибоев // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2019.– №3 (60). – С.59-65.

342. Фароҳӣ, М. Маҳбуб-ул-қулуби маҳфилоро [Матн] / М.Фароҳӣ. Ҳозиркунандаи чоп ва муаллифи пешгуфтор А. Зуҳуриддинов. – Душанбе: Адиб, 1993. – 448 с.

343. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX) [Матн] Иборат аз ду ҷилд / Зери таҳрири М. Шукуров, В. Капранов, Р. Ҳошим, Н. Маъсумӣ. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ.1.– 951с.; Ҷ.2.– 952 с.

344. Ҳабибов, А. Аз таърихи равобити адабии Бадахшон бо Ҳиндустон [Матн] Асрҳои XVI-XVII ва XVIII / А. Ҳабибов. – Душанбе: Дониш, 1991. – 172 с.

345. Ҳамроев, Ҷ. Асрори нақди адабӣ [Матн] / Ҷ. Ҳамроев. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 128 с.

346. Ҳасанзода, А. Решаи аслии бархе аз вожаҳои туркигунаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ [Матн] / А. Ҳасанзода // Адабий алоқалар ва маданият-ларнинг ӯзаро таъсири. Робитаҳои адабӣ ва муколамаи фарҳангҳо. Межлитературные связи и взаиммопроникновения литератур. InterliterarV relftions and cultures interaction (Халқаро илмий анжуман мақолалар тӯплами).– Термиз: 2019. – Ҷ.1. – С.121-125.

347. Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик [Матн] Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX / Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев.– Душанбе: Маориф, 1988. – 416 с.

348. Ҳусейнзода, Ш. Баҳс ва андеша [Матн] / Ш. Ҳусейнзода. – Душанбе: Ирфон,1964. – 264 с.

349. Ӯрунова, М. Килки гуҳарбор [Матн] / М. Ӯрунова. – Хуҷанд: Андеша, 2012. – 110 с.

350. Ӯрунова, М. Абдурраҳмони Ҷомӣ ва суннати ғазалсароӣ [Матн] / М.Ӯрунова // Номаи донишгоҳ. – 2017.– №4 (53).– С.113-119.

351. Ӯрунова, М. Соиби Табрезӣ-шоири ғазалсаро [Матн] / М. Ӯрунова // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2021.– №2 (67). – С.60 - 66.

352. Шарипов, Ш. Тазкираи «Майхона»-и Абдуннабии Фахруззамонӣ ва сохтори он [Матн] / Ш. Шарипов // Паёми донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши филологӣ. – 2013.– №4/5 (119). – С. 249-254.

353. Шарифзода, Б. Хоқонӣ ва нақди шеър [Матн] / Б. Шарифзода.– Душанбе: Шарқи Озод, 2010.– 14 с.

354. Шарифов, Х. Ташаккули афкори адабии тоҷик дар асрҳои X-XII [Матн] Рисола барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ / Х. Шарифов. – Душанбе: 1970.– 160 с.

355. Шарифов, Х. Каломи бадеъ [Матн] / Х. Шарифов.– Душанбе: Ирфон, 1991.– 160 с.

356. Шарифов, Х. Балоғат ва суханварӣ [Матн] / Х. Шарифов.– Душанбе: Ирфон, 2002.– 278 с.

357. Шеркаванд, З. Аҳаммияти «Музаккир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ дар таърихи адабиёти форсӣ [Матн] / З. Шеркаванд // Паёми донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши филологӣ. – 2012.– №4/3 (88). – С. 244-249.

358. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик [Матн] Иборат аз 3 ҷилд. АБАЙ-КАЛИМ / Сармуҳаррир Ҷ. Азизқулов. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедии милии тоҷик, 1988. – Ҷ.1. – 544 с.

359. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик [Матн] Иборат аз 3 ҷилд. КАЛИМ-РАБОТ / Сармуҳаррир Ҷ. Азизқулов. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедии советии тоҷик, 1989. – Ҷ.2. – 560 с.

360. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик [Матн] Иборат аз 3 ҷилд. РАВЗАНА-ҶӮРАЕВ / Сармуҳаррир А. Қурбонов. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедии миллии тоҷик, 2004. – Ҷ.3. – 524 с.

**в) Бо забони русӣ**

361. Азимджанова, С. Государство Бабура в Кабуле и в Индии [Текст] / С. Азимджанова. – Москва: Наука, 1977. – 176 с.

362. Акимушкин, О. Библиотека Шибанидов в Бухаре XVI в [Текст] / О. Акимушкин // Известия АН Республики Таджикистан. Серия востоко-ведение, история, филология, 1992.– №1 (25). – С.14-23.

363. Акрамов, Ф. Тазкира «Нусхаи зебои Джахонгир» Мутриби - источник к изучению литературной жизни Мавереннахра и Индии (XVI-начало XVII вв.) [Текст] Автореферат диссертации кандидата филологических наук / Ф. Акрамов. – Душанбе: 1998. – 23 с.

364. Алиев, Г. Персоязычная литература Индии [Текст] / Г. Алиев. – Москва: 1968. – 248 с.

365. Ахмедов, Б. Историко-географическая литература Средней Азии XVI-XVIII вв. [Текст] Писменные памятники /Б. Ахмедов. – Ташкент: 1985. – 264 с.

366. Ахмедов, Б. История Балха [Текст] XVI- первая половина XVIII в / Б. Ахмедов. – Ташкент: 1982. – 296 с.

367. Бабур. Избранное [Текст] / Составитель и автор предисловие С. Хасанов. – Ташкент: ЦК КП Узбекистан, 1982. – 110 с.

368. Бартольд, В. Улугбек и его время [Текст] / В. Бартольд // II сочинение. – Москва: Наука, 1964. – Т.II. – С. 25-178; 130-131.

369. Бартольд, В. Мир Али-Шир и политическая жизнь [Текст] / В. Бартольд // Сочинения. – Москва: 1964. – Т. II. – С.199-260.

370. Беленицкий, А. Организация ремесла в Самарканде XVI- XVII вв. [Текст] / А. Беленицкий. КС ИИМК, VI. – Москва: 1940. – 42 с.

371. Бертельс, Е. История персидско-таджикской литературы [Текст] Избранные труды / Е. Бертельс. – Москва: Восточная литература, 1960. – 555 с.

372. Бертельс, Е. История персидско-таджикской литературы [Текст] / Е. Бертельс. – Москва: ИВЛ, 1960. – 554 с.

373. Бертельс, Е. К вопросу об «индийском стиле» в персидской поэзии. Избранные труды [Текст] История литературы и культуры Ирана / Е. Бертельс. – Москва: Наука, 1988. – 439 с.

374. Бертельс, Е. Избранные труды [Текст] Наваи и Джами / Е. Бертельс; Главная редакция восточной литературы. – Москва: Издательство Наука, 1965. – 496 с.

375. Болдырев, А. Зайниддин Восифи-таджикский писатель XVI в. [Текст] / А. Болдырев. – Сталинабад: 1957. – 354 с.

376. Болдырев, А. Мемуары Зайниддин Восифи как источник для изучения культурной жизни Средней Азии и Хорасана на рубеже XV-XVI веков [Текст] / А. Болдырев. – Ленинград: ТОВЭ, – Т.4.-1940.

377. Болдырев, А. У истоков индийского стиля [Текст] / А. Болдырев // ПП и ЛИКНВ. – Ленинград: 1982. – Ч.2. – С.12-15.

378. Болдырев, А. Тазкира Хасана Нисори как новый источник для изучения культурной жизни Средней Азии XVI в [Текст] /А. Больдырев // Ленинград: Госэрмитаж, ТОВГЭ.– Т.III. – 1940. – С.291-300.

379. Болдырев, А. Очерки из жизни гератского общества на рубеже XV- XVI вв. [Текст] / А. Больдырев // Ленинград: ТОВГЭ. – Т.IV. 1947. – С. 313-422.

380. Брагинский, И. Из истории таджикской и персидской литературы [Текст] / И. Брагинский.– Москва: Главная редакция восточной литературы, 1972. – 524 с.

381. Брагинский, И. О проблеме периодизации истории персидской и таджикской литератур [Текст] / И.С.Брагинский. – Москва: ИВЛ, 1960. – 11 с.

382. Брагинский, И. Персидская литература [Текст] / И. Брагинский, Д. Комиссаров. – Москва: Издательство восточной литературы, 1963. – 212 с.

383. Габриэли, Ф. Основные тенденции развития в литературах ислама [Текст] / Ф.Габриели // Арабская средневековая культура и литература. – Москва: 1978. – С.14-30.

384. Государство Великих Монголов в Индии [Текст] // Всемирная история / Под редакцией М. Смирина, И. Златкина и др. – Москва: 1957. – Т.3. – С.602-617.

385. Иномходжаев, Р. Среднеазиатско-индийские литературные связи середины XVI в. и творчество Байрамхана [Текст] Автореферат диссертации кандидата филологических наук / Р. Иномходжаев. – Москва: 1970. – 20 с.

386. Камол, Х. История вторжения кочевых племен Дашти Кипчака в Мавераннахр и Хорасан (XVI в.) [Текст] / Х. Камол. – Душанбе: 2012.– 408 с.

387. Капранов, В. Таджикско-персидская лексикография в Индии [Текст] / В. Капранов.– Душанбе: Дониш, 1987. – 224 с.

388. Каримов, У. Литературно-исторические источники и основные тенденции таджикской литературы XVI в. – Душанбе: 2000. – 408с.

389. Мирзоев, А. Сайидо Насафи и его место в истории таджикской литературы [Текст] /А. Мирзоев.– Сталинабад: Таджикгосиздат, 1954.– 199 с.

390. Мирзоев, А. К вопросу об изучении таджикской литературы XVI-X1X вв. [Текст] / А. Мирзоев // Материалы Первой всесоюзной научной конференции востоковедов в Ташкенте.– Ташкент: 1957. – С.718-726.

391. Назиров, У. Нисори и его анталогия «Музаккир-ул-ахбоб» [Текст] Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата филологических наук / У. Назиров.– ТГУ им.В.И.Ленина, 1989. – 22 с.

392. Насриддиниён, Х. Персидско-таджикская литература ремесленных кругов (2-ая половина XI-XVII вв) [Текст] Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата филологических наук / Х. Насридиниён. – Душанбе: 2006. – 22 с.

393. Норик, Б. Антологии Хасана Нисари и Мутриби Самарканди как источники по истории письменной культуры Мавераннахра XVI - первой трети XVII вв. [Текст] / Б. Норик. – Санкт Петербург: 2005. – 349 с.

394. Нуриддинов, Ш. «Тазкират-ут-таварих» Абдаллаха Кабули как источник по истории персоязычной литературы [Текст] Автореферат кандидат филологических наук / Ш. Нуриддинов. – Москва: АН СССР. Ин-т востоковедения, 1981.– 173 с.

395. Орзумуродов, Дж. Мухташам Кошони и его творчество [Текст] Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидат наук / Дж.Орзумуродов. – Душанбе: АНРТ, 1996.– 18 с.

396. Пант, Г. Бабурнаме-блистательный памятник автобиографической литературы [Текст] / Г. Пант // Индия: – 1984.– №4 (81). – С.17-19.

397. Пригарина, Н. Индийский стиль и его место в персидской литературе [Текст] / Н. Пригарина. – Москва: Восточная литература, 1999.– 328 с.

398. Ризаев, З. Индийский стиль в поэзии на фарси конце XVI-XVII вв. [Текст] / З. Ризаев. – Ташкент: Фан, 1971. – 219 с.

399. Рипка, Я. История персидской и таджикской литературы [Текст] / Я.Рипка. Перевод Н. Кондрашова, А. Клейнер.– Москва: Прогресс, 1970.– 440 с.

400. Рустамов, Э. Узбекская поэзия в первой половине XV века [Текст] / Э. Рустамов. – Москва: 1963. – 236 с.

401. Саиджафаров, Ш. Жизнь и творчество Талиба Амули [Текст] Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидат наук / О. Саидджафаров.– Москва: 1977.– 19 с.

402. Саиджафаров, О. Стиль персидско-таджикской газели в XVI-XVII вв. [Текст] Диссертация доктора филологических наук / На примере творчества Фигани, Назири и Саиба. – Душанбе: ТНУ, 2015. – 300 с.

403. Салахетдинова, М. Хафизи Таниш и поэт Нахли [Текст] VII годичная научная сессия ЛО ИВАН (краткие сообщения) / М. Салахетдинова. – Ленинград: Наука, 1971. – С.111-113.

404. Сатторов, А. «Тухфаи Соми» Соммирзо Сафави как первоисточник для изучения персидско-таджикской литературы XV-первой половины XVI вв. [Текст] Автореферат кандидат филологических наук / А. Сатторов. – Душанбе: АНРТ, 1972. – 25 с.

405. Стеблева, И. Семантика газелей Бабура [Текст] / И.Стеблева. Ответственный редактор А. Кононов. – Москва: Наука, 1982. – 119 с.

406. Стори, Ч. Персидская литература [Текст] Био-библиографический обзор / Перевёл с английского, переработал и дополнил Ю. Брегельс. – Москва: Наука, 1972. – Т.I. – 693 с.

407. Стори, Ч. Персидская литература [Текст] Био-библиографический обзор / Перевёл с английского, переработал и дополнил Ю. Брегель. – Москва: Наука, 1972. – Т.2. – 694 с.

408. Стори, Ч. Персидская литература [Текст] Био-библиографический обзор / Перевёл с английского, переработал и дополнил Ю. Брегель. – Москва: Наука, 1972. – Т.3. – 1314 с.

409. Суфиев, Ш.З. Саки-наме в системе персидско-таджикской литературы XVI-XVII веков [Текст] / Ш.З. Суфиев. – Душанбе: Дониш, 2011. – 288 с.

410. Тимофеев, Л. Основы теории литературы [Текст] / Л. Тимофеев. – Москва: 1976. – 448 с.

411. Чалисова, Н. «Тазкират-аш-шу'ара» Давлатшаха-источник и памятник литературы [Текст] / Н. Чалисова // Памятники истории и литературы Востока. Период феодализма. Статьи и сообщения. – Москва: 1986. – С.221-236.

### г) Бо забони англисӣ

412. Abdulgani, M. A HistorV oғ Persian language and Literature at the Mughal Court [Text] / M. Abdulgani. – V.II. – Allahabad: 1930.

413. Ahmad, Nazir. The influence of Persian and Persian Culture in India [Text] / Nazir Ahmad // Indo Iranica (Calcutta). – 1984.– №1-4. – P.1-31.

414. Hadi, N. HistorV oғ Indo-Persian Literature [Text] / N. Hadi. – DehLi: 2001. – 968 p.

415. Marshall, D. Mughals in India [Text]: A Bio-Bibliographical surveV oғ manuscripts / D. Marshall. – London and New Vork: 1985. – 634 p.

416. Rehana, Khatoon. Persian Literature in India [Text] / Kh. Rehana. – Dehli: 2013. – 266 p.

417. StoreV, C. Persian Literature [Text]: A bio - bibliographical surveV.– London: 1953. – Vol.I, P.2. – 314 p.

418. Hofinan, H. Turkish Literature surveV [Text]: A bio-bibliographical Section III. – Vol. 1-6. Utrecht: 1969. – Part I.

### е) Бо забони ӯзбекӣ

419. Абдусатторова, Б. «Бобурнома» воқеалар рухиятини сўзларда байони [Матн] / Б. Абдусатторова // «Science and Education» Scientific Journal / ISSN 2181-0842. MaV 2022. – Volume 3 Issue 5, – С.1986-1989.

420. Бекжонов, И. Мутриби ҳаёти ва ижоди ҳақида. Тазкират-уш-шуаро Мутрибий Самарқандий [Матн] / И. Бекжонов. – Тошкент: Мумтоз Соз, 2013. – С.3-9.

421. Жуманазар, А. Бухоро таълим тизими тарихи [Матн] / А. Жуманазар. – Тошкент: 2017. – С.84-85

422. Замонов, А. Бухоро хонлигида сиёсий ва ижтимоий-иқтисодий жараёнлар [Матн] / А. Замонов. – Тошкент: Turon-iqbol, 2018. – 174 с.

423. Муҳаммадиева, О. Бедил ва ахлоқий қадриятлар фалсафаси [Матн] / Ойнисо Муҳаммадиева. – Тошкент: Vangi nashr, 2016. – 168 с.

## III.СОМОНАҲОИ ИНТЕРНЕТӢ

424. http//bit.lV /SaebNebesht// صائب تبریزی نسخه 401 تهیه و برناه نویس:حسین مقیمی تابستان1399

425. Адабиёти форсӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http: // adabiatfarsi. com/post.aspxid=442 http://bonVadbidel.ir/

426. Бедили Деҳлавӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://bonVadbidel.ir/

427. Ганҷур [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https: //ganjoor.net /moulavi /shams/ gh azalsh/sh38/

428. Низоми дастрасӣ: https://ganjoor.net/saeb/divan-saeb/ghazalkasa/sh444

# НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

## I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия

**[1-М].** Маҳмадшоев, М. Зикри Ҳофизи Таниш дар сарчашмаҳои адабиву таърихии асри XV1[Матн]/ М.Маҳмадшоев // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ, 2020.- №4.[65].– С.119-122.

**[2-М].** Маҳмадшоев, М. Арзиши адабии «Шарафномаи шоҳӣ» [Матн]/ М.Маҳмадшоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, нашрияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 2020. -№6[89]. – С.204-208.

**[3-М].** Маҳмадшоев, М. Ситоиши ҳунармандон ва аҳли санъат дар сарчашмаҳои адабӣ ва таърихии асри XVI [Матн] / М.Маҳмадшоев // Паёмномаи фарҳанг, нашрияи илмию таҳлилӣ, 2021.-№1[53]. – С.66-74

**[4-М].** Маҳмадшоев, М. Тасвири симои аҳли адаб, илм ва ҳунар дар «Бобурнома»-и Заҳируддин Муҳаммад Бобур [Матн] / М.Маҳмадшоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ, 2021.-№2. – С.159-166

**[5-М].** Маҳмадшоев, М. Доир ба адабиёти тоҷик дар ҳавзаи адабии Самарқанд[Матн] /М. Маҳмадшоев // Маҷаллаи илмии Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ, 2021.-№3. – С.93-99.

**[6-М].**Маҳмадшоев, М. Шеваҳои ривоҷи нақди ахлоқии адабиёти тоҷику форс дар асрҳои XVI-XVII [Матн] / М.Маҳмадшоев. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ, 2021. -№1-4(92). – С.17-21.

**[7-М].** Маҳмадшоев, М. Баъзе хусусиятҳои адабиёти нимаи дуюми асри XV ва ибтидои асри XVI [Матн] / М.Маҳмадшоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, нашрияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 2021.-№4[93]. – С.183-187.

**[8-М].** Маҳмадшоев, М. Омилҳои ташаккул ва рушди нақди адабӣ дар адабиёти асрҳои XVI-XVII [Матн] / М.Маҳмадшоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ, 2021.- №6. – С.167-174

**[9-М].** Маҳмадшоев, М. Тасвири пайванди адабӣ дар тазкиранигории адабиёти форсӣ-тоҷикии асрҳои XVI-XVII [Матн] / М.Маҳмадшоев// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, нашрияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 2021.- №6[95]. – С.159-163

**[10-М].** Маҳмадшоев, М. Баъзе намунаҳои нақди адабӣ дар «Туҳфаи Соми»-и Соммирзои Сафавӣ [Матн] / М.Маҳмадшоев // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ, 2022. -№1(90). – С.31-382.

**[11-М].** Маҳмадшоев, М. Афкори адабии шуарои асрҳои XVI - XVII [Матн] / М. Маҳмадшоев// Маҷаллаи илмии Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ, 2022.- №1(70). – С.68-74.

**[12-М].** Маҳмадшоев, М. Анвои нақд дар адабиёти асрҳои XVI ва XVII [Матн] / М.Маҳмадшоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ, 2022. -№2, – С. 256-262

**[13-М].** Маҳмадшоев, М. Нақду баррасӣ ва андешаҳои адабиву интиқодӣ дар «Тазкираи Насрободӣ» [Матн]/М.Маҳмадшоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ, 2022. -№3. – С.171-177.

**[14-М].** Маҳмадшоев, М. Шеваи баён ва андешаҳои адабии Шавкати Бухороӣ. [Матн] / М.Маҳмадшоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ, 2022.- №1/3(101). – С.15-21.

**[15-М].** Маҳмадшоев, М. Афкори адабии Бадриддини Ҳилолӣ [Матн] / М. Маҳмадшоев // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ, 2022.-№6. – С. 168-174

**[16-М].** Маҳмадшоев, М. Ифодаи эҳтирому дилбастагӣ нисбат ба адибони шинохта дар ашъори Соиби Табрезӣ [Матн] / М.Маҳмадшоев. Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих, 2022. -№ 3(47). – С.95-99.

**[17-М].** Маҳмадшоев, М. Намунаҳои накди адабӣ ва афкори интиқодӣ дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ [Матн] / М. Маҳмадшоев // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ, 2023.-№3. – С.216-223

**[18-М].** Махмадшоев М. Тазкира(антологии) и литературно-исторические труды как источники изучения истории культуры и литературы таджикского народа (XVIв.) [Матн] / М.Махмадшоев // Вестник РТСУ. Научный журнал. 2023.-№1(79). – С. 186-193

**[19-М].** Маҳмадшоев, М. Инъикоси ашъори ифтихорӣ ва ҷойгоҳи сухан дар осори Соиби Табрезӣ[Матн] / М.Маҳмадшоев, М.Ҳасанова. // Гузоришҳои Академияи Миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ, 2023.-№1(021). – С.234-238

**[20-М]** Маҳмадшоев, М. Ҷойгоҳи накди маърифативу ахлоқӣ дар адабиёти тоҷику форси асрҳои XVI-XVII [Матн] / М. Маҳмадшоев // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ, 2023.-№4. – С.199-204

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

**[21-М].** Маҳмадшоев, М. Васфи Нишопур ва Хуросон дар ашъори Назирӣ //Маводи конфренсияи байналмиллалӣ дар мавзуи «Масоили мубрами фанҳои иҷтимоӣ, гуманитарӣ ва дақиқ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва фарогири COVID-19». – Панҷакент: ДОТП, 2020, саҳ. 96-100.

**[22-М].** Махмадшоев, М. «Воспевание человеческой добродетели в поэзии Соиба Табрези». Ежегодный сборник научных статей «Язык, культура и литература» Научный издательский центр «Абсолют». Волгоград: 2022.-№4, – С. 108-112

**[23-М].** Махмадшоев, М. Симои аҳли санъат ва ҳунар дар тазкираҳо ва осори таърихии асри XVI. Армуғонӣ «Ганҷи сухан», Ҷ. 7. -Хуҷанд: 2022. – С. 138-140

**[24-M].** Махмадшоев, М. Выражение уважения в поэзии Соиба Табрези. Материалы международной конференции академика «Ботирхана Валижужаева и классическое литературоведение». Самаркандский государственный университет имени Шарофа Рашидова. - Самарканд:2022. – С .422-426 **.**

**[25-M].** Махмадшоев, М. Ҳилолӣ шоири шинохтаи мактаби адабии Ҳирот. Журнал « ENDLESS LICHT IN SCIENCE». AlmatV, Kazakhstan. JulV 2022. -№3. – С.234 - 242.

**[26-M].** Махмадшоев, М. Мазмун ва мундариҷаи ашъори Шавкати Бухороӣ. international scentific forum. xalqaro ilmiV forum. 22 june 2022. - Тошкент: – С.960 - 96

**[27-M].** Махмадшоев, М. Ҳаёти адабӣ дар аҳди Темуриён. Материалы международной конференции «Актуальные проблемы филологии и его инновационные решения». -Фергана: 2022 – С. 291-296.

**[28-M].** Махмадшоев, М. Таъсири Соиби Табрезӣ ба ашъори шоирони тоҷику форс. Материалы международной научно-практической конференции «Актуальные проблемы филологии и журналистики»: -Душанбе: ДСТР, 2022. – С. 615-618.

**[29-M].** Махмадшоев, М. Воплощение литературных, научных и художественных личностей в «Бабурнаме» Захируддина Мухаммада Бабура. Материалы международной научно-практической конференции «Творчество Захириддина Мухаммада Бабура и мировая культура» -Чимкент: 2023. – С. 191-201

**[30-M].** Махмадшоев, М. Образ представителей исскуства и ремесла в антологиях и исторических произведениях XVI века. Материалы международной конференции O‘zbek filologiVasining dolzarb muammolari. «Xorazm VoshlariI» nashriot-matbaa uVi. –Urganch:-2023. – С.267-276.

**[31-M].** Махмадшоев, М. То чу Соиб ошнои тарзи Мавлоно шаванд... Сборник международной научно-практической конференции «Мавляна и современный мир». -Бохтар: 2023. – С.139-142.

**[32-М].** Махмадшоев, М. Таъсири ғазалиёти Саъдӣ ба Соиб //Доклад на республиканской научно-практической конференции «Саади и развитие газели» посвященной 35-летию Государственной независимости Республики Таджикистан и 145-летию Героя Таджикистана Садриддина Айни. -Худжанд: 28-29.04. 2023.

## III. Монография

**[33-М].** Маҳмадшоев, М. Масъалаҳои нақду сухансанҷӣ дар адабиёти тоҷику форс(асрҳои XVI-XVII). Монография [Матн] / М.Маҳмадшоев.- Хуҷанд: Нури маърифат, 2022.-244с